6. Ермолаева А.В. Методология подготовки нормативных актов органов исполнительной власти (докуменоведчекий аспект) // Власть. – 2011. – №11. – С. 76-80.
7. Карташов В.Н. Теория правовой системы общества. Учебное пособие в двух томах. – Т. 1. Ярославль. ЯрГУ, 2005. – 547 с.
8. Карташов В.Н. Теория правовой системы общества. Учебное пособие в двух томах. – Т. 1. Ярославль. ЯрГУ, 2005. – 547 с.
9. Кашанина Т.В. Юридическая техника. Учебник. – М., 2011. – 496 с.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. – №5. – Мод. 99.
11. Малько А.В., Гайворонская Я.В. Теория правовых актов: необходимость и пути создания. – Государство и право. – 2012. – №2. – С. 66-78.
12. Марченко М.Н. Теория государства и права. – М., 2006. – 640 с.
13. Матузов Н.И. Применение и толкование права. Коллизии в праве // Теория государства и права. Курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2014. – С. 465-466.
14. Матузов Н.И. Теория государства и права. Курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2012. – 640 с.
15. Миннекес И.А. Индивидуальное правовое регулирование: (теоретико-правовой анализ): автореф. дис…докт. юрид. наук. – Екатеринбург, 2009. – 52 с.
16. Ядринцева О.В. Индивидуально-правовое регулирование: автореф. дис…канд. юрид. наук. – Нижний Новгород. 2006. – 26 с.

**Азиззода Убайдулло Абдулло**

## ИНКИШОФИ КОНСЕПСИЯИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

***Азиззода Убайдулло Абдулло,*** *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Тел.:*** *(+992) 907-81-12-85.* ***E-mail:*** *ubaydullo_azizov@mail.ru.*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур нуқтаҳои назари мухталиф доир ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуқтаҳои назари илмӣ-методологӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф кӯшиш кардааст сабабҳои афзоиши таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ба масъалаҳои назариявии алоқаманд ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XI мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад. Ҳадафи таҳқиқоти мазкур аз таҳлили консепсияи нисбатан эътимодноктари ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва таъмини имконоти арзёбии интиқодии он аз нуқтаи назари мухталифи илмӣ иборат мебошад.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷазо, санксия, ҷавобгарии ретроспективӣ, ҷавобгарии перспективӣ, ҷавобгарии иҷтимоӣ, дарку фаҳмиши назариявӣ, ҷаҳонбинӣ, методологияи ҳуқуқӣ, маҷбуркунии давлатӣ, чораи ҳуқуқӣ.

## РАЗВИТИЕ КОНЦЕНЦИИ ПРАВОНАРУШЕНИИ НА СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

***Азиззода Убайдулло Абдулло,*** *доктор юридических наук, профессор, заведущей кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.* ***Тел.:*** *(+992) 907-81-12-85.* ***E-mail:*** *ubaydullo_azizov@mail.ru.*

**Аннотация:** В данной статье рассматривается понятие юридической ответственности в контексте развития научно-методологических точек зрения.

В данной статье анализируются и обсуждаются причины повышенного интереса исследователей к теоретическим вопросам, связанным с юридической ответственностью, во второй половине XX века. Целью данного исследования является выявление и нахождение более надежной концепции юридической ответственности и обеспечение возможности ее критической оценки с различных научных точек зрения. В этом контексте представлен правовой анализ понятия и сущности юридической ответственности, обоснование позитивной и обратной ответственности, соотношение юридической ответственности и правомерности.

**Ключевые слова:** юридическая ответственность; наказание; санкция; ретроспективная ответственность; социальная ответственность; теоретическое понимание; мировоззрение; юридическая методология; государственное принуждение, юридические меры.

## DEVELOPMENT OF THE CONCEPT OF OFFENSE IN MODERN TAJIKISTAN

***Azizzoda Ubaidullo Abdullo,*** *Doctor of law science, professor, head of the Department of Theory and History of State and Law of the Faculty of Law, Tajik National University.* ***Тел.:*** *(+992) 907-81-12-85.* ***E-mail:*** *ubaydullo_azizov@mail.ru.*

**Annotation:** This article discusses the concept of legal responsibility in the context of the development of scientific and methodological points of view.

This article analyzes and discusses the reasons for the increased interest of researchers in theoretical issues related to legal liability in the second half of the twentieth century. The purpose of this study is to identify and find a more reliable concept of legal liability and to enable its critical evaluation from various scientific points of view. In this context, a legal analysis of the concept and essence of legal liability, the rationale for positive and reverse liability, the relationship between legal liability and legitimacy are presented.

**Keywords:** Key words: legal responsibility; punishment; sanction; retrospective liability; Social responsibility; theoretical understanding; worldview; legal methodology; foreign legal literature; state coercion.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва объекти таҳқиқ аз ҷониби олимону мутахассисони ҳуқуқшинос, файласуфон, сиёсатшиносон, таърихшиносон, сотсиологҳо ва илмҳои дигари ҷомеашиносӣ васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. То миёнаҳои асри XX ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун сазо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, ва ҳамеша бо ҷазо[9] ҳаммаъно дониста мешуд. Дар ҳуқуқи граждан

[9] *Ниг.: Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ...канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко – правовое исследование: дис. ...д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.; Азимӣ С.Ҷ. Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо.*

бошад, он ба маънои маҷбурсозии давлатӣ барои иҷрои уҳдадориҳо[10] ва ё ҷуброни зарар фаҳмида мешуд. Дар ҳуқуқи маъмурӣ ҷазои ҳуқуқӣ да доираи маънои пардохти ҷарима ва ғ. маҳдуд мегардид[11]. Чунин дидгоҳ ва нуктаи назар дар соҳаи назарияи ҳуқуқ дар айният ёфтани ҷавобгарӣ бо санксияҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст[12].

Дар бархе аз ҳолатҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба сифати маҷбурсозии давлатӣ ҷиҳати иҷрои талаботи ҳуқуқ ҳамчун на уҳдадории алоқаманд ба ҳодисаи ҳуқуқвайронкунӣ, балки ба муносибати қабули санади ҳуқуқтатбиққунӣ муайян мегардид[13]. Дар солҳои аввали ташаккули низоми ҳуқуқи Шуравӣ, масъалаҳои марбут ба мавзуи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, асосан дар китобҳои таълимӣ, нашрияҳои илмӣ ва ҳуқуқии ба соҳаҳои ҷудогонаи ҳуқуқ бахшидашуда мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд[14]. Вале таърифи мушаххаси мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар асари илмӣ мушаххасан ҳамчун институти ҳуқуқӣ пешниҳод нагардида буд. Агар дар баъзе нашрияҳо таркиби ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқ гардида бошад ҳам, аммо моҳияти назариявии он ошкор карда нашуда буданд. Аз ин рӯ, барои дарёфти маълумоти зарурӣ бояд ба таҳқиқотҳои соҳавии ҳуқуқ рӯ овардан зарур аст, чун ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун институти соҳавии ҳуқуқ васеъ таҳқиқ гардидаанд.

Бештари таҳқиқотҳои илмие, ки дар миёнаи солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX анҷом дода шудаанд, оид ба мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии позитивӣ ва ҷавобгарии ретроспективӣ ва ҳамчунин таҳқиқу омӯзиши намудҳои ҷудогонаи он бахшида шудаанд. Аз ҷумла, М.Д. Шаргородский пешниҳод намуда буд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун «... уҳдадории ҳуқуқии шахси ҳуқуқвайронкунанда барои дар худ эҳсос намудани чораи маҷбурсозии давлатӣ барои анҷом додани амали зиддиқонунӣ дар шакли дидани маҳрумияти дорои хусусияти шахсӣ ва молумулкӣ арзёбӣ карда шавад»[15].

---

*Дис. ...д-ри фалсафа (PhD). – Душанбе, 2021. – 177 с.; Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с.; Зокирзода З.Х., Муқимов Д.С., Алиев И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №6. – С. 218–225; Зокирзода, З.Х. Асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷиикстон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 294–301; Зокиров, З.Х. История развития уголовного законодательства Республики Таджикистан о конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2016. – №2/6 (210). – С. 234–241.*

[10] *Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Актуализация проблемы функций государства на современном этапе // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/7(213). – С. 213–223; Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3(27). – С. 44–48. Шодизода, Н.М. Баъзе масъалаҳои принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (04.09.2021). – Рашт, 2021. – С. 201–207; Зокирзода З.Х., Алиев И.И. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 250–255; Зокирзода З.Х., Алиев, И.И. Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №3. – С. 250–255.*

[11] *Ниг.: Максимов И.В. Административная наказания: дис. ...канд. юрид. наук. – Саратов, 1995. – С. 115.*

[12] *Ниг.: Мусаткина А.А. Признаки финансово-правовых санкций // Финансовое право. – 2004. – №1. – С. 25–28; Липинский Д.А., Мусаткина А.А. Лекция: юридическая ответственность, санкции и меры защиты // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. – 2010. – №4. – С. 55–62.*

[13] *Ниг.: Колосова И.М. Конституционная ответственность в Российской Федерации: Ответственность органов государственной власти и иных субъектов права за нарушение конституционного законодательства Российской Федерации. – М.: Городец, 2000. – 192 с.*

[14] *Ниг.: Абрамова А.А. Проблема ответственности в трудовом праве // Вестник МГУ. Сер. «Право». 1981. – №4. – С. 52–59; Курляндский В.И. О сущности и признаках уголовной ответственности // Советское государство и право. – 1963. – №11. – С. 89–92; Петров И.Н. Характерные черты гражданско-правовой ответственности // Ученые записки ВНИИСЗ. Вып. 20. – М., 1970. – С. 51-65.*

[15] *Ниг.: Шаргородский М.Д. Детерминизми ответственность // Правоведение. – 1968. – №1.– С. 45–50.*

Дар нимаи дуюми солҳои 70-ум ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии он (то як андозае) олимони ҳуқуқшинос З.А. Астемиров, В.А. Кучинский, М.С. Строгович, В.А Тархов, М.М. Муллоев, Р.Н. Ҳамроқулов ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз он пуштибонӣ намуданд. Таҳқиқоту пажуҳишҳои анҷомдодаи муаллифоне чун Б.Т. Базилев, С.Н. Братус, Н.И. Матузов, П.Э. Недбайло, И.С. Самошенко, М.Х. Фарукшина, Р.Н. Ҳамроқулов[16] ва дигарон дар солҳои 70-уми асри XX ба масъалаҳои назариявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шуда буданд. Дар ин асарҳо мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор мегирад (Б.Т.Базилева, И.С.Самошенка, М.Х. Фарукшина), асосҳои позитивӣ ва ретроспективии ҷавобгарии ҳуқуқӣ матраҳ (Б.Т.Базилева) ва таносуби мавҷуд дар миёни ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва қонуният (С.Н. Братус, Н.И. Матузов) нишон дода мешавад. Баъд аз ин, баъзе аз олимони ҳуқуқшинос ҷавобгарии позитивии ҳуқуқӣ ҷонибдорӣ менамоянд (И.А. Алексеев, Е.А. Сишковский, Н.А. Слободчиков ва диг.). Ҷавобгарии позитивӣ (мусбат) дар бисёре аз мавридҳо ҳамчун «эҳсоси ҷавобгарӣ» ва ё «ҷавобгарӣ барои давраи оянда», фаҳмида мешавад, ки он боиси худназоратӣ, худмаҳдудсозӣ ва рафтори қонунӣ мегардад.

Дар асари бунёдии В.А. Кучинский «Шахсият, озодӣ, ҳуқуқ» диққати махсус ба таносуби озодӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дода шудааст. Муаллиф мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мазмуну муҳтавои он, марҳалаҳо ва дигар масъалаҳои ба он алоқаманд ва муҳимро ҳамчун фаҳмиши муаллифӣ пешниҳод намудааст[17].

Миёнаи солҳои 80-уми асри гузашта аз ҷониби муҳаққиқи рус Б.Т. Базилев монография бо номи «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ» рӯи чоп меояд, ки дар илми назарияи ҳуқуқии шуравӣ доираи васеъи масъалаҳои марбут ба назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, робитаи байни ҷавобгарии иҷтимоӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷанбаҳои ретроспективӣ ва позитивии ҷавобгарии умумӣ, тафовути он аз падидаҳои ҳаммонандро мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро аз нигоҳи ду ҷанба мавриди омӯзиш қарор медиҳад: ҳамчун институти (ниҳоди) ҳуқуқ ва ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ[18].

Солҳои 90-ум мушкилоти назариявии мафҳум, моҳият ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ масъалаи меҳварии таҳқиқоти илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқону муаллифони зиёде қарор мегирад. Махсусан таҳқиқоти заминавиеро, ки аз ҷониби муҳаққиқони белорус бо номи «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ: мушкилоти назариявӣ ва таҷрибавӣ» нашр гардида буд шоистаи таваҷҷуҳ мебошад. Мақолаҳои дар ин маҷмуа ба нашррасида ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи фундаменталии ҳуқуқшиносӣ (В.А. Кучинский), арзёбии консепсияи ҷавобгарии ҳуқуқии позитивӣ (Н.А. Слободчикова), ҷанбаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ (Н.А. Горбатка) ва таносуби амалҳои иҷозатдодашуда ва иҷозатдоданашуда дар ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудаанд (А.Я. Волкова)[19].

Дар назарияи умумии ҳуқуқ ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври гуногун тафсир мешавад: ҳамчун амалисозии воқеъии санксияҳои ҳуқуқӣ; ҳамчун маҷбурсозӣ ва иҷро намудани талаботи дастурҳои ҳуқуқӣ; ҳамчун ҷазо, сазо, барои иҷро накардани уҳдадории ҳуқуқӣ ё сӯистифода аз қонун; ҳамчун иҷрои уҳдадории ҳуқуқӣ зери таъсири чораи маҷбуркунии давлатӣ.

В.А. Кучинский таърифи ҷавобгарии ҳуқуқиро чунин пешниҳод менамояд: «... ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун уҳдадории махсуси субъективии шахси ҳуқуқвайронкунанда (вобаста ба ҳуқуқвайронкунӣ) барои дучор шудан бо оқибатҳои сазоии пешбининамудаи қонунгузор, ки дар натиҷаи содир намудани амалҳои зиддиқонунӣ фаро мерасанд, муайян гардад»[20]. Н.А.

---

[16] *Хамракулов Р.Н. Вопросы теории и практики кодификации уголовного законодательства союзной республики. - Душанбе: Изд-во Тадж. гос. ун-та, 1962. - 157с.*

[17] *Ниг.: Кучинский В.А. Личность, свобода, право. – М. 1978. – С. 207.*

[18] *Ниг.: Базылев Б.Т.Юридическая ответственность: теоретические вопросы. Красноярск: Изд-во Краснояр.ун-та, 1985. – С. 120.*

[19] *Ниг.: Юридическая ответственность: проблемы теории и практики: сб. науч. тр. / подред. В.А. Кучинского, Э.А. Саркисовой. Минск: Изд-во Акад. МВД, 2013. – 44 с.*

[20] *Ниг.: Вишневский А.Ф., Горбаток Н.А., Кучинский В.А. Общая теория государства и права: учебник для студентов высших учебных заведений по юридическим специальностям / под общ. ред. В.А. Кучинского. Минск: Интегралполи-граф, 2009. – С. 552.*

Слободчиков таърифи ҷавобгарии ҳуқуқиро аз мафҳуми ҷавобгарии иҷтимоӣ ҷудо сохта, ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун падидаи позитивӣ арзёбӣ менамояд. Ӯ иброз медорад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ набояд ҳамчун ҷузъи оқибати амали зиддиқонунии шахс дониста шавад. «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи объективӣ дар асоси меъёрҳои дар муносибати ҳуқуқӣ ташаккул ёфта дар миёни шахсият, коллектив, ҷамъият, давлат барои иҷрои талабҳои ҳуқуқӣ матраҳ мегарданд[21].

Аслан олимони шӯравӣ консепсияи ҷавобгарии позитивии ҳуқуқиро ҷонибдорӣ менамуданд. Дар адабиёти фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ, ҷавобгарии иҷтимоӣ ба сифати ваҳдати ангезаҳои дохилии шахс ва тақозои вазифа (дар баробари дигар шахсон, ҷомеа), шакли назорати дохилӣ ва берунӣ ва ё таносуби қобилият ва имконоти шахс барои муайян намудани натиҷаи амалҳои шахс арзёбӣ мегардад. Кушишҳои истифода намудани мафҳумҳои мазкур дар илми ҳуқуқшиносӣ боиси ба миён омадани тасаввурот дар бораи нокомил будани нуқтаҳои назари анъанавӣ оид ба фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ гардидаанд. Андешаи «ҷавобгарии ҳуқуқии дуҷанбаӣ» дар корҳои анҷомдодаи илмии муаллифоне аз қабили С.Н. Братус, В.А. Кучинский, И.С. Самошенко, М.Х. Фарукшин, Р.О. Халфина ва дигарон мавриди интиқод қарор гирифтаст. Таъкид шудааст, ки дар як таъриф муттаҳид намудани муносибати шахси бовиҷдон нисбат ба иҷрои вазифаи иҷтимоӣ ва рафтори зиддиқонунии шахси ҳуқуқвайронкунанда нодуруст ва норавост.

Дар марҳалаи кунунӣ, дар фазои ҳуқуқии кишварҳои пасошуравӣ, ба таҳқиқу омӯзиши ҳаматарафаи мавзуи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқшиносони шинохтаи рус Б.Н. Габричидзе, Д.И. Гушин, А.А. Иванов, Д.А. Липинский, А.Г. Чернявский ва муҳаққиқони тоҷик Р.Ш. Шарофзода, У.А. Азиззода, А.А. Абдуҳамитов, А.И. Сафарзода ва дигарон машғул мебошанд. Дар асари таҳқиқии Д.А. Липинский «Масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» таҳлили мавқеъ ва нуқтаи назарҳои мухталиф доир ба муайян намудани мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таносуби он бо ҳадафҳои вазифаву нақшҳо ҷой дода шудааст. Диққати махсус ба принсипҳои ҷавобгарӣ дода шудааст. Масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии тарафайн миёни давлат ва шахс, ҷавобгарӣ дар ҳолати бегуноҳ будани шахс ва ғ. инъикос гардидаанд[22]. Махсусан дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ хулосаи баровардаи Д.А.Липинский дар хусуси он ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ боиси истифодаи ҷазо ва ё амалисозии санксияҳо намегардад, дурустии худро собит намудааст, зеро он метавонад бе амалисозии онҳо низ вуҷуд дошта бошад. Дар ҳоле, ки ҷазо ва иҷрои санксия ҳамеша бар рӯи ҷавобгарии ҳуқуқӣ устувор аст ва наметавонад бидуни онҳо вуҷуд дошта бошад. Аз ин метавон чунин тахмин кард, ки мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ то андозае моҳиятан дорои маънои васеътар дар муқоиса ба мафҳумҳои ҷазо ва ё татбиқу амалисозии санксияи меъёри ҳуқуқӣ мебошад. Ба андешаи В.В. Сорокин, ҷавобгарии ҳуқуқиро дар мақсадҳои тарсонидан ва ҷазо додани ҷинояткор баррасӣ кардан беманфиат мебошад. Чораи ҷавобгарӣ бояд воситаи тарбияи руҳӣ ва ботинии рафтори инсон бошад. Ба андшаи муҳаққиқ «... барои давлат иҷрои функсияи тарсонидан ё воҳимаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муҳим аст, вале барои ҷомеа ва аъзоёни он бошад, амалишавии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ муҳим аст[23].

**Адабиёт:**


1. Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис....канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.
2. Абрамова А.А. Проблема ответственности в трудовом праве // Вестник МГУ. Сер. «Право». 1981. – №4. С. 52– 59.


[21] *Ниг.: Юридическая ответственность: проблемы теории и практики: сб. науч. тр. / подред. В.А. Кучинского, Э.А. Саркисовой. Минск: Изд-во Акад. МВД, 2013. – 44 с.*

[22] *Ниг.: Липинский Д.А. Проблемы юридической ответственности / под ред. Р.Л. Хачатурова. 2-еизд., перераб. и доп. СПб.: Юрид. Центр Пресс, 2004. – 409 с.*

*23 Ниг.: Сорокин В.В. Цель и функции юридической ответственности // Law Enforcement Review. – 2018. – Vol. 2. – №1. – С. 28.*

3. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко – правовое исследование: дис. …д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.
4. Азимӣ С.Ҷ. Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо. Дис....д-ри фалсафа (PhD). – Душанбе, 2021.–177с.
5. Базылев Б.Т.Юридическая ответственность: теоретические вопросы. Красноярск: Изд-во Краснояр.ун-та, 1985. – С. 120.
6. Вишневский А.Ф., Горбаток Н.А., Кучинский В.А. Общая теория государства и права: учебник для студентов высших учебных заведений по юридическим специальностям / под общ. ред. В.А. Кучинского. Минск: Интегралполи-граф, 2009. – 552 с.
7. Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис.... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с.
8. Зокирзода З.Х., Муқимов Д.С., Алиев И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №6. – С. 218–225.
9. Зокирзода З.Х., Алиев И.И. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 250– 255.
10. Зокирзода З.Х., Алиев, И.И. Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №3. – С. 250– 255.
11. Зокирзода, З.Х. Асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷиикстон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 294– 301
12. Зокиров, З.Х. История развития уголовного законодательства Республики Таджикистан о конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2016. – №2/6 (210). – С. 234– 241.
13. Колосова И.М. Конституционная ответственность в Российской Федерации: Ответственность органов государственной власти и иных субъектов права за нарушение конституционного законодательства Российской Федерации. –М.: Городец, 2000.–192с.
14. Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3(27). – С. 44– 48.
15. Курляндский В.И. О сущности и признаках уголовной ответственности // Советское государство и право. – 1963. – №11. – С. 89– 92.
16. Липинский Д.А. Проблемы юридической ответственности / под ред. Р.Л. Хачатурова. 2-еизд., перераб. и доп. СПб.: Юрид. Центр Пресс, 2004. – 409 с.
17. Липинский Д.А., Мусаткина А.А. Лекция: юридическая ответственность, санкции и меры защиты // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. – 2010. – №4. – С. 55– 62.
18. Максимов И.В. Административная наказания: дис....канд. юрид. наук. – Саратов, 1995. – С. 115.
19. Мусаткина А.А. Признаки финансово-правовых санкций // Финансовое право. – 2004. – №1. – С. 25– 28.
20. Петров И.Н. Характерные черты гражданско-правовой ответственности // Ученые записки ВНИИСЗ. Вып. 20. – М., 1970. – С. 51-65.
21. Сативалдыев Р.Ш. Актуализация проблемы функций государства на современном этапе // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/7(213). – С. 213– 223.
22. Сорокин В.В. Цель и функции юридической ответственности // Law Enforcement Review. – 2018. – Vol. 2. – №1. – С. 28.

23. Хамракулов Р.Н. Вопросы теории и практики кодификации уголовного законодательства союзной республики. – Душанбе: Изд-во Тадж. гос. ун-та, 1962. – 157с.
24. Шаргородский М.Д. Детерминизми ответственность // Правоведение. – 1968. – №1.– С. 45– 50.
25. Шодизода, Н.М. Баъзе масъалаҳои принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (04.09.2021). – Рашт, 2021. – С. 201– 207.
26. Юридическая ответственность: проблемы теории и практики: сб. науч. тр. / подред. В.А. Кучинского, Э.А. Саркисовой. Минск: Изд-во Акад. МВД, 2013. – 44 с.

**Шодиён Исматулло Раҳматуллозод**

## ОИД БА ҲУҚУҚИ ТАШАББУСИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

***Шодиён Исматулло Раҳматуллозод**, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Тел.:** (+992) 888-88-83-12. **E-mail:** shodiyon-ismatullo@maill.ru.*

**Фишурда:** Мақола мафҳуми ташаббуси қонунгузориро ҳамчун давраи муҳими ҷараёни қонунгузорӣ дар Ҷумҳурииии Тоҷикистон шарҳ медиҳад. Муаллиф диққати махсусро ба ҳуқуқу уҳдадорӣ, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон чудо намудааст. Дар асосии тадқиқоти мавзӯи мазкур муалллиф мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ин падидаро дар асоси Конститутсияи Тоҷикистон ва Федератсияи Россия анҷом додааст.

**Калидвожаҳо:** ташаббуси қонунгузорӣ законодательная инициатива; парламент; ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ; субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ; ҳуқуқу уҳдадории субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ; қонун, лоиҳаи қонун, ҳокимияти судӣ**.**

## О ПРАВА СУДЕБНОЙ ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ ИНИЦИАТИВЫ: ПРОБЛЕМЫ ТЕОРИИ И ПРАКТИКИ

***Шодиён Исматулло Раҳматуллозод,** кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального Университета. **Тел.:** (+992) 888-88-83-12. **E-mail:** shodiyon-ismatullo@maill.ru.*

**Аннотация:** статья раскрывает понятие законодательной инициативы как важнейшей стадии законодательного процесса в Республики Таджикистан. Особое внимание автор уделяет правам и обязанностям, восстановление права законодательной инициативы судебной власти Республики Таджикистан. На основе проведенного исследования автором даются определения законодательной инициативы и субъектов права законодательной инициативы, проводится сравнительно-правовой анализ на основе Конституции Республики Таджикистан и Российской Федерации касающийся субъектов права законодательной инициативы.

**Ключевые слова**: законодательная инициатива; парламент; право законодательной инициативы; субъект права законодательной инициативы; права и обязанности субъекта права законодательной инициативы; закон; законопроект, судебная власть.

## ON THE RIGHT OF LEGISLATIVE INITATIVE: PROBLEMS OF THEORY AND PRACTICEj

***Shodiyon Ismattullo Rahmatullozod,*** *Candidate of law sciences, Docent of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University.* ***Phone:*** *(+992) 888-88-83-12.* ***E-mail:*** *shodiyon-ismatullo@maill.ru..*

**Summary:** the author reveals the notion «legislative initiative» as the most important stage of the legislative process in the Republic of Tajikistan, pays particular attention to the rights and obligations, the list of subjects with the right of legislative initiative, basing on the research defines «legislative initiative» and «subjects with the right of legislative initiative», and conducts the comparative legal analysis on the basis of the Constitution of the Republic of Tajikistan and Russian Federation subjects with the right of legislative initiative.

**Key words and phrases**: legislative initiative, parliament, right of legislative initiative, subject with the right of legislative initiative general and special, law, draft law, judicial power;

Агар дар бораи ҳокимияти судӣ ҳамчун татбиқгари ҳуқуқ сухан ронем, пас он на танҳо дар шакли худи адолати судӣ, балки функсияҳои худро дар шакли ғайримурофивӣ, аз қабили ҳуқуқ ба ташаббуси қонунгузорӣ, низ амалӣ менамояд, ки барои чунин кишварҳои пешрафта, ба монанди Олмон, Англия, Россия ва ғайра хос аст.

Ташаббуси қонунгузорӣ худкифоягӣ ва мустақилияти судиро ҳамчун ҷорисозандаи ҳокимияти судӣ дар баробари ҳокимияти иҷроия ва қонунгузорӣ таъмин мекунанд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ асарҳои зиёде дар мавзуи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби муҳаққиққони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Нисбати мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар илм низ ягонаандешӣ мавҷуд нест[24].

Тибқи моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба тариқи зайл шарҳ дода мешавад: «аз тарафи мақомот ё шахсони мансабдори муайяннамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии мақоми қонунгузор расман пешниҳод намудани лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ё таклифҳои қонунгузорӣ».

Аз ин бармеояд, ки ташаббуси қонунгузорӣ дар ду шакли пешбининамудаи қонун амалӣ мешавад: якум дар шакли ба мақоми қонунгузор расман пешниҳод намудани лоиҳаи қонун, дуюм, бо истифодаи аз салоҳияти масъалагузорӣ кардан дар хусуси зарурияти қабули қонун.

Тибқи моддаи 58-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Аъзои маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлиси вакилони халқии Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд».

Ҳамин тариқ, дар ҷаҳони муосир, суд довари мустақил ва худкифои ҳар баҳсу даъво мегардад, ки на танҳо ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ, балки ҳамчун ташкилотчии ба

---

[24] *Ниг.: Маҳмудзода М., Шарофзода Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Душанбе, 2021. С.16-17. Давлатова Ш.С. Общетеоретические основы и особенности реализации законодательной инициативы в Таджикистане. Дис… к.ю.н. Душанбе, 2015. С.45-50. Рамазанов Э.Т. Институт законодательной инициативы в правовой системе Российской Федерации: теория и практика реализации. Дис… к.ю.н. М., 2005. С.79. Бошно С.В. Законодательной инициатива в Государственной думе Федерального Собрания Российской Федерации. Дис… к.ю.н. М., 1997. С.89.*

созиш расидани тарафҳо, кафили ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ амал мекунад.

Ҳоло баъзе функсияҳои ғайримурофивии ҳокимияти судиро таҳлил мекунем, ки дар онҳо ваколатҳои давлатӣ-ҳукуматӣ ва ҳокимияти судҳои олӣ ҳамчун мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудаанд.

Яке аз чунин самтҳои муҳим, тавре ки дар боло қайд кардем, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мебошад. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории мақомоти судӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав нест. Ҳанӯз салоҳияти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Судии олии ИҶШС дар давраи шӯравӣ дар моддаи 1 Низомномаи Суди олии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ пешбинӣ гардида буд, ки бо Қонуни ИҶШС аз 12.12.1957 тасдиқ шудааст[25]. Моддаи 9 Низомномаи болозикр муқарар кардааст, ки Пленуми Суди Олии ИҶШС, ҳуқуқи ба Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС, пешниҳоди лоиҳаҳо, инчунин тафсири қонунҳоро дорад. Дар навбати худ Пленуми судҳои олии ҷумҳуриҳои иттиҳод низ бо масъалаҳои дар доираи салоҳиятияшон ба раёсати шӯрои олии ҷумҳуриҳои иттиҳод ҳуқуқи пешниҳодҳоро доштанд. Дар оянда ин салоҳият ба Суди Олии ИҶШС дар асоси моддаи 113 Конститутсияи соли 1977-и қабулшуда дар ИҶШС гузашт. Баъдан тибқи моддаи 103 Конститутсияи соли 1978-и қабулшудаи ҶШС Тоҷикистон субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ, комиссияҳои доимӣ ва муваққатии Шӯрои Олии вакилон, Суди Олии ҶШС Тоҷикистон, Прокуратураи ҶШС Тоҷикистон буданд[26]

Конститутсияи соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 58)[27] нақши фаъоли мақомоти олии судиро ҳамчун субъектҳои ташаббускори қонунгузорӣ таъмин намуд, аммо, мутаассифона, дар натиҷаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ дар соли 2003, мақомоти судӣ аз ин салоҳият маҳрум карда шуд. Дар ҳамин ҳол, мавҷуд набудани ин ҳуқуқ иштироки мақомоти судиро дар таҳия ва татбиқи ислоҳоти судӣ ва ҳуқуқӣ тавассути қайди расмии пешниҳодҳояшон оид ба тағйир додани қонунгузорӣ мушкил месозад. Мақомоти судии Федератсияи Россия, мутобиқи Конститутсия (моддаи 104), ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро оид ба масъалаҳои ба салоҳияташон тааллуқдошта амалӣ менамоянд[28].

Метавон дар мавриди мусбӣ ё манфӣ будани принсипи мустақилияти ҳокимиятҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ аз нигоҳи қонун баҳс кард, аммо воқеият дар ин ду кишвар ҳамон аст, ки гуфта шуд. Мусбӣ аст ба он хотир, ки илова бар истифодаи ҳуқуқ ба ташаббуси қонунгузорӣ, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар кори таъсиси қонунҳо, ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки фаъолона доранд. Судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва қабули КГ ҶТ, КҶ ҶТ, КМҶ ТҶ, КМГ ҶТ ва дигар қонунҳои муҳим ба гурӯҳҳои корӣ ва шӯроҳои экспертии мақомоти қонунгузорӣ шомил буданд.

Вақти он расидааст, ки муқарраротҳи конститутсионӣ дар бораи ташаббуси қонунгузорӣ доштани мақомоти судӣ дубора барқарор карда шуда, ин салоҳияти онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт ёбад.

Ҳамзамон, ҳокимияти судӣ ҳамчун як шохаи худкифо ва мустақили ҳокимияти давлатӣ муаррифӣ мешавад, ки он барои «дар асоси қонун ҳал кардани ихтилофоти иҷтимоии ҷойдошта миёни давлат ва шаҳрвандон, худи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ;

---

[25] *Ведомости Верховного Совета СССР. 1957. – №4. Свод Законов Таджикской ССР. Душанбе, 1984. Т.1. С.13-42*

[26] *Свод Законов Таджикской ССР. Душанбе, 1984. Т.1. С.13-42.*

[27] *Государство и право. Душанбе, 1996. – №1, С.10.*

[28] *Дубов И.А. Законодательная инициатива: проблемы и пути совершенствования // Государство и право. 1993. – №10. – С. 28.*

назорат аз болои мутобиқат кардани қонунҳо ба конститутсия; ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон дар муносибат бо мақомоти иҷроия ва шахсони мансабдор; назорат аз болои риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; муқаррар намудани муҳимтарин далелҳо ва шароити ҳуқуқӣ»[29] ташкил шудааст.

Дар ҳолатҳои дигар, ҳокимияти судӣ аз зовияи шакл ва принсипҳои ташкил ва фаъолияти он таъриф дода мешавад. Дар айни ҳол, таваҷҷуҳ ба ин аст, ки ҳокимияти судӣ «шакли махсуси фаъолияти давлат буда, ваколатҳои худро аз ҷониби мақомоти махсуси давлатӣ – судҳо дар шакли қонунҳои мурофиавии қатъан муқарраршуда дар соҳаи ҳифзи сохти конститутсионӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар иттиҳодияҳо амалӣ менамояд»[30]. Дар ин гуна равишҳо таъкиди махсус бар ин аст, ки ҳокимияти судӣ «тавассути баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои ҳуқуқии ошкоро, рақобатпазир, чун қоида дастаҷамъона дар ҷаласаҳои судӣ»[31] амалӣ карда мешавад.

Дар адабиёти илмӣ ба ғайр аз равишҳои номбаршуда оид ба таърифи мафҳуми ҳокимияти судӣ дигар равишҳои дорои хусусияти шабеҳ, ки моҳият ва мундариҷаи ҳокимияти судиро, аз ҷумла, тавассути баррасии принсипҳо, шаклҳои фаъолият ва ҳадафҳо ва вазифаҳои доштааш муайян мекунад, истифода мешаванд. Дар баробари ин, ҳокимияти судӣ ҳамчун як шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҷониби судҳо амалӣ карда мешавад[32], шинохта мешавад.

Аз нуқтаи назари мо, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ба маънои васеъ, вазифаи истисноии шохаи қонунгузорӣ нест. Ҳаёти ҳаррӯза намунаҳои қонунгузории мустақими мардум, қонунгузории ҳокимияти иҷроия, қонунгузории Президентро пеши рӯ меоварад. Ба андешаи мо, консепсияи таҷзияи ҳокимият имкони қонунгузорӣ аз ҷониби судро рад намекунад ва воқеияти ҳаррӯза моро ба ин бовар оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, табиати ҳуқуқӣ доштани ҳокимияти судиро мо дар нуктаҳои зерин мебинем: аввалан, ин ҳокимият дар асоси нишондодҳои қонунӣ амал мекунад; дуввум, худи ӯ ҳам на танҳо татбиқкунандаи ҳуқуқ, балки дарвоқеъ, иштирокчии раванди ташаббуси қонунгузорӣ низ шуда метавонад.

Вақти он расидааст, ки муқаррароти конститутсионӣ дар бораи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доштани мақомоти судӣ дубора барқарор карда шуда, ин салоҳияти онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт ёбад.

**Адабиёт:**


1. Абдуллоев Ф. К вопросу о судебной власти // Государство и право. Душанбе, 1996. №1. С.137 и др.
2. Аверченко Д.М. Специализированные суды в системе органов судебной власти: Дисс. … к. ю. н. М., 2003. Бошно С.В. Законодательной инициатива в Государственной думе Федерального Собрания Российской Федерации. Дис… к.ю.н. М., 1997. С.89.
3. Ведомости Верховного Совета СССР. 1957. №4. Свод Законов Таджикской ССР. Душанбе, 1984. Т.1. С.13-42
4. Государство и право. Душанбе, 1996. №1, С.10.


---

[29] *Судебная власть / Петрухин И. Л. М., 2005. – С. 81.*

[30] *Фоков А. П. Приоритеты судебной власти в системе разделения властей // Российская Академия юридических наук. Научные труды. Вып. 2. Т.1. М., 2002. С.698.*

[31] *Общая теория права и государства / Под ред. В. В. Лазарева. М., 1994. С.284.*

[32] *Никеров Г.И. Судебная власть в правовом государстве (опыт сравнительного исследования) // Государство и право. 2001. – №3. – С. 16– 20; Черемных Г.Г. Судебная власть в Российской Федерации: Дисс. ... д-ра юрид. наук. М., 1998. С.75; Аверченко Д.М. Специализированные суды в системе органов судебной власти: Дисс. ... к. ю. н. М., 2003. С.32; Абдуллоев Ф. К вопросу о судебной власти // Государство и право. Душанбе, 1996. – №1. С.137 и др.*

[32] *Тихомирова Л..В., Тихомиров М.Ю. Юридическая энциклопедия. М., 1997. – С. 431.*

5. Давлатова Ш.С. Общетеоретические основы и особенности реализации законодательной инициативы в Таджикистане. Дис… к.ю.н. Душанбе, 2015. С.45-50.
6. Дубов И.А. Законодательная инициатива: проблемы и пути совершенствования // Государство и право. 1993. №10. С. 28.
7. Маҳмудзода М., Шарофзода Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Душанбе, 2021. С.16-17. Рамазанов Э.Т. Институт законодательной инициативы в правовой системе Российской Федерации: теория и практика реализации. Дис… к.ю.н. М., 2005. С.79.
8. Никеров Г.И. Судебная власть в правовом государстве (опыт сравнительного исследования) // Государство и право. 2001. №3. С. 16-20;
9. Свод Законов Таджикской ССР. Душанбе, 1984. Т.1. С.13-42.
10. Судебная власть / Петрухин И. Л. М., 2005. С. 81.
11. Общая теория права и государства / Под ред. В. В. Лазарева. М., 1994. С.284.
12. Тихомирова Л..В., Тихомиров М.Ю. Юридическая энциклопедия. М., 1997. С. 431.
13. Фоков А. П. Приоритеты судебной власти в системе разделения властей // Российская Академия юридических наук. Научные труды. Вып. 2. Т.1. М., 2002. С.698.
14. Черемных Г.Г. Судебная власть в Российской Федерации: дисс.... д-ра юрид. наук. М., 1998. С.75; С.32;

**Куканов Айниддин Зайниддинович**

## ТАСНИФИ ШАКЛҲОИ ДАВЛАТ

***Куканов Айниддин Зайниддинович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Тел.:*** *(+992) 985674477.* ***E-mail:*** *kukanov-ayniddin@mail.ru.*

**Фишурда.** Дар мақола масъалаҳои таснифи шаклҳои давлат пешбинӣ шудааст. Қайд мегардад, ки барии муаяйн намудани тасниф он бояд дар асоси маҳаки илмӣ гузаронида шавад. Ҳаққонияти тасниф пеш аз ҳама дар асоси ба даст овардани нуқтаҳои илмии гуногун вобаста ба масъалаи муаяйн пайдо мешавад. Масъалаи таснифи шаклҳои давлат бояд дар асоси маҳакҳо, хусусиятҳои шаклҳои давлат яъне тарзҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ ҳал гардад. Ба андешаи бархе аз муаллифон мафҳуми шакли давлат аз чор унсур иборат аст: шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ, режими сиёсӣ, динамикаи сиёсӣ.

**Вожаҳои калидӣ**: тасниф, шакли давлат, шакли идоракунӣ, ҳокимияти давлатӣ, режими сиёсӣ, динамикаи сиёсӣ, монархияи дуалистӣ, ҷумҳурии президентӣ.

## КЛАССИФИКАЦИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ФОРМ

***Куканов Айниддин Зайниддинович,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.* ***Тел.:*** *(+992) 985-67-44-77.* ***E-mail:*** *kukanov-ayniddin@mail.ru.*

**Аннотация.** В статье рассматриваются вопросы классификации форм государства. Отмечено, что для определения классификации ее следует проводить на основе научных критериев. Точность классификации прежде всего основана на получении различных научных точек, связанных с выявленным вопросом. Проблема классификации форм государства должна решаться на основе критериев, характеристик форм государства, то есть способов организации государственной власти. По мнению некоторых авторов, понятие формы гос-

ударства состоит из четырех элементов: форма управления, форма государственного устройства, политический режим, политическая динамика.

**Ключевые слова**: классификация, форма государства, форма правления, государственная власть, политический режим, политическая динамика, двоевластие, президентская республика.

## CLASSIFICATION OF STATE FORMS

***Kukanov Ayniddin Zainiddinovich,*** *Candidate of Law sciences, Docent of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University.* ***Тел.:*** *(+992) 985674477.* ***E-mail:*** *kukanov-ayniddin@mail.ru.*

**The Abstract**. The article deals with the issues of classification of forms of state. It is noted that in order to determine the classification, it should be carried out on the basis of scientific criteria. The accuracy of the classification is first of all based on the acquisition of various scientific points related to the identified issue. The problem of classification of forms of state should be solved on the basis of criteria, characteristics of forms of state, that is, ways of organization of state power. According to some authors, the concept of the form of the state consists of four elements: the form of management, the form of the state structure, political regime, political dynamics.

**Key words:** classification, form of state, form of governance, state power, political regime, political dynamics, dual monarchy, presidential republic.

Масъалаи тасниф яке аз масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ буда, аҳамияти бисёр муҳим дорад. Таснифи давлат имкон медиҳад, ки онро амиқ омухта, барои гуногунии ҳамеша ивазшавии шакли давлат сарфаҳм рафт. Барои муаяйн намудани тасниф он бояд дар асоси маҳаки илмӣ гузаронида шавад. Ҳаққонияти тасниф пеш аз ҳама дар асоси ба даст овардани нуқтаҳои илмии гуногун вобаста ба масъалаи муаяйн пайдо мешавад. Ба андешаи Магазинер Л.М. нуқтаи илмӣ барои таснифи давлатҳо ин принсипи ҳуқуқии ташкили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Қайд мегардад, ки маҳаки асосии тасниф вазъи ҳуқуқии сардори давлат мебошад. Бо дарназардошти тамомияти ҳокимият, аз як тараф монарх, аз тарафи дигар халқ Магазинер Л.М. ҳашт намуди шакли идоракуниро ҷудо мекунад. 1) деспотия – мақомоти расмӣ ҷой надорад, ки барои амалишавии ҳокимияти давлатӣ ба монарх таъсир расонад; 2) худкома-мақомоти расмӣ ҷой дошта, ба амалишавии ҳокимияти монарх таъсир мерасонад; 3) монархияи дуалистӣ– сиёсати ҳукуматро монарх пеш мебарад; 4) монархияи парлумонӣ– сиёсати ҳукуматро парламент муаяйн мекунад; 5) ҷумҳурии парлумонӣ– сиёсати ҳукуматро парламент пеш мебарад; 6) ҷумҳурии президентӣ – сиёсати ҳукуматро президент муаяйн мекунад; 7) ҷумҳурии бевосита намояндагӣ; 8) ҷумҳурии бевосита намояндагӣ – яъне ба амалишавии ҳокимияти соҳибихтиёри халқ Шурои намояндагӣ бо доштани функсияи қонунгузорӣ таъсир мерасонад[33].

Таснифи пешниҳодшудаи давлатҳо таачубовар ба назар мерасад. Аммо он як қатор камбудӣ дорад: Якум, дар таснифи гузаронидашуда раванди якҷошавии шакли идоракунӣ ва режими сиёсӣ ба назар мерасад. Дуюм, дар таснифи гузаронидашуда шакли сохти давлатӣ пешбинӣ намешавад. Албатта ин муҳим мебошад вақте, ки сухан оиди хислати умумии давлатҳо меравад. Дар консепсияи назариячиёни давраи инқилоби буржуазӣ шакли давлат аз нуқтаи назари вазъи ҳуқуқӣ таҳлил мегардад. Яъне танҳо вазъи ҳуқуқии мақомоти олии давлатӣ ба сифати маҳаки асосии таснифи мафҳуми шакли давлат истифода мешавад. Диққати ҷиддӣ бештар ба вазъи ҳуқуқии сардори давлат дода мешавад.

---

[33] *Магазинер Л.М. Общее учение о государстве. Пг., 1992.С.422*

Масъалаи таснифи шаклҳои давлат бояд дар асоси маҳакҳо, хусусиятҳои шаклҳои давлат яъне тарзҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ ҳал гардад. Ба андешаи бархе аз муаллифон мафҳуми шакли давлат аз чор унсур иборат аст: шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ, режими сиёсӣ, динамикаи сиёсӣ. Муаллифони дигар динамикаи сиёсиро ҳамчун режими сиёсӣ пешбинӣ мекунанд[34]. Вобаста ба ин дар илм баҳсҳои зиёд ҷой дорад.

Ба андешаи А.И. Денисов шакли давлат ба маънои маҳдуд ва маънои васеъ фаҳмида мешавад. Ба маънои маҳдуд шакли давлат танҳо шакли идоракуниро ифода мекунад. Ба маънои васеъ бошад, ҳамчун маҷмӯи шакли идоракунӣ ва шакли сохти давлатӣ фаҳмида мешавад. Режими сиёсӣ бошад, моҳияти давлатро ифода мекунад.

Чунончи, А.И. Денисов шаклҳои давлатро чунин тасниф мекунад. Шакли идоракунӣ асосан ба монархия ва ҷумҳурӣ ҷудо мешавад. Монархия ба деспотия, мутлақ ва маҳдуд тақсим мешавад. Ҷумҳурӣ ба аристократӣ ва демократӣ ҷудо мешавад. Шаклҳои сохти давлатӣ ба унитарӣ ва федеративӣ ҷудо мешавад. Конфедератсия чун иттиҳоди давлатҳо ифода мегардад. Ба андешаи Денисов А.И. режими сиёсӣ ба шакли давлат муносибат надорад[35]. Ба андешаи муаллиф ин таснифи гузаронидашуда умумӣ буда, тамоми навъҳои таърихии давлатро таҷассум мекунад. Баъзе аз олимон муқобили ин таснифи пешбинишуда буда, пешниҳод мекунанд, ки шакли давлат аз шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ ва режими сиёсӣ иборат мебошад[36].

Ба андешаи Г.Келзен шакли давлат ду нишонаи асосӣ дорад: 1) тарзу усулҳои ҳуқуқии ташкили ҳокимияти соҳибихтиёр; 2) вазъи ҳуқуқии шахсият дар давлат. Вобаста ба нишонаи якум се намуди шакли давлат, монархия, аристократия ва демократия ҷудо карда мешаванд. Аз руи нишонаи дуюм шакли давлат ба демократия ва аристократия тақсим мешавад[37].

Ба андешаи олими Болгария В.Цонев шакли сохти давлатӣ барои таснифи шакли давлат ягон аҳамият надорад ва бояд аз унсурҳои шакли давлат бардошта шавад[38]. Аммо ба андешаи бисёре аз олимони илми ҳуқуқшиносии Россияи муосир шакли давлат аз се унсури асосӣ, яъне шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ ва режими сиёсӣ иборат аст[39].

Ҳамин тариқ таснифи шаклҳои давлат дар асоси ягонагии се унсури асосии он амалӣ карда мешавад. Гузашта аз ин ба мақсад мувофиқ аст, ки таснифи унсурҳои дохилии шаклҳои давлат дар асоси тамоми ҷанбаҳои таърихӣ гузаронида шавад[40].

**Адабиёт:**


1. Чиркин В.Е. Элементы сравнительного государствоведения. М., 1994. С.48.
2. Магазинер Л.М. Общее учение о государстве. Пг., 1992.С.422.
3. Денисов А.И. Сущность и формы государства. М., 1960. С.13.
4. Петров В.С. Типы и формы государства. Л.1967. С.68.
5. H. Kelsen. General theory of law and State. Cambridge, 1946., pp. 283-284.
6. Левин И.Д. Современная буржуазная наука государственного права. М. 1960. С.350.
7. Теория государства и права /Под.ред. Марченко М.Н. М., 1996. С.96-109.
8. См.: Теория государства и права / Под ред. Матузова Н.И. и Малько А.В. С.78-92.


---

[34] *Чиркин В.Е. Элементы сравнительного государствоведения. М., 1994. С.48.*

[35] *Денисов А.И. Сущность и формы государства. М., 1960. С.13.*

[36] *Петров В.С. Типы и формы государства. Л.1967. С.68.*

*37 H. Kelsen. General theory of law and State. Cambridge, 1946., pp. 283-284.*

*38 Левин И.Д. Современная буржуазная наука государственного права. М. 1960. С.350*

*39 Теория государства и права /Под.ред. Марченко М.Н. М., 1996. С.96-109.*

*40 См.: Теория государства и права / Под ред. Матузова Н.И. и Малько А.В. С.78-92.*

**Иброхимзода Далер Каюм**

## ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ И ПРОВОВАЯ ПРОБЛЕМА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ИНТЕРЕСАХ ЧЕЛОВЕКА, ОБЩЕСТВА И ГОСУДАРСТВА

***Иброхимзода Далер Каюм,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.* ***Тел.:*** *(+992) 939-89-22-22.* ***E-mail:*** *Ibragimov_Daler_Qayumovich@mail.ru.*

**Аннотация:** В статье анализируются основные теоретические модели феномена безопасности в контексте рассмотрения различных подходов к пониманию категорий «Государственная», «Национальная» и «Информационная» безопасность. Автор обосновывает необходимость комплексного теоретико-юридического обеспечения государственной национальной информационной безопасности в контексте выработки оптимальных законодательных средств и противодействия соответствующим угрозам.

**Ключевые слова:** функция государства, информация, информационная функция государства, возникновение информационной безопасности, особенности информационной функции, понятие информационной функции государства и информационной безопасности.

## ПРОБЛЕМАИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТ БА МАНФИАТИ ХАЛК, ҶАМЪИЯТ ВА ДАВЛАТ

***Иброхимзода Далер Каюм****, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон.* ***Тел.:*** *(+992) 939-89-22-22.* ***E-mail:*** *Ibragimov_Daler_Qayumovich@mail.ru.*

**Фишурда:** Дар мақола моделҳои асосои падидаҳои назарияви бехатарӣ ва роҳҳои гуногуни фаҳмиши истилоҳоти «Давлатӣ», «Миллӣ», «Иттилоотӣ» пешбинӣ карда шудааст. Муаллиф асоснок менамояд, ки бехатарии иттилоотии миллии давлатӣ бояд ҳамматарафа аз нигоҳи назариявӣ – ҳуқуқӣ таъмин карда шавад инчунин коркарди воситаҳои қонунигузорӣ ва муқобилияти ҷавобгу ба хатарҳои ҷойдошта.

**Калидвожаҳо:** функсияи давлат, иттилоот, функсияи иттилоотии давлат, пайдоиши бехатарии иттилоот, хусусиятҳои функсияи иттилоот, мафҳуми функсияи иттилоотии давлат, амнияти иттилоотӣ.

## THEORETICAL AND PROVENTIONAL PROBLEM OF ENSURING INFORMATION SECURITY IN THE INTERESTS OF PEOPLE, SOCIETY AND THE STATE

***Ibrohimzoda Daler Qayum,*** *Candidate of law sciences, Docent of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University.* ***Phone:*** *(+992) 939-89-22-22.* ***E-mail:*** *Ibragimov_Daler_Qayumovich@mail.ru.*

**Annotation:** The article analyzes the main theoretical models of the phenomenon of security in the context of considering various approaches to understanding the categories of «State», «National» and «Information» security. The author substantiates the need for comprehensive theoretical and legal support of state national information security in the context of developing optimal legislative means and countering the corresponding threats.

**Key words:** The state function, information, information function of state, ensue of information security, peculiarities of information function, notion of information function of state and information security.

Определить процедуру юридической регламентации и фиксации процедуры сбора, обработки, передачи информации была обозначена еще в 60-70-е гг. прошлого столетия[41]. Особое причиной реализации информационной функции государства является её свойство защиты информационного пространства, информационных сфер и их ресурсов, средств реализации информационной функции. Данная функция востребована на фоне развития информационного общества[42]. Точнее, это её основательный исходный путь; эффективность функций современного государства является гарантией обеспечения его информационной безопасности.

Исследование информационной функции государства имеет большое не только теоретическое, но и практическое значение. Целью реализации информационной функции государства является защищенность информационного пространства и информационных ресурсов, средств реализации информационных функций. В современных условиях в одной из основ эффективного функционирования государства является обеспечение информационной безопасности[43].

Термин «безопасность» в юридической науке и литературе всегда имел очень важную значение. К тому же информационная безопасность всегда играла важную роль в обществе и в государстве. Сама же по себе Безопасность – это состояние защищенности важных интересов общества и государства[44].

Для каждого общества безопасность должна ассоциироваться с обеспечением всех нормальных условий труда, жизнедеятельности и основных прав человека.

Необходимо подчеркнуть, что государство должно выработать эффективный механизм защиты от воздействия вредной информации. Значительное место в таких системах должно принадлежать средствам массовой информации, так как именно от них в значительной степени на сегодняшний день зависит степень защищенности общества от негативно влияющей информации.

Как отмечает Р.Ш. Сативалдыев, проблема защиты информационной безопасности актуализируется в период формирования и развития информационного общества, которое породило следующие негативные последствия: «цифровое неравенство стран, недостаточный уровень правового регулирования сети Интернет, информационная безопасность, информационно-психологическое и идеологическое воздействие на индивидуальное и общественное сознание», манипулирование общественным сознанием, кибератаки, киберпреступность[45]. Иные угрозы информационной безопасности, в частности, кибертерроризм, и др., анализируются в данной[46] и иных научных статьях Р.Ш. Сативалдыева[47].

В Республике Таджикистан принят ряд нормативно-правовых актов, которые регулируют безопасность. В Законе Республики Таджикистан «О безопасности» от 27.11.2014 г., №1137 выделяется несколько укрупненных направлений (видов) безопасности, имеющих особое значение

---

*41См., напр.: Правовая информация / Отв. ред. А.Ф. Шебанов и др. – М.: Наука, 1974; Афанасьев В.Г. Социальная информация и управление обществом. - М., 1975; Венгеров А.Б. Категория «информация» в понятийном аппарате юридической науки // Советское государство и право. - 1977. – №10. – С. 70-78; Его же. Право и информация в условиях автоматизации управления (теоретические вопросы). – М, 1978.*

*42 Ибрагимов Д.К. Понятие функции государства в контексте разнообразия теоретических подходов //Вестник ТНУ. – 2017. – №2/2. – С. 226-227.*

*43Сативалдыев Р.Ш. Защита информационной безопасности как актуальная задача правоохранительных органов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – №1 (33). – С. 9 - 16.*

*44 Баранов П.П. Безопасность Российской Федерации: Государственная, национальная и конституционная (вопросы теории и практики) // Северокавказский юридический вестник. – 2014. – №3. – С. 39 – 40.*

*45Сативалдыев Р.Ш. Деятельность государства в сфере обеспечения информационной безопасности // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. - – №2/10 – С. 174-175.*

*46Сативалдыев Р.Ш. Там же. – С. 174-182.*

*47 См.: Сативалдыев Р.Ш. Противодействие информационной войне как предметное содержание информационной функции государства // Правовая жизнь. - Душанбе, 2017. – №1 (17). – С. 5-29; Он же. Деятельность правоохранительных органов в условиях новых информационных вызовов и угроз // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Научный журнал. – 2017. – Вып. – №2 (34). – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2017. – С.11-28.*

в масштабах государства: военная или оборонная, экономическая, социально-политическая или общественная, экологическая и информационная[48].

Между различными видами безопасности всегда должна существовать взаимосвязь, определяемая сущностью и целостностью всех объектов безопасности, и во всех сферах жизнедеятельности, которые обеспечивают функционирование социума[49].

Например, Стратегия национальной безопасности Российской Федерации: данная стратегия является базовым документом стратегического планирования, определяющим национальные интересы и стратегические национальные приоритеты Российской Федерации, цели, задачи и меры в области внутренней и внешней политики направлены на укрепление национальной безопасности Российской Федерации и обеспечение устойчивого развития страны на долгосрочную перспективу[50].

В Республике Таджикистан таким базовым документом является «Закон об органах национальной безопасности». Данный Закон определяет все правовые основы, принципы и основные задачи и направления деятельности всех органов национальной безопасности в Республике Таджикистан. В ст. 1 Органы национальной безопасности Республики Таджикистан является составной частью системы обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан и обеспечивают в переделах предоставленных им полномочий безопасность личность, общества и государства от внутренних и внешних угроз[51].

Информация в современном обществе играет важнейшую роль. Информационная сфера на сегодняшний день имеет система образующие факторы во всех сферах жизнедеятельности общества, что в значительной мере определяет эффективность её влияния во всех сферах безопасности, например, в экономической, оборонной, социальной, политической и в других сферах национальной безопасности[52].

На данном этапе в Республике Таджикистане развития информационная безопасность представляет собой самостоятельную составляющую национальной безопасности, роль и значение которой с каждым годом неуклонно растет.

В Конституции Республики Таджикистан закреплены нормы, гарантирующие право на информацию и способствующие формированию информационного общества, а также защите информационной безопасности. Так, в ст. 30 Конституции закреплено право каждого на пользование средствами информации. В данной статье гарантируется также свобода слова и печати[53].

Необходимость укрепления информационной безопасности объясняется теми глобальными процессами, которые характерны сегодня для социально-экономического развития мира.

По мнению Никодимова И.Ю на сегодняшний день человечество находится в начале информационного общества. Ныне в данном обществе информация является важным рычагом влияния. Один из основных механизмов государства на данный момент создают телекоммуникационные и компьютерные сети, в которых распределены базы данных, охватывающие широчайший круг знаний. На нынешнем этапе развития экономики возникает новая отрасль общественного производства, которая охватывает все процессы и средства создания,

---

*48 Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 24 ноября 2014 г., – №1137 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2014. – №12. – – Ст. 434.*

*49 Никодимов И.Ю. Информационно-коммуникативная функция государства и механизм ее реализации в современной России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2003. – С. 284-285.*

*50 Стратегии о национальной безопасности Российской Федерации. Указ Президента Российской Федерации от 31.12.2015 г. – №683.*

*51Закон Республики Таджикистан «Об органах национальной безопасности» // АхбориМаджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2008. – №3. – – Ст. 183.*

*52 Федосеева Н.Н. Информационная функция в системе функций государства //Информационное право. – 2008. – №4 // Доступ через СПС «Консультант плюс». – С.55 – 63.*

*53 Конституция Республики Таджикистан. Принята 6 ноября 1994 г. на общенациональном референдуме. С изменениями и дополнениями, внесенными на референдуме в 1999, 2003 и 2016 гг. – Душанбе, 2017.*

распространения, обработки информации[54].На данном этапе в эту сферу постепенно вовлекается все большее количество трудоспособных членов общества. Кроме того, информационные технологии широко проникают вовсе сферы жизнедеятельности общества, в том числе в науку, образование и военное дело. В процессе такой информатизации происходит кардинальная смена способов производства, мировоззрения людей, стиля, характера и интенсивности их общения, что существенным образом изменяет их условия труда, отдыха и участия в политической жизни общества. Информатизация непосредственно влияет на развитие и формирование информационной сферы (инфосферы), которую иногда отождествляют с информационным пространством[55].

В нынешних условиях информация играет особую роль как решающий фактор развития личности, общества и государства[56]. Именно поэтому имеет место естественное стремление к обладанию информационными ресурсами и средствами, технологиями их использования в целях достижения собственных благ и интересов и защиты от вероятных конкурентов.

Практика доказывает, что при использовании информации в злоумышленных целях она становится очень опасным оружием. Именно злонамеренное использование информационных ресурсов и процессов является первопричиной многих глобальных катастроф и социальных катаклизмов. Необходимо отметить, что нарушение информационных законов мироздания может оказаться роковым для существования самого человеческого общества. В этих условиях не обходим постоянный контроль информационной сферы со стороны государственных структур.

В Законе Республике Таджикистан «О безопасности» закреплено понятие безопасности, где закрепляется, что безопасность – это «состояние защищенности жизненно важных интересов личности, общества и государства от внутренних и внешних угроз».[57]Под жизненно важными интересами понимается совокупность потребностей, удовлетворение которых надежно обеспечивает существование и возможности прогрессивного развития личности, общества и государства. К основным объектам безопасности Закон относит: личность – ее права и свободы; общество – его материальные и духовные ценности; государство – его конституционный строй, суверенитет и территориальную целостность.

В ст. 1 Закона Республики Таджикистан «О безопасности» отмечается, что информация, хотя в самом Законе на это прямо не указывается, несомненно, относится к основным объектам безопасности, что предполагается по двум основным причинам.

Во-первых, информация и безопасность являются *социальной ценностью,* которая оказывает влияние на все сферы человеческой деятельности. Удовлетворение потребности в информации *жизненно важно* для обеспечения прогрессивного развития личности, общества и государства.

Во-вторых, право на информацию есть одно из *основных прав человека и гражданина,* которое закреплено и гарантируется в нормативно-правовых актах разного уровня.

Серьезной угрозой информационной безопасности является информационная война. «Информационно-психологическое и идеологическое воздействие, – пишет Р.Ш. Сативалдыев, – ныне приобретает широкий размах, ведется не только в период вооруженных конфликтов, но и в мирное время, способно нанести реальный урон нормальной жизнедеятельности общества посредством распространения дезинформации, ложной информации о

---

*54 Никодимов И.Ю. Информационно-коммуникативная функция государства и механизм ее реализации в современной России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2003. – С. 286-287.*

*55 Иванова О.С. К вопросу о понятии и содержании информационной функции государства // Актуальные проблемы юридической науки и правоприменительной практики: сборник научных трудов. – Сыктывкар: Изд-во Сыктывк. ун-та, 2012. – Вып. 7. – С. 333-334.*

*56Морозова Л.А. Функции государства // Теория государства и права / под ред. В.К. Бабаева. – М., 2004. – С. 311-312.*

*57 Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 24 ноября 2014 г., – №1137 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2014. – №12. – – Ст. 434.*

высших должностных лицах государства, о реальном состоянии общества, пропаганды чуждых идей и представлений»[58].

Сфера информационной безопасности государства, общества и личности – это сфера обеспечения их жизнедеятельности. Главным условием их устойчивого существования является безопасность всех сторон их деятельности. Безопасность, определяемая в соответствии с законом, как «состояние защищенности жизненно важных интересов личности, общества, государства от внешних и внутренних угроз», применительно к информационной сфере может быть определена и как «состояние защищенности информационной сферы общества, обеспечивающее ее формирование и развитие в интересах граждан, общества и государства».

После распада СССР в Таджикистане был создан новый законодательство в сфере информации и информатизации. В системе законодательства Республики Таджикистан центральное место занимает Конституция Республики Таджикистан. В Конституции Республики Таджикистан закреплены нормы, гарантирующие право на информацию и способствующие формированию информационного общества, а также защите информационной безопасности. Так, в ст. 30 Конституции закреплено право каждого на пользование средствами информации. В данной статье гарантируется также свобода слова и печати[59].

Исходя из этого процессы информационной безопасности охватывают все стороны жизнедеятельности общества. Информация приобретает большое значение для нормального функционирования любой социальной системы, асоциальная система не может нормально функционировать без информации, ее сбора, анализа, хранения, распространения, использования, обмена.

Таким образом в результате проведенного исследования сформулирован вывод о том, что государство всегда занималось сбором и анализом информации. Однако в прежние исторические периоды данную задачу, во-первых, выполняли отдельные государственные органы, и, во-вторых, информационная деятельность в силу отсутствия условий для формирования информационного общества не являлась одним из основных направлений государственной деятельности. Поэтому информационная функция государства формируется на современном этапе развития человеческого общества под воздействием формирования информационного общества, информационно-технологической революции, использования новейших информационных технологий во всех сферах жизни общества.

**Литература:**


1. Баранов П.П. Безопасность Российской Федерации: Государственная, национальная и конституционная (вопросы теории и практики) // Северо-Кавказкий юридический Вестник. – 2014. – №3. – С. 45.
2. Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 24 ноября 2014 г., №1137 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2014. – №12. – Ст. 434.
3. Закон Республики Таджикистан «Об органах национальной безопасности» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2008. – №3. – Ст.183.
4. Конституция Республики Таджикистан. Принята 6 ноября 1994 г. на общенациональном референдуме. С изменениями и дополнениями, внесенными на референдуме в 1999, 2003 и 2016 гг. – Душанбе, 2017.
5. Морозова Л.А. Функции государства // Теория государства и права / под ред. В.К. Бабаева. – М., 2004. – С. 313.
6. Никодимов И.Ю. Информационно-коммуникативная функция государства и механизм ее реализации в современной России: дис. … д-ра юрид. наук. –М., 2003. –С.384.


*58Сативалдыев Р.Ш. Противодействие информационной войне как актуальная задача правоохранительных органов Республики Таджикистан // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Научный журнал. – 2017. – №4 (36). – С. 74.*

*59 Конституция Республики Таджикистан. Принята 6 ноября 1994 г. на общенациональном референдуме. С изменениями и дополнениями, внесенными на референдуме в 1999, 2003 и 2016 гг. – Душанбе, 2017.*

7. Сативалдыев, Р.Ш. Защита информационной безопасности как актуальная задача правоохранительных органов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – №1 (33). – С. 16.
8. Сативалдыев Р.Ш. Деятельность государства в сфере в сфере обеспечения информационной безопасности // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/10. – С. 182.
9. Стратегия о национальной безопасности Российской Федерации. Указ Президента Российской Федерации от 31.12.2015 г. №683.
10. Федосеева Н.Н. Информационная функция в системе функций государства // Информационное право. – 2008. – №4 // Доступ через СПС «Консультант плюс».
11. Ибрагимов Д.К. Понятие функции государства в контексте разнообразия теоретических подходов // Вестник ТНУ. – 2017. – №2/2. – С. 227.
12. Иванова О.С. К вопросу о понятии и содержании информационной функции государства // Актуальные проблемы юридической науки и правоприменительной практики: сборник научных трудов. – Сыктывкар: Изд-во Сыктывк. ун-та, 2012. – Вып. 7. –С. 334.

**Шарифзода Саъди Шариф**

## ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ МАФҲУМИ «СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТӢ»: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ТАЪРИХӢ ҲУҚУҚӢ

***Шарифзода Саъди Шариф,*** *дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Тел.:*** *(+992) 918-99-59-09.* ***E-mail:*** *Sadi_m_90@mail.ru.*

**Фишурда.** Мафҳуми соҳибихтиёрӣ, хусусият ва фаҳмишу мустаҳкам намудани он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳим, рузмара ва мубоҳисавӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳифзи сохибихтиёрии давлатӣ вазифаи ҳар як миллат ва шаҳрвандӣ ҶТ мебошад. Ҳамин аст, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон олимон, муҳаққиқон ва қаҳрамонҳое буданд, ки соҳибихтиёрии давлатӣ, забони давлатӣ ва дигар манфиатҳои миллиро ҳамеша ҳифз менамуданд. Соҳибихтиёрии давлатӣ дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, забони давлатӣ, расму оинҳо ва рукнҳои давлатдорӣ нақши калидиро мебозад, зеро танҳо соҳибихтиёрии давлатии комил метавонад давлатро аз нобудӣ, забонро аз олӯдагӣ, миллатро аз парокандашавӣ ва ҷомеаро аз хурофотпарастӣ боз дорад. Бинобар ҳамин муаллиф дар мақолаи мазкур ташаккул, инкишоф ва фаҳмиши мафҳуми соҳибихтиёрии давлатиро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, аншеҳои худро иброз намудааст.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, фаҳмиш, соҳибихтиёрӣ, мафҳуми соҳибихтиёрӣ, Истиқлолият, ташаккул, инкишоф, таҳкими Истиқлолият, манфиатҳои миллӣ, мафҳуми соҳибихтиёрии давлат, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ, нуқтаҳои назар, конститутсия, ҳокимият, ҳокимияти давлатӣ, мустақалияти ҳокимияти давлатӣ, волоияти ҳокимияти давлатӣ, изҳорот, стратегия, тақсимоти ҳуҳудӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПОНЯТИЯ «СУВЕРЕНИТЕТ ГОСУДАРСТВА»: ТЕОРЕТИКО-ИСТОРИЧЕСКОЕ ЮРИДИЧЕСКОЕ ВОПРОСЫ

***Шарифзода Саъди Шариф,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.* ***Тел.:*** *(+992) 918-99-59-09.* ***E-mail:*** *Sadi_m_90@mail.ru.*

**Аннотация.** Понятие суверенитета, его особенностей, понимания и закрепления в нормативных правовых актах является одним из важных, повседневных и дискуссионных вопросов. Поэтому защита государственного суверенитета является долгом каждой нации и гражданина Республики Таджикистан. Именно поэтому в истории таджикской государственности были ученые, исследователи и герои, которые всегда защищали государственный суверенитет, государственный язык и другие национальные интересы. Государственный суверенитет играет ключевую роль в защите национальных интересов, обеспечении национальной безопасности, государственного языка, обрядов и устоев государственности, поскольку только полный государственный суверенитет может предотвратить разрушение государства, эрозии языка, дезинтеграции нации и разурешение общества. Поэтому в данной статье автор проанализировал становление, развитие и понимание понятия государственного суверенитета согласно нормативным правовым актам Таджикистана и высказал свое мнение.

**Ключевые слова:** понятие, понимание, суверенитет, понятие суверенитета, Независимость, формирование, развитие, укрепление Независимости, национальные интересы, понятие суверенитета государства, защита независимости государства, точки зрения, конституция, власть, государственная власть, независимость (самостоятельность) государственной власти, верховенство государственной власти, высказывание (декларация), стратегия, территориальное деление, нормативные правовые акты.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE CONCEPT OF «STATE SOVEREIGNTY»: THEORETICAL-HISTORICAL LEGAL ISSUES

***Sharifzoda Sadi Sharif,*** *Candidate of law sciences, Docent of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University.* ***Phone:*** *(+992) 918-99-59-09.* ***E-mail:*** *Sadi_m_90@mail.ru.*

**Annotation.** The concept of sovereignty, its features, understanding and consolidation in regulatory legal acts is one of the important, every day and debatable issues. Therefore, the protection of state sovereignty is the duty of every nation and citizen of the Republic of Tajikistan. That is why in the history of Tajik statehood there were scientists, researchers and heroes who always defended state sovereignty, the state language and other national interests. State sovereignty plays a key role in protecting national interests, ensuring national security, the state language, rituals and foundations of statehood, since only full state sovereignty can prevent the destruction of the state, the erosion of the language, the disintegration of the nation and the dissolution of society. Therefore, in this article, the author analyzed the formation, development and understanding of the concept of state sovereignty in accordance with the regulatory legal acts of Tajikistan and expressed his opinion.

**Keywords:** concept, comprehension, sovereignty, concept of sovereignty, Independence, formation, development, strengthening of Independence, national interests, concept of state sovereignty, protection of state independence, points of view, constitution, power, state power, independence of state power, supremacy of state power, statement (declaration), strategy, territorial division, normative legal acts

Мафҳуми соҳибихтиёрӣ, хусусият ва фаҳмишу мустаҳкам намудани он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳим, рузмара ва мубоҳисавӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ вазифаи ҳар як миллат ва шаҳрвандӣ ҶТ мебошад. Ҳамин аст, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон олимон, муҳаққиқон ва қаҳрамонҳое буданд, ки соҳибихтиёрии давлатӣ, забони давлатӣ ва дигар манфиатҳои миллиро ҳамеша ҳифз менамуданд. Бинобар ҳамин таърихи гузаштаи худро ҳамеша ёд кард ва бояд омӯхт, зеро Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ Тоҷикон дар оинаи таърих.

Аз Ориён то Сомониён таъкид менамояд, ки миллате, ки забон, тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашро қадр намекунад, ***пояҳои истиқлолияташро*** низ чандон дер пуштибонӣ карда наметавонад[60].

Қайд кардан зарур аст, ки дар асрҳои VIII-IX давлатҳои Тоҳириён, Сафориён ва Сомониён ба он муваффақ гаштанд, ки давлату фарҳанги миллиро эҳё намоянд. Фарзандони фарзонаи тоҷик дар васфи ватану ватандорӣ, Истиқлолияти миллию давлатӣ, дустдоштани миллату Ватан низ андешаҳои худро иброз намудаанд. Аммо баъд аз шикасти давлати Сомониён халқи тоҷик, давлати тоҷикон то тақсимоти воҳидҳои марзию маъмурӣ зери тобеи давлатҳои гуногун қарор гирифт.

Паз аз ташкил гардидани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС-СССР) барои сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ дар Осиёи Миёна, пеш аз ҳама ҳалли масъалаи миллӣ шароит фароҳам омад. Ҳалли масъалаи миллӣ бошад, тавре асосгузори ҳизби болшевикии Русия ва сарвари Ҳокимияти Шӯравӣ В.И. Ленин тавсия ва асоснок намуда буд, ин ба ҳамаи миллатҳои собиқ мазлуми империяи Русия додани ҳуқуқи худмуайянкунии миллӣ мебошад то ин ки онҳо озодона шакли давлатдории миллии худро бунёд намоянд[61].

Хулоса, то ташкилшавии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШСТ) мафҳумҳои соҳибихтиёрӣ, истиқлолият дар ягон санади меъёрӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон ҷой надошт, зеро халқи тоҷик зери тобеъияти давлатҳои дигар қарор дошта, салоҳияти қабули қонун ва ё ин ки санадҳои меъёрии ҳуқуқиро надошт. Аз ин рӯ, тақсимоти ҳудудии миллӣ ва ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Узбекистон санаи 14 октябри соли 1924 ба халқ ва миллати тоҷик имкон дод, ки қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро дар асоси қонунҳои ИҶШС (СССР) ва ҶШС Узбекистон қабул намояд. Яке аз ин қонунҳо Конститутсияи ҶМШСТ мебошад, ки 28 апрели соли 1929 қабул гардид. Боби 2-и Коститутсияи мазкур «Дар бораи ҳуқуқҳои соҳибихтиёронаи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» ном дошт. Дар он қайд мегардад, ки Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳокимияти худро мустақилона амалӣ менамояд. Айни замон ҳадди соҳибихтиёрии ҶМШСТ бо конститутсияҳои Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон (ҶШС Узбекистон), аз ҷумла бо салоҳияти ИҶШС ва ҶШС Узбекистон муайян мегардид. Ба ин нигоҳ накарда, дар қисми дигари боби мазкури Конститутсия таъкид мегардад, ки қаламрави Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон бе розигии онҳо тағйир ёфта наметавонад[62].

Аз ин меъёри ҳуқуқии зикршуда бармеояд, ки Тоҷикистони мухтор соҳибихтиёрии худро мустақилона амалӣ карда наметавонист. Зеро соҳибихтиёрӣ ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ маънои волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохил ва мустақил будани давлатро дар сатҳи байналмилалӣ ифода мекунад. Халқ ва миллати тоҷик фарҳанг ва таҷрибаи бойи давлату давлатдорӣ дошт. Аз ин рӯ, дар як муддати хеле кутоҳ, яъне дар солҳои 1924-1929 як қатор корҳои муҳимро ба анҷом расонида, ҶМШСТ-ро ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон табдил дод, ки ин кори осон набуд. Баъди аз ҶМШСТ ба ҶШСТ табдил ёфтан яке масъалаҳои муҳим ин қабули қонунҳои нав аз ҷумла Конститутсия буд. Он 25 феврали соли 1931 қабул мешавад. Акнун боби 2-и Конститутсияи соли 1931 аз боби 2-и Конститутсияи соли 1929 фарқ дошт. Боби 2-и Конститутсияи ҶШСТ «Ҳуқуқҳои соҳибихтиёронаи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» ном дошт. Дар он қайд мешавад, ки ҶШСТ бо ҳуқуқи баробари аъзогӣ ба Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ дохил шуда, ҳокимияти давлатии худро мустақилона дар доираи Конститутсияи Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ амалӣ менамояд. Дар қисми дуюми боби мазкур зикр мешавад, ки ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи аз Иттифоқ озодона баромаданро дорад[63].

---

*60 Эмомалӣ Раҳмон. – Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Д.2009. – С.11.*

*61 Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. – Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – С.373.*

*62 Гадоев Б.С. Маҷмӯаи Конститутсияҳои Тоҷикистон. – Д.2015. – С.34.*

*63 Гадоев Б.С. Маҷмӯаи Конститутсияҳои Тоҷикистон. – Д.2015. – С.95-96.*

Дар Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ бо дарназардошти тағйири сохти давлатӣ ва низоми идоракунӣ дар давраи аз соли 1924 то соли 1936 зарурияти қабули Конститутсияи нав эҳсос мегардад. Конститутсияи нави Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ соли 1936 қабул мешавад. Тиюқи Констиутсияи мазкур: «Соҳибихтиёрии республикаҳои иттифоқӣ танҳо дар доираи моддаи 14 Конститутсияи ИҶШС маҳдуд мешавад»[64]. Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон баъди қабули Конститутсияи ИҶШС дар навбати худ Конститутсияи навро якуми марти соли 1937 қабул мекунад. Дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон мафҳуми соҳибихтиёрӣ на дар боби алоҳида оид ба соҳибихтиёрӣ, балки танҳо дар қисми 3-и моддаи 13-и он зикр мешавад. Тибқи моддаи мазкур, ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии худро берун аз ҳудуди моддаи 14-и Конститутсияи ИҶШС пурра нигоҳ дошта, ҳокимияти давлатиро мустақилона амалӣ менамояд.

Бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи қонунгузорӣ соли 1978 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон қабул мешавад. Дар он меъёрҳои ҳуқуқии нав оид ба соҳибихтиёрӣ ифода карда мешаванд. Аз ҷумла, дар моддаи 68-и боби 7-уми Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон қайд мегардад, ки Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёри советии сотсиалистӣ мебошад. Аммо соҳибихтиёрии давлатӣ дар асоси моддаи 73-и Конститутсияи ИҶШС маҳдуд карда мешавад.

Ҳамин тариқ, аз соли 1929 то соли 1990 мафҳуми соҳибихтиёрӣ дар Конститутсияҳои ҶМШСТ ва ҶШСТ пай дар пай зикр шуда, айни замон бо меъёрҳои дахлдори Конститутсияи ИҶШС маҳдуд мегардид. Дар асл соҳибихтиёрӣ маънои онро дорад, ки давлат самтҳои асосии сиёсати дохилӣ (рушди мустақилонаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ) ва сиёсати хориҷии худро (робитаи мустақил бо давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ) озодона, мустақилона ва бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд. Аммо ин салоҳитро халқи тоҷик дар давраи шӯравӣ пурра соҳиб набуд.

Бунёди Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои тоҷикон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Бо эълони Истиқлолият, чуноне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, «Орзуи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт. Ин истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих буда, устувору пойдор нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад»[65].

Аз рӯзе, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёр гардид, зарурияти Конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва қонунӣ гардонидани дастовардҳои истиқлолият ба миён омад. Зеро, қонунҳои дигари мамлакат бояд дар асоси он омада ва қабул карда мешуданд. Барои омода намудани лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ аз ҷумлаи олимон, махсусан ҳуқуқшиносон, гурӯҳи корӣ ташкил карда шуд. Лоиҳаи омода намудаи ин гурӯҳ 13 апрели соли 1994, бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мӯҳлати то 15 июни ҳамон сол ба муҳокима гузошта шуд. Санаи 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар райпурсии умумихалқии мамлакат қабул карда шуд, ки мафҳум ва фаҳмиши истиллоҳи соҳибихтиёрӣ дар дебоча, моддҳои 1,6,7,10,11,43,46,100 ва дигар банду қисмҳои моддаҳои дахлдори Конститутсияи ҶТ зикр шудааст. Ин гувоҳи аҳамияти аввалиндараҷа доштани соҳибихтиёрӣ барои давлат мебошад. Аз ҷумла дар қисми аввали моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ибораи Ҷумҳурии Тоҷикистон «давлати соҳибихтиёр» омадааст[66]. Тибқи моддаи 100-и Конститутсияи ҶТ шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд. Ин муқарароти Конститутсия аз мустақилият ва соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад.

---

*64 Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик. – 5.12.1936. – М.15.*
*65 Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2009. - С.104.*
*66 Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2009.- 520 с.*

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва манфиатҳои миллӣ барои халқ ва миллати тоҷик арзишҳои волои миллӣ мебошанд. Таҳкими соҳибихтиёрии давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ вазифаи ҳар як шаҳрванд ва халқи тоҷик мебошад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид гардидааст, ки ояндаи даромуҳлати кишварамонро нигоҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адоати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум, бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол, шукуфон, аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ босубот ташкил медиҳад[67].

Акнун пас аз мустаҳкам намудани мафҳум ва фаҳмиши соҳибихтиёрӣ дар Конститутсияи ҶТ, олимону муҳаққиқон низ ба таҳлили мафҳум ва фаҳмиши соҳибихтиёрӣ машғул шуда, фикру андешаҳои худро оид ба арзиши соҳибихтиёрӣ, хусуситяҳо, таъриф, намудҳои соҳибихтиёрӣ ба монанди соҳибихтиёрии давлатӣ, миллӣ ва халқӣ иброз намудаанд. Дар ҳамаи мафҳумҳои илмии давлат соҳибихтиёрӣ ҳмамчун аломати давлат ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, профессор Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) мафҳумизеринро пешниҳод мекунад: «Давлат ташкилоти соҳибихтиёр, ҳудудӣ ва муташаккили ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки идоракунии ҷомеаро бо мақсади таъмини тартибот, назму субот ва рушди ҷомеа амалӣ мекунад[68].

Профессор Э.С. Насриддинзода ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, соҳибихтиёрии давлатро чун сарварии ба давлат хос дар ҳудуди худ ва мустақилият дар муносибатҳои байналмилалӣ маънидод менамояд[69].

А. Имомов соҳибихтиёрии давлат, соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии миллатро ҷудо намуда, менависад, ки миллати тоҷик «қисми таркибии халқи Тоҷикистон буда, дорои хусусиятҳои ба худ хос аст». Истиқлолияти давлатӣ ҷузъи соҳибихтиёрии давлатӣ (дар баробари ҳокимияти олии давлатӣ ва ваҳдати он) эътироф мешавад[70].

Шарифзода С.Ш. бештар ба масоили соҳибихтиёрӣ, Истиқлолияти давлатӣ ва дарку фаҳмиши он таҳқиқоти илмӣ анҷом медиҳад, ки оид ба мафҳум ва хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ андешаҳои худро иброз намудааст[71].

Соҳибихтиёрии давлат одатан бо нишонаҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла имконияти мустақилона муайян намудани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат муайян карда шуда, мустақилияти ҳокимияти давлатӣ танҳо бо арсаи байналмилалӣ маҳдуд карда мешавад. Ҳамзамон бо ин, профессор Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) мафҳуми соҳибихтиёрии давлатро бо ду хусусияти муҳимми ҳокимияти давлатӣ – волоият ва мустақилияти ҳокимият муайян намуда, таъкид мекунад, ки волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили кишвар, мустақилияти ҳокимият бошад, дар дохил ва хориҷи кишвар зоҳир мешавад[72].

Аз ин рӯ, соҳибихтиёрӣ муҳимтарин шарти баланд бардоштани мақоми сиёсию ҳуқуқӣ ва нишонаи ҷудонашавандаи ҳокимияти давлатдории воқеист. Академик Маҳмудзода М.А. дуруст қайд менамоянд, ки Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун дастоварди бузург ва воқеаи нодиру фараҳбахши таърихӣ барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар дар роҳи давлатсозиву давлатдории навин фазои мусоидро фароҳам овард[73]. Акнун Тоҷикистонро чун давлати соҳибихтиёр дорои забон, фарҳангу тамаддун, Парчам, Нишон,

---

*67 Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 декабри соли 2016, – №636. – С.12.*

*68 Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ.-Душанбе, 2018.– С. 152.*

*69 Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С.23.*

*70 Имомов А. Соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 1997. – №1. – С. 8-9.*

*71 Шарифзода С.Ш. – Мафҳуми соҳибихтиёрии давлат дар робита бо нуктаҳои назари гуногуни илм // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – №1 (41), 2021 январ – март. –С.5-9.*

*72 Сотиволдиев Р.Ш. Ас. иш. – С. 141.*

*73 Маҳмудзода М.А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо) – Душанбе, 2014. – 64.*

суруди миллӣ, Конститутсия, ҳудуди муайян ва ғ. ҷомеаи ҷаҳонӣ мешиносанд, эътироф мекунанд ва ташаббусҳои созандаи давлату ҳукумати моро амалӣ месозанд.


**Адабиёт:**

1. Гадоев Б.С. Маҷмӯаи Конститутсияҳои Тоҷикистон. – Д.2015. – 633.
2. Гарибян К.Э. Теоретические проблемы государственного суверенитета Российской Федерации // Дис…. Канд. юрид. наук. – Москва. 2003. – 187 с.
3. Имомов А. Соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 1997. – №1. – С. 8-9.
4. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 декабри соли 2016, №636. – С.12.
5. Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик. – 5.12.1936.
6. Маҳмудзода М.А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ (мачмӯи мақолаю маърӯзаҳо) – Душанбе, 2014. – 596с.
7. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 224с.
8. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. – Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – 644с.
9. Андриченко Л.В., Ильинский И.П., Крылов Б.С., Михалева Н.А., Сукало А.Е. – Проблемы суверенитета в Российской Федерации – М.: Республика, 1994. – 175с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. – Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2009. – 704с.
11. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ.-Душанбе, 2018.– 784 с.
12. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2009.-520с.
13. Холиқзода А.Г. Мафкраи миллӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021. – 588с.
14. Шарифзода С.Ш. – Мафҳуми соҳибихтиёрии давлат дар робита бо нуктаҳои назари гуногуни илм // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – №1 (41), 2021 январ – март. – С.5-9.



**Азимова Зебоҷон Муродалиевна**


## ИНКИШОФИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Азимова Зебоҷон Муродалиевна,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 887-76-02-02.*



**Фишурда:** Дар мақола инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, қайд мегардад, ки низоми ҳуқуқии ҳар як давлат хусусиятҳои миллӣ дошта, дар асоси қонунгузории миллии ҳар як давлат ташаккул меёбад.

Дар мақола робитаи низоми ҳуқуқӣ бо ҳаёти ҳуқуқӣ таҳлил гардида, қайд мегардад, ки низоми ҳуқуқӣ бо ҳаёти ҳуқуқӣ робитаи зич дорад. Ҳаёти ҳуқуқӣ-шакли ҳаёти ҷомеа мебошад, ки муносибати одамон ва коллективҳои онҳоро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқи ифода намуда, зимни қонеъ гардидани талабот ва манфиатҳои мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, шахсӣ ва дигари онҳо бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқи ташаккулу инкишоф меёбанд.



**Калидвожаҳо:** Низоми ҳуқуқӣ, ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ, ҳамгироии ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, меъёрҳои ҳуқуқ, амалияи судӣ, тартиботи ҳуқуқӣ;

# РАЗВИТИЕ ПРАВОВОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Азимова Зебоджон Муродалиевна,*** *кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.* ***Тел.:*** *(+992) 887-76-02-02.*

**Аннотация:** В статье анализируется развитие правовой системы Республики Таджикистан, отмечается, что правовая система каждого государства имеет национальные особенности и формируется на основе национального законодательства каждого государства. В статье анализируется взаимосвязь правовой системы и правовой жизни, при этом отмечается, что правовая система имеет тесную связь с правовой жизнью. Правовая жизнь – форма общественной жизни, выражающая отношение людей и их коллективов к правам и правовым явлениям, формирующаяся и развивающаяся при удовлетворении их различных экономических, социальных, личных и иных потребностей и интересов с использованием правовых средств.

**Ключевые слова**: правовая система, правовая глобализация, правовая интеграция, правовые принципы, легализация, правовые нормы, судебная практика, правопорядок.

# DEVELOPMENT OF THE LEGAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Azimova Zebojon Murodalievna,*** *Candidate of law sciences, Senior Lecturer of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University.* ***Phone:*** *(+992) 887-76-02-02.*

**Abstract:** The article analyzes the development of the legal system of the Republic of Tajikistan, it is noted that the legal system of each state has national characteristics and is formed on the basis of the national legislation of each state. In the article, the relationship between the legal system and the legal life is analyzed, while it is noted that the legal system has a close relationship with the legal life. Legal life is a form of social life that expresses the attitude of people and their collectives to rights and legal phenomena, which is formed and developed when satisfying their various economic, social, personal and other needs and interests using legal means.

**Keywords:** legal system, legal globalization, legal integration, legal principles, legalization, legal norms, judicial practice, legal order.

Низоми ҳуқуқии ҳар як давлат хусусиятҳои миллӣ дорад. Низоми ҳуқуқии миллӣ ё дохилидавлати дар иртибот бо шароитҳои гуногун инкишоф ва ташаккул меёбад. Низоми ҳуқуқи миллӣ барои манфиатҳои миллии давлат мусоидат мекунад. Чунончи, қабули қонунҳои миллӣ яке аз роҳҳои ҳимояи манфиатҳои миллӣ махсуб мешавад. Низоми ҳукуқии давлатҳо бо ҳамдигар робитаи ҳуқуқӣ доранд[74]. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ, ҳамгироии ҳуқуқӣ, қабули санадҳои намунавии қонунгузории давлатҳо бо дарназардошти талаботи умумии иттиҳодҳои байнидавлатӣ ва созмонҳои ҷаҳонӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ омилҳое мебошанд, ки ба робита ва наздикшавии низомҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.Аз ин сабаб, низоми ҳуқуқӣ хусусияти миллӣ доранд.[75]

Хусусияти низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ аз мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи сотсиалистӣ ва пасосотсиалистӣ бармеоянд. Низоми ҳукуқи маҷмӯи падидахои ҳукуқӣ мебошад. Воқеияти ҳукуқӣ маҷмӯи ҳамаи падидаҳои ҳуқуқӣ ва падидаҳои ғайриҳукуқие мебошанд, ки бо ҳуқуқ алоқа доранд. Ҳамчунин низоми ҳуқуқӣ бо давлат алоқа дорад.Давлат дар ташаккулу инкишофи унсурҳои зиёди низоми ҳукуқӣ, аз ҷумла

*74 Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2014. – С. 648.*
*75Марченко М.Н. Теория государства и права. – М., 2000. – С. 356.*

меъёрҳои ҳуқуқ, қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, амалияи судӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафтишотӣ ва диг., тартиботи ҳуқуқӣ ва ғ. саҳми муҳим дорад.[76]

Давлат ва маҷмӯи падидаҳои давлатӣ падидаҳои якҷоя низоми давлатиро ташкил медиҳанд. Низоми давлат ва низоми ҳуқуқӣ дар заминаи ягонагии давлат ва ҳуқуқ низоми давлати-ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Низоми давлатӣ-ҳуқуқӣ – маҷмӯи падидаҳои бо ҳам алоқамандии давлативу ҳуқуқӣ мебошад, ки ҷузъи воқеяти давлативу ҳуқуқӣ ва умуман, воқеияти ҷамъиятӣ буда, дар робита бо падидаҳои ҳаёти ҷомеа (иктисод, сиёсат, фарҳанг, ахлок, анъанаҳо ва ғ.) арзи ҳастӣ доранд.

Низоми ҳуқуқӣ бо ҳаёти ҳуқуқӣ робитаи зич дорад.Хаёти ҳуқуқӣ– шакли ҳаёти ҷомеа мебошад, ки муносибати одамон ва коллективҳои онҳоро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқи ифода намуда, зимни қонеъ гардидани талабот ва манфиатҳои мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, шахсӣ ва дигари онҳо бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқи ташаккулу инкишоф меёбанд.[77]

Дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ навъи нави низоми ҳуқуқӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Низоми ҳуқуқӣ дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ якчанд хусусиятҳо дорад: а) моҳият ва тамоили гуманитарӣ дошта, ба ғояи «арзиши иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш» такя мекунад; б) моҳият ва ҳадафҳои демократӣ дорад; в) аз тарзу усулҳои танзими диспозитивӣ, шартномавӣ, ҳавасмандкунӣ истифода мекунад;

Хамаи унсурҳои низоми ҳуқуқӣ робитаи зич дошта, низоми муташаккилонаро ташкил медиҳанд. Барои ифодаи муташаккилии ин унсурҳо мафҳуми «низоми ҳуқуқӣ» истифода мешавад.[78] Бештари унсурҳои низоми ҳуқуқӣ муташаккилона, дар робита бо фаъолияти иродавӣ ва мақсадноки одамон, дар рафти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, амалияи судӣ, тафтишотӣ ташаккул меёбад. Низоми ҳуқуқӣ бе илми ҳуқуқӣ, мафҳумҳо, ақидаҳо, назарияҳои илмӣ инкишоф ёфта наметавонад.

Инчунин низомҳои ҳуқуқ ва қонунгузории аъзои федератсия амал мекунанд. Режимҳои автократӣ, тоталитарӣ, демократӣ боиси ташаккулу инкишофи низомҳои ҳуқуқии навъи авторитарӣ, тоталитарӣ, демократӣ мегарданд.

Дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ нави низоми ҳуқукӣ ташаккул ва инкишоф медбад.[79] Низоми ҳуқуқӣ дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ хусусиятҳои зерин дорад: а) моҳият ва тамоили гуманитарӣ дошта, ба ғояи «арзиши иҷтимоии инсон ва ҳукуку озодиҳояш» такя мекунад; б) моҳият ва ҳадафҳои демократӣ дорад, барои инкишофи демократия, сохторҳои демократӣ, усулҳо ва шаклҳои фаъолияти демократӣ (интихобот, раъйпурсӣ қабули конун дар раъйпурсӣ, муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун ва ғ.) такя дорад; в) ба волоияти ҳукуқ ва қонун дар низоми ҳуқуқӣ асос меебад; ғ) принсипҳои демократии ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, фаъолияти мақомоти давлатӣ, амалияи судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ ва дигарро таъмин мекунад; д) таъмин ва тақвияти асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлат ва ҷомеаро ҳадафи асосии худ эълон мекунад; е) роҳҳои демократии ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқиро дар заминаи эътирофи халқ ба ҳайси сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ таъмин мекунад; ж) барои инкишофи муносибатҳои озоди иктисодӣ, ичтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва диг. мусоидат мекунад; з) аз тарзу усулҳои танзими диспозитивӣ, шартномавӣ, ҳавасмандкунӣ истифода мекунад; и) барои инкишофи озоди ҷомеаи шаҳрвандии ҳуқуқӣ, аз ҷумла вусъати фаъолнокии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ-фарҳангӣ ва дигари одамон шароити мусоид фароҳам месозад.[80]

Низоми ҳуқуқӣ бо ҳаёти ҳуқуқӣ робитаи зич дорад. Ҳаёти ҳуқуқӣ – шакли ҳаёти ҷомеа мебошад, ки муносибати одамон ва коллективҳои онҳоро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ифода намуда, зимни конеъ гардидани талабот ва манфиатҳои мухталифи иқтисодӣ,

---

*76 Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник. – М.: Юрист, 2004. – С. 152.*
*77 Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе. 2018. – С. 669.*
*78Матузов Н.И. Актуальные проблемы российской прававой политики / правовидение.1997. – №4*
*79 Рене Давид. Основные правовые системы современности 2007.С.110*
*80 Бережнов А.Г.Воротилин Е.А.КененовА.А. Теория государства и права: учебник для вузов Москва 2004.*

иҷтимоӣ, шахсӣ ва дигари онҳо бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ ташаккулу инкишоф меёбанд. Ҳаёти ҳуқукӣ хусусиятҳои зерин дорад: а) як намуди ҳаёти ҷомеа буда, бо ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва диг. робита дорад[81]; б) ҳаёти ҳуқуқӣ дар таносуб аз ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва диг, аз намудҳои гуногуни фаъолияти одамон, мақомот, ташкилотҳо, колективҳо, ки бо максади қонеъ гардонидани талаботу манфиатҳо тавассути воситаҳо ҳуқуқ анҷом дода мешаванд, иборат аст; в) ҳаёти ҳуқуқӣ шакли ҳастии ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа, шакли инъикоси воқеяти ҳуқуқӣ буда, дар иртибот бо падидаҳои воқеии ҳуқуқӣ инкишоф меёбад, сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеаро муайян мекунад. Мафҳумҳои «низоми ҳуқуқӣ» ва «ҳаёти ҳуқуқӣ» бо дарназардошти омилҳои зерин аз ҳамдигар фарқ доранд:

Низоми ҳуқуқӣ аз унсурҳои таркибии бо ҳам алоқаманд иборат аст, ки ягонагӣ, умумият ва муташаккилии онро таъмин мекунанд. Унсурҳои низоми ҳуқуқӣ зиёд ва гуногун буда, бо мақсади омӯзиши онҳо ба таври зайл гуруҳбандӣ мешаванд[82]:

1.Ҳуқуқ. Ҳамаи шаклҳои ифода ва бавуҷудоии ҳуқуқ – меъёрхои ҳуқуқ, присипҳои ҳуқуқ, мафҳумҳои ҳуқуқӣ, санадхои меъёрии ҳуқуқӣ, одатҳои ҳуқуқӣ, амсоли судӣ, шартномаи меъёрӣ, назарияи илмии ҳукуқӣ унсурҳои таркибии низоми ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳамчунин ҳукуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз он ҷумла ҳуқуқҳои фитрии инсон, талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ (адолат, озодӣ ва диг.), ки дар ҳукуқ инъикос меёбанд, унсурҳои низоми ҳуқуқӣ маҳсуб мешаванд[83].

2.Ҳуқуқ унсури марказӣ, заминавӣ ва муайянсозандаи низоми ҳуқуқӣ мебошад. Низоми воситаҳо ва падидаҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти нақши марказии ҳуқуқ, муайянсозанада будани он «ҳуқуқӣ» номида мешавад. Аз ин хотир, истилоҳи «низоми ҳуқуқӣ» истифода мешавад. Ҳамаи унсурҳои низоми ҳукуқ дар иртибот бо ҳуқук ташаккул меёбанд, ба амали гаштани арзишҳо ва талаботи ҳуқуқ мусоидат мекунад, сифати ҳаёти ҳуқукиро таъмин менамоянд.

Якҷоя бо инкишофи ҳуқуқии чомеа низоми ҳуқуқи низ такмил меёбад. Дар робита бо тағйир ёфтани ҳадафҳо, функсияҳо ва моҳияти ҳуқуқ, нақши тамоми унсурҳои низоми ҳуқуқӣ (меъёрҳои ҳуқуқ, санадҳои меъёрӣ, амалияи судӣ ва ғ.) дигаргун мешавад. Дар шароити ташаккулу рушди давлати хукукбунед ва ҷомеаи шахрвандӣ низоми ҳуқуқӣ ифодасозандаи арзишҳои умумиинсонӣ буда, барои манфиатҳои инсон хизмат мекунад, ба рушди ҷомеа тавассути танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва диг. мусодиат мекунад, асосҳои ҳуқуқэҷодкукии ҳаёти давлатиро таъмин менамояд[84].

3.Унсурҳои илмӣ-ҳуқуқӣ. Илми ҳуқуқшиносӣ, мафҳумҳо ва категорияҳои илмӣ, ақидаҳо, ғояҳо, донишҳо, назарияҳои илм унсури муҳими низоми ҳуқуқӣ мебошанд. Навъи низоми ҳуқуқӣ бо навъҳои фаҳмиши ҳуқук, назарияҳои муайяни илмӣ-ҳуқуқӣ, мафҳуми ҳуқук, донишҳои ҳукуқӣ муайян карда мешавад. Чунончӣ, дар низомҳои ҳуқуқии англисӣ ва романӣ-олмонӣ мафҳумҳои гуногуни қонун, меъёри ҳуқук, одатҳои ҳуқуқӣ, амсоли судӣ истифода мешаванд. Низоми ҳуқуқи исломӣ бо мафҳумҳои илмӣ-назариявӣ, мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ, амалия ҳуқуқӣ ва ғ. аз дигар низомҳои ҳуқуқӣ фарк мекунад. Низоми таҳсилоти ҳуқуқӣ дар Британияи Кабир, Хитой, Россия ва давахои дигар хусусиятҳои хос дорад[85]. Агар дар низоми ҳуқуқи романиву олмонӣ мафҳуми «одати ҳуқуқӣ» истифода шавад, пас дар ҳуқуқи Англия манфиатҳои шахси ғайри қобили амал дар ҳуқуқи романӣ-олмонӣ мафҳуми «намояндагӣ», вале дар Англия мафҳуми «траст» истифода мешаванд. Аммо як қатор мафҳумҳо, ақидаҳо, назарияҳои илмӣ, аз қабили ҳуқуқҳои фитрӣ, озодии

*81 Лазарев В.В., Кипен С. В. Теория государства и права Москва. 1998 С. 125*

*82 Ниг.: Рене Давид Основные правовые системы современности 2007.С. 89*

*83Ниг. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе. – 2014. С.648*

*84 Ниг.: – Малько А.В., Гайворонская Я.В. Теория правовых актов: необходимость и пути создания. – Государство и право. – 2012. – С. 152; Матузов Н.И. Теория государства и права. Курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2012. – С. 287.*

*85 Любяшиц В.Я., Мордовцев А.Ю., Мамычев А.Ю., Теория государства и права. Учебное пособия Москва 2017.С .324-337*

инсон, дахлнопазирии шахс, давлати ҳуқуқбунед ва диг. аҳамияти арзиши дошта, аз тарафи аҳли ҷомеаи ҷахон пазируфта шудаанд. Онҳо дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ этироф шуда, ба ҳайси арзишҳои илмии пазируфтаи ҷомеаи ҷахон унсури таркибии низоми ҳуқуқии давлатҳои ҷудогона маҳсуб мешаванд. Этироф, риоя ва ҳифзи ин арзишҳои инсонӣ нишонаи моҳияти гуманитарӣ ва демократӣ доштани низоми ҳуқуқӣ мебощад.

4.Қонунгузорӣ. Дар ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ саҳми муҳим доранд. Тавассути онҳо танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, амалишавии ҳуқуқу озодиҳо, амали ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқ ва тафсири ҳуқуқ сурат мегиранд, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъмин мешаванд. Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойи муҳимро Конститутсия соҳиб аст. Конститутсия чун санади меёрии ҳуқуқӣ, ба ҳайси ҳуҷҷати таъсисӣ ва барномавӣ дар давраи дигаргуниҳои куллӣ қабул шуда, ба марҳилаи нави таърихӣ оғоз мебахшад. Конститутсия манбаи ҳуқуқӣ ва сиёсии ташаккулу инкишофи низоми ҳуқуқӣ мебошад. Қонунҳо, кодексҳо, фармонҳои Президент, қарорҳои ҳукумат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ дар ташаккул ва инкишфи низоми ҳуқуқӣ саҳми арзанда доранд. Низоми қонунгузорӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, техникаи ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ, иттиллооти ҳуқуқӣ, самтҳои инкишофи қонунгузорӣ, дурнамои рушди он ба инкишофи низоми ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд[86]. Аз онхо сатҳи инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва сифати ҳаёти ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад.

5.Субъектони фардӣ ва коллективӣ. Эҷоди ҳуқуқ ва амалишавии он бе инсон имконнопазиранд. Аз ин нуқтаи назар, инсон дар низоми ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад. Инсон соҳиби ҳуқуқу озодиҳо буда, онҳоро бевосита амалӣ мекунад, ба ҳайси шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ дар амалисозии ҳуқуқ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва намудҳои дигари фаъолияти ҳуқуқӣ иштирок мекунад, чун шахси воқеӣ субъекти муносибатҳои ҳуқуқи мебошад, якҷоя бо дигарон ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамьятиро созмон медиҳад. Ҳамчунин субъектони коллективӣ, аз қабили мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо дар амалисозии ҳуқуқ ширкат меварзанд[87]. Давлат, макомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ субьектони мунсибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд.

Хулоса, инсон дар алоҳидагӣ якҷоя бо дигарон, чун аъзои иттиҳодҳои гуногун дар амалисозии ҳуқуқ иштирок мекунад.

Ҳуқуқ танҳо дар ҷомеаи муташаккил, дар шароити интизом, қонуният, тартиботи ҳуқуқ амали мешаванд. Интизом, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ барои амалӣ гардидани ҳуқуқ, татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амали ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ, амалияи ҳуқуқӣ фазои мусоид фароҳам меоранд. Дар ҳолати номуташаккилӣ, бенизомӣ, сатҳи баланди ҷинояткорӣ, низоъҳои мухталиф раванди амалӣ гаштани ҳуқуқҳои инсон, талаботу нишондоди ҳуқуқ халалдор мегардад. Барои ҳамин унсурҳои ниҳойҳуқуқӣ, аз қабили амали ҳуқуқӣ, интизом, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва ғ. самаранокии амали низоми ҳуқуқиро таъмин мекунанд, ҷойи муҳим, аз ҷумла таъминсозӣ, кафолатбахширо соҳибанд. Ҳамзамон амали ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ, муташаккилӣ, устуворӣ, конуният, тартиботи ҳуқуқӣ барои фаъолияти низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва диг., давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар иҷрои ин функсияи низоми ҳуқуқӣ сиёсати ҳуқуқӣ, алалхусус ҳадафҳои стратегии он нақши ҳалкунанда доранд.

**Адабиёт:**

1. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе. -2014. – С. 648.
2. Марченко М.Н. Теория государства и права. – М., 2000. С.356.
3. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник Юрист 2004. – С. 152
4. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе. – 2018. – С. 669

*86 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2017.*
*87 Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 75*

5. Матузов Н. И. Актуальные проблемы российскойправавой политики/ правовидение.1997. №4
6. Рене Давид Основные правовые системы современности. – 2007. – С.110
7. Бережнов А.Г.Воротилин Е.А.КененовА.А. Теория государства и права: учебник для вузов Москва 2004.
8. Лазарев В.В., Кипен С.В. Теория государства и права Москва. – 1998. – С. 125
9. Рене Давид Основные правовые системы современности. – 2007. –С. 89.
10. Ниг. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе. -2014. С. 648.
11. Ниг.: – Малько А.В., Гайворонская Я.В. Теория правовых актов: необходимость и пути создания. – Государство и право. – 2012. – С. 152.
12. Матузов Н.И. Теория государства и права. Курс лекций / под ред. Н.И.
13. Матузова и А.В. Малько. – М., 2012. – С. 287.
14. Любяшиц В.Я., Мордовцев А.Ю., Мамычев А.Ю., Теория государства и права. Учебное пособия Москва 2017.С.324-337.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017.
16. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 75.


**Зарифзода Шоҳрух**

## ТАШАББУСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР СОҲАИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

***Зарифзода Шоҳрух,*** *унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Тел.:*** *(+992) 900-22-00-00.* ***E-mail:*** *shohruh.zarifov@mai.ru.*

**Фишурда.** Дар мақола нақши ҳалкунандаи ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ таҳқиқ мешавад. Роҳҳои пешниҳоди ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, нақши паёмҳо ва суханрониҳои Сарвари давлат ҳамчун шакли ифодаи ташаббусҳои қонунгузорӣ омӯхта мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, ки бо ташаббуси Сарвари давлат қабул шудаанд, дода мешавад.

**Вожаҳои калидӣ**: ташаббус, ташаббуси қонунгузорӣ, паём, маърифат, маърифати ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, масъулият, шуури ҳуқуқӣ. фарҳанги ҳуқуқӣ.

## ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В СФЕРЕ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ

***Зарифзода Шоҳрух,*** *соискателкафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.* ***Тел.:*** *(+992) 900-22-00-00.* ***E-mail:*** *shohruh.zarifov@mai.ru.*

**Аннотация.** В статье анализируется роли законодательных инициатив Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в сфере правового просвещения. Изучаются формы изложения занимательных инициатив Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, значение посланий и речей Главы государства как формы законодательных инициатив. Основное внимание уделяется государственным программ в сфере правового воспитания и обучения, которые приняты по инициативе Главы государства.

**Ключевые слова**: инициатива, законодательная инициатива, послание, просвещение, правовое просвещение, правовое обучение, правовое воспитание, ответственность, правосознание, правовая культура.

## LEGISLATIVE INITIATIVES OF THE LEADER TO NATIONS EMOMALI RAHMON IN SPHERE OF THE LEGAL ENLIGHTENMENT

***Zarifzjda Shohrukh,*** *competitor of the pulpit to theories and histories state and right of the law school of the Tadzhik national university.* ***Тел.:*** *(+992) 900-22-00-00.* ***E-mail:*** *shohruh.zarifov@mai.ru.*

**The Abstract**. In article is analysed dug the legislative initiatives of the President of the Republic Tadzhikistan Emomali Rahmon in sphere of the legal enlightenment. They Are Studied forms of the interpretation legislative initiatives of the President of the Republic Tadzhikistan Emomali Rahmon, importance of the messages and speeches Chapters state as the forms of the legislative initiatives. The Main attention is spared state programs in sphere of the legal education and education, which are accepted on the initiative Chapters state.

**The Keywords**: initiative, legislative initiative, message, enlightenment, legal enlightenment, legal education, legal education, responsiblity, legal consciousness, legal culture.

Ташаббусҳои қонунгузории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар такмилу инкишофи қонунгузорӣ, идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, роҳандозии ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳким ва ҳимояи музаффариятҳои истиқлолияти давлатӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат дар бахши таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ, танзими низоми бонкӣ, амалӣ гаштани сиёсати андозу молия бағоят калон аст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди илм, маориф ва фарҳанг, тақвият бахшидан ба ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории хеш мунтазам истифода мебаранд. Ин ташаббусҳои Сарвари давлат барои болоравии маърифати ҳуқуқии аҳлӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Ташаббуси қонунгузорӣ дар ду шакли пешбининамудаи қонун амалӣ мешавад: якум, дар шакли ба мақоми қонунгузор расман пешниҳод намудани лоиҳаи қонун, дуввум, бо истифода аз салоҳияти пешкаши таклифи қонунгузорӣ, яъне масъалагузорӣ дар хусуси зарурати қабули қонун. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо салояти ӯ, ки дар моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гаштаанд, муайян мешавад. Тибқи моддаи мазкур, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад[88].

Таклифҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бештар дар шакли Паёмҳои сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Дар ҳар як Паёми сарввари давлат ин ё он таклифи қонунгузорӣ пешниҳод мешавад. Аз ин рӯ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави амалӣ гашатни ташабусҳои қонунгузории сарвари давлат маҳсуб мешавад. Аз ҷумла дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2024 ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи

[88] *Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Монография / Маҳмудзода М.А.. Шарофзода Р.Ш. – Душанбе, 2021. –С.24-27.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид[89]. Ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба амалӣ гардидани чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, илмӣ, иҷтимоӣ дар самти ташаккул ва рушди низоми устувори маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Ҳоло дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҷрибаи ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гаштани лоиҳаи қонунҳои муҳимтарин, ки зимни ташаббусҳои қонунгузории Сарвари давлат таҳия мешаванд, ба ҳукми анъана дорамадааст. Муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонунҳои муҳимтариин, ки бо ташаббуси Сарвари давлат сурат мегирад, таҷрибаи нодир дар таърихи давлатдории тоҷикон маҳсуб мешавад. Ин таҷрибаи бағоят муҳим собит менамояд, ки муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонунҳои муҳим ва баррасии пешакии онҳо бо иштироки намояндагони аҳли ҷомеа барои баланд шудани фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон, ҷалби бевоситаи онҳо ба фаъолияти қонунгузорӣ аҳамияти ҳаётан муҳим дорад.

Бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат ва ҳукумат Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таҳия ва қабул шуданд. Қонунҳои мазкур анъанаҳои аҷдодӣ ва меъёрҳои таърихан ташаккулёфтаи халқи тоҷикро дар бобати гузаронидани ҷашну маросимҳои мардумӣ, тарбия ва таълими фарзанд инъикос намуда, дар танзими ҷашну маросимҳо дар шароити таъсири бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, сарфакорӣ, истифодаи оқилонаи маблағ ва пасандозҳо, инчунин тарбия ва таълими кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ, анъанаҳои фарҳангӣ, худшиносии миллӣ, ваандӯстӣ, хештаншиносӣ нақши муҳим доранд. Қонунҳои зикршуда дар боло рафтани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон саҳми муҳим мегузоранд.

Дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2024 ба тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, кумитаҳои кор бо ҷавонон, дин, иттиҳодияҳои динӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ супориш дода мешавад, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар тарзу усулҳои муассири пешгирӣ кардани ифротгароӣ, хурофотпарастӣ ва вайронкунии маҳдудиятҳои бо қонун муқарраршударо роҳандозӣ карда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон тадбирҳои муассир андешанд[90].

Тавре маълум аст, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ яке аз роҳҳои асосии боло бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мебошад[91]. Дар ҳамаи паёмҳои сарвари давлат ба рушди соҳаи маориф, ки самти афзалиятноки сиёсати давлат эълон шудааст, таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мешавад.

Ташаббусҳои Сарвари давлат дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ мунтазам пешниҳод мешаванд. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008 таъкид намуданд: «… рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ во-

---

[89] *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат 4.03.2024).*

[90] *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2024: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32921 (санаи муроҷиат 4.03.2024).*

[91] *Ниг.: Адаева О.В., Картыгин Н.С. Значение правового просвещения в правовоспитательном процессе как средства борьбы с правовым нигилизмом // Вопросы современной юриспруденции. – 2-16. – № 6 (57). – С. 107-111; Рыбаков О. Ю. Формы реализации правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. — 2003. — № 2. — С. 14. – С. 5—14.*

бастагии зиёд дорад»[92]. Аз ин рӯ, сарвари давлат дар назди олимони ҳуқуқшиноси мамлакат вазифа мегузоранд, ки то ҷашни 15-солагии қабули ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намоянд. Ҳамчунин, барои беҳтар ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ таклиф пешниҳод мешавад, ки барномаи дарозмуддат ва мукаммали тарбияи ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шавад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, таҳти № 253 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» ҳамчун барномаи муҳими дарозмуддат қабул гардид. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ шуда, яке аз мақсадҳои онро баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ташкил медиҳад.

Дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва дигар амалӣ карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои мазку бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қабул шудаанд. Онҳо дар боло рафтани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши ҳалкунанда доранд.

**Адабиёт**


1. Адаева О.В., Картыгин Н.С. Значение правового просвещения в правовоспитательном процессе как средства борьбы с правовым нигилизмом // Вопросы современной юриспруденции. – 2-16. – № 6 (57). – С. 107-111.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат 4.03.2024).
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 апрели соли 2008: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат 4.03.2024).
4. Рыбаков О. Ю. Формы реализации правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. — 2003. — № 2. — С. 5—14.
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2024: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32921 (санаи муроҷиат 4.03.2024).
6. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Монография / Маҳмудзода М.А.. Шарофзода Р.Ш. – Душанбе, 2021. – С. 24-27.


[9292] *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 апрели соли 2008: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ:* http://www.president.tj/node/32191 *(санаи муроҷиат 4.03.2024).*

# БОБИ II.
# БАХШИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

**Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло, Ғаюрзода Баҳрулло Шукрулло**

## КОДЕКСИ МАДАНӢ ВА САМТҲОИ НАВИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

***Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло,*** *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Phone:*** *(+992) 935-10-38-622.* ***E-mail:*** *shukrullo67@mail.ru.*

***Ғаюрзода Баҳрулло Шукрулло,*** *Мушовири калони Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.* ***Phone:*** *(+992) 935-10-38-622.* ***E-mail:*** *shukrullo67@mail.ru.*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур муаллифон сабабҳои таҳия ва қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудаанд. Муаллифон ба нақши тамаддунсозӣ ин қонун боварӣ доранд. Ба андешаи онҳо навгонии ин қонун барои такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти иштирокдорони он мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** давлат, ҳуқуқ, сиёсати ҳуқуқӣ, Президент, ташаббуси қонунгузорӣ, ҳуқуқи маданӣ, унификатсия, гармонизатсия, фазои ягонаи ҳуқуқӣ, илм, ҳуқуқ, уҳдадорӣ, мутобиқ, қоидаҳои байналмилалӣ, ҷомеаи маданӣ, забон, парлумон, интишор, инсон.

## ГРАЖДАНСКИЙ КОДЕКС И НОВЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

***Гаюрзода Шукрулло Кароматулло,*** *доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета.* ***Тел.:*** *(+992) 935-10-38-62.* ***E-mail:*** *shukrullo67@mail.ru*

***Гаюрзода Баҳрулло Шукрулло,*** *Старший советник Комиссии по контролю Регламента и организации работ Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан (парламент страны)* ***Phone:*** *(+992) 935-10-38-622* ***E-mail:*** *shukrullo67@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье авторы анализируют причины, обуславливающие разработку и принятия нового Гражданского кодекса Республики Таджикистан. Авторы убеждены в прогрессивной роли этого закона. По их мнению, новизна этого закона будет способствовать совершенствованию правового регулирования имущественных и лично неимущественных отношений, основанных на равноправия, автономии воли и самостоятельности его участников.

**Ключевые слова:** государство, право, правовая политика, Президент, законодательная инициатива, гражданское право, унификация, гармонизация, единое правовое пространство, наука, права, обязанности, соответствие, международные правила, цивилизованное общество, язык, парламент, опубликование, человек.

## CIVIL CODE AND NEW DIRECTIONS OF LEGAL REGULATION

***Gayurzoda Shukrullo Karomatullo,*** *Doctor of Law sciencec, Professor, Head of the Department of Civil Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 935-10-38-622* ***E-mail:*** *shukrullo67@mail.ru*

***Gayurzoda Bahrullo Shukrullo,*** *Senior adviser to the Commission for the control of the Regulations and organization of work Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan (parliament of the country)* ***Phone:*** *(+992) 935-10-38-622* ***E-mail:*** *shukrullo67@mail.ru*

**Annotation:** In this article, the authors analyze the reasons for the development and adoption of the new Civil Code of the Republic of Tajikistan. The authors are convinced of the progressive role of this law. In their opinion, the novelty of this law will contribute to the improvement of the legal regulation of property and personal non-property relations based on equality, autonomy of will and independence of its participants.

**Keywords:** state, law, legal policy, President, legislative initiative, civil law, unification, harmonization, common legal space, science, rights, obligations, compliance, international rules, civilized society, language, parliament, publication, person.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ), Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар оид ба сиёсати дохилӣ ва беруна аз 24-уми апрели соли соли 2013 оид ба таҳрири нави Кодекси граждании ҶТ изҳори ақида карда намуд,[93] ки асосҳои илмӣ ва амалӣ дошта, таъсири объективонаи омилҳои зерин мебошанд:

– раванди босуръати инкишофи ҳуқуқҳои мадании инсон ва иттиҳодияҳои он, васеъ гардидани мавзӯи танзими ҳуқуқи маданӣ, бинобар аз истифодаи бештари хизматрасониҳои зеҳнӣ ва эҳтиёҷоти бештари ҳифзи дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ;

– рушди соҳибкорӣ, муносибатҳои корпоративӣ, иттилоотӣ, сармоявӣ ва истифодаи бештари механизми худтанзимкунӣ, нуфуз ва функсияҳои нав пайдо намудани шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, бахусус дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва сохтмони асосӣ;

– иштироки фаъоли давлат, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ;

– истифода нашудани тавонои забони давлатӣ дар матни меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ба забони илми ҳуқуқшиносӣ табдил додани он, ба ҳам мутобиқ набудани матни тоҷикӣ ва русии кодекси номбурда, ҷой доштани номутобиқатии дохилии қонунгузории маданӣ ва масъалаҳои наве, ки аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба вуҷуд омаданд.

Ҳуқуқи маданӣ яке аз соҳаҳои қадимаи ҳуқуқшиносӣ буда, Кодекси мадании ҶТ[94] – қонуни асосии танзими муносибатҳои муҳими ҳаёти хусусӣ (танзими муносибатҳои молу мулкӣ, муносибатҳои корпоративӣ, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ, муносибатҳои соҳибкорӣ ва дигар муносибатҳои ба баробарӣ ва мухторияти ирода асосёфта) мебошад.

Ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои асосӣ ва ҳаррӯзаи ҳар як узви ҷомеа – шаҳрвандон ва ташкилотҳо, вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муомилоти маданӣ, бавуҷудоӣ ва баамалбарории ҳуқуқҳои моликият ва ҳуқуқи дигари ашёӣ, ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳниро муқаррар намуда, уҳдадориҳои шартномавӣ ва уҳдадориҳои дигар, инчунин муносибатҳои дигари молу мулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии марбут ба онҳоро, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молу мулкии иштирокчиёнаш асос ёфтааст, танзим менамояд.

Ҳатто то таваллуди инсон, ҳуқуқи маданӣ ҳифзи манфиатҳои имконпазири ӯро ҳангоми меросгузорӣ, муқаррар менамояд. Аз лаҳзаи таваллуд шаҳрванд номи худро ба даст меорад ва иштирокчии муносибатҳои маданӣ мегардад. Ташкилот ҳангоми таъсисёбии худ номи муайяни худро ба даст меорад ва ҳуқуқи иштирокчии муносибатҳои муайяни маданӣ гардиданро пайдо мекунад. Тааллуқ доштани ашё ба шаҳрвандон ва шахсони

---

*93Ниг.: Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 24. 04 соли 2013 [Захираи рақамӣ] // www. president. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)*

*94Ниг.: Кодекси мадании ҶТ. Қисми 1. Аз 24–уми декабри соли 2022, – №1918 // Ахбори Маҷлиси Оли ҶТ, 2022.– №12.- Қисми 1 – 2.*

ҳуқуқӣ тибқи ҳуқуқи маданӣ ба танзим дароварда мешавад. Нест ягон муносибате, ки дар он унсури муайяни ҳуқуқи маданӣ ҷой надошта бошад.

Ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои молу мулкиро танзим менамояд, ки бидуни он инсоният наметавонад вуҷуд дошта бошад. Ба ин ҷо шахсони баамалбарорандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ё бо иштироки онҳо дохил мегардад, ки чунин фаъолият ба таваккали худ амалӣ гардида, аз ҷониби шахсони бо тартиби муайяннамудаи қонун бақайдгирифташуда, баҳри бадастории фоидаи мунтазам тавассути иҷрои кор, мол, хизматрасонӣ ва фурӯши мол амалӣ карда мешавад.

Дар ҳуқуқи маданӣ соҳибкор яке аз субъектон буда, мавзуъ ва ҳадафи фаъолияти он мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат муқаррар шудааст. Кодекси мазкур ва дигар меъёрҳои танзими ҳуқуқи маданӣ ҷиҳатҳои асосии иштироки соҳибкорро дар муомилоти маданӣ пурра танзим менамоянд.

Айни ҳол имкониятҳои зиёд баҳри васеъ гардонидани соҳаи амали ҳуқуқи маданӣ тавассути такмили қонунгузории маданӣ анҷом дода шуда истодааст.

Солҳои охир баробари босуръат инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бахши ҳуқуқи хусусӣ, таҳлили предмети ҳуқуқи маданӣ ва номгӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар дохили он баҳснок гардида истодааст. Инкишофи босуръати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, қонунгузорро водор месозад, ки бо назардошти вазъи муайяни давлат меъёрҳои қонунҳоро такмил диҳад.

Ҳуқуқи маданӣ асоси танзими ҳуқуқи хусусӣ буда, ки доираи васеи падидаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии ба худ хосро муттаҳид менамояд.

Заминаи рушди ҳуқуқи маданӣ илм – донишҳо ва доираи муайяни муҳаққиқоне мебошанд, ки ҳақиқати озодӣ ва баробариро меомӯзанд, ташвиқоту ҳимоя менамоянд, шогирд тарбия мекунанд ва барои ҷаҳонбинии либералӣ саҳм мегузоранд. Бо баракати истиқлолияти давлатии ҶТ дар илми ҳуқуқи маданӣ мактабҳои зиёди илмӣ ба вуҷуд омаданд. Дар таносуб ба дигар соҳаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар омода намудани кадрҳои илмӣ нақши нақши сивилистикаи тоҷик бузург аст.

Илми ҳуқуқи маданӣ яке аз илмҳои асосии ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад ва истилоҳи ҳуқуқи маданӣ яке аз музаффариятҳои асосии ҷаҳонбинии ҳуқуқии башар мебошад. Зеро ибораи «ҳуқуқи маданӣ» ҳанӯз аз замони Рими қадим дар ҳуқуқшиносӣ маълум буд. Вай аз калимаи лотинӣ «jus civil» «ҳуқуқи маданӣ», «ҳуқуқи маданӣ» гирифта шудааст.[95] Ҳамон вақт зери ин мафҳум ҳуқуқи шаҳрвандони Рим фаҳмида мешуд. Ҳарчанд, ки мазмуни вай бо тағйир ёфтани ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданиии ин ё он сохти ҷамъиятӣ дигаргун шуда бошад ҳам, айни ҳол ҳамаи низоми ҳуқуқи ҳозиразамон онро истифода мебаранд.

Илми ҳозираи ҳуқуқи маданӣ сермаъноии ибораи «ҳуқуқи мадани» -ро қайд менамояд, зеро дар зери ибораи «ҳуқуқи маданӣ» бисёр вақт мафҳумҳои гуногун, вале бо ҳам алоқамандро ифода менамояд.

Пеш аз ҳама, мафҳуми «ҳуқуқи маданӣ» маънои соҳаи мутақили илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва соҳаи мустақили ҳуқуқро дорад. Илми ҳуқуқи маданӣ аз низоми мунтазами ақидаҳои назариявӣ, ғояҳо, хулоса ва муҳокимаронӣҳо оид ба зуҳуроти ҳуқуқи маданӣ ва донишҳо нисбати онҳо мебошад. Вале илм аз маҷмӯи донишҳои шахшуда иборат нест. Бинобар ҳамин, ба монанди илмҳои дигар, илми ҳуқуқи маданӣ доимо дар инкишоф буда, рафти тараққиёти ҷамъиятиро ифода менамояд. Барои ҳамин ҳам фақат алоқаи бевоситаи илм бо амалия, ҳаёт метавонад илмро ба воситаи прогресси ҷамъиятӣ табдил диҳад.

Сониян, дар зери мафҳуми «ҳуқуқи маданӣ» яке аз соҳаҳои ҳуқуқшиносиро мефаҳманд, яъне низоми меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятии намуди муайянро ба

*95Ниг.: Маҳмудов М. А., Менглиев Ш. М. Ҳуқуқи хусусии румӣ: васоити таълимӣ. – Душанбе: ЭР–граф, 2013. – С. 31.*

танзим медарорад. Ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои молумулкӣ ва баъзе муносибатҳои ғайримолумулкӣ ба танзим мешаванд, ки иштирокчиёни он, ҳамчун қоида, мустақил ва соҳибихтиёр мебошанд.

Аз истилоҳи «ҳуқуқи маданӣ» ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ, истилоҳи қонунгузории маданӣ бояд фарқ карда шавад. Онҳо бо ҳам алоқаманд, вале ҳаммаъно нестанд. Ибораи «қонунгузории маданӣ» низоми қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ мустаҳкам карда мешаванд.

Ибораи «ҳуқуқи маданӣ» фанни таълимӣ, курси ҳуқуқи маданиро дар бар мегирад, яъне низоми донишҳо, маълумот оид ба зуҳуроти ҳуқуқи маданӣ. Фанни таълими будани ҳуқуқи маданӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар низоми таҳсилоти олии ҳуқуқшиносии Ғарб (ба хусус, дар Донишгоҳи Бремени Олмон) соатҳои таълимии ин фан мувофиқ ба мавзӯҳои асосии барномаи таълимии ҳуқуқи маданӣ буда, аксарияти донишҷӯён ихтисоси ҳуқуқи маданиро интихоб мекунанд. Сабаби чунин муносибат дар он аст, ки ҳуқуқшиносони ҷавон бештар завқи касбу кори озодро доранд (кори ташхиси ҳуқуқӣ, кори илмӣ, кори омӯзгорӣ, адвокатура, аудити ҳуқуқӣ, судҳои ҳакамӣ, машварати ҳуқуқӣ ва ғайра.). Мутаассифона чунин муносибат дар ҷомеаи муосири донишҷӯёни ҳуқуқшиноси Тоҷикистон ба назар намерасад. Аксарияти онҳо хоҳиши прокурор ё судяшуданро доранд. Бигзор шаванд, мо дар интихоби онҳо зид нестем. Вале онҳо бояд донанд, ки самтҳои дигар омодашавии касбӣ ҷой дорад. Кори ҳуқуқиро танҳо прокурор ё судя пеш намебаранд. Масалан, адвокат (вакил) дар байни давлат ва ҷабрдида (даъвогар) «миёнарав» набуда, касбу кораш озод, хусусӣ ва дастраси мардум буда, воситаи асосии пайвандсози давлат бо шахсони корафтода мебошад. Дар ШМА кори адвокатӣ ба номгӯи корҳои сердаромад ва бозоргир ворид шудааст. Андеша дорем, ки минбаъд бо таъсис ва пешрафти кори хусусии ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва эътибори бештар пайдо намудани ҷомеаи маданӣ интихоби касбии донишҷӯёни ҳуқуқшинос низ тағйир меёбад.

Илми ҳуқуқи маданӣ илми ҷомеашиносӣ мебошад. Вай аз низоми донишҳо, назарияҳо, ғояҳое иборат мебошад, ки барои дарк намудани ҳақиқати реалӣ равона карда шудааст, он чи ки вай меомӯзад, дарк менамояд, эзоҳ медиҳад, предмети он шуда метавонад. Ба қонуниятҳои объективӣ ва тамоили инкишофи ҷамъият такя намуда, муносибатҳои ҷамъиятии ба рафтори шаҳрвандони алоҳида, коллективи онҳо ва инчунин ҳаёти иқтисодии ҷамъият алоқамандро меомӯзад.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, барҳамхӯрии низоми маъмурии идоракунӣ ва инкишофи муносибатҳои пулию молӣ нақши эҷодкоронаи ҳуқуқи маданӣ меафзояд. Барои ҳамин ҳам дар чунин шароит илми ҳуқуқи маданӣ диққати худро барои тадқиқ ва коркарди истилоҳҳо ва мафҳумҳои аҳамияти дурудароздошта равона месозад. Зеро чунин тарзи муносибат барои ҳалли вазифаҳои амалии дигаргунсозии кулли ҷамъият зарур мебошад.

Аз ин нигоҳ, таҳқиқ ва бо меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам намудани шаклҳои гуногуни моликият, такмили низоми муносибатҳои шартномавӣ, мустаҳкам намудани ҳимояи ҳуқуқи молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон, аз як тараф ва аз тарафи дигар бошад, қатъиян пешгирӣ намудани сӯистеъмол аз ҳуқуқҳои маданӣ, ки дар шакли ҳукмронӣ, ғайриқонунӣ ба даст овардани даромад, риоя накардани низоми шартномавӣ ва ғайраҳо ифода меёбад, аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Илми ҳуқуқи маданӣ таърихи бисёрасраи инкишофро аз сар гузаронидааст. Ақида ва назарияҳои илмии дар таърихи тӯлони ифодакардаи мутафаккирони барҷастаи ин соҳаи илми ҳуқуқ дар бисёр мавридҳо асоси инкишофи қонунгузории онро ташкил додаанд. Барои ҳамин ҳам эҷодкорона дарк намудан ва дар ҳаёт татбиқ намудани мероси бои илми гузаштагон яке аз вазифаҳои илми ҳозираи ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Ин системаи донишҳои санҷидашудаи ҳуқуқшиносӣ натиҷаи дар донишгоҳҳои Аврупоӣ эҷодкорона ривоҷ додани ҳуқуқи хусусии римӣ ба вуҷуд омадааст ва имрӯзҳо дар Тоҷикистони азиз инкишоф меёбад. Яке аз хизматҳои ҳуқуқшиносони Рими қадим ва уму-

ман ҷаҳонбинии илмии Ғарб дар он аст, ки ҳуқуқи позитивиро аз ҳуқуқи динӣ, илмро аз ихлосу боварӣ ҷудо намудан ва барои рушди илмии ҳуқуқшиносии муосир замина гузоштанд.

Дар раванди тараққиёти минбаъда Аврупо аз роҳи бевоситаи татбиқи ҳуқуқи хусусии римӣ ба сохтани ҳуқуқи мадании худ гузашт, албатта пас аз замонавӣ гардонидан. Дар замони ҳозира ҳуқуқи маданӣ дар доираи давлатҳои алоҳида тараққӣ меёбад. Ҳангоми эҷод кардани ҳуқуқи маданӣ, агарчи анъанаҳои пештара пайравӣ карда шаванд ҳам, аммо ҳар як давлат пеш аз ҳама хусусиятҳои худро ба эътибор мегирад. Ҳоло ҳуқуқи хусусии римӣ ҳатто баъди замонавӣ гардонидан ҳам бевосита ба таври пурра дар ягон давлат татбиқ намешавад. Лекин дар муносибатҳои ҳуқуқӣ дараҷаи таъсираш хеле баланд буда, ҳоло ҳам дар амал обрӯи худро нигоҳ доштааст.

Барои системаи ҳуқуқи континенталӣ тақсимоти аниқи ҳуқуқ ба хусусӣ ва омма хос аст. Асоси ин тақсимотро манфиатҳои гуногун ташкил медиҳанд. Ҳуқуқи маданӣ ба манфиати шахси алоҳидаи баробарҳуқуқ хизмат мекунад. Ҳуқуқи омма бошад ба манфиати тамоми ҷамъият ва намояндаи асосии он – давлат хизмат мерасонад. Дар муносибатҳои ҷамъиятие, ки предмети танзими хуқуқи омма мебошад, як тараф бояд ба тарафи дигар итоат кунад, яъне байни иштирокчиёни ин муносибат баробарҳуқуқӣ вуҷуд надорад.

Вақтҳои охир дар доираи системаи ҳуқуқи континенталӣ бисёр мавридҳои якшавии ҳуқуқи хусусӣ ва омма дида шавад ҳам, аммо ин тақсимот ҳоло ҳам эътибор дорад.

Тақсимоти ҳуқуқи континенталӣ нисбати танзими муносибатҳои хусусӣ ва тиҷоратӣ аҳамияти пештараи худро гум кардааст. Агар дар бисёр давлатҳои Аврупо кодексҳои алоҳидаи тиҷоратӣ эътибори худро гум накарда бошанд ҳам, аммо дар амал муносибатҳои тиҷоратиро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзим менамоянд. Сабаб дар он аст, ки фаъолияти тиҷоратӣ хеле мураккаб гашта, дар бисёр мавридҳо ба воситаи қонунҳои алоҳида, масалан, дар бораи шахси ҳуқуқӣ, дар бораи биржа, савдо ва ғайра, танзим карда мешавад. Бо ҳамин сабаб вазни меъёрҳои кодификатсия зиёд гашта, меъёрҳои алоҳидаи тиҷоратӣ торафт кам шуда, дар охир эҳтимол аз байн раванд.

Вобаста аз он ки ба асоси қонунгузорӣ қонуни кадом давлат (Франсия ё Олмон) гирифта мешавад, дар дохили ҳуқуқи континенталӣ тақсимоти зерсистемавӣ пайдо шудааст. Дар асри XIX ва нимаи асри XX ҳангоми қабул кардани қонунгузории маданӣ давлатҳо ё модели франсавии дар Кодекси мадании Франсия (соли 1804 – Кодекси Наполеон) таҷассумёфта ё маҷмӯи қонунҳои мадании Олмонӣ (соли 1896)-ро пайравӣ кардаанд. Дар натиҷа гурӯҳи ҳуқуқи граждании романӣ ва олмонӣ пайдо шуд. Чунин ҳисоб карда мешуд, ки гурӯҳи ҳуқуқи мадании романӣ (Кодекси Наполеон) тақлиди институтсия, яъне китоби соддаи таълимии ҳуқуқи римӣ мебошад, ки қисми кодификатсияи Юстиниан аст. Ин система, ки номи институтсиониро гирифтааст, меъёрҳои ҳуқуқи маданиро ба қисмҳои зерин:

1) «шахсҳо» (яъне субъектон);

2) «молу мулк» (объектҳои ҳуқуқ) ва мувофиқан ҳуқуқи молу мулкӣ;

3) «даъвоҳо» ва уҳдадориҳои мувофиқ бо даъвоҳо тақсим намудааст. Аммо бо мурури замон ин система тағйир меёбад. Масалан, аз ин система ҳуқуқи мурофиавиро ҷудо карда, қоидаҳои умумию фаслҳои нав дохил карда мешаванд.

Системаи гуруҳи Олмонӣ ба дигестҳои (пандектҳои) кодификатсияи Юстиниан (бинобар номи пандектӣ гирифтааст) такя намуда, дар назар дошт, ки фаслҳои меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқи хусусиро ҷудо намояд. Дар ин ҳол тамоми маводи меъёрӣ, ки ба ҳамаи институтҳои ҳуқуқи маданӣ дахл дошт (қоидаҳои умумӣ, меъёрҳои ба субъектҳо, объектҳои ҳуқуқ, аз ҷумла меъёрҳои амалӣ гардонидану ҳифзи ҳуқуқ), ба «фасли умумӣ» ва меъёрҳое, ки ба институтҳои алоҳида – ҳуқуқи молумулкӣ, уҳдадорӣ, оилавӣ, мерос дахл доштанд, ба «қисми махсус» ҷудо карда шуд. Ҳамин тавр, ҳангоми тартиб додани системаи ҳуқуқи системаи пандектӣ аз назари маънои ҳуқуқӣ – техникӣ нисбат ба системаи институтсионӣ баландтар меистад. Исботи ин ба қисми «умумӣ» ва «махсус» тақсим кардани

меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Бо гузашти замон ин системаҳо тараққӣ карда, бо ҳам наздик шуданд. Ҳоло онҳоро ду зерсистемаи ҳуқуқи ягонаи континенталӣ гуфтан мумкин аст.

Бо мақсади ба инобат гирифтани омилҳои нав ва таҳрири нави кодекси мазкур амри Президенти ҷумҳурӣ аз 8-уми июни соли 2013, таҳти №АП – 2257, дар хусуси таъсиси гуруҳи корӣ қабул гардид. Ҳайати он аз кормандони собиқадори Суди олӣ, Суди олии иқтисодӣ, Прокуратура, вазорату идораҳои дахлдор, инчунин кормандони илмӣ иборат буд.

Баъдан бо қабул намудани амри Президенти ҷумҳурӣ аз 30-юми апрели соли 2019, таҳти №АП – 1210 ҳайти гуруҳи мазкур таҷдиди назар карда шуд.

Давоми нуҳ сол ин гуруҳ имкониятҳои ин кодекс устувор ва инкишоф дода, мундариҷаи он такмилёфт, меъёрҳои он ба забони фаҳмо ва беғалат таҳия шуд, мухолифати истилоҳҳо бартарафшуда, инчунин хусусиятҳои танзими соҳавӣ ба инобат гирифта шуд. Барои инкишофи забони давлатӣ ва истифодаи оқилонаи тавоноии он дар танзими ҳуқуқи маданӣ заминаи боэътимод гузошта шуд.

Ҳамзамон талаботҳои моддаи 39 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи соли 2017, таҳти №1414, дар хусуси истилоҳҳои матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шаванд ва як истилоҳ бояд як маъно дошта бошад,[96] риоя карда шуд.

Банди 39 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст,[97] таҳияи фасли алоҳида дар кодекси зикршуда оид ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, таҳияи боби алоҳида оид ба шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, ба меъёрҳои конвенсионӣ мутобиқ намудани қисми 3 ин кодексро пешбинӣ намуда буд, ки ҳангоми таҳрири нави он ба инобат гирифта шуд.

Боби 2 Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти ҶТ бинобар аз узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31-уми октябри соли 2014, таҳти №691 тасдиқ шудааст,[98] масъалаҳои бартараф намудани монеаҳои техникиро дар савдо гузошта буд, ҳангоми таҳрири нави ин кодекс ба инобат гирифта шуд. Ҳамзамон бобҳои нав оид ба шартномаи агентӣ, эскроу, лизинг, хариди давлатии мол, хариди маҳсулоти кишоварзӣ, иҷораи захираҳои табиӣ ва дигар бобҳо ба қисми дуюми ин кодекс ворид гардид.

Дар таҳияи кодекси нав нақши Консепсияи такмили қонунгузории граждании ҶТ, бо қарори Шӯрои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ аз 30-юми апрели соли 2014, таҳти №4 қабул карда шуд, муҳим мебошад. Ҳамчун ташкилоти пешбар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ барои гуруҳи корӣ шароити зарурӣро муҳайё намуд.

ҶТ аз нахустин рӯзҳои даврони истиқлолияти давлатӣ барои рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ва истифодаи қудрати он, аз тамоми шароиту имконот истифода менамояд. Рушди забони давлатӣ дар танзими ҳуқуқӣ ва сивилистика аз вазифаҳои бисёр муҳимми давлат барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дониста мешавад. Ба ҳар як аъзои гуруҳи кории таҳияи ин кодекс зарур буд, ки аз қудрати забони давлатӣ истифода намуда, онро ба забони ҳуқуқи маданӣ табдил диҳад. Ба ҳар кадоми мо зарур буд, ки ба имкониятҳои забони давлатӣ рӯ оварда, барои ба забони илми ҳуқуқи маданӣ табдил ёфтани он саҳми арзанда гузорем. Чи тавре ки Эмомалӣ Раҳмон – Президенти ҶТ, Пешвои миллат дуруст қайд мекунад: «Илми воқеан миллӣ дар асоси забони миллӣ таъсис ва ташаккул дода мешавад, ки инро таҷрибаи дигар кишварҳо кайҳо собит кардааст. Забони тоҷикӣ фақат дар

---

*96Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 – юми майи соли 2017, таҳти – №1414 [Захираи рақамӣ] // www. mmk. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)*

*97Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028, ки бо фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 6 – уми феврали соли 2018, таҳти – №1005[Захираи рақамӣ] // www. mmk. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)*

*98Ниг.: Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти ҶТ бинобар аз узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 – уми октябри соли 2014, таҳти – №691[Захираи рақамӣ] // www. mmk. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)*

сурате ҳамчун забони илму фарҳанг мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад». Тағйири номи ин кодекс саҳми муҳим дар оғози ин кор аст. Бинобар ин, яке аз навгониҳои асосии таҳрири матни ин кодекс тағйир ёфтани номи он мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки падидаи Кодекси маданӣ ҳаммаънои Civil Code мебошад.[99] Сивилӣ ё маданӣ будан ҳадафи асосии сиёсати ҳуқуқии давлате мебошад, ки меҳвари асосии танзимаш инсон ва некуаҳволии он ба ҳисоб меравад. Аввалин давлати Рими қадим бебаҳс ғуломдорӣ буда, вале меъёрҳои ҳуқуқие, ки римиҳо офариданд то ба ҳол ба худ ҳамто надоранд. Римиҳо империяи худро на танҳо бо ҷангу забти ҳудудҳои дигарон, донишу тактикаи пешрафтаи ҳарбӣ, балки бо намунаи меъёрэҷодкуниҳо сохта буданд. Ҳама гуна империя ногузир рузе азбайн меравад,[100] вале то ҳол ҳуқуқи римӣ дар таълимоти ҳуқуқшиносии муосири дунявӣ омӯхта ва тадрис мешавад.

Маданӣ будан бо як маънои шаҳрӣ будан маҳдуд намешавад. Мадина ҳамчун шаҳр дар фалсафаи маънавиёт тамаддунсозӣ, илму адолатро ифода мекунад. Беҳуда нест, ки яке аз ҳадафҳои сохтмони коммунизм дар собиқ Тоҷикистони шуравӣ ҳалли масъалаи манзили истиқоматӣ ва азбайн бурдани фарқияти шаҳр ва деҳот буд. Маҳз дар шаҳрҳо ҷомеаи маданӣ (civil society) ба вуҷуд меояд. Ҷомеаи мадании муосир ҷонибдори волоияти қонун дар давлат буда, робитаи самараноки байни давлат, мақомотҳои давлатӣ, шахсони мансабдори давлат ва шаҳрвандонро дар масъалаҳои маънавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ таъмин мекунад.

Кодекси мадании Тоҷикистон номидани ин қонуни муҳими ҳаёти хусусӣ аз риояи ҳатмии талаботи моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5-уми октябри соли 2009, таҳти №553[101] ва м. 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» гувоҳӣ медиҳад. Чунин ҳолат ба истифодаи номи Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании ё Агентии авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ монеа намебошад. Онҳо мақомотҳои манфиати умум буда, доштан, тағйири ном ё истифодаи номи эътирофшуда бо истилоҳи «маданӣ» вобастагӣ надорад. Тағйири номи ин кодекс барои амалигардонии Кодекси мурофиавии гражданӣ монеагӣ эҷод намекунад, чунки номи нави ин кодекс хусусияти фардикунонии яке аз қонунҳои асосии танзими муносибатҳои хусусиро дорад ва хилофи тартиб ё қонунҳои оммавӣ намебошад.

«Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо сарони давлатҳо аз ҳама сиёсатмадори пуртаҷриба ба шумор меравед, ки дар саргаҳи таъсиси давлатдории навини тоҷикон ва дар саргаҳи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай истода будед.

Шумо хеле сиёсатмадори хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошанд».[102]

Барҳақ Эмомалӣ Раҳмон дар таъсиси давлати миллии тоҷикон нақши муҳим доранд. Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ ташаббускори таҳия ва қабули Кодекси маданӣ мебошанд, ки барои эҳёи ҳуқуқи маданӣ дар Тоҷикистон замина боэътимод мегузорад. Дар саргаҳи таъсиси давлатдории навини тоҷикон будани Эмомалӣ Раҳмон маънои бунёди ҳуқуқи маданиро низ дорад.

Ҳамин тавр, лоиҳаи Кодекси мадании Тоҷикистон аз 3 қисм, 8 фасл, 72 боб ва 1351 модда иборат буда, 25-уми январи соли 2022 бо ташаббуси қонунгузории Президенти

---

*99 Ниг.: Ғаюрзода Б. Меъёрэҷодкунӣ. Илме, ки аз қобилияти эҷодкор вобаста а– Ст. // Садои мардум. – 2023. – 22 май. – №68 (4665). – С. 2.*

*100 Ниг.: Давлатов М. Н. Ақидаҳои сиёсӣ – ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва аҳамияти он дар замони муосир: автореф. дис… номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12. 00. 01. – Душанбе, 2022. – С. 11 – 12.*

*101Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 – уми октябри соли 2009, таҳти – №553[Захираи рақамӣ] // www. mmk. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)*

*102Ниг.: Суханронии ҷамъбастии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар кори Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин – Осиёи Марказӣ» дар бораи шахсияти бузурги Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин, 19 – уми майи соли 2023. // Садои мардум. – 2023. – 22 май. – №68 (4665). – С. 1.*

ҷумҳурӣ барои муҳокима ва қабули он ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ирсол карда шуд. Оид ба ин лоиҳа гуруҳи корӣ зери роҳбарии Муовини якуми раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Маҳмадалӣ Ватанзода таъсис дода шуд. Онҳо давоми даҳмоҳ ба таҷдиди ин лоиҳа машғул буданд. Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 23-юми ноябри соли 2022, таҳти №913 лоиҳаи ин кодекс ба рӯзномаи ҷаласаи навбатии иҷлосияи чорум, даъвати шашум ворид карда шуд. Мутобиқи банди 1 Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 23-юми ноябри соли 2022, таҳти №915 ин кодекс қабул гардид, дар асоси банди дуюм бошад кодекси пешина аз эътибор сокит дониста шуд. Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ аз 16-уми декабри соли 2022, таҳти №319 ҷонибдорӣ гардид ва Президенти ҷумҳурӣ 24-уми декабри соли 2022 ба Кодекси маданӣ имзо гузошт.

Матни ин кодекс дар «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2022, таҳти №12, қисмҳои як ва ду, аз 13-уми январи соли 2023, дар «Садои мардум» аз 2 январи соли 2023, таҳти №1 – 9 (4584 – 4592) ва дигар воситаҳои ахбори омма интишор гардид.

Мувофиқи м. 1350 ҳар се қисми КГ аз эътибор соқит дониста шуд. Кодекси маданӣ аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад, ки 3 қисм, 9 фасл, 76 боб ва 1351 модда дорад. Кодекси пешина 3 қисм, 7 фасл, 64 боб ва 1234 модда дошт.

Кодекси маданӣ бо иқтидори навоварии худ дар танзими самтҳои фардикунонии шахс, муносибатҳои рақамӣ ва савдои фосилавӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ ва ғайра, таҷдиди назариявии барномаҳои таълимӣ дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, таҷдиди шиносномаи ихтисоси илмии 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва тағйири номи кафедраи ҳуқуқи гражданӣ замина мегузорад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 24. 04 соли 2013 [Захираи рақамӣ] // www. president. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)
2. Суханронии ҷамъбастии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар кори Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин – Осиёи Марказӣ» дар бораи шахсияти бузурги Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин, 19-уми майи соли 2023. // Садои мардум. – 2023. – 22 май. – №68 (4665). – С. 1.
3. Маҳмудов М. А., Менглиев Ш. М. Ҳуқуқи хусусии римӣ: васоити таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 127с.
4. Ғаюрзода Б. Меъёрэҷодкунӣ. Илме, ки аз қобилияти эҷодкор вобаста аст. // Садои мардум. – 2023. – 22 май. – №68 (4665). – С. 2.
5. Давлатов М. Н. Ақидаҳои сиёсӣ – ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва аҳамияти он дар замони муосир: автореф. дис… номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12. 00. 01. – Душанбе, 2022. – 28с.
6. Кодекси мадании ҶТ. Қисми 1. Аз 24– уми декабри соли 2022, №1918 // Ахбори Маҷлиси Оли ҶТ, 2022.– №12.– Қисми 1 – 2.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи соли 2017, таҳти №1414 [Захираи рақамӣ] // www. mmk. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5-уми октябри соли 2009, таҳти №553[Захираи рақамӣ] // www. mmk. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)
9. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028, ки бо фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005[Захираи рақамӣ] // www. mmk. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)
10. Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти ҶТ бинобар аз узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31-уми октябри соли 2014, таҳти №691[Захираи рақамӣ] // www. mmk. tj (санаи дастрасӣ: 21. 01 соли 2023)

**Хоҷамуродов Дустмурод Гулмуродович**

## ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОКИ БАЙТОРӢ

**Хоҷамуродов Дустмурод Гулмуродович,** муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тел.:** (+992) 918-15-83-82 **E-mail:** dustmurod0000@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаи тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ таҳлил шудааст. Муаллиф бо назардошти адабиёти илмӣ ва қонунгузории маданӣ тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байториро мавриди баррасӣ қарор дода, пешниҳоди илмӣ ва амалиро вобаста ба мукамалгардонии ҳуқуқи маданӣ манзур намудааст. Дар мақола асоснок карда шудааст, ки ба сифати тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ – иҷрокунанда (ташкилотҳои байторӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки барои анҷом додани фаъолияти байторӣ иҷозатнома доранд) ва фармоишгар (истеъмолкунанда– шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) иштирок менамоянд.

**Калидвожаҳо:** хизматрасонӣ, байторӣ, хизматрасонии байторӣ, шартнома, хизматрасонии музднок, шартномаи хизматрасонии музднок, шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, тарафҳои шартнома, тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, фармоишгар, иҷрокунанда.

## СТОРОНЫ ДОГОВОРА ВОЗМЕЗДНОГО ОКАЗАНИЯ ВЕТЕРИНАРНЫХ УСЛУГ

***Ходжамуродов Дустмурод Гулмуродович,*** *старший предподователь кафедры гражданского права юридического факультета Таджикский национальный университета* ***Телефон:*** *(+992) 918-15-83-82* ***E-mail:*** *dustmurod0000@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье анализируется стороны договора возмездного оказания ветеринарных услуг. Автор рассматривая стороны договора возмездного оказания ветеринарных услуг с учетом научной литературы и гражданского законодательства, вносит научные и практические предложения по совершенствованию гражданского право.

В статье обосновано, что сторонами договора возмездного оказания ветеринарных услуг являются исполнитель (ветеринарные организации и индивидуальные предприниматели, имеющие лицензию на осуществление ветеринарной деятельности) и заказчик (потребители – физические и юридические лица).

**Ключевые слова:** услуги, ветеринария, ветеринарные услуги, договор, оказание возмездных услуг, договора возмездного оказания услуг, договора возмездного оказания ветеринарных услуг, стороны договора, стороны договора возмездного оказания ветеринарных услуг, исполнитель, заказчик.

## PARTIES TO CONTRACT OF ONEROUS PROVISION OF VETERINARY SERVICES

***Khojamurodov Dustmurod Gulmurodovich,*** *Senior Lecturer of the Department of Civil Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 918-15-83-82* ***E-mail:*** *dustmurod0000@mail.ru*

**Annotation:** This article analyzes the parties of a contract for paid veterinary services. Taking into account the scientific literature and civil legislation, the author parties to the parties to of a contract for the provision of veterinary services for a fee and makes scientific and practical proposals for improving civil low. The article substantiates that the parties to the contract for the provision of veterinary services for a fee are the contractor (veterinary organizations and individu-

al entrepreneurs licensed to carry out veterinary activities) and the customer (consumers – individuals and legal entities).

**Key words:** service, veterinary, veterinary service, contract, provision of paid services, contract of paid services, contract of paid veterinary services, parties to contract, parties to contract of onerous provision of veterinary services, performer, client.

Унсури аввалин ва зарурии шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ мавҷудияти тарафҳое мебошад, ки иродаи худро барои ба роҳ мондани муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ба даст овардани натиҷаи муайян баён кардаанд. Барои эътибори қонунӣ пайдо кардани шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ зарур аст, ки тарафҳои он муайян карда шавад, зеро муайян намудани тарафи мувофиқи шартнома, ки қобилияти амалкунии лозимиро дорад, бисёр муҳим аст.

Оид ба тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ метавон қайд кард, ки иҷрокунанда ва фармоишгар мебошанд, ки ин аз мазмуни м. 859 КМ ҶТ[103] бармеояд. «Тарафҳои шартномаи хизматрасонии байторӣ – менависад Д.Ш. Сангинов – ташкилоти байторӣ ва ё байтор ва истифодабарандаи ин хизмат (соҳиби ҳайвонот) мебошад»[104]. Аммо бар хилофи қоидаҳои танзимкунандаи дигар шартномаҳо, дар боби 43 КМ ҶТ ҳеҷ ишорае нест, ки дар шартнома ба сифати иҷрокунанда ва фармоишгар кадом субъектон иштирок менамояд. Чуноне Ҷ.С. Муртазоқулов оид ба тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднок менависад: «Кодекси граждании ба таркиби субъекти ин навъи шартнома ягон хел талаботи махсус намегузорад. Аммо барои баъзе навъҳои уҳдадориҳои хизматрасонӣ қоидаҳои махсус пешбинӣ шудаанд»[105]. Ин комилан фаҳмо аст, зеро вобаста аз он, ки чӣ гуна хизматҳо пешниҳод мешаванд, таркиби субъектон гуногун хоҳад буд. Ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ метавонанд ба сифати онҳо иштирок кунанд, агар дар қонун мустақиман тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад ё аз хусусияти худи хизмат барнаояд. Дар ин маврид Д.Ш. Сангинов қайд менамояд: «Иштироки шахсони ҳуқуқӣ дар шартномаҳои хизматрасонии музднок ба ду ҳолат маҳдуд карда шудааст: якум, вобаста аз моҳияти уҳдадорӣ – агар хизмат табиати шахсӣ дошта бошад. Дар ин ҳолатҳо ба сифати истифодабарандаи хизмат танҳо шаҳрвандон баромад мекунанд; дуюм, баромад намудани шахсони ҳукуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба сифати иҷрокунандаи хизматрасонии музднок аз принсипи қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ бармеояд. Ин чунин маъно дорад, ки барои пешниҳоди бештари намудҳои хизматрасонии музднок иҷрокунанда бояд дорои иҷозатномаи махсус (литсензия) бошад»[106]. Ин андешаҳо моро водор менамояд, ки барасӣ намоем, ки иҷрокунанда ва фармоишгар дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ кадом субъект буда метавонад.

Аввалан, иҷрокунандаро ҳамчун тарафи шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ баррасӣ менамоем. Дар моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010 №674, муқаррар шудааст, ки «ташкилотҳои байторӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки дар соҳаи байторӣ фаъолият мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ хизмати бамузди байторӣ расонанд»[107]. Дар Қарори Ҳукумати ҶТ

---

*103 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2022// jumhuriyat.tj.(лаҳзаи дастрасӣ 11.01.2023).*

*104 Ниг.: Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймоиов Ф.С. – Душанбе, «Эр– граф» 2014. 424 саҳ. – С.151.*

*105 Ниг.: Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм // – Душанбе, «Эр-граф» 2007. 507 саҳ. – С.286.*

*106 Ниг.: Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймоиов Ф.С. – Душанбе, «Эр– граф» 2014. 424 саҳ. – С.145.*

*107 Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29.12.2010 ( бо таҳ. Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, –№12, қ. 1, мод. 833; с. 2012, –№7, мод. 704; с. 2016, –№11, мод. 880.*

«Дар бораи Номгӯи намудҳои хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бошад ба сифати иҷрокунанда «корхона, муассиса ва ташкилотҳое, ки ҳуқуқи расонидани хизматрасонии музднокӣ байториро доранд» зикр шудааст ва соҳибкори инфиродӣ, ки дар қонун зикр шудааст сарфи назар мешавад.

Бояд қайд намуд, ки қоидаҳои мазкур дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» таҳия шудааст. Аз ин рӯ, мафҳуми иҷрокунандаро баррасӣ кардан лозим аст, ки дар моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мавҷуд аст – ин «иҷрокунанда – ташкилоте, ки новобаста аз шакли моликият, инчунин соҳибкори инфиродие, ки корро барои истеъмолкунандагон тибқи шартномаи бемузд ё музднок иҷро мекунанд ё хизмати онҳоро ба ҷо меоваранд»[108]. Аз ин мафҳум хулоса намудан мумкин аст, ки иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ – ташкилоти байторӣ ва соҳибкори инфиродӣ мебошад.

Аз ин рӯ, иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои байторӣ) ва соҳибкорои инфиродӣ мебошанд. Мувофиқи қонунгузорӣ дар ҳудуди ҶТ ташкилотҳои байтории давлатӣ ва хусусӣ фаъолият менамоянд. Ташкилотҳои байтории давлатӣ – ташкилотҳои байториеро дар бар мегирад, ки моликияти давлатӣ ва тобеи мақомоти ҳокимияти иҷроия – Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин ташкилотҳо аз рӯи шакли ташкили ҳуқуқи ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад. Мувофиқи қ.3. м. 50 КМ ҶТ «шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, кооператсия матлубот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, муассисаҳои аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, фондҳои хайрия ва фондҳои дигар, инчунин дар дигар шаклҳои пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд». Шаклҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратии байторӣ чунинанд: а) Озмоишгоҳи байторию санитарии бозорҳои ҷумҳурӣ ва нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ; б) Стансияҳои мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвонот дар вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳо; в) Маркази назорати давлатии маводи байторӣ; г) Маркази миллии ташхиси байторӣ ва ғайра. Дар амалия аксарияти ташкилотҳои байтории давлатӣ дар шакли ташкили ҳуқуқии муассисаи фаъолият менамоянд.

Ба ташкилотҳои байтории хусусӣ ташкилотҳои байторие дохил мешаванд, ки моликияти онҳо моликияти хусусӣ мебошад. Ташкилотҳои байтории хусусие, ки хизмати байториро пешниҳод мекунанд, дар аксар ҳолат метавонанд ташкилотҳои тиҷоратӣ бошанд, ки ба даст овардани фоидаро ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти худ қарор додаанд. Қонунгузории ҶТ иҷозат додааст, ки ташкилотҳои байторӣ хусуси метавонанд дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ ва ғайра таъсис дода шаванд. Дар амалия аксарияти ташкилотҳои байтории хусусӣ дар шакли ташкили ҳуқуқии ҶДММ мебошанд.

Шахсони воқеӣ, ки маълумоти таҳсилоти олӣ ё миёнаи байториро доранд, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ сабти ном шудаанд, метавонанд иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ бошанд.

Барои машғул шудан ба фаъолияти байторӣ аз ташкилотҳои байторӣ ва соҳибкорои инфиродӣ талаб карда мешавад, ки иҷозатнома гиранд. Асоси ҳуқуқии додани иҷозатномаро Қонуни ҶТ аз 17 майи соли 2004, №37 «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳи ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 №172 тасдиқ шудааст, Низомнома «Дар бораи тартиби гирифтани литсензия барои фаъолияти байторӣ дар ҶТ», ки 7 октябри соли 2002 аз ҷониби Вазорати кишоварзии ҶТ тасдиқ шудааст, мебошад. Фаъолияти байторӣ, тавре ки дар боло қайд кардем дар асосои м. 17

*108 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, – №12, қ. 1, мод. 699; с. 2008, – №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, – №12, мод. 896; с. 2015, – №3, мод. 215; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., – №1498.*

Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» яке аз намудҳои фаъолият, ки иҷрои он доштани иҷозатномаро талаб мекунад, мебошад.

Тарафи дуюм, тибқи шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, ки м. 859 КМ ҶТ муқаррар менамояд фармоишгар мебошад. Ба сифати фармоишгар Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ»[109] шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»(қ.1 м.37)-ро номбар менамояд. Дар Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Номгӯи намудҳои хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»« бошад ба сифати фармоишгар «истеъмолкунанда»-ро номбар менамояд». Мафҳуми истеъмолкунанда дар м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» оварда шудааст: «истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд». Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳое ҳаст, ки дар баъзе шартномаҳои хизматрасонӣ, бояд танҳо шахси воқеӣ ҳамчун истеъмолкунанда эътироф карда шавад. Масалан, Н.В. Иванюхина қайд менамояд, ки «барои он ки шартномаи хизматрасонӣ ҳамчун оммавӣ эътироф карда шавад, зарур аст, ки танҳо шахси воқеӣ хамчун истеъмолкунанда баромад кунад – ин чун қоида, дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ руй медиҳад. Ин аз он сабаб аст, ки чунин хизматрасониҳо аз рӯи хусусияти худ, пеш аз ҳама, ба қонеъ гардондани талаботи шахсони воқеӣ нигаронида шудаанд. Шахсони ҳуқуқӣ бошанд, танҳо дар робита ба фаъолияти соҳибкории худ ба хизматрасонии байторӣ муроҷиат мекунанд ва бо доштани имконияти интихоби иҷрокунанда ба ҳимояи махсус эҳтиёҷ надоранд, балки метавонанд аз усулҳои ҳимояи умумии муносибатҳои озоди иқтисодӣ истифода баранд»[110]. Ба ин андеша рози шудан душвор аст, зеро дар шароити кунуни шахсони ҳуқуқӣ ба хизматрасонии байторӣ эҳтиёҷ доранд ва бояд манфиати онҳо ҳамчун истеъмолкунанда ҳифз карда шавад. Гузаша аз ин, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба сифати истеъмолкунанда дар баробари шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқиро низ эътироф менамояд. Мо ба мавқеи қонунгузорӣ мувофиқат менамоем ва ба сифати истеъмолкунанда ё фармоишгар дар шартномаи хизматрасониҳои муздноки байторӣ ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқиро дохил менамоем. Ҳолатҳои муроҷиати фармоишгар ба хизматрасонии байторӣ гуногун аст. Масалан, ҳангоми гузарондани экспертизаи маҳсулоти ҳайвоноти корхона, дар мавриди табобати ҳайвоноти ваҳшӣ дар ҷойҳои махсус нигоҳдоришаванда (дар боғҳои ҳайвонот, сирк ва ғайра), табобат ва татбиқи дигар намудҳои хизмати байторӣ нисбати ҳайвоноти беназорат дар ҷойҳои махсус ва ғ. Ҳангоми табобати ҳайвоноти ваҳшӣ, ки дар ҷойҳои махсус нигоҳдорӣ мешаванд (боғҳои ҳайвонот, мамнуъгоҳҳо, сиркҳо), хизматрасонии байторӣ асосан аз ҷониби байтороне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ дар боғи ҳайвонот ё мамнуъгоҳ кор мекунанд, амалӣ карда мешаванд. Аммо дар ҳолати зарурӣ шахси ҳуқуқӣ – боғи ҳайвонот метавонад бо ташкилоти байторӣ барои расондани хизмати байторӣ шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ бандад.

Ҳамин тавр, тарафҳои шартномаи хизматрасониҳои муздноки байторӣ вобаста аз мавзӯи шартнома, дар таркиби ҳуқуқии нобаробарӣ тарафҳо намояндагӣ мекунанд. Аз ҷониби иҷрокунандаи хизматрасониҳои байторӣ, субъектҳои соҳибкорӣ – ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратии шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият (ташкилотҳои байторӣ), инчунин соҳибкорони инфиродӣ, ки барои анҷом додани фаъолияти байторӣ иҷозатнома доранд, иштирок менамоянд. Ба сифати фармоишгар бошад истеъмолкунанда (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) иштирок менамояд.

---

*109 Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29.12.2010 ( бо таҳ. Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, –№12, қ. 1, мод. 833; с. 2012, –№7, мод. 704; с. 2016, –№11, мод. 880.*

*110 Ниг.: Иванюхина Н.В. Правовое регулирование договорных отношений по оказанию ветеринарных услуг (на пример город Москвы): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 68-69.*

**Адабиёт:**

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2022 // jumhuriyat.tj.(лаҳзаи дастрасӣ 29.04.2023);
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабрӣ соли 2010 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №12, қ. 1, мод. 833; с. 2012, №7, мод. 704; с. 2016, №11, мод. 880;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1498;
4. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймоиов Ф.С. – Душанбе, «Эр– граф» 2014. 424 саҳ.
5. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм // – Душанбе, «Эр-граф» 2007. 507 саҳ.
6. Иванюхина Н.В. Правовое регулирование договорных отношений по оказанию ветеринарных услуг (на пример город Москвы): дис.... канд. юрид. наук. – М., 2009.
7. Иванюхина Н.В. Правовое регулирование договорных отношений по оказанию ветеринарных услуг (на пример город Москвы): дис.... канд. юрид. наук. – М., 2009.

**Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ**

## МАҲАКҲОИ МАНСУБИЯТИ АШЁ БА МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

***Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***E-mail:*** *sherzoda.b.1999@gmail.com* ***Phone:*** *(+992) 939 04 13 63.*

**Фишурда**. Молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи маданӣ дорои реҷаи ҳуқуқии махсус буда, он барои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти муҳим дорад. Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ масъалаи маҳакҳои мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул мавзуи мубрам аст, зеро дар асоси ин маҳакҳо муайян кардани ғайриманқул будан ё набудани молу мулк анҷом дода мешавад. Дар мақола маҳакҳои мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул дар заминаи адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои таҳлил карда шудааст. Муаллиф доир ба масъалаҳои алоҳидаи мубрами мавзуъ андешаҳои худро иброз намуда, хусусиятҳои қонунгузории Тоҷикистонро вобаста ба маҳакҳои мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул таҳлил ва пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** ашё, молу мулк, молу мулки ғайриманқул, ғайриманқул, объектҳои ҳуқуқи маданӣ, маҳакҳои мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул, алоқаи мустаҳкам ба замин, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, ҷойивазкунии объектҳои молу мулки ғайриманқул.

## КРИТЕРИИ ОТНЕСЕНИЯ ВЕЩИ К НЕДВИЖИМОМУ ИМУЩЕСТВУ В ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ

***Шерзода Бурхонали Сабзали,*** *ассистент кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета* ***E-mail:*** *sherzoda.b.1999 @gmail.com* ***Phone:*** *(+992) 939 04 13 63.*

**Аннотация.** Недвижимое имущество имеет особый правовой режим в гражданском праве, что имеет большое значение для гражданско-правовых отношений. В теории гражданского права вопросы, связанные с критериями принадлежности недвижимого имущества, являются актуальными, поскольку на основании этих критериев определяется недвижимость объекта. На основе научной литературы, законодательства и опыта зарубежных стран проанализированы критерии отнесения вещей к недвижимому имуществу. Автор высказал свое мнение по конкретным вопросам темы, проанализировал и представил особенности законодательства Таджикистана, связанные с критериями отнесения вещей к недвижимому имуществу.

**Ключевые слова:** вещь, имущество, недвижимое имущество, недвижимое имущество, объекты гражданских прав, критерии отнесения вещи к недвижимому имуществу, прочная связь с землей, государственная регистрация недвижимого имущества, перемещение объектов недвижимого имущества.

## CRITERIA FOR CLASSIFYING A THING TO REAL ESTATE IN CIVIL LAW

***Sherzoda Burhonali Sabzali,*** *Assistant, Department of Civil Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***E-mail:*** *sherzoda.b.1999@gmail.com* ***Phone:*** *(+992) 939 04 13 63.*

**Annotation.** Real estate has a special legal regime in civil law, which is of great importance for civil law relations. In the theory of civil law, issues related to the criteria for ownership of real estate are relevant, since on the basis of these criteria the real estate of the object is determined. On the basis of scientific literature, legislation and the experience of foreign countries, the criteria for classifying things as real estate are analyzed. The author expressed his opinion on specific issues of the topic, analyzed and presented the features of the legislation of Tajikistan related to the criteria for classifying things as real estate.

**Keywords:** thing, property, real estate, objects of civil rights, criteria for classifying things as real estate, strong connection with the land, state registration of real estate, movement of real estate objects.

Дар самти масъалаҳои вобаста ба молу мулки ғайриманқул муайян кардани маҳакҳои мансубияти ашё ба ғайриманқул асосӣ ва мубрам мебошад. Мубрамияти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар қонунгузории миллӣ ин маҳакҳо ба таври пурра муайян нагардидааст, ҳамзамон инкишофи техника ва технологияи муосир аломатҳои барои молу мулки ғайриманқул муқарраршуда (яъне алоқаи мустаҳкам бо замин)-ро таҳти шубҳа мегузорад. Аз тарафи дигар, алоқаи зич бо қитъаи замин ва ҷойивазкунии онҳо бе хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноти онҳо, ки дар қонунгузории маданӣ муқаррар шудааст, мазмунаш пурра муайян нагардида, тавзеҳи иловагиро талаб менамояд.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918[111] бо роҳи муайян кардани номгӯйи молу мулки ғайриманқул рафтааст. Дар асоси қисми 1 моддаи 138 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул, ғайриманқула) инҳо дохил мешаванд: қитъаи замин, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола ва молу мулки дигар, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки ҷойивазкуниашон бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноташон имконнопазир аст.

Ҳамзамон, ба ашёи ғайриманқул киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, киштиҳои кайҳонӣ, истгоҳҳои кайҳонӣ, радифҳои маснуъ ва

*111 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022. Садои мардум. – №1-9 (4584-4592). – Душанбе. 2 январи соли 2023. – С. 9.*

объектҳои дигари кайҳонӣ, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, баробар эътироф карда мешаванд (қисми 2 моддаи 138 Кодекси мадании ҶТ). Дар баробари ин, қисми 2 моддаи 138 Кодекси мадании ҶТ муқаррар намудааст, ки мувофиқи қонун ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст.

Ҳангоми муайян кардани молу мулки ғайриманқул дар қонунгузории мадании ҶТ аз ду равиш кор бурда шудааст: якум аломат ё маҳаки мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул пешбинӣ шудааст (алоқаи мустаҳкам бо замин ва имконнопазирии ҷойивазкунӣ бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъинот) ва дуюм, номгӯйи мушаххаси молу мулки ғайриманқул нишон дода шудааст (қитъаи замин, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола). Тибқи равиши дуюм муайян кардани молу мулки ғайриманқул ҳангоми фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ягон мушкилиро ба вуҷуд намеорад, аммо мауйян кардани молу мулки ғайриманқул тибқи аломатҳои «алоқаи мустаҳкам ба замин», «имконнопазирии ҷойивазкунии объект бе расондани хисороти номатаносиб ба таъиноти он» мушкилиро ба вуҷуд меорад, зеро ин аломатҳои хусусияти баҳодиҳӣ дошта, мафҳуми расмии онҳо дар қонунгузорӣ ҷой надорад. Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ[112] масъалаи «алоқаи мустаҳкам ба замин», «имконнопазирии интиқоли объект бе расондани хисороти номатаносиб ба таъиноти он» таҳти шубҳа ва танқид қарор дода шудааст. Новобаста аз баҳснок будани ин масъала, равиши мазкури муайян кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул классикӣ буда, то имрӯз бар ивази ин маҳакҳо, аломати дигари мукаммал коркард нагардидааст.

Маҳакҳои мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул дар қонунгузории баъзе мамлакатҳои хориҷӣ бевосита пешбинӣ шудааст. Масалан, дар моддаи 517 Кодекси мадании Фаронса муқаррар шудааст, ки «молу мулк вобаста ба табиати худ ё тибқи таъинот ва ё аз рӯйи мавзуе, ки онҳо ташкил мешаванд, ғайриманқул мебошанд»[113].

Дар адабиёти илмӣ доир ба маҳакҳои мансуб донистани ашё ба молу мулки ғайриманқул нуқтаҳои назари ягона ҷой надошта, дар маҳакҳои гуногун пешниҳод карда мешавад.

Вобаста ба шумораи маҳакҳо барои муайян кардани молу мулки ғайриманқул ду гурӯҳи муҳаққиқонро ҷудо намудан мумкин аст.

Гурӯҳи аввали муҳаққиқон (А.Г. Калпин ва А.И.Масляев[114], Ю. Неметс[115], Т.Е. Абова ва А.Ю. Кабалкин[116], О.Н. Садиков[117]) ду маҳакро ҷудо менамоянд. Ҳангоми муайян кардани маҳакҳои мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул А.Г. Калпин ва А.И. Масляев ду маҳаки зеринро истифода намудаанд: а) моддӣ – дараҷаи алоқаи ин ашёҳо бо замин; б) ҳуқуқӣ – мансуб донистани ин ё он ашё ба молу мулки ғайриманқул дар қонун. Маҳаки моддӣ барои мансуб донистани гурӯҳҳои зерини ашёҳо истифода гардидаанд:

---

*112 Гонгало Б.М. Понятие недвижимого имущества / Правовое регулирование оборота недвижимого имущества: Сборник научных статей / Ин-т частного права. - Екатеринбург, 2002. – С. 4; Гришаев С. Понятие и виды недвижимого имущества / Хозяйство и право. – №12. - М., 2006. – С. 104.; Захарова А.Е. Понятие недвижимости по российскому гражданскому праву // Объекты гражданского оборота: Сборник статей / Отв. ред. М.А. Рожкова. – М.: Статут, 2007. – С. 407-412; Петров Е.Ю. Понятие, признаки и виды недвижимости / Цивилистические записки: Межвузовский сборник научных трудов. Вып. 2. - М. Екатеринбург, 2002. – С. 181-182; Скворцов А.Ю. Асари зикршуда. – С. 53-58; Тужилова-Орданская Е.М. Проблемы защиты прав на недвижимость в гражданском праве России: Монография. - М.: ООО «Издательский дом «Буквовед», 2007. – С. 38-39.*

*113 Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) / пер. с франц. В. Захватаев; Предисловие: А. Довгерт, В. Захватаев; Приложения 1-4: В. Захватаев / отв. ред. А. Довгерт. – К.: Истина, 2006.*

*114 Калпин А.Г., Масляев А.И. Асари зикршуда. – С. 135.*

*115 Немец Ю.. Движимое и иедвижимое имущество (К совершенствованию гражданского законодательства). // Хозяйство н ираво. 1998. – №6. – С. 102.*

*116 Абова Т.Е., Кабалкин А.Ю.. Комментарий к Гражданскому кодексу РФ. Часть первая / под ред. Т.Е. Абовой и А.Ю. Кабалкина. – М.: Юрайт-Издат; Право и закон, 2002. – С. 253.*

*117 Садиков О.Н.. Комментария к Гражданскому кодексу РФ части первой (постатейный). Инфра - М, 1998. – С. 332.*

1) қитъаи замин, сарватҳои зеризаминӣ, объектҳои обӣ, яъне объектҳое, ки аз лиҳози ҷисмонӣ аз замин ҷудо буда наметавонанд;

2) ашёҳое, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ аз замин ҷудо буда метавонанд, аммо ин боиси зарари воқеӣ ба таъиноти онҳо мегардад (бино, иншоот, ниҳолҳои бисёрсола, манзили истиқоматӣ, сохтмони нотамом).

Маҳаки ҳуқуқӣ барои ба молу мулки ғайриманқул мансуб донистани ашёҳое истифода мешавад, ки ба замин алоқаи зич надошта, аз замин бе зарари воқеӣ ба таъиноти онҳо метавонанд ҷудо бошанд, аммо қонунгузор зарур шуморидааст, ки реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул ба онҳо паҳн гардад. Ба ин объектҳо киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, киштиҳои кайҳонӣ, истгоҳҳои кайҳонӣ, радифҳои маснуъ ва объектҳои дигари кайҳонӣ дохил мешаванд.

Дар баробари ин, ба ақидаи баъзе муҳаққиқон[118] алоқаи ҷисмонии объект моҳияти худро аз даст додааст. Алоқаи ҳуқуқии объект ба қитъаи замин низ дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ буда, ҳангоми муайян кардани ғайриманқул будан ба инобат гирифта мешавад.

Дар шакли соддакардашуда алоқаи ҳуқуқӣ ин ба ҳам мувофиқ будани ҳуқуқи ашёии соҳибмулк ҳам ба қитъаи замин ва ҳам ба бино мебошад. Бо равиши классикӣ (бино ҳамчун ашёи мансуби қитъаи замин) мавҷудияти чунин алоқа зарур аст[119]. Вобаста ба таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон гуфт, ки байни объекти молу мулки ғайриманқули маҳсулӣ (бино, иншоот) ва қитъаи замин наметавонад алоқаи ҳуқуқӣ вуҷуд надошта бошад.

Баъзе муҳаққиқони муосир ба чунин ақидаанд, ки «шахсе, ки тибқи қонунгузории амалкунанда ҳуқуқи моликият ба қитъаи заминро надорад, метавонад ба сифати объекти молу мулки ғайриманқул соҳибмулкии аввалиндараҷаи бино ё иншоот гардад», зеро «талаби алоқаи мустаҳкам бо замин танҳо дар шароити алоқаи ҷисмонӣ бо қитъаи замин, дар сурати мавҷуд набудани реҷаи умумии ҳуқуқӣ дида мешавад»[120].

С. Степанов[121] дуруст кайд мекунад, ки ин ҳолат барои хулоса баровардан кофӣ нест, ки байни қитъаи замин ва бино ягон робитаи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад, зеро объекти молу мулки ғайриманқул ба таври воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар қитъаи замини мушаххаси инфиродӣ ҷойгир шудааст, ки барои мушаххасият ва ошкорбаёнии ин объект зарур аст, яъне дар қитъаи замин, ки на танҳо дар шакли воқеӣ (натура) ҷудо карда шудааст, балки бо воситаҳои ҳуқуқие, ки дар ҳуҷҷатҳои махсуси баҳисобгирии техникӣ ва бақайдгирӣ нишон дода шудаанд.

Ба андешаи Ю. Неметс қонунгузор ашёи ғайриманқулро ба ду гуруҳ ҷудо намудааст: 1) ғайриманқул (қитъаи замин, сарватҳои зеризаминӣ ва ғайра); 2) манқул вобаста ба табиати худ, ки ба категорияи ғайриманқул мансуб дониста шудаанд[122].

Т.Е. Абова ва А.Ю. Кабалкин[123] ду маҳакро муайян намудаанд, ки ба гуруҳи аввал: а) қитъаи замин, сарватҳои зеризаминӣ, объектҳои обӣ, яъне объектҳое, ки бо қитъаи замин ягона мебошанд; б) объектҳои бо қитъаи замин алоқаи мустаҳкамдошта, ки интиқоли онҳо бе расондани зарари воқеӣ ба таъиноти онҳо ғайриимкон аст, аз ҷумла ҷангал, ниҳолҳои бисёрсола, бино, иншоот дохил мешаванд. Ба гуруҳи дуюм ашёҳое дохил карда мешаванд, ки тибқи қонун ба молу мулки ғайриманқул мансуб дониста шудаанд.

---

*118 Гамбаров Ю.С. Курс гражданского права. Т. I. Часть общая. – СПб., 1911. – С.596.*

*119 Копылов А.В. Вещные права на землю в римском, русском дореволюционном и современном гражданском праве. – М.: Статут, 2000. – С. 37.*

*120 Кузьмина И.Д. Правовой режим зданий и сооружений как объектов недвижимости: дис. ... д-ра юрид. наук. – Томск, 2004. – С. 61.*

*121 Степанов С.А. Недвижимое имущество в гражданском праве. – М.; Статут, 2004. – С. 34.*

*122 Немец Ю.. Движимое и недвижимое имущество (К совершенствованию гражданского законодательства). // Хозяйство н право. – 1998. – №6. – С. 102.*

*123 Абова Т.Е., Кабалкин А.Ю.. Комментарий к Гражданскому кодексу РФ. Часть первая / под ред. Т.Е. Абовой и А.Ю. Кабалкина. – М.: Юрайт-Издат; Право и закон, 2002. – С. 253.*

О.Н. Садиков[124] маҳакҳои зеринро муайян намудааст: а) объектҳои пайдоиши табиӣ – қитъаи замин ва объектҳои обӣ; б) ашёҳои ба замин алоқаи мустаҳкамдошта – бино, иншоот, ҷангал, ниҳолҳои бисёрсола ва дигар объектҳое, ки интиқоли онҳо бе расондани зарари воқеӣ ба таъиноти он ғайриимкон аст.

Ба андешаи А.В. Шеголева тамоми объектҳои ғайриманқул бояд дорои ҳолатҳои зерин бошанд: беҳаракатӣ ва алоқа ба замин. Вобаста ба ин, муҳақиқи ду мансубияти объектҳо ба ғайриманқулро ҷудо намудааст: 1) беҳаракатии объектҳо дар фазо (қитъаи замин, қитъаи сарватҳои зеризаминӣ, инчунин манзили истиқоматӣ); 2) алоқа ба замин. Ин маҳак ҳамчун имконнопазирии ҷойивазкунии объектҳо бе хисороти номутаносиб ба таъинои онҳо, хароҷоти назарраси меҳнатӣ ва воситаҳои пулӣ фаҳмида мешавад[125].

Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ гуруҳи дигари муҳаққиқон (М.Л. Шелютто, О.Ю. Сквортсов ва дигарон) се маҳаки мансуб донистани ашёро ба молу мулки ғайриманқул ҷуджо менамоянд. М.Л. Шелютто[126] се намуди маҳакҳоро ҷудо намудааст, ки инҳо мебошанд:

1) объектҳои пайдоиши табиӣ (қитъаи замин, қитъаи сарватҳои зеризаминӣ, объектҳои обӣ);

2) ашёҳое, ки ба замин алоқаи мустаҳкам доранд (бино, иншоот, ҷангал, ниҳолҳои бисёрсола, ва дигар объектҳое, ки интиқоли онҳо бе расондани зарар ба таъиноти онҳо имконнопазир аст);

3) ба молу мулки ғайриманқул баъзе ашёи тибқи табиати худ манқул – киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар ҳаракаткунанда ва объектҳои кайҳонӣ дохил мешавад. Объектҳое ғайриманқул ҳисобида мешаванд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба қайд гирифта шуда, ин объектҳо назорат карда мешаванд.

Ба ақидаи О.Ю. Скворцов[127] се маҳакро ҷудо кардан зарур аст: 1) ба ғайриманқул мансуб намудани қитъаи замин; 2) ба ғайриманқул мансуб намудани объектҳое, ки интиқоли онҳо бе расонадни зарари воқеӣ ба таъинготи онҳо ғайриимкон аст; 3) ба ғайриманқул мансуб намудани ашёи табиатан манқул, ки ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд (киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар ҳаракаткунанда, объектҳои кайҳонӣ).

Аз таҳлили адабиёти илмӣ муайян гардид, ки андешаҳои муҳаққиқон, ки се гуруҳи маҳакҳоро ҷудо менамоянд, маъмул буда, қобили дастгирӣ мебошад, зеро ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ вобаста ба се маҳак ашё ба молу мулки ғайриманқул мансуб дониста шудаанд, ки инҳо мебошанд:

1) ашёҳое, ки аз лаҳзаи пайдоишашон табиатан ғайриманқул мебошанд (қитъаи замин);

2) молу мулке, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд ва ҷойивазкуниашон бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноташон имконнопазир аст (бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола ва молу мулки дигар). Бояд қайд намуд, ки номгӯйи ин гуруҳи объектҳо маҳдуд набуда, кушода мебошад.

3) ашёҳои тибқи табиати худ манқул, ки тибқи қонун ба молу мулки ғайриманқул баробар дониста шудаанд (киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, киштиҳои кайҳонӣ, истгоҳҳои кайҳонӣ, радифҳои маснуъ ва объектҳои дигари кайҳонӣ, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд). Хусусияти хоси ин гуруҳи

---

*124 Садиков О.Н.. Комментария к Гражданскому кодексу РФ части первой (постатейный). Инфра - М, 1998. – С. 332.*

*125 Щеголева А.В. Правовой режим недвижимости как объекта гражданских прав: дисс. канд. юрид. наук. – Волгоград. 2006. – С. 100-101.*

*126 Шелютто М.Л.. Гражданское право России. Общая часть. Курс лекций. / под. ред О.Н. Садикова. - М.: Юристь, 2001. – С. 271-272*

*127 Скворцов О.Ю. Понятие недвижимости в гражданском праве. // Правоведение. – №4. - 2002. - С.132*

объект дар он аст, ки онҳо ҳаракатпазир буда, таъиноти онҳо барои ҳаракат намудан аст ва онҳо умуман ба замин алоқаманд намебошанд. Объектҳои мазкур ба қитъаи замин ва молу мулки ба қитъаи замин алоқаи мустаҳкамдошта умумият надоранд.

4) ашёҳое, ки тибқи қонун молу мулки ғайриманқул эътироф шудаанд. Қонун метавонад ин ё он молу мулкро ба номгӯйи объектҳои молу мулки ғайриманқул ворид намояд. Масалан, тибқи моддаи 4 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, №1852 манзили истиқоматӣ молу мулки ғайриманқул эътироф шудааст. Ҳамзамон дар асоси банди в) қисми 1 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» аз 20 марти соли 2008, №68[128] бӯстонсаройҳо, боғчасаройҳо, гаражҳо ва дигар биноҳои таъиноти истеъмолӣ ҳамчун молу мулки ғайриманқул муайян гардидаанд.

Вобаста ба маҳакҳои мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул таҳқиқоти И.В. Козлова ҷолиби диққат буда, таҳлили он мақсаднок аст. И.В. Козлова ду гурӯҳи объектҳои молу мулки ғайриманқулро ҷудо менамояд: а) қитъаи замин, қитъаи сарватҳои зеризаминӣ, объектҳои обӣ ва объектҳои ба замин алоқаи мустаҳкамдошта, аз ҷумла ҷангал,ниҳолҳҳои бисёрсола, бино ва иншоот; б) вобаста ба аҳаммияти махсуси иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ Кодекси граждании Федератсияи Россия ба ҷумлаи ғайриманқул объектҳоеро ворид намудааст, ки интиқоли онҳо на танҳо имконпазир аст, балки интиқоли онҳо барои ноил гардидан ба таъиноти асосии иқтисодии онҳо зарур аст: киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳонӣ[129]. Ҳамзамон муаллиф гурӯҳи сеюми объектҳо – маҷмуаи молумулкиро ворид намудааст[130]. Муаллиф маҷмуаи молумулкиро бо назардошти хусусияти хоси он ҳамчун объекти ягона, ки ба объектҳои гуногун, аз ҷумла молу мулки ба қитъаи замин алоқаи мустаҳкамдошта, молу мулки манқул, инчунин ҳуқуқҳои молумулкӣ, уҳдадориҳои молумулкӣ, ҳуқуқҳои истисноӣ ва ғайра дохил мешавад. Маҷмуаи молумулкиро ба гурӯҳи алоҳида ҷудо намудан пурра дуруст аст. Масалан, моддаи 140 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[131] корхонаро ҳамчун маҷмаи ғайриманқули молумулкӣ эътироф намудааст ва дар номгӯйи объектҳои молу мулки ғайриманқул (қисми 1 ва 2 моддаи 138 Кодекси мадании ҶТ) ба он ишор карда нашудааст.

Номгӯйи ашёҳои ба молу мулки ғайриманқул баробаршуда маҳдуд набуда, кушода мебошад, зеро дар қисми 2 моддаи 138 Кодекси мадании ҶТ муайян гардидааст, ки «мувофиқи қонун ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст». Маҳаки мансуб донистани ашё ба молу мулки гурӯҳи мазкур ин факти мансуб донистани қонун ба шумор меравад. Бояд қайд кард, ки танҳо дар асоси қисми 2 моддаи 138 Кодекси мадании ҶТ танҳо мувофиқи «қонун» ашёи дигарро ба молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст. Аз як тараф муқарраротӣ мазкур бо дигар санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии зерқонунӣ ашёи муайянро ба молу мулки ғайриманқул мансуб донистан истисно менамояд. Аз тарафи дигар, танҳо бо қонун мумкин аст, ашёро ба молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст. Ба андешаи мо, на танҳо бо қонун, балки бо дилхоҳ санади қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳо чунин мансубкунӣ имконпазир бояд бошад.

Ҳамзамон дар адабиёти илмӣ баъзе муҳаққиқон чор маҳаки мансуб донистани ашёро ба молу мулки ғайриманқулро ҷудо менамоянд.

В.Витрянский[132] маҳакҳои зеринро ҷудо намудааст: 1) молу мулки ғайриманқул вобаста ба ҳолати табиии худ (қитъаи замин, қитъаи сарватҳои зеризаминӣ, объектҳои

*128 Ахбори Маджлиси Оли РТ, 2008г. – №3 – Ст. 185; – №10, мод. 798; с. 2010, – №7 мод.557*

*129 Козлова И.В. Понятие недвижимости и вопросы регистрации прав на недвижимость в законодательстве Российской. Федерации // Правоведеиие. - 1998. – №2. – С. 154-156.*

*130 Козлова И.В. Асари зикршуда. - С.156.*

*131 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.02.2023).*

*132 Витрянский В. Пути совершенствования законодательства о недвижимом имуществе. // Хозяйство и право. - 2003. – №6. - С.5.*

обӣ); 2) молу мулки ғайриманқул вобаста ба аломати алоқаи муҳками ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ бо қитъаи замин (ҷангал, ниҳолҳои бисёрсола, бино ва иншоот, инчунин дигар объектҳое, ки дорои аломати дахлдор мебошанд); 3) ғайриманқул вобаста ба қонун (реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул нисбат ба як қатор объектҳое паҳн мегардад, ки вобаста ба ҳолати худ манқул мебошанд: киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳонӣ); 4) Кодекси маданӣ қоидаеро дар бар мегирад, ки тибқи он қонун метавонад ба молу мулки ғайримканқул дигар ашёро дохил намояд. Ба ин гуруҳ корхона, манзили истиқоматӣ дохил мешавад.

Маҳакҳои пешниҳодаи В.Витрянский назар ба маҳакҳои пешниҳоднамудаи дигар олимон мукамал буда, фарогири пурраи объектҳои молу мулки ғайриманқул мебошанд. Аммо муҳаққиқ маҳаки сеюмро «ғайриманқул вобаста ба қонун» ном гузошта, дар он сухан дар бораи молу мулке меравад, ки ба он реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул паҳн мегардад. Маҳаки чоруми пешниҳоднамудаи муаллиф низ ба молу мулки тибқи қонун ғайриманқул эътирофшуда равона шудааст. Бо ҳамин назардошт, ба гуруҳи сеюм ин ашёҳое дохил мешаванд, ки ба молу мулки ғайриманқул баробар эътироф карда шудаанд. Гуруҳи чорум ин ашёҳои тибқи қонун ғайриманқул эътирофшуда ба шумор мераванд.

Дар адабиёти илмӣ баъзе олимон ҳуқуқӣ будани мафҳуми молу мулки ғайриманқулро пешниҳод менамоянд. Ҳуқуқӣ будани мафҳуми молу мулки ғайриманқул маънои онро дорад, барои эътирофи ашё ҳамчун молу мулки ғайриманқул алоқаи мустаҳкам доштан ба замин кифоя набуда, мавҷудияти ҳуқуқ ба қитъаи замин низ зарур мебошад. Яъне ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқули ба замин алоқаи мустаҳкамдошта бояд ба ҳуқуқ ба қитъаи замин мувофиқат намояд. Ба андешаи О.М. Козир барои эътирофи ҳуқуқи моликият ба объектҳои молу мулки ғайриманқули маҳсулӣ (бино, иншоот, объектҳои сохтмони нотамом) мавҷудияти ҳуқуқ ба қитъаи замин зарур мебошад, зеро «ғайриманқул дар ҳуқуқи маданӣ на ҳама молу мулк, ки ба аломати алоқамандӣ ба замин ҷавобгӯй аст, балки дорои баъзе аломатҳо, ба монанди объекти ҳуқуқи маданӣ будан эътироф карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ба сифати ғайриманқул бояд молу мулке баррасӣ карда шавад, ки нисбат ба он ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқ муқаррар шуда метавонад. Ва барои пайдоиши чунин ҳуқуқ бақайдгирии давлатӣ зарур аст»[133].

Дар асоси қисми 5 моддаи 293 Кодекси мадании ҶТ ҳуқуқи моликияти шахси сохтмони худсаронаро анҷомдода бо талаби он аз ҷониби суд ба шарте эътироф карда мешавад, агар қитъаи замин бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба ин шахс барои сохтмон дода шуда бошад. Яъне муқаррароти мазкур низ барои эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона мавҷудияти ҳуқуқ ба қитъаи заминро талаб менамояд. Аммо мавҷудияти ҳуқуқ ба қитъаи замин асос барои эътирофи ашё ҳамчун молу мулки ғайриманқул набуда, балки шарт ё асос барои эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона мебошад, зеро тибқи қисми 1 моддаи 293 Кодекси мадании ҶТ «сохтмони худсарона сохтмоне (хонаи истиқоматӣ, биною иншоот ё дигар **молу мулки ғайриманқул**, аз ҷумла таҷдиди онҳо) мебошад...».

Дар пасманзари инкишофи техника ва технология маҳаки алоқаи мустаҳкам доштан ба қитъаи замин ва имконнопазирии интиқоли ин объектҳо бе расондани зарар ба таъиноти ин объектҳо мавриди шубҳа ва баҳс қарор дода мешавад.

В.И. Синайский қайд мекунад, ки бо муваффақияти техникаи муосир дар интиқоли объектҳо аломати алоқаи мустаҳкам бо заминро «пурра боэътимод» хисоб кардан ғайриимкон аст[134]. Ҳамзамон Г.Ф. Шершеневич чунин мешуморад, ки «масъалаи мустаҳкамӣ ва алокамандии сохтмонро бо замин ба таври принсипиалӣ ҳал намудан комилан дуруст нест. Ҳалли ин вазъият, аз ҳар як ҳолати алоҳида вобаста аст. Бешубҳа, техникаи сохтмонӣ имкон медиҳанд, ки биноҳои бисёрошёна кӯчонда шаванд, инчунин

[133] *Козырь О.М. Недвижимость в новом гражданском кодексе России. – С. 276.*
134 *Синайский В.И. Русское гражданское право. Выпуск I. Общая часть. Вещное право. Авторское право (издание 2-е, исправленное и дополненное). - Киев, типо-литография «Прогресс», 1917 . – С 69.*

имкон медиҳанд, ки фарқияти байни молу мулки манқул ва молу мулки ғайриманқул боз ҳам мушкилтар гардад»[135].

Аксари биною иншоот дар асл метавонад аз як қаитъа ба қитъаи дигар кӯчонида шуда, ҳамзамон пуррагӣ ва таъиноти худро нигоҳ дорад. Масалан, интиқол дар шакли маҷмуӣ ё аз ҳам ҷудо манзилҳҳои истиқоматии чубӣ аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар дар маҳалҳои деҳоти мамлакатҳои Аврупо раванди ҳамарӯза мебошад (аҳён-аҳён имрӯзҳо дар Тоҷикистон низ ба чунин ҳолатҳо дучор омадан мумкин аст). Ҳатто биноҳои бисёрошёнаи истиқоматӣ метавонад аз як ҷой ба маҳалли дигари шаҳр бе расондани зарар ба таъиноти онҳо «ҳаракат» кунанд. Аз ин рӯ, шомил намудани биною иншоот ба ашёи ғайриманқул вобаста ба табиати онҳо бояд бо дарназардошти на танҳо имконнопазирии интиқоли онҳо бе расондани зарар ба таъиноти онҳо, балки бо он муайян карда шавад, ки аз нигоҳи функсионалӣ онҳо бо шарти пайвастан бо ин ё он қитъа метавонад мутобиқи таъиноти худ хизмат кунанд[136].

Вобаста ба ин, баъзе муҳаққиқон бар ивази ин маҳак дигар маҳакро пешниҳод менамоянд. Масалан, ба ақидаи А.В. Шеголева ҷудо намудани чунин маҳак, ба монанди «хароҷоти назарраси меҳнат ва воситаҳои пулӣ» пурра оқилона аст. Вобаста ба ин, агар барои интиқоли объект хароҷоти назарраси меҳнат ва воситаҳои пулӣ талаб карда шавад, пас ин объект ғайриманқул аст. Агар чунин хароҷот талаб карда нашавад, сухан дар бораи объекти манқул меравад[137].

М.В. Абрамова зарур мешуморад, ки ҳамчун яке аз маҳакҳои тақсимоти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул истифода бурдани номутаносибии зарари ба таъиноти молу мулк ё сохибмулки он расондашуда, ки маҳз ҳангоми аз муҳити муқарраририи истифодабарии он гирифта шудани молу мулк, на ҳангоми интиқоли оддии онҳо ба амал меояд, зарур мебошад[138].

Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ бақайдгирии давлатӣ низ ҳамчун маҳаки мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешавад. Ба андешаи М.И. Брагинский «қонунгузорӣ бо ашёи ғайриманқули табиӣ, дигар объектҳоеро, ки ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд, муттаҳид намудааст»[139].

Баъзе олимон чунин андеша доранд, ки молу мулки нав бунёдшаванда то бақайдгирии давлатии он ғайриманқул ҳисобида намешавад. Аммо, ин андеша қобили қабул нест, зеро тибқи моддаи 290 Кодекси мадании ҶТ ҳуқуқи моликият ба бино, иншоот ва дигар молу мулки ғайриманқули аз нав бунёдшаванда, ки бояд аз қайди давлатӣ гузарад, аз лаҳзаи чунин бақайдгирӣ ба миён меояд. Аз ин муқаррарот маълум мегардад, ки **ҳуқуқ** ба молу мулки ғайриманқули навбунёдшаванда танҳо баъди аз қайди давлатӣ гузаштан пайдо мегардад, на ин ки молу мулки ғайриманқул. Яъне лаҳзаи пайдоиши ҳуқуқ ва бунёди ҷисмонии молу мулки ғайриманқул мувофиқат намекунанд.

Ҳамзамон, дар асоси қисми 1 моддаи 139 Кодекси мадании ҶТ ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашё ба ашёи ғайриманқул, маҳдудиятҳои ин ҳуқуқҳо, пайдоиш, гузаштан ва қатъ гардидани онҳо бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Яъне ҳуқуқҳо, маҳдудиятҳо ва гарониҳои ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул ба қайди давлатӣ гирифта мешавад, ки ин бақайдгирӣ ба ҳолати молу мулк таъсиргузор намебошад. Аввалан, барои ба қайди давлатӣ гирифтани молу мулк бояд муайян гардад, ки он ба аломатҳои молу мулки ғайриманқул, ки дар қонунгузорӣ муайян гардидааст, мувофиқат мекунад. Яъне **молу мулки ғайриманқул**

---

*135 Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. В 2-х т. Т. 1. – М., «Статут», 2005. – С. 96.*

*136 Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, «ЭР-граф», 2010. – С. 386.*

*137 Щеголева А.В. Правовой режим недвижимости как объекта гражданских прав: дисс. канд. юрид. наук. – Волгоград. 2006. – С. 89*

*138 Абрамова М.В. К вопросу о понятии недвижимого имущества / Юри– Ст. 2002. – №4.*

*139 Комментарий части первой Гражданского кодекса РФ для предпринимателей. - М.: Фонд «Правовая культура». Редакция журнала «Хозяйство и право». 1995. – С. 173.*

ба қайди давлатӣ гирифта мешавад, на ин ки молу мулк баъди бақайдгирии давлатӣ ба ғайриманқул табдил меёбанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мавзуъ хулосаҳои зеринро метавон пешниҳод намуд:

1) Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ маҳакҳои гуногуни мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул пешниҳод карда шуда, маҳакҳои ягона ва умумиэътирофшуда вуҷуд надорад. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муайян кардани номгӯйи объектҳои молу мулки ғайриманқул ду равиш истифода мегардад: а) муайян намудани доираи объектҳое, ки ба молу мулки ғайриманқул мансуб дониста мешаванд (масалан, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, дигар мамлакатҳои аъзои ИДМ ва мамлакатҳои дигар); б) маҳакҳои мансуб донистани ашё ба молу мулки ғайриманқул (масалан, Фаронса ва дигар мамлакатҳо).

2) Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи молу мулки ғайриманқул нишон дода шуда, танҳо як маҳак – алоқаи мустаҳкам бо замин пешбинӣ гардидааст. Бо дар назар доштани муқаррароти қонунгузорӣ маҳакҳои зерини мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқулро ҷудо кардан мумкин аст: а) молу мулки ғайриманқули пайдоиши табиӣ (қитъаи замин); б) алоқаи мустаҳкам бо замин имконнопазирии ҷойивазкунӣ бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноти объектҳо (бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола ва дигар). Номгӯйи объектҳое, ки дар қисми 1 моддаи 138 Кодекси мадании ҶТ дар заминаи маҳаки алоқаи мустаҳкам бо замин муайян гардидаанд, кушода мебошад; в) ашёҳои ба молу мулки ғайриманқул баробар эътирофшуда (киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, киштиҳои кайҳонӣ, истгоҳҳои кайҳонӣ, радифҳои масную ва объектҳои дигари кайҳонӣ); г) ашёе, ки тибқи қонун (санадҳои қонунгузорӣ) молу мулки ғайриманқул ҳисобида шудаанд (манзили истиқоматӣ, бӯстонсаройҳо, боғчасаройҳо, гаражҳо).

3) бақайдгирии давлатӣ маҳаки мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул набуда, ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, маҳдудиятҳои ин ҳуқуқҳо, пайдоиш, гузаштан ва қатъ гардидани онро қонунан эътироф ва тасдиқ менамояд. Бақайдгирии давлатӣ маҳаки мансуб донистани молу мулк навбунёдшаванда ба молу мулки ғайриманқул набуда, баъди ҳуқуқи ашёӣ ба ин объектҳо баъди бақайдгирии давлатӣ пайдо мегардад.

4) маҳаки алоқаи мустаҳкам бо замин ва имконнопазирии ҳаракат бе расондани хисороти номутаносиб ба таъиноти объект хусусияти баҳодиҳӣ дошта, мазмуни он дар қонунгузорӣ мустаҳкам нагардидааст. Муайян кардани молу мулки ғайриманқул вобаста ба ин маҳак аз ҳолати мушаххас вобаста буда, аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиққкунанда муайян карда мешавад.

**Адабиёт:**


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022. Садои мардум. №1-9 (4584-4592). – Душанбе. 2 январи соли 2023. – С. 1-36.
2. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.04.2023).
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.04.2023).
4. Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) / пер. с франц. В. Захватаев; Предисловие: А. Довгерт, В. Захватаев; Приложения 1-4: В. Захватаев / отв. ред. А. Довгерт. – К.: Истина, 2006.
5. Абова Т.Е., Кабалкин А.Ю. Комментарий к Гражданскому кодексу РФ. Часть первая / под ред. Т.Е. Абовой и А.Ю. Кабалкина. – М.: Юрайт-Издат; Право и закон, 2002. – 679 с.

6. Абрамова М.В. К вопросу о понятии недвижимого имущества / Юрист. 2002. №4. – С.22-25.
7. Витрянский В. Пути совершенствования законодательства о недвижимом имуществе. // Хозяйство и право. – 2003. – №6. – С. 3-19.
8. Гамбаров Ю.С. Курс гражданского права. Т. I. Часть общая. – СПб., 1911. – 780 с.
9. Гришаев С. Понятие и виды недвижимого имущества / Хозяйство и право. №12. – М., 2006. – С. 102-108.
10. Захарова А.Е. Понятие недвижимости по российскому гражданскому праву // Объекты гражданского оборота: Сборник статей / Отв. ред. М.А. Рожкова. – М.: Статут, 2007. – С. 407-412
11. Петров Е.Ю. Понятие, признаки и виды недвижимости / Цивилистические записки: Межвузовский сборник научных трудов. Вып. 2. – М. Екатеринбург, 2002. – С. 179-202.
12. Скворцов А.Ю. Асари зикршуда. – С. 53-58; Тужилова-Орданская Е.М. Проблемы защиты прав на недвижимость в гражданском праве России: Монография. – М.: ООО «Издательский дом «Буквовед», 2007. – 445 с.
13. Козлова И.В. Понятие недвижимости и вопросы регистрации прав на недвижимость в законодательстве Российской. Федерации // Правоведеиие. – 1998. – №2. – С. 150-156.
14. Комментарий части первой Гражданского кодекса РФ для предпринимателей. – М.: Фонд «Правовая культура». Редакция журнала «Хозяйство и право». 1995. – 480 с.
15. Копылов А.В. Вещные права на землю в римском, русском дореволюционном и современном гражданском праве. – М.: Статут, 2000. – 255 с.
16. Кузьмина И.Д. Правовой режим зданий и сооружений как объектов недвижимости: дис.... д-ра юрид. наук. – Томск, 2004. – 225 с.
17. Лапач В.А. Система объектов гражданских прав: Теория и судебная практика. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – 544 с.
18. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, «ЭР-граф», 2010. – 1000 с.
19. Немец Ю. Движимое и иедвижимое имущество (К совершенствованию гражданского законодательства). // Хозяйство н ираво. 1998. – №6. – С. 102-104.
20. Садиков О.Н. Комментария к Гражданскому кодексу РФ части первой (постатейный). Инфра – М, 1998. – 911 с.
21. Синайский В.И. Русское гражданское право. Выпуск I. Общая часть. Вещное право. Авторское право (издание 2-е, исправленное и дополненное). – Киев, типо-литография «Прогресс», 1917. – 258 с.
22. Скворцов О.Ю. Понятие недвижимости в гражданском праве. // Правоведение. – №4. – 2002. – С. 131-141.
23. Степанов С.А. Недвижимое имущество в гражданском праве. – М.; Статут, 2004. – 304 с.
24. Шелютто М.Л. Гражданское право России. Общая часть. Курс лекций. / под. ред О.Н. Садикова. – М.: Юристь, 2001. – 333 с.
25. Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. В 2-х т. Т. 1. – М., «Статут», 2005. – 461 с.
26. Щеголева А.В. Правовой режим недвижимости как объекта гражданских прав: дисс. канд. юрид. наук. – Волгоград. 2006. – 175 с.

# БОБИ III.
# БАХШИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ

---

**Сафарзода Анвар Ислом, Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ТАКМИЛИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ ДАР САМТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ

***Сафарзода Анвар Ислом,*** *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *905-88-63-63.*

***Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *931-53-99-99.*

**Фишурда**. Бояд қайд кард, ки дар кишвари мо барои таъсис додани бонки тиҷоратӣ ё машғул шудан бо фаъолияти бонкӣ гирифтани иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Тоҷикистон ва ба қайд гирифтани муассиса ё ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар Бонки миллӣ зарурат дорад. Иҷро нагардидани ин шартҳо ҳангоми ба миён омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок дар намуди зарари калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат ва ё ба даст овардани даромад ба миқдори калон метавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад. Вобаста ба ин, дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллифон оид ба тавсифи объективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ки дар моддаи 263 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, инчунин, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ ва дигар масъалаҳои мубрам вобаста ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ таҳлил ва баррасӣ карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** бонк, фаъолияти бонкӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, қонунгузории ҷиноятӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ОТНОСИТЕЛЬНО НЕЗАКОННОЙ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Сафарзода Анвар Ислом,*** *доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *905-88-63-63*

***Рахмонзода Мухаммад Джамшед,*** *кондидат юридических наук, доцент, заведующий кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *931-53-99-99*

**Аннотация**. Важно отметить, что в нашей стране для создания коммерческих банков или заниматься банковской деятельностью необходимо приобретения лицензии Национального банка Таджикистана и регистрации предприятий или такого вида предпринимательской деятельности. Невыполнение таких условий влечет за собой уголовное преступление в случае возникновения общественно-опасных последствий в виде крупного ущерба гражданам, организациям или государству, или получения дохода в крупном размере. В связи с этим в данной статье авторы описывают объективные характеристики незаконной банковской деятельности предусмотренное в ст. 263 УК РТ, а также анализ нормативно-правовых актов регулирующие банковскую деятельность и другие актуальные проблемы по совершенствованию уголовного законодательства в сфере незаконной банковской деятельности.

**Ключевые слова:** банк, банковская деятельность, Национальный банк Таджикистана, предпринимательская деятельность, незаконная банковская деятельность, уголовное законнодательство.

## IMPROVING CRIMINAL LAW REGARDING ILLEGAL BANKING ACTIVITIES

***Safarzoda Anvar Islom,*** *Doctor of Law sciences, Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *905-88-63-63*

***Rahmonzoda Muhammad Jamshed,*** *Candidate of Law Sciences, Docent, Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *931-53-99-99*

**Annotation**. It is important to note that in our country, in order to establish commercial banks or to engage in banking activities, it is necessary to acquire a license from the National Bank of Tajikistan and to register enterprises or such type of entrepreneurial activity. Failure to comply with such conditions entails a criminal offence in the event of socially dangerous consequences in the form of major damage to citizens, organizations or the state, or receipt of income on a large scale. In this regard, in this article the authors describe the objective characteristics of illegal banking activities provided for in Article 263 of the Criminal Code of Tajikistan, as well as the analysis of regulatory legal acts governing banking activities and other relevant issues to improve the criminal legislation in the field of illegal banking activities.

**Keywords:** bank, banking activity, National Bank of Tajikistan, entrepreneurial activity, illegal banking activity, criminal legislation.

Тавре ки маълум аст, дар моддаи 263 КҶ ҶТ табиати ҳуқуқии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ пешбинӣ гардидааст. Дар асоси моддаи мазкур фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ин татбиқи фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ ё иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад, ё бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ, агар ин кирдор бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон вобаста бошад ё ба манфиати шаҳрванд, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад.

Воқеан, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ яке аз кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке эътироф мешавад, ки ба шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат метавонад зарари калони мулумулкӣ расонад. Аз ин лиҳоз, қонунгузории ҷиноятӣ содир кардани кирдори зикршударо ҳамчун ҷиноят эътироф намудааст. Зеро дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҳифзи моликият яке аз вазифаҳои муҳимми давлат маҳсуб меёбад.

Мутобиқи назарияи умумиэътирофшудаи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ тарафи объективии ҷинояти мавриди таҳлил қароргирифта аз татбиқи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ ё иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад, ё бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ, агар ин кирдор ба манфиати шаҳрванд, ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонад ё бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон вобаста бошад, иборат аст[140].

Бояд иброз намуд, ки ҷиноят дорои аломатҳои таркибии худ мебошад, ки ба онҳо аломатҳои объективӣ ва субъективӣ дохил мегарданд. Алматҳои объективӣ аз объекти ҷиноят ва тарафи объективӣ ва аломатҳои субъективӣ аз субъекти ҷиноят ва тарафи субъектӣ иборат мебошад. Яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят ин тарафи объективии он ба ҳисоб меравад, ки тарафи берунии кирдори ба ҷамъият хавфнокро дар бар мегирад. Ҳамин

*140 Сафарзода А.И. Уголовно – правовая охрана предпринимательской деятельности в Республики Таджикистан. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 316*

тариқ, кирдори ба ҷамъият хавфноки моддаи 263 КҶ ҶТ дорои аломатҳои зикршуда буда, тавсифи тарафи объективии ҷинояти пешбининамудаи моддаи моддаи мазкур аз аломатҳои зерин иборат аст:

1) кирдори ба ҷамъият хавфноке, ки қонунгузор ба он содир намудани кирдорҳои зеринро мансуб медонад: а) татбиқи фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ; б) анҷом додани фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни иҷозатномаи махсус дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад; в) анҷом додани фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ;

2) оқибатҳои ба ҷамъият хавфноке, ки дар намуди зарари калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат ва ё ба даст овардани даромад ба миқдори калон вобаста мебошад;

3) алоқаи сабабӣ дар байни кирдори содиршуда ва оқибатҳои ба амал омада.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 263 КҶ ҶТ танҳо дар ҳолати мавҷудияти ҳамаи се гурӯҳи аломатҳои номбаршуда ба миён меояд.

Чи тавре А.С. Кузнетсов дуруст қайд менамояд, пуррагии мазмуни аломатҳои тарафи объективии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бидуни ворид намудани аниқият дар истилоҳоте, ки дар он мавриди корбаст қарор гирифта шуда аст, ғайриимкон мебошад[141]. Бинобар ин, таҳлили ҷинояти марбут ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бо аниқ муайян намудани мазмуну муҳтавои кирдорҳое, ки таркиби ҷинояти мазкурро дар якҷоягӣ ташкил менамоянд, бояд оғоз гардад.

Аз таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ бармеояд, ки барои таъсис додани бонки тиҷоратӣ ё машғул шудан бо фаъолити бонкӣ ба даст овардани иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба қайд гирифтани муассиса ё ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар Бонки миллӣ зарурат дорад. Иҷро нагардидани ин шартҳо ҳангоми ба миён омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок дар намуди зарари калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат ва ё ба даст овардани даромад ба миқдори калон боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад.

Дар асоси банди 1 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009[142] зери мафҳуми «фаъолияти бонкӣ» – аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ анҷом додани амалиёти бонкӣ ва аҳдҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст, фаҳмида мешавад.

Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ нишон медиҳад, ки қонунгузор ибораи «амалиёти бонкӣ»-ро тавсиф надода, танҳо рӯйхати чунин фаъолиятро муқаррар намудааст. Чунончи, тибқи моддаи 3 Қонуни зикршуда ба амалиёти бонкӣ инҳо тааллуқ доранд: – ҷалби амонат ва пасандозҳо; – додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла: а) қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ; б) факторинг; в) форфейтинг; – кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ; – хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён: а) воситаҳои бозории пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, уҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ); б) асъори хориҷӣ; в) саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда; г) қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу ва сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд; – додани кафолат, баҳисобгирии уҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён; – хизматрасонии фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла: кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, чекҳои сафарӣ, векселҳо ва ғайра); – миёнаравӣ дар бозори пулӣ; – амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва

141 *Кузнецов А.С. Следы незаконной банковской деятельности как признаки объективной сороны преступления // Вестник Владимирского юридического института. – №4 (17). – С.116.*

142 *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009. – №524. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, – №5, мод.331.*

идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра); – ҳар гуна амалиёти дигаре, ки аз амалиёти дар ин модда зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд; – амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо; – қабул намудан (инкассатсия) ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо.

Бояд зикр кард, ки қонунгузории соҳаи бонкӣ дар баробари амалиёти бонкӣ «дигар аҳдҳои ташкилотҳои қарзӣ»-ро муқаррар менамояд, ки ба амалиёти бонкӣ мансубият надоранд. Мувофиқи қ.3 моддаи 3 Қонуни мазкур ташкилотҳои қарзӣ, ғайр аз амалиёти бонкии дар қисми 1 моддаи мазкур номбаршуда, ҳуқуқ доранд аҳдҳои зеринро ба амал бароранд: – додани замонат, ки иҷрои уҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд; – иҷораи молиявӣ (лизинг); – амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузорӣ; – хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ; – хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ; – хизматрасонии иттилооти молиявӣ ва қарзӣ.

Моддаи 263 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои татбиқи фаъолияти бонкӣ ё амалиёти бонкӣ бидуни бақайдгирӣ пешбинӣ менамояд. Ба таври дигар, моддаи 263 КҶ бо қонунгузории танзимсозандаи фаъолияти бонкӣ дар кишвар созгор нест. Сабаби чунин номутбиқатиро метавон ба он омил вобаста намуд, ки диспозитсияи моддаи 263 КҶ сар карда аз соли 1998 то имрӯз мавриди таҷдид қарор нагирифтааст. Ҳол он ки қонунгузории бонкӣ давра ба давра такмил ёфта, бо дарназардошти рушди муносибатҳои иҷтимоӣ мавриди такмил қарор дода шуд. Масалан, 19 майи соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 қабул гардид, ки ба таври куллӣ аз қонунгузории пештар қабулшуда дар ин самт фарқ менамоянд. Аз оне ки мақсади асосии меъёрҳои моддаи 263 КҶ ҶТ ин ҳифзи муносибатҳои ичтимоӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ба шумор меравад, зарурат ба миён меояд, ки онро ба қонунгузории танзимсозандаи фаъолияти бонкӣ мутобиқ созем. Аз ин рӯ, таклиф карда мешавад, ки ба диспозитсияи моддаи 263 КҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, дар радифи истилоҳи «амалиёти бонкӣ» ибораи «ё дигар аҳдҳои ташкилотҳои қарзӣ» дохил карда шавад.

Яке аз хусусиятҳои дигари тарафи объективии моддаи 263 КҶ ҶТ – ин татбиқи фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад, маҳсуб мебошад.

Мавриди зикри хос аст, ки фаъолияти бонкӣ яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ва амалӣ намудани он танҳо бо риояи қоидаҳои бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳии махсус, ки аз ҷониби Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунгузории амалкунандаи кишвар муқарар менамояд, имконпазир аст. Чунки татбиқи фаъолияти бонкӣ бо вайрон кардани тартиби муқарраршуда ё шартҳои иҷозатномадиҳӣ – кирдори зиддиҳуқуқӣ ба шумор рафта, дар сурати фаро расидани оқибатҳои муайян дар намуди зарари калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат ва ё ба даст овардани даромад ба миқдори калон боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004 иҷозатнома (литсензия) – иҷозати махсусе, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ онро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додааст.

Бояд қайд намуд, ки амалисозии фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ маънои онро дорад, ки шахси феълан анҷомдиҳандаи амалиёти бонкӣ, ба сифати ташкилоти қарзии дорои ҳуқуқи чунин амалиётҳо ба қайд гирифта нашудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» дар моддаи 7 (иҷозатномадиҳии фаъолияти бонкӣ) муқаррар намудааст, ки фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ амалӣ мегардад. Бо ин мақсад Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ

иҷозатнома медиҳад, онҳоро дар феҳристи бақайдгирӣ сабт мекунад, стандартҳои назорати фаъолияти онҳоро таҳия намуда, тартиби татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои худро муқаррар менамояд.

Иҷозатнома бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ дар шакли хаттӣ, бемуҳлат ва бе ҳуқуқи ба шахси дигар вогузор кардани он дода мешавад. Ташкилотҳои қарзӣ аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти бонкиро пайдо мекунанд.

Дар баробари ин, танҳо Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти бонкиро бидуни иҷозатнома дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» амалӣ намояд.

Барои гирифтани иҷозатнома моддаи 9 Қонуни мазкур як қатор шартҳоро пешбинӣ менамояд. Чунончи, ташкилотҳои қарзӣ пеш аз бақайдгирии давлатӣ ва гирифтани иҷозатнома бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон дархост, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро бо забони давлатӣ пешниҳод намуда, хулосаи пешакии Бонки миллии Тоҷикистонро гиранд: – нусхаи тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ бо нишон додани маблағи эълоншудаи сармояи оинномавӣ; – маълумотнома бо зикри ному насаб, шаҳрвандӣ, ҷойи доимии истиқомат, фаъолият ё касб, таҳсилот, маълумоти муфассал оид ба собиқаи кории ҳар як корманди роҳбарикунанда; – нусхаи ҳуҷҷат дар бораи доштани таҳсилоти олии иқтисодии кормандони роҳбарикунанда; – нусхаи ҳуҷҷат оиди шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод будани ҳар як корманди роҳбарикунанда; – маълумотнома бо зикри ному насаб, шаҳрвандӣ, ҷойи доимии истиқомат, фаъолият ё касби молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок, аз ҷумла манфиатдори ниҳоии ҳиссаи иштироки афзалиятнок, ки вазъи молиявии онҳоро тасдиқ мекунад; – маълумотнома оид ба манбаи қонунии маблағҳои пулии ба сармояи оинномавӣ; – нусхаи ҳисоботи молиявии шахси ҳуқуқӣ – молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок барои се соли охир бо хулосаи аудиторӣ; – рӯйхати саҳмиядорон ва манфиатдорони ниҳоии саҳмияҳо, ки нишонии маҳали ҷойгиршавӣ ва миқдори саҳмияҳоро дар бар мегирад; – эъломияи хаттӣ аз ҷониби ҳар як молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок ва корманди роҳбарикунанда оид ба надоштани доғи судӣ, муфлис набудан, надоштани маҳдудият дар фаъолияти касбӣ; – нақшаи фаъолият бо назардошти мақсаду намудҳои фаъолият, тавсифи сохтори ташкилӣ ва низоми назорати дохилӣ, аз ҷумла, тадбирҳои дахлдор барои мубориза бар зидди қонунигардони даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм, инчунин дурнамои ҳисоботи тавозунӣ, даромаду хароҷот ва гардишҳои пулӣ барои се соли ояндаи фаъолият; – барои ҳар як молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок, аз ҷумла манфиатдори ниҳоии чунин ҳиссаи иштироки афзалиятнок, рӯйхати шахсони ҳуқуқие, ки иштироки онҳо дар сармояашон вуҷуд дорад, бо нишон додани ҳисса ва маҳали ҷойгиршавии онҳо; – маълумот оид ба маҳалли ҷойгиршавии саридора ва ҳар гуна маҳалли дигари воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз он, ки дар он ҷо фаъолияти бонкӣ амалӣ карда мешавад; – ҳуҷҷати пардохти ҳаққи хизмати баррасии дархост; – ҳуҷҷат дар хусуси он ки мақоми назорати бонкии кишваре, ки бонки хориҷии (асосии) ё ҷамъияти холдингии ташкилоти қарзӣ дар он ҷой таъсис ёфта, фаъолият мекунад, ба анҷомдиҳии фаъолияти бонкии ташкилоти қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва назорати маҷмӯии бонкии дархосткунандаро амалӣ месозад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати то се моҳ аз рӯзи қабули дархост ба ташкилоти қарзӣ дар хусуси ба талаботи Қонуни мазкур ҷавобгӯ будан ё набудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда хулосаи худро медиҳад. Бо мақсади таҳияи хулоса Бонки миллии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо санҷида, маълумоти иловагии зарурира аз ташкилотҳои қарзӣ, мақомоти дигари давлатӣ ва мақоми назоратии хориҷии дахлдор дархост менамояд.

Дар сурати мусбат будани хулоса Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати як моҳ аз санаи аз қайди давлатӣ гузаштани ташкилоти қарзӣ ба вай иҷозатнома медиҳад. Дар

ҳолатҳои истисноӣ Бонки миллии Тоҷикистон метавонад муҳлати дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишударо ба муҳлати то ду моҳ тамдид намуда, дархосткунандаро дар ин хусус бо зикри сабаби чунин таъхир хабардор мекунад.

Дар сурати манфӣ будани хулоса Бонки миллии Тоҷикистон ба дархосткунанда дар хусуси радкунии додани иҷозатнома бо нишон додани сабабҳои радкунӣ ба таври хаттӣ ҷавоб медиҳад. Дар ин ҳолат ҳаққи хизмати баррасии дархост барои гирифтани иҷозатнома баргардонида намешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ талаботеро, ки ҳангоми баррасии дархостҳо барои гирифтани иҷозатнома истифода мебарад, муайян ва нашр менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи додани иҷозатнома ба ташкилоти карзӣ бо назардошти асосҳои зерин қарор қабул мекунад: – қонунӣ ва боэътимод будани маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда; – қаноатбахш будани вазъи молиявӣ ва фаъолияти муассисон; – ба талаботи шахсони аз назари касбӣ босалоҳият ва боэътимод ҷавобгӯ будани моликон, шахсони дорои ҳиссаи иштироки афзалиятнок ва кормандони роҳбарикунанда; – ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ мутобиқ будани сохтор ва ҳайати кормандон, захираҳои ҷорӣ, молиявӣ ва ташаккули сармояи ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) барои иҷрои уҳдадориҳо; – мақбул будани амалиёти дар оиннома нишондодашуда; – воқеӣ будани нақшаи фаъолият; – тасмими ташкилоти қарзӣ дар хусуси фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи доимӣ; – амалӣ шудани дараҷаи мақбули мушоҳида ва назорат аз ҷониби мақомоти назорати хориҷӣ дар асоси маҷмӯӣ.

Баъд аз қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома ташкилоти қарзӣ дар муддати як моҳ аз таърихи қабули қарори мазкур маблағи боқимондаи ҳадди ақали сармояи оинномавиро ворид намуда, маблағи пардохт барои додани иҷозатномаро ба суратҳисобҳои дахлдор дар Бонки миллии Тоҷикистон мепардозад. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти қарзӣ иҷро кардани шартҳои мазкур Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати се рӯзи корӣ ба вай иҷозатнома медиҳад. Қарори Бонки миллии Тоҷикистон оид ба додани иҷозатнома дар нашрияи он интишор мегардад. Ташкилотҳои қарзӣ минбаъд дар хусуси ҳама гуна тағйирот, ки ба ҳуҷҷатҳои барои гирифтани иҷозатнома пешниҳодшуда дахл доранд, Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор мекунанд.

Ҳамин тавр, тартиби гирифтани иҷозатнома оид ба татбиқи фаъолияти бонкӣ ба таври пурра ва ҳаматарафа аз қонуни қонунгузорӣ дар Тоҷикистон мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ б аҳсу мунозираҳо вобаста ба татбиқи амалиёти бонкӣ ҳангоми мавҷуд будани иҷозатномаи бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардашуда, вуҷуд дорад.

Гуруҳи аввали олимон чунин меҳисобанд, ки кирдори мазкур бояд ҳамчун фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бо вайрон кардани шартҳои иҷозатномадиҳӣ муайян карда шавад[143]. Баракси ин гуфтаҳо, гуруҳи дигар олимон бо чунин шакли муайянсозии таркиби ҷиноят розӣ нестанд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки дар ин ҳолат фаъолияти бонкӣ аз ҷониби шахсе, ки бо тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудааст ва иҷозатнома дорад, анҷом дода мешавад, вайрон нагардидааст. Бо назардошти он, ки роҳбари ташкилоти қарзӣ дар бораи вайрон кардани қонунгузорӣ хабардор карда нашудааст ва шахси содиркунандаи ин ҳаракатҳо метавонад дар татбиқи фаъолияти бонкӣ иштирок надошта бошад, мувофиқан ин ҳаракатҳо тибқи моддаи 263 КҶ ҶТ бояд банду баст карда нашаванд[144].

Ба ақидаи мо, ҳаракатҳои шахс ҳангоми ғайриқонунӣ ба даст овардани иҷозатнома ҷиҳати татбиқи фаъолияти бонкӣ таркиби ҷинояти дар моддаи 263 КҶ пешбинигардидаро ташкил накарда, бояд ҳамчун қаллобӣ банду баст карда шавад. Чунки шахс бо роҳи содир намудани ҳаракатҳои муайян мақоми масъули иҷозатномадиҳандаро фиреб намуда, ғай-

143 *Завидов Б.Д., Гусев О.Б. Преступления в сфере экономики: Уголовно-правовой анализ и квалификации. М., 2001.*
144 *Костылева Г.В. Незаконная банковская деятельность: способы совершения // Сборник материалов всероссийских научно-практических конференций / под общ. ред. А.В. Шарковой. М., 2016. – С. 167.*

риқонунӣ иҷозатномаро ҷиҳати татбиқи фаъолияти бонкӣ ба даст меоварад. Бинобар ин, дар сурати фаро расидани чунин ҳолатҳо бояд аниқ карда шавад, ки қасди шахс ба таҷовузи кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Бояд иброз намуд, ки шакли сеюми ба амалбарории фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ин татбиқи фаъолияти бонкӣ бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ мебошад. Мувофиқи санадҳои дар боло номбаршудаи қонунгузорӣ дар иҷозатнома (литсензия) ҳамаи амалиётҳои бонкие, ки шахс барои татбиқ кардани он ҳуқуқ дорад, нишон дода мешавад. Бинобар ин, агар шахс он амалиёти бонкиеро иҷро намояд, ки дар литсензия пешбинӣ нашудааст ё талаботи санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, ки фаъолияти бонкиро танзим менамоянд, иҷро накунад, он гоҳ, чунин кирдорҳо аломати зикршудаи тарафи объективии ин ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ташкил медиҳад. Масалан, агар баъд аз бақайдгирӣ ба сифати ташкилоти қарзӣ ва пайдо намудани ҳуқуқ ба намудҳои муайяни амалиёти бонкӣ, ташкилот амалиётҳои бонкиро берун аз ҳудуди литсензияи додашуда анҷом диҳад, ё литсензия пеш аз мӯҳлат бозхонда шавад ва ё бо сабабҳои дигар эътибори ҳуқуқии худро аз даст дода бошад.

Барои аниқ намудани моҳияти ин шакли фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ оид ба иҷозатномадиҳӣ вобаста ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ба таври принсипиалӣ зарур мебошад[145]. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004, №37 «шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ» – ин маҷмуи шарту талаботе мебошад, ки бо низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муқаррар шудаанд, ки иҷрояшон барои иҷозатномадор ҳатмист. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки ифодаёбии шарту талаботҳо дар муқаррарот оид ба иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои мушаххаси фаъолият – яке аз принсипҳои асосии анҷом додани иҷозатномадиҳӣ мебошад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар Қонун дар бораи иҷозатномадиҳӣ вобаста ба шарту талаботи мушаххаси иҷозатномадиҳӣ чизе гуфта нашуда, ба ҷои он маҳаки муайян кардани намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда пешбинӣ гардидааст. Ба онҳо ҳамон намудҳои фаъолияте, ки амалӣ шудани онҳо метавонад ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, саломатии шаҳрвандон, мудофиа ва амнияти давлатӣ, мероси фарҳангии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад ва танзими онҳо ба ғайр аз иҷозатномадиҳӣ бо роҳҳои дигар имконнопазир аст, тааллуқ доранд.

Таҳлили қонунгузориӣ оид ба иҷоатномадиҳӣ, санадҳои махсуси меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба масоили иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо мафҳуми «шартҳои ичозатномадиҳӣ» мушоҳида карда намешавад. Баракс, дар ин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ асосан, сухан дар бораи «талаботи иҷозатномадиҳӣ» меравад, ки шакли маҷмӯии талаботҳои бо низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муқарраршударо дорад ва иҷрояшон барои иҷозатномадор ҳангоми анҷом додани намуди муайяни фаъолият ҳатмӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки муқарарот оид ба талабот ва шартҳои иҷозатномадиҳӣ, ки ба ин ё он намуди фаъолият пешниҳод мегарданд, дар маҷмуъ, бидуни тақсимоти аниқи онҳо, барои татбиқи якшаклаи қонуни ҷиноятӣ мусоидат карда наметавонанд. Ҳамзамон, чунин вайронкуниҳо, бо шарти ба қайд гирифта шудани ташкилоти қарзӣ ва доштани иҷозатнома, метавонанд комилан дар натиҷаи татбиқи чораҳои таъсироти маъмурӣ бартараф карда шаванд.

Қайд намудан лозим аст, ки шарҳи гуногуни мафҳуми «шартҳои иҷозатномадиҳӣ» дар байни олимон баҳсу мунозираҳои илмиро ба миён овардааст. Дар натиҷа, ҳар як муҳаққиқ варианти худро ҷиҳати ҳаллу фасли проблемаи зикршуда пешниҳод менамоянд. Масалан, Н.А. Лопашенко чунин меҳисобад, ки «ҳолати ба амал омада бояд ва метавонад

---

*145 Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономики: Авторский комментарий к уголовному закону (раздел VIII УК РФ). – М.: ВолтерсКлувер, 2006. – С. 303-304.*

бо роҳи дар қонуни ҷиноятӣ шарҳ додани мафҳуми «шартҳои иҷозатномадиҳӣ», ё тавассути иваз кардани ин мафҳум ба мафҳуми «шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ», ки дар қонун амал мекунад, бартараф гардад»[146].

Т.Д. Устинова аз тавсифи объективии соҳибкории ғайриқонунӣ соқит намудани ишораи вайронкунии шартҳои иҷозатномадиҳиро, ҳамчун яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят, мувофиқи мақсад меҳисобад[147]. Мавқеи Т.Д. Устиноваро дастгирӣ намуда, бояд қайд кунем, ки қонунгузор феълан чунин унсури таркиби фаъолияти ғайриқонунии бонкиро, ки шакли махсуси фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ ба шумор меравад, ба монанди «вайрон кардани шартҳои иҷозатномадиҳӣ», ба сифати унсури таркибӣ дар мафҳуми «татбиқи фаъолияти бонкӣ бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат (литсензия) ҳатмӣ мебошад», дохил менамояд. Ба таври дигар гӯем, аз рӯи ифодаҳояшон онҳо байни якдигар чун «ҷузъ» ва «кулл» таносуб дошта, мувофиқан мафҳумҳои як соҳа мебошанд.

Ҳамин тариқ, амалисозии фаъолияти бонкӣ бо вайрон кардани шартҳои иҷозатномадиҳӣ, мавриди алоҳидаи татбиқи фаъолияти бонкиро бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат (литсензия) ҳатмӣ мебошад, ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ишора ба ин аломат бояд аз диспозитсияи моддаи 263 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

Аз рӯи сохти худ, тарафи объективии таркиби ҷинояти пешбининамудаи моддаи 263 КҶ ҶТ хусусияти моддӣ дорад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳамон ҳолате ба амал меояд, ки агар кирдор ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат зарари калон расонад ва ё бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон вобаста бошад. Аммо, аз рӯи пешниҳоди баъзе олимон, дар ҳолате, ки дар бораи ба даст овардани даромад ба миқдори калон сухан меравад таркиби фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бояд расмӣ ҳисобида шавад[148].

Аммо ба ин андеша розӣ шудан нашояд. Зеро, дар матни моддаи 263 КҶ ба таври аниқ лаҳзаи фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо оқибатҳои алтернативӣ алоқаманд, ишора гардидааст: – расонидани зарари калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат; – ба даст овардани даромад ба миқдори калон.

Чӣ тавре ки А.В. Устинков, М.Е. Инчев, Р.А. Тарабцев дуруст қайд менамоянд, барои ҷавобгарии ҷиноятӣ бинобар ҷинояти анҷомёфта ба амал омадани дилхоҳ оқибати дар қонун зикршуда, яъне зарари калон ба шаҳрвандон, зарари калон ба ташкилотҳо, зарари калон ба давлат, ё аз тарафи шахси гунаҳкор ба даст оварда даромад ба миқдори калон, талаб карда мешавад. Чунин усули зикр гардидани оқибатҳои ҷиноят дар қонуни ҷиноятӣ камтар дучор мешавад (аниқтар гӯем, он танҳо дар моддаи ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ паҳн шудааст). Асоси тақсимоти оқибатҳоро ду шакли гуногун ташкил медиҳанд. Шакли якум – оқибатҳои алоқаманд бо расидани зарар ба манфиатҳои молу мулкии субъектҳои гуногун, ба монанди шахси воқеӣ ва (ё) шахси ҳуқуқӣ (аз он ҷумла давлат). Шакли дуюм – тавсифи фаъолияти ҷиноятии шахси ҷинояткор бо расмикунонии даромадҳои ба даст овардаи вай[149].

Маълум мешавад, ки таркиби мазкур аз тарафи қонунгузор ҳамчун таркиби моддӣ таҳия гардидааст. Чунки, ҷинояти мазкур баъд аз ба амал омадани оқибатҳои зарарнок, яъне расидани зарари калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳо, давлат ва ё ба ҳамин

---

146 *Лопашенко Н.А. Преступное и непреступное в экономической деятельности // Государство и право на рубеже веков (материалы Всероссийской конференции). – М., 2001. – С. 79.*

147 *Устинова Т.Д. Состояние уголовного законодательства о преступлениях, совершаемых в сфере предпринимательской деятельности, и его совершенствование // Уголовное право в XXI веке: Материалы Международной конференции на юридическом факультете МГУ им. М.В. Ломоносова 31 мая-1 июня 2001 г. –М.: «ЛексЭст», 2002. – С. 214.*

148 *Зотов П. В. К вопросу об объективной стороне незаконной банковской деятельности // Российский следователь. 2007. – №9. – С. 18.*

149 *Устинков А.В., Инчев М.Е., Тарабцев Р.А. Уголовно-значимые последствия незаконной банковской деятельности // Право и безопасность. 1(30), 2009. – С. 88.*

андоза бо роҳи ғайриқонунӣ ғанӣ гаштани субъекти ҷиноят, ҳамчун ҷинояти анҷомёфта эътироф карда мешавад.

Қобили қайд аст, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ба масоили зарурати дар қонунгузорӣ тасҳеҳ намудани тафсири оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ диққати махсус дода мешавад. Чуноне болотар зикр гардида буд, аломати ҳатмии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ – расонидани зарари калон мебошад, ки он на танҳо зарари воқеӣ, балки манфиати аз даст рафта низ фаҳмида мешавад. Бо ошкор намудани мазмуни он, қонунгузор ду қисмати таркибии хисоротро ишора менамояд: зарари воқеӣ ва манфиати аз даст додашуда. Зарари воқеӣ – ин хароҷотҳое мебошанд, ки шахси ҳуқуқҳояш вайрон кардашуда, инчунин бо хисороти молу мулкӣ, бояд тавассути онҳо ҳуқуқҳояшро барқарор намояд. Манфиати аз даст додашуда – ин даромадҳои соқитшуда, яъне даромадҳое, ки шахс метавонист дар шароитҳои маъмулии муомилоти гражданӣ, бидуни вайроншавии ҳуқуқҳои вай ба даст орад, маҳсуб мешаванд. Дар хусуси мафҳуми «зарар» бояд қайд кунем, ки он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян нашудааст. Бинобар ин, аниқ кардан лозим аст, ки оё мазмуни истилоҳи «зарар» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бо мазмуни ифодаи «зарари воқеӣ» дар ҳуқуқи гражданӣ мувофиқат мекунад ё не. Ба ғайр аз ин, бояд мувофиқати ифодаи зарар дар матни моддаи 263 КҶ ҶТ бо мафҳуми «зиён», бо дохил будани ҳам зарари воқеӣ ва ҳам манфиати аз даст додашуда, муайян карда шавад[150]. Бо назардошти он, ки дар ҳуқуқи гражданӣ зарари воқеӣ ва манфиати аз даст додашуда ба мафҳуми «зиён» (моддаи 15 КГ ҶТ) омехта карда мешаванд, дар матни қ.1 моддаи 263 КҶ ҶТ муайян кардани оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ, ба монанди зиён ба миқдори калон, зарурат дорад. Бо ин роҳ тавсифи якшаклаи мазмуни оқибатҳои хавфноки ҷамъиятии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ва мутобиқ намудани истилоҳоти ҳуқуқию ҷиноятӣ бо мафҳумҳои қонунгузории гражданӣ имконпазир мегардад[151].

Чунин андеша дорем, ки ба сифати самти мубрами мувофиқгардонии моддаи 263 КҶ ҶТ такомули ҷавобгарии ҷиноятиро барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ низ баррасӣ намудан мумкин аст. Чунончи, б. «б» қисми 2 моддаи 263 КҶ ҷавобгарии нисбатан вазнинтарро нисбат ба таркиби асосӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ҷиҳати ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон, пешбинӣ менамояд. Ҳамзамон шарҳ додан душвор аст, ки барои чӣ ба сифати аломати муайянкунандаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ миқдори махсусан калони зарари расонидашуда, сарфи назар баланд гардидани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда, истифода бурда намешавад. Дар натиҷа ҳолати чандон нофаҳмо ба миён меояд. Яъне, барои фаъолияти ғайриқонунии бонкие, ки бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон содир мешавад, ҷазои нисбатан сахттар дар муқоиса бо қ.1 моддаи 263 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳол он ки ба расонидани зарари махсусан калон ягон аломати муайянкунанда ба назар намерасад. Бинобар ин, фаъолияти ғайриқонунии бонкие, ки дар натиҷаи он зарар ба андозаи зиёда аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо расонида шудааст, дар доираи санксияи қ.1 моддаи 263 КҶ ҷазо дода мешавад.

Ин гуна нуқтаи назар ба масоили тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ чандон мантиқӣ ба назар намерасад. Агар татбиқи ҷазои нисбатан вазнинтар барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон, аз рӯи миқёси васеи он маънидод гардад, он гоҳ расонидани зарари махсусан калон дар натиҷаи содиршавии ин ҷиноят на танҳо аз «теъдоди» амалиётҳои ғайриқонунии бонкӣ, балки оид ба тағйирёбӣ ва шаклдигаркунии амиқи объекти иловагии

---

*150 Саркисян А.Ж. Проблемы совершенствования уголовно-правовой нормы об уголовной ответственности за незаконную банковскую деятельность // Вестник Северо- Кавказского государственного технического университета. 2006. – №5(9). – С. 138.*

*151 Волженкин Б.В. Экономические преступления. СПб., 1999. – С. 120; Зотов П.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика незаконной банковской деятельности: Автореф. дисс. ... канд. юрид. наук. М., 2007. – С. 17.*

фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ шаҳодат медиҳад. Ба сифати объектҳои иловагии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ манфиатҳои молу мулкии шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлат маҳсуб мешаванд[152].

Аз ин лиҳоз, бо мақсади тафриқаи паиҳами ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ пурра намудани қ.2 моддаи 263 КҶ бо аломати дахлдори муайянкунанда зарур мебошад. Банди «б» қ.2 моддаи 263 КҶ дар таҳрири зерин баён карда шавад: «бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон ё расонидани зиён ба миқдори махсусан калон ба шаҳрванд, ташкилотҳо ё давлат».

Барои муқаррар намудани тарафи объективӣ, аниқ ва мустаҳкам кардани далелҳо оид ба расонида шудани зарари калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат ва ё ба даст овардани даромад ба миқдори калон зарурат дорад. Ҳудудҳои миқдори калон дар эзоҳ ба моддаи 263 КҶ ҶТ зикр гардидаанд ва дар зараре, ки андозааш аз як ҳазор нишондиҳандаи минималии музди меҳнат зиёд бошад.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ дуруст қайд мегардад, ки фаъолияти бонкӣ як намуди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Мувофиқан, таркиби ҷинояти пешбининамудаи моддаи 263 КҶ ҶТ нисбат ба таркиби ҷинояти пешбининамудаи моддаи 259 КҶ ҶТ хусусияти махсус дорад [14]. Аз ин лиҳоз, баъзе муаллифон умуман истисно намудани моддаи 263 КҶ ҶТ, бо мавқуф гузоштани танҳо меъёри умумӣ, яъне соҳибкории ғайриқонунӣ, пешниҳод мекунанд[153]. Воқеан ҳам, фаъолияти бонкӣ як намуди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ҳамзамон, фаъолияти номбурда дорои чунин хусусиятҳоест, ки зарурати ҷудо кардани фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ба намуди алоҳидаи фаъолияти ҷиноятӣ ба миён меорад. Дар муқоиса бо дигар намуди фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти бонкӣ танҳо ҳангоми мавҷуд будани бақайдгирӣ ва гирифтани иҷозатнома аз Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ гашта метавонад. Ба ғайр аз ин, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, чун қоида, ба теъдоди зиёди амонатгузорон зарар мерасонад. Бо ин роҳ хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти мазкур тадриҷан баланд мегардад. Аз нигоҳи мо, ҷудо кардани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба таркиби алоҳидаи ҷиноят, на танҳо ҳаҷми баланди ҷазоро дар муқоиса бо соҳибкории ғайриқонунӣ муайян месозад, балки андозаи баланди ташкилдиҳандаи даромад ба миқдори калон ё зарари калонро муқаррар менамояд[154].

Ҳамаи андешаву мулоҳизаҳои баёншударо оид ба самтҳо ва тарзу усулҳои такомули қонунгузории меъёри ҳуқуқию ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарӣ барои фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ ҷамъбаст намуда, ворид намудани як қатор тағйиротҳоро ба КҶ ҶТ пешниҳод менамоем.

1. Матни қ.1 моддаи 263 КҶ ҶТ ба таври зерин баён карда шавад:

«1. Татбиқи фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ, бо вайрон кардани қоидаҳои бақайдгирӣ, ё бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад, ё бар хилофи манъкунии муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, бо вайрон кардани талаботу шартҳои иҷозатномадиҳӣ, инчунин, ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирии давлатии ташкилоти қарзӣ ва гирифтани иҷозатнома барои татбиқи амалиёти бонкӣ бо маълумоти бардурӯғ, агар ин кирдор ба шаҳрванд, ташкилотҳо ё давлат зиён ба миқдори калон расонида бошад ва ё ҷиҳати ба даст овардани даромад ба миқдори калон содир шавад».

2. Банди «б» қ.2 моддаи 263 КҶ ҶТ дар намуди зерин баён карда шавад:

«б) бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон ё расонидани зиён ба миқдори махсусан калон ба шаҳрванд, ташкилотҳо ё давлат».

---

*152 Якоби С. О совершенствовании уголовно-правовой нормы об ответственности за незаконную банковскую деятельность // Законы России: опыт, анализ, практика. 2008. – №12. – С.126-127.*

*153 Горелов А.П. Почему не применяются нормы об ответственности за экономические преступления // Законодательство, 2003. – №11. – С. 48-54.*

*154 Селивановская Ю.Г. К вопросу о «крупном размере» и «крупном ущербе» в преступлениях в сфере финансовой деятельности // Пробелы в российском законодательстве, – №6, 2012. – С. 150.*

**Адабиёт:**


1. Сафарзода А.И. Уголовно – правовая охрана предпринимательской деятельности в Республики Таджикистан. – Душанбе: «Сино», 2018. – 416 с.
2. Кузнецов, А. С. Следы незаконной банковской деятельности как признаки объективной стороны преступления / А. С. Кузнецов // Вестник Владимирского юридического института. – 2010. – №4(17). – С. 116-120.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009. №524. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.331.
4. Завидов Б.Д., Гусев О.Б. Преспупления в сфере экономики: Уголовно-правовой анализ и квалификации. М., 2001. – 224 с.
5. Костылева Г.В. Незаконная банковская деятельность: способы совершения // Сборник материалов всероссийских научно-практических конференций / под общ. ред. А.В. Шарковой. М., 2016. – С. 165-170.
6. Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономики: Авторский комментарий к уголовному закону (раздел VIII УК РФ). – М.: Волтерс Клувер, 2006. – 673 с.
7. Лопашенко Н.А. Преступное и непреступное в экономической деятельности // Государство и право на рубеже веков (криминология, уголовное право, судебное право): Материалы всероссийской конференции. -М., 2001. – С. 76-81.
8. Устинова Т.Д. Состояние уголовного законодательства о преступлениях, совершаемых в сфере предпринимательской деятельности, и его совершенствование // Уголовное право в XXI веке: Материалы Международной конференции на юридическом факультете МГУ им. М.В. Ломоносова 31 мая-1 июня 2001 г. – М.: «ЛексЭст», 2002. – С. 214-220.
9. Зотов П. В. К вопросу об объективной стороне незаконной банковской деятельности // Российский следователь. 2007. – №9. – С. 18.
10. Устинков А.В., Инчев М.Е., Тарабцев Р.А. Уголовно-значимые последствия незаконной банковской деятельности // Право и безопасность. 1(30), 2009. – С. 88.
11. Саркисян А.Ж. Проблемы совершенствования уголовно-правовой нормы об уголовной ответственности за незаконную банковскую деятельность // Вестник Северо-Кавказского государственного технического университета. 2006. №5(9). – С. 138.
12. Волженкин Б.В. Экономические преступления. – СПб., 1999. – С. 120; Зотов П.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика незаконной банковской деятельности: Автореф. дисс. … канд. юрид. наук. М., 2007. – С. 17.
13. Якоби С. О совершенствовании уголовно-правовой нормы об ответственности за незаконную банковскую деятельность // Законы России: опыт, анализ, практика. 2008. №12. – С.126-127.
14. Барчуков В.К. Особенности уголовно-правовой квалификации и расследования незаконной банковской деятельности // Вестник Владимирского юридического института. 2013. №1 (26). С. 44-47.
15. Горелов А.П. Почему не применяются нормы об ответственности за экономические преступления // Законодательство, 2003. – №11. – С. 48-54.
16. Селивановская Ю.Г. К вопросу о «крупном размере» и «крупном ущербе» в преступлениях в сфере финансовой деятельности // Пробелы в российском законодательстве, №6, 2012. – С. 150.

**Шарипов Тақдиршоҳ Шарипович, Мирзоев Қобилҷон Холмуродович**

## ЧОРАҲОИ УМУМИИҶТИМОӢ ВА МАХСУСИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТИ ҒОРАТГАРӢ

***Шарипов Тақдиршоҳ Шарипович,*** *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел: Тел:*** *(+992) 91840-86-00*

***Мирзоев Қобилҷон Холмуродович,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 988-94-94-05* ***E-mail:*** *qobil9498@mail.ru*

**Фишурда**. Дар мақолаи мазкур чораҳои умумииҷтимоӣ ва махсуси пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳангоми навиштани мақолаи таҳлилшаванда таъмини волоияти қонун дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар дигар соҳаҳо мутаносибан аз хусусияти тадбирҳои пешгирикунанда, ки бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо равона гардидаанд, вобаста аст. Аз ин рӯ, пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт таъмини самараноки талаботи ҷомеаро кафолат медиҳад.

Мушкилоти пешгирии ҷиноятоқкорӣ воқеан яке аз масъалаҳои марказии илми криминология мебошад. Принсипҳои асосии пешгирии ҷиноятоқкорӣ ва пешгирии намудҳо, категорияҳо ва гурӯҳҳои мушаххаси ҷиноятҳо аз ҷониби криминологҳо муддати тулонӣ таҳия гардида, асосҳои назариявии дахлдор аллакай коркард карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, пешгирии ҷиноятоқкорӣ, чораҳои умумииҷтимоӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

## ОБЩЕСОЦИАЛЬНЫЕ И СПЕЦИАЛЬНЫЕ МЕРЫ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЯ ГРАБЕЖА

***Шарипов Такдиршох Шарипович****, доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел:*** *(+992) 91840-86-00*

***Мирзоев Қобилджон Холмуродович,*** *ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 988-94-94-05* ***E-mail:*** *qobil9498@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье анализируются и рассматриваются общесоциальные и специальные меры предупреждения преступления грабежа. При написании анализируемой статьи обеспечение верховенства права в сфере хозяйственно-предпринимательских отношений, а также в других сферах зависит от характера профилактических мер, направленных на предупреждение правонарушений и преступлений. Поэтому предупреждение преступлений в сфере экономики гарантирует эффективное обеспечение потребностей общества.

Проблема предупреждения преступности действительно является одной из центральных проблем криминологии. Основные принципы предупреждения правонарушений и предупреждения отдельных видов, категорий и групп преступлений давно разработаны криминалистами, и уже разработаны соответствующие теоретические основы.

**Ключевые слова**. Уголовный кодекс, уголовное законодательство, предупреждение преступления, общесоциальные меры, уголовная ответственность.

# GENERAL SOCIAL AND SPECIAL MEASURES FOR THE PREVENTION OF THE CRIME OF ROBBERY

***Sharipov Taqdirshoh Sharipovich,*** *Doctor of Law sciences, Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 91840-86-00*

***Mirzoev Qobiljon KHolmurodovich,*** *Candidate of law sciences, Assistant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 988-94-94-05* ***E-mail:*** *qobil9498@mail.ru*

**Annotation**. This article analyzes and discusses general social and special measures to prevent the crime of robbery. When writing the analyzed article, ensuring the rule of law in the sphere of economic and business relations, as well as in other areas, depends on the nature of preventive measures aimed at preventing offenses and crimes. Therefore, the prevention of crimes in the sphere of the economy guarantees the effective provision of the needs of society. The problem of crime prevention is indeed one of the central problems of criminology. The basic principles for the prevention of offenses and the prevention of certain types, categories and groups of crimes have long been developed by criminologists, and the corresponding theoretical foundations have already been developed.

**Keywords**: Criminal code, criminal legislation, crime prevention, general social measures, criminal liability.

Дар адабиёти илми оид ба мафҳуми пешгирии ҷинояткорӣ, моҳияти ҳуқуқии он андешаҳо ва ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Тибқи андешаи Г.С. Саркисов, пешгирии ҷинояткорӣ як намуди махсуси идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки барои таъмини амнияти арзишҳои бо қонун ҳифзшаванда пешбинӣ шудааст ва аз таҳия ва татбиқи системаи чораҳои мақсаднок, ки ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст, иборат мебошад[155]. Пешгирӣ, – тавре Г.А. Аванесов қайд менамояд, – ин як намуди назария (вакте ки масъалаҳо бо истилоҳоти илмӣ омӯхта мешаванд) ва ҳамчун як намуди амалия (вақте ки масъалаҳои амалӣ ҳал карда мешаванд) мебошад[156].

Яке аз аввалин таърифҳои пешгирии ҷинояткорӣ аз ҷониби А.Г.Лекар дода шудааст. Тибқи таърифи додаи ӯ пешгирии ҷинояткорӣ «фаъолияти мақомоти давлатӣ (аз ҷумла мақомоти корҳои дохила) ва ташкилотҳои ҷамъиятии меҳнаткашон оид ба ошкор намудан ва бартараф намудани сабабҳое мебошад, ки сабаби ба амал омадани ҷиноятҳо ва шароитҳое мебошанд, ки ба содир шудани онҳо мусоидат мекунанд»[157].

Зери мафҳуми пешгирии ҷиноят баъзе муалифон маҷмӯи чорабиниҳои бо ҳам алоқаманди дар қонун пешбинишуда, инчунин дар назария ва амалия таҳияшударо мефаҳманд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд ва ба пешгирии ҷиноятҳо тавассути ошкор намудани ҷиноятҳо, бартараф намудани сабабу шароите, ки ба содир шудани онҳо мусоидат мекард, пешгирӣ кардани ҷиноятҳои мушаххас, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтироми қонуният нигаронида шудаанд[158].

Хусусияти ҷинояти ғоратгарӣ ба маҷмуи мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста аст, бинобар ин пешгирии ҷиноят дар рафъи ҷиноятҳои иқтисодӣ аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Баъзе таҳқиқотчиён аҳаммияти пешгирии ҷиноятҳои иқтисодиро махсус қайд менамоянд.

---

*155 Ниг.: Саркисов Г.С. Социальная система предупреждения преступности. – Ереван, 1975. – С. 46. Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 69.*

*156 Ниг.: Аванесов Г.А. Криминология и социальная профилактик. – М., 1980. – С. 106.*

*157 Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 3.*

*158 Ниг.: Березин М.Н., Кулагин Н.И., Макушненко Л.П. Профилактическая деятельность следователя. – Волгоград, 1975. – С. 4.*

Масалан, оид ба масъалаи пешгирии ҷиноятҳои иқтисодӣ З.А. Астемиров қайд менамояд, ки дар пешгирии умуми – иқтисодии ҷинояткорӣ мавқеи асосиро тамоми низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи аҳолӣ ишғол мекунад, ки бояд нисбат ба шахсони махсусан эҳтиёҷманд бештар зоҳир карда шавад ва ба баланд намудани музди меҳнат, кумакпулӣ, нафақа, шароити зиндагии аҳолӣ алоқаманд аст[159].

Аҳаммиятнокии пешгирии ҷинояткории иҷтисодиро В.Н. Кудрявцев қайд намуда иброз менамояд, ки ба дараҷаи зарурӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ омили муҳимми кам намудани ҷинояткории иқтисодӣ мебошад[160].

Пешгирии (пешгирии) ҷиноятҳо ин ошкорсозӣ, омӯзиш ва рафъи (безарар гардонидани) сабабҳо ва шароити ҷиноят, ошкор ва омӯзиши шахсоне, ки тарзи ҳаёти зиддиҷамъиятиро ба пеш мебаранд, ба қайди дахлдор гузоштан ва ба онҳо расонидани таъсири зарурӣ мебошад.

Пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ бояд ҳамчун таъсири мақсадноки пешгирикунанда на танҳо ба шахсоне, ки тарзи ҳаёти ғайриҷамъиятиро пеша намудаанд фаҳмида шавад, балки дар умум ба ҷинояткорӣ ҳамчун як падида, ба манфиати шахс ва ҷомеа амалӣ карда мешавад.

Пешгирии ҷиноят як намуди муайяни фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба ошкор сохтан ва бартараф намудани сабабҳое, ки боиси ба амал омадани ҷиноятҳо ва шароитҳое, ки ба содир намудани онҳо мусоидат мекунанд, нигаронида шудааст.

Пешгирии ғоратгарӣ, мисли ҳама гуна пешгирии дигар намудҳои ҷиноят, ба умумииҷтимоӣ ва махсус тақсим карда мешавад. Тадбирҳои пешгирикунанда бояд ҳам ба тағйир додани шароити объективии иҷтимоӣ ва ҳам ба тағйир додани шахсияти шахси ҷинояткор нигаронида шаванд.

Пешгирии умумии ғоратгарӣ – маҷмуи чораҳо оид ба рафъи равандҳои муайянсозӣ ва сабабнокии ҷинояткорииии касбӣ, ки ба тамоми аҳолӣ ва гурӯҳҳои он таъсир мерасонад, бо меъёрҳои умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар меъёрҳо ҷудо карда мешавад, ки эҳтимолияти рафтори ҷиноятии қариб тамоми намояндаҳои ин гуруҳҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Пешгирии умумииҷтимоӣ тадбирҳо оид ба такмили соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеаро дар бар мегирад.

Пешгирии инфиродӣ ин рафъи сабабҳо ва шароитҳои рафтори ҷиноятӣ дар сатҳи инфиродӣ нисбат ба шахсони алоҳида мебошад. Он инчунин аз ошкор намудани шахсоне, ки майли рафтори зиддиҳуқуқӣ доранд ва бо онҳо гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ иборат аст. Тадбирҳои пешгирии инфиродӣ бар хилофи умумӣ бевосита ба шахсияти ғоратгар ва ҳолатҳое нигаронида шудаанд, ки муносибати зиддиҷамъиятии ӯро ташкил медиҳанд.

Дар сатҳи инфиродӣ– шахсӣ пешгирии ғоратгарӣ, аз як тараф, таваҷҷуҳ ба шахсоне равона карда мешавад, ки ин ҷиноятро ҳамчун касб ё мунтазам ба содир намудани ин намуд кирдор машғул мебошанд, ё таҳти назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор доранд, аз ҷониби дигар таваҷҷуҳ нисбат ба шахсоне равона мегардад, ки бинобар сабаби камбағалӣ, эҳтиёҷмандӣ ба ғоратгарӣ ва дигар намудҳои тасарруфи амвол майл доранд. Пешгирии инфиродӣ инчунин тағйироти мусбати низоми тамоюлҳои арзишии шахс, рафъи ақидаҳо ва муносибатҳои зиддиҷамъиятии ӯ, пешгирии содир намудани ҷиноят аз ҷониби ӯ, ки зери назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор гирифтааст, дар бар мегирад (ин гуна пешгирӣ инчунин криминологии инфиродӣ номида мешавад).

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии пешгирии инфиродӣ ҷамъоварии маводи оперативӣ– ҷустуҷӯӣ, банақшагирӣ ва нигоҳдории маълумот дар бораи ҷиноятҳои ғоратгарии банақшагирифташуда ва омодашудаистода, маълумот оид ба шахсоне, ки қасди

---

*159 Ниг.: Астемиров З.А. Криминология: Курс лекций. – Махачкала, 2002. – С. 155.*
*160 Ниг.: Кудрявцев В.Н. Стратегии борьбы с преступностью. – М., 2003. – С. 280.*

содир кардани онҳоро доранд, маълумот дар бораи вақт, ҷой, ҷабрдидагон ва ғайра зарур аст[161].

Дар натиҷаи таҳқиқи чораҳои пешгирӣ ғоратгарӣ ба: ҳуқуқи– ҷиноятӣ, қонунгузорӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ахлоқӣ-тарбиявӣ, ташкилию идоракунӣ, виктимологӣ, техникӣ ва тиббӣ ҷудо карда шуданд.

**Чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ.** Дар пешгирии ҷиноятҳо чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Бинобар ин, дар пешгирии ғоратгарӣ, инчунин тамоми ҷиноятҳои ғаразнок, чораҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Онҳо дар давраи муосири ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти махсус пайдо намудаанд, зеро рушди механизми ҳуқуқӣ аз суръати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисодиёт хело ақиб мондааст.

Тадбирҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ сабабҳои иҷтимоии ҷиноятҳои ғаразнокро пурра бартараф намекунанд, аммо бо таҳдиди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ метавон то андозае ба шахсони майли рафтори зиддиҳуқуқӣ дошта таъсир расонида, такрор шудани кирдори ҷиноятии ғаразнокро аз ҷониби онҳо пешгирӣ намуд.

Тавассути истифодаи тамоми имконоти ҷазои ҷиноятӣ ҳадафи пешгирикунанда бо ду роҳи асосӣ амалӣ мегардад. Якум, бо роҳи озмоиши маҳкумшуда бо маҳрумиятҳое, ки мазмуни моддии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун оқибатҳои кирдори ҷиноятии содиркардаи ӯро ташкил медиҳанд. Дуюм, тавассути дарк намудани ногузирии ҷазои ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноят[162].

Аҳаммияти татбиқи чораҳои қонунӣ барои пешгирӣ намудани таҷовузҳои ҷиноятӣ ба моликияти шахсӣ набояд танҳо бо таъсири пешгирикунандаи ҷазо ё пурзӯр намудани назорат маҳдуд карда шавад. Чунин фаъолият ба ошкор намудан, рафъ ё безарар гардонидани сабабу шароити содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок на танҳо тавассути истифодаи чораҳои максаднок, балки бо такмили худи чораҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Ҷазои боадолатона аз тадбирҳои асосии пешгирии инфиродӣ мебошад. Ҷазо ҳамчун чораи пешгирии содиршавии ғоратгарӣ ва дигар ҷиноятҳо аҳаммияти калон дорад. Он таъсири боздоранда дошта, ба ташаккул ва мустаҳкам шудани интизоми ҳуқуқ ёрӣ мерасонад. Зарурати бандубасти дурусти кирдор аввалин амале мебошад, ки суд ҳангоми таъини ҳукм ба назар мегирад. Ин ба суд имконият медиҳад, ки хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятро муқаррар намояд.

Дар баробари ин ҳолатҳои тадбиқ нагардидани ҷазо зиёд гашта, он ба таъсири пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро хеле заиф мегардонад. Дар чунин ҳолатҳо беҷазоӣ метавонад ба омили мушаххаси криминогенӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, бекор намудани баъзе шартҳои қонуни ҷиноятӣ ё муқаррарот дар хусуси ҷазои ҷиноятӣ озод намудан барои содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок яке аз ҳолатҳои муҳим ва аҳаммиятноки пешгирии таҷовузи ҷинояткорона ба моликияти шахсӣ, умуман, ғоратгарӣ мебошад. Бартараф намудани он бояд бо роҳи такмил додани қонунгузорӣ дар самти интихоби дурусти объектҳои бевоситаи хифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба назар гирифтани воқеят имкониятҳои қонуни ҷиноятӣ оид ба таъмини ҳифзи моликияти шахсӣ, рафъи шартҳои қонунгузории субъективизми ҳуқуқӣ, ба Конститутсия мувофиқ намудани меъёрҳои мушаххаси қонуни ҷиноятӣ, такмили фаъолияти қонунгузорӣ зарур аст.

Яке аз ҳолатҳои паст гардидани таъсири умумии пешгирикунандаи ҷазои ҷиноятӣ ҳолатҳои беасос нисбат ба шахсоне, ки тибқи моддаи 248 КҶ ҶТ ҷиноят содир кардаанд, ҷазои сабук татбиқ намудан мебошад. Аз ин рӯ, дар мубориза бар муқобили ҷинояткорӣ, – тавре ки З.А. Астемиров қайд менамояд, – давлат вазифадор аст, ки сиёсати ҷиноятии

161 *Ниг.: Солодовников С.А. Криминологический анализ грабежей и разбоев в системе преступного насилия и их противодействие интересам личности и общества: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 229.*

162 *Ниг.: Адилов З.А. Потенциал уголовного наказания и проблемы его эффективности в борьбе с преступностью: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2003. – С. 10.*

худро ташаккул дода, ба амал баровардани муборизаи зидди ҷинояткориро дар асоси қонун таъмин намояд[163].

Инчунин дар ҶТ тамоюли кам гардидани таъсири ҷазо аз ҷониби судҳо мушоҳида карда мешавад. Қонунгузории ватанӣ дар самти либерализатсияи ҷазои ҷиноятӣ хело муваффақ шудааст, вақте ки вазъият ва динамикаи ҷиноят дар кишвар номусоид аст ва низоми ҷазои ҷиноятӣ аллакай заиф ва бесамар аст.

Маълумоте, ки мо дар асоси таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятие, ки судҳои Ҷумҳурии дар солҳои 2017-2022 баррасӣ кардаанд, нишон медиҳанд, ки ин тамоюли умуми хоси ин мавзуъ низ мебошад. Дар баробари ин, ҷазоҳое, ки ба маҳрум намудан аз озодӣ вобаста намебошанд, муассиртар кардан лозим аст, зеро дар шуури аксари аҳолӣ танҳо маҳрум кардан аз озодиро ҳамчун ҷазо барои ҷинояти содиршуда фаҳмида мешавад ва дигар намуд ҷазоҳо аз ҷумла корҳои ислоҳӣ, корҳои ҳатмӣ ва ғайраро ҳамчун озод намудан аз ҷазо мефаҳманд.

Ҳамин тариқ, нисбат ба шахсони дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор ҳар чӣ бештар истифода намудани шартан татбиқ накардани ҷазо, мунтазам авф намудани онҳо, васеъ истифода бурдани институти озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо шуури ҳуқуқии одамонро дигаргун менамояд ва дар низоми муборизаи зидди ҷинояткорӣ дар ҷамъият муҳити номусоиди иҷтимоию психологиро ба вуҷуд меорад.

Тамоми ин аз зарурати беҳтар тафтиш намудани парвандаҳои ғоратгарӣ, инчунин баланд бардоштани самараи чораҳои ҷазо дар самти пурзуўр намудани сиёсати ҷазо гувоҳӣ медиҳад[164].

Ҳар чи ки сабаби вайрон гардидани принсипи ногузирии ҷазои ҷиноятӣ мегардад, асосҳои адолати иҷтимоиро дар ҷамъият вайрон намуда, чунин вазъият аз 10 дар се ҳолат ба содир гардидани кирдорҳои ғаразноки зиддиҷамъиятӣ, ба рафтори хавфноки ғайриқонунии ғаразнок роҳ мекушояд. Ҳамин тавр, рафъи беҷазоӣ барои ҳама гуна кирдор, ҳуқуқвайронкуниҳо ё ҷиноятҳо бо мақсади пешгирии чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ як масъалаи таъхирнопазир мебошад. Роҳи асосӣ бартараф намудани ҳолатҳои хунукназарӣ вобаста ба ҳифзи молу мулк; бартараф намудани ҳолатҳои пинҳонкорӣ, ки аз ҷониби роҳбарони баъзе корҳонаҳо ҳангоми содир гардидани ҷинояти ғаразнок ба миқдори на он қадар калон амалӣ мегарданд; пешгирии бадмастӣ ва майзадагӣ, ки дар асоси он бештари ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсӣ содир шудааст, мебошад.

**Ҷораҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.** Тамоми шаклҳои гуногуни содир гардидани ҷиноятҳои ғаразнок аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мубориза ба муқобили онҳо танҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ душвор аст. Зарур аст, ки заминаи пешгирии иҷтимоии рафтори ҷинояткорона, барномаи давлатии дастгирии тамоми мақомотҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ машғуланд омода карда шавад. Муборизаи катъӣ ба муқобили ҷинояткорӣ, пешгирӣ кардани ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ва муқаррар намудани сабабҳое, ки боиси ба амал омадани онҳо мегарданд, асосан бо татбиқи амалии тадбирҳои асосии умумииҷтимоӣ муайян карда мешаванд[165].

Ҷораҳои иқтисодии пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ ба ҳалли вазифаи асосии паст намудани дараҷаи сатҳи бекорӣ, аз байн бурдани тафовут дар даромадҳои байни одамони камбизоат ва сарватманд равона гардидаанд. Мавриди зикр аст, ки дар ҷомеа муосир як табақаи одамоне ба вучуд омадаанд, ки манбаи даромади доимӣ надоранд– ҷинояткорони эҳтимолӣ. Аз ин ру, баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии ин гуруҳи одамон вазифаи аввалиндараҷа буда ва фароҳам овардани заминаҳои пешравии иҷтисодиёт мебошад.

Дар пешгирии умумии иҷтимоӣ, тамоми низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи аҳолӣ мавқеи калонро ишғол мекунад, ки бояд нисбати шахсони махсусан эҳтиёҷманд бештар ғамхорӣ зоҳир намоянд. Дар баробари ин ҳалли мушкилиҳои қайдгардида аз сиёсати

*163 Ниг.: Астемиров З.А. Криминология. – Махачкала, 2002. – С. 127.*
*164 Ниг.: Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис. ... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 145.*
*165 Ниг.: Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение. – Т. 8. – М., 1961. – С. 529–536.*

иҷтимоию иқтисодии давлат вобаста аст. Бо назардошти он, ки аксарияти ҷиноятҳои зидди моликият аз ҷониби шахсони бекор, ноболиғон содир мешаванд, тадбирҳои умумии пешгирикунандаи иҷтимоӣ бояд аз ҳифзи иҷтимоии ин шахсон, сатҳи муътадили зиндагии онҳо иборат бошад. Ба ин гурӯҳ шумораи зиёди шахсоне дохил мешаванд, ки аз маҳбасҳо озод шудаанд ва ба кумак дар шуғл, рӯзгор, таъминоти моддӣ эхтиёҷ доранд, чунин дастгириро наёфта, онҳо ба осонӣ ба касби пешина (ҷинояткорӣ) бармегарданд. Ҳамин тавр, дар пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғоратгарӣ аҳаммияти асосӣ ба пешгирии иҷтимоӣ дода мешавад.

**Тадбирҳои ахлоқӣ ва тарбиявии пешгирии ғоратгарӣ.** Чунин шаклу усулҳои махсуси таъсирасонӣ ба шахсе, ки рафтори ғаразнок дорад, ба монанди тарбияи ҳуқуқӣ ва назорати ҷамъиятии рафтори ғайриқонунии ҷинояткорон зарур аст. Ҳангоми пешгирии ҳодисаҳои тасарруфи моликият дар шакли ғоратгарӣ тадбирҳои тарбиявӣ аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Дар ин самт ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, таъсис додани низоми хуб ва муассири таълиму тарбия зарур мебошад, ки фаъолияти он бояд ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқӣ байни аҳолӣ мусоидат намояд[166]. Беҳтар намудани шароити зиндагонии аъзоёни ҷомеа бо таъсири мақсадноки тарбиявӣ ба шахс дар самти ташаккули низоми арзишҳо, муносибатҳо, эътиқодҳои ӯ, ки ба низоми меъёрӣ муқаррар шудаанд, бояд алоқаманд карда шавад.

Пешгирии ғоратгарӣ бо фаъолона ба амал баровардани фаъолияти аъзоёни оила, муассисаҳои таълимӣ, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ алоқаманд аст. Ҳамаи онҳо ба ташаккули дарки амиқи ягонагии ҳуқуқу уҳдадориҳо, эҳтиром ба қонуну қоидаҳо, рафъ, безарар гардонидани омилҳои манфии ташаккулёбии шахсият равона гардидаанд.

Дар шахсоне, ки дар рафтори онҳо аломатҳои нигилизми ҳуқуқӣ ба назар мерасад, эътиқод ба рафтори дурустро ташаккул додан зарур аст. Инчунин анъана, расму оин ва маърифати динӣ дар пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ ва дигар ҷиноятҳо дар ҷумҳурӣ аҳаммияти хоса дорад. Дар мероси маънавии халқҳо бисёр чизҳои ибратбахшу муфидро дидан мумкин аст. Урфу одат ва анъанаҳо (мисли бисёр халқҳои дигар) дар тули рушди тулонии таърихӣ инкишоф ёфта, аз насл ба насл мегузаранд.

Нақши муҳим дар тарбияи рафтори қонунӣ дар расму оинҳо ба оила таааллуқ дорад. Нақши оила дар ташаккули ахлоқии шахсият дар марҳилаҳои аввали инкишофи он дар асарҳои омӯзгорон, равоншиносон, ҳуқуқшиносон комилан инъикос ёфтааст[167]. Дар онҳо тавсияҳои мушаххас оид ба таълим, тавсифи усулҳои педагогии дахлдор қайд мегарданд.

Мувофиқи маълумотҳои омории дастраснамудаи мо, масалан, дар соли 2021 синну соли шахсони ғоратгарӣ содирнамуда ба 16 то 29 – солагӣ рост меояд, ки ин аз шумораи умумии шахсони чунин ҷиноятро содир намуда – 74,7%– ро ташкил медиҳад[168]. Ин бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки баҳри огоҳии ҷинояткорӣ истифодаи воситаҳои асосии тарбия дар марҳилаи ибтидои зарур мебошад. Дар татбиқи ин тадбирҳо нақши оила,

---

*166 Ниг.: Нелезина Е.П. Уголовно–правовые и криминологические меры борьбы с присвоением и растратой в кредитно–банковской системе: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 132; Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис. ... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 108; Севрюков А.П. Хищение имущества: криминологические и уголовно–правовые аспекты. – М., 2004. – С. 448.*

*167 Ниг.: Валуев М.В. Семья как субъект предупреждения преступности молодежи / М. В. Валуев // Правовое воспитание молодежи: семья и социум: сборник научных трудов / Международной научно–практической конференции (Москва, 30 ноября 2016 года). – Москва: Московский университет Министерства внутренних дел Российской Федерации им. В.Я. Кикотя, 2017. – С. 17–20., Марианов А.А., Заирбеков Ш.И. Семья как субъект предупреждения преступлений / А.А. Марианов, Ш.И. Заирбеков // Наука и современность / Материалы II Международной научно–практической конференции (Махачкала, 27 ноября 2015 года) / Под общей редакцией М.И. Абакарова. – Махачкала: Общество с ограниченной ответственностью «Инноватика», 2015. – С. 127–131.*

*168 Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз16.03.2022, таҳти – №02/632–03.*

коллективҳои муассисаҳои таълимӣ ва дигар институтҳои ҷамъияти дар марҳалаҳои аввалин хеле калон аст.

Бояд қайд намуд, ки чидду ҷаҳди коллективҳои меҳнатӣ, оилаҳо ва муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятиро барои безарар намудан ё бартараф намудани омилу ҳолатҳое, ки ба одамони майли ғаразнокдошта таъсири манфӣ мерасонанд, бояд бо фаъолияти фаъолонаи ташкилотҳои гуногун, муассисаҳои маданият, муассисаҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дастгирӣ карда шавад. Нақши ин субъектҳо дар кори пешгирӣ кардани ташаккули тамоюли ғаразноки шахс бояд хеле баланд гардад.

Тарбияи ахлоқӣ дар оила бо тарбияи меҳнатӣ робитаи зич дорад. Усулҳои асосӣ таълим, пешниҳод, талаб, таъриф ва танбеҳ мебошанд. Дар оила аз овони хурдсолӣ бо равишҳои гуногуни тарбия ба тарбия дар давраи кудакию наврасӣ, бо таъсир расондан ба соҳаи эҳсоси шахсият, бо талаби катъии калонсолон нисбат ба кӯдакон хислатҳои ахлоқӣ ва итоаткорӣ ташаккул меёфт. Ин ба ҳолатҳое тааллуқ дошт, ки амалҳои ҷиддии бадахлоқона доранд. Дар чунин мавридҳо ҳама гуна ҷазо мувофиқ дониста мешуд, ба шарте ки хоҳиши такрори кирдорро боздорад. Дар баробари ин, ҷазоҳои бераҳмона ҳамчун як таҳдиди эҳтимолӣ вуҷуд доштанд, на ҳамчун воситаи истифодаи ҳамарӯза.

Дар ташаккули ахлоқии шахс муносибати худи ӯ ба амалу кирдор, риояи меъёрҳои ахлоқии дар ҷомеа муқарраргардида аҳаммияти бузург дорад. Муҳим он аст, ки худи шахс саъӣ кунад, ки меъёру қоидаҳои ахлоқиро риоя намояд.

Ҳамин тавр таъкид намудан зарур аст, ки пешгирӣ кардани таҷовузи ҷинояткорона ба моликияти шахсӣ, пеш аз ҳама, вазифаи мураккаби тарбиявӣ мебошад. Самаранокии ҳалли он аз истифодаи усулҳои гуногуни таъсири тарбиявӣ ба шах вобаста аст. Муносибати комплексӣ дар кори тарбия на танҳо ягонагии шаклҳо, роҳҳо ва воситаҳо, балки инчунин маънои то чӣ андоза самаранок ба амал баровардани таъсир ба тамоми сатҳҳои шуури шахсият, сифатҳо ва хосиятҳои онро дорад. Ба ибораи дигар, шуури шахсро бо чунин иттилооти мусбат мусаллах кардан лозим аст, ки ба инкишоф ва таҳкими самтҳои муҳимми иҷтимоӣ дар шуури ӯ мусоидат карда, таъсиреро, ки шахсиятро аз ҷиҳати ахлоқӣ деформатсия мекунад, комилан истисно намояд[169].

**Чораҳои ташкилию идоравӣ.** Дар стратегияи мубориза бо ҷинояткорӣ ҷои махсусро тадбирҳои ташкилию идоракунӣ ишғол мекунанд, ки дар таъмини истифодаи дурусти шаклҳои махсуси пешгирикунанда нақши муҳим доранд[170].

Яке аз мушкилотҳои асосии ташкилию идоракунии муборизаи зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ба қайд гирифтан ва баҳисобгирии ҷиноятҳо мебошад, ки дар таъмини пуррагӣ ва объективии нишондодҳои ҳолати ҷинояткорӣ ва назорати воқеии он нақши ҳалкунанда мебозанд.

**Такмили тадбирҳои техникии пешгирии ғоратгарӣ.** Ин чораҳое мебошанд, ки ба рафъи ҳолатҳои вайрон намудани ҳуқуқи моликияти шахсӣ мусоидат мекунанд, бо истифодаи воситаҳои техникӣ ё бе истифодаи воситаҳои техникӣ содир карда мешаванд. Онҳо инчунин истифодаи компютерҳои электрониро дар бар мегирад.

Техникаи муосир барои нигоҳ доштани ахбороти васеъ ва мубрам имкониятҳои зиёдро фароҳам меорад; вақти коркард ва таҳлили ахборро кам мекунад; муҳлати иҷрои амалиёти гуногун, ки барои омӯхтани ҷинояткорӣ, иштироккунандагони ҷинояткорӣ ва дар ин асос кор карда баромадани тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки пешгирикунӣ ва ғайра заруранд, хеле кам карда мешавад. Албатта, нақши инсон аз ин кам намешавад. Маҳз инсон ҳуқуқи ягона ва бебаҳс барои қабули қарорҳои ниҳоӣ дорад. Истифодаи техникаи компютерӣ омода намудани мутахассисони баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз

---

*169 Ниг.: Акаева А.А. Проблемы латентности преступлений в сфере экономики: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 8.*

*170 Ниг.: Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 19.*

худ намудани технологияи муосир ва эҷодкорона истифода бурдани имкониятҳои фароҳамшударо тақозо мекунад.

Бо дарназардошти он ки пешгирии мақсадноки ҷинояти ғоратгарӣ як масъалаи мураккаб мебошад, ҷорӣ намудани технологияи электронии ҳисоббарории муосир боз ҳам мубрам мегардад. Он имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ иттилооти аҳаммиятнок ҷамъоварӣ карда шуда, имкон медиҳад, ки чораи мушаххаси таъсиррасонӣ ба ҷинояткорон дуруст интихоб карда шавад.

Инчунин такмили тадбирҳои техникӣ барои пешгирӣ кардани воридшавии ғайриқонунӣ ба биноҳои истиқоматӣ қайд намудан зарур аст. Ба андешаи мо бояд барои ин мақсадҳо дастгоҳҳои махсуси автоматӣ васеъ истифода бурда шаванд аз ҷумла: идора намудани дарҳои даромадгоҳҳо ба биноҳои бисёрошёна аз дохили манзилҳо, идоракунии автоматии рушноидиҳии электронӣ; домофон, аз ҷумла домофонҳо дар даромадгохи биноҳои серошёна ва инчунин қулфҳои электронӣ бо пулт. Воситаи таъсирбахш сигнали марказӣ ва автономии амниятӣ дар хонаҳо, анборҳо, инчунин сигналҳои мошинҳои шахсӣ ва биноҳо мебошад.

**Истифодаи чораҳои тиббӣ дар пешгирии деформатсияи шахсият.** Тавре амалия нишон медиҳад, аксарияти иштирокчиёни ҷиноятҳои ба даст овардани моликияти шахсӣ мунтазам машрубот истеъмол мекарданд, баъзеҳои онҳо майзадагони музмин буданд, тез–тез тағирёбии руҳӣ, ҳолати гуногуни бемориро аз сар мегузаронанд. Вобаста ба ин, барои рафъи деформатсияи физиологӣ ва равонии шахс нисбати онҳо дар баробари дигар усулҳои таъсиррасонӣ ва чораҳои пешгирикунандаи хусусияти тиббӣ татбиқ намудан зарур мебошад. Ҳамаи ин чораҳои пешгирикунанда, ки дар якчоягӣ тадбиқ мегарданд, натиҷаҳои мусбат медиҳанд.

**Пешгирии виктимологӣ.** Дар аксар маврид тадбирҳои пешгирӣ кардани ҷиноятҳо асосан яктарафа буда, пеш аз ҳама ба шахсияти ҷинояткор нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, дар натиҷаи омӯзиши сабабу шароите, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат мекунанд, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сабаби кирдорҳои ҷиноятӣ то андозае рафтори худи ҷабрдидагон низ мебошанд. Маълумоте, ки дар бораи ҷабрдида, хислатҳои шахсият ва рафтори ӯ ба даст омадааст, имкон медиҳад, ки чораҳои пешгирикунандаи виктимологӣ, ки ба иқтидори ҷабрдидагон барои пешгирии содир намудани ҷиноят нигаронида шудаанд, коркард карда шаванд[171].

Пешгирии виктимологӣ ҳамчун маҷмуи чораҳои дорои хусусияти пешгирикунанда барои таъсир расонидан ба омилҳо, падидаҳо, равандҳои виктимологенӣ, ки ҷузъҳои маҷмуи сабабҳои ҷиноятҳои мушаххас, категорияҳо ва намудҳои онҳо мебошанд, муайян карда мешавад[172].

Таҳлили имкониятҳои виктимологии пешгирии ҷинояткорӣ ва махсусан ҷиноятҳои зӯроварӣ ва ғаразнок маънои на танҳо тағйир додани нуқтаи назари пешгирӣ ҳамчун муносибат нисбат ба ҷинояткор, балки тағйир додани баҳодиҳии ҷабрдидаро ҳамчун унсури ғайрифаъоли ҳолати чинояткорӣ дорад. Муносибати виктимологӣ имкон медиҳад, ки чораҳои таъсири мусбат ба шахсоне, ки эҳтимоли қурбонии ҷиноятҳо мешаванд, таҳия карда шаванд. Аз ин рӯ, ҷанбаи виктимологӣ дар тамоми самтҳои пешгирии ҷинояткорӣ ҷойгоҳи худро пайдо мекунад. Аз ҷиҳати назариявӣ, ҳар як шахс метавонад қурбонии ҷиноят гардад, аз ҷумла ҷинояти ғоратгарӣ. Аз ин рӯ, дар байни аҳолӣ барои кам кардани хавфи қурбони ҷиноят шудан тадбирҳо коркард ва ба амал бароварда шаванд. Дар робита ба ин, мушкилоти таъминоти иттилоотии пешгирии ғоратгарӣ бешубҳа ба вуҷуд меорад.

---

*171 Ниг.: Адипозелов К.А. Проблемы виктимизации населения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 4.*

*172 Ниг.: Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 17.*

Тавре таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, шаҳрвандоне, ки барои бо худ гардондани силоҳ иҷозат доранд, нисбат ба аҳолии одӣ бештар талаботи қонунро риоя мекунанд. Таҷрибаи ин давлатҳо исбот менамояд, аҳолӣ ҳар қадар бештар мусаллаҳ бошад, ҷиноятҳо камтар содир карда мешаванд.

**Адабиёт:**


1. Аванесов Г.А. Криминология и социальная профилактик. – М., 1980. – С. 106.
2. Адилов З.А. Потенциал уголовного наказания и проблемы его эффективности в борьбе с преступностью: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2003. – С. 10.
3. Адипозелов К.А. Проблемы виктимизации населения: автореф. дис.... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 4.
4. Акаева А.А. Проблемы латентности преступлений в сфере экономики: автореф. дис.... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 8.
5. Астемиров З.А. Криминология. – Махачкала, 2002. – С. 127.
6. Астемиров З.А. Криминология: Курс лекций. – Махачкала, 2002. – С. 155.
7. Березин М.Н., Кулагин Н.И., Макушненко Л.П. Профилактическая деятельность следователя. – Волгоград, 1975. – С. 4.
8. Валуев М.В. Семья как субъект предупреждения преступности молодежи / М. В. Валуев // Правовое воспитание молодежи: семья и социум: сборник научных трудов / Международной научно– практической конференции (Москва, 30 ноября 2016 года). – Москва: Московский университет Министерства внутренних дел Российской Федерации им. В.Я. Кикотя, 2017. – С. 17– 20.
9. Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 3.
10. Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 19.
11. Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 17.
12. Кудрявцев В.Н. Стратегии борьбы с преступностью. – М., 2003. – С. 280.
13. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение. – Т. 8. – М., 1961. – С. 529– 536.
14. Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз16.03.2022, таҳти №02/632– 03.
15. Нелезина Е.П. Уголовно– правовые и криминологические меры борьбы с присвоением и растратой в кредитно– банковской системе: дис.... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 132; Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис.... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 108; Севрюков А.П. Хищение имущества: криминологические и уголовно– правовые аспекты. – М., 2004. – С. 448.
16. Саркисов Г.С. Социальная система предупреждения преступности. – Ереван, 1975. – С. 46. Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 69.
17. Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис.... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 145.
18. Солодовников С.А. Криминологический анализ грабежей и разбоев в системе преступного насилия и их противодействие интересам личности и общества: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 229.

**Сатторов Гаффор Сатторович, Холикзода Шерали Лоик**

# НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ КВАЛИФИКАЦИИ ПОНУЖДЕНИЕ К ДЕЙСТВИЯМ СЕКСУАЛЬНОГО ХАРАКТЕРА

***Сатторов Гаффор Сатторович,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 907-78-88-99.*

***Холикзода Шерали Лоик,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 905-55-90-82.* ***E-mail:*** *kholikov88@mail.ru.*

**Аннотация:** В данной статье речь идет о некоторые проблемы квалификации понуждение к действиям сексуального характера. Тема понуждение к действиям сексуального характера является первым исследованием, которое исследовано и обсуждено на основе исследований отечественных и зарубежных ученых и достижений юридической науки Республики Таджикистан, а также идеи авторов выражены в данной статей.

**Ключевые слова:** уголовное закон, преступление, понуждение к действиям сексуального характера, состав преступления, субъективная сторона преступления, вина, умысел.

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ БАНДУБАСТИ МАҶБУР КАРДАН БА ҲАРАКАТҲОИ ДОРОИ ХУҚСУСИЯТИ ШАҲВОНӢ

***Сатторов Ғаффор Сатторович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 907-78-88-99.*

***Холиқзода Шералӣ Лоиқ,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 905-55-90-82.* ***E-mail:*** *kholikov88@mail.ru.*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи баъзе масоили бандубасти маҷбур кардан ба ҳаракатҳои дорои хуқсусияти шаҳвонӣ меравад. Мавзуи маҷбур кардан ба ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ аввалин пажӯҳише мебошад, ки дар асоси таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ ва дастовардҳои илми ҳуқукшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ гардида, дар робита ба он фикрҳои муаллифон иброз гардидааст.

**Калидвожаҳо:** қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, маҷбур кардан ба ҳаракатҳои дорои хуқсусияти шаҳвонӣ, банду басти ҷиноят, таркиби ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят, гунох, қасд,

# SOME PROBLEMS OF QUALIFICATION FORCING TO ACTIONS OF A SEXUAL NATURE

***Sattorov Gaffor Sattorovich,*** *Candidate of law sciences, Docent, of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Tel.:*** *(+992) 907-78-88-99.*

***KHolikzoda Sherali Loik,*** *Candidate of law sciences, Docent, of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Tel.:*** *(+992) 905-55-90-82.* ***E-mail:*** *kholikov88@mail.ru*

**Annotation:** This article deals with some of the problems of qualification of compulsion to act of a sexual nature. The topic of compulsion to act of a sexual nature is the first study that has been researched and discussed on the basis of research by domestic and foreign scientists and the achievements of the legal science of the Republic of Tajikistan, as well as the ideas of the authors are expressed in this article.

**Key words:** criminal law, crime, compulsion to act of a sexual nature, corpus delicti, subjective side of the crime, guilt, intent.

Уголовная ответственность предусмотрена за понуждение лица к половому сношению, мужеложеству, лесбиянству или совершению иных действий сексуального характера путем, угрозы уничтожением, повrежением или изьятием имущества либо с использованием материальной или иной зависимости потерпевшего (ст. 140 УК РТ)[173].

Общественная опасность рассматриваемого преступления выражается в посягательстве на половую свободу женщин и мужчин, а также честь и достоинство потерпевших.

Потерпевшим по ст. 140 УК РТ может быть лицо мужского и женского пола достигшее 16 лет.

Объектом анализируемого состава является половая свобода мужчин и женщин, то есть право взрослого человека (16 лет), самому решать, с кем и в какой форме удовлетворять свой сексуалные потребности.

Теория уголовного права не исключает и факультативного объекта данного преступления. Например, при шантаже честь и достоинство потерпевшых; при угрозах уничтожением, поврежденим или изъятием имущества собственность.

В юридической литературе совершенно справедливо сказано, что установление факультативного объекта не меняет квалификацию преступления, но может быть учтено судом при индувидуализации наказания как обстоятельство, отягчающее ответственность (ст. 62 УК)[174].

Понуждение лица, достигшего 16 лет, ки половому снешению, мужеложству, лесбиянству и иные действия сексуального характера квалифицируется по ст. 140 УК. Однако, пониждение лица, не достигшего 16 лет, к совершению выше названных действий должно бить оценено по совокупности со ст. 141 УК и ст. 140 УК. И наконец, последний, развратные действия с последующим понуждение к действиям сексуального характера, также квалифицируются по совокупности со ст. 142 УК и ст. 140 УК.

Понуждение к действиям сексуального характера в отличие от изнасилование (ст. 138 УК РТ) и насильственные дествия сексуального характера (ст. 139 УК РТ) отличается способом. Способом совершение этого состава является не физическое насилие и не угроза физическим насилием, а шантаж, угроза уничтожением, повреждением или изъятием имущества либо использованые материальной или иной зависимости потерпевшего (потерпевшей).

В соответствие диспозиции ст. 140 УК объективная сторона преступления выражается в понуждение лица к действиям сексуального характера.

Чоткое определение понятие понуждение в теории уголовного права и следственно – судебной практики нет. Хотя, оно встречается иногда некоторых юридических литератур.

Отделные ученые криминалисты утверждают, что «Понуждение следует понимать как психическое воздействие на потерпевшую (потерпевшего) с целю заставить ее вступить в сексуальные контакты с виновным против своей воли». Понуждение может совершаться в лубой форме: устной, письменной, с использованием средств связи. Может адресоваться непосредственно потерпевшей либо через третьих лиц.

*173 Уголовный Кодекс Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019, С. 421*

*174 Уголовное право. Особенная часть. – М., 2000. – С. 136*

Понуждение может выражаться как действиями виновного так и пассивным поведением виновного. Оно может состоят в поставление потерпевшей в такие условия, при которых она вынуждена вступить в сексуальный контакт для предотвращения вреда своим законным интересам. Это особенно касается случаев понуждения с использованием материальной или иной зависимости»[175].

Совершенно справедливо, что понуждать – это заставить потерпешую (потерпевшего) совершение к действиям сексуального характера, теми способами указанные в диспозиции даного преступления. Таким образом, понуждение в данной норме является способы совершения преступления путем шантажа, угрозы уничтожением, повреждением или изъятием имущества либо с использованием материальной или иной зависимости потерпевшего (потерпевшую). Поэтому, другие способы совершается данного состава (например, обман, обещание им каких – либо благ, преимущество иной помощи не может рассматриватся как преступление и деяние не должно квалифицироваться по ст. 140 УК).

Исследуя данного преступления в юридической литературе сказанно, что «Закон перечисляет средств и способы понуждения:

– шантаж – угроза разоблачения, разглашения компроматирующих сведений, запугивание, с целью добиться сексуального контаката;

– угрозы уничтожением, повреждением или изъиятием имущества потерпевших;

– материальная зависимость – нахождение на иждивении, на содержании и.т.п.;

– или иная зависимость[176].

Таким образом, из этого следует вывод, что объективное сторона этого преступления состоит из указанных в законе способов: – шантаж; угрозы уничтожением, повреждением или изъятием имущества;материальная зависимость; или иная зависимость.

В теории уголовного права способ совершения преступления признается факультативным признаком объективной стороны состава преступления[177]. Совершенно справедливо сказанно в юридической литература, что «способ совершения преступления может иметь различное уголовно-правовое значение: а) являеться признаком основного состава».[178]

Беспорно, что способ совершения преступления в ст. 140 УК РТ является обязательным признаком и имеет значание для квалификации преступления.

Резюмируя изложенное, необходимо указать, что другие способы совершения данного преступления, не могут рассматриваться как понуждение к действиям сексуального характера.

В юридической литературе ученые утверждают, что деяние отличаются от других преступления против половй свободи и половой неприкосновенности по способу совершения данного преступления.

Однако к сожелению уголовным Кодексом и Постоновлением Пленума Верховного Суда РТ не раскрывать содержания употреблемых в законе понятий. Отрадно, то что понятия способы совершения ст. 140 УК РТ достаточно обоснованно и аннолично раскрывется наукой уголовного права.

Итак, в комментарии УК РФ сказанно, что «шантаж – это угроза, распространения сведений компрометирующего характера. При этом не имеет значения их достоверность, например, понуждение к вступлению в половую связь под угрозой распространения свядений о венерическом заболевания потерпевшего в прошлом».[179]

На наш взгяд, шантаж в даной нормы имеет двоякое значения: во – первых угроза распространения сведений, позорящих потерпевшего или его близких, т.е. сведений о

*175 Я.М. Яковлев. Половые преступления. Душанбе, 1969 г. – С. 194*
*176 Уголовное права России. Том 2. Особенная часть – М., 1999. – С. 1942*
*177 А.В. Наумов. Уголовное право. Общая часть – М. 1999. – С. 176-177*
*178 Уголовное право России. Часть Общая и Особенная- М., 2014. – С. 76*
*179 Комментарии к УК РФ. – М. 2019. – С. 471*

совершенном преступленой, заражие ВИЧ – инфекцией заражение венерической болезнью и.т.п.; во – вторых угроза распространения сведений, которых потерпевшый или его близких желают сохранить в тайне (например, разглашение тайны усыновления (удочерения).

На всякие случай следует отметит, что шантаж с целью завладения чужого имущества квалифицируется по с. 250 за вымогательство, а шантаже с целью вовлечение в занятие проституцией отсенивается по ст. 238 УК РТ.

Под угрозой уничтожением, повреждении или изятием имущества предпологает психическое воздействие на потерпевшего (потерпевшей).

Однако, если угрозы были приведены виновным в исполнение, то деяние должно быть квалифицированно по совокупности по ст. 140 УК РТ и умышленное уничтожения или повреждения имущества по ст. 248 УК РТ или разбой ст. 249 УК РТ.

Использование материальной или иной зависимости потерпевшего (потерпевшей) означает понуждение, сопровождаемое угрозой совершить такие действия в отношении зависимого лица, которые приведут к ущемлению его законных прав и интересов (угроза уволить с работы, снизить зарплату, лишить жилица и т.п.).[180]

В комментарий к УК РФ совершенно справедливо сказано, что «По нашему менению уголовную ответственность за понуждение к совершению действий сексуального характера путем исползования зависимости виновный подлежит только в том случае когда он посегал на законые, правоохраняемые права и интиресы потерпевшего (например, грозить задержать получение очередного воинского звания). Однако если виновный пообешал подчиненному незаконо предствить его к очередному воинскому званию, то в этом случае использования зависимости нет, а имеет место уголовно ненаказуемое соблазнение подчиненного»[181].

Субъективная сторона ст. 140 УК РТ выражается умышленной виной в виде прямого умысла, т.е. лицо осознает, что использует понуждением или изъятиемимущества, а ткже материальную зависимость потерпевшей (потерпевшему) для совершения сексуальных действий, и желает совершить такие действия.

Субъектом данного преступления является лицо (женского пола или мужского), достигшее 16 – летнего возраста. Однако следует заметить, что субъектом ст. 140 УК РТ могут быть и специальным при совершении деяния с использованием материальной или иной зависимости потерпевшего или потерпевший.

Напрашивается вопрос, какого уголовная ответственность должностных лиц, которые злоупотреблении служебными полномочиями или предиставители власти превышая должностными полномочиями совершими ст. 140 УК РТ, то можно ли привлекать их к уголовной ответственности по совокупности?

В ч. 4 ст. 20 УК РТ совокупность преступленый отмечается, что «Если преступление предусмотрено общей и специальной нормами, совокупность преступлений отсутствует и уголовная ответственность наступает по специальной норме»[182].

При конкуренции общей нормы (ст. 314 УК РТ) и специальны нормы (ст. 140 УК РТ) в уголовное право всегда предпочитают специальной норме (в даном случае ст. 140 УК РТ).

И наконец, в ч. 2 ст. 8 УК РТ принцип справедливости зафиксированно что «Никто не может нести уголовную ответственность дважды за одно и то же преступление»[183].

На основании изложенного, если должностное лицо понуждал к действиям сексуального характера с использованием материальной иной зависимости потерпевшего (потерпевшей), винойный несет уголовную ответственность только по ст. 140 УК РТ.

---

*180 Уголовное право России. Особенная часть - М., 1997. – С. 75*

*181 Комментарии к УК РФ. – М. 2019. С.472*

*182 Уголовный Кодекс Республики Таджикистан – Душанбе, 2019. – С. 335*

*183 Тамже. – С. 327*

Возникает вопрос: имеет ли ст. 140 УК РТ приготовление к совершению или покушение на него? В связи с тем, что ст. 140 УК РТ признается преступление не большой тяжести (ст. 18 УК РТ) а также в соответствии ч. 2 ст. 32 УК РТ Уголовная ответственность наступает только за приготовление к тяжкому или особо тяжкому преступлению, рассматриваемое преступление не имеет приготовление к преступлению.

В ст. 140 УК РТ также нет стадии покушение на преступление т.к. совершениях тех действиях указанные самой диспозиции в формальных составов уже деяния признается оконченным.

Соучастники по данной статьи уголовную ответственность несут ниже следующим образом: а) исполнителя привлекают к уголовной ответственности по ст. 140 УК РТ без ссылку на ст. 36 УК РТ; б) действия организатора оценивается по ч. 3 ст. 36 и ст. 140 УК РТ; в) подстрекатель привлекается по ч. 5 ст. 36 и ст. 140 УК РТ.

Следует отметит, что понуждение к действиям сексуального характера в отношении двух и более лиц, повторно, совершенное группой лиц, также квалифицируется по ст. 140 УК РТ, но при назначении наказания суд учитывать как обстоятельства, отягчающие наказания предусмотренных ст. 62 УК РТ.

На наш взгляд, в целях развития уголовного законодательства, принципа справедливости и предупреждения ст. 140 УК РТ было бы правильным криминализировать еще одну часть в ст. 140 УК РТ, которая содержала бы понуждение к действиям сексуального характера в отношении двух и более лиц, повторно, рецидив и совершение данного преступления группой лиц предварительному сговору.

**Литература:**


1. Уголовный Кодекс Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019, С. 421
2. Комментарии к уголовному кодексу Российской Федерации. – М. 2019. С.472
3. Наумов А.В. Уголовное право. Общая часть – М. 1999. С. 176-177
4. Уголовное права России. Том 2. Особенная часть – М., 1999. С. 1942
5. Уголовное право России. Особенная часть – М., 1997. С. 75
6. Уголовное право России. Часть Общая и Особенная– М., 2014. С. 76
7. Уголовное право. Особенная часть. – М., 2000. С. 136
8. Яковлев Я.М. Половые преступления. Душанбе, 1969 г. С. 194



**Мирзоахмедов Фирдавс Аҳмадович**


# НАМУДҲОИ КИРДОРҲОИ БА ҶАМЪИЯТ ХАВФНОК ҲАМЧУН ШАКЛҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТӢ ОИДИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Мирзоахмедов Фирдавс Аҳмадович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 919533611.* ***E-mail:*** *mfa2@yandex.ru.*



**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз қабили намудҳои кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок ҳамчун шаклҳои амалигардонии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ оиди ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии соҳа ва қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф қайд менамояд, ки ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ хело ҳам зиёд мебошад. Онҳо воқеан ҳам барои бисьёр аз муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар мерасонанд (дахлнопазирии шахсӣ,

нигоҳдории моликият, фаъолияти мӯътадили интитутҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва ғайра) ва оқибатҳои онҳо барои аҳли ҷомеа бисёр ҳам хатарнок мебошанд. Мавзӯи таҳлилшавандаро баррасӣ намуда, муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ҳамавақт дар тағйирёбӣ ва шаклдигаркунӣ мебошанд. Аз ин рӯ ҳангоми амалигардонии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ оиди ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба назар гирифтан лозим аст, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҷиноятҳо ба муқобили амниятӣ ҷамъиятӣ ҳамеша дар раванди инкишоф аст, зеро дар ин самт эҳтимолияти ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави ҳуқуқи-ҷиноятӣ вуҷуд дорад. Бо дарназардошти ин, ҳангоме, ки муносибатҳои нав дар ин самт ба вуҷуд меоянд, бояд ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) ворид гарданд, чунки ҳангоми ворид гардидан ба КҶ ҶТ имконияти васеи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор дар содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ пайдо мегардад, ки ин барои амалигардонии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ оиди ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам меоварад.

**Калидвожахо:** амният, амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои амнияти ҷамъиятӣ, қоидаи махсуси бехатарӣ, предметҳои хатари умумдошта, ҷиноят, ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ, Кодекси ҷиноятӣ, такмили қонунгузорӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, сарчашмаи иҷтимоӣ, сарчашмаи ҷисмонӣ, сарчашмаҳои биологӣ.

## ВИДЫ ОБЩЕСТВЕННО ОПАСНЫХ ДЕЯНИЙ КАК ФОРМЫ РЕАЛИЗАЦИИ УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ ПО ПРЕСТУПЛЕНИЯМ ПРОТИВ ОБЩЕСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Мирзоахмедов Фирдавс Ахмадович,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 919533611* ***E-mail:*** *mfa2@yandex.ru*

**Аннотация:** Данная статья посвящена одному из важных проблем уголовного права, в частности видам общественно опасных действий как формы осуществления уголовно-правовой политики по преступлениям против общественной безопасности в Республике Таджикистан. На основе изучения научной литературы соответсвующей отрасли и действующего уголовного законодательства Республики Таджикистан автор отмечает, что общественная опасность преступлений против общественной безопасности очень велики. Они действительно вредны для многих из общественных отношений (личная неприкосновенность, сохранение собственности, нормальное функционирование государственных и общественных институтов и т.д.), а также их последствия очень опасны для общества. Рассматривая исследуемую тему, автор приходит к выводу, что преступления против общественной безопасности всегда находятся в состоянии видоизменения и их формы также меняются. Поэтому при осуществлении уголовно-правовой политики по преступлениям против общественной безопасности в Республике Таджикистан необходимо учитывать, что уголовное законодательство Республики Таджикистан о преступлениях против общественной безопасности всегда находится в процессе развития, поскольку в этом направлении существует вероятность возникновения новых уголовно-правовых отношений. Принимая это во внимание, в случаях, когда возникают новые отношения в этом направлении, они должны быть включены в Уголовный кодекс Республики Таджикистан (далее – УК РТ), поскольку при включении в УК появляется широкая возможность привлечь виновных к уголовной ответственности в совершении преступлений против общественной безопасности, что создает благоприятные условия для осуществления уголовно-правовой политики в отношении преступлений против общественной безопасности Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** безопасность, общественная безопасность, основы общественной безопасности, специальные правила безопасности, предметы всеобщей опасности, преступление, преступления против общественной безопасности, Уголовный кодекс, совершенствование законодательства, борьба с преступностью, уголовно-правовая политика, социальный источник, физический источник, биологические источники.

## TYPES OF SOCIALLY DANGEROUS ACTS AS A FORM OF IMPLEMENTATION OF CRIMINAL LAW POLICY ON CRIMES AGAINST PUBLIC SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Mirzoakhmedov Firdavs Akhmadovich,*** *Candidate of law sciences, Docent, of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 919533611* ***E-mail:*** *mfa2@yandex.ru*

**Annotation:** This article is devoted to one of the important problems of criminal law, in particular, types of socially dangerous actions as a form of implementation of criminal law policy on crimes against public security in the Republic of Tajikistan. Based on the study of the scientific literature of the relevant industry and the current criminal legislation of the Republic of Tajikistan, the author notes that the public danger of crimes against public safety is very high. They are really harmful to many of the public relations (personal integrity, preservation of property, normal functioning of state and public institutions, etc.), as well as their consequences are very dangerous for society. Considering the topic under study, the author comes to the conclusion that crimes against public safety are always in a state of modification and their forms also change. Therefore, when implementing the criminal law policy on crimes against public security in the Republic of Tajikistan, it is necessary to take into account that the criminal legislation of the Republic of Tajikistan on crimes against public security is always in the process of development, since there is a possibility of new criminal law relations in this direction. Taking this into account, in cases when new relations arise in this direction, they should be included in the Criminal Code of the Republic of Tajikistan (hereinafter referred to as the Criminal Code of the Republic of Tajikistan), since when included in the Criminal Code there is a broad opportunity to bring perpetrators to criminal responsibility for crimes against public safety, which creates favorable conditions for the implementation of criminallegal policy in relation to crimes against public security of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** safety, public safety, fundamentals of public safety, special safety rules, objects of general danger, crime, crimes against public safety, Criminal Code, improvement of legislation, fight against crime, criminal law policy, social source, physical source, biological sources.

Ҷиноятҳо муқобили амнияти ҷамъиятӣ – ин кирдорҳои қасдона ё аз безҳтиётии содиршудаи ба ҷамъият хавноке мебошанд, ки ба амнияти ҷамъиятӣ зарар мерасонанд. Яъне объекти хелии ҷиноятҳои мазкурро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки амнияти ҷамъиятиро таъмин мекунанд. Дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун «ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд» (м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011 №721 «Дар бораи амният»)[184] пешбинӣ шудааст. Аз таърифи мазкури додаи қонунгузор чунин бармеояд, ки амнияти ҷамъиятӣ ба шароитҳои бехатарии зиндагонии аҳли ҷомеа зарари ҷиддӣ мерасонанд, ё ин ки таҳдиди воқеии расонидани чунин зарарро ба онҳо доранд.

---

*184 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011. [Захираи электронӣ] //URL: http://base.mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.04.2023).*

Тарафи объективии ин ҷиноятҳо дар шакли кирдори фаъолона, яъне ҳаракат таҷассум ёфтааст.

Субъекти ҷиноятҳо дар ҷиноятҳои терроризм (моддаи 179), ғасби гаравгон (моддаи 181), тасарруфи силоҳи, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (моддаи 199) аз синни 14 солагӣ ва дар дигар моддаҳои ин боб аз синни 16 солагӣ муайян шудааст[185].

Тарафи субъективии ин ҷиноятҳо ҳам дар қасд ва ҳам дар беэҳтиётӣ (масалан, дар м. 190 КҶ ҶТ «Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии корҳои кӯҳӣ, сохтмон ва дигар корҳо» ва м. 191 КҶ ҶТ «Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ дар объектҳое, ки хавфи таркиш доранд») ифода мегардад.

Бояд қайд намуд, ки ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ хело ҳам зиёд мебошад. Онҳо воқеан ҳам барои бисьёр аз муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар мерасонанд (дахлнопазирии шахсӣ, нигоҳдории моликият, фаъолияти мӯътадили интитутҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва ғайра) ва оқибатҳои онҳо барои аҳли ҷомеа бисёр ҳам хатарнок мебошанд[186]. Яке аз мушкилоти дар ин самт мавҷудбуда аз он иборат аст, ки баъзе аз ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ (аз қабили терроризм, ғасби гаравгон ва ғ.) хусусияти байналмиллалиро доро мебошанд, аз ин рӯ барои мубориза бурдан бо онҳо саъю кӯшиши тамоми ҷомеаи байналмиллалӣ зарур мебошад.

Самти асосӣ ва ҳамзамон шарти татбиқи бомуваффақияти сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ – ин истифодаи самарабахши чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятие мебошад, ки зери он фаъолиятеро бояд фаҳмид, ки манъи қонунии содир намудани кирдорҳои зикршудаи хусусияти криминалидоштаро истифода мебарад, инчунин иҷозатҳои пешбинишуда, ки вазифа, мундариҷа ва шаклҳои пешгирӣ ва қатънамоии ин кирдорҳо ва ҷазоҳои адолатонаро нисбати онҳо муайян менамоянд.

Қобили зикр аст, ки чӣ тавре қаблан зикр шуда буд, ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷиноятҳои мазкур ба халалдор сохтани яке аз арзишҳои муҳимтарини ҷомеа – амнияти ҷамъиятӣ, равона гардидаанд. Дар ин маврид зарар ба чунин муносибатҳои ҷамъиятие расонида мешавад, ки онҳо оромии ҷамъиятӣ, яъне инсонҳоро таъмин мекунанд.

Дар ҳолати сухан рондан бобати сарчашмаҳои хатар нисбати инсон, ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки онҳо вобаста ба хусусиятҳояшон ба чунин намудҳо ҷудо мешаванд:

1) сарчашмаи иҷтимоӣ. Ин намуд сарчашмаи хатар дар кирдорҳои ба ҷамъият хавноки содирнамудаи шахси алоҳида ё гурӯҳи одамон зоҳир мегардад;

2) сарчашмаи ҷисмонӣ, ки он аз ҳолатҳои физикию химиявӣ иборат аст;

3) сарчашмаҳои биологӣ.

Бо дар назардошти хусусиятҳои хоси ҷиноятҳое, ки дар боби 21 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ба он ҷиноятҳое, ки бо сарчашмаи иҷтимоӣ алоқаманданд чунин ҷиноятҳоро дохил намудан мумкин аст: терроризм (м. 179 КҶ ҶТ), ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ (м. 185 КҶ ҶТ), бандитизм (м. 186 КҶ ҶТ), ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) (м. 187 КҶ ҶТ), бетартибиҳои оммавӣ (м. 188 КҶ ҶТ), роҳзании обӣ (м. 183 КҶ ҶТ) ва ғ. Бе муҳобот гуфтан зарур аст, ки ҳама кирдорҳои ҷиноятӣ ба ҷамъият хавфнок мебошанд, яъне бар зидди иҷтимоиёт равона гардидаанд. Вале вобаста ба ҷиноятҳои ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ равонашуда онро зикр намудан лозим, ки ҷиноятҳои мазкур нисбат ба шахсони номуайян зарар мерасонанд, ва дар ин маврид роҳу усулҳои истифода бурдани он ащёҳоеро, ки онҳо аз рӯи таъиноташон ҳамчун сарчашмаи хатар ҳибоида мешаванд, вуҷуд надоранд.

Дар ин маврид суоли дигаре ба вуҷуд меояд, ки чӣ гуна ва аз рӯи кадом хусусиятҳо ҷиноятҳо дар боби 21 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ» ҷойгир карда шудаанд?

---

*185 Ниг.: Кудашкин С.К. К вопросу о субъекте массовых беспорядков // Дифференциация ответственности за должностные преступления: сб. науч. – Ст. / отв. ред. Н. Г. Кадников; Моск. ун-т МВД России им. В. Я. Кикотя, Союз криминалистов и криминологов. – Москва, 2019. – С. 276–281.*

*186 Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учебник для академического бакалавриата: в 2 т. Т. 1. / Отв. ред. И.А. Подройкина, Е.В. Серегина. – М. 2017. – С. 176.*

Бо дар назардошти пайдарҳам ҷойгир шудани моддаҳо дар боби 21 КҶ ҶТ ва ба гурӯҳҳо тақсим намудани онҳо, ба гурӯҳи якум он ҷиноятҳоеро дохил намудан мумкин аст, ки онҳо бо истифодаи таҳдидҳо бо истифодаи ҳаракат ба шуури шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё давлат алоқамананд, дохил намудан даркор мебошад.

Бояд қайд намуд, ки нисбат ба шумораи зиёди ҷиноятҳои дар боби 21 КҶ ҶТ мустаҳкам гардида, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятии қаблӣ мавҷуд набуд, ҳатто ҷавобгарии ҷиноятӣ барои баъзе аз ҷиноятҳо (масалан, ғасби гаравгон) дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият»[187] мустаҳкам гардида буд. Танҳо баъд аз қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 маи соли 1998 ҷиноятҳои мазкур (ба монанди терроризм, иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ ва ғ.) криминализатсия карда шуданд, яъне ба қонуни ҷиноятӣ ворид шуданд.

Ҳамин тариқ, ҷиноятҳое, ки ин гурӯҳро ташкил медиҳанд, бо расонидани зарар ба одамон, давлат, ташкилотҳо ё таҳдид намудан ба онҳо, алоқаманд мебошанд. Шартан гурӯҳи мазкурро бо унвони ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ бо мақсади расонидани таъсир ба рӯҳияи инсонҳо, номидан мумкин аст[188].

Инчунин қобил ба зикр аст, ки ташкил, иштирок ё роҳбарӣ ба иттиҳоди ҷиноятӣ (воҳидҳо, гурӯҳҳо, дастаҳо), гурӯҳи устувори мусаллаҳ (банда) ё ташкилоти ҷиноятӣ (иттиҳоди ҷиноятӣ) инчунин бо таҳдиди зӯроварӣ нисбати гурӯҳҳои муайян алоқаманд аст.

Махсусияти хоси гурӯҳи дигари ҷиноятҳои ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ равонагардида, дар он ифода мегардад, ки дар ин маврид таҳдидҳо нисбати факти мавҷуд будани он гурӯҳҳои ҷиноятие, ки амалҳои онҳо бо истифода намудани зӯровариҳо алоқаманд мебошанд, ифода мегарданд. Чунин амалҳо асосан ба шахсоне, ки онҳо ташкилкунанда, роҳбарикунанда, ё ин ки иштироккунандагони иттиҳодияҳои динӣ ё ҷамъиятӣ мебошанд, хос мебошанд, ки фаъолияти ин гуна гурӯҳҳо бо расонидани зӯроварӣ ё таҳдиди расонидани он ба саломатии одамон, равона гардидааст.

Дар асоси назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ вобаста ба объекти бевоситаашон ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

1. Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои амнияти ҷамъиятӣ. Ба ин ҷиноятҳо чунин моддаҳои КҶ ҶТ шомиланд: 179 – «Терроризм», 179[1] – «Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта, ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо», 179[2] – «Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта»; 179[3] «Даъвати оммавӣ барои содир намудани хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ», 180 – «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ», 181 – «Ғасби гаравгон», 182 – «Ғасби бино, иншоот, воситаҳои иттилоот ва алоқа», 183 – «Роҳзании обӣ», 184 – «Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатори роҳи оҳан», 184[1] – «ғасб, вайрон кардан, содир намудани амалҳои зӯроварӣ дар платформаи стасионарии воқеи шелфи континенталӣ», 184[2] – «Кирдорҳои қасдона ба муқобили бехатарии ҳавопаймо ё киштӣ», 184[3] – «ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии фурудгоҳҳое, ки ба авиатсияи граждании хизмат мерасонанд», 184[4] – «Интиқоли ғайриқонунии шахси содирнамудаи ҷинояти хусусияти террористидошта дар нақлиёт», 185 – «Ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ», 186 – «Бандитизм», 187 – «Ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ)», 188 – «Бетартибиҳои оммавӣ», 189 «Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ».

2. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятие, ки бо вайрон намудани қоидаи махсуси бехатарӣ алоқамананд. Ба ин гурӯҳ чунин моддаҳои КҶ ҶТ дохил мешаванд: 190 – «Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии корҳои кӯҳӣ, сохтмонӣ ва дигар корҳо», 191 –

---

*187 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998. [Захираи электронӣ] // URL: http://base.mmk.tj (санаи муроҷиат:26.04.2023).*

*188 Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов / отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М.: Инфра-М-Норма, 1998. – С. 370.*

«Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ дар объектҳое, ки хавфи таркиш доранд», 192 – «Вайрон кардани қоидаҳои зидди сӯхтор».

3. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятие, ки бо вайрон кардани қоидаҳои муносибат кардан бо предметҳои хатари умумдошта алоқаманданд. Ба ин гурӯҳ чунин моддаҳои КҶ ҶТ дохиланд: 193 – «Муносибати ғайриқонунӣ бо маводи радиоактивӣ», 194 – «Тасарруфи маводи радиоактивӣ», 194[1] – «Истифодабарии ғайриқонунии мавод, воситаи радиоактивӣ ё объекти ядроӣ», 194[2] – «Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии дастгоҳи ядроӣ», 194[3] – «Ғайриқонунӣ тайёр кардани воситаи таркандаи ядроӣ ё воситаи афканандаи радиатсия», 194[4] – «Ҳамлу нақли ғайриқонунии моддаҳои тарканда, маводи радиоактивӣ, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ дар ҳавопаймо, киштӣ ё нақлиёти хушкигард», 194[5] – «Ғайриқонунӣ истифода бурдан ва ё партофтани моддаҳои тарканда, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ, моддаҳои хатарнок ва зараррасон аз киштӣ ё платформаи стасионарии воқеи шелфи континенталӣ», 195 – «Ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, гирифта гаштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш», 195[1] – «Ғайриқонунӣ расонидан, ҷойгир намудан, ба кор андохтан ё тарконидани воситаи тарканда ё воситаи дигари марговар», 195[2] – «Муомилот ва истифодаи моддаҳои оташзананда ва намудҳои он», 196 – «Ғайриқонунӣ сохтани силоҳ», 197 – «Нигоҳдошти бепарвоёнаи силоҳи оташфишон», 198 – «Иҷрои номатлуби вазифаи ҳифзи силоҳ лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш», 199 – «Тасарруфи силоҳ лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш», 199[1] – «Муомилоти ғайриқонунии маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)».

Мавзӯи таҳлилшавандаро баррасӣ намуда, мо ба чунин хулоса омадем, ки ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ҳамавақт дар ҳолати тағйирёбӣ ва шаклдигаркунӣ мебошанд. Аз ин рӯ ҳангоми амалигардонии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ оиди ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба назар гирифтан лозим аст, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҷиноятҳо ба муқобили амниятӣ ҷамъиятӣ ҳамеша дар раванди инкишоф аст, зеро дар ин самт эҳтимолияти ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави ҳуқуқи-ҷиноятӣ вуҷуд дорад. Бо дарназардошти ин, ҳангоме, ки муносибатҳои нав дар ин самт ба вуҷуд меоянд, бояд ба КҶ ҶТ ворид гарданд, чунки ҳангоми ворид гардидан ба КҶ ҶТ имконияти васеи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор дар содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ пайдо мегардад, ки ин барои амалигардонии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ оиди ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам меоварад.

**Адабиёт:**


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998. [Захираи электронӣ] // URL: http: // base.mmk.tj (санаи муроҷиат:26.04.2023).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011. [Захираи электронӣ] // URL: http: // base.mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.04.2023).
3. Кудашкин С.К. К вопросу о субъекте массовых беспорядков // Дифференциация ответственности за должностные преступления: сб. науч. ст. / отв. ред. Н. Г. Кадников; Моск. ун-т МВД России им. В. Я. Кикотя, Союз криминалистов и криминологов. – Москва, 2019. – С. 276– 281.
4. Уголовное право. Особенная часть: учебник для академического бакалавриата: в 2 т. Т. 1. / Отв. ред. И.А. Подройкина, Е.В. Серегина. – М. 2017. – С. 176.
5. Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов / отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М.: Инфра-М-Норма, 1998. – С. 370.

**Холиқзода Шералӣ Лоиқ, Муқимов Сафарбек Давлатбекович**

## ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ

***Холиқзода Шералӣ Лоиқ,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 905-55-90-82.* ***E-mail:*** *kholikov88@mail.ru.*

***Муқимов Сафарбек Давлатбекович,*** *унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 931-90-30-90.* ***E-mail:*** *safarbek.mukimov.91@mail.ru.*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ меравад. Тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аввалин пажӯҳише мебошад, ки дар асоси таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ ва дастовардҳои илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ гардида, дар робита ба он фикрҳои муаллифон ифроз гардидааст.

**Калидвожаҳо:** қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, таркиби ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят, гуноҳ, қасд, беэҳтиётӣ, экпертизаи тиббӣ -судӣ.

## СУБЪЕКТИВНАЯ СТОРОНА УМЫШЛЕННОЕ ПРИЧИНЕНИЕ ВРЕДА ЗДОРОВЬЮ СРЕДНЕЙ ТЯЖЕСТИ

***Холикзода Шерали Лоик,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 905-55-90-82* ***E-mail:*** *kholikov88@mail.ru.*

***Мукимов Сафарбек Давлатбекович,*** *Соискатель кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 931-90-30-90* ***E-mail:*** *safarbek.mukimov.91@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье речь идет о субъективной стороне умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью. Тема субъективная сторона умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью является первым исследованием, которое исследовано и обсуждено на основе исследований отечественных и зарубежных ученых и достижений юридической науки Республики Таджикистан, а также идеи авторов выражены в данной статии.

**Ключевые слова:** уголовное закон, преступление, умышленное причинение вреда здоровью средней тяжести, состав преступления, субъективная сторона преступления, вина, умысел, неосторожность, судебно-медицинская экспертиза

## SUBJECTIVE SIDE INTENTIONALLY INJURY TO HEALTH

***KHolikzoda Sherali Loik,*** *Candidate of law sciences, Docent, of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 905-55-90-82.* ***E-mail:*** *kholikov88@mail.ru.*

***Mukimov Safarbek Davlatbekovich,*** *Competitor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 931-90-30-90.* ***E-mail:*** *safarbek.mukimov.91@mail.ru.*

**Annotation:** In this article we are talking about the subject of intentional infliction of moderate harm to health. The topic of deliberate infliction of moderate harm to health is the first study that has been researched and discussed on the basis of research by domestic and foreign scientists and the achievements of the legal science of the Republic of Tajikistan, and the author's thoughts are expressed in this regard.

**Key words:** criminal law, crime, intentional infliction of harm to health of medium gravity, corpus delicti, the subjective side of the crime, guilt, intent, negligence, forensic medical examination

Новобаста ба таваҷҷуҳи зиёди олимон ба масъалаҳои рӯзмараи вобаста ба тарафи субъективии ҷиноят, ҳамчунин як қатор масъалаҳои алоқаманд ба ҷиноятҳои вобаста ба расонидани зарар ба саломатӣ, аз ҷумла қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ вуҷуд доранд, ки наомӯхта ва ҳалношуда боқӣ мемонанд. Бештари корҳои иҷрошудаи ба масъалаҳои вобаста ба тарафи субъективии ҷиноят бахшидашуда, бояд гуфт, ки ба олимону муҳаққиқони даврони шуравӣ тааллуқ доранд ва лозим ба зикр аст, ки бо доштани ҷанбаи фундаменталӣ таҳқиқоту пажӯҳишҳои анҷомшуда дар ҳоли ҳозир ҳам аҳаммияту арзиши актуалии ҳуқуқии худро гум накардаанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки ҳоло мо дар ҷомеаи комилан мутафовит кору зиндагӣ менамоем ва дар ин ҷомеа манфиатҳои шахсият ва ормонҳои давлати ҳуқуқӣ дорои аҳаммияти махсус мебошанд ва ин дар навбати худ аз мо бозбинӣ ва таҷдиди назари маҷмуи бузурги донишҳои қаблан андӯхташударо тақозо менамояд. Набудани корҳои илмии нави гузаронидашуда вобаста ба мавзуи мазкур боиси он гардидааст,ки назарияи мавҷудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ниёзу талаботи таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ қафо афтодааст. Дар ин зербоб мо ба корҳои анҷомдодаи муаллифони ватанӣ дар соҳаи таҳқиқу омӯзиши тарафи субъективии ҷиноят ва мутобиқати онҳо бо воқеиятҳои муосири ҳуқуқӣ ва талаботи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мепардозем.

Олимони тоҷик Т.Ш. Шарипов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов ва М.Н. Насриддинов мафҳуми тарафи субъективиро чунин шарҳ медиҳанд: «Тарафи субъективии ҷиноят – ин маҷмуи аломатҳое мебошад, ки тарафи дохилии (рӯҳии) таҷовузи ҷинояткоронро тавсиф медиҳанд. Яъне, тарафи субъективии ҷиноят – ин ҳолати рӯҳии шахсе мебошад, ки бевосита ба содир кардани ҷиноят даст задааст. Тарафи субъективи ҳолати психологӣ, яъне таркиби кирдори ба ҷамъият хавфнокро фаро мегирад. Аз ин сабаб, тарафи субъективӣ (дар муқоиса аз тарафи объективӣ) тарафи дохилии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ба сифати чунин аломатҳо: гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳайяҷони субъекти ҷиноят баромад мекунад[189]. Кирдори ҷиноятӣ, аз «ҳаракат» ва ё «беҳаракатӣ» иборат мебошад, ки он муносибати шахсро нисбат ба ҷаҳони атроф, ҷамъият ва аъзои он нишон медиҳад[190]. Таркиби психологӣ бо ёрии чунин аломатҳо ҳуқуқи ба монанди гуноҳ, мақсад, ангеза, қасд муайян гардида ва бо ҳам алоқамандии зич доранд. Ҳар як ҷиноят дорои мазмуну муҳтавои психологии муайянест, ки он дар назорат ба шуур ва иродаи шахс бар кирдоре, ки анҷом дода мешавад, инъикоси худро меёбад. Зери мафҳуми ҷиноят аз нигоҳи психологӣ чунин ҳолатҳо дар назар аст: 1) дарки хусусияти амалӣ ва аҳаммияти ҷамъиятии кирдори содиршаванда ва ё набудани чунин дарк; 2) пешбинӣ ва ё пешбинӣ накардани оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки кирдорҳои худ; 3) муносибати иродавӣ нисбат ба кирдорҳои содиршаванда; 4) сабаб ва ангезаҳои содир намудани ҷиноят; 5) мақсад ва ангезаи содир намудани ҷиноят; 6) ҳолати рӯҳӣ эмотсионалӣ. Ҳамин тавр, тарафи субъективии ҳар гуна ҷиноят аз инъикоси аломатҳои объективии таркиби ҷиноят дар шууру тафаккури субъекти ҷиноят иборат мебошад ва он нишондиҳандаи муносибати субъект ба он ба ҳисоб меравад[191]. Моҳиятан,

---

*189 Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). – Душанбе, 2010. – С. 108.*

*190 Дагель П.С., Котов Д П. Асари ишорашуда. – С. 40.*

*191 Ниг.: Лекгиас И. Вина как субъективная сторона преступного деяния: Пер. с нем. / Под ред. и с предисл. А.А. Пионтковского. – М.: Госюриздат, 1958. – С. 48.*

тарафи субъективӣ «модел»-и идеалии тарафи объективии таркиби ҷиноят мебошад, ки он дар шуур ва дарки субъект[192] инъикос меёбад ва ин дар навбати худ имкон медиҳад тасдиқ шавад, ки тарафҳои объективӣ ва субъективии кирдори ҷиноятӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Ба андешаи олими соҳибмактаб А.И. Сафарзода ҳар як мафҳум дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмуни муайянеро фаро гирифта, дарки он барои ҳалли масъалаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ замина фароҳам меорад[193]. Дар робита ба ин, мафҳуми гуноҳро чунин шарҳ додан мумкин аст: «Гуноҳ – унсури ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят шуморида мешавад». Таълимот дар бораи гуноҳ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба таври анъанавӣ яке аз унсурҳои аслӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи қонунгузории феълии амалкунанда шахс танҳо дар ҳолатҳое метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, ки нисбат ба кирдори хавфноки ҷамъиятӣ ва ё (беҳаракатии) он гунаҳгор будани вай муайян гардад. Ба таври объективӣ гунаҳкор донистани шахс дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ пешбинӣ нашудааст. Таълимот дар бораи тарафи субъективии ҷиноят ва аз ҷумла, дарки дурусти гуноҳ ба навъе нишондиҳандаи сатҳи демократия ва маърифати ҳуқуқии ҷомеа ба ҳисоб меравад ва он дорои аҳаммияти аввалиндараҷа дар кори муайян намудани ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ мебошад.

Баҳсу мунозираҳои илмӣ дар бораи мафҳуми гуноҳ ва муҳтавои он солҳост, ки идома доранд. Ба таври умда, ин баҳсу мунозираҳо боиси ба миён омадани ду гурӯҳи аз ҳам фарқкунанда, гурӯҳи тарафдорони назарияи психологӣ ва гурӯҳи тарафдорони назарияи арзишёбӣ шудааст. Лозим ба зикр аст, ки ҳуқуқи ҷиноятии даврони шуравӣ ва баъдан ҳам ҳуқуқи ҷиноятии замони муосири ҶТ ба таври собиту устувор аз мавқеи тарафдорони назарияи психологии гуноҳ пайравӣ мекунанд. Аммо дар байни олимони ватанӣ ҳам касоне ҳастанд, ки тарафдори назарияи арзишёбии гуноҳ мебошанд. Ба таври муфассал ҳар ду назарияи зикршударо мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ҳамзамон, дар айни ҳол таъкид мешуд, ки ҳаракат ва ё беҳаракатие, ки аз рӯи қоидаи умумӣ дар баъзе ҳолатҳои ҷудогона сарзанишпазир аст, дар шароити хоси ҷудогона метавонад сарзанишпазир набошад. Ва дар натиҷа, дар чунин маврид ҳаракат ва беҳаракатии мавриди назар наметавонад ҷиноят арзёбӣ шавад. Назарияи мазкур дар кишварҳои Аврупо хеле густариш ёфта буд ва он дар корҳои илмии анҷомдодаи олимони машҳури аврупоӣ аз ҷумла, Г. Келзен, В. Заувер, Г. Велсел ва ғайра инъикос ёфтааст.

Ҳуқуқи ҷиноятии ватании замони шӯравӣ нисбат ба назарияи арзишгузории гуноҳ, ки тавассути муаллифони «буржуазӣ» пешниҳод шуда буд, назари комилан манфӣ дошт. Вале бо вуҷуди ин, бархе аз криминалистҳо кӯшидаанд ин назарияи ғарбиро барои истифода дар ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мавриди коркарду истифода қарор бидиҳанд. Яке аз намояндагони барҷастаи ин гурӯҳи тарафдори назарияи арзишгузории гуноҳ Б.С. Утевский мебошад. Дар асари илмии худ бо номи «Гуноҳ» муаллиф қайд менамояд, ки «дар баробари фаҳмиши нисбатан танги гуноҳ ҳамчун унсури таркиби ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят, яъне қасд ва беэҳтиётӣ илми ҳуқуқи ҷиноятии шӯравии сотсиалистӣ бо мафҳуми нисбатан васеи гуноҳ – асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ошно мебошад»[194]. Бар асоси Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ, он имкон дорад дар шакли қасд ва беэҳтиётӣ зоҳир гардад. Гуноҳ ба сифати тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс ду унсурро дар худ дар бар мегирад: интеллектуалӣ ва иродавӣ. Вале ин ба он маъно нест, ки лаҳзаи эҳсосот ҳангоми содир шудани ҷиноят вуҷуд надорад. Он хоси тамоми ҳаракати инсон, аз ҷумла содир гардидани ҷиноят мебошад. Фақат он дар таркиби ҷинояти баррасишаванда мавриди арзёбии ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор намегирад. Бо дар назар

*192Ниг.: Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Юрист, 2004. – С. 147.*

*193 Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. ...д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 26.*

*194 Ниг.: Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1950. – С. 59.*

гирифтани м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ метавон ба ин сурат натиҷагирӣ намуд, ки қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс метавонад бо қасди бевосита ва ё қасди бавосита сурат бигирад. Ҷудосозӣ ба қасди бевосита ва ё қасди бавосита бо дар назар гирифтани мазмун, таркиби интеллектуалӣ ва лаҳзаи иродавӣ сурат мегирад. Масъалаи қасди бевосита ҳангоми таҳқиқи тарафи субъективии ҷиноят мушкилоти зиёдро эҷод менамояд. Расонидани зарари миёна бо қасди бевосита ба ин маъност, ки шахс аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок будани кирдорҳои худро дарк менамояд, имкони фаро расидан ва ногузир будани оқибатҳои хавфноки иҷтимоиро дар шакли расонидани зарар ба саломатии баробар ба зарари миёнаро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани чунин оқибатҳо мебошад. Аз тавсиф ва таърифи мазкур бармеояд, ки лаҳзаи интеллектуалии қасди бевосита аз дарки хусусияти кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок ва пешбинии оқибатҳои хавфноки ин кирдорҳо дар шакли расонидани зарар ба саломатии инсони ҷабрдида тавассути шахс иборат мебошад. Лаҳзаи иродавии қасди бевосита дар хоҳиш ва мувофиқ будан бо расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида инъикос меёбад ва он ҳамчунин самтгирии қасди шахси айбдорро нишон медиҳад[195]. Тақсим ва ҷудо кардани гуноҳ ба ин унсурҳо амали шартист, вале он ба таври назаррас ба беҳтар мушаххассозии мазмуну муҳтавои тарафи субъективии ҷиноят мусоидат менамояд. Ба ин тарз дарк намудани тарафи субъективии ҷинояти мавриди назар дар нигоҳи аввал шояд бенуқсон бошад. Вале агар мо ба таври системавӣ моҳияти онро таҳлил намоем, бо масъалаҳои зиёде рӯбарӯ мегардем, ки то ба имрӯз дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳалношуда боқӣ мемонанд. Гузашта аз ин, дар ҳолате, ки амалия ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ конструксияи қасди ғайримушаххасро эътироф менамоянд, зарурати мубрам вуҷуд дорад,ки консепсияҳои мавҷуда дар бораи тарафи субъективии баъзе аз ҷиноятҳо бар асоси дастовардҳои ахиру муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва экспертизаи судиву тиббӣ мавриди бознигарӣ ва таҷдиди назар қарор бигиранд. Барои дарки беҳтару хубтари сохтори тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс зарур аст, ки ҷанбаҳои ителлектуалӣ ва иродавии ҷинояти мавриди назар ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор бигиранд. Лаҳза ё ҷанбаи ителлектуалии ҷиноят аз огоҳ будани ҷинояткор аз хатарнок будани оқибатҳои ҳаракат ё беҳаракатӣ ва пешбинӣ кардани фаро расидани оқибатҳои хатарноки иҷтимоӣ иборат аст. Дар ин замина истилоҳи «дарк намуд» аҳаммияти хоса касб менамояд. Фарҳанги тафсирии русии Ожегов ин истилоҳро ҳамчун «дарк кардан, яъне пурра дар зеҳни худ ҷой кардан, фаҳмидан» маънидод менамояд[196]. Бояд қайд намуд, ки дарк кардан ба таври зич ва ногусастанӣ бо тафаккур алоқаманд мебошад, вале тафаккур, андеша бо шуур ва дарк монанд нест. Он дар қатори дарк, эҳсос ва ҳофиза фақат абзору воситаи дарк ба ҳисоб меравад. Ба туфайли андеша, тафаккур, вазифае,ки дар баробари шахс пайдо мегардад, роҳи ҳал пайдо менамояд. «Андеша аз рӯи моҳияти худ маърифатест, ки тавассути он вазифаҳои дар баробари шахсон ба миёномада роҳи ҳалли худро пайдо мекунанд»[197]. Фаъолияти огоҳона ва мақсадноки шахс ба туфайли он имконпазир мегардад, ки дар он модели дохилии ҷаҳони беруна шакл мегирад. Ин имкон медиҳад, ки вазъи феълӣ бо вазъи гузашта муқоиса гардад, на фақат мақсад дар назар гирифта шавад (расонидани зарар ба саломатӣ), балки оқибатҳои кирдор қабл аз анҷоми он тасаввур ва пешбинӣ шаванд, имкон фароҳам меоварад, ки тавассути контроли иҷрошавии мақсад тафовути мавҷуд миёни вазъи воқеӣ ва вазъи матлуби предметҳо то ба ҳадди ақал коҳиш дода шавад[198]. Маҳз чунин тарзи раванди дарку маърифат дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ асосе барои омӯзиши мазмуни психологии гуноҳ ба ҳисоб меравад.

---

*195 Ниг.: Дагель П.С., Михеев Р.Ж. Теоретические основы установления вины. – Владивосток: Изд-во Дальнево– Ст. ун-та, 1975. – С. 36.*

*196 Ниг.: Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 476.*

*197Ниг.: Рубинштейн С.Л. О мышлении и путях его исследования. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – С. 14.*

*198 Ниг.: Васильев В.Л. Юридическая психология. 4-е изд., доп. и перераб. – СПб.: Питер, 2002. – С. 130.*

Акнун ба таҳлили предмети дарк – хатари иҷтимоӣ мепардозем. Аз нигоҳи мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ хавфи иҷтимоӣ аз ҳолати муайяни зиддиҷтимоии объективии ҷиноят,ки вобаста ба хусусият ва аломатҳои манфӣ мебошад, иборат мебошад. Он имкони воқеии расонидани зарар ба муносибатҳои иҷтимоии зери ҳимояти қонун қарордоштаро дар бар мегирад[199].

Бояд қайд намуд, ки хатар ё хавфи иҷтимоии ҷиноят дар аломатҳои объективии ҷиноят инъикоси худро меёбад. Аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дарки хавфи иҷтимоӣ дорои ду сатҳ аст: сатҳи якум – шахсе, ки ба саломатии шахси дигар зарар мерасонад,огоҳона дарк менамояд,ки кирдори вай характери аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок дорад, яъне кирдори шахс дар маҷмуъ нисбат ба муносибатҳои иҷтимоӣ хатар эҷод менамоянд[200]; дуюм – шахс дарк менамояд беамалӣ ё амалҳои мушаххасе, ки бо мақсади расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида содир мегарданд, дорои хусусияти хавфи иҷтимоӣ мебошанд. Мутобиқи чунин тарзи дарк кримилалистҳои ватанӣ объект ва предметро махсусан қайд менамоянд,ки ин ҷавобгӯи ҳақиқати фалсафист ва бар асоси он предмет ҷузъи объект ба ҳисоб меравад. Сатҳи дар боло зикршуда объекти дарк ва сатҳи дуюм предмети[201] он маҳсуб мешавад. Барои шакли гуноҳи қасдона дарки хавфи иҷтимоии кирдор дар ҳар ду шакл хос аст. Вуҷуд надоштани дарк ҷавобгариро барои ҷиноятe, ки қасдона содир мешавад, истисно мекунад. Дар сурати вуҷуд доштани як қатор шароити хос, он ҳатто ҷавобгарии ҷиноятиро низ истисно мекунад. Дар ин робита А.А. Пионтковский аз нуқтаи назари мухолиф пайравӣ менамуд. Аз ҷумла ӯ дар бораи вуҷуд надоштан ва зарур набудани таъйиду тасдиқи хавфи иҷтимоӣ изҳори назар карда буд[202]. Дар ҳоли ҳозир чунин мавқеъ ва нуқтаи назар тавассути назария ва таҷрибаи ҳуқуқи ҷиноятӣ рад шудааст, зеро он бо усул ва идеалҳои давлати ҳуқуқӣ мухолифат дорад.

Қонуни ҷиноятӣ аз татбиққунандаи ҳуқуқ муайян кардани ҳолати дарки хавфи иҷтимоии кирдори содиршавандаро тақозо менамояд на ғайриқонунӣ будани кирдори шахсро Л.Д. Гаухман барҳақ қайд менамояд: «Барои вуҷуд доштани ҳолати ителлектуалӣ зарур нест, ки шахси айбдоршаванда аз лиҳози қонунӣ манъ будани кирдори содиршавандаро огоҳона дарк намояд ва ё тавассути қонуни ҷиноятӣ аз содир намудани он худдорӣ варзад. Агар шахс дарк намояд, ки ҳаракат ва ё беҳаракатии вай қонунан манъ аст, ин ба таври айён иштибоҳ ё хатои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки он ҳеҷ таъсире ба ҷавобгарии ҷиноятӣ намегузорад[203]. Зимни мувофиқ будан бо мантиқи қонун аз лиҳози назариявӣ, мо дар робита ба дарки хавфнокии кирдори содиршаванда аз нигоҳи иҷтимоӣ тавассути бархе аз шахсони ҷинояткор метавонем як каме шубҳа дорем. Пеш аз он ки дар бораи дарки амали хавфноки ҷамъиятӣ сухан ронда шавад, мо бояд бовар ҳосил кунем, ки шахс дар бораи категорияҳое, аз ҷумла категорияи «ҷамъият», «муносибатҳои ҷамъиятӣ» фаҳмиши дуруст дошта бошад ва аз ҳама муҳимтар бо мазмуни мураккаб ва чандсатҳаи мафҳуми «хавфи иҷтимоӣ» ошно бошад. Бо дар назар гирифтани дар бештари ҳолатҳо дараҷаи пасти қобилияти интеллектуалии шаҳрвандон, чунин интизорро доштан беҳуда аст. Дар асоси он чи баён гардид, мо метавон чунин ҳисобем, ки ягона исботи бебаҳси дарки аҳаммияти иҷтимоии кирдори содиршаванда ин фаҳмишу огоҳ будани шахс ба он аст, ки ба таври ошкор ҷиноят содир менамояд, зеро дақиқан қонуни ҷиноятӣ барои шаҳрванд нишондиҳандаи асосии хавфи иҷтимоии ин ё он кирдори содиршаванда ба ҳисоб меравад. Дар ин бора метавонанд далелу асос шуморида шаванд: марҳалаи омодагӣ барои содир намудани ҷиноят, пушаймонии ҷинояткор ва як қатор аломатҳои дигар. Дарк

---

*199 Ниг.: Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: Учеб, пособие для слушателей вузов МВД СССР. М.: ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – С. 39.*

*200 Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – С. 149.*

*201Ниг.: Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – С. 195; Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – С. 60.*

*202 Ниг.: Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. – С. 354.*

*203 Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – С. 149.*

намудани хавфнок будани кирдорҳои худ барои ҷомеа ҳамчун падидаи иҷтимоӣ метавонад на фақат ҳамчун дарк, балки ҳамчун қобилияти дарк низ арзёбӣ гардад. Барои мисол, шахсе, ки ҷинояткори ошкорро ба қатл мерасонад, метавонанд чунин боварро дошта бошад, ки кирдори анҷомдодаи ӯ аз лиҳози иҷтимоӣ як кирдори судманд ва фоиданок барои ҷамъият ба ҳисоб меравад. Вале ин наметавонад ин шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Ҳар шахси воқеии аз лиҳози қонуни ҷиноятӣ мукаллафи чаҳордаҳсола пешбинӣ мешавад, ки қобил ба дарки аҳаммияти иҷтимоии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) худ мебошад. Аз ин ҷиҳат, шарти аслии муайянсозии хусусияти қасдонаи гуноҳ мушаххас намудани мутобиқат миёни аломатҳои шахси ба саломатии дигарон зарар расонида ва аломатҳои субъекти ҷиноят шуморида мешавад, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст. Аз нуқтаи назари мо, дарки хавфи ҳаракат ё (беҳаракатӣ) дорои эҳтимоли фаро расидани оқибатҳои барои саломатии шахс хавфнок аз назари ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои аҳаммияти нисбатан бештар аст.

Мазмуну муҳтавои предметии қасд маҷмуи шароитҳои амалие мебошад, ки тавассути дарк ва иродаи шахси ҷинояткор инъикос меёбад. Дар ин миён бояд ба дарки аломатҳои объект ва предмети ҷиноят тавассути шахс аҳаммият ва таваҷҷуҳи бештар дода шавад[204]. Агар шахс дарк накунад, ки предмети кирдори содирнамудаи вай саломатии инсон аст, дар ин ҳолат бояд ҷиноят дубора муайян ва мушаххас гардида, мавриди омӯзиш қарор бигирад.

Унсури дуюми нишондиҳандаи лаҳзаи интеллектуалии гуноҳи содиркунии ҷинояти қасдона пешбинӣ намудани имкон ва ё ногузир будани фаро расидани оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Шахс наметавонад барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии инсон мавриди ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор бигирад, агар ӯ оқибатҳои барои саломатии инсон хавфнокро, ки дар м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ омадаанд, пешбинӣ накарда бошад. Барои ба таври қасдона расонидани зарари миёна ба саломатии шахс чунин оқибатҳо метавонанд набудани аломатҳои дар м. 110 КҶ ҶТ пешбинишудаи ҷиноят, ба муддати тулонӣ зарар дидани саломатӣ ва аз се як дарсади қобилияти умумии кориро аз даст дода бошанд. Пешбинӣ намудани оқибатҳои хавфноки ҷамъиятии содир намудани ҷиноят бояд ба таври ҳатмӣ исбот карда шавад. Фақат огоҳ будани субъекти ҷиноят аз оқибатҳои иҷтимоии хавфноки ҳаракат ё беҳаракатии худ, дарк намудани оқибатҳои эҳтимолӣ дар шакли халалдор намудани саломатии шахс ба муддати тулонӣ ё аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ камтар аз як ҳисса имкон медиҳад ҷиноят мувофиқи м. 111 КҶ ҶТ муайян ва арзёбӣ гардад. Аз пеш дидани оқибатҳои хавфноки иҷтимоӣ ҳам тавассути қасди бевосита ва ҳам ба туфайли қасди бавосита метавонад на фақат дар пешбинӣ шудани ногузир будани фаро расидани оқибатҳо, балки дар ҳолати вуҷуд доштани имкони воқеӣ ҳам инъикос ёбад. Дар ҳолатҳои мухталиф, ҷинояткор метавонад ба андозаи кам ё зиёд фаро расидани оқибатҳои матлубро интизор дошта бошад, бинобар ин, тавре ки П.С. Дагел ва Р.И. Михеев таъкид менамоянд, ҳангоми муайян сохтани гуноҳ лозим ва ҳатмӣ нест, ки шахс ба ногузир будани фаро расидани натиҷаи кирдори ҷиноятӣ бовар дошта бошад[205]. Пешбинии ҷинояткор бояд на фақат оқибати ниҳоии кирдор, балки он бояд робитаи сабабӣ миёни амал ва оқибатҳои ибтидоиро ҳам дар бар бигирад. Ю.А. Демидов ба ин бовар аст, ки «пешбинӣ намудани раванди инкишофи робитаи сабабӣ ба маънои дарки тағйиротҳои иҷтимоии хавфноки воқеист, ки тавассути ҳаракат ё беҳаракатии шахс инъикос пайдо менамоянд ва онҳо асоси фаро расидани оқибатҳоро ташкил медиҳанд»[206]. Пешбинӣ ва дарк намудани робитаи сабабӣ ба маънои он аст, ки тасаввури шахс дар бораи механизми робитаи сабабӣ дар миёни ҳаракат ва ё беҳаракатӣ ва оқибатҳои амали ӯ, ки дар расонидани зарар ба шахси ҷабрдида зоҳир меёбанд, ба таври пурра бо робитаҳои сабаби натиҷавӣ дар воқеият мутобиқат доранд.

---

*204 Ниг.: Дагелъ П.С., Михеев Р.И. Асари зикршуда. – С. 48.*

*205 Ниг.: Дагель П.С., Михеев Р.Ж. Асари зикршуда. – С. 50.*

*206Ниг.: Демидов Ю.А. Умысел и его виды по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1964. – С. 8.*

Дар ҳолати воқеӣ душвор аст чунин тасавсур кард, ки ҷинояткор ба таври пурра ҳам дараҷаи зарареро, ки тавассути кирдори худ ба саломатии шахси дигар расонида мешавад ва ҳам маҷмуи омилҳоеро, ки суд ҳангоми муайян намудани дараҷаи вазнинии зарар ба саломатӣ ба назар мегирад, дарк намояд. Барои ин ҷинояткор бояд дар бораи ҳолати вазъи шахси зарардида, хусусияти предмете, ки тавассути он ба шахс зарар расонида мешавад ва ҳамчунин дар бораи як қатор дигар омилҳои объективӣ иттилоот ва маълумоти лозим дошта бошад. Аз ин ҳам эҳтимоли камтар вуҷуд дорад,ки ҷинояткор битавонад дар бораи зараре,ки тавассути амали вай ба шахси ҷабрдида расонида мешавад, ба таври равшан ва мушаххас маълумот дошта бошад. Ғайр аз ин, дар бисёр ҳолатҳо мутахассисони экспертизаи судиву тиббӣ ва кормандони мақомоти судӣ ва тафтишоти пешакӣ ҳангоми муайян сохтани механизми ба вуҷуд омадан ва хусусияти зараре, ки расонида мешавад, бо мушкил рӯбарӯ мегарданд. Дар бораи вуҷуд доштани имкони пешбинии робитаи сабабӣ дар ҳолате метавон ҷавоби мусбат дод,ки агар он боиси ба миён омадани оқибатҳои қасду ангезаи ҷинояткор гардад. Масъалаҳои вобаста ба дуруст муайян намудани тарафи субъективии ҷиноят ба таври назаррас тавассути ҳолати миёнаи м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ, яъне байни ҳолати сабук ва ҳолати зарари вазнин хусусияти мураккабтар ба худ мегиранд.

Дар бештари ҳолатҳо субъекти ҷиноят хавфи ҷамъиятии кирдорҳои содирнамудаи худро дарк менамояд ва то андозаи муайян оқибатҳои эҳтимолии кирдорҳои худро пешбинӣ менамояд. Дар илм чунин қасдро қасди номуайян ва ё номушаххас меноманд[207]. А.С. Никифиров дар ин замина ба таври ҷиддӣ таъкид менамояд: «Қасди субъект ҳангоми расонидани зарари ҷисмонӣ аз он ҷиҳат бевосита шуморида мешавад,ки субъект пешбинӣ менамояд ва мехоҳад, ки зарари эҳтимолӣ фаро расад. Аммо, ин қасд, қасди номуайян аст, зеро ҳадафи он расонидани зарари дорои вазнинии мухталиф аст»[208].

Аз нуқтаи назари мо, мазмуну моҳият ва самти қасди шахси гунаҳкор дар ҳолатҳои ҷудогона бояд ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор бигирад. Ҳаракат ва беҳаракатие, ки мақсади он расонидани зарар ба саломатии шахси дигар аст, бояд аз рӯи аломати самти қасди субъекти ҷиноят муайян гардад. Фақат бо чунин бархурд метавон аз айбдорсозии объективӣ ва беасос коҳиш додани мизон ва хусусияти кирдори хавфноки ҷамъиятии содиршуда пешгирӣ намуд. Бояд қайд намуд,ки равишҳои мавҷуди вобаста ба ҳалли мушкилоти тарафи субъективии ҷиноятҳои алоқаманд ба расонидани зарар ба саломатии шахс ба таври пурра бо талаботҳое, ки дар амал вуҷуд доранд, ҷавобгӯ нестанд. Таҳлили корҳои илмии дар даврони шӯравӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ анҷом додашуда ва ҳамчунин корҳои дар давраи баъдина, яъне даврони имрӯзаи ҶТ идома дошта нишон медиҳанд,ки вазъи ба суръат тағйирёбандаи марбут ба қасд ҳангоми расонидани зарар ба саломатӣ имрӯз аз гузашта фарқ мекунад. Қасди расонидани зарар ба саломатӣ тавассути шахси гунаҳкор, ки қабл аз содир шудани ҷиноят ба амал меояд, марзҳои хеле васеъ барои тағйир ёфтан дорад. Раванди расонидани зарар метавонад марҳалаи дуру дарозро дар бар бигирад. Он метавонад аз якчанд сонияи ҳангоми расонидани зарари ҷисмонӣ то чанд моҳи ҳангоми истифода шудани заҳр идома ёбад. Аз ин ҷиҳат, дар ҷараёни татбиқи тарафи субъективии ҷиноят, қасд имкон дорад чанд бор ба таври ҷиддӣ самти худро тағйир диҳад. Барои намуна, қасди ҷинояткоре, ки дар аввал қасди расонидани зарари сабукро дорад, метавонад ба қасди расонидани зарари миёна тағйир ёбад. Сабаби чунин тағйир метавонад хоҳиши сахт ҷазо додани шахси зарардида барои нишон додани муқобилияти сахт бошад. Чунин ҳолат, махсусан барои мавридҳое, ки асной ҷангу хархаша ва низоҳои маишӣ рух медиҳанд, бештар хос аст. Мо мувофиқ нестем бо чунин назар, ки ҷинояткор ҳангоми шурӯъ намудани тарафи объективии ҷиноят, аз қабл омодагӣ мегирад, ки ҳар гуна зарар ба саломатии шахс ворид созад.

---

*207Ниг.: Расторопов С.В. Борьба с умышленным причинением вреда здоровью граждан в исправительных колониях. – С. 378.*
*208 Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 87.*

Вобаста ба расонидани зарари вазнинии миёна ба саломатӣ аз рӯи қасди шахси гунаҳкор бояд бо аломатҳои зерин мушаххас гардад. Аввалан, шахс бояд қобилияти дарк кардани кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки худро дошта бошад. Дарк кунад, ки муқобили нодиртарин неъмати инсон – саломатӣ баромад мекунад. Дуввуман, ҷинояткор бояд амалан хавфнок будани ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк намояд, ки мақсади онҳо расонидани зарар ба саломатии шахси мушаххас ва ё гурӯҳи шахсон мебошад. Савуман, шахси расонандаи зарар бояд оқибатҳои нахустини кирдорҳои содирнамудаи худ – ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, ҳолати патологӣ, беморӣ ва ғайраро пешбинӣ намояд. Чаҳорум, шахси расонандаи зарар бояд имкон ва ногузир будани фаро расидани оқибатҳои ниҳоии кирдорҳои худ – ба муддати тӯлонӣ зарар дидани саломатӣ, аз даст додани қобилияти умумии кории худ ба миқдори бештар аз се як ҳиссаро пешбинӣ намояд. Ва панҷум ин ки шахси ҷинояткор хоҳиши фаро расидани оқибатҳои дар боло зикршударо дошта бошад. Агар ӯ мушаххасан тасаввур накунад, ки дар натиҷаи кирдорҳои содирнамудааш ба саломатии шахси дигар чӣ гуна зарар расонида мешавад (натиҷатан чунин хоҳиш надорад), қасди мушаххас вуҷуд надошта бошад, дар чунин ҳолат қасди ҷинояткор қасди бавосита хоҳад буд. Зеро шахс нисбат ба оқибатҳои кирдори худ бетафовут аст.

Зимни натиҷагирии омӯзишу таҳлили тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, метавон ба ин хулоса омад:

1. Ягона равиши муайянсозии дурусти кирдорҳои шахси воридкунандаи зарари миёна ба саломатӣ ин равишест,ки бар асоси он самту хусусияти қасди ҷинояткор муайян карда мешавад. Фақат чунин бархӯрд ба принсипи гунаҳгорӣ, ки дар м. 7 Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ шудааст, мутобиқат дорад ва он имкон медиҳад ҳам аз иттиҳоми объективӣ ва ҳам аз коҳиш додани беасоси дараҷа ва характери кирдори хавфноки ҷамъиятии содиргардида пешгирӣ карда шавад. Агар мақомоти тафтишотиву судӣ муайян намоянд,ки шахси гунаҳкор бо қасди алтернативӣ амал намудааст, дар ин сурат кирдори содиршуда бояд дар асоси оқибатҳои нисбатан хавфнок, ҷузъи қасди шахси ҷинояткор мебошанд, арзёбӣ гардад. Агар муайян карда шавад,ки шахси гунаҳкор тасаввур намекард,ки (дар натиҷа, хоҳиши расонидани зарарро надошт) дар натиҷаи кирдорҳои ӯ ба саломатии шахси ҷабрдида мушаххасан чӣ навъ зарар расонида мешавад, дар ин сурат мушаххас будани қасд вуҷуд надорад, яъне қасди ғайримустақим дида мешавад, зеро шахси гунаҳкор нисбат ба амалҳои содирнамудааш бетафовут будааст.

2. Омӯзиш ва таҳқиқи тарафи субъективӣ, ба ростӣ, марҳалаи нисбатан мураккаб дар кори муайян намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад ва дар ин кор тавреки таҷриба нишон медиҳад, ҳатто аз сӯи муфаттишҳои варзида ва судяҳои босалоҳият ҳам дар бисёр мавридҳо ба саҳву хатоҳои зиёди амалӣ роҳ дода мешавад. Маҳз ба ҳамин хотир, имрӯз зарурари мубрам барои гузаронидани таҳқиқоту пажӯҳишҳои фундаменталии бештар вуҷуд дорад.

3. Бояд ба таври махсус қайд намуд,ки ҳангоми вуҷуд доштани шакку шубҳа дар мавриди мазмуну муҳтаво ва мақсаду ҳадафи қасди шахси айбдоршаванда, бояд ба таври пурра принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ асос қарор дода шавад. Ва мувофиқи он «ҳамаи масъалаҳои ҳалнашаванда ба нафъи шахси айбдоршаванда таъбиру тафсир мегарданд».

**Адабиёт:**


1. Васильев В.Л. Юридическая психология. 4-е изд., доп. и перераб. – СПб.: Питер, 2002. – С. 130.
2. Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – С. 149.
3. Дагель П.С., Михеев Р.Ж. Теоретические основы установления вины. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1975. – С. 36.
4. Демидов Ю.А. Социальная ценность и оценка в уголовном праве. – М., 1975. – С. 112.
5. Демидов Ю.А. Умысел и его виды по советскому уголовному праву: автореф. дис.... канд. юрид. наук. – М., 1964. – С. 8.
6. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Юрист, 2004. – С. 147.

7. Лекгиас И. Вина как субъективная сторона преступного деяния: Пер. с нем. / Под ред. и с предисл. А.А. Пионтковского. – М.: Госюриздат, 1958. – С. 48.
8. Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: Учеб, пособие для слушателей вузов МВД СССР. М.: ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – С. 39.
9. Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 87.
10. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 476.
11. Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. – С. 354.
12. Расторопов С.В. Борьба с умышленным причинением вреда здоровью граждан в исправительных колониях. – С. 378.
13. Рубинштейн С.Л. О мышлении и путях его исследования. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – С. 14.
14. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. …д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 26.
15. Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1950. – С. 59.
16. Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). – Душанбе, 2010. – С. 108.

**Миралиев Эмомали Бобоевич**

## МУҲЛАТИ САНҶИШӢ – УНСУРИ ҲАТМИИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО: МАФҲУМ, ДАВОМИЯТ ВА ПЕШНИҲОДҲО ВОБАСТА БА ОН

**Миралиев Эмомали Бобоевич,** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тел.:** (+992) 907672020 **E-mail:** Law.tnu.tj@gmail.com

**Фишурда.** Яке аз институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шартан татбиқ накардани ҷазо маҳсуб меёбад, ки дар моддаи 71 Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ гардидааст. Аз замони мавқеи ҳуқуқӣ пайдо намудани институти шартан татбиқ накардани ҷазо, муҳлати санҷишӣ қисми ҷудонашавандаи институти мазкур ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин, вобаста ба мафҳум, давомият ва оғозу анҷоми муҳлати санҷишӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар ин самт айниҳолӣ дониста мешавад. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур, яққатор пешниҳодҳои асоснок дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ, андешаву назарияи олмони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судии ҶТ ироа гардидааст, ки барои такмили илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ва бартараф кардани нофаҳмиҳо дар амалияи судӣ равона гардидаанд.
**Калидвожаҳо:** Институт, шартан татбиқ накардани ҷазо, Кодекс, ҷиноят, ҳуқуқ, муҳлати санҷишӣ, қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ, маҳкумшуда, ҷазо, озодӣ, қисми ҳарбӣ, адои ҷазо, корҳои ислоҳӣ.

## ИСПЫТАТЕЛЬНЫЙ СРОК – ОБЯЗАТЕЛЬНЫЙ ЭЛЕМЕНТ УСЛОВНО НЕПРИМЕНЕНИЕ НАКАЗАНИЯ: ПОНЯТИЕ, ПЕРИОД И СВЯЗАННЫЕ С НИМ ПРЕДЛОЖЕНИЯ

***Миралиев Эмомалӣ Бобоевич,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 907672020* ***E-mail:*** *Law.tnu.tj@gmail.com*

**Аннотация.** Одним из институтов уголовного права является условное неприменение наказания, что предусмотрено статьей 71 УК РТ. С момента установления правового статуса института условного неприменения наказания испытательный срок считался неотъемлемой частью этого института. Поэтому в юридической литературе существуют разные мнения относительно определения, продолжительности, начала и окончания испытательного срока. С этой точки зрения завершение научных исследований в этом направлении считается актуальным. Также в данной статье сделан ряд обоснованных предложений на основе изучения научной литературы и теории в области уголовного права и судебной практики Республики Таджикистан, которые направлены на совершенствование науки уголовного права, уголовного законодательства и устранения непониманий в судебной практике.
**Ключевые слова:** Институт, условно неприменение наказания, Кодекс, преступление, закон, испытательный срок, законодательство, судебная практика, осужденный, наказание, свобода, воинская часть, отбывание наказания, исправительные работы.

## PROBATIONARY PERIOD – MANDATORY ELEMENT OF THE PROBATION: CONCEPT, DURATION, AND PROPOSALS RELATED TO IT

***Miraliev Emomali Boboevich,*** *Candidate of law sciences, Docent, of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 907672020,* ***E-mail:*** *Law.tnu.tj@gmail.com*

**Annotation.** One of the institutions of criminal law is probation, which is provided for in Article 71 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. Since the establishment of the legal status of the institution of probation, the probationary period was considered an inseparable part of this institution. Therefore, there are different opinions in the legal literature regarding the concept, duration, and beginning and end of the probationary period. From this point of view, the completion of scientific research in this direction is considered urgent. Also, in this article, several reasonable proposals have been made based on the study of scientific literature, ideas, and theories of the scholars of the criminal law and judicial practice of the Republic of Tajikistan, which are aimed at improving the science of criminal law, criminal legislation and eliminating misunderstandings in judicial practice.
**Keywords:** Institution, Probation, Code, crime, law, probationary period, legislation, judicial practice, convicted, punishment, freedom, military unit, serving sentence, correctional labor.

**Мафҳум ва хусусиятҳои муҳлати санҷишӣ**

Дар асоси қ. 1 м. 71 КҶ ҶТ, агар суд ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намуда, ба хулосае ояд, ки ислоҳ шудани маҳкумшуда бе адои ҷазо, вале дар шароити назорати рафтораш имконпазир аст, он гоҳ метавонад дар хусуси шартан татбиқ накардани ҷазо қарор қабул намуда, нисбат ба маҳкумшуда муҳлати санҷишӣ муқаррар намояд. Ҳангоми таъин намудани институти шартан татбиқ накардани ҷазо, дар як маврид, суд уҳдадор аст, ки нисбати маҳкумшуда муҳлати санҷишӣ, ки меъёри қонун пешбинӣ мекунад, муқаррар намояд. Дар сурати муқаррар нагардидани ин муҳлат дар ҳукми суд, санади судӣ ғайриқонунӣ ва беэътибор дониста мешавад. Ба таври дигар гуфтан мумкин аст, ки таъини шартан татбиқ накардани ҷазо ҳуқуқи суд аст, аммо муқаррар намудани муҳлати санҷишӣ уҳдадории суд мебошад[209]. Маҳкумшуда бошад, дар ин давра, уҳдадор аст, ки бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот созад.

*209 Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – С. 231.*

Вобаста ба мафҳуми муҳлати санҷишӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Масалан, як қисми олимон дар зери мафҳуми муҳлати санҷишӣ муддати вақтеро мефаҳманд, ки бояд дар давоми он бо маҳкумшуда корҳои тарбиявӣ гузаронида шавад, яъне ин муҳлат барои ислоҳшавии гунаҳкор аст[210]. Муҳлати санҷишӣ – ин муддати вақти назорати аст, ки дар давоми он маҳкумшуда бояд бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот намояд[211]. Қисми олимон онро муҳлати санҷиши рафтор[212], исботи ислоҳшавии худ[213], исботи ислоҳшавии худ бе татбиқи ҷазоии воқеии таъингардида[214], дар ин муддат масъалаи ислоҳ гардидан ё нагардидани маҳкумшуда ҳал карда мешавад[215].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, муҳлати санҷишӣ дар худ муҳлати муайяни вақтеро дар бар мегирад, ки дар давоми он маҳкумшуда аз адои ҷазои воқеӣ озод гардида, ислоҳшавии худро бояд исбот намояд.

Аз мафҳуми додашуда, чунин хусусиятҳои муҳлати санҷиширо ҷудо кардан мумкин аст: 1) муҳлати санҷишӣ муддати вақти муайян аст, ки онро қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудааст; 2) муҳлати санҷишӣ унсури ҳатмии институти шартан татбиқ накардани ҷазо ба ҳисоб меравад; 3) дар давоми он маҳкумшуда бояд бо рафтори худ ислоҳ гардиданашро исбот намояд; 4) дар давоми он маҳкумшуда зери таҳдиди иваз гардидани мавқеи ҳуқуқиаш қарор дорад, яъне имкони бекор кардани ин муҳлат вуҷуд дорад; 5) дар давраи муҳлати санҷишӣ маҳкумшуда аз адои воқеии ҷазои ҷиноятии таъингардида озод мебошад; 6) дар ҷараёни ин муҳлат ба зиммаи маҳкумшуда уҳдадориҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, гузошта мешавад; 7) дар ин муддати вақт аз болои рафтори маҳкумшуда, аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ, назорат бурда мешавад; 8) дар ин муддат нисбати маҳкумшуда чораҳои таъсиррасонии тарбиявӣ андешида мешавад; 9) маҳкумшуда доғи судидошта эътироф мешавад; 10) дар ин муддат маҳкумшуда имконият дорад, ки пеш аз муҳлат ислоҳшавии худро исбот намояд ва ғайра.

**Давомияти муҳлати санҷишӣ**

Ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо лаҳзаи аҳаммиятноки онро муайян намудани давомнокии муҳлати санҷишӣ ташкил медиҳад, ки он бояд бо мақсадҳои шартан татбиқ накардани ҷазо мувофиқат намояд. Вобаста ба масъалаи оне ки ин муҳлат бояд чӣ гуна бошад, ду нуқтаи назар ҷой дорад. Гуруҳи аввал, олимоне мебошанд, ки тибқи ақидаи онҳо муҳлати санҷишӣ дар давомияти аз 1 то 5 сол барои ислоҳшавӣ ва тарбият ёфтани шахси маҳкумшуда кофӣ мебошад[216]. Гуруҳи дуюми олимон бо он ақидаанд, ки давомнокии нисбатан асосноки муҳлати санҷишӣ аз 1 то 3 сол мебошад[217]. Масалан, ба

---

*210 См.: Сабанин С.Н. Справедливость освобождения от уголовного наказания. – Екатеринбург, 1993. – С. 119.*

*211 См.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.И. Рарог. – 10-е изд., пере-раб, и доп. – М.: Проспект, 2014. – С. 161.*

*212 См.: Мондрусов Р.М. Испытательный срок при условном осуждении // Советское государство и право. – 1954. – №6. – С. 90.*

*213 См.: Ткачевский Ю.М. Условное осуждение // Социалистическая законность. – 1963. – №11. – С. 53; Российское уголовное право: Общая часть: Учебник / Под ред. акад. В.Н. Кудрявцева и проф. А.В. Наумова. – М.: Спарк, 1997. – С. 334.*

*214 См.: Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 69; Рахметов С.М., Кулмуханбетова Б.А. Наказание: понятие, цели, виды, порядок и назначение. – Алматы, 1999. – С. 94.*

*215 См.: Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. докт. юрид. Наук В.М. Лебедева. – М.: Издательство НОРМА, 2003. – С. 178.*

*216 См.: Саркисова Э.А. Условное осуждение по советскому уголовному праву. дис. ... канд. юрид. наук. – Минск, 1963. – С. 54; Горяйнова Е.А. Условное осуждение по советскому уголовному праву. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1987. – С. 108-110; Гладких В.И., Дьяконова С.В. Условное осуждение: правовая природа и проблемы применения: монография. – М, 2009. – С. 127.*

*217 См.: Кригер Г.А. Условное осуждение и роль общественности в его применении. – М.: Изд-во МГУ, 1963. – С. 73; Скибицкий В. Законодательство Украинской ССР об условном осуждении и практика его применения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Киев, 1972 – С. 14; Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А.Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – С. 233.*

андешаи Т.Ш. Шарипов нуқтаи назари охирин дуруст мебошад[218]. Зеро якум, ин ки аз як тараф амалан шахси санҷишшавандаро муҳлати дароз назорат бурдан мушкил мебошад: дар ин муҳлат субъект мумкин аст, ки ҷои истиқомат ё ҷои кори худро иваз намояд. Дуюм, чи гунае ки маводҳои санҷишии рафтори маҳкумшудагон дар давоми муҳлати санҷишӣ нишон медиҳанд, дар аксар мавридҳо ду соли аввал нақши асосӣ ва ҳалкунандаро иҷро мекунад: дар ин давра, маҳкумшуда ё ҷиддан бо роҳи ислоҳшавӣ меравад ё боварии нисбат ба ӯ кардашударо аз байн бурда, боз даст ба содир намудани ҷиноят мезанад[219]. Сеюм, давомнокии муҳлати санҷишӣ, ки зиёда аз се солро дар бар мегирад, зарурат надорад. Зеро ин муҳлат барои таъсир расонидан ба шахсе, ки ба ҷамъият хавфнок аст ва эҳтимолияти татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо нисбат ба ӯ имкон дорад, басанда мебошад. Аз тарафи дигар бошад, ин муҳлат барои он ки маҳкумшуда худро ҳамчун шахси ислоҳшуда нишон диҳад, басанда мебошад[220]. С.Н. Сабанин қайд менамояд, ки дар 2-3 соли аввали муҳлати санҷишӣ маҳкумшуда кӯшиш мекунад, ки дар роҳи ислоҳшавӣ қарор гирад ва ё баръакс боварии ба ӯ кардаро аз даст медиҳад ва боз даст ба содир намудани ҷиноят мезанад[221]. Э.В. Лядов зикр менамояд, ки аз ҳад зиёд муқаррар намудани муҳлати санҷишӣ мазмуни тарбиявии шартан татбиқ накардани ҷазоро кам карда, мушкилотро дар мавриди таъсири ислоҳнамоии он ба вуҷуд меорад[222]. Андешаи мазкурро В.Н. Курченкор низ дастгирӣ менамояд[223]. С.Н. Сабанин пешниҳод менамояд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноятҳое, ки ба ҷамъият хавфнокиашон зиёд нест ва ё аз ҷинояти вазнин сабуктар мебошанд, муҳлати санҷишӣ аз 1 то 2 сол, дар сурати содир намудани ҷинояти вазнин аз 2 то 3 сол муқаррар карда шавад[224]. И.Н. Алексеев бошад, андешаи онро дорад, ки давомияти муҳлати санҷишӣ аз 1 то 8 сол муқаррар карда шавад. Дар сурати таъин намудани ҷазои сабуктар аз маҳрум сохтан аз озодӣ, ки суд нисбат ба он шартан татбиқ накардани ҷазоро таъин менамояд, муҳлати санҷишӣ набояд аз 1 сол зиёд бошад. Ҳангоми таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол, муҳлати санҷишӣ аз 1 то 3 сол бояд муқаррар карда шавад, дар сурати таъини ҷазо ба муҳлати аз 3 то 5 сол, муҳлати санҷишӣ аз 3 то 5 сол муқаррар карда шавад. Дар вақти таъин намудани ҷазо ба муҳлати зиёда аз 5 сол, муҳлати санҷишӣ аз 5 то 8 сол муқаррар карда шавад. Асос барои таъин намудани чунин муҳлати санҷишӣ бояд муҳлат ва андозаи ҷазои воқеии таъингардида, инчунин, имконияти ислоҳ гардидан ва қобилияти ислоҳшавии маҳкумшуда баромад намояд[225]. И.З. Галиуллин дар навбати худ ба андешаи И.Н. Алексеев розӣ нашуда, қайд менамояд, ки таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки шартан маҳкумшудагон асосан дар давоми 3 соли аввали муҳлати санҷишӣ даст ба содир намудани ҷиноят мезананд[226]. Ба андешаи Ю.А. Веретина муқаррар гардидани муҳлати санҷишӣ то 5 сол ё 8 сол аз ҳад зиёд мебошад[227].

---

*218 См.: Шарипов Т.Ш. Условного освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики. – Душанбе, 2003. – С. 113.*

*219 См.: Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 72-73; Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А.Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – С. 233.*

*220 См.: Кыдыралиева С. Условное осуждение по уголовному праву Киргизской ССР. – Фрунзе. 1968. – С. 13.*

*221 См.: Сабанин С.Н. Справедливость освобождения от уголовного наказания. –Екатеринбург, 1993.–С.119.*

*222 См.: Лядов Э.В. Институт условного осуждения: уголовно-правовой и уголовно-исполнительный аспекты: монография. – Рязань: Издательство ИП Коняхин А.В., 2016. – С. 110.*

*223 См.: Курченко В.Н. Уголовно-правовые и криминологические аспекты условного осуждения. дис. ... канд. юрид. наук. – Свердловск, 1987. – С. 99.*

*224 См.: Сабанин С.Н. Справедливость освобождения от уголовного наказания. –Екатеринбург, 1993.–С.173.*

*225 См.: Алексеев И. Н. Условное осуждение в уголовном праве России: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2004. – С. 8.*

*226 См.: Галиуллин И.З. Условные меры уголовно-правового характера. – Казань, Изд-во Казанск. Ун-та, 2006. – С. 148.*

*227 См.: Веретина Ю.А. Испытательный срок при условном осуждении по уголовному кодексу российской федерации // Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева, – №1, том 2, – 2017. – С. 122.*

Натиҷаи таҳқиқоте, ки дар давраи солҳои 2016-2021 (425 парвандаи ҷиноятӣ) дар судҳои чаҳор ноҳияи ш. Душанбе, суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон ва суди шаҳри Ваҳдат гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки давомнокии мӯҳлати санҷишӣ чунин таъин гардидааст:

- ба муддати 1 сол дар 61,17% ҳолатҳо;
- аз 1 то 2 сол дар 34,12% ҳолатҳо;
- то 3 сол – дар 4,00% ҳолатҳо;
- то 4 сол – дар 0.24% ҳолатҳо;
- то 5 сол дар 0,47% ҳолатҳо;

Натиҷаҳои ба ин шабеҳ дар адабиёти ҳуқуқӣ низ мушоҳида мешавад. Ба андешаи қисмати зиёди олимон дар 92-98%-и ҳолатҳо судҳо давомнокии мӯҳлати санҷиширо танҳо дар доираи аз 1 то 3 сол муқаррар менамоянд[228]. Тавре ки С.Ю. Скобелин қайд менамояд, дар бештари мавридҳо мӯҳлати санҷишӣ бо давомияти аз 6 моҳ то 3 сол (95,6%) таъин мегардад, ки ин мӯҳлат ба таври кофӣ барои расидан ба мақсадҳои институти шартан татбиқ накардани ҷазо басанда мебошад[229].

Таҳлилҳои аз ҷониби мо гузаронидашуда гувоҳӣ дод, ки 99,29%-и ҳолатҳо судҳо давомнокии мӯҳлати санҷиширо танҳо дар доираи аз 1 то 3 сол муқаррар намудаанд.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо ҳадди болоии мӯҳлати санҷишӣ набояд аз 3 сол зиёд бошад. Воқеан, таҷрибаи судӣ исбот менамояд, ки дар ин муддат имкони ислоҳшавии маҳкумшуда мавҷуд мебошад ва дар як маврид, дар сурати ислоҳ нагардидан, чунин маҳкумшудагон ҳатман талаботҳои ба зиммаи онҳо гузоштташударо вайрон мекунанд, ки боиси пеш аз мӯҳлат бекор кардани мӯҳлати санҷишӣ, дар маънои манфии он мегардад. Инро таҷрибаи судӣ дар солҳои 2016-2021 дар судҳои чор шаҳру ноҳияҳои шаҳри Душанбе, суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, суди шаҳри Ваҳдат ва суди гарнизони шаҳри Душанбе (495 парвандаҳои ҷиноятии таҳлилшуда танҳо дар як ҳолат ба муддати 4 сол ва дар 2 ҳолат ба муддати 5 сол мӯҳлати санҷишӣ таъин гардидааст) исбот менамояд.

Вобаста ба ҳадди камтарини мӯҳлати санҷишӣ пешниҳод менамоем, ки ҳадди поёнии он на кам аз 6 моҳ муқаррар карда шавад. Чунки дар бештар маврид, вақте ки ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиргардида камтар аст, судҳо имкони таъини камтар аз 1 соли мӯҳлати санҷиширо надоранд. Аз ин рӯ, муқаррар намудани ҳадди поёнӣ бо дарназардошти принсипи инсондӯстӣ ва адолат на кам аз 6 моҳ қобили қабул аст. Масалан, дар бештар мавридҳо таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки насбат ба шахсе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 6 сол маҳкум гардидааст, 1 сол мӯҳлати санҷишӣ таъин карда мешавад[230], аммо дар сурати таъин гардидани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 6 моҳ мӯҳлати санҷишӣ ба 1 сол муқаррар гардидааст[231], ки аз ҳад зиёд буда, дар ин ҳолат принсипи адолат ва инсондӯстӣ сарфи назар мегардад.

**Мӯҳлати санҷишӣ ва мӯҳлати ҷазо**

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми таъин намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ва муқаррар намудани мӯҳлати санҷишӣ ба миён меояд, ин давомнокии мӯҳлати санҷишӣ дар алоқамандӣ бо мӯҳлати ҷазои воқеии таъингардида мебошад. Новобаста аз оне ки Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ, мисли Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон соли 1961 ҳадди поёнӣ ва болоии мӯҳлати санҷиширо муқаррар намудааст, аммо дар онҳо ягон меъёр вобаста ба алоқамандии ҷазои шартан татбиқ нагардида ва мӯҳлати санҷишӣ мавҷуд нест. Мавҷуд

---

*228 См.: Ласковый В. Особенности назначения условного осуждения // Советская юстиция. 1967. – №19. – С. 14; Кыдыралиева С. Условное осуждение по уголовному праву Киргизской ССР. – Фрунзе, 1968. – С. 13; Кравец Ю. Испытательный срок и контроль за поведением условно осужденных // Советская юстиция. – 1990. – №11. – С. 12.*

*229 См.: Скобелин С.Ю. Условное осуждение в отечественном уголовном праве: монография. – Тюмень, 2012. – С. 118.*

*230 Павандаи ҷиноятии – №1-319/19 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе.*

*231 Павандаи ҷиноятии – №1-135/17 // Бойгонии суди гарнизони ҳарбии шаҳри Душанбе.*

набудани чунин муқаррарот дар қонун сабаби ба вуҷуд омадани нуқтаҳои назари гуногун мегардад.

Як қисми олимон чунин қайд мекунанд, ки «давомнокии муҳлати санҷишӣ бояд аз муҳлати шартан маҳрум сохтан аз озодӣ вобастагӣ дошта бошад ва ба он мувофиқат намояд»[232]. М.М. Муллоев зикр менамояд, ки давомнокии муҳлати санҷишӣ аз муҳлати ҷазои воқеии интихобнамудаи суд, вобастагӣ надорад. Аммо баъзе судҳо давонокии муҳлати санҷиширо аз муҳлати ҷазои воқеӣ зиёдтар таъин менамоянд[233]. Аз нуқтаи назари Т.Ш. Шарипов муқаррар намудани принсипи ҷиддан алоқаманд гардонидани муҳлати санҷишӣ бо муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ зарурат надорад, зеро муҳлати санҷишӣ бояд хусусияти мустақилона дошта бошад[234]. Муқаррар намудани чунин принсип мустақилияти муҳлати санҷиширо заиф гардонида, тасаввуротҳои нодурустро ба вуҷуд меорад, ки гӯё муҳлати санҷишӣ ва ҷазо – ин ҳарду ягона мебошанд ва дар ниҳояти кор, ин ҳолат, ба табиати институти шартан татбиқ накардани ҷазо низ мухолифат менамояд[235].

Ҳуқуқшиносони дигар чунин ибрози андеша менамоянд, ки давомнокии муҳлати санҷишӣ бояд дар доираи муҳлате муайян карда шавад, ки бароиислоҳи шахси маҳкумшуда зарур мебошад, вале дар чунин ҳолат низ набояд андозаи ҷазои таъиншуда ва маълумотҳое, ки шахсияти маҳкумшударо муаррифӣ мекунанд мадди назар карда шаванд[236]. Ба андешаи олимони дигар низ нуқтаи назари охирин дуруст мебошад, зеро масъалаи давомнокии муҳлати санҷиширо вобаста ба доираи вақте, ки ба ақидаи суд дар давоми он санҷиш ва ислоҳи маҳкумшуда имкон дорад, ҳал намудааст[237].

Қисмати дигари олимон ақида доранд, ки муҳлати санҷишӣ бояд бо ҷазои шартан татбиқ нагардида баробар бошад ва ё зиётар аз он бошад. Яъне, муҳлати санҷишӣ бояд аз муҳлати ҷазои шартан татбиқ нашуда бартарӣ дошта бошад[238]. Мувофиқи андешаи гуруҳи дигар, муҳлати санҷишӣ «…нисбат ба ҳаҷми худ бояд аз ҷазои таъингардида зиёд бошад, мумкин аст, ки баробар бошад, инчунин, мумкин аст, ки аз ҷазои таъингардида камтар бошад»[239].

Тарафдорони андешаи оне ки муҳлати санҷишӣ бояд камтар аз ҷазои таъингардида бошад, фикри худро бо он асоснок менамоянд, ки ҳангоми таъин гардидани шартан татбиқ накардани ҷазо натиҷаи мехоста дар муддати кутоҳ ба даст меояд, аммо муқаррар намудани муҳлати дароз боиси ба вуҷуд омадани сахтгирии беасос нисбати маҳкумшуда мегардад[240].

Ба андешаи А.Н. Кондалов муҳлати санҷишӣ аз муҳлати ҷазои таъингардида камтар буда наметавонад. Чунки ҳангоми таъини ҷазои асосӣ суд ба хулоса меояд, ки шахс маҳз дар ҳамин муҳлат имкон дорад ислоҳ гардад. Ба хулоса омадан дар бораи он ки ислоҳшавии шахс бе адои ҷазои воқеӣ (ба муҳлати муайян) имкон дорад, суд ҷазоро

---

*232 См.: Гаджиев Н. Испытательный срок при условном осуждении и его правовые последствия // Изв. Ан Азерб. ССР. Сер.истории, философии и права. – 1966. – №4. – С. 99.*

*233 См.: Муллаев М.М. Комментарий Уголовного кодекса Таджикской ССР. – Душанбе, 1969. – С. 195.*

*234 См.: Шарипов Т.Ш. Условного освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики. – Душанбе, 2003. – С. 114.*

*235 См.: Гаджиев Н.К. Испытательный срок при условном осуждении и его правовые последствия / Изв. Ан Азерб. ССР. – Сер.истории, философии и права. – 1966. – №4. – С. 99.*

*236См.: Саввин Н.Ф., Ефимов М.А. Условное осуждение и условно-досрочное освобождение от наказания. – М.: Госюриздат, 1963. – С. 9.*

*237 См.: Саркисова Э.А. Условное осуждение по советскому уголовному праву. дис. ... канд. юрид. наук. – Минск, 1963. – С. 57; Гаджиев Н.К. Испытательный срок при условном осуждении и его правовые последствия // Изв. Ан Азерб. ССР. - Сер.истории, философии и права. – 1966. – №4. – С. 99; Ткачевский Ю.М. Освобождение от отбывания наказания. – М., 1970. – С. 65; Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 76.*

*238 См.: Уголовное право: Общая часть: Учебник для вузов. – М.: ИНФРА-М: НОРМА, 1997. – С. 447.*

*239 См.: Комментарий к Уголовному Кодексу РФ. Общая часть. –М., Изд-во ИНФРА. 1996. – С. 72-73.*

*240 См.: Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 72.*

шартан муқаррар мекунад, аммо боз бо мақсади ислоҳ, вале дар давоми ҳамон муҳлати ҷазои таъиншудаи асосӣ ва ё ҳатто аз он зиёдтар[241].

Ба андешаи мо, муҳлати санҷишӣ аз ҷониби суд бе ихтиёр таъин карда мешавад ва барои дуруст муайян намудани он як қатор ҳолатҳо, аз ҷумла хусусияти ҷинояти содиршуда, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он, шахсияти ҷинояткор, шароити содиршавии ҷиноят ва шароите, ки дар он маҳкумшуда муҳлати санҷиширо мегузаронад, имконият ва дараҷаи таъсиррасонии муҳит, ҷамъият ва оила нисбат ба маҳкумшуда ва дигар ҳолатҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Вале дар ҳукми суд мавҷуд набудани асоснокии муайян кардани чунин давомияти муҳлати санҷишӣ барои дуруст ҳисобидани ҳукм имконият намедиҳад. Вобаста ба ин, В.А. Ломако дуруст қайд мекунад, ки тибқи он муайян намудани асоснокии давомияти муҳлати санҷишӣ амри зарурӣ мебошад. В.А. Ломако аз суд нисбатан мушаххас намудани ҳамаи маълумотҳое, ки ба шахсияти гунаҳкор ва муҳити иҳотакардаи ӯ дахл доранд ва ҳангоми муайян намудани давомияти муҳлати санҷишӣ барои роҳ надодан ба хатоҳо ва беҳтар намудани корҳои тарбиявӣ нисбат ба маҳкумшудагон мусоидат менамоянд, талаб мекунад[242].

Ба ақидаи мо, давомнокии муҳлати санҷишӣ, ки дар қ. 3 м. 71 КҶ ҶТ (аз 1 то 5 сол) муқаррар гардидааст аз муҳлати ҷазои шартан татбиқ нагардида вобастагӣ надорад. Зеро, шартан татбиқ накардани ҷазо (як унсури он – муҳлати санҷишӣ) институти мустақили қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад ва ҷазо ҳамчун институти алоҳида. Яъне, муқаррар намудани давомияти муҳлати санҷишӣ аз ҷазои таъингардида вобастагӣ надорад. Муқаррар намудани давомияти муҳлати санҷишӣ аз хулосаи суд бармеояд, ки дар кадом муҳлат маҳкумшуда имкон дорад, ки ислоҳ шавад. Чунин хулосабарорӣ дар асоси баинобатгирии андешаҳои олимон ва таҷрибаи судӣ оид ба муқаррар намудани муҳлати санҷишӣ пешниҳод мегардад. Масалан, дар натиҷаи таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мо нишон дод, ки дар 5,18% ҳолатҳо барои шахсоне, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол маҳкумшудаанд, 1 сол муҳлати санҷишӣ муқаррар гардидааст. Дар 7,06% ҳолатҳо бошад, барои шахсоне, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 1 сол маҳкумшудаанд, 1 сол муҳлати санҷишӣ таъин шудааст. Ин аз он гувоҳ аст, ки муҳлати санҷишӣ метавонад бо ҷазои асосӣ баробар бошад ё аз ҷазои асосӣ баландтар ва ё аз он камтар бошад. Инчунин, аз рӯйи натиҷаи парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мо омӯхташуда (425 парвандаи ҷиноятӣ дар солҳои 2016-2021) чунин бармеояд, ки дар 76,47 %-и ҳолатҳо нисбат ба маҳкумшудагон муҳлати санҷишӣ нисбатан камтар назар ба ҷазои асосии таъиншуда, дар 0,24%-и ҳолатҳо аз ҷазои асосӣ баландтар ва дар 18,59%-и ҳолатҳо баробар ба ҷазои асосӣ муҳлати санҷишӣ таъин карда шудааст.

**Оғоз ва анҷоми муҳлати санҷишӣ**

Ҳангоми татбиқи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дуруст муайян намудани оғоз ва анҷоми муҳлати санҷишӣ шарт ва зарур мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба масъалаи аз кадом лаҳза оғоз гаштани муҳлати санҷишӣ ҳангоми татбиқ намудани ин институт ақидаҳои гуногун пешниҳод гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки гуногунандешии олимон асосан аз муносибати онҳо нисбат ба табиати институти шартан татбиқ накардани ҷазо вобастагӣ дорад.

Баъзе аз ҳуқуқшиносон ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми судро лаҳзаи оғози муҳлати санҷишӣ меҳисобанд[243]. Масалан, Р.М. Мондрусов қайд менамояд, ки «аз оне ки

*241 См.: Кондалов А.Н. Условное осуждение и его испытательный срок // Вестник Волжского университета им. В.Н.Татищева. – Серия «Юриспруденция». – Выпуск пятый. Издательство Тол ПИ, 1999. – С. 144-145.*

*242 См.: Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 77-78.*

*243 См.: Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 77-78; Гладких В.И., Дьяконова С.В. Условное осуждение: правовая природа и проблемы применения: монография. – М, 2009. – С. 145-146; Агзамов, И.М. Испытательный срок в механизме условного неприменения наказания // Закон и право. – 2012. – №6. – С. 64.*

муҳлати санҷишӣ як қисми ҳукм аст, ҳарчанд мушкил аст, аммо бояд онро аз лаҳзаи қувваи қонунӣ гирифтани ҳукми суд ҳисоб намоем»[244].

Олимони дигар бошанд, бар он назаранд, ки аз лаҳзаи қабул гардидани ҳукми суд, аллакай муҳлати санҷишӣ оғоз мегардад[245]. Бояд қайд намуд, ки дар давраи муҳлатҳои зиёд мавқеи мазкур амал мекард[246]. Мавқеи ҷонибдорони нуқтаи назари дуюмро ҷамъбаст намуда, А.Н. Кондалов қайд мекунад, ки «чунин муносибат вобаста ба муайян кардани ҳисобкунии муҳлати санҷишӣ аз ҷониби баъзе муаллифон шарҳ дода мешавад, ки: а) дар сурати содир намудани ҷиноят аз ҷониби маҳкумшудагоне, ки нисбаташон шартан татбиқ накардани ҷазо таъин гардидааст, то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд, чун вайрон намудани талаботҳое, ки ба зиммаи маҳкумшудагон гузошта шудаанд, ба ҳисоб меравад, бинобар ин, ба маҳкумшуда мумкин аст, ки ҷазои воқеии таъингардида татбиқ шавад; б) барои муқаррар намудани баохиррасии лаҳзаи муҳлати санҷишӣ кумак мекунад; в) мазмуни тарбиявии шартан татбиқ накардани ҷазоро боло мебарад; г) барои дуруст ҳал намудани масъалаи шартан татбиқ накардани ҷазо кумак мерасонад, вақте ки тайёрии ҷинояти нав дар давомияти муҳлати санҷишӣ содир шуд, аммо хотима ёфтани он баъди гузаштани ин муҳлат. Ин қоида нисбат ба ҷиноятҳои давомдор ва дарозмуддат низ дахл дорад[247].

Ба андешаи мо, муқаррароти м. 71 КҶ ҶТ дар мавриди оне ки муҳлати санҷишӣ аз қувваи қонунӣ гирифтани ҳукми суд оғоз мегардад, қобили дастгирӣ мебошад. Зарурати қонунан танзим намудани ин масъала на танҳо барои эҳтиёҷоти ягонасозии он дар адабиёти ҳуқуқӣ, балки пеш аз ҳама барои эҳтиёҷоти таҷрибаи амалӣ вобаста аст. Ба ғайр аз ин, дуруст муайян намудани лаҳзаи оғози муҳлати санҷишӣ барои ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ ва аз болои рафтори маҳкумшуда ба амал баровардани назорати аз ҷониби суд муқарраргардида хеле муҳим мебошад. Масъалаи оғоз гардидани муҳлати санҷишӣ барои муайян намудани лаҳзаи баанҷомрасии он, дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ ва то бардоштани доғи судии шахси маҳкумшуда аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Инчунин, андешаи мазкур ба он мақсад дастгирӣ мегардад, ки дар ҳеҷ маврид набояд принсипи қонуният ва эҳтимолияти бегуноҳӣ мадди назар карда шавад.

**Хулоса ва пешниҳодҳо аз таҳлили анҷомдода:**

1. Мафҳуми муҳлати санҷишӣ дар шакли зерин пешниҳод мегардад: муҳлати санҷишӣ дар худ муҳлати муайяни вақтеро дар бар мегирад, ки дар давоми он маҳкумшуда аз адои ҷазои воқеӣ озод гардида, ислоҳшавии худро бояд исбот намояд.

2. Ҳангоми таъин намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ҳадди болоии муҳлати санҷишӣ набояд аз 3 сол зиёд бошад. Воқеан, таҷрибаи судӣ исбот менамояд, ки дар ин муддат имкони ислоҳшавии маҳкумшуда мавҷуд мебошад ва дар як маврид, дар сурати

---

*244 См.: Мондрусов Р.М. Испытательный срок при условном осуждении // Советское государство и право. – 1954. – №6. – С. 91.*

*245 См.: Кадари Х.Х. Условное осуждение по советскому уголовному праву // Советское государство и право. – 1956. – №1. – С. 80; Саркисова Э.А. Условное осуждение по советскому уголовному праву. дис. ... канд. юрид. наук. – Минск, 1963. – С. 58-60; Гаджиев Н.А. Испытательный срок при условном осуждении и его правовые последствия // Изв. Ан Азерб. ССР. – Сер.истории, философии и права. – 1966. – №4. – С. 105; Ткачевский Ю.М. Освобождение от отбывания наказания. – М.: Юрид. лит, 1970. – С. 76.*

*246 См.: Кадари Х.Х. Условное осуждение по советскому уголовному праву // Советское государство и право. – 1956. – №1. – С. 80; Гаджиев Н. Испытательный срок при условном осуждении и его правовые последствия // Изв. Ан Азерб. ССР. - Сер.истории, философии и права. – 1966. – №4. – С. 101; Ткачевский Ю.М. Освобождение от отбывания наказания. – М.: Юрид.лит, 1970. – С. 76; Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 79; Горяйнова А.Е. Условное осуждение по советскому уголовному праву. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1987. – С. 106; Кравец Ю.П. Условное осуждение по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1991. – С. 19; Практикум по уголовному праву: учебное пособие / Под. ред. Л.Л. Кругликов. – М.: БЕК, 1997. – С. 182; Бурлакова И.А. Условное осуждение: теоретико-правовые и практические проблемы: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. –М., 2003.–С.18-19.*

*247 См.: Кондалов А.Н. Условное осуждение и механизмы его обеспечения: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2000. – С. 113.*

ислоҳ нагардидан, чунин маҳкумшудагон ҳатман талаботҳои ба уҳдаи онҳо гузошташударо вайрон мекунанд, ки боиси пеш аз муҳлат бекор кардани муҳлати санҷишӣ, дар маънои негативии он мегардад.

3. Вобаста ба ҳадди камтарини муҳлати санҷишӣ пешниҳод менамоем, ки ҳадди поёнии муҳлати санҷишӣ на кам аз 6 моҳ муқаррар карда шавад. Зеро, дар бештар маврид, вақте ки ба ҷамъият хавфнокии кирдории содиргардида камтар аст, судҳо имкони таъини камтар аз 1 соли муҳлати санҷиширо надоранд, аз ин рӯ, муқаррар намудани ҳадди поёнӣ бо дарназардошти принсипи инсондӯстӣ ва адолат на кам аз 6 моҳ қобили қабул аст.

4. Оғози муҳлати санҷишӣ, ки дар қ. 3 м. 71 КҶ ҶТ ва қ. 1 м. 224 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ пешбинӣ гардидааст, аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ҳисоб карда мешавад.

5. Давомнокии муҳлати санҷишӣ, ки дар қ. 3 м. 71 КҶ ҶТ (аз 1 то 5 сол) муқаррар гардидааст аз муҳлати ҷазои шартан татбиқ нагардида вобастагӣ надорад. Зеро, шартан татбиқ накардани ҷазо (як унсури он – муҳлати санҷишӣ) институти мустақили қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад ва ҷазо ҳамчун институти алоҳида. Яъне, муқаррар намудани давомияти муҳлати санҷишӣ аз ҷазои таъингардида вобастагӣ надорад. Муқаррар намудани давомияти муҳлати санҷишӣ аз хулосаи суд бармеояд, ки дар кадом муҳлат маҳкумшуда имкон дорад, ки ислоҳ шавад.

**Адабиёт:**


1. Агзамов, И.М. Испытательный срок в механизме условного неприменения наказания // Закон и право. – 2012. – №6. – С. 64-68
2. Алексеев И. Н. Условное осуждение в уголовном праве России: автореф. дис.... канд. юрид. наук. – Саратов, 2004. – 22 с.
3. Бурлакова И.А. Условное осуждение: теоретико-правовые и практические проблемы: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – 25 с.
4. Веретина Ю.А. Испытательный срок при условном осуждении по уголовному кодексу российской федерации // Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева, – №1, том 2, – 2017. – С. 120-126
5. Гаджиев Н. Испытательный срок при условном осуждении и его правовые последствия // Изв. Ан Азерб. ССР. Сер.истории, философии и права. – 1966. – №4. – С. 97-105.
6. Галиуллин И.З. Условные меры уголовно-правового характера. – Казань, Изд-во Казанск. Ун-та, 2006. – 206 с.
7. Гладких В.И., Дьяконова С.В. Условное осуждение: правовая природа и проблемы применения: монография. – М, 2009. – 199 с.
8. Горяйнова Е.А. Условное осуждение по советскому уголовному праву. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1987. – 199 с.
9. Кадари Х.Х. Условное осуждение по советскому уголовному праву // Советское государство и право. – 1956. – №1. – С.76-82.
10. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.И. Рарог. – 10-е изд., перераб, и доп. – М.: Проспект, 2014. – 960 с.
11. Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. докт. юрид. Наук В.М. Лебедева. – М.: Издательство НОРМА, 2003. – 867 с.
12. Комментарий к Уголовному Кодексу РФ. Общая часть. – М., Изд-во ИНФРА. 1996. – 302 с.
13. Кондалов А.Н. Условное осуждение и его испытательный срок // Вестник Волжского университета им. В.Н.Татищева. – Серия «Юриспруденция». – Выпуск пятый. Издательство Тол ПИ, 1999. – С. 140-145.
14. Кравец Ю.П. Условное осуждение по советскому уголовному праву: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1991. – 24 с.
15. Кригер Г.А. Условное осуждение и роль общественности в его применении. – М.: Изд-во МГУ, 1963. – 101 с.

16. Курченко В.Н. Уголовно-правовые и криминологические аспекты условного осуждения. дис. … канд. юрид. наук. – Свердловск, 1987. – 197 с.
17. Кыдыралиева С. Условное осуждение по уголовному праву Киргизской ССР. – Фрунзе. 1968. – 172 с.
18. Ласковый В. Особенности назначения условного осуждения // Советская юстиция. 1967. – №19. – С. 13-15.
19. Кравец Ю. Испытательный срок и контроль за поведением условно осужденных // Советская юстиция. – 1990. – №11. – С. 12-13.
20. Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – 273 с.
21. Лядов Э.В. Институт условного осуждения: уголовно-правовой и уголовно-исполнительный аспекты: монография. – Рязань: Издательство ИП Коняхин А.В., 2016. – С. 184 с.
22. Мондрусов Р.М. Испытательный срок при условном осуждении // Советское государство и право. – 1954. – №6. – С. 90-91.
23. Муллаев М.М. Комментарий Уголовного кодекса Таджикской ССР. – Душанбе, 1969. – 258 с.
24. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А.Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – 344 с.
25. Павандаи ҷиноятии №1-135/17 // Бойгонии суди гарнизони ҳарбии шаҳри Душанбе.
26. Павандаи ҷиноятии №1-319/19 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе.
27. Практикум по уголовному праву: учебное пособие / Под. ред. Л.Л. Кругликов. – М.: БЕК, 1997. – 487 с.
28. Рахметов С.М., Кулмуханбетова Б.А. Наказание: понятие, цели, виды, порядок и назначение. – Алматы, 1999. – 120 с.
29. Российское уголовное право: Общая часть: Учебник / Под ред. акад. В.Н. Кудрявцева и проф. А.В. Наумова. – М.: Спарк, 1997. – 454 с.
30. Сабанин С.Н. Справедливость освобождения от уголовного наказания. – Екатеринбург, 1993. – 262 с.
31. Саввин Н.Ф., Ефимов М.А. Условное осуждение и условно-досрочное освобождение от наказания. – М.: Госюриздат, 1963. – 32 с.
32. Саркисова Э.А. Условное осуждение по советскому уголовному праву. дис. … канд. юрид. наук. – Минск, 1963. – 259 с.
33. Скибицкий В. Законодательство Украинской ССР об условном осуждении и практика его применения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Киев, 1972 – 27 с.
34. Скобелин С.Ю. Условное осуждение в отечественном уголовном праве: монография. – Тюмень, 2012. – 154 с.
35. Ткачевский Ю.М. Освобождение от отбывания наказания. –М.: Юрид. лит, 1970. –240с.
36. Ткачевский Ю.М. Условное осуждение // Социалистическая законность. – 1963. – №11. – С. 51-54.
37. Уголовное право: Общая часть: Учебник для вузов. – М.: ИНФРА-М: НОРМА, 1997. – 504 с.
38. Шарипов Т.Ш. Условного освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики. – Душанбе, 2003. – 284 с

**Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ ДАР БОРАИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

***Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 988-14-99-99.* ***E-mail:*** *j.abdusalomzoda@hakko.tj*

**Фишурда.** Дар мақола муаллиф таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои пасошӯравӣ, ба монанди Украина, Ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Молдова ва Федератсияи Россияро бо қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди муқаррар сохтани ҷавобгари барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт анҷом додааст. Баъзе аз хусусиятҳои муқаррарсозии предмети ҷинояти мазкур баррасӣ шудааст. Ғайр аз ин, дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлаҳои мазкур муаллиф барои такмил додани меъёри муайянкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт пешниҳод ва хулосаҳои худро баён намудааст.

**Калидвожаҳо:** кодекси ҷиноятӣ, тасарруф, автомобил, воситаи нақлиёт, рабудани воситаи нақлиёт, амнияти ҷамъиятӣ, мақсади ғаразнок, предмети ҷиноят, истифодаи ғайриқонунӣ, таркиби ҷиноят.

# СРАВНИТЕЛЬНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ПОСТСОВЕТСКИХ ГОСУДАРСТВ ОБ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА УГОН АВТОМОБИЛЯ ИЛИ ИНЫХ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

***Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом,*** *ассистент кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 988-14-99-99.* ***E-mail:*** *j.abdusalomzoda@hakko.tj*

**Аннотация.** В статье автором проводится сравнительное исследование уголовного законодательства некоторых постсоветских государств зарубежных стран (Украина, Республики Беларусь, Казахстан, Узбекистан, Киргизия, Молдова, России) и Республики Таджикистан, содержащего нормы об ответственности за угон автомобиля или иного транспортного средства. Рассматриваются некоторые особенности регламентации объектов, входящих в круг предмета данных преступлений. Кроме того, на основе опыта данных государств предложены меры по совершенствованию отечественного уголовного законодательства в сфере установления ответственности за преступные посягательства, связанные с угоном автомобилями и иными транспортными средствами.

**Ключевые слова:** уголовный кодекс, хищение, автомобиль, транспортное средство, угон траспорного средства, общественная безопасность, корыстная цель, предмет преступления, незаконное использование, состав преступления.

# COMPARATIVE STUDY OF THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND POST-SOVIET STATES ON LIABILITY FOR THEFT OF A CAR OR OTHER VEHICLES

***Abdusalomzoda Chovid Abdusalom,*** *Assistant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 988-14-99-99.* ***E-mail:*** *j.abdusalomzoda@hakko.tj*

**Annotation.** In the article, the author conducts a comparative study of the criminal legislation of some post-Soviet states of foreign countries (Ukraine, Republic of Belarus, Kazakhstan, Uzbekistan, Kyrgyzstan, Moldova, Russia) and the Republic of Tajikistan, containing norms on liability for the theft of a car or other vehicle. Some features of the regulation of objects included in the scope of the subject of these crimes are considered. In addition, based on the experience of these states, measures are proposed to improve domestic criminal legislation in the field of establishing responsibility for criminal offenses related to the theft of cars and other vehicles.

**Key words:** criminal codec, theft, car, vehicle, vehicle theft, public safety, selfish purpose, subject of crime, illegal use, corpus delicti.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чораҳои ҳуқуқи ҷиноятии мубориза бо ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м. 252 КҶ ҶТ) таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ, ки ҷавобгариро барои ҷинояти мазкур пешбинӣ месозанд, аз аҳамият холӣ нест.

Таҷрибаи танзими ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар давлатҳои пасошӯравӣ, метавонад дар сурати такмил ёфтани қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ аз ҷониби қонунгузории ҶТ ба назар гирифта шавад. Ғайр аз ин, як сабаби дигари зарур будани омӯзиши қонунгузории ин давлатҳо иборат аз он аст, ки солҳои охир дар ҷаҳон фазои умумии ҳуқуқӣ, махсусан дар соҳаи мубориза ба муқобили ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ ташаккул ёфта истодааст. Бинобар ин, таносубан ҳангоми коркарду таҳияи намудҳои меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ бояд тавсияҳои аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ ва таҷрибаи қонунгузории пешниҳодшудаи давлатҳои хориҷӣ ба назар гирифта шавад.

Ба назар гирифтани таҷрибаи давлатҳои пасошӯравӣ дар мубориза бо ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф имкон медиҳад, ки тамоюлҳои муайяни инкишофи минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, ҷавобгариро барои ҷинояти мазкур муқаррар менамояд, муайян карда шаванд. Вобаста ба ин бояд андешаи М. Аксел асоснок ба назар мерасад, ки чунин менависад: омузиши ҳуқуқи хориҷӣ барои ҳуқуқшинос паҳлуҳои навро боз мекунад, ба ӯ имкон медиҳад боз ҳам беҳтар ҳуқуқи давлати худро донад чунки хусусиятҳои хоси ҳуқуқи мазкур бахус ҳангоми муқоиса бо дигар системаҳо ошкор мешавад. Муқоиса имкон дорад ҳуқуқшиносро бо ғояҳо ва далелҳо мусаллаҳ созад, ки онро ҳатто ҳангоми гирифтани дониши хуби танҳо ҳуқуқи давлати худ ба даст овардан мумкин нест[248].

Интихоби мавзуи муқоисашаванда ин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар асоси қонунгузории ҷиноятии давлатхои пасошуравӣ мебошад. Зеро, низоми конунгузории аксарияти давлатҳои пасошуравӣ тавассути макоми қонунгузории он – Ассамблеяи байнипарлумонӣ барои ин кишвархо қонунхои намунавӣ коркард ва тавсия менамояд. Қонунгузории намунавӣ барои дар як фазои хуқуқӣ қарор гирифтани собик кишвархои шуравӣ ва дуруст ба роҳ мондани хамкорихо зарур аст. Гузашта аз ин, махз конунхои намунавӣ имконият медиханд, ки давлатҳои пасошуравaӣ аз тачрибаи пешрафтаи якдигар дар сатхи хукукэчодкунӣ самаранок истифода намуда, муносибатхои нави чамъиятиро хаматарафа ва пурра мавриди танзими хукукй карор диханд.

Кодекси ҷиноятии Украина. КҶ Украина[249] дар фасли 11 «Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт» меъёреро пешбинӣ менамояд, ки ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт (м. 289 КҶ ) муқаррар месозад. Дар

---

248 *Аксель М. Методологические проблемы сравнительного права // Очерки сравнительного права. – М., 1981. – С.84.*

249 *Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года – №2341-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 18.10.2022 г.) [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418109&doc_(дата обращение: 19.04.2023).*

диспозитсияи қ. 1 таркиби ин ҷиноят чунин муайян шудааст: ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бо ин ё он мақсад. Чунин мафҳуми диспозитсияи қ. 1 м. 289 КҶ Украина дар фарқият аз қ. 1 м. 252[250] КҶ ҶТ имконияти банду баст намудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт, аз ҷумла бо мақсади ғаразнокро низ дар бар мегирад.

Ба андешаи мо ба татбиқи дурусти меъёр оид ба ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт эзоҳи қ. 1 ба м. 289 КҶ Украина мусоидат менамояд, ки мувофиқи он зери мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт дар моддаи мазкур бояд ҳаракатҳои қасдонаи зиддиҳуқуқии бо ин ё он мақсад бо истифода аз усули дилхоҳ гирифтани воситаи нақлиёт аз молики он ё дигар истифодабарандагони он бар хилофи иродаи онҳо равона шуда фаҳмида шавад.

Мафҳуми воситаҳои нақлиёт дар эзоҳи м. 286 КҶ Украина (Вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт, аз ҷониби шахсони идоракунандаи воситаҳои нақлиёт) муайян шудааст, ки мувофиқи он зери мафҳуми воситаҳои нақлиёт аз ҷумла дар м. 289 КҶ ҳама намудҳои автомобил, тракторҳо ва дигар мошинҳои худгард, трамвайҳо ва троллейбусҳо, инчунин мотсиклҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ фаҳмида мешавад.

Ба сифати санксия ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат пешбинӣ мешавад, яъне қонунгузории ҷиноятии Украина нисбат ба м.252 КҶ ҶТ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт ҷазои нисбатан вазнинтарро муқаррар менамояд.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунанда содир намудани ҳамин ҳаракатҳо аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё такроран ё бо истифодаи зуроварие, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок нест ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ ё бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба бино ё дигар амборхона ё бо истифода аз воситаҳои электронӣ барои халалдор намудани кори воситаҳои техникии ҳифзнамоӣ ё агар предмети ғайриқонунӣ ба даст овардан воситаи нақлиёте ҳисоб шавад, ки арзиши он аз сад то ду саду панҷоҳ даромади ҳадди ақали андозбандӣ нашавандаи шаҳрвандон мебошад, нишон дода шудааст (қ. 2 м. 289 КҶ Украина).

Ба сифати ҷазо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он пешбинӣ мешавад.

Дар қ. 3 м. 289 КҶ Украина ҳаракатҳои дар қ.қ. 1,2 моддаи мазкур муқарраршуда, ки аз тарафи гуруҳи муташаккил содир шудааст ё бо истифодаи зуроварии барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ ё агар предмети ғайриқонунӣ ба даст овардан воситаи нақлиёте ҳисоб шавад, ки арзиши он аз даромади андозбанди нашавандаи шаҳрвандон ду саду панҷоҳ маротиба ва бештар аз он зиёд мебошад, ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунандаи ҷинояти мазкур нишон дода шудааст.

Ҷазо барои ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он муқаррар мешавад.

Дар фарқият аз м. 252 КҶ ҶТ м. 289 КҶ Украина дорои меъёри ҳавасмандкунанда мебошад, ки мутобиқи он шахси бори аввал ҳаракатҳои дар қ. 1 моддаи мазкур пешбинишударо содир намуда агар ихтиёран ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳад ва воситаи нақлиётро ба соҳибаш баргардонида пурра зарари расонидаашро талофи намояд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад (қ. 4 м. 289 КҶ Украина).

Ҳамин тавр, ҳолатҳои вазнинкунандаи ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт, ки дар КҶ Украина муқаррар шудаанд, ба монадӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба бино ё дигар амборхона ё бо истифода аз воситаҳои электронӣ барои халалдор намудани кори воситаҳои техникии ҳифзнамоӣ ҷолиби диккат буда мумкин аст барои фарқгузорӣ намудани ҷавобгарӣ дар м. 252 КҶ ҶТ истифода шаванд.

*250 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Қонуният, 2012. – 488 с.*

Ғайр аз ин истифода намудани меъёри ҳавасмандкунанда дар намуди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкур ҳангоми ихтиёран хабар додан, баргардонидани воситаи нақлиёт ва талофи намудани зарари расонидашуда асоснок ба ҳисоб рафта мумкин аст барои ошкор намудани он ва бартараф намудани зарари аз ин ҷиноят расонида шуда мусоидат намояд.

Мавқеи каме дигартари муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар КҶ Белорус[251] муқаррар шудааст. Таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ё киштии обии хурдҳаҷм (м. 214 КҶ Белорус) дар фасли 8 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ», боби 24 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷойгир шуда чунин муайян мешавад: ғайриқонунӣ ба даст даровардани воситаҳои нақлиёт ё киштии хурдҳаҷм ва сайр кардан бо он бидуни мақсади тасарруф (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан).

Дар фарқият аз м. 252 КҶ ҶТ ба сифати предмети ҷиноят на танҳо воситаҳои нақлиёт, балки киштии обии хурдҳаҷм низ баромад менамояд.

Барои чунин ҳаракатҳо ҷазо дар намуди ҷарима ё корҳои ислоҳи ба муҳлати то ду сол ё ҳабс ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат пешбинӣ мешавад.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунанда содир намудани чунин ҳаракатҳо такроран ё бо истифодаи зӯроварӣ ё аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба миқдори махсусан калон (қ. 2 м. 214 КҶ) ва ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир намудани ҳаракатҳои дар қ.қ 1,2 м. 214 пешбинишуда бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ. 3 м. 214 КҶ) муқаррар шудааст. Барои ҳолати махсусан вазнинкунанда ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то даҳ сол муайян мешавад.

Дар эзоҳи м. 214 КҶ Белорус омадааст, ки аломатҳои воситаҳои нақлиёт дар эзоҳи м. 317 КҶ Белорус нишон дода шудаанд.

Мутобиқи эзоҳи м. 317 КҶ Белорус зери мафҳуми воситаҳои нақлиёт дар м.м. 214, 317-318 КҶ Белорус воситаҳои нақлиёти механикӣ, ки барои ҳаракат дар роҳ ва барои бурдани мусофирон, борҳо ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда пешбинӣ шудаанд, инчунин шасси воситаҳои нақлиёт ва мошинҳои худгард фаҳмида мешаванд. Дар баробари ин дар КҶ Белорус маънидоднамоии киштиҳои обии хурдҳаҷм ҷой надорад.

Ҳамин тавр, хусусияти фарқкунандаи м. 214 КҶ Белорус нисбат ба м. 252 КҶ ҶТ дар он ифода мегардад, ки ба сифати предмети ҷиноят на танҳо воситаҳои нақлиёт, балки киштии обии хурдҳаҷмро низ нишон медиҳад. Аз ҳолатҳои вазнинкунада аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба миқдори махсусан калон пешбинӣ мешавад, ки дар м. 252 КҶ ҶТ ҷой надорад.

КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон[252] дар боби 6 «Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили моликият» ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ бадаст даровардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м. 200 КҶ) муқаррар намудааст. Дар фарқият аз КҶ ҶТ дар КҶ Қазоқистон Қисми махсуси он ба фаслҳо ҷудо карда нашудааст. Дар қ. 1 м. 200 КҶ Қазоқистон ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ бадаст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан) муайян шудааст, ки вобаста ба ҷойи ҷойгиршавии ҷинояти мазкур дар боби ҷиноятҳо ба муқобили молкият ва мафҳуми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бо қ. 1 м. 252 КҶ ҶТ мувофиқ меояд. Фарқият дар

*251 Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года – №275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.05.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_ (дата обращение: 14.04.2023).*

*252 Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года – №226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.01.2023 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // online. Zakon. Kz/ document/ ? Doc _id= 31575252#pos=66;–45 (дата обращение: 08.03.2023).*

он аст, ки м. 252 КҶ ҶТ тарафи объективии ҷинояти мазкурро тавассути «ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан» тавсиф медиҳад, м. 200 КҶ Қазоқистон бошад, тавассути «ғайриқонунӣ ба даст овардан ба воситаи нақлиёт». Ин ҷо ба андешаи мо мавқеи КҶ Қазоқистон бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро муайян намудани суйқасд ба воситаи нақлиёт ҳамчун ҷинояти молу мулкӣ тавассути мафҳуми «соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт» пурратар манфиатҳои моликро нисбат ба мафҳуми «ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт» ҳифз менамояд. Барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он ба ҳисоб меравад.

Санксияи қ. 1 м. 200 КҶ Қазоқистон доираи васеъи ҷазоҳоро муқаррар намудааст.Ба ғайр аз маҳдуд кардани озодӣ ба мухлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мухлат, ҷазоҳои алтернативӣ дар намудӣ ҷарима, корҳои ислоҳӣ ё ҷалб кардан ба корҳои ҷамъиятӣ муайян пешбинӣ шудаанд.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанди ҷинояти мазкур содир шудани он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; якчандкаррата; бо истифодаи зуроварӣ барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ, ба сифати ҳолати махусан вазнинкунанда содир шудани он аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятӣ ё бо расонидани зарари калон (қ.3 м.200 КҶ Қазоқистон); бо истифодаи зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ (қ.4 м.200 КҶ) муқаррар шудааст.

Дар КҶ Қирғизистон[253] ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти автомобилӣ (м. 211 КҶ) дар фасли VII ( Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ), боби 28 (Ҷиноятҳо ба муқобили моликият) ҷойгир шудааст. Таркиби ҷинояти мазкур дар қ.1 м.211 КҶ Қирғизистон чунин муайян шудааст: ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёти автомобилӣ бидуни мақсади тасарруф (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан). Ба сифати предмети ҷиноят танҳо автомобил ё дигар воситаи нақлиёти автомобилӣ номбар мешавад. Дар эзоҳи м. 312 КҶ Қирғизистон мафҳуми воситаҳои нақлиёти автомобили муайян шудааст, ки мутобиқи он зери мафҳуми воситаҳои нақлиёти автомобили ҳама намудҳои автомобил, троллейбусҳо,тракторҳо ва дигар мошинҳои худгард, мотосиклҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ фаҳмида мешавад.

Санксияи қ.1 м. 211 КҶ Қирғизистон ҷазоро дар намуди ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати то панҷ сол муқаррар менамояд.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда содир намудани чунин кирдор аз тарафи гурӯҳи шахсон; гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; бо истифоди зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ (қ. 2 м. 211 КҶ); ҳамчун ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда аз беэҳтиёти расонидани зарари вазнин; бо истифодаи зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ; аз тарафи гурӯҳи муташаккил; дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (қ. 3 м. 211 КҶ Қирғизистон) муайян шудааст.

Дар КҶ Ҷумҳурии Молдова[254] ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар боби 6 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷойгир шудааст. Мутобиқи м. 192-1 КҶ Молдова ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф.

Ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур содир гардидани он аз ҷониби ду ё бештар шахсон; бо истифодаи зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ; содир намудани ҷиноят бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба

*253 Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года – №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.08.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://cbd.Minjust.gov.kg/act/view/ru–ru/111527? Cl=ru–ru (дата обращение: 19.04.2023).*

*254 Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года – №985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 29.07.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923&docid2 (дата обращение: 06.04.2023).*

гараж, дигар бино ё ҳудуди ҷудокарда шуда ё муҳофизатшаванда (қ. 2 м. 192-1 КҶ ва истифодаи зуорварии барои ҳаёт ва саломати хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ (қ. 3 м. 192-1 КҶ Молдова) ҷудо карда шудаанд. Бояд қайд намуд, ки ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур ҷудо намудани содир шавии он бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба гараж, дигар бино ё ҳудуди ҷудокарда шуда ё муҳофизатшаванда асоснок ба ҳисоб меравад, зеро аз чунин ҷойҳо содир намудани ҷиноят дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии онро зиёд мегардонад.

Хусусияти фарққунандаи КҶ Молдова дар он мебошад, ки дар моддаи алоҳида инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт бо кашандаи зинда, инчунин ҳайвони кашонанда (м.192-2 КҶ) муқаррар шудааст. Ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят вайрон шудани молу мулк, бемории вазнин ё маҳв шудани ҳайвони рабудашуда нишон дода мешавад.

КҶ Узбекистон[255]. Ҷинояти мазкур дар фасли 6 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, боби XVIII «Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт» пешбинӣ шудааст. Хусусияти фарққунандаи рабудани воситаи нақлиёт (м. 267 КҶ Узбекистон) дар он мебошад, ки дар таркиби ҷинояти мазкур аломати ғайриқонунӣ будани рабудани воситаи нақлиёт ва мақсади содир намудани он, нишон дода нашудааст. Вале мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии Узбекистон «зери мафҳуми рабудани воситаи нақлиёт бояд ҷойивазнамоии воситаи нақлиёти ғайр бидуни мақсади тасарруф фаҳмида шавад»[256].

Қонунгузории Узбекистон мафҳуми автомобил ва дигар воситаи нақлиётро низ ҷудо накарда зери мафҳуми предмети ҷинояти мазкур дилхоҳ воситаи нақлиётро мефаҳмад ( ба ғайр аз киштии обӣ, ҳавоӣ ё нақлиёти роҳи оҳан, ки ба сифати предмети ҷинояти м. 264 КҶ Узбекистон баромад менамоянд, ки он низ дар боби ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт ҷойгир шудааст).

Дар қ. 2 м. 267 КҶ ҷавобгарӣ барои рабудани воситаи нақлиёт, ки такроран ё аз тарафи ретсидивисти хавфнок содир шудааст, бо маслиҳати пешакии гуруҳи шахсон, бо истифодаи зуроварӣ ё таҳдиди истифодаи зуроварӣ, бо мақсади тасарруфи воситаи нақлиёт бо роҳи дуздӣ ё ғоратгарӣ содир шудааст муқаррар мешавад.

Ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир намудани ҷинояти мазкур аз тарафи ретсидивисти махсусан хавфнок, гуруҳи муташаккил, бо мақсади тасарруфи воситаи нақлиёт бо роҳи ҳуҷуми роҳзанона (қ.3 м.267 КҶ) пешбинӣ шудааст.

Ба андешаи мо ҷудо намудани аломатҳои вазнинкунандаи бо мақсади тасарруф рабудани воситаи нақлиёт дар КҶ Узбекистон асоснок ҳисоб намешавад. Зеро он аз ҳам ҷудо намудани ҷинояти мазкурро аз тасарруф мушкил менамояд. Ғайр аз ин бо мақсади тасарруф рабудани воситаи нақлиёт ин худ тасарруфи он ба ҳисоб меравад.

КҶ Туркманистон[257] ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёти ғайр чунин муайян менамояд: ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёти ғайр бидуни мақсади тасарруф намудани он (рабудан) (қ.1 м. 255 КҶ). Дар фарқият аз м. 252 КҶ ҶТ қонунгузории Туркманистон бевосита нишон медиҳад, ки воситаи нақлиёт бояд

*255 Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года – №2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 19.10.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http: // continent–online.com/Document/? Doc_id=30421110 (дата обращение: 11.04.2023).*

*256 Постановление Пленума Верховного суда Республики Узбекистан от 20 декабря 1996 г. – №37 «О судебной практике об угоне транспортных средств» (с изменениями и дополнениями, внесенными постановлением Пленума Верховного суда Республики Узбекистан от 14 июня 2002 г. – №10 и 3 февраля 2006 г. – №5) // Сборник постановлений Пленума Верховного суда Республики Узбекистан 1991–2006, Т.1. – Т.: «Адолат», 2006.– С. 320.*

*257 Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года – №222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.04.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31295286&doc_id2=31295286 (дата обращение: 06.04.2023).*

воситаи нақлиёти ғайр бошад. Дуюм, дар м. 255 КҶ Туркманистон мафҳуми автомобил ва дигар воситаи нақлиёт ҷудо карда нашудааст, яъне ба сифати предмети ин ҷиноят воситаи нақлиёти дилхоҳ баромад карда метавонад, ба истисноӣ киштиҳои ҳавоӣ, обӣ ва нақлиёти роҳи оҳан, ки ҷавобгарӣ барои рабудан ва ғасб намудани онҳо дар дигар модда (м.277 КҶ Туркманистон) пешбинӣ шудааст.

Ба сифати аломати вазнинкунанда дар фарқият аз м. 252 КҶ ҶТ дар қ.2 м. 255 КҶ Туркманистон дар қатори дигар ҳолатҳо содир намудани ҳамин ҷиноят бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба амборхона муқаррар шудааст.

Дар КҶ ФР[258] ба монанди КҶ ҶТ таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар боби 21 (Ҷиноятҳо ба муқобили моликият) ҷойгир шудааст. Дар м. 166 КҶ ФР таркиби ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: ғайриқонунӣ ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (рабудан). Қонунгузории ФР ба мисли КҶ ҶТ предмети ҷинояти мазкурро ба «автомобил ё дигар воситаи нақлиёт» ҷудо намудааст.

Мутобиқи м. 166 КҶ ФР таркиби ҷинояти мазкур бо ду ибора ошкор мешаванд, ки бо ҳам баробармаъно мебошанд, яъне ғайриқонунӣ ба даст овардан (завладение) ва рабудан. Дар м. 252 КҶ ҶТ бошад танҳо ибораи рабудан ё ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ҷудо мегардад.

Зери мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёти ғайр (рабудан) ва сайр кардан бо он бе нияти пурра ё қисман азонихудкардани он фаҳмида мешавад[259].

Санксияи қ.1 м. 166 КҶ ФР доираи васеъи ҷазоҳоро муқаррар сохтааст: ҷарима, маҳдуд кардани озодӣ, корҳои маҷбурӣ, ҳабс ё маҳрум сохтан аз озодӣ. Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати то панҷ сол пешбинӣ мешавад.

Ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур содир намудани он аз тарафи гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ. 2 м. 166 КҶ ФР), ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунанда содир намудани ин ҷиноят аз тарафи гуруҳи муташаккил ё расонидани зарар ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 166 КҶ ФР) ва истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ. 4 м. 166 КҶ ФР) мустаҳакам шудааст.

Такрорӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар КҶ ФР пешбинӣ нашудааст, зеро КҶ ФР ба сифати шакли сершуморагии ҷиноятҳо онро ҷудо насохтааст.

Новобаста аз дар қонунгузории аксарияти давлатҳои хориҷӣ ҷой доштани меъёрҳои бо м.252 КҶ ҶТ ҳамшабеҳ ҷиноятҳои пешбини намудаи онҳо бо аломатҳои объективӣ ва субъективии хос фарқ менамоянд, ки ин мумкин аст барои қонунгузории ҶТ манфиатовар бошад.

## Адабиёт


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Қонуният, 2012. – 488 с.
2. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.08.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http: // cbd.Minjust.gov.kg/ act/view/ru– ru/111527?Cl=ru– ru (дата обращение: 19.04.2023).


*258 Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года – №63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.01.2023 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http: // www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699 / (дата обращение: 19.04.2023).*

*259 Пункт 20 Постановление Пленума Верховного Суда РФ от 09.12.2008 N 25 (ред. от 24.05.2016) «О судебной практике по делам о преступлениях, связанных с нарушением правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств, а также с их неправомерным завладением без цели хищения» [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_82656/*

3. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года №275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.05.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // online.zakon.kz/Document/?doc_(дата обращение: 14.04.2023).
4. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года №226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.01.2023 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // online. Zakon. Kz/ document/ ? Doc _id= 31575252#pos=66;– 45 (дата обращение: 08.03.2023).
5. Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года №985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 29.07.2022 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // online.zakon.kz/ Document/?doc_id=30394923&docid2 (дата обращение: 06.04.2023).
6. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года №2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 19.10.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http: // continent– online.com/Document/? Doc_id=30421110 (дата обращение: 11.04.2023).
7. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года №63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.01.2023 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http: // www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699 / (дата обращение: 19.04.2023).
8. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года №222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.04.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // online.zakon.kz/ Document/?doc_id=31295286&doc_id2=31295286 (дата обращение: 06.04.2023).
9. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года №2341-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 18.10.2022 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418109&doc_(дата обращение: 19.04.2023).
10. Аксель М. Методологические проблемы сравнительного права // Очерки сравнительного права. – М., 1981. – С.36-86.
11. Постановление Пленума Верховного Суда РФ от 09.12.2008 N 25 (ред. от 24.05.2016) «О судебной практике по делам о преступлениях, связанных с нарушением правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств, а также с их неправомерным завладением без цели хищения» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_82656/
12. Сборник постановлений Пленума Верховного суда Республики Узбекистан 1991– 2006, Т.1. – Т.: «Адолат», 2006. – 640 с.

# БОБИ IV.
# БАХШИ ҲУҚУҚИ СУДӢ ВА НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ

---

**Маҳмудов Изатулло Тешавич**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИШТИРОКИ ПРОКУРОР ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

***Маҳмудов Изатулло Тешавич,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тел.:** (+992) 935-04-43-52 **E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru*

**Аннотатсия:** Мақолаи мазкур ба баррасии баъзе аз масъалаҳои иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар мақола дар заминаи таҳлили қонунгузорӣ, таҷрибаи фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд, инчунин такя ба дастовардҳои муосири илмӣ аз ҷониби муаллиф баъзе тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудаанд. Муаллиф ба маврид таъкид менамояд, ки дар шароити муосир бе иштироки прокурор мурофиаи судии ҷиноятиро тасаввур кардан имконнопазир аст. Прокурор ягона иштирокчие ҳаст, ки метавонад дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ иштирок намуда барои таъмини қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо:** прокурор; мурофиаи ҷиноятӣ; назорати прокурорӣ; самаранокии иштироки прокурор; қонуният; ҳуқуқи инсон; давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ; функсияҳои прокурор.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ УЧАСТИЯ ПРОКУРОРА В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

***Махмудов Изатулло Тешаевич,*** *кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета **Тел.:** (+992) 935-04-43-52 **E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru*

**Аннотация:** В статье рассматривается некоторые вопросы участия прокурора в уголовном процессе. На основе анализа законодательства, правоприменительной практики органов предварительного следствия и судов, а также основываясь на современных научных достижениях, автор сформулировал некоторые меры по повышению эффективности участия прокурора в уголовном процессе. Автор подчеркивает, что в современных условиях невозможно представить уголовный процесс без участия прокурора. Прокурор является единственным участником, который может участвовать во всех стадиях уголовного судопроизводства и способствовать обеспечению законности и обеспечению прав и свобод участников судопроизводства.

**Ключевые слова:** прокурор; уголовный процесс; прокурорский надзор; результативность участия прокурора; законность; права человека; стадии уголовного процесса; функции прокурора.

## SOME ISSUES OF PARTICIPATION OF THE PROSECUTOR IN CRIMINAL PROCEEDINGS

***Makhmudov Izatullo Teshaevich,*** *Candidate of Law sciences, Docent, head of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision, Faculty of Law, Tajik National University **Phone:** (+992) 935-04-43-52. **E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru*

**Annotation:** The article examines some aspects of the institution of the participation of the prosecutor in the criminal procedure. Based on the analysis of legislation, the law enforcement practice of the preliminary investigation bodies and courts, as well as based on modern scientific achievements, the author formulated some measures to increase the effectiveness of the participation of the prosecutor in the criminal procedure. The author emphasizes that in modern conditions it is impossible to imagine a criminal process without the participation of a prosecutor. The prosecutor is the only participant who can participate in all stages of criminal proceedings and contribute to ensuring the rule of law and ensuring the rights and freedoms of participants in the proceedings.

Key words: prosecutor; criminal procedure; prosecutor supervision; the effectiveness of the involvement of the prosecutor; legality; human rights; stages of the criminal procedure; functions of the prosecutor.

Дар шароити муосир бе иштироки прокурор мурофиаи судии ҷиноятиро тасаввур кардан имконнопазир аст. Прокурор ягона иштирокчие ҳаст, ки метавонад дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ иштирок намуда барои таъмини қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намояд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки пеш аз ҳама зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ имконияти васеи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷой дорад[260].

Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба субъектони дахлдори пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ваколат додааст, ки дар ҳолатҳои бо кодекс пешбинишуда нисбати доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятиро татбиқ намоянд. Гузашта аз ин дар ҷараёни гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ боз ҳам эҳтимолияти дахолат кардан ба чунин ҳуқуқҳои конститутсионии шахс, аз қабили дахлнопазирии шахс ва манзил, маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, шаъну шараф, озодии мусоифрат ҷой доранд. Бинобар ҳамин дар мурофиаи судии ҷиноятӣ низоми кафолатҳое ҷой доштанашон зарур ва муҳим аст, ки барои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, баррасии холисона ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ дар суд мусоидат намоянд. Яке аз кафолатҳои муҳими таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ин падидаи иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад[261].

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Баъд аз касби Истиқлолияти давлатӣ ва роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро пеша намудани Тоҷикистон заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ тақвият ёфтанд. Соҳибихтиёрии давлатӣ имкон фароҳам овард, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо дарназардошти арзишҳои пазируфтаи байналмилалӣ, шароити нави давлатдорӣ ва воқеияти нави ҳуқуқии кишвар таҳия ва қабул карда шавад. Дар заминаи чунин навгониҳо соли 2009 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ ҶТ) дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки аз 1-уми апрели соли 2010 ба ҳукми амал даромад[262].

---

[260] *Маҳмудов И.Т. Функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. – № 9. – С. 334.*

[261] *Маҳмудов И.Т. Функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. – № 9. – С. 334-335.*

[262] *Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, s.1, мод. 1020,*

Яке аз дастовардҳои муҳими кодекс ин таъмини шароити арзанда барои баҳсу мунозираи воқеӣ ва баробарии тарафҳо ба ҳисоб меравад. Яъне прокурор имкон пайдо кард, ки ҳамчун иштирокчии баробарҳуқуқи мурофиа ва намояндаи тарафи айбдорӣ мавриди таҳқиқи ҳолатҳои кор ва пешниҳоди далелҳо дар суд фаъолона иштирок намояд. Аз нигоҳи кодекси амалкунанда ба таври ҷиддӣ ваколатҳои прокурор ва суд дар мурофиаи ҷиноятӣ бознигарӣ шуда, ҳудуди иштироки суд дар мурофиаи ҷиноятӣ амалан васеъ гашт. Дар маҷмӯъ қабули КМҶ ҶТ дар таҳрири нав ба ҷудошавӣ ва мустақилияти функсияҳои мурофиавии таъқиботи ҷиноятӣ, ҳимоя ва баррасии парванда дар суд мусоидат намуд.

Дар натиҷаи амалишавии ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар, тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф шудани мурофиаи ҷиноятӣ ва ба ҳайси принсипҳои калидии мурофиаи ҷиноятӣ пазируфта шудани баҳсу мунозира ва баробарии тарафҳо, эҳтимолияти бегуноҳӣ асосҳои бунёдии мурофиаи ҷиноятӣ куллан тағйир ёфтанд[263].

Ба назари мо, омилҳои асосие, ки дар шароити кунунӣ ногузир иштироки прокурорро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ рӯйи кор меоранд, инҳо хусусияти оммавӣ доштани мурофиаи ҷиноятӣ, зарурати таъмини қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиа ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ мебошанд. Бинобар ҳамин иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамеша аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура боқӣ мемонад.

Зимнан бояд эътироф намуд, ки бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳалли вазифаҳои он имконнопазир аст.

Прокуратура симои давлат буда, табиист, ки аз фаъолияти самараноку одилонаи кормандони прокурорӣ боварию эътимоди мардум ба давлат меафзояд. Дар шароити афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ ва таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат табиист, ки масъулияти мақомоти прокуратура дар самти таъмини мустақилият ва соҳибихтиёрии давлат ва дахлнопазирии ҳудуди он меафзояд. Иҷрои бобарори вазифаҳои дар назди ин мақомоти масъули давлатӣ гузошташуда аз ҳар як корманди мақомоти прокуратура дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ дар Тоҷикистон масъулияти баландро тақозо карда, ҳалли онҳо танҳо дар заминаи роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои наздик, муфид ва мутақобилан судманди мақомоти прокуратура бо тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир мегардад.

Маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар мазмунан ва моҳиятан низ сатҳу сифати навро касб намуда, як марҳилаи тоза ва нав дар рушду инкишофи назорати прокурорӣ ҳамчун омили муҳими таъмини қонуният дар Тоҷикистон фароҳам оварда шуд.

Яке аз масъалаҳои меҳварии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 21 декабри соли 2021 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва такмили механизми иҷрои онҳо ташкил медод. Дар пайванди ба ин масъала Пешвои муаззами миллат дар Паём таъкид намуданд, ки: «Дар баробари таҳияву қабули қонунҳо риоя ва иҷрои қатъии онҳо низ муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, афзоиши ҷинояткорӣ ва бенизомӣ мегардад». Аз ин рӯ, бо дарки зарурати таъмини реҷаи қонуният ҳамчун омили асосии пешрафт дар кишвар

---

*мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, №1755.*

[263] *Маҳмудов И.Т. Моҳият ва самтҳои асосии иштироки прокурор дар суд мавриди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). 2018. – №4. – С. 247-248.*

Сарвари давлат Прокуратураи генералиро вазифадор карданд, ки минбаъд назорати риоя ва иҷрои қонунҳо ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро пурзӯр намояд.

Зимнан бояд эътироф намуд, ки бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар кишвар ба роҳ мондани фаъолияти самарабахши ҳокимияти давлатӣ ва амалисозии барномаҳои муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ дар давлат имконнопазир аст.

Ба ин маънӣ дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «6» феврали соли 2018, №1005 ба имзо расидааст) ба мавриди зикр мешавад, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Мавриди зикри хос аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар дар маркази таваҷҷӯҳи ҳамешагии Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Иштироки бевосита ва суханронии Сарвари Давлат дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба ҷашни 80 – солагии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон аз 24-декабри соли 2004, ҷаласаи васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2014, ҷаласаи Шӯрои амнияти кишвар аз 17 феврали соли 2015 ва дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура санаи 13 марти соли 2018 шаҳодати равшани ин гуфтаҳоянд. Зимни баргузории ин вохуриҳо Президенти кишвар фаъолияти мақомоти прокуратураро ҳаматарафа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдоштаи ин низом ва беҳ сохтани фаъолияти он дар самти назорати иҷрои қонунҳо дар оянда дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд.

Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти прокуратура 13 марти соли 2018 оид ба мавҷудияти камбудиҳои муайян зимни ба амал баровардани назорати прокурорӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ таваҷҷӯҳи кормандони прокурориро ҷалб сохта, ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти ҷойдошта дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд. Аз ҷумла, иброз намуданд, ки вазъи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорат аз болои мақомоти таҳқиқу тафтиш ба талабот ҷавобгӯй набуда, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиши парвандаҳо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ кам нестанд. Масалан, мақомоти прокуратура 1215 ҳолати аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятиро ошкор намуда, қарорҳои ғайриқонунии муфаттишонро бекор намуданд. Илова бар ин, 228 қарори дигар мақомоти тафтиш дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби беасос оғоз карда шуданашон қатъ карда шудаанд[264].

Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки мақомоти прокуратураро зарур аст, ки назорати риояи қонунро дар марҳилаҳои тосудӣ, алалхусус, ғайриқонунӣ оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ва беасос ба ҷавобгарӣ кашидани одмаон, сифати пасти тафтиши тафтиши парвандаҳо ва риоя нагардидани муҳлати тафтиш боз ҳам пурзӯр карда, ҳолатҳои беасос кашол додани тафтиш ва аз ҷониби таҳқиқбарандагону муфаттишон бидуни зарурат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ даъват кардани шаҳрвандонро пешгирӣ намояд[265].

---

[264] *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти соли 2018 // www.prezident.tj (санаи муроҷиат 14.03.2018)*

[265] *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти соли 2018 // www.prezident.tj (санаи муроҷиат 14.03.2018)*

Прокуратура симои давлат буда, табиист, ки аз фаъолияти самараноку одилонаи кормандони прокурорӣ боварию эътимоди мардум ба давлат меафзояд. Дар шароити афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ ва таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат табиист, ки масъулияти мақомоти прокуратура дар самти таъмини мустақилият ва соҳибихтиёрии давлат ва дахлнопазирии ҳудуди он меафзояд.

Маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар мазмунан ва моҳиятан низ сатҳу сифати навро касб намуда, як марҳилаи тоза ва нав дар рушду инкишофи назорати прокурорӣ ҳамчун омили муҳими таъмини қонуният дар Тоҷикистон фароҳам оварда шуд.

Ба таъкиди Прокурори генералии мамлакат дар маҷмуъ, дар 30 соли даврони соҳибистиқлолии мамлакат (аз соли 1991 то семоҳаи якуми соли 2021) аз ҷониби прокуророн 135743 санҷиши риоя ва иҷрои қонунгузорӣ гузаронида, аз натиҷаи онҳо 229862 амр дода, 181066 эътироз, ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳо ва қонунвайронкуниҳо 114025 пешниҳод оварда, 36857 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуданд. 69388,6 га қитъаи замини ғайриқоуннӣ додашуда ва худсарона ишғолгардида ба ҳолати аввала баргардонида шуданд. Аз натиҷаи баррасии санадҳои эътиноии прокурорӣ 132962 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, 138288 нафар ба ҷавобгарии моддӣ ва 272296 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд[266].

Зимнан бояд таъкид намуд, ки масъалаи таъмини қонуният, баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои исон ва шаҳрванд, пешигирӣ аз таъқиботи беасос дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти мақомоти прокуратура қарор дорад.

Аз ин рӯ, тавре ки аз ҳисоботҳои солонаи Прокурори генералии мамлакат ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти прокуратураро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти таъқиби ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Дар натиҷаи саривақт андешидани чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ доираи муайяни қонуншиканиҳо ошкор ва бартараф карда шудаанд.

Чунончи, соли 2019 – 73 (85) ҳолати ғайриқонунӣ ва бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 5 (13) ҳолати ғарйриқонунӣ дастгир намудан, 3(8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан ва 5 (8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон ошкор карда шуда, дар маҷлисҳои васеи ҳайати мушовара мавриди муҳокима ва чораҷуйи қарор дода шуданд.[267]

Соли 2020 бошад ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, алалхусус, дар рафти таъқиби ҷиноятӣ таҳти назорати қатъии прокуророн қарор дошта, 48 ҳолати ғайриқонунию бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 10 ҳолати ғайриқонунӣ дастгир кардан, 6 ҳолати ғариқонунӣ ба ҳабс гирифтан, 12 ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон ошкор карда, ҳуқуқҳои поймолгардидаи онҳо барқарор ва нисбат ба шахсони гунаҳкор чораҳои қатъии прокурорӣ андешида шуд.[268]

Дар раванди назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ прокуророн бо 8658 (9886) парвандаи ҷиноятӣ айбдорунии давлатиро дастгири намуданд. Ҳамчунин ҷиҳати бекор ва ё ба қонун мутобиқ намудани санадҳоии судӣ 407 эътироз (38

---

266 *Раҳмон Ю.А. Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ // Мизони қонун. Душанбе, 2021. – № 2.С.11.*

267 *Ниг.: Ҳисоботи Прокурори Генералии Ҷумҳури Тоҷикистон ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риоя дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019» // рузномаи Садои мардум аз 21 марти соли 2020, № 36-37 (4142-4143)*

268 *Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» // Садои мардум. 29 январи соли 2021. – № 12 (4274). С.4.*

хусусӣ, 149 кассатсионӣ, 220 назоратӣ) оварда шуда, аз онҳо 271 адад қонеъ карда шуданд[269].

Прокуророн ба 9886 парвандаи ҷиноятӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ намуда,ба санадҳои судӣ 368 (446) эътироз, аз ҷумла 24 (45) эътирози хусусӣ, 127 (154) эътирози кассатсионӣ ва 217 (247) эътирози назоратӣ оварданд, ки қонеъшавии онҳо мутаносибан 56, 81 ва 74 фоизро ташкил медиҳад. Бо эътирозҳои прокурорӣ дар маҷмӯъ 294 (267) санадҳои судӣ бекор ва тағйир дода шуданд[270].

Аз ин рӯ, ҳолати кунунӣ тақозо менамояд, ки бо мақсади тақвият бахшидан ба самаранокии фаъолияти прокурор дар самти таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ва амалисозии принсипи конститутсонии баҳсу мунозираи тарафҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

– Бо вуҷуди анҷом додани тадбирҳои зиёд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳа натиҷаи таҳлилу омӯзиши фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакии кишвар нишон медиҳад, ки то ҳол ҳолатҳои ғайриқонунӣ оғоз ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, қабули қарорҳои ғайриқонунӣ ва беасос, дастгиркунӣ ва маҳкумкунии беасос аз байн нарафта, вазъият самт то кунун нигаронкунанда боқӣ мемонад. Бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта пешниҳод менамоям, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносиро омода менамояд, ихтисосҳои алоҳида оид ба тайёр кардани мутахассисони болаёқати соҳаи тафтишот, суд ва прокуратура таъсис дода шавад. Зарур аст, ки нақшаҳои таълимии ин ихтисосҳо бо дарназардошти тамоюлҳои муосири омода кардани кадрҳои ҳуқуқшиносӣ ва ба назари эътибор гирифтани талаботи бозори меҳант ва талаботи корфармоён таҳия карда шаванд.

– Таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷ, аз ҷумла кишварҳои узви ИДМ дар самти ба кор қабул кардани шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд, прокуратура, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ нишон медиҳад, ки дар баробари доштани дипломи таҳсилоти олии зинаи бакалавр, ҳамзамон доштани дипломи риштаи магистратура низ талаб карда мешавад. Ҳамзамон феҳристи вазифаҳое, ки барои ишғоли онҳо бакалавр ва ё магистри ҳуқуқшинос довталаб шуда метавонанд, муайян шудаанд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки таҷрибаи қонунгузории ин кишварҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуда, бо дарназардошти мухолиф набудани он ба низоми ҳуқуқӣ, низоми таҳсилот ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ имконияти дар оянда дар қонунгузории амалкунандаи кишвар пешбинӣ шудани чунин муқаррарот ба миён гузошта шавад.

– Айни замон тамоюлҳои муосири рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои олам, аз ҷумла кишварҳои пасошуравиро масъалаҳои зерин ташкил медиҳанд: хориҷ кардани давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ; тақвияти принсипи баҳсу мунозираи тарафҳо; аз ҷумла васеъ кардани амали принсипи баҳсу мунозираи тарафҳо дар давраи тафтишоти пешакӣ бо роҳи ворид намудани падидаи «судяи тафтишотӣ»; тадриҷан аз ҳам ҷудо намудан ва таъмини мустақилияти функсияҳои тафтишоти пешакӣ ва назорати прокурорӣ; васеъ намудани ваколатҳои ҳимоятгар оид ба ҷамъ кардан ва пешниҳоди далелҳо; ҷорӣ намудани падидаи «аҳдномаи мурофиавӣ оид ба ҳамкорӣ»; ворид намудани асосҳои иловагии қатъи парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла оид ба ҷиноятҳои иқтисодӣ дар сурати пурра талофи кардани зарар ва баргардонидани маблағҳо ба буҷет; ба сифати далел эътироф намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ё баъзе чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; таъмини иштироки ҳатмии тарафҳо дар давраи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он; ворид кардани унсурҳои адолати судии электронӣ; ихтисор кардани

---

[269] *Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» // Садои мардум. 29 январи соли 2021. – № 12 (4274). С.4.*

[270] *Ниг.: Ҳисоботи Прокурори Генералии Ҷумҳури Тоҷикистон ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риоя дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019» // рузномаи Садои мардум аз 21 марти соли 2020, № 36-37 (4142-4143)*

яке аз марҳилаҳои судӣ (масалан кассатсионӣ ва ё назоратӣ) бо роҳи ворид намудани марҳилаи аппелятсионӣ ва ғ[271]. Бо мақсад мувофиқ шуморем, ки аз ҷониби олимону кормандон ва донишмандони ватанӣ бо дарназардошти махсусияти қонунгузории миллӣ, таҳлили воқеияти ҳуқуқии кишвар ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ таклифу пешниҳодҳои илман асоснок ва мушаххас дар мавриди такмили қонунгузори мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайванди ба падидаҳои нави қонунгузории ишорашудаи кишварҳои ҷаҳон ва минтақа манзур карда шаванд.

– Дар замони Истиқлоли давлатӣ қабули қонунҳои ҷавобгӯй ба талаботи замон ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон яке аз самтҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар ин миён ҳанӯз соли 2009 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул шуда буд, ки дар умум барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеа ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ шароитҳои арзандаеро бунёд гузошт. Пешниҳод менамоям, ки бо мақсади мувофиқ кунонидани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба принсипҳои инсондустӣ, арзишу стандартҳои байналмилалӣ, ба назари эътибор гирифтани тамоюлҳои муосири таҷрибаи қонунгузории пешқадами кишварҳои хориҷ ва мувофиқ сохтани он ба лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории амалкунанди кишвар лоиҳаи нави Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шавад.

– Бо мақсади тақвияти самаранокии иштироки прокурор дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти амалисозии принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо, механизми ҳуқуқии таъмини иштироки прокурор дар марҳилаи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он коркард карда шуда, дар ин хусус ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шавад.

– Бо дарназардошти муайян намудани дурнамои мавқеъ ва нақши мақомоти прокуратура дар ҷодаи таъмини волоияти қонун ва таъмини қонуният дар кишвар ба мақсад мувофиқ аст, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ барномаи ислоҳот ва ё консенсияи рушди мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад. Аз лиҳози дурнамо, он бояд чун мақомоти назорати иҷрои қонунҳо дар давлат нигоҳ дошта шуда, фунсияҳои он оид ба ҳифзи ҳуқуқ бояд густариш дода шавад.

**Искандаров Зайниддин Ҳамидович**

## МАФҲУМ, МОҲИЯТ, АСОСҲОИ КОФӢ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ КОФТУКОВ ВА ДАРЁФТ КАРДАН

***Искандаров Зайниддин Ҳамидович,*** *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.: +992 918614075 E-mail: Ziskan@mail.ru***

Тартиби пешбурди амалиёти тафтишотӣ, ки қонун танзим кардааст – яке аз муҳимтарин кафолатҳои мурофиавии риояи ҳуқуқҳои конститутсионии шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Тавре, ки таълимот ва қонун талаб менамояд, маҳз риоя накардани тартиби муайяни мурофиавии гузаронидани амалиёти тафтишотӣ – асос барои ғайри қобили қабул эътироф намудани далелҳо гардида, бояд боиси аз маводи парвандаи ҷиноятӣ хориҷ кардани онҳо гардад. Вале мутаасифона ин қоида ва фишанги муҳими таъмин

[271] *Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Абдуллоев П.С. Рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар давраи истиқлолият давлатӣ // 30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 472 саҳ. (монографияи дастҷамъона). – С. 141-142*

намудани мурофиаи муътадил дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ на ҳамеша риоя мешавад.

Кофтуков ва ёфта гирифтан ба шумори амалҳои ибтидоӣ ва таъхирнопазири тафтишотӣ дохил карда шудааст (м. 153 КМҶ). Муваффақияти тафтишоти ҳама гуна ҷиноят аз саривақт ва пурра гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ тавассути гузаронидани ин амалҳои тафтишотӣ вобастагии амиқ дорад. Аммо пас аз эътибор пайдо кардани Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии ҶТ (2010), ки дар он назорати судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд пурзӯр карда шудааст, муфаттишон ҳавасманди гузаронидани ин амалҳои тафтишотиро надошта, ва агар зарур бошад баргузор намудани онро бо дигар амали тафтишотӣ, ба мисли азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ё шай ва ё санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса иваз менамоянд. Чунин муносибати муфаттишон боиси эроду норозигиҳои Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Раҳмон Юсуф Аҳмадзод гардидааст, ки дуруст ва саривақтӣ буда, пайомади он аз ҷониби Директори Донишкадаи таъмин намудани қонуният ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура генерал-майори адлия Қурбонзода Ш. Ҳ. ташкил намудани семинарҳои илмиву таълимӣ гардидааст[272].

Дар айни замон, кормандони амалӣ ба тавсияҳои нави илмии баргузор намудани кофтуков ва ёфта гирифтан ниёз доранд.

**Мафҳум, асос, намудҳо ва барасмиятдарории мурофиавии кофтуков**

Кофтуков ҳамчун амали тафтишотӣ чорабинии мураккабест, ки муфаттиш ва ё таҳқиқкунанда баҳри тафтиши ҷиноятҳо анҷом медиҳанд. Маҳз аз натиҷаҳои кофтуков ташаккули маҷмуи далелҳо ва ҷараёни минбаъдаи тафтишот вобаста аст. Дар асрҳои миёна ва баъдтар кофтуков ва шиканҷа усулҳои асосии пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ буданд, ки ҳатто мурофиаи ҷиноятии он замон – кофтуков ё ҷустуҷӯ номида мешуданд.

Имруз моддаи 190 –и КМҶ ҶТ асосҳо барои гузаронидани кофтуковро пешбинӣ намудааст, ки аз рӯи он мазмуни ин амали тафтишотиро муайян намудан мумкин аст:

1. Барои кофтуков мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи тахмини он ки дар ягон бино ё ягон ҷой ё дар ягон шахс мумкин аст олоти ҷиноят, ашёҳо, ҳуҷҷатҳо ё чизҳои арзишманди барои парванда аҳамиятнок мавҷуд бошад, асос мегардад.

2. Кофтуков инчунин мумкин аст бо мақсади ошкор намудани шахси ҷустуҷӯшаванда ва ҷасад гузаронида шавад.

Дар асоси муқарраროти дар боло зикр шуда, **кофтуковро** чун азназаргузаронии маҷбурии манзили истиқоматӣ, бино, сохтмон, иншоот, қитъаи маҳал ва ё шахс ба мақсади кофта ёфтан ва гирифтани предметҳо ва ҳуҷҷатҳои ба парванда аҳамият дошта, ки аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқкунанда ва ё прокурор тибқи тартиботи мукаррарнамудаи Кодекс ба амал бароварда мешавад, фаҳмидан мумкин аст.

Кофтуков ҳамчун амали тафтишотӣ дорои нишонаҳои муҳим ва хусусиятҳои зерин мебошад:

1) кофтуков амали тафтишотие ҳаст, ки моҳияти онро азназаргузаронии маҷбурӣ ва кофтану ёфтани маконе, моддиёте ташкил менамояд, ки метавонад ба баъзе аз арзишҳои инсонӣ дахолат намояд. Бинобар ин, пеш аз оғози кофтуков муфаттиш қарори ваҷҳноки гузаронидани кофтуков ва қарори судиро пешниҳод менамояд. Дар ин асос, кофтуков амали тафтишотие мебошад, ки мақсади он дарёфт ва гирифтани олоти ҷиноят, ашё ва арзишҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда, инчунин дигар ашё ё ҳуҷҷатҳое мебошад, ки метавонанд ба парванда алоқаманд буда, аҳамият дошта бошанд. Барои пайдо кардани шахси ҷустуҷӯшаванда ва инчунин ҷасад низ кофтуков гузаронидан мумкин аст;

---

[272] *Ниг.: Барномаи таълимии машғулиятҳои назариявию амалӣ дар мавзӯи «Гузаронидани кофтуков, ёфта гирифтан, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, гуш кардан ва сабти гуфтугуи телефонӣ», ки 2 марти соли 2023 аз ҷониби Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаасту аз 4 то 12 апрели соли равонро фаро гирифтааст.*

2) маҳал ва макони кофтуков метавонад инҳо бошад: манзили истиқоматӣ, бино, сохтмон, иншоот, қитъаи маҳал ва ё шахс;

3) мақсади кофтуков бо роҳи азназаргузаронии босиравӣ муайян намудани объектҳои олами моддӣ, кофтану ёфтани онҳо, дар куҷо, чӣ гуна қарор дорад ва ба ҳодисаи ҷиноят чӣ алоқамандие дорад?

4) аз ҷониби муфаттиш, таҳқиққунанда ва ё прокурор гузаронида мешавад;

5) тибқи тартиботи муқаррарнамудаи КМҶ сурат мегирад.

6) то оғози кофтуков муфаттиш пешниҳод мекунад, ки объектҳои кофтуковшаванда ва ашёҳои аз муомилоти гражданӣ берунбуда ихтиёран дода шаванд. Ихтиёран додани ашёҳо то оғози амалҳои кофтуковӣ аҳамияти ҳуқуқии далелӣ дорад, ки:

а) самимона пушаймон шудан (чун асоси қатъ кардани парванда бо қ. 1 м. 29 КМҶ, чун ҳолати сабуккунанда), агар шахси ашёро супорида, имконияти рафтори дигарро бо ашё дошта бошад (масалан, имконияти нобуд сохтани маводи нашъадор);

б) рад кардани фарзияи дар рафти кофтуков қасдан аз тарафи муфаттиш ё кормандони оперативӣ дар ҷои кофтуковшаванда партофтани ашё;

в) тасдиқи дидаю дониста ихтиёрдорӣ намудани ин ашё;

3) дар рафти кофтуков ба дӯши шахсони иштирокчӣ маҳдудиятҳои иловагӣ гузоштан мумкин аст:

а) манъ кардани тарк кардани ҷои кофтуков;

б) манъ кардани муошират бо якдигар ё шахсони дигар (занг задан бо телефон). Ин маҳдудият метавонад ба ҳимоятгари иштироккунандаи кофтуков низ дахл дошта бошад.

4) ашёҳое ёфта гирифта мешаванд, ки эҳтимол ба парванда дахл дошта бошанд. Ҳамчунин, ашёҳое, ки аз муомилоти гражданӣ гирифта шудаанд, ёфта гирифта мешаванд[273].

**Мувофиқи моддаи 190 КМҶ асос барои гузаронидани кофтуков** мавҷудияти маълумоти кофие мебошад, ки барои тахмини он ки дар ягон бино ё ягон ҷой ё дар ягон шахс мумкин аст олоти ҷиноят, ашёҳо, ҳуҷҷатҳо ва ё чизҳои арзишманди барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта мавҷуд бошанд. Дар сурати мавҷуд будани чунин асос муфаттиш қарори ваҷҳнок мебарорад.

Асосҳои гузаронидани кофтуков маълумоти кофӣ дар бораи он мебошанд, ки:

– дар соҳибӣ ва ё ихтиёри касе объектҳое мавҷуданд, ки барои парвандаи ҷиноятӣ (ашё ва ҳуҷҷатҳо, шахсони зинда ё ҷасади ҷустуҷӯшаванда) аҳамият доранд;

– хатари (эҳтимолияти) пинҳон кардан ё нобуд кардани ин объектҳо мавҷуд аст.

Ҳангоми пешниҳод кардани фарзия дар бораи тахмини мавҷудияти объектҳои ҷустуҷӯшаванда бо мақсади гузаронидани кофтуков на танҳо далелҳо, балки маълумоти ғайримурофиавӣ (масалан, натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иттилооти дигар) низ ба инобат гирифта мешаванд. Вале бояд дар хотир дошт, ки кофтуков ба ҳуқуқҳои асосии конститутсионии инсон, ба мисли дахлнопазирии манзил, дахлнопазирии шахсӣ, ҳуқуқи моликият дахолат менамояд, бинобар ин танҳо маълумоти ғайримурофиавӣ, бе мавҷудияти далелҳои мурофиавӣ– ҷиноятӣ, наметавонад гузаронидани онро асоснок кунад.

**Кофтуковро аз амалҳои маъмурии ба он монанд фарқ кардан лозим аст**: муоинаи ашё, муоинаи шахсӣ (Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ), муоинаи воситаи нақлиет (Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ), гирифтани ашё ва ҳуҷҷатҳо (Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ), ки натиҷаҳои онҳо барои парвандаи ҷиноятӣ тибқи қ.2 м. 72 КМҶ метавонанд аҳамияти «ҳуҷҷатҳои дигар»-ро дошта бошад.

Ҳадафҳои кофтуков қисман бо ҳадафи азназаргузаронӣ мувофиқат мекунанд, вале ба ҳар ҳол аз онҳо фарқ мекунанд. Мисли азназаргузаронӣ, кофтуков дар ниҳоят барои ошкор, сабт ва гирифтани объектҳои барои парвандаи ҷиноятӣ муҳим пешбинӣ шудааст. Аммо

---

[273] *Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Рамазон Ҳамро. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С 628.*

ҳангоми кофтуков объектҳои ҷустуҷӯ ашё, ҳуҷҷатҳо (аз ҷумла олоти ҷиноят ва арзишҳо), ҷасад мебошанд, дар ҳоле, ки ҳангоми азназаргузаронӣ, илова бар ин, изи ҷиноят (масалан, изи ангуштон ва ғайра) ва вазъи ҷои ҳодиса муайян карда мешаванд.

Кофтуков аз азаназаргузаронӣ аз рӯи макон ҳам фарқ мекунад. Кофтуков дар ҷой ё ҳуҷрае, ки дар соҳибияти қонунии шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё мақомоти давлатӣ қарор дорад, гузаронида мешавад, дар ҳоле, ки азназаргузаронӣ метавонад ҳам дар маконе, ки соҳибият дорад (масалан, манзил) ва ҳам дар ҷойе, ки соҳиби мушаххас надорад (масалан, дар кӯчаи аҳолинишин; дар ҷангал, ки дар соҳибии касе нест, дар бинои бекорхобида); ё моликияте, ки бесоҳиб аст, гузаронида шавад. Дар чунин ҳолатҳо, шубҳаҳо дар хусусияти қонунӣ будани моликият бояд ба манфиати соҳиби воқеӣ, ки дар ин ҳолат на азаназаргузаронӣ, балки кофтуков гузаронида мешавад (ба шарте, ки хатари пинҳон кардани объектҳои ҷустуҷӯшаванда вуҷуд дошта бошад), шарҳ дода шаванд. Аммо, агар ашёе, ки ҳамчун анбор баромад мекарду, дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ (масалан, рабудани мошин) аз моликияти соҳибмулк хориҷ шудааст, пас бояд амали азназаргузаронӣ сурат гирад, на кофтуков, зеро нишонаи унвони соҳиб дар ин ҷой вуҷуд надорад. Масалан, бо мақсади дар мошини дуздидашуда пайдо кардани силоҳ ва маводи тарканда пас аз боздошти террористоне, ки онро истифода мебурданд, азназаргузаронӣ кардан мумкин аст.

Хусусияти ҷустуҷӯии кофтуков бо он алоқаманд аст, ки пеш аз оғози ин амал мақомоти тафтишоти пешакӣ маълумоти дақиқ дар бораи он, ки оё дар ҷои муайян ё дар шахси мазкур объектҳои ҷустуҷӯшаванда мавҷуданд ё дар бораи он, ки онҳо дар куҷо пинҳон карда шудаанд, надоранд. Ин кофтуковро аз амали тафтишотии ба он монанд ёфта гирифтан фарқ мекунонад. Кофтуков дар сурати мавҷуд будани маълумоти эҳтимолӣ дар бораи ҷойгиршавии объекти ҷустуҷӯшаванда анҷом дода мешавад. Барои гузаронидани дарёфт кардан (ёфта гирифтан) (ибораи дарёфт кардан мазмуни ин амалро ифода намекунад) бояд дақиқ донанд, ки ашёи дилхоҳ дар куҷо ва дар дасти кӣ ҷойгир аст (м. 191КМҶ), аз ин рӯ, ҳангоми бароварда гирифтан амалиёти ҷустуҷӯӣ талаб карда намешавад.

**Намудҳои кофтуков** аз рӯи критерияҳои гуногун фарқ мекунанд ва мутаносибан хусусиятҳои мурофиавиро дороанд:

– кофтукови шахсӣ (моддаи 193),
– кофтуков дар ҳолати таъхирнопазир (қ. 3 м. 192),
– кофтукови манзил (қ. 10 м. 192), дар бинои дигар ё қитъаи маҳал(м.190);
– кофтуков нисбати шахсони дорои масуният (қ.11 м. 192).

Дар байни кофтукови биноҳо, кофтукови қитъаҳои замин ва кофтукови шахсӣ фарқ мавҷуд аст.

Кофтукови биноҳо на танҳо муоина ва санҷиши бинои асосӣ, балки ҳамаи биноҳои ёрирасон, хидматӣ, биноҳои берунӣ, инчунин ашёҳои дар онҳо ҷойгиршуда (мебел, сандуқҳо, чемоданҳо ва ғайра)-ро дар бар мегирад.

Кофтуков дар биноҳои намояндагиҳои дипломатӣ, инчунин дар биноҳое, ки аъзои намояндагиҳои дипломатӣ ва оилаҳои онҳо зиндагӣ мекунанд, танҳо бо дархост ё бо розигии намояндаи дипломатӣ анҷом дода мешавад. Розигии намояндаи дипломатӣ тавассути Вазорати корҳои хориҷӣ грифта мешавад.

Дар намояндагии дипломатӣ кофтуков ҳатман дар ҳузури прокурор ва намояндаи Вазорати корҳои хориҷӣ гузаронида мешавад.

Кофтукови қитъаҳои маҳал ба шарте,ки агар онҳо дар истифода ё таҳти умури идораи шахсони муайян бошанд, гузаронида мешавад.

**Тартиби мурофиавии гузаронидани кофтуков ва ёфта гирифтан.** Кофтуков тибқи қоидаҳои умумии гузаронидани амалҳои тафтишотӣ гузаронида мешавад, вале махсусиятҳо низ дорад:

**1) пеш аз кофтуков муфаттиш қарори ваҷҳнок ва қарори судро пешниҳод мекунад:** Чӣ гунае, ки қ.1 м. 192 КМҶ ҶТ муайян намудааст, **кофтуков ва дарёфт кардан** бо қарори асоснок аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бо ризояти прокурор ва

иҷозати суд, судя гузаронида мешавад. Муқаррароти мазкур мушкилотеро ба бор овардааст, ки сабаби аз ҷониби муафтишону таҳқиқбарандагон камтар гузаронидани ин амалҳои тафтишотӣ шуданд, чунки масрафи вақту қувваву маводро тақозо менамояд.

Аз ҷониби суд иҷозат гирифтан барои гузаронидани кофтуков ва ёфта гирифтан аз м. 9,10,12,14, 18, 19, 22, 23, 32-и Конститутсияи ҶТ (1994) ва м. 14 Паймони байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ (1966) сарчашма мегирад. Аммо дар миёни худи назариячиён ва таҷрибадорон оид ба мазмуни дақиқи ин амалҳои тафтишотӣ, нишонаҳои ҷудо намудани онҳо аз дигар амалҳои тафтишотӣ, намудҳои онҳо фикри ягона мавҷуд нест.

Масалан, як гуруҳи назариячиён дар андешаанд, ки кофтуков ва ёфта гирифтан намудҳои гуногун дошта, тартиби судии иҷозат гирифтан барои гузаронидани онҳо танҳо нисбат ба баъзеи онҳо, ба мисли кофтуков ва ёфта гирифан дар манзили истиқоматӣ, гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти пасандоз ва суратҳисоби маблағи бонкӣ, ёфта гирифтани муросилот ё хабарҳои телеграфӣ, хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, пешбинӣ шуда, намудҳои дигари кофтуков ва ё ёфта гирифтан танҳо дар асоси қарори муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо ризоияти прокурор бидуни иҷозати суд гузаронида мешавад[274]. Ин андеша бар пояи маънидодкунии дақиқи салоҳияти суд, ки дар м. 35 КМҶ оварда шудааст, дуруст мебошад. Чунин андеша дар асоси м. 29 ва қ.3 м. 182-и КМҶ ФР, ки дар он оварда шудааст: «кофтуков дар манзил дар асоси қарори суд, ки тибқи м. 165 қабул карда мешавад, ба амал бароварда мешавад», баён карда шудааст, ки дуруст мебошад[275].

Вале қонунгузории кишвари мо ва таҷрибаи тафтишотию судӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳарчанд м. 35 КМҶ ҶТ тартиби судии додани иҷозатро барои як қатор амалҳои мурофиавӣ пешбинӣ намуда бошад ҳам, вале азбаски м. 192 КМҶ ҶТ бо иҷозати суд гузаронидани ҳамагуна кофтуков ва ёфта гирифтанро пешбинӣ намудааст, бо ҳамин тартиб амалӣ шуда истода, мушкилот ҳам тавлид намуда истодааст. Ва шояд як сабаби асосии аз ҷониби муфаттишон камтар татбиқ намудани ин амалҳои тафтишотӣ ҳам ҳамин қоидабошад.

Чунин андешаи дигар ҳам мавҷуд буда метавонад, ки: яке аз нишонаҳои ҳатмии мафҳуми кофтуков ва ёфта гирифтанро гузаронидани ин амалҳо дар макони муайян ва нисбат ба ашёи дар ихтиёру соҳибии касе буда ташкил менамояд. Дар ин асос, муқаррароти Кодекси мо дуруст, ки нисбат ба ҳамагуна намуди кофтукову ёфта гирифтан тартиби судии гирифтани иҷозатро муқаррар намудааст. Мисол, кофтуков ва ёфта гирифтан дар ягон корхонаи хусусӣ ё коллективӣ ё давлатӣ, ё қитаи маҳалле, ки барои истифодаи якумра дода шудааст ва ғайра чӣ сон бояд сурат гирад? Оё шумо чоеро номбар намуда метавонед, ки мудохила ба онро суд хал накунад, дигар макомот аз суд дида, бехтар хал мекарда бошад? Масалан, кофтуков дар идораи нотариат ва ё шкд. Оё онҳо низ дар чунин ҳолатҳо аз ҷониби Конститутсия мавриди ҳифзу ҳимояи афзалаиятноки суди қарор мегиранд ё чӣ гуна?

**2) пеш аз оғози кофтуков муфаттиш пешниҳод мекунад, ки ихтиёран объектҳо ва ашёҳои аз муомилот гирифташударо диҳанд;**

**3) ҳангоми кофтуков ба шахсони ҳузурдошта маҳдудиятҳои иловагӣ гузоштан мумкин аст: манъи тарк кардани ҷои кофтуков, муошират бо якдигар ё шахсони дигар;**

**4) ҳангоми кофтуков ашёи марбут ба парванда гирифта мешаванд. Илова бар ин, ашёҳое, ки дар муомилот комилан манъ карда шудаанд, инчунин ашёҳое, ки аз гардиши шаҳрвандӣ гирифта шудаанд, ройгон гирифта мешаванд.** Дар ҷараёни кофту-

---

[274] *Морозова Н. В. Некоторые проблемы, возникающие при проведении выемки и обыска в жилище // Закон и право. 2019. – № 5. – С. 150-151.*

[275] *Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации: федеральный закон [с посл. изм. и доп.] // СЗ РФ. 2001. – №52 (ч. 1). Ст. 4921; 2007. – №18. Ст. 2118.*

ков мукофотҳои давлатии айбдоршаванда (агар ӯ дар чунин ҷиноят айбдор карда шавад, ки барои он маҳрум кардани мукофотҳо имконпазир аст) низ гирифта мешаванд;

**5) дар ҷараёни кофтуков шумораи зиёди иштирокчиёни ҳатмии он иштирок мекунанд:**

Якум, ин шахсест, ки дар бинои мансуб ба ӯ кофтуков гузаронида мешавад, ё мансуб ба аъзои болиғи оилаи ӯ ё намояндаи ӯ. Гузаронидани кофтуков дар сурати набудани шахсони зикршуда вайронкунии ҷиддии қонун мебошад, ки боиси ғайриқобили қабул будани натиҷаҳои бадастомада мегардад. Агар бо сабаби ҳолати таъхирнопазир иштироки шахсони зикршударо таъмин кардан ғайриимкон бошад, пас даъват кардани намояндаи ташкилоти истифодаи манзилию коммуналӣ ё худидоракунии маҳаллӣ мақсаднок аст (қ 10 м. 192 КМҶ). Гузаронидани кофтуков дар сурати набудани соҳибони манзил бояд дар протокол бо ваҷҳ асоснок карда шавад.

Дуюм, иштирокчии ҳатмии кофтуков шахси холис мебошад. Ҳамаи амалҳои ҷустуҷӯӣ бояд дар ҳузури шахсони холис ва дигар шахсони иштироккунанда гузаронида шаванд. Шахсони холис бояд раванди ошкор ва гирифтани ҳар як ашё ё ҳуҷҷатро мушоҳида кунанд. Агар ҷустуҷӯ дар як вақт аз ҷониби якчанд гурӯҳ гузаронида шавад, пас дар ҳар кадоме аз онҳо бояд на камтар аз ду шахси холис мавҷуд бошанд[276].

Сеюм, муфаттиш ҳуқуқ надорад дар вақти кофтуков ҳузур доштани ҳимоятгарро (м. 53 КМҶ) ё адвокати соҳиби объекти кофтуковшавандаро (92 Конститутсия) рад кунад[277];

6) ҳангоми кофтуков бояд чораҳои махсус оид ба ҳифзи сирри ҳаёти шахсии ашхосе, ки нисбати ӯ кофтуков гузаронида мешавад, сирри шахсӣ, оилавӣ ва инчунин ҳолатҳои дигари ҳаёти шахсии ашхоси дигар андешида шаванд: аз шахсони ҳузурдошта дар бораи ошкор накардани маълумоти тафтишоти пешакӣ (қ. 2 м. 177 КМҶ) имзо гирифта шавад; шахсони бегона (масалан, журналистон) берун карда шаванд; танҳо ҳолатҳои марбут ба парванда бояд мавриди қайди мурофиавӣ қарор гиранд.

Ҳангоми кофтуков бе зарурат ба вайрон кардани қулфи дар ва дигар ашё иҷозат дода намешавад. Зарар ба молу мулк, ки аз зарурат ба вуҷуд наомадааст, ба ҷавобгарии интизомӣ, шаҳрвандӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ҷиноятӣ оварда мерасонад;

7) ба қайд гирифтани ҷараён ва натиҷаҳои кофтуков тибқи қоидаҳои умумӣ, яъне дар протокол мутобиқи моддаҳои 172, 194 анҷом дода мешавад. Аммо, махсусан муҳим аст, ки ҷойгиршавӣ ва ҳолатҳои ошкор кардани ашё, аломатҳои инфиродии онҳо, дар ҳолати зарурӣ бастабандӣ, мавҷудияти мӯҳри муфаттиш ва имзои шахсони холис дар протоколи кофтуков муфассал нишон дода шаванд. Дар он ҳамаи ҳолатҳои назарраси ҳуқуқии кофтуков (оё ашё ихтиёрӣ дода шудааст, рафтори кофтуковшавандагон, чораҳои андешидашуда, изҳорот ва шарҳҳои ҳозирон) сабт карда мешаванд.

**Тагайназаров Шариф Тайгайназарович, Фозилов Насимджон Носирович**

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПРАВОВОГО СТАТУСА ЛИЦ, УЧАСТВУЮЩИХ В ИСПОЛНИТЕЛЬНОМ ПРОИЗВОДСТВЕ

***Тагайназаров Шариф Тайгайназарович,*** *доктор юридических наук, профессор кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 935-53-47-66* ***E-mail:*** *hukukimadani@gmail.com*

---

[276] *Чекуров Н. Г. Проблемные моменты в законодательстве, связанные с производством обыска в жилище // Сибирский юридический вестник. 2012. – № 1. – С. 119-121; Варданян А.В. Обыск и проблемы участия понятых в его производстве // Общество и право. - 2008. – №2..*

[277] *Искандаров З.Х. Участие защитника в стадии расследования преступлений: проблемы теории, законодательного регулирования, и практики. – Душанбе, 1998. – 183 с.*

***Фозилов Насимджон Носирович,*** *старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 919-19-51-44* ***E-mail:*** *nasim.fozil@yandex.ru*

**Аннотация:** В данной статье на основании критического анализа отдельных норм, регулирующих правовой статус лиц, участвующих в исполнительном производстве, предусмотренных в Законе Республики Таджикистан «Об исполнительном производстве», обосновываются и предлагаются рекомендации по их совершенствованию.

**Ключевые слова:** исполнительное производство; Закон Республики Таджикистан «Об исполнительном производстве»; лица, участвующие в исполнительном производстве; лица, содействующие исполнительному производству; представители; правопреемство сторон в исполнительном производстве; правовой статус; совершенствование.

## БАЪЗЕ АЗ ҶАНБАҲОИ МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ ИШТИРОКЧИИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО

***Тағойназаров Шариф тағойназарович,*** *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 935-53-47-66* ***E-mail:*** *hukukimadani@gmail.com*

***Фозилов Насимҷон Носирович,*** *муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 919-19-51-44* ***E-mail:*** *nasim.fozil@yandex.ru*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур дар асоси таҳлили интиқодии меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», ки вазъи ҳуқуқии шахсони иштирокчии истеҳсолоти иҷроро танзим менамоянд, пешниҳодот ҷиҳати такмили онҳо асоснок ва манзур мегардад.

**Калидвожаҳо:** истеҳсолоти иҷро; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»; шахсони иштирокчии истеҳсолоти иҷро; шахсони ба истеҳсолоти иҷро ёридиҳанда; намояндаҳо; ворисии тарафҳо дар истеҳсолоти иҷро; мақоми ҳуқуқӣ; такмил.

## SOME ASPECTS OF THE LEGAL STATUS OF PERSONS PARTICIPATED IN ENFORCEMENT PROCEEDINGS

***Tagaynazarov Sharif Taghoynazarovich,*** *Doctor of Law sciences, Professor of the Department of Civil Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 935-53-47-66* ***E-mail:*** *hukukimadani@gmail.com*

***Fozilov Nasimjon Nosirovich,*** *Senior Lecturer of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 919-19-51-44* ***E-mail:*** *nasim.fozil@yandex.ru*

**Annotation:** In this article, based on a critical analysis of certain norms governing the legal status of persons participating in enforcement proceedings, provided for in the Law of the Republic of Tajikistan «On enforcement proceedings», substantiates and offers recommendations for their improvement.

**Key words:** enforcement proceedings; Law of the Republic of Tajikistan «On Enforcement Proceedings»; persons involved in enforcement proceedings; persons assisting enforcement proceedings; representatives; succession of parties in enforcement proceedings; legal status; improvement.

Глава 4 Закона Республики Таджикистан «Об исполнительном производстве»[278] посвящена лицам, участвующим в исполнительном производстве[279]. В ходе анализа этой главы нами были выявлены следующие проблемы:

1) название данной главы не соответствует ее содержанию;

2) в ней смещены такие понятия как лица, участвующие в исполнительном производстве и лица, содействующие исполнительному производству. В связи с тем, что «лицами, участвующими в деле – являются такие субъекты гражданского процесса, которые защищают в суде свои или чужие субъективные права и интересы и обладают материально-правовой или процессуально-правовой заинтересованностью в исходе дела»[280], то под лицами, участвующими в исполнительном производстве подразумеваются лица, имеющие материально-правовой или (и) процессуально-правовой интерес в исходе исполнительного производства. А в качестве лиц, содействующих исполнительному производству, признаются лица, не имеющие юридического интереса в исходе исполнительного производства и помогающие исполнителю органа исполнения в принудительном исполнении исполнительного документа;

3) не урегулирован порядок участия в исполнительном процессе процессуальных истцов, например прокурора, органов опеки и попечительства, которые в соответствии со ст. 36 Гражданского процессуального кодекса Республики Таджикистан[281] являются лицами, участвующими в деле;

4) остается открытым вопрос о правовом статусе представителей в исполнительном производстве. Не ясно, к какой категории субъектов исполнительного производства они относятся: к лицам, участвующим в исполнительном производстве или к лицам, содействующим исполнительному производству. Дело в том, что ст. 36 ГПК РТ не включает представителей в состав лиц, участвующих в деле. Что касается Закона РТ «Об исполнительном производстве», то и он не относит представителей к лицам, участвующим в исполнительном производстве (ст. 19). Вместе с тем, Закон РТ «Об исполнительном производстве» должен быть дополнен нормами, определяющими порядок оформления полномочий представителя в исполнительном производстве.

5) также не урегулирован порядок правопреемства сторон в исполнительном производстве, что является одним из существенных пробелов Закона РТ «Об исполнительном производстве. До 1 апреля 2008 года институт правопреемства в исполнительном производстве регулировался ГПК Таджикской ССР 1963 года[282], так как в тот период в РТ не

---

[278]*Закон Республики Таджикистан «Об исполнительном производстве»//https://sud.tj/upload/iblock/9ab (Дата обращения - 12.06.23).*

[279] *Более подробно о лицах, участвующих в деле, в том числе лицах, участвующих в исколниетельном производстве см., например: Джалилов Д.Р. Лица, участвующие в гражданских делах искового производства. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 1965. – 68 с.; Осокина Г.Л. Гражданский процесс. Общая часть: учебник для студ. вузов / Г.Л. Осокина. – 3-е изд., перераб.– М.: Норма: ИНФРА-М, 2013. – С. 159-310; Фозилов Н.Н. Понятие института лиц, участвующих в деле, в гражданском процессе Таджикистана // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2015. – № 5. – С. 267-273; Гражданский процесс: учебник для студентов высших юридических учебных заведений / Уральский гос. юрид. ун-т; отв. ред. докт. юрид. наук, профессор В.В. Ярков. – 10-е изд., перераб. и доп. – М.: Статут, 2017. – С. 90-111.*

[280] *Фозилов Н.Н. Понятие института лиц, участвующих в деле, в гражданском процессе Таджикистана // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2015. – № 5. – С. 270.*

[281]*Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 г., № 1, ч. 1, ст. 6, ст. 7; 2010 г., № 1, ст. 6; 2012 г., № 7, ст. 721; 2014 г., № 7, ч. 1, ст. 388; № 12, ст. 821; 2015 г., № 11, ст. 953; 2016 г., № 1309; 2018 г., № 1474; 2019 г., № 1559; 2019 г., № 1612; 2020 г., № 1697; 2021 г., № 1817; 2022 г., № 1855; 2022 г., № 1856; 2022 г., № 1898. В дальнейшем – ГПК РТ.*

[282] *Ведомости Верховного Совета Таджикской Советской Социалистической Республики, 1964 г., № 22. ст.5; 1966 г., № 11, ст.72; 1967 г., № 1, ст.8; 1968 г., № 14, ст. 116; 1968 г.. – № 24, ст. 205; 1972 г., № 1, ст. 3; 1972 г., № 12, ст. 94; 1972 г., № 19, ст.152: 1973 г., № 1,ст.1О; 1975 г., № 3, ст. 44; 1975 г., № 13, ст.142; 1977 г.,. – № 17,. ст.136; 1978 г., № 1, ст.8; 1982 г., № 1, ст.1; № 8, ст.71; № 11, ст. 130; 1986 г., № 4. ст.41; № 13. ст.117;1988 г., № 7, ст.92; № 12, ст.184; 1989 г., № 21, ст.165; № 23, ст. 211; 1990 г., № 16, ст.268, № 24, ст.410, 1991 г., № 18, ст. 244; пункт 1; Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан, 1993 г.,*

было отдельного закона об исполнительном производстве. В настоящее время, в связи с принятием отдельного закона об исполнительном производстве, регламентация в нем правопреемства сторон в исполнительном производстве весьма актуальна. Ведь, если происходит правопреемство сторон в материальном правоотношении, то, как быть исполнителю органа исполнения? Дело в том, что в исполнительном документе в качестве сторон указываются правопредшественники. По буквальному смыслу закона исполнитель органа исполнения не вправе самостоятельно заменить их. Иное означало бы внесение исполнителем органа исполнения изменений в исполнительный документ, что по существу не приемлемо.

**В связи с этим, для решения некоторых вышеуказанных проблем предлагаем внести следующие изменения и дополнения в главу 4 Закона РТ «Об исполнительном производстве»:**

1) переименовать название данной главы, дополнив его следующими словами: **«Лица, содействующие исполнительному производству»;**

2) ст. 19 Закона РТ «Об исполнительном производстве» изложить в следующей редакции: «Лицами, участвующими в исполнительном производстве, являются:

– стороны в исполнительном производстве;

– субъекты, указанные в статьях 47 и 48 ГПК РТ, а также в статьях 51 и 52 ЭПК РТ;

– третьи лица, в случаях, предусмотренных главой 12 настоящего Закона»;

3) включить в неё новую статью следующего наименования и содержания: **«Статья 19.1. Лица, содействующие исполнительному производству**

Лицами, содействующими исполнительному производству, являются:

– представители сторон в исполнительном производстве;

– переводчик, специалист, понятые;

– иные лица, содействующие исполнению требований, содержащихся в исполнительном документе»;

4) с учетом законотворческого опыта РТ и ряда зарубежных стран для урегулирования порядка правопреемства сторон в исполнительном производстве ст. 22 Закона РТ «Об исполнительном производстве» изложить в следующей редакции:

1. В случае выбытия одной из сторон в исполнительном производстве, в том числе смерть физического лица, реорганизация юридического лица, уступка требования, перевод долга, исполнитель органа исполнения устанавливает правопреемство одной из сторон в исполнительном производстве и направляет заявление в суд, вынесший судебный акт или в другой субъект, выдавший исполнительный документ с предложением о вынесении определения о замене стороны на его правопреемника. Заявление направляется в течение трех рабочих дней с момента, когда исполнителю органа исполнения стало известно о правопреемстве одной из сторон в исполнительном производстве.

2. Для правопреемника все действия, совершенные до его вступления в исполнительное производство, обязательны в той мере, в какой они были бы обязательны для стороны, которую правопреемник заменил».

## Литература:


1. Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 г., № 1, ч. 1, ст. 6, ст. 7; 2010 г., № 1, ст. 6; 2012 г., № 7, ст. 721; 2014 г., № 7, ч. 1, ст. 388; № 12, ст. 821; 2015 г., № 11, ст. 953; 2016 г., № 1309; 2018 г., № 1474; 2019 г., № 1559; 2019 г., № 1612; 2020 г., № 1697; 2021 г., № 1817; 2022 г., № 1855; 2022 г., № 1856; 2022 г., № 1898.


---

*№ 19– 20, ст.438; № 23-24. ст.509, Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1997 г.. – № 9, ст.117, 1998 г., № 23-24, ст.336; 2002 г., № 4, ч.1, ст.278; 2006г., № 3,ст.146.*

2. Гражданский процессуальный кодекс Таджикской Советской Социалистической Республики // Ведомости Верховного Совета Таджикской Советской Социалистической Республики, 1964 г., № 22. ст.5; 1966 г., № 11, ст.72; 1967 г., № 1, ст.8; 1968 г., № 14, ст. 116; 1968 г., № 24, ст. 205; 1972 г., № 1, ст. 3; 1972 г., № 12, ст. 94; 1972 г., № 19, ст.152: 1973 г., № 1, ст.1О; 1975 г., № 3, ст. 44; 1975 г., № 13, ст.142; 1977 г., № 17,. ст.136; 1978 г., № 1, ст.8; 1982 г., № 1, ст.1; № 8, ст.71; № 11, ст. 130; 1986 г., № 4. ст.41; № 13. ст.117;1988 г., № 7, ст.92; № 12, ст.184; 1989 г., № 21, ст.165; № 23, ст. 211; 1990 г., № 16, ст.268, № 24, ст.410, 1991 г., № 18, ст. 244; пункт 1; Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан, 1993 г., № 19-20, ст.438; № 23-24. ст.509, Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1997 г.. № 9, ст.117, 1998 г., № 23-24, ст.336; 2002 г., № 4, ч.1, ст.278; 2006г., № 3, ст.146.
3. Гражданский процесс: учебник для студентов высших юридических учебных заведений / Уральский гос. юрид. ун-т; отв. ред. докт. юрид. наук, профессор В.В. Ярков. – 10-е изд., перераб, и доп. – М.: Статут, 2017. – С. 90-111.
4. Джалилов Д.Р. Лица, участвующие в гражданских делах искового производства. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 1965. – 68 с.
5. Закон Республики Таджикистан «Об исполнительном производстве» // https://sud.tj/upload/iblock/9ab (Дата обращения – 12.06.23).
6. Осокина Г.Л. Гражданский процесс. Общая часть: учебник для студ. вузов / Г.Л. Осокина. – 3-е изд., перераб. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2013. – С. 159-310.
7. Фозилов Н.Н. Понятие института лиц, участвующих в деле, в гражданском процессе Таджикистана // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2015. – № 5. – С. 267-273.

**Негматов Баҳодур Сафарович**

## ҚАБУЛИ ҲУКМ ВА ШИКОЯТ АЗ БОЛОИ ОН ҲАНГОМИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ БО ТАРТИБИ СОДАКАРДАШУДА

***Негматов Баҳодур Сафарович,*** *муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 933-00-70-03* ***E-mail:*** *negmatov.bc87@mail.ru*

**Фишурда:** Дар мақола муаллиф яке аз масъаҳои баҳсноки падидаи тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ – қабули ҳукм ва шикоят аз болои он ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби содакардашударо мавриди таҳқиқ қарор додааст. Барои баррасии парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда ва баровардани ҳукми айбдоркунанда ба ғайр аз шартҳои дар моддаи 310 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида, якчанд шартҳои муҳимтаре низ мавҷуданд, ки бояд иҷро шаванд ва ин шартҳо – қонунӣ, асоснокӣ ва одилона будани айбдоркунӣ мебошад, ки тибқи он шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашаванда ба гуноҳи худ иқрор шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳукм; шикоят; марҳилаи касатсионӣ; марҳилаи назоратӣ; мурофиаи ҷиноятӣ; тафриқанамоии шаклҳои мурофиавии ҷиноятӣ; пешбурди судии соддакардашуда; пешбурди суръатнок.

## ПРИНЯТИЕ ПРИГОВОРА И ЕГО ОБЖАЛОВАНИЕ ПРИ РАССМОТРЕНИИ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ В УПРОЩЕННОМ ПОРЯДКЕ

***Негматов Баходур Сафарович,*** *старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 933-00-70-03* ***E-mail:*** *negmatov.bc87@mail.ru*

**Аннотация:** В статье автор исследовал один из спорных вопросов упрощенного порядка судебного следствия – вынесение приговора и обжалование его при рассмотрении уголовных дел в упрощенном порядке. Для рассмотрения уголовного дела в упрощенном порядке и вынесения обвинительного приговора, помимо условий, указанных в статье 310 Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан, необходимо выполнение еще нескольких важных условий, и эти условия являются законность, обоснованность и справедливость обвинения, признание вины лица, привлекаемого к уголовной ответственности.

**Ключевые слова:** приговор; жалоба; кассационная стадия; надзорная стадия; уголовный процесс; дифференциация уголовно-процессуальных форм; упрощенное судопроизводство; ускоренное производства.

## ACCEPTANCE OF THE VERDICT AND ITS APPEAL IN THE CONSIDERATION OF CRIMINAL CASES IN A SIMPLIFIED MANNER

***Negmatov Bahodu Safarovich,*** *Junior Senior Lecturer of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision, Faculty of Law, Tajik National University* ***Fhone:*** *(+992) 933-00-70-03* ***E-mail:*** *negmatov.bc87@mail.ru*

**Annotation:** In the article, the author explored one of the controversial issues of the simplified procedure for judicial investigation – sentencing and appealing against it when considering criminal cases in a simplified manner. In order to consider a criminal case in a simplified manner and issue a guilty verdict, in addition to the conditions specified in Article 310 of the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan, it is necessary to fulfill several more important conditions, and these conditions are the legality, validity and fairness of the accusation, the admission of guilt of the person brought to trial criminal responsibility.

**Keywords:** sentence; complaint; cassation stage; supervisory stage; criminal process; differentiation of criminal procedural forms; summary proceedings; accelerated production.

Мувофиқи талаботи қ. 8 ва 9 моддаи 310 КМҶ ҶТ[283] баъди эълони ҳукм ё таъинот суд, судя ба тарафҳо ҳуқуқ ва тартиби аз ҳукм ё таъинот шикояту эътироз оварданро мутобиқи талаботи боби 38 Кодекси мазкур мефаҳмонад. Нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи ҳамин модда бароварда шудааст, бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372 Кодекси мазкур шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест.

Ин муқаррарот имкон медиҳад, ки талаботҳои дар моддаҳои 310-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда бо дигар меъёрҳои КМҶ, ки ба падидаи баррасишаванда бевосита алоқаманд мебошад, мутобиқ гардонида шавад.

Аввалан, дар моддаи 272-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки дар маҷлиси судӣ тамоми далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд бевосита таҳқиқ карда шаванд. Аммо мувофиқи қ.1 моддаи 310 КМҶ ҶТ судя ҳуқуқ дорад, танҳо бо таҳқиқи далелҳое маҳдуд шавад, ки тарафҳо онҳоро зикр кардаанд. Яъне аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда таҳқиқи пурраи далелҳо гузаронида намешавад. Чи тавре мебинем, мухолифат байни ду меъёр мушоҳида мегардад, ки барои бартараф намудани он бояд дар моддаи 272 КМҶ

[283] *Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, таҳти № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2009, № 12, мод. 815, мод. 816.*

ҶТ қисми дигар дар шакли зерин илова гардад: «Ба истисноии ҳолатҳое, ки дар моддаи 310 кодеси мазкур муқаррар гардидааст».

Дуюм, нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи моддаи 310 КМҶ ҶТ бароварда шудааст, бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372 Кодекси мазкур шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест.

Далелҳои дар боло зикршуда дурустии хулосаҳоро тасдиқ мекунанд, ки нишондодҳои судшаванда, ҷабрдида, шоҳидон ҳангоми баррасии парванда бо тартиби содакардашуда аз ҷониби суд шунида намешаванд, хулосаи коршинос аз ҷониби суд баррасӣ карда намешавад, далелҳои шайъӣ тафтиш карда намешаванд, муҳтавои протоколҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо ошкор карда намешаванд[284].

Саволе ба миён меояд, ки судя чӣ тавр ба хулосае меояд, ки ба гуноҳи худ иқрор гардидани судшаванда асоснок мебошад, судя дар ҳолати иқрори гуноҳи судшаванда ва ё эътироф намудани айби эълоншуда ба хулосае ояд, ки он қонунӣ, асоснок ва одилона буда бо далелҳои оид ба парванда ҷамъваришуда тасдиқи худро ёфтаанд, чи кор мекунад?

Мувофиқи қ.6 моддаи 310 КМҶ ҶТ агар суд, судя муайян намояд, ки айби эътирофнамудаи судшаванда асоснок буда, бо далелҳои ҷамъовардашуда оид ба парванда тасдиқ мегардад, ҳукми айбдоркунӣ бароварда, нисбати судшаванда ҷазо таъин мекунад. Зимнан ҷазои таъиннамудаи суд аз се ду ҳиссаи мӯҳлат ё андозаи ҷазои баландтарини барои ҷиноятҳои содиршуда пешбинигардида зиёд буда наметавонад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки барои аз ҷониби судя гунаҳкор эътироф намудани судшаванда ва қабули ҳукми айбдоркунанда танҳо иқрори гуноҳ (розӣ шудан бо айби эълонгардида) аз ҷониби судшаванда басанда нест. Ақидаи ботинии судя талаб карда мешавад, ки маҷмӯи далелҳои дар рафти тафтишоти пешакӣ ҷамъовардашударо хулосабарорӣ намояд.

Ҳамин тариқ, метавон бо итминон изҳор дошт, ки барои баррасии парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда ва баровардани ҳукми айбдоркунанда ба ғайр аз шартҳои дар моддаи 310 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида, якчанд шартҳои муҳимтаре низ мавҷуданд, ки бояд иҷро шаванд ва ин шартҳо – қонунӣ, асоснокӣ ва одилона будани айбдоркунӣ мебошад, ки тибқи он шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашаванда ба гуноҳи худ иқрор шудааст.

Ӯҳдадории баҳодиҳии қонунӣ, асоснокӣ ва одилона будани айби эълоншуда аз судя тақозо мекунад, ки маводи парвандаи ҷиноятиро дар шакли барои ин тартиб қобили қабул омӯзад. Пас, судя ӯҳдадории худро оид ба асоснокии айбдоркунӣ чи тавр иҷро менамояд ва ин шакл чиро ифода мекунад? Чунин ба назар мерасад, ки ин шакли қобили қабул фаъолияти равоние мебошад, ки судя ҳам то оғози маҷлиси судӣ ва ҳам дар оянда то баровардани ҳукм анҷом медиҳад. Мувофиқи қ.2 моддаи 88 КМҶ ҶТ суд, судя ба далелҳо аз нуқтаи назари кифоя буданашон барои ҳалли масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда баҳо медиҳанд. Ягон далел пешакӣ қувваи муайянкунандаро доро нест. Қонунгузор ба зиммаи судя вазифа гузоштааст, ки далелҳои дар парванда ҷамъовардашударо бевосита дар маҷлиси судӣ тафтиш намуда, ба онҳо баҳо диҳад ва агар маҷмӯи далелҳои ҷамъовардашуда кофӣ набошанд ё ба эътимоднокии онҳо шубҳа дошта бошад, сарфи назар аз дархости судшаванда (айбдоршаванда) дар бораи бо тартиби содакардашуда баровардани ҳукм қонеъ карда намешавад ва парванда бояд ба тартиби умумӣ баррасӣ карда шавад. Муқаррароти дар моддаи 310-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардидаро ҳамин тавр фаҳмидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар баробари ин, дар маҷлиси судӣ суд вазифадор аст, аз судшаванда муайян намояд, ки оё дархости ӯ дар бораи баррасии парванда бо тартиби содакардашуда пешниҳодшуда

---

[284] *Беляев М. В. Судебные решения, выносимые в особом порядке судебного разбирательства: механизм принятия и особенности содержания. Захираи электрони:* https://wiselawyer.ru/poleznoe/94677-sudebnye-resheniya-vynosimye-osobom-poryadke-sudebnogo-razbiratelstva *(санаи муроҷиат, 17.03.2023)*

ихтиёрӣ мебошад ва то чӣ андоза аҳамияти ҳуқуқӣ ва воқеии амали худ ва оқибатҳои онро дарк мекунад?

Бо таваҷҷуҳ ба камбудиҳои дар боло зикргардида пешниҳод менамоем, ки ба моддаи 310-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои иловагӣ ворид карда шаванд, ки бо назардошти хусусиятҳои зикргардидаи падидаи баррасишаванда, тартиби маҷлиси судиро танзим мекунанд. Маҷлиси судӣ бояд на танҳо бо риояи талаботи дар боби 34 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикршуда, балки бобҳои дигар, аз ҷумла 32-33 Кодекси мазкур, ки тартиби гузаронидани маҷлиси судиро танзим мекунанд, гузаронида шавад.

Дар КМҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки баъди қисми омодасозии маҷлиси суд, тафтиши судӣ оғоз мегардад. Тафтиши судӣ аз баёни моҳияти айбдоркунии пешниҳодшуда дар ҳаққи судшаванда аз ҷониби айбдоркунандаи давлатӣ, дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бошад, аз баёни шикоят аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндаи ӯ оғоз мегардад (қ.1 моддаи 308 КМҶ ҶТ). Баъд раисикунанда аз судшаванда мепурсад, ки оё моҳияти айби эълоншуда ба ӯ фаҳмост, бо айби эълоншуда худро гунаҳгор мешуморад ё не, барои иқрор гардидан ба гуноҳ оё хоҳиш дорад, ки ба айби эълоншуда муносибати худро баён намояд ва ғ Ҳангоми нофаҳмо будани айб ба судшаванда моҳияти он фаҳмонда мешавад. Дар баробари ин, ҳангоми иқрор гардидани судшаванда ба гуноҳ, судя аз судшаванда муайян менамояд, ки ин иқроргардӣ ихтиёрӣ аст, маҷбуркунӣ ё ягон муносибати ғайриинсонӣ нисбти ӯ раво надидаанд ва ё дархости худро ҷиҳати баррасии парванда бо тартиби содакардашуда дастгирӣ менамояд ва оқибатҳои ҳуқуқӣ ва воқеии дархости пешниҳодшударо дарк менамояд?

Айбдоркунандаи давлатӣ ва ҷабрдида бояд барои баррасии парванда бо тартиби содакардашуда розигии худро баён намоянд. Агар ин ашхос эътироз баён кунанд ва асосе вуҷуд дошта бошад, ки мурофиаи судиро бо тартиби содакардашуда истисно намояд, судя дар бораи қатъ намудани баррасии парванда бо тартиби содакардашуда таъинот мебарорад ва парвандаи ҷиноятиро бо тартиби умумӣ баррасӣ менамояд. Дар сурати тасдиқи розигии тарафҳо ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда ва пас аз муайян намудани ҳолатҳои дар боло зикргардида суд ба музокираи судӣ мегузарад. Тарафҳо дар суханронии худ метавонанд танҳо дар бораи банду басти ҷиноят, чораи ҷазо ва шахсияти судшаванда ибрози андеша намоянд.

Баъзе норасоиҳо аз ҷониби қонунгузор бартараф карда шудаанд, вале то ҳол дар моддаи 310 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолатҳои муҳим, ба монанди мазмуни қисмҳои муқаддимавӣ ва асосноккунандаи ҳукм, ки тибқи тартиби содакардашуда бароварда шудаанд, инъикос нагардидааст. Моддаи 310-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин бояд чунин нуқтаро инъикос намояд, ки дар парвандаи бо тартиби содакардашуда баррасишаванда протоколи маҷлиси судӣ мувофиқи муқарароти моддаи 293 КМҶ ҶТ тартиб дода мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ фавран пас аз ҷорӣ намудани Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ оид ба масъалаи иштироки прокурор дар маҷлиси судӣ, ки бо тартиби содакардашуда гузаронида мешавад, нуқтаи назари гуногун баён карда шуданд.

В.А.Лазарева чунин мешуморад, ки азбаски бо назардошти талаботи моддаи 234-и КМҶ ФР, муҳокимаи пешакӣ аз ҷониби судя танҳо дар маҷлиси пӯшидаи судӣ бо иштироки тарафҳо ва бо риояи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки ба тарафҳо ҳуқуқҳои баробарро дар муҳокимаи пешакӣ таъмин менамояд, гузаронида мешавад. «Иштироки прокурор бевосита дар маҷлиси судӣ бо тартиби муқаррарнамудаи боби 40 КМҶ ФР зарур намебошад ва иштироки судшаванда ва ҳимоятгари ӯ дар ин тартиб, ки бидуни иштироки айбдоркунандаи давлатӣ мегузарад, маънои нобаробарии тарафҳоро надорад. Ин табиист ва мантикист, зеро бо ҳукми суд нисбати судшаванда ҷазо таъин карда мешавад»[285].

---

[285] *Лазарева В. Новый УПК: особый порядок принятия судебного решения при согласии обвиняемого с предъявленным ему обвинением // Уголовное право. - М.: Интел-Синтез, 2002, № 2. – С. 68.*

Ин мавқеъ баҳснопазир нест. Нуқтаи назари хешро оид ба зарур набудани иштироки айбдоркунадаи давлатӣ дар маҷлиси судиро В.А. Лазарева иброз намуда, ба эътибор нагирифтаст, ки маҷлиси судӣ, аз ҷумла дар парвандаҳои бо тартиби содакардашуда баррасишуда, дар асоси принсипи мубоҳисаи тарафҳо (мубоҳиса, гарчанде ки дар шакли маҳдуд амал намояд ҳам, аммо вуҷуд дорад) сохта мешавад.

Қонунгузор тарафҳоро аз равшан намудани ҳолатҳои вобаста ба шахсияти судшаванда, инчунин аз баромад намудан дар музокираи судӣ озод накардааст ва ин принсип, албатта, дар сурати ҳозир набудани яке аз тарафҳо дар маҷлиси судӣ амалӣ намегардад. Ин принсип дар моддаи 20-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки мувофиқи он мурофиаи судии ҷиноятӣ бо тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Функсияҳои айбдоркунӣ, ҳимоя ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ аз ҳамдигар ҷудо буда, онҳоро ба як мақомот ё як шахси мансабдор вогузор кардан мумкин нест. Суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ набуда, аз ҷониби айбдоркунӣ ё аз ҷониби ҳимоя баромад намекунад, балки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои ба онҳо додашуда шароити зарурӣ фароҳам меорад. Дар ҳамин модда ҳамчунин муқаррар гардидааст, ки тарафҳои айбдоркунанда ва ҳимоя дар назди суд баробаранд.

Бо мақсади ҳавасманд намудани шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашаванда, барои пешниҳод намудани дархост оид ба қабули ҳукм бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 310 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузор принсипи ҳавасмандкунандаи зеринро: – имконнопазирии таъини ҷазо, яъне зимнан ҷазои таъиннамудаи суд аз се ду ҳиссаи мӯҳлат ё андозаи ҷазои баландтарини барои ҷиноятҳои содиршуда пешбинигардида зиёд буда наметавонад, муқаррар намудааст. Дар баробари ин КМҶ баъзе давлатҳо муқаррар менамояд, ки суд ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ метавонад судшавандаро аз хароҷотҳои мурофиавӣ озод намояд. Масалан, қ.10 моддаи 316 КМҶ Федератсия Руссия чунин тартибро муқаррар менамояд[286].

Вобаста ба он ки оё судшаванда аз хароҷотҳои судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда озод мешавад ё не дар моддаи 310 КМҶ ҶТ вобаста ба ин чизе гуфта нашудааст. Яъне аз ин ҷо бар меояд, ки дар ин ҳолат хароҷотҳои мурофиавӣ бо тартиби умумӣ муқаррар мегардад.

Ҳангоми таҳлили нуқтаҳои дар боло зикршуда як ҳолати дигарро низ бояд ба назар гирифт, ки ҳукмҳои мувофиқи қоидаҳои дар моддаи 310 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида бароварда шудаанд, дар фарқият аз ҳукмҳои бо тартиби умумӣ қабулшуда мумкин аст, танҳо бо се асос аз ҷониби тарафҳо мавриди шикояти кассатсионӣ ва назоратӣ қарор гирад:

а) ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ;
б) нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ;
в) номувофиқии ҷазои таъиншуда ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда.

Ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ чунин вайронкунии принсипҳо ва дигар муқаррароти умумии Кодекси мазкур ҳангоми пешбурди парванда эътироф карда мешавад, ки бо роҳи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, риоя накардани расмияти пешбурди судӣ ё бо роҳи дигар ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда халал расонида, барои баровардани ҳукми одилонаи судӣ таъсир расонидаанд ё метавонистанд таъсир расонанд.

Қонуни ҷиноятӣ нодуруст татбиқшуда ба ҳисоб меравад, ба шарте ки:

– суд қонунеро, ки татбиқ карда шудани он лозим буд, татбиқ накарда бошад;
– суд қонунеро, ки татбиқ карда шудани он лозим набуд, татбиқ карда бошад;

[286] *Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001 N 174-ФЗ (ред. от 28.06.2022) (с изм. и доп., вступ. в силу с 09.07.2022).* http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34481/. *(санаи муроҷиат, 14.07.2022)*

– суд қонунро нодуруст маънидод кардааст, ки он ба мазмуни дақиқи қонун мухолиф бошад.

Ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда чунин ҷазо номувофиқ дониста мешавад, ки агар он аз доираи пешбиникардаи қонуни ҷиноятӣ берун набаромада бошад ҳам, вале аз рӯи намуд ва андозаи худ, чӣ аз ҷиҳати сабукӣ ва чӣ аз ҷиҳати вазниниаш баръало беадолатона мебошад.

Аммо қ.9 моддаи 310 КМҶ ҶТ муқаррар менамояд: «Нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи ҳамин модда бароварда шудааст, бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372 Кодекси мазкур шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест».

Аз ин муқаррарот бармеояд, ки нисбат ба ҳукми бо тартиби содакардашуда қабул гардида, шикоят ва эътироз овардан мумкин аст, ба истисноӣ ҳолатҳои дар сархати якум ва дуюми моддаи 372 КМҶ ҶТ муқарраргардида.

Ҳамин тариқ, қонун шикоят ё эътироз намудан нисбат ба ҳукмро, ки бо тартиби содакардашуда қабул шудааст бо асосҳои зерин манъ намудааст, ба монанди – яктарафа ё нопурра будани таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ, мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда.

Таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ дар ҳама ҳолат яктарафа ё нопурра эътироф карда мешавад, ба шарте ки доир ба парванда:

– шахсоне нопурсида монда бошанд, ки нишондодҳои онҳо барои парванда аҳамияти ҷиддӣ доранд ё экспертизае гузаронида нашуда бошад, ки мувофиқи қонун гузаронидани он ҳатмист, ҳамзамон ҳуҷҷатҳое талаб карда гирифта ё далелҳои шайъие, ки дарёфт нагардида ба парванда ҳамроҳ карда нашуда бошанд, ки аҳамияти ҷиддӣ доранд;

– ҳолатҳое таҳқиқ нашуда бошанд, ки дар таъиноти судӣ парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши нав ё муҳокимаи нави судӣ фиристода нишон дода шудаанд;

– маълумот оид ба шахсияти судшаванда пурра муайян карда нашуда бошад.

Ҳукм ба ҳолатҳои воқеии кор номувофиқ эътироф карда мешавад, ба шарте ки:

– хулосаи суд бо далелҳое, ки дар маҷлиси суд таҳқиқ шудаанд, тасдиқ нашаванд;

– суд ҳолатҳоеро, ки ба хулосаи он таъсири ҷиддӣ расонида метавонистанд, ба ҳисоб нагирифта бошад;

– далелҳои ба ҳам муқобил, ки барои хулосаи суд аҳамияти ҷиддӣ доранд, мавҷуд бошанду дар ҳукм нишон дода нашуда бошад, ки суд бо кадом асосҳо баъзеи ин далелҳоро қабул кардаасту далелҳои дигарро рад намудааст;

– хулосаи суд, ки дар ҳукм ифода ёфтаанд, ихтилофҳо дошта бошанду барои ҳал намудани масъалаи гунаҳгор будан ё бегуноҳии шахси маҳкумшуда, ё худ сафед кардашуда, барои дурустии татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ ё барои муайян кардани ҷораи ҷазо таъсир расонанд ё худ таъсир расонда метавониста бошанд.

Имконнопазирии шикоят аз ҳукм аз рӯи асосҳои дар боло зикршуда комилан фаҳмо аст, зеро ҳолатҳои воқеии парванда дар маҷлиси судӣ бо тартиби содакардашуда санҷида намешаванд, аз ҷониби суд баҳо дода намешаванд ва дар протоколи маҷлиси судӣ сабт карда намешаванд.

Бархе аз мурофиҷиён бар ин назаранд, ки имконнопазирии шикоят аз ҳукм аз рӯи ин асосҳо ҳуқуқи маҳкумшудагонро, ки парвандаашон бо тартиби содакардашуда баррасӣ гардидааст, ба таври ҷиддӣ поймол мекунад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи Т.В. Трубникова, «манъи шикоят аз ҳукм бо сабаби мувофиқат накардани хулосаҳои суд ба ҳолатҳои воқеии парванда маҳдудкунии аз ҳад зиёди ҳуқуқи маҳкумшудагон мебошад»[287]. Чунин ақидаро бебаҳс эътироф намудан ҷоиз нест, зеро он алоҳида аз таҳлили меъёрҳои баррасишаванда ва тартибе, ки барои баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ муайян шудааст, пешниҳод гардидааст. Бале, воқеан, маҳдудиятҳои ҳуқуқи воба-

[287] *Трубникова Т.В. Упрощенные судебные производства в УПК РФ. Проблемы уголовного процесса в свете нового уголовно – процессуального кодекса Российской Федерации. Сборник научных трудов под редакцией Ю.К. Якимовича, Изд-во Томского университета, 2002. – С. 35.*

ста ба имконнопазирии шикоят аз болои ҳукм бо асосҳои дар қисмҳои 1 ва 2-и моддаи 372 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣшуда мавҷуданд, вале ин маҳдудиятҳо аз махсусияти баррасии парванда бо тартиби содакардашуда вобаста мебошад ва шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашаванда ихтиёран ба ин маҳдудиятҳо рафта, дар бораи баррасии парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда дархост пешниход менамояд. Ин як навъ гузатҳо ва имтиёҳои қонунгузор ба шахси дархостпешниҳодкарда ҷиҳати баррасии парванда бо тартиби содакардашуда мебошад. Бесабаб нест, ки қонунгузор дар моддаи 310-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки баррасии парванда бо тартиби содакардашуда танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар судшаванда оқибатҳои дархости пешниҳодкардаашро донад ва яке аз оқибатҳое, ки ӯ бояд донад ин имконопазирии шикоят кардан аз ҳукм вобаста ба ҳолатхои воқеии кирдор мебошад.

Ҳамин тариқ, мувофиқи қонун маҳдудиятҳое, ки аз тартиби баррасишаванда бармеоянд, бояд аз аввал ба айбдоршаванда маълум бошад, ки хоҳиши пешниҳоди дархост ҷиҳати баррасии парванда бо тартиби содакардашударо дорад, ва агар ба ӯ ҳолатҳои нишонододашуда маълум набошад ё ӯ онҳоро дарк накунад (нафаҳмад), пас ба сабаби иҷро нашудани яке аз шартҳои дар қонун зикршуда, парвандаи ҷиноятӣ бояд ба таври умумӣ баррасӣ карда шавад.

Бо назардошти ин масъала набояд фаромӯш кард, ки дар моддаи 310 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъи шикоят аз ҳукм бо сабаби мувофиқ набудани хулосаи суд ба ҳолатҳои воқеии парвандаи ҷиноятӣ, ки бо тартиби содакардашуда бароварда шудааст, дар марҳилаи касатсионӣ ва назоратиро муқаррар кардааст.

Бо назардошти махсусияти падидаи таҳқиқшаванда бояд дар моддаи 379-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳои бечунучарои бекор кардани ҳукмро пешбинӣ менамояд муқаррароте илова гардад, ки мувофиқи он ҳангоми қабули ҳукм аз рӯи қоидаҳои моддаи 310 КМҶ ҶТ имконпазирии бекор кардани он ҷой дорад. Ин дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар судшаванда ба гуноҳи худ ихтиёри иқрор нагардида, балки дар натиҷаи муносибати ғайриинсонӣ дар рафти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба он маҷбур карда шуда бошад.

Норозигӣ аз ҷониби мухолифон бо истинод ба он, ки дар моддаи 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосе мавҷуд аст, ки боиси бечунучарои бекор кардани ҳукм мегардад, агар ҳукм ба далелҳое, ки суд онҳоро ғайриқобили қабул эътироф кардааст ва ин гуна далелҳо бешубҳа далелҳое хоҳанд буд, ки бо истифода аз усулҳои ғайриқонунии тафтишот ба даст оварда шудаанд. Дар моддаи 27-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин асос воқеан мавҷуд аст. Аммо ба қонуни мурофиавӣ ворид намудани асосҳои дар боло пешниҳодшуда, ки махсусан аз набудани ихтиёран иқрор гардидани судшаванда, яъне мавҷуд набудани асосҳое, ки барои баррасии парванда бо тартиби содакардашуда ҳатмӣ мебошанд, на танҳо ҳамчун омили боздоранда, балки барои суд имконияти баррасии парванда дар марҳилаи касатсионӣ ва назоратӣ, инчунин барои қабули қарори ягонаи дурустро фароҳам меорад.

Дар бораи хусусиятхои пешбурд оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар суди марҳилаи назоратӣ сухан ронда, ин пешбурдро бо падидаҳои қаблан амалкунанда муқоиса намуда, В.В. Демидов ба он ҳолат диққати худро равона сохтааст, ки Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ худи мазмуни марҳилаи мурофиаи ҷиноятии баррасишавандаро ба куллӣ тағйир дод, зеро ҳоло падидаи шикоят аз болои ҳукмҳо ва дигар қарорҳои суд бекор карда шуда, шикояти оғозгардида дар марҳилаи назоратӣ, акнун имконнопазирии гардиш ба роҳи бадтарин эътироф мегардад[288].

[288] *Демидов В.В. Производство по уголовным делам в суде надзорной инстанции // Российская юстиция. 2003. – №2. – С. 31.*

Он навгониҳое, ки ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, ба парвандаҳои ҷиноятие, ки бо тартиби содакардашуда баррасӣ мешаванд, низ татбиқ мегарданд.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло қайд намудан зарур аст, ки тафовут миёни қарорҳои дар зинаи кассатсионии қабулгардидае, ки бо тартиби содакардашуда баровардa шудаанд аз ҳукмҳое, ки бо тартиби муқаррарӣ (умумӣ) қабул гардидаанд, ин талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оид ба асосҳои тадбиқи падидаи содакардашуда ва тартиби таъини ҷазо ба ҳисоб меравад. Дар парвандаҳои бо тартиби содакардашуда баррасишаванда суд мавҷуд будан ё набудани вайронкуниҳои назарраси қонуни мурофиавии ҷиноятиро тафтиш намуда, бояд риояи тартиби татбиқи падидаи содакардашударо муайян намояд.

**Адабиёт:**


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, таҳти № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2009, № 12, мод. 815, мод. 816.
2. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001 N 174-ФЗ (ред. от 28.06.2022) (с изм. и доп., вступ. в силу с 09.07.2022). http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34481/. (санаи муроҷиат, 14.07.2022)
3. Беляев М. В. Судебные решения, выносимые в особом порядке судебного разбирательства: механизм принятия и особенности содержания. Захираи электрони: https://wiselawyer.ru/poleznoe/94677-sudebnye-resheniya-vynosimye-osobom-poryadke-sudebnogo-razbiratelstva (санаи муроҷиат, 17.03.2023)
4. Лазарева В. Новый УПК: особый порядок принятия судебного решения при согласии обвиняемого с предъявленным ему обвинением // Уголовное право. – М.: Интел-Синтез, 2002, № 2. – С. 67-69
5. Трубникова Т.В. Упрощенные судебные производства в УПК РФ. Проблемы уголовного процесса в свете нового уголовно — процессуального кодекса Российской Федерации. Сборник научных трудов под редакцией Ю.К. Якимовича, Изд-во Томского университета, 2002. – С. 31-35.
6. Демидов В. Производство по уголовным делам в суде надзорной инстанции // Российская юстиция. – М.: Юрид. лит., 2003, № 3. – С. 31-33.



**Сафиева Ммуборак Сафиевна**


## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ПАДИДАИ ШОҲИДӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН


***Сафиева Ммуборак Сафиевна,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 908-68-88-77*



**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур баъзе мулоҳизаҳо оид ба падидаи шоҳидӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашида шудааст.Ҷиҳати самаранок татбиқ гардидан ва дар маҷмуъ амалӣ гаштани падидаи шоҳид, дар мақолаи мазкур, тавассути принсипи пурра, ҳамаҷониба ва холисона исбот кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, бахри таъмини адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва пайваста такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофивии ҷиноятӣ мафҳум ва моҳияти падидаи шоҳидӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** мурофиаи ҷиноятӣ, падидаи шоҳидӣ, пурсиши шоҳид, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, нишондоди бардурӯғ, хешовандони наздик, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ.

## НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ОБ ИНСТИТУТА СВИДЕТЕЛЯ В СОВРЕМЕННОМ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

***Сафиева Ммуборак Сафиевна,*** *ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 908-68-88-77*

**Анотация.** В данной статье анализируются актуальные вопросы института свидетеля в современном уголовно-процессуальном законодательстве Таджикистана. Для эффективного применения и всестороннего реализация института свидетеля, в настоящей статье на основе анализа принципа полного, всестороннего и объективного выявления всех обстоятельств совершение преступления, обеспечения справедливости по уголовным делам и постоянное совершенствование норм уголовно-процессуальное законодательство было исследовано понятия и сущность данного института.

**Ключевые слова:** уголовный процесс, институт свидетеля, допрос свидетелей, участники уголовного процесса, ложные показания, близкие родственники, участники уголовного процесса.

## SOME CONSIDERATIONS ABOUT WITNESS PHENOMENA IN THE MODERN CRIMINAL PROCEDURE LEGISLATION OF TAJIKISTAN

**Safiyeva Mmuborak Safievna,** Assistant of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision, Faculty of Law, Tajik National University

**Fhone:** +(+992) 908-68-88-77

**Annotation.** This article analyzes topical issues of some considerations regarding the witness phenomenon in the modern criminal procedure legislation of Tajikistan. For the effective application and comprehensive implementation of the witness phenomenon, in this article, through the principle of complete, comprehensive and objective proof of the circumstances of the commission of a crime, to ensure justice in criminal cases, the constant improvement of the legal norms for conducting criminal cases, the concept and content of the witness phenomenon was investigated.

**Keywords:** criminal process, witness phenomena, interrogation of witnesses, participants in the criminal process, false testimony, close relatives, participants in the criminal process.

Тағйиротҳои куллие, ки дар ҳаёти имрӯза мушоҳида мешаванд, муайян кардани асос, моҳият ва ба ҳам алоқамандии қонуниятҳои ташаккулёбӣ, заминаҳои инкишофи ҷомеа ва таъсири он ба инсон, аз он шаҳодат медиҳанд, ки омӯзиш, аз худ кардан ва таҳқиқоти шаклҳои воқеан самараноки татбиқ кардани донишҳои асоснок, ногузир аст.

Дар раванди таҳқиқотҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ мавқеи хосаро ишғол мекунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид менамоянд, ки: «Бояд тадбирҳое андешем, ки дар қатори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тамоми қувваҳои солими ҷомеа

ва ҳар як фарди ватандусту соҳибмаърифат ба муқобили ҷинояткорӣ, ҳамчун зуҳуроти хатарнок сафарбар гарданд»[289].

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии орому осудаи арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад»[290]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тағйиротҳои иҷтимоӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои инсон амалӣ мешаванд.

Бинобар ин, таҳқиқот дар самти таъмини адолати судӣ ва фароҳам овардани шароити воқеии осоишта ва арзанда, ба ҳар як фарди ҷомеа ногузир ва муҳим аст.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ танзим шудаанд, мазмуни меъёрҳои амалкунанда, инчунин роҳҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар фаъолияти худ, пеш аз ҳама, бояд риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар мадди аввал гузоранд.

Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳое мебошад, ки доир ба падидаи шоҳид дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун механизми амалигардонии функсияи давлатӣ, ки амалӣ ва риоя гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар доираи амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд, ташкил медиҳад.

Эътибори расмӣ пайдо намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолати риоя, иҷро, ҳимоя ва амалӣ гаштани онҳоро ифода мекунад, ки аз ҷониби давлат ва мақомоти он таъмин карда мешавад.

Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳамаи он шахсоне мебошанд, ки ваколати таъин кардани мурофиаи ҷиноятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё манфиатҳои қонунии онҳо дар мурофиа пешбинишуда, гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, намоянда, инчунин дигар шахсоне, ки ба онҳо кӯмак мекунанд, фаҳмида мешавад.

Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ваколат ва ҳуқуқҳои худро танҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд.

Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, вобаста аз самти фаъолияти худ, ба «иштирокчиёни айбдоркунӣ» ва «иштирокчиёни ҳимоя» тақсим карда мешаванд. Қонун доираи мақомот ва ашхосеро, ки метавонанд дар он иштирок кунанд, дақиқ муайян кардааст.

Тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиён вобаста ба вазифаҳои худ тақсим шудаанд ба: «иштирокчиёне, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд» ва «тарафи ҳимоя».

Мурофиаи ҷиноятӣ дар кишвари мо ба принсипҳои баробарии тарафҳо, ҷараёни баҳси тарафҳо асос ёфтааст ва дар ин сурат зарур аст, ки ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ваколатҳои худро новобаста аз якдигар иҷро кунанд ва фаъолияти онҳо бояд ба баррасии холисона нигаронида шавад.

Бояд муайян кард, ки ҳар кадоми онҳо кадом вазифаро иҷро мекунанд. Функсияи иштирокчиён мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки барои ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардидан бо назардошти мавқеи мурофиавии иштирокдорон, равона карда шудааст.

Он ба ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонуни ҷиноятии поймолшуда, инчунин ҳимоят аз содир кардани ҷиноят дахл дорад.

Ҳамзамон, ба вуҷуд овардани муносибатҳои муайян дар миёни тамоми мақомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони мансабдор ва шахсони воқеӣ аҳаммияти ҳалкунандаро доро мебошад.

Ин гуна робитаҳои ҷамъиятӣ муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ номида мешаванд.

---

[289]*Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 // Ҳақиқати Суғд. – 23 декабри 2017. – №153 (17834).*

[290] *Моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйироту иловаҳои охирин аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016).*

Мувофиқи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас уҳдадор нест ба муқобили худ, хешовандони наздик, ки доираи онҳоро кодекси мазкур муайян кардааст, нишондод диҳад[291].

Дар б. 4 м. 56-и Кодекси Мурофиавии Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст, ки хешовандони наздик зану шавҳар, падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, хоҳарон, бобокалон, биби, наберагон вазифадор нестанд ба муқобили худ ва наздикон нишондод диҳанд[292].

Дар қ. 1 м. 51 Конститутсияи Федератсияи Россия принсипи умумиэътирофшуда, ки дар қ. 3 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, м. 14 Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки дар он гуфта шудааст: «Ҳар як инсон ҳақ дорад ҳангоми баррасии ҳаргуна айбномаи ҷиноятӣ нисбати ӯ маҷбур нашавад, ки бар зидди худ шаҳодат диҳад ё гуноҳи худро эътироф кунад»[293].

Тибқи м. 6 боби 1 ва боби 7 КМҶ ҶТ, ки аз м. 56 то 60-ро дар бар мегирад, ба иштирокчиёни дигари мурофияи ҷиноятӣ дохил мешаванд: шоҳид, мутахассис, коршинос (эксперт), тарҷумон ва шахси холис.

Иштирокчиёни номбаршуда, функсияҳои мурофиавии ҷиноятиро (функсияи айбдоркунӣ, ҳимоя ё баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ) иҷро намекунанд.

Вале бидуни иштироки онҳо муайян кардани ҳақиқат, воқеияти кор оид ба парвандаи ҷиноятӣ, номумкин мегардонад.

Ин шахсон дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун воситаи исбот (нишондоди шоҳид, хулоса ва нишондоди коршинос, мутахассис) ё ҳамчун шахсоне, ки ба тафтишот ёри мерасонанд (мутахассис, тарҷумон, шахси холис), ба шумор мераванд.

Функсияи асосии иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ дар он мебошад, ки онҳо барои муайян намудани ҳолатҳои исботталаб, оид ба парвандаи ҷиноятӣ, ҷалб карда мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мафҳуми «иштирокчиёни дигар» мазуни дуюминдараҷа будани онҳоро надорад. Бе иштироки онҳо қисми муҳимтарини мурофиа – далеловарӣ ва исботкунӣ, ки барои моҳиятан ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ зарур аст, арзи вуҷуд карда наметавонад.

Аз ин рӯ, КМҶ ҶТ дар м. 175 муқаррар намудааст, ки дархости асосноки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ оид ба пурсиши шоҳидон, гузаронидани ташхиси (экспертизаи) судӣ рад карда нахоҳад шуд.

Дар давраҳои тосудии парвандаи ҷиноятӣ, иштироки онҳо пеш аз ҳама барои муайян кардани ҳақиқат мусоидат мекунад.

Мурофиаи ҷиноятӣ яке аз марҳилаҳои рушди амалисозии адолати судӣ ба шумор рафта, дар он пеш аз ҳама, далелҳо нақши муҳим доранд.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намуд ва шаклҳои далелро муайян мекунад.

Яке аз далелҳои муҳим дар мурофиаи ҷиноятӣ нишондоди шоҳид мебошад, чунки дар моддаи 88-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки «мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо суръат мегирад» ва яке аз роҳҳои ба амал баровардани ин принсип пешниҳод намудани далелҳо мебошад.[294]

---

[291] *Қ. 5 м. 12 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 01.05.2023).*

[292] *Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбороти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – м. 815.*

[293] *Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966.*

[294] *Ниг: Тафсири илмию оммавии Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон/ Зери таҳрири академикМаҳмудов М.А. Душанбе 2009. С.465.*

Шоҳид – ба сифати шоҳид барои додани нишондод шахсе даъват карда мешавад, ки ба ӯ ягон ҳолати барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, маълум аст (қ. 1 м. 56 КМҶ ҶТ).

Шоҳид ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми исботкунӣ нақши хеле ҳам бузургро иҷро мекунад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки на ҳамаи шахсоне, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумот доранд, шоҳид ба ҳисоб меравманд.

Шоҳид танҳо ҳамон шахсе мебошад, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ, барои додани нишондод даъват карда шудааст.

Шоҳид одатан барои пурсиш аз ҷониби шахси пешбарандаи тафтиши парванда даъват карда мешавад, вале гумонбаршаванда, айбдоршаванда, адвокати онҳо, ҷабрдида, дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бо ҳуқуқи пешниҳод, дархост дар бораи ин шахс ба шоҳид даъват карда мешаванд.

Дар ҷараёни мурофиа, шоҳидони айбдоркунанда ва ҳимоятгар пешниҳод карда мешаванд[295].

Тартиби даъват ва пурсиши шоҳид дар м.197-202 КМҶ пешбинӣ гардидааст.

Шоҳид барои пурсиш тавассути даъватнома даъват карда шуда, дар он ба ҳайси кӣ, ба назди кӣ, ба кадом суроға, вақти ҳозир шудан, оқибатҳои бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан қайд карда мешавад.

**Аннотация:** В статье исследуются проблемные вопросы соотношения проверки и оценки доказательств в уголовном процессе Республики Таджикистан. А также, делается вывод об одновременном использовании средств и методов проверки и оценки доказательств.

**Ключевые слова:** уголовный процесс, элементы доказывания, проверка доказательств, оценка доказательств, процесс доказывания.

## CORRELATION OF VERIFICATION AND ASSESSMENT OF EVIDENCE IN CRIMINAL PROCEEDINGS

***Isoev Komyor Madvalievich,*** *Assistant of the Department of Judicial law and prosecutor's supervision of the law faculty of the Tajik national University* ***Phone:*** *(+992) 985-01-55-55* ***E-mail:*** *isoev10k@gmail.com*

**Annotation:** In the article problematic issues of a ratio of check and assessment of evidence in criminal trial of Tajikistan are investigated. The conclusion about simultaneous use of means and methods of verification and assessment of evidence is drawn.

**Key words:** criminal proceedings, elements of proving, verification of evidence, assessment of evidence, proving process.

Масъалае, ки то кунун миёни олимони муҳаққиқон ақидаи муайяну умумиэътирофшуда ба назар намерасад, ин омезиш ёфтани унсури тафтиш бо баҳо додани далелҳо мебошад. Воқеан, таҳлили натиҷаҳои тадқиқот дар илми мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ки ин ду зуҳурот (тафтиш ва баҳо додани далелҳо) аз рӯи бархе аз ҷузъиётҳо бо ҳам монанд ҳастанд. Чун, баҳо додани далелҳо дар баробари тафтиши далелҳо низ аз фаъолияти равонӣ иборат мебошад.

Мутобиқи м. 87 далелҳои аз рӯи парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва холисона тафтиш карда шаванд. Тафтиш аз таҳлили далелҳои ба даст овардашуда, муқоисаи онҳо бо дигар далелҳо, далелҳои нави ҷамъовардашуда, манбаъҳои ба даст овардашудаи далелҳо иборат аст[311]. Дар заминаи таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи моддаи

[311] *Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009сол.*

мазкур, ба хулосае омадан мумкин аст, ки раванди тафтиши далелҳо аз фаъолияти якҷояи амалӣ ва равонӣ ё худ ақлонӣ иборат мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ба қисмати фаъолияти равонии тафтиши далелҳо муқоиса намудани далелҳои аз ҷониби субъектони исботкунӣ ҷамъовардашуда мансуб дониста мешавад. З.З. Зинатуллин, Т.З. Егорова,Т.З. Зинаттулин дар робита ба ин масоил чунин хулосабарорӣ менамоянд, ки дар рафти фаъолияти равонии тафтиши далелҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор аз методҳои индуктивӣ, дедуктивӣ, анализ ва синтез, ки хоси илми мантиқ аст, васеъ истифода менамоянд[312]. Қисмати амалии тафтиши далелҳо бошад, аз ҳаракатҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, ки дар ҷараёни он далелҳои ҷадид ба даст оварда мешаванд, иборат мебошад. Дар ин хусус, Ю.К. Орлов изҳор менамояд, ки тафтиш одатан бо роҳи ба даст овардани далелҳои ҷадид, ки мустақим ё ғайримустақим далелҳоро тасдиқ (рад) менамояд, ба амал бароварда мешавад[313]. Лозим ба зикр аст, ки далелҳои мустақим ва ҳам далелҳои ғайримустақим бояд мавриди тафтиш қарор дода шаванд.

Проблемаи баҳодиҳии далелҳо ҳанӯз миёни мурофиачиёни то инқилоб вуҷуд дошт ва вақтҳои охир ба ин масоил олимону муҳаққиқони муосир бештар мароқ зоҳир намуда истодаанд. Ин ҳам бошад, тасодуфӣ нест, зеро баҳодиҳии далелҳо яке аз қисматҳои афзалиятноки раванди исботкунӣ маҳсуб ёфта, дар асоси маҷмӯи далелҳои ҷамъовардашуда ва тасдиқгардида, донишҳои муайян дар хусуси фактҳо ва ҳолатҳое, ки ба предмети исботкунӣ дохил мешаванд, пайдо намудан мумкин аст. Беҳуда нест, ки В.Д. Арсенев баҳодиҳии далелҳоро «ҷони исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ» номидааст, чункӣ иштибоҳ намудан дар баҳодиҳии далелҳо дар аксарият мавридҳо боиси беасос айбдор ва маҳкум кардани шахси бегуноҳ мегардад[314].

Ҳамин тавр, муаллиф ҷидду ҷаҳд менамояд, ки хусусият ва ҷабҳаҳои асосии тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо манзур намуда, байни онҳо сарҳад гузорад, зеро ҳар яке аз онҳо унсури мустақили раванди исботкунӣ пазируфта мешавад.

Ба назари мо, ақидаи ҷолиб ва диққатҷалбкунандаро дар бобати ҷудо намудани ҳудуд ё доираи тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо М.М. Михеенко иброз намудааст. Мавсуф изҳор менамояд, ки фарқияти асосии тафтиши далелҳо аз баҳодиҳии далелҳо дар он аст, ки тафтиши далелҳо бо роҳи амалҳои тафтишию судӣ ва ҳам бо ёрии фаъолияти ақлонӣ ба амал бароварда мешавад. Баҳодиҳии далелҳо бошад, фаъолияти сирф ақлонӣ мебошад[315]. Гарчанде, ки ақидаи мазкур ба қарни 20 рост меояд, аммо мавқеи ишғолкардаи М.М. Михеенко дар бобати фарқияти тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо ҳанӯз ҳам мубрам арзёбӣ мешавад. Зиёда аз ин, пай бурдан мумкин аст, ки олимону муҳаққиқони даврони муосир ба муҳиммияти масъалаи мазкур мароқ зоҳир намуда, назарҳои мухталифи худро пешбарӣ намуда истодаанд. Ин ҳам бошад, дар заминаи вусъат ёфтани қонунгузорӣ, назария ва пешрафти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ сурат гирифта истодааст.

Ҷиҳати ҳарҷӣ фарохтару паҳновар пажуҳиш намудани зуҳуроти исботкунӣ, ба хусус ошкор намудани хусусиятҳои фарққунандаи тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо муҳаққиқи рус Ю.К. Орлов борҳо ибрози назар намудааст, ки мазмунан бо ақидаи қаблан ишорагардидаи М.М. Михеенко шабеҳият дорад.

Ҳамин тавр, назари Ю.К. Орловро манзур намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем. Мавсуф қоидаи махсусро вобаста ба ҷудо намудани зуҳуроти тафтиш ва баҳо додани далелҳо пешниҳод менамояд: дар ҷойе, ки сухан дар бораи сирф ҷараёни равонӣ меравад, – баҳодиҳӣ аст, дар мавриде, ки ба ғайр аз фаъолияти равонӣ ҳамчунин фаъолияти амалиявӣ

---

312 *Ниг.: Зинатуллин З. З., Егорова Т. З., Зинатуллин Т. З. Уголовно-процессуальное доказывание. Концептуальные основы. Ижевск, 2002. С.113.*

313 *Ниг.: Орлов Ю.К. Основы теории доказательств в уголовном процессе. М., 2000.*

314 *Арсеньев В.Д. Вопросы общей теории судебных доказательств. М., 1964. – С. 130.*

315 *Ниг.: Михеенко М.М. Доказывание в советском уголовном судопроизводстве. Киев Изд. Выща школа 1984г. – С. 11-13.*

мушоҳида мешавад, тафтиш маҳсуб меёбад[316]. Ба ибораи дигар, дар тафтиш фаъолияти пайдарҳамии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд тариқи мушоҳида, муқоиса, хондан, тавсифнамоӣ, андозагирӣ ва ғ. мавриди амал қарор дода мешавад.

Ба назари мо, ақидаҳои манзургардида дар хусуси муайян намудани фарқияти асосӣ байни унсурҳои тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо дар маҷмӯъ қобили қабул буданд. Аммо вақте, ки сухан дар бораи ду зуҳуроти ҷудогона меравад, нахуст бояд хусусиятҳо ва ҷабҳаҳои онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шаванд ва сониян дар робита ба онҳо хулосабарорӣ намуд. Ба андешаи банда, муҳаққиқон М.М. Михеенко ва Ю.К. Орлов фарқияти онҳоро танҳо аз нигоҳи назариявӣ ва рафти фаъолият мепиндоранд. Аз ҳамин нуқтаи назар, ин мавқеи олимон барои мо аз нигоҳи назариявӣ воқеан дуруст аст.

Дар баробари ин, олимони дигарро низ ишора намудан ба маврид аст, ки ҷабҳаҳои фарқкунандаи тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро аз рӯи нишондодҳои дигар низ манзур намудаанд. Чунончӣ, тибқи андешаҳои А.В. Рудин ва О.А. Берзин тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро танҳо дар асоси донишҳои назариявӣ тафовут гузоштан чандон қобили қабул нест, зеро аз лиҳози амалиявӣ ҳарсе унсурҳои исботнамоӣ дар фазои «ягонаи диалектикӣ» қарор дошта, ҷудо намудани онҳо ғайриимкон аст[317]. Воқеан, дар раванди амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ муайян намудани марз миёни тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бениҳоят душвор аст, зеро ҳардуи унсур дорои сифатҳои равонӣ (ақлонӣ) аст.

Ҳамин тариқ, бо вуҷуди андешаҳои мухталиф бобати таносуб ва фарқияти тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо, банда бар он андеша аст, ки аз нигоҳи назариявӣ ва рафти фаъолияти онҳо тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо аз якдигар фарқ доранд, вобаста ба ҷабҳаҳои амалиявӣ бошад, байни ин ду зуҳурот фарқ гузошта намешавад. Зимнан бояд таъкид намуд, ки қонунгузор бешак ин ду унсури исботнамоиро аз ҳам ҷудо намудааст. Масалан, КМҶ ҶТ мутаносибан ба унсури тафтиши далелҳо (моддаи 87) ва баҳодиҳии далелҳо (моддаи 88-ро) бахшида аст.

**Адабиёт:**


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009;
2. Зинатуллин З.З., Егорова Т.З., Зинатуллин Т.З. Уголовно-процессуальное доказывание. Концептуальные основы. Ижевск, 2002;
3. Орлов Ю.К. Основы теории доказательств в уголовном процессе. М., 2000;
4. Арсеньев В.Д. Вопросы общей теории судебных доказательств. М., 1964;
5. Михеенко М.М. Доказывание в советском уголовном судопроизводстве. Киев Изд. Вышая школа. 1984;
6. Орлов Ю.К. Проблемы теории доказательств в уголовном процессе. М., 2009;
7. Рудин А.В. Берзин. Доказательства в уголовном процессе: вопросы соотношения их проверки и оценки. Вестник Краснодарского университета МВД России. №1. 2017.


**Зиёваддинов Исломҷон Искандарович**

## НАҚШИ ПАДИДАИ ОФИЯТ ДАР ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ШАХС ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

***Зиёваддинов Исломҷон Искандарович**, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тел.:** (+992) 905-95-09-05 **E-mail:** islom_iskandar@mail.ru*

[316] *Муфассал ниг.: Орлов Ю.К. Проблемы теории доказательств в уголовном процессе. М., 2009. – С. 116.*
[317] *Муфассал ниг.: Рудин А.В. Берзин. Доказательства в уголовном процессе: вопросы соотношения их проверки и оценки. Вестник Краснодарского университета МВД России. – №1. 2017. – С. 57.*

**Фишурда:** Риоя ва иҷроиши ҳуқуқу озодиҳои шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ аз вазифаҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Табиист, ки зимни роҳандозӣ намудани ин навъи фаъолият ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни ингуна муносибат эҳтимоли зарар расонидан вуҷуд дорад. Яке аз роҳҳои муассири ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмин намудани реҷаи қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ ин муқаррар намудани кафолатҳои мурофиавӣ маҳсуб меёбад. Дар мақолаи мазкур муаллиф бо дастрасии адабиётҳои илмии ватаниву хориҷӣ яке аз падидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ – офиятро мавриди таҳлил қарор додааст, ки падидаи мазкур ба сифати яке аз кафолатҳои мурофиавӣ баромад менамояд.

**Калидвожа:** ҳуқуқи инсон, кафолат, қонуният, назорат, суд, ҳимоя, офият, вазифа, зарар, ваколат.

## РОЛЬ ФЕНОМЕНА РЕАБИЛИТАЦИИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРАВ И СВОБОД ЛИЧНОСТИ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

***Зиёваддинов Исломджон Искандарович,*** *ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.: (****+992) 905-95-09-05* ***E-mail:*** *islom_iskandar@mail.ru*

**Аннотация:** Соблюдение и обеспечение прав и свобод личности в уголовном судопроизводстве считается одной из основных задач уголовного судопроизводства. Естественно, что при осуществлении данного вида деятельности существует вероятность причинения вреда законным правам и интересам участников таких отношений. Одним из наиболее эффективных способов защиты прав и свобод человека и гражданина и обеспечения законности в уголовном судопроизводстве является установление процессуальных гарантий. В данной статье автор проанализировал одно из явлений уголовного судопроизводства – реабилитацию, с доступом к отечественной и зарубежной научной литературе, что выступает одной из процессуальных гарантий.

**Ключевые слова:** права человека, гарантия, законность, контроль, суд, защита, реабилитация, обязанность, ущерб, полномочия.

## THE ROLE OF THE PHENOMENON OF REHABILITATION IN ENSURING THE RIGHTS AND FREEDOMS OF THE INDIVIDUAL IN THE CRIMINAL PROCEDURE

***Ziyovaddinov Islomjon Iskandarovich,*** *assistant of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone: (****+992) 905-95-09-05*
***E-mail:*** *islom_iskandar@mail.ru*

**Annotation:** Observance and ensuring the rights and freedoms of the individual in criminal proceedings is considered one of the main tasks of criminal proceedings. Naturally, when carrying out this type of activity, there is a possibility of harm to the legitimate rights and interests of the participants in such relations. One of the most effective ways to protect the rights and freedoms of man and citizen and ensure the rule of law in criminal proceedings is the establishment of procedural guarantees. In this article, the author analyzed one of the phenomena of criminal proceedings – rehabilitation, with access to domestic and foreign scientific literature, which is one of the procedural guarantees.

**Key words:** human rights, guarantee, legality, control, court, protection, rehabilitation, obligation, damage, powers.

Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон яке аз умдатарин масъалаҳо мебошад, ки тамоми консепсияҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар пояи эътироф ва риоя гардидани он таҳия карда шудааст.

Дар низоми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавқеи мурофиаи ҷиноятӣ ҳам кам нест, зеро «эҳтимоли поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ин намуди мурофиа зиёд ба мушоҳида мерасад.

Бо сабаби оне, ки дар рафти амалӣ намудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба субъектони ваколатдорнамудаи қонунгузорӣ ваколатҳои васеи ҳокимиятӣ-мурофиавӣ дода шудааст, ки метавонад дар ҳар як лаҳза боиси поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои шахс гардад ва ё ба ӯ зарарҳои моддӣ ва ё маънавӣ расонида шавад. Бо ин мақсад зарур мебошад, ки кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ пурзур карда шавад.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ озодиҳои инсон ва шаҳрванд як қатор кафолатҳои мурофиавӣ муқаррар карда шудааст. Яке аз кафолатҳои мурофиавии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс ин падидаи офият (реабилитатсия) маҳсуб меёбад.

Пеш аз оне, ки доир ба нақш ва аҳамияти падидаи офият дар таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шахс сухан ронем, бояд умуман оид ба мазмуни кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ чанд нуқтаро баён намоем.

Қудратов Н.А. баён медорад, ки кафолат – ин имкониятҳо ва воситаҳои аз тарафи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ додашуда барои амалигардонии ҳуқуқ, озодӣ ва ҳифзи онҳо мебошанд.[318] Олими рус Иванова Т.Д. бошад оид ба кафолатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ чунин баён намудааст, ки кафолатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ яке аз воситаҳои асосии татбиқи дигар унсурҳои вазъи умумии ҳуқуқии шаҳрванд (ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ) ба ҳисоб меравапд, зеро вазъи мурофиавии ҷиноятӣ унсури вазъи умумии ҳуқуқӣ мебошад.[319]

Кафолатҳои мурофиавӣ воситаҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ имконияти иҷрои ӯҳдадориҳои худ ва истифодаи ҳуқуқҳои додашударо фароҳам меоварад. Кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ воситаҳо ва усулҳои муқаррарнамудаи қонун барои таъмини ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд, ки ба татбиқи бомуваффақияти адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс мусоидат мекунанд.[320]

Моҳияти кафолатҳои мурофиаи ҷиноятӣ – ин фароҳам овардани шароитҳои объективӣ, инчунин шартҳои воқеии таъмини пурраи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ номидан мумкин аст.

Асоси кафолатҳои ҳуқуқҳои шахсро дар мурофиаи ҷиноятӣ ин ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ташкил медиҳанд, ки дар Конститутсия муқаррар ва таъмин карда шудаанд, ки вазъи ҳуқуқии шахсро муайян мекунанд, аз ҷумла, дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ. Ин меъёрҳои бунёдӣ, ки кафолати ҳуқуқҳои шахсро муайян мекунанд, дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муайян карда шудаанд.[321]

Олими рус В.С. Нерсесянс бар он ақидааст, ки кафолатҳои ҳуқуқӣ идеяи амали ҳамоҳангшудаи қонун ва давлатро дар бар мегиранд, вақте ки баъзе шаклҳо, самтҳо ва функсияҳои танзим ва фаъолияти давлатӣ-ҳуқуқӣ дар як вақт ҳамчун механизми муҳофизатӣ барои дигарон хизмат мекунанд ва баръакс. Маҳз дар шароити дастгирӣ ва

---

[318] *Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд. Душанбе, 2013. – С. 12.*

[319] *Иванова Т.Д. Гарантии прав и законных интересов иностранных граждан в уголовном процессе россии: Дисс. ... канд. юр. наук. Самара – 2015. – С. 41.*

[320] *Зиёвадинов И.И. Вазъи ҳуқуқи мурофиавӣ-ҷиноятии шаҳрвандони хориҷӣ ва аҳамияти он. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистн: 10 - соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе, 16-уми ноябри соли 2020). Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 189.*

[321] *Ребо В.А. Уголовно-процессуальные гарантии прав обвиняемого: понятие и признаки. Вестник Санкт-Петербурского университета МВД России №3 (31) 2006. – С. 220.*

ҳамоҳангсозии қисматҳо ва ҷанбаҳои гуногуни тамоми маҷмӯи давлатӣ-ҳуқуқӣ шаклу сохторҳои махсуси кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои шахс метавонад нақши муҳофизатии худро комилан, яъне воқеан иҷро намояд.[322]

Дар таҷрибаи амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар то ба ҳол як қатор ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шаҳрвандон вуҷуд дорад, ки сабаби асосии он, ин ҳаматарафа, пурра ва холисона тафтиш нагардидани ҳолатҳои содир гардидани ҷиноят маҳсуб меёбад ва оқибатҳои ҳуқуқии ин падида пеш аз ҳама дар нақзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ифода меёбад, ки боиси ба вуҷуд омадани ҳеҷангории ҳуқуқӣ дар ҷомеа гардида, мақому манзалати давлатро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ паст менамояд.

Беасос ё ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва маҳкум намудан ба ҷабрдидагон, чун қоида, бо азоби рӯҳӣ, эҳсосоти маънавӣ ва маҳрумиятҳои моддӣ алоқаманд аст.[323] Дар сурати ошкор гардидани чунин ҳолатҳо, ки ба шахс зарар ғайриқонунӣ расонида шудааст, бояд, ки зарари расонидашуда ба ӯ пурра рӯёнида дода шавад.

Қонунгузор ду самти фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро ҷудо намудааст, ки на танҳо ҷазодиҳӣ, балки моҳияти ҳуқуқии инсонии ин фаъолиятро таъкид намуда, қайд мекунад, ки таъқиботи ҷиноятӣ ва таъини ҷазои одилона ба гунаҳгор бо мақсади мурофиаи ҷиноятӣ бояд, ки мувофиқат намоянд, ба монанди рад кардани таъқиботи ҷиноятӣ, озод кардани онҳо аз ҷазо, офиятбахшии ҳар шахсе, ки беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шудааст.[324]

Мурофиаи ҷиноятӣ ба як қатор меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳои инсондӯстона асос ёфтааст, ки маҳз падидаи офиятнамоӣ пеш аз ҳама ба принсипи инсондӯстона, яъне арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он асос ёфтааст. Профессор З.Ҳ. Искандаров дуруст қайд менамоянд, ки вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ нав шудааст, ба монандӣ: – ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, аз як ҷониб; аз ҷониби дигар аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳимоя мекунад, муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ.[325]

Беасос ва ғайриқонунии ба ҷавобгриии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс – ин пеш аз ҳама боиси вайроншавии як қатор принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва дар умум метавонад, ки томияти мурофиаи ҷиноятиро халалдор сохта, ба ҳуқуқу манфиатҳои шахсоне, ки беасос ва ғайриқонунӣ ба муносибатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, халал ворид намояд.

Бешубҳа, шахсоне, ки дар муносибатҳои мурофиавӣ-қарор доранд, агар дар чунин муносибатҳо вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс, сӯистифода намудан аз ваколатҳои мансабӣ ва ё қонуншиканӣ аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ содир гардида бошанд, бояд, ки ҳолатҳои мазкур бояд, ки бартараф кардашуда, ҳуқуқҳои вайронгардида барқарор ва зарари расонидашуда ҷуброн карда шаванд ва барои ин ҳолат танҳо кафолатҳои мурофиавии муқаррарнамудаи қонун мусоидат карда метавонанд.

Тазаккур ба зикр аст, ки падидаи офиятбахшии шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз самтҳои муҳими дастёбӣ ба бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбад.

---

[322] *Нерсесянц В.С. Права человека в истории политической и правовой мысли (от древности до Декларации 1789 г.) // Права человека в истории человечества и современном мире. М., 1989. С.22.*

[323] *Подопригора А.А. Реабилитация в уголовном процессе России. Автореферат дис. ... канд. юрид. наук. - Ростов-на-Дону, 2004. – С. 3.*

[324] *Хузина Н.А. Роль института реабилитации в уголовном судопроизводстве // Территория науки. - 2014. – № 1. – С. 221-226.*

[325] *Искандаров З.Ҳ. Ташкили таҳқиқ дар мақомоти гумрук: танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои инкишоф // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 1 (25). – С. 224.*

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита дар м. 21 муқаррар карда шудааст, ки ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарaро барои ҷабрдида кафолат медиҳад.[326]

Дар м. 2 КМҶ ҶТ вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст, ки тамоми фаъолияти мурофиавии субъектони муқаррар намудаи қонун баҳри дастёб гардидан ба вазифаҳои мазкур маҳсуб меёбад.

Яке аз вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳам низ ин ҳимоя намудан аз беасос айбдор ва маҳкум кардани шахс ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ мебошад ва дар сурати гунаҳгор донистан ва ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯро бетаъхир сафед менамоянд. Дар сурати ғайриқонунӣ ва беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс наметавон ба ҳадафу мақсадҳо, яъне, ки ба тамоми вазифаҳои дар назди мурофиаи ҷиноятӣ истода, ноил гардид.

Дар асоси овардаҳои болозикр метавон гуфт, ки офиятбахшӣ ин яке аз вазифаҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб ёфта, ба ҳайси кафолатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ баромад менамояд ва дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши бориз иҷро менамояд.

**Адабиёт:**


1. Зиёвадинов И.И. Вазъи ҳуқуқи мурофиавӣ-ҷиноятии шаҳрвандони хориҷӣ ва аҳамияти он. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистн: 10 – соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе, 16-уми ноябри соли 2020). Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 189.
2. Иванова Т.Д. Гарантии прав и законных интересов иностранных граждан в уголовном процессе россии: Дисс. … канд. юр. наук. Самара – 2015. С. 41.
3. Искандаров З.Ҳ. Ташкили таҳқиқ дар мақомоти гумрук: танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои инкишоф // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 1 (25). – С. 224.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1_TJ.pdf (санаи муроҷиат: 28.01.2023).
5. Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд. Душанбе, 2013. С. 12.
6. Нерсесянц В.С. Права человека в истории политической и правовой мысли (от древности до Декларации 1789 г.) // Права человека в истории человечества и современном мире. М., 1989. С.22.
7. Подопригора А.А. Реабилитация в уголовном процессе России. Автореферат дис.... канд. юрид. наук.-ростов-на-Дону, 2004. – С. 3.
8. Ребо В.А. Уголовно-процессуальные гарантии прав обвиняемого: понятие и признаки. Вестник Санкт-Петербурского университета МВД России №3 (31) 2006. С. 220.
9. Хузина Н.А. Роль института реабилитации в уголовном судопроизводстве // Территория науки. – 2014. – № 1. С. 221-226.



**Рустамзода Шукрона**


## МАФҲУМ ВА НИШОНАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТӢ


***Рустамзода Шукрона,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 900-75-75-70* ***E-mail:*** *rustamzodashukrona@gmail.com*


[326] *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1_TJ.pdf (санаи муроҷиат: 28.01.2023).*

**Фишурда.** Адвокат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин институтҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ӯ ба маънои васеъ ва маҳдуд бояд афзалияти фаъолияти ҳар як давлат мебошад. Адвокат як ниҳоди беназир аст, зеро маҳз барои мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ташкил шудааст. Дар мақола, дар заминаи таҳлили адабёти ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ мафҳум ва нишонаҳои хоси фаъолияти адвокатӣ таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** адвокат, фаъолияти адвокатӣ, ёрии ҳуқуқӣ, расондани ёрии ҳуқуқӣ, адвокатура, ваколатҳои адовкат, асосҳои фаъолияти адвокатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

## ПОНЯТИЕ И ПРИЗНАКИ АДВОКАТСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Рустамзода Шукрона,*** *ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Национального университета Таджикистана* ***Тел.:*** *(+992) 900-75-75-70* ***E-mail:*** *rustamzodashukrona@gmail.com*

**Аннотация.** Адвокатура в Республике Таджикистан является одним из важнейших социально-правовых институтов гражданского общества. Защита его прав, свобод и законных интересов в широком и ограниченном смысле должна быть приоритетом каждого государства. Адвокат – это уникальный институт, ведь он создан для защиты прав и свобод граждан. В статье на основе анализа юридической литературы, законодательства и опыта зарубежных стран анализируются понятие и специфические признаки адвокатской деятельности.

**Ключевые слова:** адвокат, адвокатская деятельность, юридическая помощь, оказание юридической помощи, адвокатская деятельность, полномочия адвоката, основы адвокатской деятельности, защита прав и свобод человека и гражданина.

## CONCEPT AND SIGN OF LAWYER'S ACTIVITY

***Rustamzoda Shukrona,*** *assistant of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 900-75-75-70* ***E-mail:*** *rustamzodashukrona@gmail.com*

**Annotation.** Advocate in the Republic of Tajikistan is one of the most important social and legal institutions of civil society. Protection of his rights, freedoms and legal interests in the broad and limited sense should be the priority of every state. The lawyer is a unique institution, because it was created to help protect the rights and freedoms of citizens. In the article, on the basis of the analysis of legal literature, legislation and experience of foreign countries, the concept and specific signs of advocacy are analyzed.

**Keywords:** lawyer, lawyer's activity, legal aid, providing legal aid, advocacy, attorney's powers, basics of lawyer's activity, protection of human and citizen's rights and freedoms.

Адвокат – яке аз институти муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми мақомоти адлия нақши калидӣ дорад. Таъиноти асосии ин институт бо вазифҳое, ки дар назди шахс, ҷомеа ва давлат дорад, алоқаманд аст. Таъиноти асосии он ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон бо роҳи расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ маҳсуб меёбад. Қонунгузорӣ бо мақсади ба таври пурра, ҳаматарафа, объективона, озод ва мустақилона расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон кафолатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиву ташкилиро барои адвокатҳо пешбинӣ намудааст.

Дар ҷаҳони печидаи муносибатҳои ҷомеаи муосир дар пасманзари равандҳои марбут ба рушди ҷаҳонии демократия, таҳкими ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии шаҳрванд, рушди босуръати муносибатҳои бозорӣ, имкони ҳамаҷониба барои

фардикунонии худи аъзоёни ҷамъият ва кӯшиши баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ, инкишофи бенизоми гуруҳҳои иҷтимоӣ ва дигар қишрҳо бо манфиату нуқтаи назари худ, баҳс байни аъзоёни ҷамъият ва дар муносибат бо давлат хеле зиёд мешавад. Ҷомеаи муосири мутамаддин ба ҳалли баҳсҳо ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои поймолшуда мурочиат намуда, инчунин иҷрои уҳдадориҳоро бо роҳи мурочиат ба суд даъват мекунад, зеро ин усул ягона воситаи ҳуқуқии ҳалли аксари баҳсҳо мебошад.

Аз тарафи адвокатҳо расонидани ёрии ҳуқуқӣ фаъолияти бе ҳадду ҳудуд набуда, балки танзимгашта мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ташкил ва фаъолияти адвокатҳоро қонунгузорӣ танзим намудааст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 №1182[327], дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» санади меъёрии махсусе мебошад, ки муносибатҳо вобаста ба асосҳои ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои адвокатҳо ва ташкили адвокатураро муқаррар мекунад. Маҳз дар моддаи 1-и Қонуни мазкур мафҳуми фаъолияти адвокатӣ пешбинӣ карда шудааст, ки мувофиқи он «фаъолияти адвокатӣ – фаъолияти касбиест, ки онро шахсони соҳиби мақоми адвокат гардида, ҷиҳати расонидани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо, инчунин таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ амалӣ менамоянд.

Фаъолияти адвокатӣ – фаъолияти бо қонунгузорӣ ба танзимдаровардашуда буда, баҳри расонидани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати шахсон, ҳамчунин таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ равона карда шудааст[328]. Азбаски фаъолияти адвокатиро қонун ба танзим даровардааст, он бояд ба талаботҳои пешниҳоднамудаи он ҷавобгу бошад. Қонуни адвокатура, санадҳои байналхалқӣ, санадҳои корпоративӣ маҷмуи ҳамаи талаботҳоро мукарар намудаанд, ки ҳар як адвокат ҳангоми фаъолият бояд ба инобат гирад. Ин талаботҳоро баъзе аз олимон чун асосҳои фаъолияти адвокатӣ, дигарон стандарти фаъолияти касбии адвокат, сеюмиҳостандарти амалияи адвокатӣ меноманд[329].

Қонуни адвокатураи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуаи ин қоидаҳоро дар боби дуюм зери сарлавҳаи «Асосҳои фаъолияти адвокатӣ» ифода намуд, ки аз инҳо иборат аст: а) ваколатҳои адвокат; б) ҳуқуқҳои адвокат; в) уҳдадориҳои адвокат; г) сирри адвокатӣ; ғ) кафолати мустақилияти адвокат.

Аз ин зиёда талаботҳоро нисбати фаъолияти адвокатӣ ва нақши адвокатҳо санади байналхалқӣ, аз ҷумла Қоидаҳои асосӣ дар бораи нақши адвокатҳо, ки аз ҷониби Конгресси СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва мурочиат ба ҳуқуқвайронкунандагон 7 сентябри соли 1990[330] қабул гардидааст, мустаҳкам намудааст:

– дастрас будани адвокатҳо ва ёрии ҳуқуқӣ;
– кафолатҳои махсус дар масъалаи адлияи ҷиноятӣ;
– тахассус ва тайёр намудани кадр;
– уҳдадориҳо ва масъулият;

---

[327] *Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 07.02.2020).*

[328] *Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ. Васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «Эр-граф», 2016 – 112 с.*

[329] *Ниг.:Адвокатская деятелность / Под ред. В.И. Буробина. М.: Изд.ИНЭПУ.2001. –с. 113-158*

[330] *Основные принципы, касающиеся роли юристов. [Электронный ресурс]. – Источник доступа: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/role_lawyers.shtml (дата обращения: 10.03.2023).*

– кафолатҳои фаъолияти адвокатӣ; озодии гуфтор ва иттиҳод; иттиҳоди касби адвокатҳо ва истеҳсолоти интизомӣ.

Ин талаботҳо на танҳо нисбати адвокатҳо, балки нисбати дигар шахсон ва мақомоҳое равона шудааст, ки дар таъмин намудани фаъолияти муътадили адвокатҳо иртиботе доранд.

Ба андешаи профессор Искандаров З.Ҳ. асосҳои фаъолияти адвокатӣ гуфта, қоидаҳоеро меноманд, ки талаботҳои умумиро нисбат ба фаъолити адвокатӣ таҷассум намуда, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардида ё амалияи адвоктӣ пазирой намуда, риояи онҳо ҳатмӣ мебошад[331].

Асосҳои ахлоқии фаъолияти адвокатҳоро Кодекси одоби касбии адвокатҳо муқаррар менамояд. Қонунҳои мурофиавӣ низ талаботҳоеро намудааст, ки адвокатҳо ҳангоми фаъолияти мурофиавиашон онҳоро чун асоси фаъолият ба роҳбарӣ мегиранд. Заминаи татбиқ ва сарчашмаи инкишофи ҳамагуна асосҳои фаъолияти адвокатӣ ин таҷрибаи амалии онҳо буда, вай даҳҳо дигар қоидаҳоро кашф менамояд.

Асосҳои фаъолияти адвокатӣ гуфта фаъолияти бо қонунгузорӣ танзимшудаи адвокатҳоро меноманд, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодӣ ва манфиатҳои онҳо, ҳамчунин таъмини дастарасӣ ба адолати судӣ аз тарафи шахсони ба мақоми адвокатӣ соҳибшуда мебошад. Аз мафҳуми зикршуда хусусусиятҳои асосии фаъолияти адвокатиро ҷудо кардан мумкин аст:

– ин фаъолияте мебошад, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқиии касбӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона карда шудааст;

– расонидани чунин намуди ёрӣ ба шахсон асоси фаъолияти касбӣ дорад;

– шахсоне, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонанад, бояд мақоми адвокатиро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ ба даст оварда бошанд;

– ин фаъолият бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин таъмини дастраси ба адолати судӣ амалӣ карда мешавад.

Танҳо дар сурати мавҷудияти ҳамаи аломатҳои дар боло зикршуда метавон он фаъолияти шахсонро ҳамчун фаъолияти адвокатӣ эътироф намуд.

Фаъолиятеро, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқии касбӣ равона карда нашуда, ҳамчун фаъолияти адвокатӣ эътироф кардан имконнопазир аст (масалан, бақайдгирии корхона, дар мақомоти бақайдгиранда,дархост ба мақомот оид ба гирифтани намудҳоии гуногуни ҳуҷҷатҳо ва ё нусхаҳои он, ё иштиро дар бастани шартномаҳо ё дигар намуди фаъолияте, ки хусусияти касбии ҳуқуқӣ надоранд). Фаъолияте, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқии касбӣ равона карда шудааст, аммо он на аз тарафи шахсони ба мақоми адвокатӣ соҳибгашта, балки аз тарафи дигар шахсон расонида шудааст. Масалан, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ имконияти ба сифати ҳимоятгар баромад намудани хешовандони наздик ва дигар шахсон тибқи қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва таъиноти суд, судя мавҷуд аст, ки фаъолияти онҳо новобаста ба аз он ки ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ равона карда шудааст, аммо он фаъолияти касбӣ намебошад, яъне аз тарафи шахси ба мақоми адвокат тибқи тартиби муқаррарнамудани қонунгузорӣ муайяншуда соҳиб нагардида амалӣ карда шудааст. Ҳамчунин фаъолияте, ки аз тарафи шахсони ба мақоми адвокат соҳибгашта амалӣ гардидааст, аммо ба расонидани ёрии ҳукуқии касбӣ ва бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ равона нагардидааст, ҳамчун фаъолияти адвокатӣ эътироф карда намешавад. Масалан, аз тарафи адвокат ҳимояи муштарӣ, иҷро намудани дигар функсияҳои техникӣ, маъмурӣ, ташкилӣ ва ёрирасон.

---

[331] *Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ. Васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «Эр-граф», 2016 – 114 с.*

Фаъолияти адвокатӣ фаъолияти соҳибкорӣ намебошад, яъне ин маъно онро дорад, ки мақсади фаъолияти он ба даст овардани фоида намебошад. Мақсади фаъолияти адвокатӣ – ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо, таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ мебошад[332], дар ҳоле, ки соҳибкорӣ ин «фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррар кардаи қонун ба қайд гирифта шудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст»[333]. Тамоми даромадҳои ташкилоти адвокатӣ ё адвокати алоҳида вобаста ба табиати ҳуқуқии худ натиҷаи фаъолияти тиҷоратӣ ё соҳибкорӣ набуда, балки мукофоти пардохтнамудаи муштариён маҳсуб меёбад. Дар сохтори балани муҳосибии адвокат бояд нишонддод оид ба даромад мавҷуд бошад.

Адвокат ҳамчунин соҳибкори инфиродӣ набояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, ҳамчунин нисбат ба адвокат меъёрҳои қонунгузории граждани, андоз ва дигар соҳаҳо, ки ба фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон дахл доранд, паҳн намегардад[334]. Бинобар ин, боадолатон муқаррар гардидааст, ки тиҷорат дар фаъолияти адвокатӣ – ин савдо, коррупсия, ивази фаъолияти адвокатӣ ба тиҷораӣ асоси вайрон кардани асосҳои приниӯсипи конститутсионӣ мебошад[335].

Фаъолияти адвокатӣ аз дигар намудҳои ёрии ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти адвокатӣ дахл надоранд, фарқ менамояд. Ин ёрии ҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи кормандони ташкилотҳои хизматрасонии ҳуқуқӣ, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳалллии ҳокимияти давлатӣ, иштирокчиён ва ширкатҳои ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва дигар шахсоне, ки тибқи қонунгузорӣ дорои ваколати расонидани ёрии ҳуқуқӣ мебошанд.

Фаъолияти адвокатӣ гуногунҷабҳа буда, дар шаклҳои гуногун ба амал бароварда мешавад, ки онҳоро метавон ба чунин намудҳо тасниф намуд: а) ёрии машваратӣ ба муштарӣ; б) таҳияи ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ҳуқуқидошта; в) ба сифати намоянда ва ҳимоятгар баромад намудан.

Риояи ин талаботҳои умумӣ имконият медиҳад, ки фаъолити адвокатӣ ба ҳадаф расад. Дар натиҷа вазифаи адвокатура , ки аз расонидани ёрии ҳуқуқӣ, тантанаи ғояи адолат ва қонуният иборат мебошад, иҷро карда шавад. Аҳамияти асосҳои фаъолияти адвокатӣ низ дар ҳамин аст.Риоя накардани асосҳои фаъолияти адвокатӣ ба оқибатҳои зараровар оварда мерасонад.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумщурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.02.2023).
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999 №802. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с.


[332] *Научно-практический комментарий к Федеральному закону от 31 мая 2002 г. п 63-фз «об адвокатской деятельности и адвокатуре в Российской Федерации»(Постатейный). Под общей редакцией доктора юридических наук, профессора А.Г. Кучерены. 2009 г. С.5.*

[333] *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999 №802. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200;Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334.*

[334] *Адвокатура в России: Учебник для вузов. (под ред. проф. Демидовой Л.А.) - 2-е изд., перераб. и доп. - ЗАО »Юстицинформ», 2005 г. С.42.*

[335] *Сергеев В.И. Адвокатские образования и предпринимательская деятельность (о соотносимости норм законов о некоммерческих организациях и об адвокатуре) // Право и экономика. 2003. N 1.*

2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200;Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334.
3. Основные принципы, касающиеся роли юристов. [Электронный ресурс]. – Источник доступа: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/role_lawyers.shtml (дата обращения: 10.03.2023).
4. Адвокатская деятелность / Под ред. В.И. Буробина. М.: Изд.ИНЭПУ.2001. – 158 с.
5. Адвокатура в России: Учебник для вузов. (под ред. проф. Демидовой Л.А.) – 2-е изд., перераб. и доп. – ЗАО »Юстицинформ», 2005. – 576 с.
6. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ. Васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе: «Эр-граф», 2016 – 312 с.
7. Научно-практический комментарий к Федеральному закону от 31 мая 2002 г. n 63-фз «Об адвокатской деятельности и адвокатуре в Российской Федерации»(Постатейный). Под общей редакцией доктора юридических наук, профессора А.Г. Кучерены. 2009.
8. Сергеев В.И. Адвокатские образования и предпринимательская деятельность (о соотносимости норм законов о некоммерческих организациях и об адвокатуре) // Право и экономика. 2003. № 1. – С. 17-22.

# БОБИ V.
# БАХШИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ

---

**Мавлоназаров Одилбек Абдулназарович**

## МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ РЕКЛАМА ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Мавлоназаров Одилбек Абдулназарович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 500-00-09-09* ***E-mail:*** *omavlonazarov@mail.ru*

**Фишурда**: Дар мақолаи мазкур масъалаи хусусиятҳои умумии реклама, фаъолияти рекламавӣ, аломатҳои реклама, мақсади асосии реклама дар фаъолияти соҳибкорӣ, намудҳои реклама, танзими ҳуқуқии реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин масъалахои реклама тибқи қонунгузорӣ барраси карда мешавад. Ҳамзамон дар доираи мақолаи мазкур бо истифода аз санадҳои меъёри ҳуқуқии амалкунанда масъалаҳои реклама ва муҳимияти он бо назардошти муносибатҳои иқтисодӣ ба таври пурра ифшо карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф реклама – бо дарназардошти мавқеи иқтисодӣ, нобаробарии дараҷаи шинохтани бозор ва имконияти харидории шаҳрвандон – истеъмолкунандагон имрӯз алакай ягон иштирокчии гардиши оммавии иттилоот таъсири манфии рекламаи номуносибро инкор намекунад.

**Калидвожаҳо:** Қонунгузори реклама, реклама, фаъолияти рекламавӣ, субъектони реклама, иттилоот, истеъмолкунанда, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда, рекламаи беруна, паҳнкунандагони реклама.

## СОДЕРЖАНИЕ И ПРАВОВАЯ СУЩНОСТЬ РЕКЛАМА В СООТВЕТСТВИЕ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Мавлоназаров Одилбек Абдулназарович,*** *кандидант юридических наук, дотсент, заведующий кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 500-00-09-09* ***E-mail:*** *omavlonazarov@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются общая характеристика реклама, рекламная деятельность, признаки реклама, основная цель реклама в предпринимательское деятельности, виды реклама, правовой регулирование реклама в Республики Таджикистан, а также правовые проблемы реклама в сфере законодательство. При этом в рамках данной статьи вопросы рекламы и ее значение с учетом экономических отношений раскрыты в полной мере с использованием действующих правовых норм. По мнению автора рекламы, с учетом экономического положения, неравномерности уровня узнаваемости рынка и покупательной способности граждан-потребителей сегодня ни один участник массового информационного потока не отрицает негативного воздействия неадекватной рекламы.

**Ключевые слова**: Рекламное законодательство, реклама, рекламное деятельности, рекламные субъекты, информации, потребителей, защита прав потребителей, внешний реклама, рекламараспространитель.

# CONTENT AND LEGAL ESSENCE OF ADVERTISING IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Mavlonazarzoda Odilbek Abdulnazarovich,*** *Candidate of Law sciences, Docent, Head of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 500-00-09-09* ***E-mail:*** *omavlonazarov@mail.ru*

**The summary:** This article discusses the general characteristics of advertising, advertising activities, signs of advertising, the main purpose of advertising in business activities, types of advertising, legal regulation of advertising in the Republic of Tajikistan, as well as legal problems of advertising in the field of legislation. At the same time, within the framework of this article, the issues of advertising and its significance, taking into account economic relations, are fully disclosed using the current legal norms. According to the author of the advertisement, taking into account the economic situation, the uneven level of market recognition and the purchasing power of consumer citizens today, not a single participant in the mass information flow denies the negative impact of inadequate advertising.

**Keywords:** Advertising legislation, advertising, advertising activities, advertising subjects, information, consumers, consumer protection, outdoor advertising, advertising distributor.

Аз сабаби фаъолона паҳн шудани реклама, ки ба мутобиқ шудани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) ба талаботҳои муосири соҳаи тиҷорат ва зарурати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон вобаста аст, мавзӯи интихоб¬шу¬даи таҳқиқот аҳамияти муҳимми илмиро касб менамояд. **реклама –** иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо ( ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд.[336]

Инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти одамон дар замони муосир давлатро водор менамояд, ки қойдаҳои рафтори нав ба вуҷуд омадаро танзим намояд.[337]

Реклама – бо дарназардошти мавқеи иқтисодӣ, нобаробарии дараҷаи шинохтани бозор ва имконияти харидории шаҳрвандон – истеъмолкунандагон имрӯз аллакай ягон иштирокчии гардиши оммавии иттилоот таъсири манфии рекламаи номуносибро инкор намекунад. Аз ин рӯ, дар Резолютсияи «Принсипҳои асосии ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон», ки аз ҷониби Ассамблеи Генералии Созмони Милали Муттаҳид (АГ СММ) дар маҷлиси умумии 106, 9.04.1985 қабул шудааст, ба таври дақиқ қайд гардидааст, ки реклама ба талаботҳои хизматрасонии одилонаи истеъмолкунандагон ва муқаррароти ҳуқуқӣ бояд ҷавобгӯ бошад. Ин муқаррарот чунин маъно дорад, ки бояд рекламае паҳн карда шавад, ки ба истеъмолкунанда барои қабули қарори салоҳиятнок ва мустақил лозим аст, ҳамчунин барои таъмини воқеияти реклама аз тарафи иштирокчиёни касбии бозор чораҳои зарурӣ дида шавад. Ба истеъмолкунанда рекламаи қонунӣ, яъне рекламаи муносиб лозим аст. Дар баробари ин, иштирокчиёни касбии бозори реклама ба ягон худсарӣ бояд роҳ надиҳанд. Аён аст, ки амали соҳибкорӣ бо реклама алоқаманд аст. Соҳибкор ба реклама ҳуқуқи граждании дорад ва объекти аз рӯйи супоришаш сохташуда танҳо ба худи ӯ тааллуқ дорад. Аммо амалигардии ҳуқуқи граждании мазкур набояд ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро ба рекламаи воқеӣ ва дастрас оид ба мол (кор, хизматрасонӣ), ки озодии интихобро таъмин мекунад, маҳдуд ё вайрон кунад. Ҳангоми суиистифодаи ҳуқуқ ба реклама истеъмолкунанда ҳамчун узви ҷамъият фиреб дода мешавад, дар бозор ба қаллобӣ дучор меояд ва ҳуқуқҳояш маҳдуд мегарданд. Дар гардиши молумулкӣ ӯ то дараҷаи харидори бефикр рафта мерасад. Талаботҳои содаи моддӣ бар зарари арзишҳои

[336] *Сангинов Д. Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ. Душанбе– 2013. Саҳ.72.*

[337] *Диноршоев А., Меликов У., Қодиров Ҷ., Имомова З. Ҳуқуқи иттилооти оммавӣ. Душанбе.2014. саҳ.6*

ахлоқию маънавӣ ва зеҳнӣ барои ӯ ав-валиндарача мегарданд. Дар натиҷаи чунин таъсироти иштирокчи-ёни касбии бозори реклама истеъмолкунанда воқеан дар интихоби мол (кор ва хизматрасонӣ) ба хатоӣ роҳ медиҳад. Албатта чунин амалро бошуурона ва озодона иҷрошуда шумурдан номумкин аст. Интихоби озоди роҳи одилонаи фурӯш дар ҳолати мазкур мавҷуд нест, ки ин таъмини мувозинати манфиатҳоро дар дастрасии реклама ва риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мушкил мегардонад. Пурра риоя нагардидани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва қаллобӣ ба воситаи реклама, чи тавре ки дар Консепсияи бехатарии иттилоотии ҶТ аз 7.11.2003 с, №1175, қабул шудааст, вокуниши манфии аҳолиро ба вуҷуд меорад, ки дар як қатор ҳолатҳо он ба ноустуво-рии вазъияти иҷти¬моиву сиёсии давлат оварда мерасонад[338].

Реклама – ин яке аз навъҳои иттилооти оммавӣ ва истеъмолша-ванда оид ба объекти рекламашавандае мебошад, ки ба гурӯҳи но-муайяни ашхос равона карда шудааст ва бо иҷрои талаботҳои қабулшуда вазифаи пеш бурдани савдоро иҷро мекунад. Ҳамчун қоида, чунин иттилоот бо фаъолияти рекламавӣ робита дорад ва таҳия ва паҳнкунии он ба рекламадиҳанда оид ба расидан ба ҳадафҳояш, мусоидат мекунад. Фаъолияти рекламавӣ–категорияи аз ҳама умумӣ, ки ба он таркиби махсуси субъектҳо хос буда, ҳамкории онҳо ба сохтан ва паҳн кардани реклама ҳамчун фаъолияти ғайримоддии реклама-диҳанда равона карда шудааст. Чунин хусусияти реклама, ба ғайр аз ба вуҷуд овардани ҳуқуқу уҳдадориҳо, боз сабабгори шаклгирии системаи объектҳои рекламавӣ-ашёҳо ё мавҷҳое мегардад, ки дар онҳо реклама ҷойгир мешавад. Объектҳои рекламавӣ, ки тавассути онҳо реклама паҳн мегардад, маънои худи рекламаро надоранд, ҳарчанд байни онҳо алоқаи муайян мавҷуд аст. Аксари ин объектҳои иттилоотиро ба-рои ҷойгир кардани реклама, махсусан, тайёр ё мувофиқ мекунанд. Аммо донистани чунин хусусиятҳои ин объектҳо асос шуда наметавонад, ки онҳоро реклама ҳисобем. Агар воситаҳои ишорашудаи маълумотдиҳии истеъмолкунандагон объектҳои ҳуқуқӣ-моддӣ бошанд, дар ин ҳолат рекламаро ҳамчун объекти ғайримоддии ҳуқуқҳои истисноии рекламадиҳанда ҳисобидан мумкин аст.

Реклама дар инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ нақши босазо мегузорад. Қайд кардан лозим аст, ки инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар Тоҷикистон боздиди сиёсати давлатиро нисбати низоми талаботҳои ҳатмӣ ба сифати мол, кору хизмат тақозо дорад. [339]Дар навбати худ, истеъмолкунандагон– шаҳрвандон бояд аз омилҳои бади бозори реклама, ки аз ҷониби иштирокчиёни соҳиб¬таҷрибаи бозори реклама роҳандозӣ мешаванд, ҳифз гарданд. [340]Дар ин маврид давлат миёни шахсони паҳнкунандаи реклама ба мардум аз як ҷониб ба сифати кафили бовариноки озодии реклама ва аз ҷониби дигар ҳамчун ҳимоягари манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон – истифодабарандагони реклама амал мекунад. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба рекламаи муносиб, одатан, ба шаҳрванд-истеъмолкунанда тааллуқ дорад, ки вазифаи асосии он имконияти кафолатдодашудаи қонеъ гардонидани талаботҳои худ ба маълумоти саҳеҳ бо мақсади интихоби одилонаи мол (кор, хиз-мат¬расонӣ)-и босифат бо нархи нисбатан арзон мебошад. Ба шах-сони ҳуқуқӣ тааллуқ доштани ҳуқуқи зерин дар баъзе ҳолатҳо вазъиятро ноустувор мегардонад, дар қонунгузории миллӣ ихтилоф ва дар таъмини мувофиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон мушкилӣ ба миён меорад. Воситаҳои ҳуқуқи граждании ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмол-кунан¬дагонро ба рекламаи муносиб метавон дар шаклҳои юрисдик-сионӣ ва ғайриюрисдиксионии мақомотҳои давлатии дахлдор, мо-ликони ҳуқуқҳои гражданӣ-субъективии тибқи қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда, инчунин усулҳои бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунандагони реклама пешбининашуда, аммо барои истифода манъношуда муа-йян намуд.

---

[338] *Консепсияи бехатарии иттилоотии ҶТ аз 7.11.2003 с, – №1175*

[339] *Мирзозода П.З. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, ко рва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таҳқиқоти сивилистӣ. Душанбе. 2021. Сах.17*

[340] *Мавлоназаров О.А. Ҷанбаҳои ҳуқуқии рекламаи муносиб ва номуносиб. Масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ. Саҳ.160.*

Тибқи мазмуни сархати 1, моддаи 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама», реклама ҳарчанд категорияи маъмулии савдои байналхалқӣ ба ҳисоб равад ҳам, ҳамзамон таблиғоти тиҷоратиро ифода мекунад, ки он ба гурӯҳи номуайяни ашхос тааллуқ дорад ва вазифаи ба вуҷуд овардан ва зиёд намудани таваҷҷуҳро ба объекти рекламашаванда иҷро мекунад.[341] Дар нашрияҳои илмӣ шаклҳои гуногуни муайянкунии реклама оварда мешавад, ки омӯзиш ва донистани онҳо на танҳо аҳамияти омӯзишӣ, балки аҳамияти зиёди амалӣ дорад. Оид ба мафҳуми реклама ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Тибқи нуқтаи назари якум, реклама – ин шакли махсуси иттилоот мебошад, тибқи назари дуюм, реклама фаъолияти касбии истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони иттилооти тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад.

Реклама ба яке аз навъҳои иттилооти оммавии истеъмолшаванда дохил мешавад. Он ба ҳайси объекти фаъолияти рекламавии на танҳо рекламадиҳанда, балки дигар иштирокчиёни касбии бозор низ баромад мекунад. Фаъолияти рекламавӣ категорияи умумие мебошад, ки ифодакунандаи амалҳои фаъоли иштирокчиёни касбии бозори иттилоотӣ, ки ба ташкили реклама оид ба мол, кор ва хизматрасониҳои муайян бо риояи қатъии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба иттилооти воқеӣ ва фаҳмо равона карда шудааст, ба шумор меравад. Рекламаро метавон объекти ҳуқуқҳои муаллифӣ ё вобаста ба он ҳисобид. Дар ҳолати як бор хабар додан, реклама савдоро пеш бурда наметавонад. Иқтидори он бузург аст, таъсири рекламаи салоҳиятнок ташкилшуда гуногунҷабҳа буда, якмаъно нест. Он талаботро дар бозор на танҳо шакл медиҳад, балки бо иҷроиши мавзуну эҷодкоронаи худ саҳеҳ мегардонад. Дар таҷрибаи пешқадами ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Россия дилхоҳ маҳдуд намудани реклама маҳдудкунии озодии сухан ва иттилоот ҳисобида мешавад. Чунин муносибати давлатҳои пешрафта ба он алоқаманд аст, ки дараҷаи баланди шаффофият ва аёнияти иттилоот нишондиҳандагони муҳимми дараҷаи инкишофи бозор мебошанд.

Соҳибкори хусусӣ чун рассом, шоир, мусиқанавоз, муҳофиз ва ғайра касби озодро ташкил медиҳад. Ӯ дар интихоби соҳаи фаъолияти худ озод аст, яъне самт ва роҳҳои амалӣ намудани фаъолияташро худаш муайян мекунад. Барои ҳамин кӯшиши аз тарафи давлат бо роҳи гузоштани монеаҳои беасоси маъмурӣ маҳдуд кардани рекламаро худсарӣ нисбати рекламадиҳанда ва пурзӯр шудани сензура шумурдан мумкин аст, ки воқеан амали ғайриконститутсионӣ мебошад.

Рекламаро вобаста ба асосҳои муайяни хеле зиёд метавон ба гурӯҳҳо ҷудо кард, ки аз онҳо миқдори намудҳои реклама вобаста аст. Асосҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии таснифи рекламаро фарқ мекунонанд. Таснифи иқтисодӣ хусусияти мукаммалтар, маҷмӯӣ ва ҳаматарафа дорад. Таснифи ҳуқуқӣ бошад, танҳо ба ҷанбаҳое дахл дорад, ки барои қонун ва танзими ҳуқуқӣ муҳиманд. Аз рӯйи ақидаи муаллифи рисола, ҳангоми муайян кардани дилхоҳ асосҳои тасниф бояд қоидаи методологиеро ба назар гирифт, ки реклама ва паҳнкунандаи он ҳаммаъно нестанд. Ҳангоми мубодилаи иттилоот асосан ба се қисмати асосӣ – мундариҷа, мақсади мубодила ва воситаҳои паҳнкунии иттилоот бояд аҳамият дода шавад. Дар ин таъсироти мутақобила, албатта, мундариҷа нақши аввалиндараҷа дорад. Дар асоси мундариҷа реклама аз рӯйи шаклҳои ифодаёбияш ҳамчун рекламаи хаттӣ ва шифоҳӣ; рекламаи саҳеҳ ва рекламаи бардурӯғ тасниф меёбад.

Ҳар як шаҳрванд ба рекламаи дурусту одилона, саҳеҳ ва барои иштирокчии ғайрикасбии бозор дастрас ҳуқуқ дорад. Чунин қоида аз нигоҳи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии инсон ва шаҳрванд мантиқан дуруст мебошад. Ин масъала мубрам аст. Ҳуқуқи муосири позитивӣ бе асосҳои табиӣ ва бе ҳуқуқи инсон таъиноти худро аз даст медиҳад.

Таъиноти асосии ҳуқуқи субъективии граждании истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ин имкони кафолатноки шаҳрванд бо мақсади интихоби мол (кор, хизматрасонӣ)-и босифат бо нархҳои дастрас, қонеъ кардани эҳтиёҷи худ ба рекламаи қонунӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳои илми ҳуқуқшиносӣ маҳз ошкор кардани талаботҳои аввалини ҷамъиятие мебошад, ки бе қонеъ кардани онҳо инсон вуҷуд дошта наметавонад, ҳамчунин

[341] *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама аз 1 августи 2003 таҳти рақами 34.*

он шаклҳои қонеъгардонии онҳо, ки аз тарафи давлат ва ҷамъият дар ин ё он давраи инкишоф раво дониста шудаанд. Талабот дар навбати худ инсонро водор месозад, ки барои муҳаё намудани шароити беҳтари зиндагӣ ва инкишоф кӯшиш намояд. Дар ин раванд эътирофи расмӣ-ҳуқуқии талабот ва танзими ҳуқуқии он аҳамияти калон дорад. Ин равандро дар шакли зерин метавон тасаввур намуд: талабот-ҳуқуқи субъективӣ-роҳи амалӣ намудани ҳуқуқи субъективӣ. Комилан аён аст, ки қонеъ намудани талаботи иттилоотӣ бо ҳуқуқи истеъмолкунанда ба рекламаи муносиб мувофиқат мекунад. Ба туфайли имкониятҳое, ки дар ҳуқуқи граждании зерин дарҷ гардидаанд, талабот ба рекламаи қонунӣ қонеъ карда мешавад. Чунин мувофиқат ба талаботҳои шаҳрвандон, талаботи маърифатии дастрасӣ ба истифодаи маълумот ва талабот ба бехатарӣ дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ такя мекунад. Чунин маҷмӯи талаботҳо ба нигарониҳои асосии ҷамъиятӣ дахл дорад. Истеъмолкунанда имкониятҳои шахсии худро дар бозор бо салоҳдиди худ истифода мебарад. Аммо эҳтимолияти худсарӣ аз ҷониби рекламадиҳандаи дорои имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Вобаста ба инкишофи ҷамъият давлат ҳуқуқи шаҳрвандонро ба қонеъ гардонидани талаботҳои аҳамияти ҷамъиятидошта эътироф намудааст. Фаҳмише пайдо шуд, ки инсонҳои гуногун манфиатҳои мухталиф доранд. Аз ҳамин сабаб миқдори ҳуқуқҳои субъективӣ воқеан афзудааст. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба реклама низ ҳамин тавр пайдо шудааст. Ҳуқуқи субъективӣ ба товони зарари аз қонунвайронкунӣ расида на танҳо ҳуқуқ ба товони зарар, балки ҳуқук ба ҷуброни зарари маънавиро низ дар бар мегирад.

Истеъмолкунандаи реклама ҳуқук дорад аз дигар иштирокчиёни бозори реклама талаб кунад, ки тибқи муқарраротҳои аз тарафи қонун тартибдодашудаи истеҳсол ва паҳнкунии реклама амал кунанд, ҳамчунин ба ҳимоя ҳуқуқ дорад, ки он аз имконияти бо чораҳои ҳифзи ҳуқуқи муътадил ба меъёр даровардани фаъолияти рекламавӣ иборат аст. Дар маҷмӯъ ҳамаи ин имкониятҳо мазмуни ҳуқуқи истеъмолкунандаро ба реклама ташкил медиҳанд. Аммо қонун изҳори мустақилонаи чунин талаботро ба шахсони уҳдадор дар назар надорад. Ин ваколатро мақомоти зиддиинҳисорӣ доро мебошад, ки маҳз он дар доираи салоҳияти худ назорати давлатиро нисбати иҷрои қонуни ҶТ оид ба реклама назорат менамояд. Маҳз ин мақомот бо мақсади огоҳӣ додан ва пешгирӣ намудани рекламаи номуносиб ба рекламадиҳанда қарори қатъ намудани вайронкунии қонунгузории ҶТ оид ба рекламаро равон мекунад ва баъдан қарори паҳн намудани аксулрекламаро қабул менамояд.

Бо мақсади ба алоқаи ҳуқуқии истеъмолкунандагони реклама ва иштирокчиёни касбии бозори реклама таҳким бахшидан пешниҳод мешавад: дақиқ муайян карда шавад, ки уҳдадориҳои ин ашхос ҳангоми муносиб паҳн кардани реклама аз чӣ иборат аст; мушаххас карда шавад, ки аз байни шахсони уҳдадор кӣ ин ё он уҳдадориро иҷро мекунад ва дар маҷмӯъ аз ин уҳдадории асосӣ муайян мешавад; аз рекламадиҳанда оид ба воқеӣ будани реклама тасдиқи хаттӣ гирифта шавад, ки дар ин ҳолат уҳдадории рекламадиҳанда ба пешниҳод намудани далели воқеӣ будани реклама ба истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи реклама, ҳамчунин дигар маълумоти лозима, ки бояд пуррагӣ ва воқеияти рекламаро ифода намоянд, муқаррар мегардад.

Дар ҳуқуқи истеҳсолкунанда ва паҳнкунандагони реклама аз рекламадиҳанда талаб карда мешавад, ки бо уҳдадор намудани якумин, тасдиқи хаттии воқеияти рекламаро пешниҳод кунад. Дар ин ҳолат уҳдадории рекламадиҳанда нисбати пешниҳоди далели воқеияти реклама, ҳамчунин дигар маълумотҳои муҳим, ки пуррагӣ ва воқеияти рекламаро ифода мекунанд, ба истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи реклама нигоҳ дошта шавад; уҳдадории ба паҳнкунандаи реклама пешниҳод намудани маълумоти ба талаботҳои муқарраркардаи қонун ҷавобгӯй оид ба мафҳум ва моҳияти таъсиркунӣ бояд ба зиммаи истеҳсолкунандаи реклама гузошта шавад, чунки маҳз ин субъекти фаъолияти рекламавӣ тибқи моддаи 2 Қонун «Дар бораи реклама», рекламаро пурра ё ҷузъан ба шакли барои паҳнкунӣ мувофиқ меорад; тибқи моддаи 2-и Қонун «Дар бораи реклама» паҳнкунандаи реклама иштирокчии касбии бозори реклама мебошад ва уҳдадории иҷро намудани талаботҳои пешбининамудаи қонунро нисбати усул, макон ва замони паҳнкунии реклама ба дӯши ӯ гузоштан мантиқан дуруст мебошад; ба он воситаҳои техникии радио, телевизион, ҳамчунин воситаҳои алоқа, вақти пахш ва дигар роҳҳо дохил ме-

шаванд ва ӯҳдадории иҷрои талаботҳои пешбининамудаи қонун нисбати роҳ, макон ва замони паҳнкунии реклама маҳз ба ӯ вогузор намуда мешавад; иштирокчиёни касбии бозори реклама ӯҳдадор мешаванд, ки вобаста бо талаботи истеъмолкунандагон ҳолатҳои қонунвайронкуниро ислоҳ намоянд; дар илова бо ӯҳдадориҳои дар қонун «Дар бораи реклама» муайяншуда, ҳамчунин ин шахсон ӯҳдадоранд, мундариҷа, роҳи паҳнкунӣ ва механизми таъсироти рекламаро вобаста бо талаботҳои қонун роҳандозӣ намоянд. Дар ҶТ зарурати такмили қонуни махсус оид ба реклама дер боз ба вуҷуд омадааст. Муайян кардани мафҳуми истеъмолкунанда муносибати мавҷудаи русиягӣ ба моҳияти ҳуқуқи шаҳрвандон ба рекламаи муносиб ва механизми ҳимояи он пурра мувофиқат мекунад. Ин мафҳуми ҳуқуқии ҳаётан муҳим истеъмолкунандагонро аз пардохти боҷи давлатӣ аз рӯйи ҳамаи даъвоҳои бо вайронкунии ҳуқуқҳои онҳо алоқаманд озод менамояд, агар маблағи ҷуброн аз як миллион рубл зиёд набошад. Мутаассифона, шаҳрвандони ҶТ чунин имтиёзҳоро надоранд. Онҳо ба ин ҳуқуқ надоранд. Аз сабаби умумӣ будани мафҳуми «истеъмолкунанда» ва гаронии зиёд ба буҷаи давлат ҶТ имкон надорад, ки ба ҳамаи истеъмолкунандагон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) чунин имкониятро муҳайё созад. Аммо бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон аз рӯйи ҳамаи даъвоҳо (молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ) дар қ.1, моддаи 5-и Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз 28. 02. 2004 с., №19 омадааст, ки бояд имтиёз дар шакли озод намудани танҳо шаҳрвандон-истеъмолкунандагон аз пардохти боҷи судӣ дода шавад. Ба истеъмолкунандагон-шахсони ҳуқуқӣ чунин имтёз лозим нест, зеро онҳо вобаста бо ҳолати моддияшон имкон доранд, ки хароҷоти судиро пардохт намоянд.

Дар замони муосир ягона мақомоти давлатие, ки дар тартиби берун аз суд, яъне тартиби маъмурӣ амал намуда, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, аз он ҷумла, истеъмолкунандагони рекламаро ҳимоя менамояд, мақомоти зиддиинҳисорӣ ба ҳисоб меравад. Мақомоти зиддиинҳисорӣ доираи хеле калони масъалаҳои зарурииро дар бар мегирад, ки ба онҳо танзими муносибатҳои соҳаи реклама, ҳимояи он аз рақобати ноодилона, ҳамчунин маҳдуд ва пешгирӣ кардани рекламаи номуносиб дохил мешаванд. Тибқи сатри 4, моддаи 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» МЗИ ба сифати мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи реклама вазифадор аст: сиёсати ягонаи давлатро дар соҳаи бозори реклама, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва идораи фаъолияти рекламавӣ пеш барад; барномаҳои давлатии бозори рекламаро таҳия ва амалӣ намояд; фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунандаи маҳалла ва деҳаҳо, ҳамчунин шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии соҳаи рекламаро мувофиқ намояд, дар бозори реклама муҳити рақобатӣ ба вуҷуд оварад; оид ба ҳолати бозори реклама мониторинг гузаронад; дар хусуси иштирокчиёни касбии бозори реклама хазинаи ягонаи иттилоотии далелҳо ташкил намояд; дар хусуси қонунгузории ҶТ оид ба рекламаро вайрон намудани рекламадиҳандагон ва дигар иштирокчиёни бозори реклама дастур пешниҳод намояд, ҳамчунин роҷеъ ба паҳнкунии аксулреклама қарор қабул намояд ва чораёни иҷрои онҳоро идора намояд; дар ҳолати бо ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкунӣ алоқаманд будани фаъолияти рекламавии иштирокчиёни касбии бозори реклама ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таҳлили оянда маводҳо равон кунад; дар миқёси ваколатҳои худ масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро ҳал намояд ва рақобати бевиҷдононаи иқтисодии бозори рекламаро қатъ намояд, дар хусуси эътирофи шартномаҳои беэътибори бо рекламаи номуносиб алоқаманд ба суд даъво изҳор намояд; дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ-ро иҷро намояд.

Шакли дигари ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунандагон шакли ғайриюрисдикционӣ мебошад, ки аҳамияти онро баҳогузорӣ кардан душвор аст. Барои иҷро намудани чунин шакли ҳимоя истеъмолкунандагон ҳуқуқ доранд, ки бо тартиби ихтиёрӣ ба иттиҳодияи ҷамъиятии истеъмолкунандагон муттаҳид шаванд. Онҳо ҳамчунин имкон доранд, ки амалҳоеро иҷро намоянд, ки аз тарафи қонун манъ нашудаанд. Масалан, онҳо метавонанд аз истеҳсолкунанда, иҷрокунанда ва фурӯшанда талаб кунанд, ки камбудии мол ройгон бартараф шавад ё ин ки бо роҳи паст кардани нархи мол, сарфи бартарафкунии он ҷуброн карда шавад. Ба фикри муаллифи рисола, дар шароити ба вуҷуд омадани иқтисоди иттилоотӣ бо роҳи рушди босуръати воситаҳои нави алоқа ва интернет, аз он ҷумла технологияҳои компютерӣ, ба мақомоти қонун-

гузор зарур аст, ки барои такмили механизми амаликунониии принсипи омӯзиши саривақтӣ ва ошкорои баҳсҳо бо иштироки шаҳрвандон-истеъмолкунандагон чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Вагарна меъёрҳои тартиботи мурофиаи судӣ ба талаботҳои муосири шаҳрвандон ҷавобгӯ шуда наметавонанд, ба ҷараёни таъмини волоияти қонун ҳангоми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон халал расонда, нобоварии ҷамъиятро нисбати судҳо бедор мекунанд. Судҳо бояд бо ВАО ҳамкорӣ намоянд, зеро пӯшида будани онҳо яке аз аломатҳои аз идораи фаъолияти судӣ дур намудани ҷамъият мебошад.

**Адабиёт:**


1. Раҳимов М.З. Конечный резултат предпринимательской деятельности: Теория и правовой регулирование. Душанбе.2007. 294 с.
2. Сангинов Д. Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ. Душанбе-2013. 255 с.
3. Диноршоев А., Меликов У., Қодиров Ҷ., Имомова З. Ҳуқуқи иттилоотии оммавӣ. Душанбе.2014. 248 с.
4. Мирзозода П.З. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таҳқиқоти сивилистӣ. Душанбе. 2021. 411 с.
5. Кабутов Э.Д. Частноправовое регулирование оказания услуг трудоустройства в Республике Таджикистан. Монография. Душанбе. 2018. 191 с.
6. Мавлоназаров О.А. Ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он тибқи қонунгузории Ҷумҳуии Тоҷикистон. Автореферат. Душанбе. 2017. 22 с.
7. Бендина, Н.В. Маркетинг (конспект лекций). / Н. В. Бендина. – М.: «Приор-издат», 2005. – 215 с.
8. Головлева, Е.Л. Основы рекламы / Е.Л. Головлева. – М.: ОАО «Московские учебники», 2006. – 271 с.
9. Голубков, Е.П. Основы маркетинга / Е. П. Голубков. – М.: Фин-Пресс, 2003. – 688 с.
10. Евстафьев, В.А. Введение в медиапланирование / В.А. Евстафьев, В.Н. Яссонов. – М.: Рой, 1998. – 260 с.
11. Котлер, Ф. Маркетинг в третьем тысячелетии: Как создать, завоевать и удержать рынок. / Ф. Котлер; Пер.с англ. В. А. Гольдича и А. И. Оганесовой. – М.: ООО «Издательство АСТ», 2001. – 272 с.
12. Котлер, Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер, Г. Амстронг, Д. Сондерс, В. Вонг. – Пер. с англ. – 2-е европ. изд. – М.; СПб.: Издательский дом «Вильямс», 2002. – 944с.
13. Маркетинг: Общий курс: Учебное пособие /Под ред. Н. Я. Калюжниковой, А. Я. Якобсона. – 2-е изд., испр. – М.: Омега-Л, 2007. – 795 с.
14. Маркетинг: Учебник. / Под ред. Проф. Т. Н. Парамоновой. – 5-е изд., стер. – М.: КНОРУС, 2008. – 360 с.
15. Медведева, Е.В. Рекламная коммуникация / Е.В. Медведева. – М.: Едиториал УРСС, 2003. – 280 с.
16. Мильнер, Б.З. Теория организации: учебник. / Б.З. Мильнер. – М.: ИНФРА-М, 2002. – 558 с.
17. Минько, Э.В. Маркетинг: учеб. пособие / Э. В. Минько, Н. В. Карпова. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. – 415 с.
18. Морозова, Н.С. Этапы планирования рекламной кампании. / Н.С. Морозова // Социально-гуманитарные знания. – 2010. – №6 – С 34-39

**Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич**

## ТАЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ҲУҚУҚИИ БААМАЛБАРОРИИ ОН

***Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиосии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 918-63-00-11* ***E-mail:*** *dmt_2019@mail.ru*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар иқтисодиёти бозори муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар мақолаи мазкур муаллиф асосҳои ташаккулу инкишофёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин омилҳое, ки садди роҳи пешравии ин намуди фаъолият мегарданд, мавриди таҳлил қарор додааст.

**Калидвожаҳо:** Фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории хурд, соҳибкории миёна, соҳибкории калон, , соҳибкории инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ПРАВОВЫЕ МЕХАНИЗМЫ ЕЕ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ

***Шарифов Исмоил Мухибуллоевич,*** *кандидант юридических наук, дотсент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 918-63-00-11* ***E-mail:*** *dmt_2019@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье проанализированы вопросы правовых форм государственной поддержки субъектов предпринимательства и ее роль в современной рыночной экономике. В данной статье автор проанализировал основы формирования и развития законодательства Республики Таджикистан о государственной поддержке предпринимательской деятельности, а также факторы, препятствующие развитию данного вида деятельности.

**Ключевые слова:** Предпринимательская деятельность, малое предпринимательство, среднее предпринимательство, крупное предпринимательство, индивидуальные предприниматели, юридические лица

## LEGAL REGULATION OF BUSINESS ACTIVITIES AND LEGAL MECHANISMS OF ITS IMPLEMENTATION

***Sharifov Ismoil Muhibulloevich,*** *Candidate of Law sciences, Docent, of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone.:*** *(+992) 918-63-00-11* ***E-mail:*** *dmt_2019@mail.ru*

**The summary:** In this article, the issues of legal forms of state support of business entities and its role in the modern market economy have been analyzed. In this article, the author analyzed the foundations of the formation and development of the legislation of the Republic of Tajikistan on state support of business activities, as well as the factors that hinder the progress of this type of activity.

**Keywords:** Business activity, small business, medium business, large business, individual business, legal entities

Солҳои охир дар ҶТ бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд. Чорабиниҳои дар ин давра амалишуда, бахусус расмикунонии

молу мулки шаҳрвандон, эълон кардани мораторияи (боздошт) ба санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, татбиқи ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ, мустаҳкам кардани робитаи мутақобилаи давлат ва бахши хусусӣ, инчунин, тасдиқи Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020 ба рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ такони ҷиддӣ бахшиданд[342].

Бояд қайд намуд, ки ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молумулкӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва дигар шаклҳо амалӣ шуда, ба беҳтар намудани шароити соҳибкорӣ ба низоми бақайдгирии соҳибкорӣ, андозбандӣ, иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бақайдгирии молу мулк, ҳисоботдиҳӣ, танзими зиддиинҳисорӣ, сода намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қарздиҳӣ, мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ асос меёбад.

Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи ҳуқуқ ва бо роҳи дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудани низоми ягонаи меъёрҳо, усулҳо, чораҳо ва воситаҳо амалӣ карда мешавад. Меъёрҳо, усулҳо, чораҳо ва воситаҳо, ки дар қонунгузорӣ ифода гардидаанд, шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд.

Дар фарқият ба дигар шаклҳои дастгирӣ, ки ба воситаи онҳо ҳамчун қоида доира ва ҳудуди муайяни фаъолияти субъектҳои хоҷагӣ муқаррар карда мешавад, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ барои васеъ намудани имконияти онҳо равона карда шудааст. Вай нисбати ҳам соҳаи муайян ё намудҳои мушаххаси субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (мисол, фаъолияти бонкӣ) ва ҳам нисбати субъектҳои муайян (ба монанди субъектҳои соҳибкории хурду миёна) амалӣ карда мешавад. Мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ барпо намудани шароити ташкилӣ ва иқтисодӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ буда, фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкориро дар бар мегирад.

Бинобар ин, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ низоми бо қонунгузорӣ муқарраргардидаи меъёр, усул, чора ва воситаҳое мебошад, ки дар маҷмӯъ ба ташкил ва таъмини кори самараноки онҳо равона гардида, ҳавасмандгардонии ҳуқуқии субъектҳои мазкур ва маҳдудиятҳои ҳуқуқии шахсони бо онҳо алоқамандро баҳо медиҳад.

Моҳиятан шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии зикргардида, ки дар қонунгузорӣ ифода ёфтаанд, маҷмӯи омилҳои ҳуқуқӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Бо дастгирии ин воситаҳо қонунгузор кӯшиш мекунад, ки соҳаи соҳибкориро ба самти ба фикри ӯ зарурӣ равона созад. Асосҳои дар боло зикршудаи дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ ва шакли ҳуқуқии дастгирии давлатиро ба асос гирифта, шаклҳои баррасишавандаро аз рӯйи хусусиятҳояшон ба ҳуқуқпешниҳодкунанда ва ҳуқуқмаҳдудкунанда ҷудо кардан мумкин аст.

Дар сурати истифодаи шакли ҳуқуқпешниҳодкунанда ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқҳои муайяни субъективӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дода мешаванд (хусусияти ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавидошта), ки дар маҷмӯъ ба кори бемонеаи субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат мекунанд.

Баръакс, шаклҳои ҳуқуқмаҳдудкунанда ҳуқуқҳои муайяни субъективии шариконро истисно мекунанд, аз ҷумла мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ татбиқи як қатор ҳуқуқҳои субъективии шахсони зикргардидаро бозмедоранд. Категорияи дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ аз нуктаи назари ҳуқуқӣ таҳқиқ карда истода, ҳадди ақал ба ду ҳолат диққат додан зарур аст.

Якум, нишон додан зарур аст, ки дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун қисми таркибии дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунад.

Дуюм, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ мазмунан қисми категорияи «танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ» (қисми танзими давлатии соҳибкории хурду миёна) ба ҳисоб меравад.

---

[342] *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.04.2013. [Захираи электронӣ]: URL: http://www.prezident.tj/node/431815.10.2018 (санаи муроҷиат: 27.11.2018).*

Ба ибораи дигар, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ дар доираи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад. Зимнан дар илми ҳуқуқшиносӣ ин танзим низоми идорӣ (иерархӣ) номида мешавад ва аксар вақт бо зарурати пеш аз ҳама манфиатҳои оммавӣ алоқаманд мебошад[343].

Бо ин нуктаи назар умуман розӣ шуда, ба он чиз диққат додан зарур аст, ки ҳифзи манфиатҳои оммавӣ, ҳамзамон, ҳифзи манфиатҳои хусусии шахсонеро дар назар дорад, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд. Воситаи муҳимми ҳавасмандгардонии рушди субъектҳои соҳибкорӣ одатан дахолати молиявии давлат ба шумор меравад. Он ҳам аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ (субсидия, дотатсия) ва ҳам аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо (имтиёзи андозӣ, бурсияҳо оид ба қарз) ба амал бароварда мешавад. Ба шаклҳои асосии ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад ва дар қонунгузории амалкунанда муқаррар карда шудаанд, ҳавасмандгардонии молиявӣ-ҳуқуқии субъектҳои соҳибкорӣ тааллуқ дорад.

Мазмунан ҳавасмандгардонии мазкур аз қонунгузории андоз ва буҷет бармеояд. Новобаста аз он ки ҳавасмандгардонии молиявӣ-ҳуқуқии субъектҳои соҳибкорӣ, бешубҳа ба соҳаи ҳуқуқи оммавӣ дохил мешавад, бо вуҷуди он аҳаммияти ҳуқуқи хусусиро низ доро аст. Татбиқи он аз як тараф ба пастшавии пардохти андоз аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, дар доираи ин ҳавасмандгардонӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ дар ин ё он асосҳои ҳуқуқӣ маблағҳои буҷетӣ ҷудо карда мешаванд (ҳавасмандгардонии ҳуқуқи буҷетӣ), яъне сармоягузории буҷетии соҳаи соҳибкорӣ амалӣ мешавад. Ин дар навбати худ боиси баланд шудани фаъолнокии ҳуқуқи хусусии субъектҳои соҳибкорӣ мегардад. Аз ҷумла, доираи субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби таъсиси субъектҳои нав васеъ мегардад.

Ҳамин тавр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки танзими молиявӣ-ҳуқуқии соҳаи соҳибкорӣ ҳамчун воситаи қонеъгардонии на танҳо манфиатҳои оммавӣ, балки хусусӣ дар ин соҳа мебошад. Маҳз бо кумаки танзими молиявӣ-ҳуқуқӣ манфиатҳои хусусии доираи номуайяни субъектҳои соҳибкорӣ қонеъ гардонида шуда, тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур, ки бо қонунгузорӣ муайян карда шудааст, таъмин карда мешавад. Чунин тартиботи ҳуқуқиро аз рӯйи самташ ҳамчун тартиботи ҳуқуқии ҳавасмандкунанда, ба ҳуқуқи хусусӣ тавсиф додан мумкин аст, гарчанде ки бо кумаки дастурамалҳои ҳуқуқи оммавӣ муқаррар карда мешаванд. Сухан дар бораи он меравад, ки чунин тартиботи ҳуқуқӣ аз рӯйи моҳияти худ ба ташаккули намуди муайяни соҳибкорӣ ва васеъшавии фаъолияти хусусияти соҳибкоридошта мусоидат мекунад.

Бояд қайд намоем, ки яке аз самтҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ (яке аз шаклҳои ҳуқуқӣ) муқаррар намудани имтиёзҳои андоз, инчунин афзалиятҳои алоҳида дар соҳаи маъмурикунонии андоз (назорати андоз) мебошад, ки моҳияти хусусӣ-ҳуқуқӣ доштани танзими молиявӣ-ҳуқуқии онро ифода менамояд.

Кодекси андоз низоми соддакардашудаи андозбандиро барои ташкилоту соҳибкорони инфиродӣ муқаррар кардааст. Татбиқи низоми содакардашудаи андозбандӣ аз ҷониби ташкилотҳо иваз намудани пардохти андоз аз фоидаи ташкилот, андоз аз молу мулки ташкилот ва андози ягонаи иҷтимоиро ба пардохти андози ягона пешбинӣ менамояд, ки аз рӯйи натиҷаи фаъолияти хоҷагидории ташкилотҳо барои давраи андоз ҳисоб карда мешавад.

Ташкилотҳое, ки низоми соддакардашудаи андозбандиро истифода мебаранд, андозсупорандагони андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд ААИ) эътироф карда намешаванд, ба истиснои ААИ, ки тибқи КА ҶТ ҳангоми ворид кардани мол ба ҳудуди гумрукии ҷумҳурӣ бояд пардохт карда шавад. Дигар андозҳо аз ҷониби ташкилотҳое, ки низоми содакардашудаи андозбандиро истифода мебаранд, тибқи низоми умумии андозбандӣ пардохт карда мешаванд.

---

[343] *Ниг.: Белых В.С. Правовое регулирование предпринимательской деятельности в России: монография. – М.: ТК Велби; Изд-во «Проспект», 2005. – С. 268.*

Дар баробари дастгирии молиявӣ-ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба шаклҳои дастгирии ин субъектҳо, инчунин, маҷмӯи меъёрҳоеро дохил намудан мумкин аст, ки ба ташкили ҳимояи ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд аз дахолати ғайриқонунӣ ба кори онҳо ба ном аз дахолати дигар субъектҳои мутақобилаи оммавӣ равона гардидаанд. Ин меъёрҳои ҳуқуқии самти оммавӣ дошта, моҳиятан воситаҳои оммавӣ-ҳуқуқии татбиқи принсипи граждани-ҳуқуқӣ оид ба дахолат накардани ягон кас ба корҳои шахсӣ мебошад. Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ин принсип хислати комплексӣ дошта, ба муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ ва ҳам оммавӣ татбиқ карда мешавад.

Асоси ин маҷмӯи меъёрҳоро Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ»[344] ва «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» [345] ташкил медиҳанд.

Ба принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ тааллуқ доранд: қонуният; шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ; баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ; кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ; иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахлдошта; афзалияти рушди соҳибкории хурд ва миёна (м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»).

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти соҳибкорӣ бо роҳҳои сода намудани тартиби бақайдгирии субъекти соҳибкорӣ, дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд кардани санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкорӣ, ба суд шикоят овардани мақоми ваколатдори давлатӣ аз амали (беамалии) шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти фаъолияти соҳибкориро халалдор мекунанд, ҳисоб кардани собиқаи меҳнатии соҳибкори инфиродӣ тибқи қонунгузории ҶТ ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Чораҳои сиёсати қарзӣ (кредитӣ) – усули муҳимми ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ мебошанд. Он аз таъмини шартҳои имтиёзноки қарздиҳӣ ва ё сабук намудани дастрасӣ ба қарз (бо роҳи кафолати давлат дар якҷоягӣ) иборат бояд бошад. Дар баробари ин дастгирии ҳуқуқии баррасишаванда бо роҳи таъсис додани ҷамъияти қарзии мутақобилаи субъектҳои соҳибкории хурд ва дар қонунгузорӣ муқаррар намудани ҳолати ҳуқуқии он ба амал баровардан мумкин аст. Ҷамъияти қарзии мутақобили субъектҳои соҳибкорӣ барои ҷамъномоии воситаҳои пулии муваққатан озоди иштирокчиёни ин ҷамъият бо мақсади расонидани кумаки молиявӣ ба онҳо бояд таъсис дода шавад.

Чунин ташкилотҳои ҳуқуқӣ метавонанд захираҳои ҳатмиро дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ доранд, ҳаҷм, давравӣ ва тартиби ҷойгир намудани амонатҳо (пасандозҳо)-и иштирокчиёни ҷамъиятҳои номбаршуда, инчунин, нархи болоӣ, муҳлат ва шартҳои хизматрасонии кумаки молиявиро муайян намоянд. Дар баробари ин шахсони номбаршуда ҳуқуқ надоранд воситаҳои пулиро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки иштирокчии чунин ҷамъиятҳо намебошанд, пешниҳод намоянд.

Дар қатори қарзи (кредити) бонкӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ метавонад чунин усули молиякунонӣ ба монанди амалиётҳои лизингӣ (лизинг) баромад намояд. Дар натиҷаи истифодаи он додани молумулк ба истифодабарии муваққатӣ бо шартҳои муҳлатнок, бо бозгашт ва муздинок воқеан анҷом дода мешавад. Бо сабабе ки дар муносибатҳои лизингӣ принсипҳои асосии кредитикунонӣ амалӣ карда мешаванд, аз рӯйи мазмуни худ лизинг ба муносибатҳои кредитӣ наздик буда, аз ин ҷиҳат дар адабиёти иқтисодӣ, он ҳамчун тарзи махсуси кредитикунонӣ на дар шакли пулӣ, балки молӣ баррасӣ карда мешавад[346].

---

[344] *Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012. – №7. – Мод. 709; 2015. – №1192.*

[345] *Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2018. – №1505.*

[346] *Ниг.: Прилуцкий Л.Н. Правовые основы лизинговые деятельности в Российский Федерации. – М., 1996. – С. 3.*

Ҳамин тавр, дар маънои иқтисодӣ лизинг ин кредите мебошад, ки лизингдиҳанда ба лизинггиранда дар шакли молу мулк ба истифодабарӣ медиҳад[347]. Вале дар монандии муносибатҳои кредитӣ ва лизингӣ танҳо дар маънои иқтисодӣ сухан рондан мумкин аст. Аз нуктаи назари ҳуқуқӣ шартномаи лизинг аз шартномаи кредитӣ ва қарз хеле фарқ менамояд. Предмети шартномаи лизинг ашёҳои моддӣ буда, шартномаи кредит, бошад маблағҳои пулӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, №901 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2012. – №9. – Мод. 838; 2013. – №12. – Мод. 889, 890; 2015. – №3. – Мод. 210. – №11. – Мод. 965, 966; 2016. – №3. – Мод. 150. – №11. – Мод. 883; 2017. – №1– 2. – Мод. 21. – №5. – Мод. 280; 2018. – №1510; 2018. – №1511.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014, №1107 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014. – №7. – Мод. 404; 2015. – №1194.
4. Махмадшоев, Ф.А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Махмадшоев Фарход Абдурахмонович. – Душанбе, 2012. – 23 с.
5. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе, МН «Дониш» – 2019. – 557 с.
6. Сангинов, Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан [Текст]: (курс лекций на тадж. яз.): учебное пособие / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР– граф, 2014. – 500 с.
7. Шарифов, И.М., Асосҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши соҳибкории хурд [Матн] / И.М. Шарифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №2/10. – С. 273– 276.



**Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода**


## ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҶОЙИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел:*** *(+992) 918-42-88-99* ***Email:*** *Mansoorovshj@mail.ru*



**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур сухан оид ба ҷойи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ меравад. Дар он ҷойи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар қонунгузории маданӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати мушаххас гардидани ҷойи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар моддаи 365 қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод карда мешавад.


---

[347] *Ниг.: Ченларева Е. Экономическая сущность лизинг // Хозяйства и право. – 1994. – №4. – С. 19.*

**Калидвожаҳо:** ҷойи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, ҳуқуқи маданӣ, маҳалли ҷойгиршавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, шартнома, ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ, пул, кредитор, қарздор, амонат ва бонк.

## О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ МЕСТЕ ИСПОЛНЕНИЯ ДЕНЕЖНЫХ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ В ГРАЖДАНСКОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Мансури Шодмон Джамолиддинзода,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедри предпринимательского и коммерческого права Таджикского национального унверситета* ***Тел: (****+992) 918-42-88-99* ***E-mail:*** *Mansoorovshj@mail.ru*

**Аннотация.** В данной статье речь идет о месте исполнения денежных обязательств. В ней проанализировано и рассмотрено место исполнения денежных обязательств в гражданском законодательстве. В целях правильного установления регулирования общественных отношений место исполнения денежных обязательств определено и предложено в статье 365 Гражданского законодательства Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** место исполнения денежных обязательств, гражданские права, место жительства физических и юридических лиц, договор, наличные и безналичные расчетов, деньги, кредитор, должник, расчет, депозит и банк.

## ON SOME ISSUES OF MONEY AND THE PLACE OF FULFILLMENT OF MONETARY OBLIGATIONS IN LEGAL ACTS

***Mansuri Shodmon Jamoliddinzoda,*** *Candidate of Law sciences, Docent, Head of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone: (****+992) 918-42-88-99* ***Email:*** *Mansoorovshj@mail.ru*

**Annotation.** This article deals with the place of fulfillment of monetary obligations. In that place, the performance of monetary obligations is analyzed and discussed in the cultural legislation. In order to properly establish the regulation of public relations, the place of performance of monetary obligations is defined and proposed in Article 365 of the cultural legislation of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** place of performance of monetary obligations, cultural rights, location of natural and legal persons, contract, cash and non-cash settlement, money, creditor, debtor, deposit and bank.

Дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидани ҷойи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ асоси бавуҷудоии муносибатҳои ҷамиятӣ мегардад. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои пулӣ бо роҳи нақдӣ ва ғайринақдӣ сурат гирифта, муайян намудани ҷойи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар муносибатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Тибқи моддаи 12-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил намуда, давлат бошад, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамагуна шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад [348].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук,

---

[348] *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). –Душанбе «Нашриёти Ганҷ» соли 2016. – С.9.*

сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 майи соли 2019 такид намудаанд, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои дохиливу берунӣ, инчунин, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани идораи як қатор бонкҳо ва ба таври зарурӣ ба роҳ намондани назорат вазъи умумии низоми бонкӣ дар кишвар бухронӣ гардид. Ҷиҳати тақвият додани заминаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ ва маърифатнокии молиявии аҳолӣ корҳои амалӣ роҳандозӣ кардан зарур мебошад [349].

Таҳия намудани тартиби нави ҳуқуқие, ки иҷрои мувофиқу матлуби ӯҳдадориҳои пулӣ дар муомилоти дохилӣ ва берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд, хеле муҳим мебошад. Ҳалли масъалаҳои зикргардида дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 банақша гирифта шудааст, ки яке аз ҳадафҳои рушди қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ мебошад [350].

Дар ин замина, танзим муносибатҳои муомилоти пулӣ ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои нақдиву ғайринақдӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ қонунгузории маданӣ таҷдиди назар кардашуда, баъди қабул гардидани қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои навъи ҷамъиятӣ руйи кор омада, рушди идоракунии хизматрасониҳои иқтисоди рақамӣ доир ба таъмини муносибатҳои пулию қарзӣ дар ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ карда шуд.

Қонунгузории маданӣ аз муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, дар садҳо қонунҳои соҳавӣ ифода гардида, ҳуқуқшиносон ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд навгонии мазкурро дар асоси раванди босуръати рушди муносибатҳои маданӣ дар ҷумҳурӣ ва ҷаҳонишавии он, қабули қонунҳои алоҳида вобаста ба муносибатҳои маданӣ, бартараф намудани мухолифати қонунҳои амалкунанда ва мутобиқ намудани онҳо ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраро мавриди истифода қарор хоҳанд дод. Қобили зикр аст, ки баъди қабули КМ ҶТ дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал омад, ки ҷойи иҷрои ӯҳдадориҳои пулӣ дар моддаи 365 он муайян карда шудааст.

Инчунин, пул ҳамчун асъори миллии Тоҷикистон воситаи қонунии пардохт муайян гардида, пардохт бо роҳи ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ дар назар дошта шудааст. Вале, айнан ба ҳисобҳои ғайринақдӣ дар фаъолияти ташкилоту массисаҳо ва соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ бартарӣ дода шудааст. Сухан сари он меравад, ки агар ҳисобҳо бо иштироки шаҳрвандон метавонанд, то бо пулҳои нақдӣ бе маҳдудияти маблағ гузаронида шаванд, он гоҳ дар муносибатҳо миёни шахсони ҳуқуқӣ онҳо метавонанд, ки танҳо дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда шаванд (м. 149 КМ ҶТ).

Фарқи дидашавандаи ҳисобҳои ғайринақдӣ аз ҳисобҳои нақдӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳолати якум интиқоли аломатҳои модии арзишнок ба амал намеояд. Дар робита бо ин, ҳисоби ғайринақдиро ҳамчун бо ба ҷо овардани қайд дар санадҳо, на ин ки пардохти пули нақд муайян мекунанд [351].

Бинобар ин, дар намуди нисбатан умумӣ фарогирии аломатҳои пулӣ, дар асоси чунин меъёрҳои қонунгузорӣ ҳифзшаванда зоҳир мегардад:

– бо пул метавон ҳар навъ зарарро ҷуброн намуд – аз молумулкӣ то ба маънавӣ;

– бо пул метавонад ки арзиши ҳар кадом ашёи муомилаҳои беэътибор ҳангоми истифодабарии оқибатҳои беэътибории онҳо чен ва ҷуброн карда шавад;

– бо пул метавонад, ки арзиши ҳар кадом молумулке ҷуброн карда шавад, ки ба сифати объекти ҳуқуқ ба моликият баромад мекунад;

---

[349] *Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо дар санаи 10.05.2019 //http://www.president.tj. (санаи мурочиат 10.05.2019).*

[350] *Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018– 2028» аз 6 феврали соли 2018, – №1005. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php? showdetail=&sanadID=563 (санаи мурочиат: 16.11.2019).*

[351] *Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. М., 2000. – С. 181.*

– пардохти пул метавонад, ки бо мавҷуд будани шартномаи тарафҳо оид ба қатъ гардонидани ҳар навъ уҳдадорӣ вобаста ба додани ягон навъ молумулк амалӣ гардад.

Истифодабарии пул танҳо дар ҷараёни аз соҳибмулк бегона шудани он мумкин аст, танҳо дар ин ҳолат онҳо метавонанд ки вазифаи худро чун воситаи муомилот иҷро кунанд. Пул ашёи тақсимшаванда мебошад, зеро маблағи пулӣ ҳамеша метавонад, ки бе зиён барои имкониятҳои таъиноти хоҷагидории қисмати ҷудошуда тақсим карда шавад. Чӣ тавре ки маълум аст, интиқоли пул (чун мавзуи ҷойи иҷрои уҳдадории пулӣ) метавонад, ки бевосита аз як тарафи уҳдадорӣ ба дигар амалӣ карда шавад, ин низ метавонад, бо ёрии ҷалби шахсони сеюме ба амал ояд, ки дар уҳдадории асосӣ тарафи он маҳсуб намегардад. Дар ин ҳолат низоми ҳисобҳои ғайринақдӣ аз тариқи бонкҳо ва ё ягон ташкилоти қарздиҳанда ба роҳ монда мешаванд.

Уҳдадориҳо дар асоси принсипҳои ҳуқуқи маданӣ иҷро гардида, қонунгузории маданӣ принсипи дахлдори иҷрои уҳдадориро муқаррар намудааст, ки он дар моддаи 356 КМ ҶТ таҷассум ёфтааст: уҳдадориҳо бояд ба таври дахлдор мутобиқи шартҳои уҳдадорӣ ва талаботи қонун, санадҳои ҳуқуқии дигар иҷро карда шаванд ва ҳангоми набудани чунин шарт ва талабот мувофиқи одатҳои муомилоти корӣ ё талаботи муқарраროти пешниҳодгардида аноҷом дода шаванд. Аз ин ре, ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо тарафҳо уҳдадоранд бовиҷдонона амал намуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамдигарро иҷро намоянд.

Тибқи моддаи 339 Кодекси граждании ҷойи уҳдадориҳо муқаррар гардида, чунин муқарраროт пешбинӣ шуда буд. Аз ҷумла:

1. Уҳдадорӣ бояд дар ҷое, ки бо созишномаи тарафҳо муайян карда шудааст ё аз анъанаи муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ бармеояд, иҷро карда шавад.

2. Агар ҷои иҷрои уҳдадорӣ муайян нагардида бошад, он бояд ба тариқи зайл иҷро карда шавад:

а) аз рӯи уҳдадории додани молу мулки ғайриманқул – дар ҷои мавҷудияти молу мулк;

б) аз рӯи уҳдадории додани мол ё дигар молу мулке, ки интиқоли онро пешбинӣ мекунад – дар ҷои супоридани молу мулк ба боркашони якум ҷиҳати расонидани он ба кредитор;

в) аз рӯи дигар уҳдадориҳои қарздор ҷиҳати додани мол ё дигар молу мулк – дар ҷои тайёр намудани он ё нигоҳдошти молу мулк, ба шарте, ки ин маҳал дар рӯзи уҳдадоршудан ба кредитор маълум бошад;

г) аз рӯи уҳдадории пулӣ – дар ҷои истиқомати кредитор ё агар кредитор шахси ҳуқуқӣ бошад, дар ҷои ҷойгиршавии он дар лаҳзаи ба миён омадани уҳдадорӣ; агар кредитор то лаҳзаи иҷрои уҳдадориҷои истиқомат ё буду бошашро иваз карда, қарздорро аз ин огоҳонида бошад, пас дар ҷои нави истиқомат ё буду боши кредитор ва аз ҳисоби кредитор баровардани ҳамаи хароҷоти вобаста ба ивази ҷои иҷро;

д) аз рӯи уҳдадориҳои дигар – дар ҷои зисти қарздор ва агар қарздор шахси ҳуқуқӣ бошад – дар ҷои буду боши он.

Дар асоси моддаи 340 КГ ҶТ иҷрои уҳдадориҳои пулӣ муайян гардида буд, ки уҳдадории пулӣ бо пули миллӣ ифода ва пардохт карда мешуданд. Истифодаи асъори хориҷӣ, инчунин ҳуҷҷати пардохт бо асъори хориҷӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи уҳдадориҳо мувофиқи ҳолат, тартиб ва шартҳои муайяннамудаи қонун иҷозат дода мешавад [352].

Дар ҳолати мавҷуд будани шубҳа оид ба маҳалли иҷрои уҳдадории пулӣ, уҳдадорӣ бояд дар маҳалли ҷойгиршавии кредитор (маҳалли зисти шахси воқеӣ ё маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ) ба иҷро расад.

Агар дар маҳал ё мамлакате, ки маблағ пардохта мешавад, кредитор суратҳисоби бонкӣ барои гузаронидани маблағ дошта бошад, қарздор ҳақ дорад дар мавриди эътироз

[352] *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) аз 30 июни соли 1999, – №803.*

надоштани кредитор ӯҳдадории пулии худро бо роҳи ба ин суратҳисоб гузаронидани маблағ иҷро намояд.

Агар то фаро расидани муҳлати пардохт арзиши (қурби) воҳидии пул боло рафта ё паст шуда ё ин ки асъор тағйир ёфта бошад, қарздор аз рӯи нархе (қурбе) маблағро пардохт менамояд, ки ба муҳлати ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ мувофиқ бошад, агар дар Кодекси мазкур ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ҳангоми дигар шудани асъор муносибатҳои мубодилавӣ бояд бо нархи (қурби) дар рӯзи тағйирёбии асъор мавҷудбудаи воҳидҳои пулӣ анҷом дода шаванд.

Аз меъёрои пешбинишуда дар моддаҳои 339 ва 340 КГ ҶТ маълум аст, ки омехтагӣ ҷой дошта, муқаррароти қисмҳои 3 ва 4 дар моддаи 340 оид ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ мавриди истифода қарор дошт. Айни замон, аз рӯйи мансубият баъди таҷдиди Кодекси мазкур масъалаи танзимнамоии ҷойи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳалли иҷрои уҳдадориҳои пулӣ муайян гардида, дар моддаи 365 мустаҳкам карда шудааст:

1. Уҳдадорӣ бояд дар ҷойе, ки дар қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо муайян карда шудааст ва ё аз одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ бармеояд, иҷро карда шавад.

2. Агар ҷойи иҷрои уҳдадорӣмуайян нагардида бошад, он бояд ба таври зерин иҷро карда шавад:

– аз рӯйи уҳдадории додани молу мулки ғайриманқул – дар ҷойи ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул;

– аз рӯйи уҳдадории додани мол ё дигар молу мулке, ки ҳамлу нақли онҳо пешбинӣшудааст – дар ҷойи супоридани молу мулк ба боркашони якум ҷиҳати расондани онҳо ба кредитор;

– аз рӯйи дигар уҳдадориҳоиқарздор ҷиҳати додани мол ё дигар молу мулк – дар ҷойи тайёр намудани онҳо ё нигаҳдошти молу мулк, ба шарте ин маҳал дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ ба кредитор маълум бошад;

– аз рӯйи уҳдадории пулӣ оид ба пардохти маблағҳои пулии нақд – дар маҳалли истиқомати кредитор ё агар кредитор шахси ҳуқуқӣ бошад, дар маҳалли ҷойгиршавии он дар лаҳзаи ба миён омадани уҳдадорӣ; агар кредитор то лаҳзаи иҷрои уҳдадорӣмаҳалли истиқомат ё ҷойгиршавиашро иваз карда, қарздорро аз ин огоҳонида бошад, пас дар маҳалли нави истиқомат ё ҷойгиршавии кредитор бо аз ҳисоби кредитор баровардани ҳамаи хароҷоти вобаста ба ивази ҷойи иҷро;

– аз рӯйи уҳдадории пулӣ оид ба пардохти маблағҳои пулии ғайринақдӣ – дар маҳалли ҷойгиршавии бонк (воҳидҳои сохтории он), ки дар он барои кредитор суратҳисоби бонкӣ кушода шудааст;

– аз рӯйи уҳдадориҳои дигар – дар маҳалли истиқоматиқарздор ва агар қарздор шахси ҳуқуқӣ бошад – дар маҳалли ҷойгиршавии он.

3. Дар ҳолати мавҷуд будани шубҳа оид ба маҳалли иҷрои уҳдадории пулӣ уҳдадорӣ бояд дар маҳалли ҷойгиршавии кредитор (маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ё маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ) иҷро шавад.

4. Агар дар маҳал ё кишваре, ки пардохт анҷом дода мешавад, кредитор барои интиқоли маблағ суратҳисоби бонкӣ дошта бошад, қарздор ҳуқуқ дорад дар мавриди норозигӣ надоштани кредитор уҳдадории пулии худро бо роҳи ба ин суратҳисоб гузарондани маблағ иҷро намояд (м.365 КМ ҶТ).

Инчунин, тибқи моддаи 366 КМ ҶТ оид ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ чунин муқаррарот муайян карда шудааст.

1. Уҳдадории пулӣ бояд бо пули миллӣ ифода ва пардохт карда шавад.

2. Истифодаи асъори хориҷӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои пардохт бо асъори хориҷӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи уҳдадориҳо мувофиқи ҳолат, тартиб ва шартҳои муайяннамудаи қонун иҷозат дода мешавад.

3. Агар то фаро расидани муҳлати пардохт қурби пул боло ё паст шуда ё асъор тағйир ёфта бошад, қарздор аз рӯйи қурбе маблағро пардохт менамояд, ки ба рӯзи иҷрои воқеии

уҳдадорӣ мувофиқ бошад, агар дар ҳамин Кодекс ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Ҳангоми дигар шудани асъор муносибатҳои мубодилавӣ бояд бо қурби дар рӯзи тағйирёбии асъор мавҷудбудаи воҳидҳои пулӣ анҷом дода шаванд [353].

Тарзи иҷрои уҳдадорӣ одатан бо хусусият ва тартиби содир намудани амал оид ба иҷро алоқаманд карда мешавад. Пас, Г.И. Стрелникова тарзи иҷрои уҳдадориро ҳамчун тартиби аз ҷониби субъектҳо иҷро кардани амалҳо, ки мазмуни уҳдадориҳои онҳоро ташкил мекунанд маънидод намудааст [354]. Он ҳамчунин аз мазмун ва хусусиятҳои уҳдадории алоҳида вобаста буда, метавонад, ки бо шартномаи тарафҳо, супоришҳои қарздиҳанда, қонунгузорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ва аз моҳияти уҳдадорӣ муайян карда шавад. Иҷрои уҳдадорӣ бояд пурра амалӣ карда шавад. Қонунгузории граждани барои ҳимояи манфиатҳои қарздиҳанда иҷрои уҳдадориҳоро қисм ба қисм рад намекунад.

Қоидаи умумии иҷрои муносиби уҳдадорӣ дар қисми таркиби субъективӣ аз ҷониби қарздор иҷрои муносиб ба қарздиҳанда ва аз ҷониби охирин қабул карда шудани онро пешбинӣ мекунад. Дар робита ба ин масъала оид ба пешниҳоди муносиби пардохт вобаста ба уҳдадории пулӣ муҳим аст. Тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули тарзи муносиби иҷро вазифаи қарздиҳанда мебошад.

Тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздор барои пешгирии оқибатҳои номатлуби пардохт нагардидан, ҳуқуқ дорад, ки ба қарздиҳанда қабул намудани пардохтро пешниҳод кунад. Ин дар он ҳолате зоҳир мегардад, ки қарздор ҳуқуқ дорад, пулҳои ба ӯ вобастабуда ва ё қоғазҳои арзишнокро дар амонати нотариус ва дар ҳолатҳое, ки қонун муқаррар намудааст, дар амонати суд гузаронад, агар уҳдадорӣ аз ҷониби қарздор дар ҳолатҳои зерин иҷро карда нашуда бошад: – агар дар маҳалле, ки уҳдадорӣ бояд иҷро гардад, кредитор ё шахси ваколатдоршуда ҷиҳати қабули иҷрои уҳдадорӣ ҳузур надошта бошад; – ғайриқобили амал будани кредитор ва намоянда надоштани он; – баръало аён набудани он, ки кадом шахс оид ба уҳдадорӣ кредитор мебошад, аз ҷумла вобаста ба баҳси байни кредитор ва шахсони дигар дар ҳамин маврид; – саркашӣ намудани кредитор аз қабули иҷрои уҳдадорӣ ё ба тарзи дигар гузарондани мухлат аз ҷониби он (м. 378 КМ ҶТ). Дар ҳолатҳои зикргардида тарзи амали қарздор барои иҷрои уҳдадории пулӣ муносиб ҳисобида мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба назари мо, лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ аз ҷониби қарздор ва лаҳзаи аз ҷониби бонк иҷро шудани уҳдадориҳо оид ба амалӣ намудани амалиёти ҳисоббаробаркуниро маҳдуд намудан зарур аст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар муомилоти иқтисодӣ ба амал меояд, ин муайян кардани ҷойи иҷрои пардохт мебошад.

Уҳдадории пулӣ вобаста ба маҳалли истиқомати ҷойгиршавии қарздиҳанда иҷро карда мешавад [355]. Дар қонунгузории бештари давлатҳо қоидаҳои махсус оид ба ҷойи иҷрои уҳдадории пулӣ таҳким бахшида шуда, ҳамчун шаклҳои алоҳидаи он низ нишон дода шудаанд. Аз ҷумла, дар м. 365 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки иҷро бояд дар ҷойи истиқомати қарздиҳанда аз лаҳзаи пайдоиши уҳдадорӣ ба ҷо оварда шавад ва ё агар қарздиҳанда шахси ҳуқуқӣ бошад, – дар ҷойи ҷойгиршавии он дар лаҳзаи ба миён омадани уҳдадорӣ амалӣ карда мебошад. Инчунин, масъалаи мазкур тибқи қонунгузорӣ, санади меъёрии ҳуқуқии дигар, шартҳои шартнома ва ё вобаста ба қувваи расмиёти муомилоти корӣ ва моҳияти уҳдадориҳои пулии баррасишаванда амалӣ кардан мумкин аст.

---

[353] *Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, – №1918 қабул гардида, аз 1 июли соли 2023 амал мекунад (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, – №1918).*

[354] *Стрельникова Г.И. Гражданское право. Учебник для вузов. Часть первая / Под общей ред. Т.И.Илларионовой, Б.М. Гонгало, В.А.Плетнева. - С.365.*

[355] *Сарбаш С.В. Исполнение договорного обязательства. М.: Статут, 2005. - С.398.*

Дар баробари ин, мувофиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» [356] ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» [357] макони ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ ҷойи сабти давлатии ӯ муайян карда мешавад. Пас, ҷойи иҷрои уҳдадории пулӣ макони сабти шахси ҳуқуқӣ (бонки иҷрокунанда) маҳсуб мегардад, ки дар он суратҳисоб кушода шудааст.

Бинобар ин, бо мақсади танзим намудани масъалаи ҷойи иҷрои уҳдадориҳои пулиро ба таври меъёрӣ мустаҳкам намудани ҳуқуқи кредитор ҷиҳати аз қарздор талаб намудани пардохти зиёнҳо вобаста ба беқурбшави (таварруми)-и арзи пардохт амалӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе «Нашриёти Ганҷ» соли 2016. – С.9.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо дар санаи 10.05.2019 // http: // www.president.tj. (санаи муроҷиат 10.05.2019).
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6 феврали соли 2018, №1005. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: // base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=563 (санаи муроҷиат: 16.11.2019).
4. Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. М., 2000. – С. 181.
5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) аз 30 июни соли 1999, №803;
6. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 қабул гардида, аз 1 июли соли 2023 амал мекунад (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918).
7. Стрельникова Г.И. Гражданское право. Учебник для вузов. Часть первая / Под общей ред. Т.И.Илларионовой, Б.М. Гонгало, В.А.Плетнева. – С.365.
8. Сарбаш С.В. Исполнение договорного обязательства. М.: Статут, 2005. – С.398.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 2002. №4, қ.2, мод. 314; 2008. №10, мод.810; 2010 №12, қ.1, мод.815.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007. №3, мод.170; 2008. №10, мод.812; 2009. №5. мод.318, №7-8, мод. 496; 2010. №1, мод.9, №12, қ.1, мод. 816; 2011. №12, мод.844; соли 2016, №11, мод.890.



**Каримов Хуршед Сафомудинович**


## ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ АСЪОР ДАР ҶТ


***Каримов Хуршед Сафомудинович,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 502-16-76-20* ***E-mail: Khurshed.Karimov1993@inbox.ru***


---

[356] *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 2002. – №4, қ.2, мод. 314; 2008. – №10, мод.810; 2010 – №12, қ.1, мод.815.*

[357] *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007. – №3, мод.170; 2008. – №10, мод.812; 2009. – №5. мод.318, – №7-8, мод. 496; 2010. – №1, мод.9, – №12, қ.1, мод. 816; 2011. – №12, мод.844; соли 2016, – №11, мод.890.*

**Фишурда;** Мақолаи мазкур ба масъалаҳои муҳими танзими асъор бахшида шудааст. Дар мақола фикру ақидаҳои мухталиф оид ба танзими асъор қайд шуда, ба таври дақиқ паҳлуҳои алоҳидаи он мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки барои амали намудани танзими асъор имрӯз аз тарафи қонунгузор як қатор санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ қабул карда шуда моҳияти мавзуи мазкурро дар худ таҷассум менамояд. Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни эҷоди мақола муаллиф бевосита ба онҳо такя намуда, дар баробари он фикру пешниҳодҳои худро оид ба масъалаи танзими асъор дарҷ намудааст.

**Калидвожаҳо;** асъори миллӣ, асъори хориҷӣ, қонунгузорӣ, принсип, меъёр, танзими ҳуқуқӣ, амалиёти бонкӣ.

## О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ПРАВАВОГО РЕГУЛИРОВАНИЕ ВАЛЮТНОГО ПРАВА В РТ

***Каримов Хуршед Сафомудинович****, ассистент кафедры перипренимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 502-16-76-20* ***E-mail: Khurshed.Karimov1993@inbox.ru***

**Аннотация:** Данная статья посвящена важным вопросам валютного регулирования. В статье отмечены различные взгляды на валютное регулирование, а также точно проанализированы отдельные его аспекты. Следует отметить, что для реализации валютного регулирования на сегодняшний день законодателем принят ряд нормативно-правовых актов, воплощающих суть данной темы. С этой точки зрения, в процессе создания статьи автор непосредственно опирался на них, а наряду с этим включал свои мысли и предложения по вопросу валютного регулирования.

**Ключевые слова;** национальная валюта, иностранная валюта, законодательство, принцип, норма, правовое регулирование, банковские операции.

## ON SOME ISSUES OF LEGAL REGULATION OF CURRENCY LAW

***Karimov Khurshed Safomudinovich,*** *assistant of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 502-16-76-20* ***E-mail: Khurshed.Karimov1993@inbox.ru***

**Annotation:** This article is devoted to important issues of currency regulation. In the article, various opinions on currency regulation are noted, and its separate aspects are accurately analyzed. It should be noted that for the implementation of currency regulation today, a number of normative and legal acts have been adopted by the legislator and embody the essence of this topic. From this point of view, in the process of creating the article, the author directly relied on them, and along with it, he included his thoughts and suggestions on the issue of currency regulation.

**Keywords:** national currency, foreign currency, legislation, principle, norm, legal regulation, banking operations.

Дар Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 апрели соли 2013 таъкид намуданд, ки: «вобаста ба вазъи макроиқтисодӣ паст кардани фоизи бонкӣ, фаъол намудани бозори қарзӣ, бозори асъор ва коғазҳои қиматнок, татбиқи босамари сиёсати пуливу қарзӣ, баланд бардоштани сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул ва афзун намудани захираҳои байналмилалӣ нақши муассир гузоштанд. Ҳаҷми муомилот дар бозори байнибонкии асъор дар ҳафт соли охир 836 баробар афзуда, ҳаҷми захираҳои асъорӣ 4,3 баробар зиёд гардидааст. Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки ислоҳот дар низоми бонкдории кишвар идома дода, ҷиҳати васеъ ҷорӣ намудани хизматрасонии электронӣ ва шаффофияти фаъолият назорати

бонкӣ ва амалисозии мониторинги молиявӣ пурзӯр карда шавад. Ин амал ба ҷалби фаъолияти ҳамаи субъектҳои хоҷагидор ба иқтисодиёт, пастшавии сатҳи иқтисоди пинҳонӣ ва коҳиш ёфтани сатҳи коррупсия дар ҷомеа мусоидат менамояд»**[358].**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии арзишҳои асъорӣ, ки рушди муносибатҳои ҷамъиятиро дар бахши асъор инъикос мекунад, роҳи дуру дарози рушдро гузаронид. Аммо барои нишон додани инкишофи воқеии онҳо, муайян кардани меъёрҳои қонунгузорӣ зарур аст. Таҳияи қонунгузорӣ оид ба арзишҳои асъорӣ метавонад натиҷаи таҳаввулоти ақидаҳои илмӣ бошад, ки моҳияти консепсияҳои назариявиро дар ин замина ифода мекунанд. Танзими ҳуқуқӣ танҳо ҳамон вақт самаранок аст, ки сиёсати давлатӣ тамоюлоти объективии рушди иқтисодии ҷомеаро дуруст ва саривақт ба назар гирад. Шакл, воситаҳои татбиқи сиёсати мазкур қонун мебошад.

Танзими ҳуқуқии муомилоти сарваҳои асъорӣ роҳи тӯлони ва хоси рушдро тай намуд. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими асъор ин ба омӯзиши таърихии муносибати ҷомеа ба аҳамияти иҷтимоии арзишҳои асъорӣ хеле мусоидат мекунад. Раванди таърихӣ ба мо имкон медиҳад, ки самтҳои асосии рушди шаклҳои воқеию ҳуқуқии таъмини арзишҳои асъорӣ ва шаклҳои ҳуқуқии муомилоти граждании онро донем[359].

Асосҳои ҳуқуқии танзими асъор дар ҶТ санадҳои зерини меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ба монанди: Конститутсияи ҶТ 6 – ноябри соли 1994., Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми якум аз 30 июни соли 1999, №802, қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999, №884 ва қисми сеюм аз 1 марти соли 2005, №84 Моддаҳои алоҳидаи он 140,155,156, 827,839,340, ва ғ. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» 13 июни соли 2013, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қимматнок», Душанбе аз 28.07.2011. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки милли Тоҷикистон» **28 июни соли 2011,** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» 20 марти **соли 2009.**

Танзими асъор – маҷмӯи чораҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилии мақомоти давлатӣ, ки асосҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории сарватҳои асъорӣ муқаррар менамоянд.

Дар назаряи ҳуқуқ вариантҳои гуногуни тавсифи танзими ҳуқуқии асъор пешниҳод шудаанд, ки инҳо мебошанд:

– фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, ки барои ба тартиб андохтани амалиётҳои асъорӣ равона гардидаанд;

– фаъолияти давлатӣ, ки барои ба тартиб андохтани ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ ва шартномаҳои асъорӣ равона гардидаанд;

– аз тарафи давлат муайян намудани принсипҳои амалигардонии сарватҳои асъорӣ ва ғайра.

Асъор ( аз истилоҳи итолиёвии valuta – яъне, арзиш гирифта шудааст) ба воҳидҳои он дохил мешаванд:

– аломатҳои пулӣ дар шакли тангаҳо, банкнотаҳо, ки дар муомилоти пулии кишварҳои гуногун мавриди истифода қарор доранд;

– асъори хориҷии дар ҳисобҳои бонкӣ қарордошта;

Ба асъори бо арзиш инҳо дохил карда мешаванд;

– асъори хориҷӣ;

– сангҳо ва фулузоти қиматбаҳо;

– коғазҳои қиматнок ба асъори хориҷӣ.[360]

---

[358] *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013 //* http://www.president.tj/node/4318

[359] *Ниг.:Чорновол, Е.П. Возмещение вреда, причиненного незаконными действиями организаций и их должностных лиц: Учебное пособие / Е.П. Чорновол. - Свердловск: Изд-во Свердл. юрид. ин-та, 1984. – С. 9.*

[360] *Ниг.:Сафаров Қ.С. Пул қарз ва бонкдории Исломӣ./ Васоити таълимӣ. –Душанбе «Тайрон-2014»,2019,–С. 85.*

Дар Қонун «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» сухан, сараввал, оиди воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкии бонкҳои ваколатдор ва дуюм, дар бораи воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкии бонкҳои берун аз қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Зери мафҳуми бонкҳои ваколатдор, мувофиқи боби 1.м1. б.9 Қонуни мазкур, Бонки ваколатдор – ташкилоти қарзӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ амалиёт анҷом медиҳад[361]. Дар баробари ин таърифи бонкҳоеро, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд, қонуни мазкур додааст. Бонки хориҷӣ – ташкилоти қарзие, ки дар давлати хориҷӣ таъсис ёфта, ҳуқуқи анҷом додани амалиёти бонкиро дорад. Равшан аст, ки барои мутаалиқнамоии ин ё он шахси ҳуқуқии хориҷӣ ба бонкҳо мебоист меъёрҳои ҳуқуқи хориҷиро, ки дар мувофиқа бо онҳо ин шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфт ва дорои субъекти ҳуқуқии бонк аст, дар назар гирифт. Табиати ҳуқуқии арзишҳои ғайринақдии асъориро муайяннамуда мебоист диққатро ба хусусуятҳои зерин нигарон сохт. Сараввал, дар қонун дар бораи васоитҳо «дар суратҳисобҳои бонкӣ» ва оиди воситаҳо «дар пасандозҳои бонкӣ» сухан меравад. Аз якуми апрели соли 2001 – кум дар қаламрави ҶТ пули миллӣ – сомонӣ воситаи ягонаи пардохт қарор дода шуд. Сипас бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-уми сентябри соли 2001-ум тангаҳои филизӣ бо арзиши 1, 3, 5 сомонӣ ва 5, 10, 20, 25, 50 дирам ба муомилот бароварда шудаанд.

БМТ дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи (баровардани) Пули қоғазӣ (банкнот) ва танга ҳамчун воситаи қонунии пардохт дар қаламрави ҶТ мебошад. Маҳз БМТ бо меъёрҳои худ арзиши номиналӣ, андоза, вазн, ороиш ва дигар тавсифҳои пули қоғазӣ ва тангаҳоеро, ки дар ҶТ воситаи пардохт мебошанд, ки ин ҳуқуқ ба вай аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст муайян мекунад. Бонки Миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзии давлатро дар ҶТ ба танзим медарорад.

БМТ чоп кардани пулҳои қоғазӣ ва сикказании тангаҳоро ташкил мекунад ва барои таъмини нигоҳдории бехатарии нишонаҳои пулӣ, ки ба муомилот дароварда нашуданд, мусодира ва нест кардани пулҳои қоғазӣ ва тангаҳои аз гардиш гирифташуда, тадбирҳо меандешад[362].

Вобаста ба таҳаввулот ва инкишоф пулро ба се намуд ҷудо менамоянд:

1. Ҳақиқӣ (тилло, нуқра) арзиши номиналии онҳо ба арзиши металли аз он сохташуда баробар аст.

2. Пурарзиш. Ҳангоми истифодаи ин намуди пул тавасутти қонунгузорӣ таъминоти вазнии он дар шакли води пулӣ муаян карда мешавад.

3. Беарзиш – ҳамчун намояндаи пулҳои пурарзиш ба муомилот баровarda мешавад, ба мисли пулҳои коғазӣ[363].

Сохтори механизми танзими ҳуқуқи асъор дорои се унсур мебошад: 1) қонунгузории асъор; 2) муносибатҳои асъорие, ки байни субъектон ба вуҷуд меоянд; 3) таъсири мунтазами қонунгузории асъор ба муносибатҳои асъорӣ.

Танзими ҳуқуқи асъорӣ равишҳои зеринро дар бар мегирад:

– муайян намудани сиёсати қурби асъор;

– гузаронидани назорати асъорӣ;

– идора кардани захираҳои асъорӣ;

– иштирок дар ташкилотҳои байналхалқии асъорӣ-кредитӣ.

Бо дасраси ба моддаи 3-и Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» принсипҳои танзими ҳуқуқии асъори ҶТ инҳоянд:

– таъмини волоияти қонун;

– истифодаи ҳадди ақали чораҳои маъмурӣ;

---

[361] *Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, – №6, мод. 402.*

[362] *Ниг:. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки милли Тоҷикистон» моддаи 64 аз 28 июни соли 2011.*

[363] *Ниг.:Сафаров Қ..С. Пул қарз ва бонкдории Исломӣ / Васоити таълимӣ. – Душанбе «Тайрон- 2014»,2019, – С. 9.*

– роҳ надодани дахолати беасоси мақомоти танзими асъор ва назорати асъор ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ.

Ҳимояи манфиати иқтисодии давлат, амалӣ кардани сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба асъор ва таъмини устувории низоми асъори кишвар мақсади танзими асъор дар даврони истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Мақсади танзими ҳуқуқии асъор аз инҳо иборат аст:

– ташкил ва таъмини назорати мақомот ва агентҳои асъорӣ;

– муқаррар ва тартиби ташкили амалиётҳои муайян дар бозори асъор, тартиби интиқол додани сарватҳои асъорӣ берун аз сарҳад ва дар дохили ҶТ;

– таъмини ҳифзи ҳуқуқи моликият оид ба сарватҳои асъорӣ;

– батартибандозии ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ;

– мустаҳкам нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ ва мувозинати пардохтҳои миллӣ;

– таъмини реҷаи ҳамкории давлат бо бозори асъори ҷаҳонӣ.

Тибқи моддаи 4-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» танзими ҳуқуқии асъор дар ҶТ аз тарафи мақомотҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

1) Бонки милли Тоҷикистон;

2) Мақомоти дигари давлатӣ тибқи қонун ваколатдоршуда.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми давлатии танзими асъор дорои вазифаҳои зерин мебошад:

– тартиби ба резидентҳо додани иҷозатномаро барои фаъолияте, ки бо анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобаста мебошад, муайян менамояд;

– соҳа ва тартиби истифода, муомилоти асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматнокро бо асъори хориҷӣ муайян мекунад;

– тартиби анҷомдиҳии амалиёти асъориро барои резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, аз ҷумла барои бонкҳои ваколатдор муайян менамояд;

– шаклҳои ягонаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи амалиёти асъорӣ, тартиб ва мухлати пешниҳоди онҳоро барои резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, аз ҷумла барои бонкҳои ваколатдор муқаррар менамояд;

– омори амалиёти асъориро таҳия ва нашр менамояд;

– қурби расмии пули миллиро нисбат ба асъори хориҷӣ бо мақсади баҳисобгирӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ муайян ва эълон менамояд;

– вазифаҳои дигареро, ки Қонуни мазкур ва санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ намудаанд, амалӣ менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои вазифаҳои худ дар соҳаи сиёсати пулию қарзӣ воситаю усулҳои зеринро танзими асъорро истифода мебарад:

– амалиёт дар бозори озод;

– қарздиҳӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

– танзими асъор ва амалиёти асъорӣ;

– муқаррар кардани ҳудуди афзоиши ҳаҷми пул[364].

Танзими асъор аз ҷониби давлат амалӣ шуда бо мақсади муайян кардани принсипҳои анҷом додани амалиёт бо арзишҳои асъорӣ , ҳифзи пули миллӣ, нигоҳ доштани устувории он, маҳдуд кардани хуруҷи сармоя аз кишвар, таъмини сатҳи зарурии асъор фаҳмида мешавад. Аҳамияти ин тадқиқот ба он асос ёфтааст, ки танзим ва назорат дар соҳаи муомилоти асъорӣ қисми махсуси низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуда устувории иктисодиёти мамлакатамонро таъмин менамояд. Нуқтаи муҳим ва афзалиятнок ин аст, ки имрӯз танзими асъор комилан ба нигоҳ доштани қурби муътадили асъори миллӣ нигаронида шудааст.

Дар охир чунин кайд кардан мумкин аст, ки бо максади баланд бардоштани накши танзими асъор дар ҶТ таъмини устувории пули миллӣ ва нигоҳ доштани устувории он дар қатори асъорҳои дигар давлатҳо мақомоти танзими асъор бо истифода аз меъёрҳои

---

[364] *Ниг:. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки милли Тоҷикистон» моддаи 15 аз 28 июни соли 2011.*

қонунгузорӣ муносибатҳоро дар бахши асъор ҳаматарафа ба низом дароранда дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахши асъор саҳмгузор бошанд.

### Адабиёт


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013 // http: // www.president.tj/node/4318
2. Черновол, Е.П. Возмещение вреда, причиненного незаконными действиями организаций и их должностных лиц: Учебное пособие / Е.П. Черновол. – Свердловск: Изд-во Свердл. юрид. ин-та, 1984. – С. 9.
3. Сафаров Қ..С. Пул қарз ва бонкдории Исломӣ./ Васоити таълимӣ. – Душанбе «Тайрон–2014»,2019, саҳ 85.
4. Сангинов Д.Ш., Азамқулов Ф.Ҳ., Каримов Х.С., Раҷабзода Х.Р. Ҳуқуқи асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д.Ш. Васоити таълимӣ.-Душанбе 2021.– 144 с.
5. Конститутсияи ҶТ 6 – ноябри соли 1994.
6. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми якум аз 30 июни соли 1999, №802, қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999, №884 ва қисми сеюм аз 1 марти соли 2005, №84.
7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» 13 июни соли 2013.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок «, Душанбе аз 28.07.2011.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки милли Тоҷикистон» 28 июни соли 2011.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» 20 марти **соли 2009.**



**Исмонализода Сайвалӣ**


## ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ КАФОЛАТҲОИ БОНКӢ


***Исмонализода Сайвалӣ,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 900-99-96-23*



**Фишурда.** Дар кори мазкур мафҳум ва хусусиятҳои кафолати бонкӣ ҳамчун яке аз тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадории мустақил тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби он бо дигар падидаҳои ба он монанди ҳуқуқи гражданӣ ва гардиши электронии он мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муносибатҳо вобаста ба кафолати бонкӣ тариқи додани ҳуҷҷате, ки шароити додани кафолат ва дурустии сарчашмаи онро муайян менамояд, барасмият дароварда мешавад. Рушди муносибатҳои гражданӣ бе иҷрои дахлдори уҳдадориҳое, ки субъектони он бар дӯши худ мегиранд ғайриимкон аст. Кафолати бонкӣ ҳамчун намуди кафолати мустақил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчун яке аз тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар қонунгузории миллӣ мебошад. Объекти кори мазкур бошад ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар ҷараёни амалигардонии муомилоти бонкӣ оид ба додани кафолати бонкӣ ба вуҷуд меоянд.



**Калидвожаҳо:** рушди муносибатҳои гражданӣ, таъиноти функсионални кафолати бонкӣ, кафолатҳои иловаги, кафолати бонкӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ, кафолати бонкӣ, тарзи махсуси таъмини иҷрои уҳдадорӣ, барасмиятдарории муносибатҳо оид ба кафолати бонкӣ, батанзимдадори ҳуқуқӣ.

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРАВОВОЙ ПРИРОДЫ БАНКОВСКОЙ ГАРАНТИИ

***Исмонализода Сайвали,*** *ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 900-99-96-23*

**Аннотация.** В настоящей статье проанализированы понятие и особенности банковской гарантии как независимого способа обеспечения исполнения обязательств в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, её соотношение с другими с ним схожими правовыми явлениями, и их электронный оборот. Отношения, связанные с банковской гарантией, оформляются выдачей документа, в котором указываются условия выдачи гарантии и правильность ее источника. Развитие гражданских правоотношений невозможно без соответствующего выполнения взятых на себя его субъектами обязательств. Банковская гарантия является видом независимой гарантии в Республике Таджикистан и является одним из способов обеспечения исполнения обязательств в национальном законодательстве. Объектом данной работы являются общественные отношения, возникающие при осуществлении банком операций по предоставлению банковских гарантий.

**Ключевые слова:** развитие гражданско-правовых отношений, функциональное назначение банковской гарантии, дополнительные гарантии, банковская гарантия в иностранных государствах, банковская гарантия, особый способ обеспечения исполнения обязательств, оформление отношений по банковской гарантии, правовое регулирование.

# SOME ASPECTS OF THE LEGAL NATURE OF A BANK GUARANTEE

***Ismonalizoda Saivali,*** *assistant of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 900-99-96-23*

**Annotation.** This article discusses the concept and features of the bank guarantee as a way to ensure the fulfillment of obligations in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan and ratio of the bank guarantee with others with him similar institutions of civil law. Relations associated with a bank guarantee are formalized by issuing a document that specifies the conditions for issuing a guarantee and the correctness of its source. The development of civil legal relations is impossible without the corresponding fulfillment of the obligations assumed by its subjects. A bank guarantee is a type of independent guarantee in the Republic of Tajikistan and is one of the ways to ensure the fulfillment of obligations in national legislation. The object of this work is the social relations that arise in the course of the bank's operations to provide bank guarantees.

**Keywords:** development of civil law relations, functional purpose of a bank guarantee, additional guarantees, bank guarantee in foreign countries, bank guarantee, a special way to ensure the fulfillment of obligations, registration of relations under a bank guarantee, legal regulation.

Рушди муносибатҳои гражданӣ бе иҷрои дахлдори уҳдадориҳое, ки субъектони он бар дӯши худ мегиранд ғайриимкон аст. Эҳтимоли иҷро накардан ё иҷрои номатлуби он, зарурияти истифода намудани воситаҳои ҳуқуқие, ки ҳимояи манфиатҳои кредиторонро кафолат медиҳанд, ба вуҷуд овардааст. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки меъёрҳо оид ба кафолати бонкӣ дар боби 22 КГ ҶТ пешбини гардидаанд, ки бо ин табиати ҳуқуқии институти мазкур ҳамчун яке аз тарзҳои таъмини иҷрои ухдадорӣ муайян гардидааст[365].

---

[365] *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, – №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, – №7, мод. 508; с. 2002, – №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, – №3, мод. 125; с. 2006, – №4, мод. 193; с. 2007, – №5, мод. 356; с. 2010, – №3, мод. 156; – №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, – №7,*

Таъиноти функсионални кафолати бонкӣ, таъмин намудани иҷрои матлуби уҳдадории принсипал нисбат ба бенифисиар дар қ.1 м. 398 КГ ҶТ пешбинӣ гардидааст. Падидаи таъмини иҷрои уҳдадориҳо барои ҳавасмандгардонии қарздор ҷиҳати иҷрои матлуби уҳдадориҳои худ оид ба уҳдадориҳои асоси таъин гардида[366], дар сурати аз ҷониби ӯ иҷро накардани уҳдадориҳои худ ҳамчун воситаи қонеъгардони манфиатҳои кридитор хизмат мекунад.

Ба сифати кафолатҳои иловагии иҷрои уҳдадориҳо, тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадори бароманд менамоянд, ки дар м. 354 КГ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Иҷрои уҳдадориҳо ба воситаи ноустуворона, гарав, нигоҳ доштани молу мулки қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, байъона ва дигар усулҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таъмин карда шуданаш мумкин аст.

Кафолати бонкӣ– нисбатан тарзи нави таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар амалияи ҷаҳонӣ ва хусусан дар амалияи ҳуқуқи Тоҷикистон мебошад. Ба вуҷуд омадани кафолати бонкӣ ҳамчун тарзи таъмини иҷрои ухдадорҳои граждан ӣ – ҳуқуқӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 1999 вобастагӣ дорад.

Аммо вобаста ба кафолати бонки метавон қайд намуд, ки он инистути муосири ҳуқуқи граждан ӣ буда, баракси дигар тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ таърихи қадима надорад. Кафолати бонкӣ дар ибтидо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилали хусусӣ бавуҷуд омадааст, чунки аввалин маротиба дар соҳаи мунсибатҳои байналмилалии молявӣ – кредити мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар солҳои 60-уми асри XX – сурати ҳамкориҳои байналмилалӣ тадриҷан афзоиш ёфта, боиси бастани шартномаҳои зиёди савдои хориҷи гардидааст. Аз ин ру ҳангоми бастани шартномаҳо бо шарикони хориҷӣ тавакали иҷро нагардидани уҳдадориҳое, ки тарафҳо бар души худ гирифтаанд меафзояд, ки бо гуногуни низомҳои ҳуқуқи кишварҳо, аз як дигар дур будани ҳудуди кишварҳо, зуд тағирёбанда будани вазъияти сиёсии кишварҳо эзоҳ дода мешавад. Авалин маротиба кафолати бонкӣ дар муомилоти тиҷоратии ИМА ба вуҷуд омадааст.

Тибқи моддаи 397 Кодекси граждании Ҷумҳурии Точикистон (минбаъд КГ ҶТ) дар асоси кафолат – бонк, дигар муассисаи кредитӣ ё ташкилоти суғурта (кафил) бо хоҳиши шахси дигар (принсипал) ба кредитори принсипал (бенефитсиар) мутобиқи шарти ӯҳдадории бо кафолат таъминшуда, бо пешниҳоди талабномаи бенефитсиар оид ба пардохти маблағ ӯҳдадории хаттӣ медиҳанд[367].

Аслан агар мо оиди кафолати бонкӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ назар афканем,чунин мебошанд:

Мувофиқи таърифи кафолати бонкие, ки дар Кодекси граждании Федератсияи Русия оварда шудааст, на танҳо ташкилотҳои қарзӣ, балки ташкилотҳои суғурта низ метавонанд ҳамчун кафил баромад кунанд. Дар баробари ин, Қонуни федералии «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» додани кафолати бонкиро ҳамчун амалиёти бонкӣ тасниф мекунад[368], яъне амалиётҳое, ки танҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ метавонанд дар асоси иҷозатномаи аз Бонки марказӣ гирифташуда анҷом дода шаванд. Дар қонунгузории Беларус истилоҳи «кафолати бонкии шартӣ»[369] – ӯҳдадории кафил оид ба пардохт тибқи шартҳои кафолат бо дархости хаттии бенефитсиар истифода мешавад.

---

*мод. 700, – №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, – №7, мод. 504; с. 2015, – №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., – №1334; аз 02.01.2019 с., – №1557; аз 02.01.2020 с., – №1656; аз 21.01.2020 с., – №1657.*

[366] *Ҳуқуқи уҳдадорӣ. Ҳайати муалифон. Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. Душанбе: «Сино», 2018.–С. 97.*

[367] *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, – №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, – №7, мод. 508; с. 2002, – №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, – №3, мод. 125; с. 2006, – №4, мод. 193; с. 2007, – №5, мод. 356; с. 2010, – №3, мод. 156; – №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, – №7, мод. 700, – №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, – №7, мод. 504; с. 2015, – №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., – №1334; аз 02.01.2019 с., – №1557; аз 02.01.2020 с., – №1656; аз 21.01.2020 с., – №1657.*

[368] *Прончатов Е. А., Тренина Д. Д. Банковская гарантия и смежные институты права в деятельности кредитных и страховых организаций // Страховое право, – №1, 2006, – С. 25-29.*

[369] *В. Левоненский. Право Белоруссии: Понятия, термины, определения, 2002 г.*

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон додани кафолати бонкӣ бо Қоидаҳои додани кафолати бонкӣ ва кафолатҳо аз ҷониби бонкҳои дараҷаи дуюм танзим карда мешавад. Баҳисобгирии кафолати бонкиро Дастурамал оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳои сатҳи дуюм ва Ҷамъияти саҳомии Бонки рушди Қазоқистон танзим мекунад[370].

Кафолаги бонкӣ – ин уҳдадории кафил оиди пардохти маблағ ба бенефиснар, ҳангоми аз ҷониби ӯ пешниҳод кардани талабномаи пардохт мебошад, агар принсипал уҳдадории асосиро назди бенефисиар иҷро накарда ё ба таври номатлуб иҷро карда бошад. Шартҳои иҷро кардани ин уҳдадориҳо дар шартномаи миёни кафил ва принсипал нишон дода мешаванд.

Аз мафҳуми кафолати бонкӣ, ки дар м. 397 КГ ҶТ оварда шудааст, чунин бармеояд, ки уҳдадории кафил бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шавад. Аз худи моҳияти кафолати бонкӣ аз он иборат аст, ки он худ уҳдадории дар шакли хаттӣ тартиб додашуда мебошад, ки дар асоси он кредитори принсипал – бенефисиар ҳуқуқи талаб намудани маблағро ба даст меоварад.

Кафолати бонкӣ – тарзи махсуси таъмини иҷрои уҳдадорӣ мебошад, ки тибқи он принсипал – шахси ба гарант барои кафолати бонкӣ муроҷиаткунанда, қарздор оид ба уҳдадории асосӣ ба шумор меравад ва бенифисиар, ки ҳуқуқи пешниҳоди талаб ба гарантро дорад, кредитор нисбат ба уҳдадории асоси ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти кафолати бонкиро метавон бо доираи функсияҳое, ки он иҷро менамояд муайян кард. Ба ақидаи Н.Ю. Ерпилева кафолати бонкӣ функсияҳои зеринро иҷро менамояд: таъминамоӣ, тақсимнамоӣ, ҳавасмандгардонӣ, муҳофизатӣ ва огоҳнамоӣ[371].

1.Функсияи таъминнамоӣ имконияти таъмини иҷрои уҳдадориҳои тиҷорати ва молиявии қарздор (принсипал) назди кредитор (бенефисиар), бо роҳи пешниҳоди ҷуброни зарари бенефиар аз ҷониби кафил ҳангоми ба таври матлуб иҷро нашудани уҳдадориҳои принсипалро медиҳад. Таъмини иловагии уҳдадориҳои тарафҳо аз ҷониби бонкҳо дар шартнома дар намуди уҳдадори яктарафа пешниҳод мешавад, ки одатан кафолати бонкӣ номида мешаванд. Онҳоро метавон кафолатнома низ номид, чунки одатан ба шахсони манфиаташон ҳимояшаванда, дар шакли нома равона карда мешаванд. Таркиби уҳдадорӣ оид ба кафолат ҳамеша иҷрои дигар аҳд – шартномае, ки ба он кафолат равона карда шуддаст, мебошад. Амалигардонии кафолат дар он лаҳза иҷро мегардад, ки кафил уҳдадориҳои худро назди бенефисиар иҷро менамояд (тавассути пардохти маблағи муайян ба ӯ).

2.Функсияи тақсимнамоӣ – масъулият барои тақсимнамоиро ба уҳда дорад.

– тавакалро миёни тарафҳои шартномаи асосӣ, ки аз механизми пардохти маблағе, ки ба он кафолат дода шудааст вобастагӣ дорад. Масалан, кафолат, тибқи талаби аввал тавакали бенефисиарро истисно менамояд.

– уҳдадориҳоро миённ иштирокчиёни (принсипал, кафил, бенефисиар) муносибатҳои кафолатӣ.

3. Функсияи ҳавасмандгардонӣ – ҳавасмандгардони қарздор ҷиҳати иҷроиши дақиқ ва саривақтии уҳдадориҳояш, зери хатари пешниҳод намудани талаби пардохти кафолатро тахмин менамояд.

4. Функсияи муҳофизатӣ – ҳимояи фармоишгар аз таваккал, ки бо пешпардохтҳо ё пардохтҳои даври ба манфиати иҷрокунанда, алоқаманд аст пешбинӣ менамояд. Масалан, дар аксар мавридҳо фармоишгар як қисми маблағро дар ибтидо ба иҷрокунанда мепардозад. Дар ин ҳолат кафолат функсияи муҳофизатиро барои фармоишгар иҷро менамояд, ки ӯро аз шахсони шубҳанок, ки ваколатҳои иҷрокуниро доро мебошад, ҳифз

[370] *Инисгурукция по ведению бухгалтерского учёта банками второго уровня и акционернымобществом «Банк Развития Казахстана» 31-декабря 2014, года. Утвержденая постановлением Правления Натцонального Банка Репулики Казахстан от 24 – декабря 2007 года, – №152.*

[371] *Банковская гарантия в международном банковском праве. Ерпилева Н.Ю.//Банковское право. 2000. – №3. – С. 67-76.*

менамояд. Чунин шахсон метавонанд маблағи пешпардохтро барои қонеъ намудани талаботҳои худ сарф намоянд. Бояд қайд намуд, ки пешпардохт метавонад 20-30% маблағи умумии фармоишро ташкил диҳад, ки ин барои фармоишгар (бенефисиар) хеле муҳим мебошад.

5. Функсияи огоҳнамоӣ – оиди ҳолати молиявии принсипал, қобилияти иҷрокуни уҳдадориҳои ӯ тибқи шартномаи асосӣ гувоҳӣ медиҳад. Розигии бонк ҷиҳати додани кафолати бонкӣ оиди ҳолати устувории молиявии принсипал гувоҳӣ медиҳад. Масалан, ҳангоми тендер, кафолати бонкӣ иштироки ширкатҳои заиф ва шубҳанокро, ки қобилияти иҷрои уҳдадориҳои аз тендер бармеомадаро надорад, истисно менамояд.

Муносибатҳо вобаста ба кафолати бонкӣ тариқи додани ҳуҷҷате, ки шароити додани кафолат ва дурустии сарчашмаи онро муайян менамояд, барасмият дароварда мешавад. Дар баробари ин ҳуҷҷат на танҳо шартҳои кафолат, балки қоидаҳоро доир ба муносибатҳои дутарафаи кафил ва принсипалро метавонад дар бар гирад[372]. Уҳдадории кафил бояд дар шакли хаттӣ барасмият дароварда шавад. Риоя накардани шакли хаттии кафолати бонкӣ ба ғайриимкон гардидани ҳаволасозӣ ба нишондоди шоҳидон оварда расонида, вале пешниҳод намудани далелҳои хаттӣ ва дигар далелҳоро истисно намесозад, – қайд менамояд олими рус С.В. Сарбаш. Воқеан, аз лиҳози нуқтаи назари амалӣ, кафолати бонкии шифоҳиро тасаввур намудан ҳам мушкил мебошад.

Додани кафолати бонкӣ, одатан тариқи додани «мактуби кафилӣ», ё ин ки ҳуҷҷат бо номи «Кафолати бонкӣ» ё худ «Кафолат» расмӣ гардонида мешавад.

Аксарияти олимон, кафолати бонкиро аҳди яктарафа номбар менамоянд[373]. Лекин бархе аз олимон ақидаи мазкурро ҷонибдорӣ намекунанд. Масалан, В. А. Хохлов чунин меҳисобад, ки «кафолати бонкӣ метавонад аҳди ҳам яктарафа, дутарафа ва бисёртарафа бошад, ҳамаи онҳо аз ҳолатҳои мушаххас ва аз муносибатҳои воқеӣ вобастагӣ доранд»[374]. Барасмиятдарории муносибатҳо, вобаста ба кафолати бонкӣ, воқеан метавонад тавассути ҳуҷҷате, ки аз ҷониби кафил ва бенефитсиар ва ё кафил, бенефетсиар ва принсипал басташуда амалӣ карда мешавад.

Кафолати бонкӣ одатан баҳри таъмини иҷрои уҳдадории аллакай мавҷудбуда дода мешавад. Лекин, барои додани кафолат баҳри дар оянда таъмини уҳдадории минбаъда ягон маҳдудият ҷой надорад. Дар ин ҳолат, кафолати бонкӣ аз лаҳзаи бавуҷудоии уҳдадории тавассути кафолат таъминшаванда, агар дар он муҳлати дигар муқаррар нагардида бошад[375], ба вуҷуд меояд. Аз руи қоидаҳои умумии тибқи моддаи 402 КГ ҶТ пешбинишуда, кафолати бонкӣ аз лаҳзаи додани он ба қувва медарояд.

Профессор Е.А. Суханов мустақилияти кафолати бонкиро хусусияти асосии он номида, ӯ чунин ақида меромад, ки мавҷуд набудани хусусияти аксессории нисбат ба уҳдадории асосӣ маънои онро дорад, ки кафолат:

1) Бо қатъ гардидани уҳдадории асосӣ қатъ намегардад ва бо тағйир ёфтани он тағйир намеёбад.

2) Бо беэътибор гардидани уҳдадори асоси таъминшаванда, беэътибор намегардад.

3) Ҳангоми пешниҳод намудани талабнома аз ҷониби бенефисиар, ба кафил ҳуқуқи ҳавола кардан ба эътирозҳое, ки бо таъмини уҳдадорӣ алоқаманданд, намедиҳад.

---

[372] *Сарбаш С. В. Элементарная догматика обязательств: Учебное пособие / Исслед. Центр частн. права им. – С. С. Алексеева при Президенте РФ, Рос. школа частн. права. – 2-е изд., стер. – М.: Статут, 2017. – С. 336.*

[373] *Сборник образцов гражданско-правовых договоров (с комментариями). –М.: Юрид. Фирма «Контракт»; Инфра – М., 1997. – С. 37; Комментарий к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан. Части первой с использованием судебной практики / Авторский коллектив. – Душанбе, 2004. – С. 588.*

[374] *Хохлов В.А. Ответственность за нарушение договора по гражданскому праву. – С. 170.*

[375] *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, – №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, – №7, мод. 508; с. 2002, – №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, – №3, мод. 125; с. 2006, – №4, мод. 193; с. 2007, – №5, мод. 356; с. 2010, – №3, мод. 156; – №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, – №7, мод. 700, – №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, – №7, мод. 504; с. 2015, – №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., – №1334; аз 02.01.2019 с., – №1557; аз 02.01.2020 с., – №1656; аз 21.01.2020 с., – №1657.*

4) Мавҷудияти уҳдадории кафил назди бенефисиарро бо ҳеҷ гуна талабот ё эътирози принсипал, ки дар асоси муносибати байни принсипал бо кафил ё бо бенефитсиар ба вучуд меоянд, вобаста намедонад.

5) Қонунгузорӣ муқаррар менамояд, ки уҳдадории кафил ҷиҳати пардохти маблағ ҳангоми гирифтани талабномаи такрории бенефитсиар бояд иҷро карда шавад, ҳатто агар ба кафил маълум гардида бошад, ки уҳдадории асосии бо кафолати бонкӣ таъминшуда пурра ё қисман иҷро карда шудааст, аз рӯи дигар асосҳо қатъ ёфтааст ё худ беэътибор мебошад[376].

Додани кафолати бонкӣ, асоси бавуҷудоии муносибатҳои ҳуқуқӣ байни бонк ва ё дигар ташкилотҳои карзию суғуртавӣ ва кредитори шахси сеюм ба шумор меравад.

Дар баробари он додани кафолати бонкӣ, муносибатҳои ҳуқуқии навро байни кафил ва қарздор аз руи уҳдадории таъмингардида (принсипал) ба вуҷуд меорад.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ байни кафил ва бенефетсиар дорои мазмун ва хусусияти мураккаб мебошад.

Ҳуқуқи кафил вобаста ба талаб намудани маблағи пулӣ тариқи регресс, дар асоси шартномаи байни ӯ ва кафил муқаррар карда мешавад. Қоидаи мазкур аз ҷониби олимони рус ба таври гуногун баҳо дода мешавад. Масалан, А.Я. Максимович, хусусияти талаботи регрессивиро бо назардошти КГ ИҶШФСР соли 1964 баҳо дода, онро танҳо нисбати ҷуброни ба шахси зарар расонида раво медид[377]. Ҳамин тариқ, гумон меравад, ки уҳдадориҳои регрессиви нисбати муносибатҳои шартномавӣ ягон робита надошта, имрӯз дар муносибат нисбати принсипал ва кафил аз руи қиёс «татбиқ» карда мешавад.

Бо ақидаи мазкур Б.М. Гонгало розӣ нашуда, менависад, ки якум, уҳдадориҳои регрессиви ҳеҷ гоҳ барои муносибатҳои шартномавӣ бегона набуданд[378]. Дар КГ ИҶШФСР соли 1964, бар ивази калимви «талаботи регрессивӣ» калимаи «ҳуқуқи талаботи баръакс» истифода бурда мешуд. Дуюм, оид ба уҳдадориҳои регрессиви на танҳо дар моддаи 379 КГ ФР, балки дар моддаҳои 147, 325, 366, 382, 399, 640, 885, 1081 КГ ФР низ сухан меравад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти ҳолатҳои болоовардашуда ва бо дастарасии моддаҳои 1117-1118 КГ ҶТ метавон хулоса баровард, ки кафил тариқи регресс (талаботи акс) ҳуқуқ дорад аз принсипал ҷуброни маблағеро ки ба бенефетсиар пардохт намудааст, новобаста аз ҷой доштан ва ё надоштани созишнома байни онҳо талаб намояд. Яъне, ки агар дар қ.1 м.408 КГ ҶТ сухан оиди «ҳуқуқи кафил тариқи шартномаи байни ӯ ва принсипал муайян карда мешавад» равад, он маънои тартиби амалигардонии ин ҳуқуқ, доираи уҳдадории принсипалро дар назди кафил, муҳлатӣ пардохт, шакли ҳисобкунӣ ва ғайраро дорад.

Ҳамин тариқ аҳамияти кори мазкур бо он муайян мегардад, ки ба проблемаи таъмини дахлдори иҷрои уҳдадориҳо дар Тоҷикистони муосир, ки самаранокии он ҳангоми амалигардонии ҳуқуқ ва уҳадориҳои гражданӣ аз воситаҳое, ки субъектони муносибатҳои гражданӣ барои қонеъ намудани талаботи худ истифода мебаранд вобастагӣ дорад.

**Адабиёт:**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., №1334; аз 02.01.2019 с., №1557; аз 02.01.2020 с., №1656; аз 21.01.2020 с., №1657.
2. Ҳуқуқи уҳдадорӣ. Ҳайати муалифон. Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: «Сино», 2018. С. 97.


[376] *Гражданское право в 4-х томах, том III обазательственное право. Е.А. Суханов. Москва 2006, – С. 103.*
[377] *Гражданский кодекс Российской Федерации. Часть первая. Научно-практический комментарий. – М.: БЕК, 1996. – С. 579.*
[378] *Гонгало Б.М. Учение об обеспечении обязательств. Вопросы теории и практики. – С. 61.*

3. Прончатов Е. А., Тренина Д. Д. Банковская гарантия и смежные институты права в деятельности кредитных и страховых организаций // Страховое право, №1, 2006, с.25-29.
4. В. Левоненский. Право Белоруссии: Понятия, термины, определения, 2002 г.
5. Иниструкция по ведению бухгалтерского учёта банками второго уровня и акционернымобществом «Банк Развития Казахстана» 31-декабря 2014, года. Утвержденая постановлением Правления Натционального Банка Репулики Казахстан от 24 – декабря 2007 года, №152.
6. Банковская гарантия в международном банковском праве. Ерпилева Н.Ю. // Банковское право. 2000. №3. – С. 67-76.
7. Сарбаш С. В. Элементарная догматика обязательств: Учебное пособие / Исслед. Центр частн. права им. С. С. Алексеева при Президенте РФ, Рос. школа частн. права. – 2-е изд., стер. – М.: Статут, 2017. С. 336.
8. Сборник образцов гражданско-правовых договоров (с комментариями). М.: Юрид. Фирма «Контракт»; Инфра – М, 1997. С. 37; Комментарий к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан. Части первой с использованием судебной практики / Авторский коллектив. Душанбе, 2004. С. 588.
9. Хохлов В.А. Ответственность за нарушение договора по гражданскому праву. С. 170.
10. Гражданское право в 4-х томах, том III обазательственное право. Е.А. Суханов. Москва 2006, – С. 103.
11. Гражданский кодекс Российской Федерации. Часть первая. Научно-практический комментарий. М.: БЕК, 1996. С. 579.
12. Гонгало Б.М. Учение об обеспечении обязательств. Вопросы теории и практики. С. 61.

**Шабонов Шохкарим Султонович**

## ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Шабонов Шохкарим Султонович,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 900-07-88-93* ***E-mail:*** *shohkarims.7@gmail.com*

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур роҳи автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ, инчунин вазъи ҳуқуқии он мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф дар кори мазкур қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, таснифбандии роҳҳои автомобилгардро дар шароити инкишофи босуръати сохтмони онҳо дар асоси шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ мубрам шуморида, баъзе андешаҳоро бобати таснифбандии роҳҳои автомобилгард пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** вазъи ҳуқуқӣ, роҳҳои автомобилгард, ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, объекти ҳуқуқ, сохтмон, тасниф, моликияти давлатӣ ва хусусӣ, аҳд, қонунгузоӣ, маҳдудият.

## ПРАВОВОЙ СТАТУС АВТОМОБИЛЬНЫХ ДОРОГ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Шабонов Шохкарим Султонович,*** *ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 900-07-88-93* ***E-mail:*** *shohkarims.7@gmail.com*

**Аннотация:** в данной статье рассмотрено автомобильная дорога как объект права, а также правовой статус автомобильной дороги. Рассматривая и анализируя законодатель-

ство Республики Таджикистана автор рассматривает классификацию автомобильных дорог в контексте стремительного развития их строительства на основе государственно-частного партнерства и предоставляет некоторые идеи по классификации автомобильных дорог.

**Ключевые слова:** классификация, автомобильные дороги, республиканский, местный, объект права, строительство, классификация, государственная и частная собственность, сделка, законнодательство, ограничения.

## LEGAL STATUS OF CAR ROADS IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPEBLIC OF TAJIKISTAN

***Shabonov Shohkarim,*** *assistant of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 900-07-88-93* ***E-mail:*** *shohkarims.7@gmail.com*

**Annotation:** this article considers the road as an object of law, as well as the classification of the road. Considering and analyzing the legislation of the Republic of Tajikistan, the author considers the classification of roads in the context of the rapid development of their construction on the basis of public-private partnerships and provides some ideas for the classification of roads.

**Key words**: classification, highways, republican, local, object of law, construction, classification, state and private property, transaction, legislation, restrictions.

Мафҳуми роҳи автомобилгард дар қонунгузории ватанӣ муқаррар гардида, тибқи моддаи 1 ҚҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ»: Роҳи автомобилгард маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва иншооти муҳандисие, ки ҳаракати мунтазаму бехатари автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиётро вобаста ба суръат, иқтидори сарборӣ ва андозаҳои муқарраршуда таъмин менамоянд[379].

Дар асоси муқаррароти боло хусусиятҳои зеррини роҳҳои автомобилгардро метавон ҷудо намуд: якум он объекти комплексии инфрасохтори нақлиётӣ мебошад; хусусияти дувумаш бошад дар таъиноти махсусаш таҷассум меёбад.

Таҳти мафҳуми маҷмӯи унсурҳои муҳандиси дар инфрасохтори нақлиётӣ дар қонунгузории миллӣ маҷмӯи воситаҳои истеҳсолию технологӣ фаҳмида мешавад, ки барои хизматрасонии муштариён, борфиристонандагон, борқабулкунандагон, боррасонандагон ва инчунин таъмини фаъолияти воситаҳои нақлиётӣ, фахмида мешавад.[380] Аз мафҳуми додаи қонун маълум аст, ки нишонаҳои роҳи автомобилгард ба нишонаҳо ва хусусиятҳои объектҳои ҳуқуқи гражданӣ алоқаманд нестанд. Бинобар ин то ҳол оид ба хусусиятҳои роҳи автомобилгард аз нигоҳи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ муқаррароти мушаххас мавҷуд нест.

Тарҳрезии нокифоя дар қонуни ҶТ «Дар бораи роххои автомобилгард ва фаъолияти рохдори» тафсири гуногуни онро дар санадҳои зерқонунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ имконпазир гардонида, муомилоти роҳи автомобилгардро дар табодуллоти гражданӣ мураккаб месозад. Ба назар чунин мерасад, ки роҳи автомобилгард бояд ҳамчун объекти мустақили амволи ғайриманқул, ки аз маҷмӯи молу мулк иборат аст, муаррифӣ гардад. Дар адабиётҳои хориҷӣ низ муқаррарот доир ба роҳҳои автомобилгард шаффоф пешниҳод нагардидааст, аз ҷумла ғайриманқул будан ё набудани он. Дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ низ масъалаи мазкур ҳалли худро наёфтааст. Дар Федератсияи Руссия то ҳол масъалаи таносубии роҳи автомобилгард ба объекти ғайриманқул кушода мондааст[381].

---

[379] *ҚҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ»/ 25.06.2021/– №1794*

[380] *Устав автомобильного транспорта и городского наземного электрического транспорта: федеральный закон от 08.11.2007 – №259-ФЗ (в ред. от 13.07.2015) // Собрание законодательства РФ. - 2007. – №46 - – Ст. 5555.*

[381] *Вайпан В.А. Об автомобильных дорогах и дорожной деятельности: комментарий к новому Закону // СПС «КонсультантПлюс», 2007.*

Мафҳуми қонунии роҳи автомобилгард аз ҷониби А.В. Мандрюкова[382] ва О.С.Карпенюк[383] низ зери интиқод қарор дода шудааст.

Дар Қонуни амалкунанда оид ба роҳҳои автомобилгард маҳдудият ҷиҳати хусусигардонӣ бо дарназардошти аҳамияти мудофиавӣ доштанашон муқаррар нагардидааст. Тибқи таснифоти моддаи 4 қонуни мазкур роҳҳои автомобилгард тибқи шартномаи консессия супоридашуда аз роҳҳои автомобилгарди хусусӣ тафовут доранд, аз ин бар меояд, ки дар ҳолати роҳҳои автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявии мудофиавӣ доштаро низ тибқи консессия ба дигар субъектҳо супоридан ба қонунгузорӣ мухолифат накарда, ин роҳҳо хусусӣ ба ҳисоб намеравандм[384].

Дар қонунгузорӣ оид ба муомилоти роҳҳои автомобилгарди хусусӣ ягон маҳдудият пешбинӣ нагардидааст, яъне роҳҳои автомобилгарди хусусӣ дар муомилоти озод қарор доранд.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем гардишпазир будани роҳҳои автомобилгард дар шароити инкишофи босуръати сохтмони онҳо дар асоси шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар сатҳи қонунгузорӣ имконият фароҳам овардан бобати хусусигардонии роҳҳои автомобилгарди истифодаи махсус, боиси ташаккули соҳаи мазкур мегардад. Ниҳоят тибқи қонунгузории мавҷуда ба объектҳои граждании дар муомилот маҳдудбуда бояд роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва махсусе, ки аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро дороянд шомил гарданд, ба роҳҳои автомобилгарди дар муомилот маҳдуд набуда бошад роҳҳои автомобилгарди хусусии таъиноти махсус шомил гарданд. Аз ин лиҳоз қобили қабул аст, ки роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумие, ки аҳаммияти мудофиавӣ надоранд, аммо бинобар сабаби аҳаммияти иқтисодӣ ва стратегӣ доштанашон, ба шумули роҳҳои автомобилгарди аз муомилот бардошта шуда, дохил карда шаванд.

**Адабиёт:**


1. ҚҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ»/ 25.06.2021/№1794
2. Устав автомобильного транспорта и городского наземного электрического транспорта: федеральный закон от 08.11.2007 №259-ФЗ (в ред. от 13.07.2015) // Собрание законодательства РФ. – 2007. – №46 – Ст. 5555.
3. Вайпан В.А. Об автомобильных дорогах и дорожной деятельности: комментарий к новому Закону // СПС «КонсультантПлюс», 2007.
4. Мандрюков А.В. Эх, дороги... // Строительство: бухгалтерский учет и налогообложение. 2013. – №2. – С. 50-53.
5. Карпенюк О.С. Автомобильная дорога как объект недвижимости // СПС «Гарант», 2009.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» // аз 25.06.2021, №1794.
7. Карпенюк О.С. Автомобильная дорога как объект недвижимости // СПС «Гарант», 2009.


[382] *Мандрюков А.В. Эх, дороги... // Строительство: бухгалтерский учет и налогообложение. 2013. – №2. – С. 50-53.*

[383] *Карпенюк О.С. Автомобильная дорога как объект недвижимости // СПС «Гарант», 2009.*

[384] *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ»// аз 25.06.2021, – №1794.*

**Амирзода Фарнуш Амир**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪСИСДИҲИИ НАМУДҲОИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ИТТИҲОДИЯҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

***Амирзода Фарнуш Амир,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣва тиҷорати факултети ҳуқуқшиноси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 555-52-29-22* ***E-mail.:*** *zaynidinzoda_07@mail.ru*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур таҳлил оид ба масъалаҳои азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Тазаккур бояд дод, ки масъалаи мазкукр дар як қатор санадҳои меъёри ҳуқуқӣ хусусан дар моддаи 58 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Вале он ба таври пурра ҳолату сабабҳои азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқиро ифшо наменамояд. Муаллиф бар он назар аст, ки шахси ҳуқуқӣ субъекти аосии муносибатҳои соҳибкорӣ буда, қобилияти ҳуқуқии гражданӣ дорад. Яъне қобилияти ҳуқуқии худро тавассути мақомоти худ амали мекунад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ доир ба масъалаи мазкур дар байни олимон фикру ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ талаботи доштани ҳуҷҷатҳои зарури ҳатмист. Яъне шахси ҳуқуқӣ ҳангоми таъсиси он дар мақоми ваколатдори давлатӣ бояд ба қайдӣ давлатӣ гирифта мешавад. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин бобат масъалаи моҳияти шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолати ба инобат гирифтани ҳадаф аз таъсиснамоии он боз ба таври пурра кушода мешавад. Бояд зикр намуд, ки маҳз дар ҳолати муайян намудани ҳадафи таъсиснамоӣ, мақоми ҳуқуқии шаҳсони ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Доир ба сабубу омилҳои азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ мутобики муқаррароти қонунгузориҳои ҷумҳурии Тоҷикистон дар натичаи иҷроиши як қатор амалҳо сурат мегирад.

**Калидвожаҳо:** шахси ҳуқуқӣ, субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ,ташкилоти тиҷоратӣ, намудҳо, тартитиби бақайдгирӣ, азнавташкилдиҳӣ иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, ассотсиятсияҳо.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ СОЗДАНИЯ ВИДОВ ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ, КАК ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ОБЪЕДИНЕНИЕ

***Амирзода Фарнуш Амир,*** *ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 555-52-29-22* ***E-mail.:*** *zaynidinzoda_07@mail.ru*

**Аннотация:** В настоящей статье анализируется вопросы виды и реорганизации юридичиского лица. Вопрос содержится в статье 58-го Гражданского кодекса Таджикистана но не даёт полного разъяснения по этому вопросу. Автор считает что юридическое лицо является основним субъектом предпринимательских отношений и облодает гражданско-правовой дееспособностью. То есть он осуществляет свою правоспособность через свои органы. По данному вопросу в юридических литературах среди ученных существует разные мнения. В то же время следует отметить, что при создании юридического лица обязательно иметь необходимие документы. Юридическое лицо при его создании должно быть зарегистрировано в уполномоченном государственном органе. Документом, подтверждающим регистрацию, является свидетельство о государственной регистрации юридических лиц. В связи с этим, вопрос о понятия и сушность юридического лица раскроется полностью в случае учета цели и его создании. Следует отметить, что именно при определении цели юридических лиц устанавливается их

правовой статус. Что касается причин и факторов реорганизации и ликвидации юридических лиц в соответствии с положениями законодательства Республики Таджикистан, то это происходит в результате совершения ряда действий.
**Ключевые слова:** юридическое лицо, субъект гражданского права, имущество, праводееспособность, виды, реорганизация, социальная организация.

## SOME ISSUES OF CREATING TYPES OF LEGAL ENTITIES AS A BUSINESS ASSOCIATION

***Amirzoda Farnush Amir,*** *assistant of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 555-52-29-22* ***E-mail:*** *zaynidinzoda_07@mail.ru*

**The summary:** This article analyzes the types and reorganization of a legal entity. The issue is contained in article 58 of the Tajik Civil Code but does not provide a full explanation on this issue.The author believes that the legal entity is a participant in civil relations and enjoys civil legal capacity. That is, he exercises his legal capacity through his bodies. On this issue in legal literature among scientists there are different opinions. At the same time, it should be noted that when creating a legal entity, you must have the necessary documents. A legal entity must be registered with an authorized state body when it is created. A document confirming registration is a certificate of state registration of legal entities. In this regard, the question of the concept and essence of a legal entity will be fully disclosed if the goal is taken into account and its creation. It should be noted that it is in determining the purpose of legal entities that their legal status is established. Regarding the reasons and factors for the reorganization and liquidation of legal entities in accordance with the legislation of the republic of Tajikistan only as a result of a number of actions.
**Keywords:** legal entity, subject of civil law, social organization, legal capacity, independence, types of legal persons.

Чи тавре, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодиёт дигаргуниҳои ҷиддии иқтисодӣ вобаста ба ислоҳот ва навсозии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт рух дод, имконияти муайян намудани номусоидии якчанд нуқсонҳое, ки дар амалия ҳамзамон дар қонунгузории амалкунанда ҷой доранд ба вуҷуд омаданд. Ҷолиби диққат аст, ки солҳои охир мушкилоти марбут ба вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратию ғайритиҷоратӣ ва мавқеъи онҳо ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар низоми шахсони ҳуқуқӣ ба таври возеҳ ба назар мерасиданд. Дар ин самт ихтилофи байни заминаи қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва талаботи муомилоти муосири гражданӣ ошкор карда шуд. Маврид ба тазаккур, ки шахси ҳуқуқӣ иштирокчии муносибатҳои гражданӣ буда, қобилияти ҳуқуқии гражданӣ дорад. Бояд қайд кард, ки донишкадаи шахсони ҳуқуқӣ яке аз марказҳои асосии қонунгузорӣ буда сарпарасти ҳама гуна давлат аст. Ҳамин тавр аксарияти, шаклҳои маъруфи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, ин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки ба сифати корпоратсия баромад мекунанд.

Ба ин васила бояд дарҷ намуд, ки идеяи таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз замони империяи Рум сарчашма мегирад ва маҳз аз ҳамон давра идеяи мазкур ба вуҷуд омадааст. Аммо аввалин мафҳуми воқеъан назарраси шахси ҳуқуқӣ дар миёнаҳои асри 19 аз ҷониби Савиньи Ф.К пешниҳод гардида онро ҳамчун субъекти алоҳида ва махсус дар низоми муносибатҳои соҳибкорӣ эътироф менамояд. Дар Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати асоси ба такмили қонунгузории умумӣ дар бораи шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони ғайритиҷоратӣ ва ҳам ба баъзе намудҳои дигари онҳо, аз ҷумла иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо) равона карда шудааст.

Чунин вазъ аз он ҳолатҳо вобастагӣ дорад, ки дар айни замон дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми «ассотсиатсияи шахсони ҳуқуқӣ» ба таври васеъ таҳия шудааст, ки дар робита ба он намудҳои ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аксар вақт ба созмонҳои ба ҳам наздик аз рӯи моҳият ва ҳадафҳои фаъолият, масъалан ассотсиатсияҳо, палатаҳои савдо ва саноат алоқаманди доранд. Чунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аслан бо ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ шабеҳанд, ки метавонанд барои ташкили шакли ягонаи иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ хидмат кунанд, ки он бояд дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт карда шавад.

Ғайр аз он, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон имконияти таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро танҳо дар яке аз ду шакл – ассотсиатсия ё иттиҳодияҳо бо нишонаҳое, ки тавассути онҳо фарқ кардани ин мафҳумҳо, ки аксар вақт шахсияти ҳуқуқии онҳоро муайян мекунад пешбинӣ менамояд.

Дар ин самт дар баробари муайян намудани амволи ташкилотҳои корпоративӣ бояд ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни ширкатро низ муайян кард. Вобаста ба масъалаи мазкур профессор Раҳимзода М.З чунин андеша дорад, ки иштирок дар фаъолияти ҷамъият нисбат ба ширкат озод мебошад. Ба монанди, аз ҷамъият баромадани саҳмдор бо роҳи бегона кардани саҳмия бо саҳмдорони дигари ҷамъият, шахсони сеюм, инчунин дар натиҷаи меросгузорӣ, ба озодона ифода намудани иродаи худи саҳмдорони асосёфта, ҳеҷ гуна розигии иштирокчии ҷамъиятро дар шахсияти ягон хел мақомоти идоракунӣ талаб наменамояд[385]. Қобили зикр аст, ки муҳаққиқ масъалаи мазкурро ба таври возеҳ ифшо намудааст. Воқеъан бояд ба андешаи мазкур розӣ шуд, зеро озодӣ дар хусуси иштирок дар фаъолияти ҷамъият маҳаки асосӣ буда ҳолатҳои аз ширкат баромадани саҳмдор вуҷуд дорад.

Паҳлуи дигаре, ки дар ҷомеъаи ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳои зиедеро овардааст, ин бевосита шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад[386]. Мафҳуми шакли ташкилию ҳуқуқиро метавон ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳои асосие муайян кард, ки фаъолияти як фирмаро муайян мекунанд. Он дорои мундариҷаи номи корпоративии ташкилоти тиҷоратӣ бо мақсади нишон додани доираи қобилияти ҳуқуқӣ ва ташкили дохилии ин шахси ҳуқуқӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодии кишвар зарурати мушаххас кардани шакли ташкилию ҳуқуқӣ нисбат ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба миён омадааст. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ бо мафҳуми намуди шахси ҳуқуқӣ алоқаманд аст ва аксар вақт ҳамчун категорияҳои шабеҳ қабул карда мешаванд.

Бо вуҷуди ин, мафҳуми «шакли ташкилию ҳуқуқӣ» бояд ҳамчун таърифи мустақил баррасӣ карда шавад, ки дар робита ба он таърифи зерин пешниҳод карда мешавад. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ маҷмӯи хусусиятҳои хоси моликият ва ҷудоии ташкилӣ, усулҳои ташаккули заминаи амволӣ, хусусиятҳои ҳамкории молик, муассисон, иштирокчиён, худи шахси ҳуқуқӣ, дар баъзе ҳолатҳо, воҳидҳои сохторӣ ва масъулият дар назди ҳамдигар ҷонибҳо, истеъмолкунандагон, рақибон, давлат ва ҷомеъа мебошанд. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки бо истифода аз маҷмӯи муайяни аломатҳои таснифот байни намудҳои алоҳидаи соҳибкорӣ фарқ гузошта шавад.

Боиси зикр аст, ки шакли ташкилию ҳуқуқӣ назар ба шахси ҳуқуқӣ мафҳуми нисбатан васеътар мебошад. Мафҳумҳои «шакли ташкилию ҳуқуқии субъекти соҳибкорӣ» ва «намуди шахси ҳуқуқӣ» ҳамчун мафҳуми умумӣ бо шахсӣ алоқаманд мебошанд.

Агар шакли ташкилию ҳуқуқӣ манфиатҳои шахси ҳуқуқиро қонеъ карда натавонад, зарурати барҳам додани чунин шахс ва ташкили шакли нав вуҷуд надорад[387]. Дар ин раванд

---

[385] *Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе, 2019. – С. 151 - 155.*
[386] *Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ.- Душанбе, 2015. – С. 60-62.*
[387] *Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълими. Қисми 1. –Душанбе, 2009. – С. 121 - 212.*

шакли ташкилию ҳуқуқӣ метавонад ба шакли дигар табдил дода шавад. Корхонаҳо (фирмаҳо), ки асоси бахши соҳибкориро ташкил медиҳанд, воҳидҳои мустақили иқтисодии шаклҳои гуногуни моликият мебошанд, ки захираҳои иқтисодиро барои иҷрои фаъолияти тиҷоратӣ муттаҳид кардаанд. Зери калимаи тиҷоратӣ ҳамчун фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ барои шахсони сеюм, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки бояд ба корхона фоидаи тиҷоратӣ расонанд, яъне маҳз фоида.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди таҳияи кофии асосҳои назариявии масъала, истилоҳи «шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ» дар адабиёти ҳуқуқӣ фарогирии лозимаро ба даст наовардааст. Аммо, берун аз доираи меъёрҳои ҳуқуқи граждании, чунин таснифот, ба монанди тақсимоти шахсони ҳуқуқӣ ба корпоратсияҳо ва муассисаҳо, шахсони ҳуқуқии хусусӣ ва давлатӣ, тақсимоти ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ба шахси ҳуқуқӣ ва онҳое, ки сифат надоранд шахсияти ҳуқуқӣ боқӣ мемонад[388].

Аз маънои умумии мафҳумҳои ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки дар қонунгузории амалкунанда сабт шудаанд, бармеояд, ки қонунгузор мафҳумҳои дар боло зикршударо муайян намуда, меъёри асосиеро фароҳам овардааст, ки дар асоси тафриқаи ду намуди анъанавии шахсони ҳуқуқӣ – меъёр ва ҳадаф қарор доранд. Аммо, дар адабиёти гуногуни ҳуқуқӣ аксар вақт меъёрҳои гуногуни фарқ кардани ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ истифода мешаванд.

Меъёри шакли ташкилию ҳуқуқиро аксар вақт дар таълимот расми будани онро ба назар намегирад, ки он барои тағир додани хусусияти шахси ҳуқуқӣ қодир нест. Бо истифода аз меъёри шакли ташкилию ҳуқуқӣ, фарқияти ҳаҷми қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро мушаххастар қайд карда ба инобат гирифтан мумкин аст, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ воқеан мустақил ва иштирокчиёни нисбатан муҳими муносибатҳои гражданӣ мебошанд. Қобилияти ҳуқуқдории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, дар муқоиса бо ташкилотҳои тиҷоратӣ, дорои хусусияти маҳдуд мебошад, ки он инчунин дар хусусиятҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқии муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби қонунгузор ҳангоми таъмини хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии онҳо зоҳир мешавад.

Ин хулосаро дар асоси он гирифтан мумкин аст, ки шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ имкон медиҳанд, ки иштироки давлат дар он соҳаҳое, ки берун аз назорати давлатианд буда наметавонанд, онҳо ба таври қонунӣ ба расмият даровaрда мешаванд. Аммо, сарфи назар аз тамоми аҳамият ва зарурияти ин меъёр, бояд қайд кард, ки тақсим ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки қонунгузории амалкунанда пешниҳод кардааст, мукаммал нест ва ислоҳи муайянеро талаб мекунад.

Шахсони ҳуқуқие, ки ба сифати ташкилотҳои тиҷоратӣ баромад мекунанд, метавонанд дар шакли ҳуқуқии шарикӣ дар ширкатҳо, шарикони хоҷагӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва мунисипиалӣ таъсис дода шаванд[389]. Шарикӣ – ин шакли ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки барои ба ҳолати дурусти ҳуқуқӣ барои соҳибкороне, ки дар ҳолати боварии мувофиқ фаъолият мекунанд, таъин карда мешаванд.

Марому мақсади таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ бо роҳи аз истеъмолкунанда ба даст овардани фоида барои ҳамаи ташкилот мебошад. Тиҷорат аз номи масъулияти шарикӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои муайян, ба зиммаи муассисони ташкилот гузошта шудааст.

Дар ин раванд бояд гуфт, ки шарикии соҳибкорӣ чунин иттиҳодияи якчанд шарикон бо мақсади ташкили фаъолияти муштараки соҳибкорӣ ё тиҷоратест, ки иштироки ҳамаи ашхос ҳатман дар шартнома ё созишномаи хаттӣ тасдиқ карда мешавад. Ашхосе, ки ин шартномаи асосиро имзо мекунанд, муассисони он ҳисобида мешаванд. Онҳо ҳуқуқи пурраи иштирок ва иҷрои ҳама корро дар идора дошта дар баробари ин гирифтани маълумот оид ба ҳама намудҳои фаъолияти шарикӣ, ҳамзамон бо тамоми ҳуҷҷатҳо шинос

---

388 *Тағойназаров Ш.Т. Шахсони юридики / Ҳуқуқи гражданӣ, қ.1. - Душанбе, 2001. – С. 110-115.*

389 *Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Қисми якум// Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: <<Эр- граф>>, 2013. – С. 87-90*

шудан ва ғайраро доро ҳастанд. Ғайр аз он, бояд зикр намуд, ки дар сурати барҳамдиҳии шарикон, муассисон як қисми амволи он ё маблағи муодили пулии онро мегиранд.

Барои иттифоқи наздиктар ва самарабахш, шарикиҳои соҳибкорӣ одатан ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, ки дар онҳо на танҳо кушишҳо, балки сармояи муассисони онҳо низ алоқамананданд. Саҳми аввалан гузошташуда одатан дар шакли саҳм ё низомнома баромад мекунад. Худи шарикӣ одатан вобаста ба намуди уҳдадории амволӣ, ба шарикии пурра ва маҳдуд тақсим карда мешавад.

Ҳамчун ҳама гуна шаклҳои дигари ташкилотҳои ҳуқуқии тиҷоратӣ, шарикӣ бо тиҷорат низ бартарӣ ва нуқсонҳои бешубҳа дорад. Дар хусуси бартариҳои шарикӣ бо тиҷорат метавон мисолҳои зеринро дарҷ намуд аз қабилӣ: имкони ҷалби инвеститсияҳои иловагӣ ба тиҷорат, эътимоди пурраи иштирокчиёни шарикӣ аз қарздиҳандагон, ки хатари аз даст додани сармояҳояшонро надоранд, бинобар он, ки шарикони пурраи онҳо низ масъулияти қарзҳои шарикиро бо амволи шахсии худ, муттаҳид кардани шахсиятҳои дурахшон, фаъолона кор кардан дар доираи ширкати таъсисдодашуда ва амсоли инҳо.

Камбудии ин шакли ҳуқуқӣ хатари гум кардани амволи шахсӣ мебошад. Аммо ин камбудии тавлидшуда бартариеро барои муваффақияти ширкат эҷод мекунад. Шакли ҳуқуқии баррасишаванда, пеш аз ҳама, сатҳи баланди масъулияти иштирокчиёнро оид ба уҳдадориҳои имконпазир дар назди кредиторон ва шахсони дигар тавсиф мекунад.

Дар амал, тиҷорат дар ин формат асосан аз ҷониби одамоне анҷом дода мешавад, ки метавонанд дар фазои эътимоди мутақобила кор кунанд. Дар ин самт бояд дарҷ намуд, ки ширкати иқтисодӣ шахси ҳуқуқие мебошанд, ки сармояи умумиро қисман ба ҳамаи иштирокчиён тақсим карда метавонад. Чунин ширкат корхонаҳое ҳисобида мешаванд, ки дар асоси розигии шахсони ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ бо роҳи муттаҳид кардани моликият ва фаъолияти соҳибкории онҳо бо мақсади ба даст овардани фойда таъсис дода шудаанд. Ин ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ иборатанд аз: Ширкати хоҷагӣ (ширкати бобоварӣ– асосёфта, ширкати комил); Ҷамъият (ҶДММ, ҶДМИ, ҶС); Кооперативҳои истеҳсолӣ; Корхонаҳои давлатӣ. Интихоби шакли ташкилот аз фаъолияти ояндаи ташкилот ва шумораи муассисон вобаста аст. Муассис метавонад як шахс (шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ) ва ё якчанд шахс бошад.

Мувофиқи муқарраротҳои санадҳои аз тарафи қонунгузор дар ин самт қабул гардида шумораи иштирокчиёни ҷамъият муқаррар карда шудааст. Ҳисоби умумии иштирокчиён набояд аз си нафар зиёд бошад. Дар ҳолати зиёд шудани шумораи иштирокчиён аз ҳадди муайянгардида ҷамъият бояд фаъолияташро табдил диҳад. Дар ин вазъ ҷамъият бояд дар давоми сол ба ҷамъияти кушоди саҳомӣ ё кооперативи истеҳсолӣ табдил ёбад.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки қонунугузории амалкунанда мафҳуми «таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ»-ро ба таври мушаххас дар ягон санадҳои меъёри ҳуқуқӣ пешбини накардааст. Лек дар аксар адабиётҳои ҳуқуқӣ мафҳуми зикргардида баҳсу мунозираҳои зиёдеро байни олимони соҳа ба вуҷуд меорад. Масалан В. А. Горлов қайд мекунад, ки «таъсиси шахси ҳуқуқӣ маҷмӯи амалҳои ҳуқуқии аҳамиятноки ба ҳам алоқаманд ва аз ҷониби муассисон баамалбароранда мебошад, ки дар қонун ва шартномаи таъсис дарҷ гардидааст[390]

Ба ақидаи И. В. Ершова бошад, дар зери мафҳуми «таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ» амалӣ намудани амалҳои аҳамияти ҳуқуқидошта ва қабули санади дахлдор, ки барои ба шахс додани вазъи ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ равона аст, фаҳмида мешавад. Дар баробари ин С. В. Борисова таъкид менамояд, ки ҷараёни таъсиси субъекти фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби соҳибкори оянда ба амал баровардани ҳуқуқҳои конститутсионии худ, як қатор амалҳои ҳуқуқии аҳамиятнок ба шумор меравад, ки хислати канвойи ягонаи ташкилӣ дорад ва мувофиқи қоидаи муқаррарнамудаи қонуни амалкунанда ба амал баровардa мешавад. Он вазифаи механизми ҳуқуқии «интиқол»-и шаҳрвандонро ба иштирокчии муносибатҳои соҳибкорӣ иҷро мекунад, ки дар худ чунин унсурҳоро дарҷ

[390] *Горлов В.А. Правовое положение обществ с ограниченной ответственностью. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Екатеринбург, 1998. – С. 83.*

мекунад: ҳуқуқи субъекти ташкилотҳои соҳибкорӣ будан, вазъи ҳуқуқии онҳо, воситаҳои қонунигардонии давлатӣ ва ғайраҳо.

Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ – ин фаъолияти шаҳрвандон ва (ё) шахси ҳуқуқӣ, мақомотҳои давлат оид ба таъсис ва бақайдгирии давлатии ташкилот, ки барои ба шахс вазъи субъектони фаъолияти соҳибкорӣ додан равона карда шудааст. Маврид ба ёдоварист, ки институтҳои таъсиси ташкилотҳои тиҷорати бо риоя ва амали якчанд принсипҳои муайянгардида фаъолият мекунанд. Ба таври маъмулӣ яке аз принсипҳое, ки хусусияти универсалӣ доранд, принсипи қонуният эътироф карда шудааст, ки қариб дар тамоми зинаҳои фаъолияти субъектони соҳибкорӣ амал мекунад.

Муссалам аст, ки барои таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ якчанд зинаҳо дар адабиётҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст. Масалан В.А.Захаров се зинаи асосии таъсисдиҳии ташкилотҳои тиҷоратиро пешниҳод намудааст: 1) зинаи то бақайдгирӣ, 2) зинаи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ, 3) зинаи баъди бақайдгирӣ. Умуман гуфтан мумкин аст, ки дар адабиётҳои илмӣ ягонагии мафҳуми зинаҳои таъсисдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ вуҷуд надорад.

Дар баробари ин нуқтаи афзалиятноки дигарро бояд дарҷ намуд, ки ҳангоми таъсиси ташкилот зарурат дорад. Сухан дар хусуси ҳуҷҷатҳое меравад, ки дар ҷараёни таъсиси ташкилотҳо истифода бурда мешавад. Маъмулан тибқи санадҳои қонунгузорӣ онҳоро ҳуҷҷатҳои таъсисӣ менамонанд, ки номгуӣ онҳо дар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Ба сифати чунин ҳуҷҷатҳо бевосита оинннома ва шартномаҳои таъсисӣ баромад менамояд. Мутобиқи талаботи қ.2 м. 53-и Кодекси граждани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ номи ташкилоти тиҷоратӣ, маҳалли ҷойгиршавии он, тартиби идораи фаъолияти ташкилоти тиҷоратӣ, инчунин дигар маълумотҳои пешбининамудаи қонун нишон дода мешаванд[391].

Бояд зикр намуд, ки дар шартномаи таъсисӣ муассисон иродаи худро оидба барпо намудани ташкилоти тиҷоратӣ муқаррар намуда, тартиби фаъолияти якҷояи худро дар бобати барпо намудан, шартҳои ба он додани молу мулки худ ва иштирок дар фаъолияти онро муайян менамоянд. Дар шартнома ҳамзамон шарту тартиби тақсими фойдаву зарар миёни иштирокчиён, идораи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, аз ҳайати он баромадани муассисон муайян карда мешавад.

Қайд кардан роиҷ аст, ки дар баробари гуфтаҳои дар боло дарҷ гардида як мафҳуми дигаре дар хусуси муносибатҳои соҳибкорӣ вуҷуд дорад, ки ба ташкилотҳои тиҷоратӣ алоқамандии зич дорад. Сухан дар бораи ҷомеъаи тиҷоратӣ меравад. Фаҳмиши ҷомеъаи тиҷоратӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар бахши соҳибкорӣ чунин аст: – номи ширкат бояд дорои маълумот дар бораи шакли ҳуқуқии он, намуди ширкат, инчунин дигар далелҳои бо қонун пешбинишударо доро бошад. Номи ширкат дар ҳуҷҷатҳои ширкат гузошта мешавад. Ин мансубияти ҷомеъаро баъзе вазоратҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ нишон дода наметавонад. Ҷойгиршавии ширкат бояд ба ҳудуди як кишвари муайян мувофиқат кунад. Бояд гуфт, ки ширкатҳои тиҷоратӣ хусусияти универсиалӣ доранд ва аз ин ру ба таври васеъ паҳн шудаанд.

Ширкатҳои тиҷоратӣ аз ҷониби як шахс (соҳиб), ё якчанд нафар дар як вақт бо роҳи ҷудокунии амвол бо мақсади пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таъсис дода мешаванд. Маврид ба зикр аст, ки онҳо яке аз намудҳои шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин зарур аст, ки дар ин раванд хусусиятҳои хоси ширкатҳои тиҷоратиро муайян кард чунончӣ:

1) Хусусиятҳои ташкилӣ: -имконияти иштироки онҳо дар ҳама гуна ашхос ва на танҳо тоҷирони касбӣ (соҳибкорон), аз ҷумла, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва ҳатто давлат ва дигар мақомотҳои давлатӣ. Қонун иштироки ширкатҳои соҳибкорро аз номи худ танҳо мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро манъ мекунад, зеро онҳо барои иштирок дар муомилоти амвол таъсис дода нашудаанд.

---

[391] *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми умумӣ. - Душанбе, 2000.*

– Ширкатҳо сарфи назар аз номашон дар шароити муосир метавонанд аз ҷониби як шахс таъсис дода шаванд ( масъалан, аз ҷониби давлат). Барои баъзе намудҳояшон қонун шумораи ҳадди ақалро пешбинӣ мекунад.

-Инчунин мақомоти махсуси иҷроияи ширкат ва мақомоти роҳбарикунандаи тобеъи маҷлиси умумии иштирокчиёни он таъсис дода мешаванд. Худи иштирокчиён наметавонанд ҷомеъаро идора кунанд ва тиҷорат гузаронанд. Қобили зикр аст, ки ҳуҷҷати таъсисии зарурӣ, оиннома мебошад.

2) Хусусиятҳои муҳими ташкили муносибатҳои амволӣ дар доираи ин шарикӣ: ширкатҳо моликони ҳамагуна моликият, аз ҷумла пасандозҳо мебошанд; иштирокчиён дорои ду намуди ҳуқуқанд: корпоративӣ ва уҳдадорӣ (ҳуқуқи бекор кардани квота, супурдани саҳмияҳо, тақсими саҳмҳо; қонун талаботи ҳадди аққалро нисбати андозаи сармояи оинномавӣ муқаррар мекунад.

Дар ин раванд дар як қатор адабиётҳои ҳуқуқӣ ҳуқуқи амволии иштирокчиёни ширкат муайян карда шудааст, ки онҳоро дар баробари таъсиси ширкат ба уҳда мегиранд. Иштирокчиёни ширкат (ҷамъият) чунин ҳуқуқҳои амволӣ доранд:

– ширкат дар тақсими фоида бо роҳи гирифтани суди саҳмияҳо ё фоиз аз маблағи гузошташуда; – ҳуқуқ ба квотаи барҳамдиҳӣ, яъне гирифтани қисми амвол ё арзиши он пас аз ҳисоби намудан бо кредиторҳо ҳангоми барҳам додани ширкат ва ҷамъият.

Ба ӯҳдадориҳои умумии иштирокчиёни ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ инҳоро дохил намудан мумкин аст: – гузоштани маблағҳо бо тартиб, ҳаҷм, тарз ва мӯҳлати пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ; ифшо накардани маълумот дар бораи фаъолияти ширкат ва ҷамъият.

Сармояи оинномавӣ ин – арзиши пулии ҳаҷми ҳиссаҳои муассисон, ки дар оиннома пешбинӣ шудааст. Барои ин миқдор амвол бояд аз ҳисоби саҳмгузории ҳар як иштирокчӣ ташаккул дода шавад (пул ё дигар амвол). Агар арзиши дороиҳои софи ширкат аз ҳадди ақалли сармояи оинномавии муқаррарнамудаи қонун камтар бошад, ҷамъият бояд барҳам дода шавад.

Дар ҷараёни омузиши мазмуну муҳтавои мавзуъи мазкур моро зарур аст, ки паҳлуҳои фойдаҳои ширкатҳои тиҷоратиро низ мавриди омузиш қарор диҳем, зеро дар асоси қонунгузорӣ ва санадҳои дахлдор мақсаду мароми ширкатҳои мазкурро маҳз ба даст овардани фойда ташкил медиҳад. Ҳамзамон бояд гуфт, ки роҷеъ ба масъалаи фойдаҳои ширкатҳои тиҷоратӣ ба таври мухтасар дар адабиётҳои ҳуқуқӣ як қатор фикру андешаҳо дарҷ карда шудаанд чунончӣ:

1) Имкониятҳои рушди истеҳсолот ё хизматрасонӣ, миёнаравӣ ва ғайра;

2) Баланд бардоштани мустақилияти молиявӣ ва қобилияти ҳуқуқӣ аз ҳисоби муттаҳидсозии захираҳои якчанд шарикон аз нуқтаи назари бонкҳои тиҷоратӣ, ки ба гирифтани фоидаи муайян дар қарздиҳӣ мусоидат мекунад;

3) Озодӣ ва самаранокии фаъолияти иқтисодӣ; якчанд шарикон қарорҳои асосноки идоракунӣ қабул мекунанд;

4) Имкониятҳои иловагӣ барои рушди идоракунии самаранок тавассути истифодаи тахассуси функсионалии кормандон ва ҷалби менеҷерони касбӣ;

5) самимияти пойгоҳ;

6) Осонияти гирифтани қарз.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикршуда инчунин як қатор камбудиҳои ширкатҳои тиҷоратӣ мавҷуд аст аз қабилӣ:

– масъулияти бемаҳдудияти ширкат метавонад ба шарикон таҳдид кунад;

– барҳам хӯрдани яке аз шарикон метавонад ба муфлисшавии ширкат дар маҷмӯъ оварда расонад, дар аксари ҳолатҳо, иштирокчиён муштараканд ва масъулияти шадид доранд;

– таҷрибаи нокифояи соҳибкорӣ ва номувофиқатии манфиатҳои шарикон метавонад ба фаъолияти бесамар ва идоракунии дастаҷамъӣ – идоракунии нотамоми ҷомеа оварда расонад;

Ширкатҳои соҳибкорӣ – шахсони ҳуқуқие, ки ҳама гуна фаъолияти соҳибкориро ба амал меоранд, ки ба қонунгузорӣ мухолифат намекунад. Онҳо мустақилона баҳисобгирии оперативӣро пеш мебаранд, маълумоти статикӣ муайян мекунанд ва ба мақомоти муайянкардаи қонун ҳисобот медиҳанд.

Инчунин бояд қайд кард, ки шахси ҳуқуқӣ метавонад дар асоси оинннома ё ёддошти иттиҳодия амал кунад. Ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ бояд номи шахси ҳуқуқиро, ки дорои шакли ташкилию ҳуқуқии он, маҳали ҷойгиршавӣ, тартиби идоракунии фаъолияти шахси ҳуқуқиро дар бар мегирад, муайян карда инчунин дигар маълумоти барои қонун барои шахсони ҳуқуқии навъи дахлдор зарурро дошта бошанд[392]. Шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи гражданиро ба даст оварда, уҳдадории граждагиро ба зима мегирад, яъне қобилияти ҳуқуқии худро тавассути мақомоти худ амалӣ мекунад.[393] Тартиби таъйин ё интихоби мақомоти шахси ҳуқуқӣ тибқи қонун ва хуҷҷатҳои таъсисӣ муайян карда мешавад. Дифференсиатсияи шахсони ҳуқуқӣ:

1) Агар ҳадафи асосиишахси ҳуқуқӣ фоида ба даст овардан бошад, ин шахс бояд тиҷоратӣ бошад.

2) Шахсони ҳуқуқие, ки фойда ба даст намеоранд ва фойдаи ба даст овардаро байни иштирокчиён тақсим намекунанд, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ метавонанд фаъолияти соҳибкориро танҳо дар сурате амалӣ намоянд, ки он барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда ва ба мақсадҳои онҳо мувафиқаткунанда хизмат кунад. Қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ – яъне шахсӣ ҳуқуқӣ метавонад ҳуқуқҳои гражданиро дошта бошад, ки ба мақсадҳои фаъолияти дар хуҷҷатҳои таъсисии он пешбинишуда мутобиқ бошад ва дорои уҳдадориҳои марбут ба ин фаъолият бошад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ, ба истисноии корхонаҳои воҳидӣ ва дигар намудҳои ташкилотҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, метавонанд ҳуқуқҳои гражданӣ дошта бошанд ва уҳдадориҳои гражданиро барои иҷрои ҳамагуна фаъолиятҳое, ки қонун манъ накардааст дороанд.

Шахси ҳуқуқӣ ҳангоми таъсиси он дар мақоми ваколатдори давлатӣ бояд ба қайдӣ давлатӣ гирифта шавад. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ мебошад. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ роҳи қатъ кардани мақоми ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ ё ташкили шахси ҳуқуқии навест, ки боиси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ мегардад.

Намудҳои азавташкилдиҳии шахси ҳуқуқи:

– Ҳангоми якҷояшавии шахси ҳуқуқӣ бо шахси ҳуқуқии дигар тамоми ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҳар кадоми онҳо мувофиқи санади супурдан ба шахси ҳуқуқӣ дар натиҷаи ҳамроҳшавӣ дода мешаванд;

– Ҳангоми як шахси ҳуқуқӣ ( якчанд шахси ҳуқуқӣ) ба шахси ҳуқуқии дигар ба шахси охирин ҳамроҳ шуда;

– Ҳангоми азнавташкилдиҳӣ дар шакли тақсимот, ду ё зиёда шахсони ҳуқуқии нав таъсис ёфта, мавҷудияти худро қатъ мекунад;

– Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли тақсимшавӣ;

– Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли табдилёбӣ, тағйири назарраси вазъи он ба амал меояд.

Шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқии навтаъсис аз нав ташкилшуда ҳисобида мешавад. Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад[394]:

---

[392] *Кодекси граждании чумҳурии Тоҷикистон –Боби 4, моддаи 48-58*

[393] *Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Қисми якум// Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: <<Эр- граф>>, 2013.*

[394] *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз 14.05.2013, – № 1319.*

1) Бо қарори суд дар ҳолати вайронкунии дағалонаи қонун, ки ҳангоми таъсиси он содир шудааст.

2) Бо ташаббуси муассисони он.

Амалҳо барои барҳамдиҳии шахсӣ ҳуқуқӣ:

1) Комиссияи барҳамдиҳӣ дар мақомоти матбуотӣ дар бораи барҳамдиҳии он ва тартиб ва муҳлати пешниҳоди талабҳои кредиторони худ дар мақомоти матбуот нашрия нашр мекунад. Ин давра наметавонад аз ду моҳи пас аз интишори барҳамдиҳӣ камтар бошад.

2) Комиссияи барҳамдиҳӣ барои муайян кардани кредиторон ва гирифтани қарзҳои дебиторӣ чораҳо меандешад, инчунин ба таври хаттӣ дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ хабар медиҳад.

3) Дар охири муҳлати пешниҳоди талабот аз ҷониби кредиторон комиссияи барҳамдиҳӣ тавозуни муваққатии барҳамдиҳӣ тартиб дода, онро муассисон ( иштирокчиён)-и шахси ҳуқуқӣ ё мақоме, ки дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ қарор қабул кардааст, тасдиқ намуда, ба мақоми бақайдгиранда месупоранд.

4) Агар маблағҳои барои шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон кифоя набошад, комиссияи барҳамдиҳӣ амволи шахси ҳуқуқиро дар савдои оммавӣ бо тартиби барои иҷрои қарорҳои суд муқарраршуда мефурушад.

5) Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ба анҷом расонидашуда ба ҳисоб меравад агар шахси ҳуқуқӣ баъди ворид шудан ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ фаъолияти худро қатъ намояд.

Доир ба мафҳум, фаҳмиш ва намудҳои шахсони хуқуқӣ, азнавташкилдиҳӣ таъсис ва тартиби барҳамдиҳии он ба ғайр аз гуфтаҳои дар боло зикр гардида боз якчанд ақидахо дар байни олимон вуҷуд дорад[395]. Масъалан ба ақидаи В.Ф.Яковлев шахсияти хуқуқӣ вобаста аз он ки дар доираи муносибатҳои ҳуқуқи ҳамчун субъект баромад карда метавонад, инчунин метавонад васеъ ё маҳдудтар бошад. Дигар гуруҳи муаллифон чунин ақида доранд, ки қобилияти ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки шахсони ҳуқуқӣ бояд дорои кадом хуқуқҳо бошанд, то ин ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дошта бошанд. Аммо, таърифҳои пешниҳодшуда, ба фикри мо моҳияти қобилияти ҳуқуқиро каме тафсир медихад, зеро он зарурати пайдоиши сифатро ҳамчун шарти пешакии ҳуқуқи субъективи муайян намекунад. Хамзамон қобилияти ҳуқуқӣ сифатест, ки доираи иштироки субъектро дар муомилот муайян мекунад, аммо хусусиятҳои асосии онро ҳамчун сохтори ҳуқуқӣ ифшо намекунад. Дар илм ба ғайр аз қобилияти ҳуқуқӣ категорияе ба мисли шахсияти ҳуқуқӣ низ истифода мешавад, ки таносуби онхо дақиқ муайян нашудааст ва аз мавкеи ин ё он мухаққиқ вобаста аст. Баъзе муаллифон ин мафҳумҳоро тафриқагузорӣ мекунанд, дар ҳоле ки дигарон баръакс, онҳоро якхела мехисобанд.

Қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқи маҷмуӣ амволи ҳуқуқии ташкилоти муқаррарнамудаи қонун мебошад ва бо хуҷҷатҳои таъсисӣ муайян карда шудааст, ки мақоми онро ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ муайян мекунад[396]. Вактҳои охир ба ғайр аз муносибатҳои анъанавӣ оид ба муайян кардани хусусияти ҳуқуқии шахсияти ҳуқуқӣ далели ин падидаи ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи таълимӣ ба вуҷуд омад. Дар натиҷаи таҳлили як қатор санадҳои меъёри ҳуқуқии дохил ва хориҷи кишвар ва ҳамзамон адабиётҳои ҳуқуқӣ метавон ба хулосае омад, ки шахси ҳуқуқӣ бояд хамчун як категорияи мураккаби илми фаҳмида шавад, зеро он имкон медиҳад ки субъект ҳамчун соҳиби ҳуқуқ ва ухдадориҳои муайяне тавсиф карда шавад, ки қобилияти ба даст овардани онро тавассути механизмҳои муайян ба танзим дарорад. Ба ақидаи мо, мафҳуми шахси ҳуқуқӣ наметавонад дар алоҳидаги аз чунин падида ба монанди қонунигардонӣ барраси карда

---

[395] *А.К.Голованов: Субстанциональные аспекты генезиса и сущности юридического лица:- Душанбе 2006.*

[396] *Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ // Душанбе, 2014. – С. 107-109.*

шавад. Зеро шахси ҳуқуқӣ яке аз субъекти махсус дар муносибатҳои соҳибкорӣ эътироф гардида барои фаъолияти иқтисодӣ муфид аст.

Дар ин замина аз руи санадҳои меъёри ҳуқуқии граждании мафҳуми қобилияти ҳуқуқӣ ҳамчун калиди муайян кардани низоми ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ эътироф карда шудааст. Вале бояд таъкид намуд, ки на хама субъектҳои дорои хусусиятҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ қарордошта дар корҳои шахрвандӣ иштирок карда метавонанд[397]. Махз далели қонунигардонии онхо аз ҷониби давлат барои пайдоиши қобилияти ҳуқуқӣ асос шуда метавонанд.

Як андешаи дигаре, ки дар адабиётҳои ҳуқуқи гражданӣ ба саволҳои дар боло қайд гардида равшанӣ меандозад ин андешаи Ю.К.Толстой аст. Ба андешаи муаллифи зикргардида – шахсони ҳуқуқӣ бо мақсади иштирок дар муомилоти гражданӣ барои ба даст овардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ таъсис дода мешаванд. Аммо дар ниҳоят, корхонаҳои давлати ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар муомилотҳои гражданӣ ба воситаи мақомотҳои худ амал мекунад. Ба сифати ин мақомот маҳз мақомоти роҳбарикунандаи корхонаҳои давлатӣ баромад намуда, тавассути амалҳояш ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба даст меорад ва ба ин васила дар муомилоти гражданӣ иштирок мекунад.

Ба андешаи мо дар назари аввал, инҷо ҳама чиз мантиқӣ аст: яъне шахсони ҳуқуқӣ барои иштирок дар муомилоти гражданӣ тавассути мақомоти худ таъсис дода мешавад ва ба сифати ин мақомот бевосита директор ва маъмурият баромад мекунад. Аммо дар назарияи мазкур як камбудии назаррасе вуҷуд дорад. Далели ин камбуди дар он аст, ки шахсони ҳуқуқӣ на танҳо бо мақсади ба даст овардани ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ таъсис дода мешавад балки яке аз ҳадафи таъсиси он ин иҷрои вазифаҳое, ки ба зимаи онҳо гузошта шудааст.

Масъалан, директор барои таҳвили маҳсулот шартнома баста, сипас уҳдадории тибқи шартномаи маҳсулотсупорӣ ба зима гирифтаашро иҷро мекунад. Аммо истеҳсол ва таҳияи маҳсулот вазифаи директор нест. Барои иҷрои чунин вазифа аъзоёни коргарони ин корхона ҷалб карда шуда яке аз функсияи асосии меҳнатии онҳоро маҳз вазифаи мазкур ташкил медиҳад.

Камбудии дигари назарияи мазкур дар он аст, ки агар директор субъекти дар назар доштаи шахси ҳуқуқӣ эътироф шуда бошад пас моликият бояд ба директор мансуб бошад. Аммо дар воқеъият ин тавр нест моликият ба директор мансуб دониста намешавад. Аз ҳамин сабаб назарияи мазкур ба таври васеъ эътироф карда нашудааст.

Дар байни пешниҳоди муҳаққиқон вобаста ба масъалаи қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ бисёр ақидаҳои баҳсбарангез низ вуҷуд. Яке аз чунин ақидаҳо маҳз ақидаи О.А.Красавчиков, ки қобилияти ҳуқуқӣ ҳуқуқ нест, балки маҳз қобилияти, имконияти доштани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъективӣ фаҳмида мешавад[398]. Ғайр аз ин, муаллиф қайд мекунад, ки қобилияти ҳуқуқӣ ифодаи мухтасари ҳуқуқҳое мебошад, ки субъект метавонад соҳиби он бошад. Дар баробари ин, бояд бо андешаи олим розӣ шуд, ки категорияи қобилияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла, доираи ҳуқуқҳоеро, ки субъекти муайян дошта метавонад, қонун муайян мекунад.

Дар ин низом олими дигар В.М.Кротов қайд мекунад, ки шахсияти ҳуқуқӣ на хусусияти умумиҷамъӣ, балки инфиродӣ дорад.

Аз ин рӯ, бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки мундарича ва миқёси қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ (қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ) бо истифода аз ду меъёр муайян карда мешавад: мақсади фаъолият ва намуди фаъолият. Мавҷудияти мақсади фаъолият дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ шарти мавҷудияти ҳар як шахси ҳуқуқӣ мебошад. Мувофиқи мақсадҳои фаъолият, ду категорияи шахсони ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Баъзе аз онҳо ҳуқуқ доранд бо ҳар намуди фаъолияте, ки қонун манъ

[397] *Гражданское право: Учебник. Часть I / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 2015. – С. 98.*
[398] *Красавчиков О.А. Категории науки гражданского право. – Москва.: Статут, 2015. – 494 с.*

накардааст, амал кунанд ва мутобиқи қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқҳои граждани-ро ба зимма гиранд. Чунин шахсони ҳуқуқӣ дорои қобилияти умумии ҳуқуқӣ мебошанд[399].

Дигар шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд танҳо ба он намудҳои фаъолияте машғул шаванд, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо нишон дода шудаанд ва ба мақсадҳои ташкили онҳо мувофиқанд. Ҳуқуқҳои гражданӣ ва ӯҳдадориҳои чунин шахсони ҳуқуқӣ бояд ба фаъолияти муқарраркардаи онҳо мувофиқ бошанд ва қобилияти ҳуқуқии онҳо бояд хусусияти хос (қобилияти ҳуқуқии махсус) дошта бошад. Ба категорияи аввал ҳамаи ташкилотҳои тиҷоратӣ, ба истисноии корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва дигар ташкилотҳои дар қонун пешбинишуда, дохил мешаванд. Ба ин созмонҳо, масалан бонкҳо ва ширкатҳои суғурта дохил мешаванд. Ба категорияи дуюм ҳамаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва инчунин ташкилотҳои тиҷоратӣ дохил мешаванд, ки аз шумораи ташкилотҳои дорои қобилияти умумии ҳуқуқӣ хориҷ карда шудаанд. Шахси ҳуқуқӣ метавонад намудҳои алоҳидаи фаъолиятро амалӣ намояд, ки номгӯи он аз ҷониби қонун муайян карда мешавад ва танҳо дар асоси иҷозатнома – иҷозати махсуси мақомоте, ки барои додани иҷозатнома ваколатдор аст, фаъолияташро ба роҳ монад.


**Адабиёт:**

1) А.К.Голованов: Субстанциональные аспекты генезиса и сущности юридического лица: – Душанбе 2006.
2) Абрамова, Е. Н., Аверченко, Н. Н., Байгушева, Ю. В. Гражданское право. Под ред. Сергеева А. П. – М.: 2015.
3) Андреев В.К. Развитие понятия юридического лица // Гражданское право. – 2014.
4) Гражданское право: Учебник. Часть I / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 2015. – С. 98.
5) Иванова, Е. В. Гражданское право. Общая часть: учебник / Е. В. Иванова. – Москва: Юрайт, 2015.
6) Кодекси граждании чумҳурии Тоҷикистон – Боби 4, моддаи 48-58
7) Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Қисми якум // Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К ва номзади иилмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: <<Эр– граф>>, 2013.
8) Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ // Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 500 с.
9) Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълими. Қисми 1. – Душанбе, 2009. – 473 с.
10) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз 14.05.2013, №1319.



**Абдулазизи Асадуло**


## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ КОРИ ФОСИЛАВӢ (ДИСТАНСИОНӢ) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОН


***Абдулазизи Асадуло,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 105-77-77-00*



**Фишурда** Мақолаи илмии мазкур ба яке аз мавзуҳои актуаллии муносибатҳои меҳнати дар самти кори фосилавӣ бахшида шудааст. Мақсади тадқиқоти мо дар асоси


[399] *Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълими. Қисми 1. –Душанбе, 2009. – 473 с.*

таҳлили падидаи «кори фосилавӣ» дар адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омӯхтан ва пешниҳод намудани меъёрҳои мушаххас дар ин самт мебошад. Муаллиф кушиш намудааст то бо истифода аз адабиётҳои илмии ватаниву хориҷи инчунин бо таҳлили санадҳои меъёри ҳуқуқӣ паҳлуҳои кори фосилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд. Яке аз масъалаҳои актуаллии мақолаи мазкур дар он аст, ки тартиби бастани шартномаи кори фосилавӣ хусусияти махсуси худро доро буда тартиби бастани он бо қонуни соҳави муайян карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** кори фосилавӣ (дистансионӣ), шартномаи меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, корманд, корфармо, кор, ҳуҷҷатҳои электронӣ, меъёрҳои ҳуқуқ, технологияҳои муосири рақамӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо.

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ УДАЛЕННОЙ РАБОТЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ЕЁ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

***Абдулазизи Асадулло,*** *ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 105-77-77-00*

**Аннотация:** Данная научная статья посвящена одной из актуальных тем трудовых отношений в сфере дистанционной работы. Целью нашего исследования, основанного на анализе феномена «дистанционная работа» в научной литературе и нормативных правовых актах, является изучение и предложение конкретных критериев в этой сфере. Автор попытался определить аспекты дистанционной работы в Республике Таджикистан, используя отечественную и зарубежную научную литературу, а также анализируя правовые нормы. Одним из актуальных вопросов данной статьи является то, что порядок заключения договора о дистанционной работе имеет свои особенности, и порядок его заключения определяется соответствующим законом.

**Ключевые слова:** удаленная работа, трудовой договор, трудовые отношения, работник, работодатель, работа, электронные документы, правовые нормы, современные цифровые технологии, законодательство, права и обязанности.

## LEGAL BASES FOR REMOTE WORK IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: ITS THEORETICAL ASPECTS

***Abdulazizi Asadullo,*** *assistant of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 105-77-77-00*

**Annotation:** This scientific article is devoted to one of the topical issues of labor relations in the field of remote work. The purpose of our study, based on the analysis of the phenomenon of «remote work» in the scientific literature and regulatory legal acts, is to study and propose specific criteria in this area. The author tried to identify aspects of remote work in the Republic of Tajikistan, using domestic and foreign scientific literature, as well as analyzing legal norms. One of the topical issues of this article is that the procedure for concluding an agreement on remote work has its own characteristics, and the procedure for concluding it is determined by the relevant law.

**Keywords:** remote work, employment contract, labor relations, employee, employer, work, electronic documents, legal norms, modern digital technologies, legislation, rights and obligations.

Дигаргуниҳои куллие, ки бо назардошти муносибатҳои бозоргонӣ ва ба хусус дар муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омаданд, танзими мунтазами ҳуқуқиро тақозо менамоянд,

ки ин аз баланд гардидани нақш ва мавқеи муносибатҳои меҳнатӣ дар низоми ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлат гувоҳӣ медиҳад. Ин дигаргуниҳо танҳо бо роҳи таҳия ва қабул намудани қонунҳои ҷавобгу ба талаботи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ амали шуда метавонанд. Дар умум, ҳамагуна ислоҳот танҳо тавассути татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ ба амал бароварда мешавад.

Имрӯз ислоҳоти дигар дар самти муносибатҳои меҳнатӣ ин танзими меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ (дитансионӣ) машғулбада ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир мавзуи кори фосилавӣ торафт бештар шуҳрат пайдо карда истодааст. Технологияҳои муосири рақамӣ барои зудтар ва беҳтар иҷро кардани кори шумо имконият фароҳам меоранд. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки сатҳи хизматрасониро баланд бардошта, ҳаҷми истеҳсолро зиёд намуда, хароҷотро кам кунед ва ғайра.[400] Муносибати мазкур фаъолияти нав дар муносибатҳои меҳнати ба шумор рафта шакли муосири шуғл буда, муқаррарот доир ба танзими он нахуст ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 ворид карда шудааст. Чунин шаклҳои ташкили меҳнат бори аввал дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ки ҳанӯз дар солҳои 70-ум дар низоми ташкили меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омад ва асосҳои илмӣ пайдо кард.

Сар задани пандемияи COVID-19 ба вазъ дар бозори меҳнат таъсир расонида ислоҳоти худро ворид кард. Ва ин дар навбати худ боиси ба вуҷуд омадани шаклҳои нави ташкили меҳнати одамон, аз чумла, ба вуҷуд омадани кори фосилавӣ гардид. Дар замони сар задани пандемия дар ҷаҳон аз соли 2020 таҷрибаи беҳамтои ҷорӣ намудани кори фосилавӣ ба миён омад. Таҷрибаи кори фосилавӣ зиёдтар дар кишварҳои аз ҷиҳати техникиву иқтисодӣ пешрафта бисёртар дида мешуд. Зерро зарурияти пешбарии кору фаъолияти корхонаҳо ба миён омада корфармоёнро маҷбур кард, ки кормандонро ба таври фаврӣ ба кори фосилавӣ (пурра ё қисман) дар ҳама соҳаҳо ва ташкилотҳое, ки ин корро кардан мумкин буд, ҷалб намоянд, зеро дар шароити бавуҷудомада роҳи ягонаи имконпазирии ҳалли кор дар ингуна шароит буд.

Муҳимияти омӯзиши кори фосилавӣ бо якчанд сабабҳо вобаста аст. Ин, пеш аз ҳама, бо омода набудани иштирокчиёни бозори меҳнат ба дарк ва аз худ намудани технологияҳои муосири педагогӣ ва иттилоотӣ барои ташкили раванди меҳнат дар шакли фосилавӣ шарҳ дода мешавад. Полат Е.С. дар мақолаи худ менависад: «Дар Қонуни маориф бо баъзе технологияҳои фосилавӣ баробар карда шудани таҳсилоти фосилавӣ, гуё барои муассисаҳои таълимӣ сабаби комилан қонунӣ медиҳад, ки дар бораи марҳилаи тарҳрезии раванди таълим, он фикр накунанд. таъминоти методӣ ва технологӣ, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ бо рақамикунонии лексияҳои анъанавии тайёр ва ҷорӣ намудани системаи автоматикунонидашудаи санҷиш. Дар чунин шароит дар бораи чй гуна инкишофи фикрй, ташаккули тафаккури танкидию эчодй сухан рондан мумкин аст? Дар ин шароит чӣ гуна метавон дар бораи ташаккули чунин салоҳиятҳои асосие, ки Шӯрои Аврупо эълон кардааст, ба монанди салоҳиятҳои коммуникатсионӣ, иттилоотӣ, салоҳиятҳое, ки ба қобилияти омӯхтани «дар давоми тамоми ҳаёт» алоқаманданд, сухан ронем[401]

Мутобиқи боби 23 моддаи 255-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кори фосилавӣ (дистансионӣ) – шакли махсуси раванди меҳнат, ки берун аз маҳаллӣ ҷойгиршавии корфармо бо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ иҷро карда мешавад, кори фосилавӣ (дистансионӣ) ҳисобида мешавад.[402]

---

[400] *Ниг.: Аминский А.Д. Стратегическое рыночное управление. Бизнес-стратегии для успешного управления/ А.Д. Аминский. - М.: СПб: Питер, 2019. - 116 с.*

[401] *Ниг.: Полат Е. С., Бухаркина М. Ю., Моисеева М. В. Теория и практика дистанционного обучения: Учеб. пособие для студентов высших педагогических учебных заведений / Под ред. Е. – С. Полат. М.: Издательский центр «Академия», 2004.*

[402] *Ниг.: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси олии ҶТ ш. Душунбе. 23 июли 2016, – №1329*

Кори фосилавӣ яке аз шаклҳои хоси ташкили меҳнат маҳсуб ёфта, нахустин бор ба Кодекси меҳнати ҶТ ворид карда шудааст. Кори фосилавӣ бо як қатор хусусиятҳои худ аз дигар шаклҳои муқаррарии ташкили меҳнат тафовут дорад:

1) Он аз тарафи корманд берун аз ҷойи (маҳалли) воқеъшавии корфармо, иҷро карда мешавад;

2) Зимни иҷрои он, корманд зери назорати бевоситаи корфармо қарор намегирад ва аз ин лиҳоз, зери назорат гирифтани риояи интизом ва қоидаҳои бехатарии меҳнат, реҷаи кор аз тарафи корманд мушкил ва ғайриимкон мегардад.

Чанде аз муаллифон хусусияти асосии кори фосилавиро дар истифода бурдани таҷҳизоти компютерӣ зимни иҷрои он мебинанд ва дар иртибот ба ин, аз иборai «хонакории компютерӣ» истифода мебаранд. Дар асл бошад, тавассути таҷҳизоти компютарӣ иҷро намудани кори фосилавӣ танҳо яке аз хусусиятҳои ба чунин кор хос, маҳсуб меёбад.

Кори фосилавӣ аз хонакорӣ боз бо чунин аломатҳо фарқ мекунанд:

1) Он на танҳо дар хона, инчунин дар ҳама ҷойи воқеъ набудани корфармо иҷро мешавад;

2) Ҳадаф аз иҷрои кори фосилавӣ, расонидани хизматҳои гуногунӣ иттилоотӣ, барномасозӣ дар самтҳои гуногун ва дигар хизматрасониҳои ғайримоддӣ мебошад.[403]

Мақолаи мазкур бо таҳлили муқоисави ҳуқуқии кори фосилавӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россияро дар бар мегирад. Ба расмиятдарории кори фосилавӣ тавассути шартномаи меҳнатӣ ба роҳ монда мешавад. Шартномаи мехнатӣ оид ба кори фосилавӣ ва созишнома дар бораи тағйир додани шартҳои шартномаи меҳнатӣ оид ба кори фосилавӣ, ки тарафҳо муайян кардаанд, метавонад бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳои электрони баста шавад. Ҳамзамон, маҳалли ҷойгиршавии корфармо ҳамчун ҷои бастани шартномаи меҳнатӣ оид ба кори фосилавӣ, созишномаҳо дар бораи тағйир додани шартҳои шартномаи меҳнатӣ оид ба кори фосилавӣ, ки тарафҳо муайян кардаанд, нишон дода мешавад.

Агар шартномаи меҳнатӣ барои кори фосилавӣ бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ баста шуда бошад, корфармо вазифадор аст на дертар аз се рӯзи тақвимӣ аз рӯзи бастани ин шартнома ба корманди фосилавӣ тавассути почтаи фармоишӣ бо огоҳинома нусхаи ба таври дахлдор тартибдодашуда фиристад.

Ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ оид ба кори фосилавӣ бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 65 Кодекси меҳнатии ФР метавонад аз ҷониби шахсе, ки барои кори фосилавӣ муроҷиат кардааст, дар шакли ҳуҷҷати электронӣ ба корфармо пешниҳод карда шавад. Бо хоҳиши корфармо ин шахс вазифадор аст, ки ба ӯ тавассути почтаи фармоиши бо огоҳинома нусхаҳои ба таври нотариали тасдиқгардидаи ҳуҷҷатҳои мазкурро дар қоғаз фиристад.

Шинос намудани шахсе, ки шартномаи меҳнатиро оид ба кори фосилавӣ бо ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қисми сеюми моддаи 68 хамин Кодекс мебандад, мумкин аст бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳои электрони анҷом дода шавад.

Бо мувофиқаи тарафҳои шартномаи меҳнатӣ оид ба кори фосилавӣ маълумот дар бораи кори фосилавӣ ба дафтарчаи меҳнатии корманди фосилавӣ ва ҳангоми бори аввал баста шудани шартномаи меҳнатӣ ба дафтарчаи меҳнатии коргари фосилавӣ дохил карда намешавад. Дар ин мавридҳо ҳуҷҷати асоси оид ба фаъолияти меҳнатӣ ва собиқаи корманди фосилавӣ нусхаи шартномаи меҳнати оид ба кори фосилавие мебошад, ки дар қисми дуюми ҳамин модда нишон дода шудааст.

Тартиби гузаронидани ҷойивазкуниро дар мақомоти корҳои дохилии ҶТ Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 14 ноябри соли 2012, №1369 (Қоидаҳо) тасдиқ шудааст, танзим менамояд.

Қоидаҳо *ҷойивазкунии дохилиидоравӣ ва байниидоравиро* фарқ карда, гузаронидани онро дар асоси санадҳои дахлдори Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ ва мақомоти корҳои дохилии ҶТ бо дарназардошти манфиати мақомоти корҳои дохилӣ *дар панҷ сол як маротиба* муқаррар намудааст.

Ҳамзамон Қоидаҳо *ҷойивазкунии ҳатмӣ ё ихтиёриро* пешбинӣ намудааст.

Ҷойивазкунии ихтиёрӣ бо ташаббуси корманди мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад: иваз шудани ҷойи зисти доимии корманди мақомоти корҳои дохилӣ; таъин (интихоб) гардидани ҳамсар ба мансаб барои кор дар дигар маҳал.

Ҳангоми ҷойивазкунии ҳатми розигии корманди мақомоти корҳои дохилӣ талаб карда намешавад ва он бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад: иҷрои супоришҳои махсусан муҳими давлатӣ; тайёр кардани ҳайати роҳбарикунанда; мустаҳкам намудани иқтидори мақомот ва воҳидҳои сохтории онҳо; пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии содиркунии амалҳои коррупсионӣ, инчунин бархӯрди манфиатҳо.

Қоидаҳо пешбинӣ намудааст, ки ҷойивазкунӣ бо риояи принсипҳои асосии муқарраргардида (б.6) ва бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатии мӯҳлатнок амалӣ карда мешавад, агар дар қонунгузорӣ дигар тартиби ҷойивазкунии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ пешбинӣ нагардида бошад. Минбаъд, дар ҳолати зарурӣ, ё аз рӯи шартҳое, ки аз шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бармеоянд, тарафҳо бо розигии дутарафа метавонанд аз нав шартномаи (қарордоди) меҳнатиро ба мӯҳлати нав банданд, ё онро қатъ намоянд. Дар

---

[424] *АМО ҶТ.2014. – №12. М.827.*

[425] *АМО ҶТ. 2004, – №5, М. 352; 2006, – №3, М.148; 2007, – №7, М.663, 2008, – №6, М.450; ...ҚҶТ аз 2.01.2018. – №1481; аз 20.06.2019. – №1614.*

шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ҳатман дар бораи бе розигии корманди мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ намудани ҷойивазкунӣ қайд карда мешавад.

Дар маҳалҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои дорои шароити номусоиди табиӣ, иқлимӣ ва экологӣ то ба охир расидани мӯҳлатҳои пешбинигардида мумкин аст дар асоси тавсияи мутахассисони соҳаи тиб ҷойивазкунӣ гузаронида шавад.

Ҳангоми ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ ба воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ, ки тағйироти ӯҳдадориҳои вазифавӣ пешбинӣ карда мешавад, онҳо бо пешниҳоди мақомоти корҳои дохилӣ курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрии назариявӣ ва таҷрибавии такмили ихтисоси мутобиқ ба ӯҳдадориҳои ҳамон воҳиди сохториро мегузаранд, ки корманди мақомоти корҳои дохилӣ ба он ҷо гузаронида мешавад.

Қоидаҳо ҳолатҳои гузаронида нашудани ҷойивазкунии чунин кормандони мақомоти корҳои дохилиро муқаррар намудааст: занҳои ҳомила; занҳое, ки дар рухсатӣ оид ба нигоҳубини кӯдак мебошанд. Дар ин ҳолат ҷойивазкунӣ метавонад на дертар аз як соли баъди баргаштан аз рухсатӣ гузаронида шавад.

Бояд қайд кард, ки тартиботи ҷойивазкунии кормандони мақомоти андоз, прокуратура ва гумрук ҳамсон намебошад.

Агар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107[426] гирем, дар моддаи 16 он танҳо масъалаи таъин намудани прокурорҳо ба вазифа, тобеият ва асосҳои аз вазифа озод кардани онҳо муқаррар шудаасту халос. Инак, дар ин модда асосҳо аз вазифа озод намудани прокурорҳо бо хоҳиши худ, бо сабаби ба истеъфо баромадан, бо сабаби ба кори дигар гузаштан ё иҷро карда натавонистани вазифа бинобар вазъи саломатӣ, бо сабаби интихоб шудан ба мақомоти намояндагӣ, аз рӯи натиҷаҳои аттестатсия, барои риоя накардани талаботи қонунгузории ҶТ дар бораи мубориза бо коррупсия, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ва ғайра зикр шуда, дар қисми хотимавии он инчунин «бо дигар асосҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат пешбинӣ кардааст» муқаррар шудааст. Вале дар бобати қоидаҳои ҳаволакунанда ба қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ нуқтае ҷой надорад, ҳол он ки фаъолияти прокурорӣ ҳамчун қоида фаъолияти оммавӣ ё худ хизмати давлатӣ мебошад.

Аз ин рӯ пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 16 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №1079 ба сифати яке аз асосҳои қатъгардии фаъолияти прокурорҳо ин даст кашидан аз ҷойивазкунии (ротатсияи) прокурорҳо тибқи қонунгузорӣ пешбинӣ карда шуда, ба он моддаи алоҳида – моддаи 53(2) бо номи «Ҷойивазкунӣ (ротатсия)-и ҳайати роҳбарикунанда дар мақомоти прокуратура» ворид карда шавад. Дар он сурат нуқсони қонун бартараф карда шуда, ягонагии қонун дар соҳаи хизмати давлатӣ таъмин карда мешавад, ки он яке аз принсипҳои асосии волоияти қонун маҳсуб мешавад.

Дар қонунгузории соҳаи гумрук бошад, ин масъала тамоман дигар хел ҳаллу фасл карда шудааст. Инак, дар қисми 1 моддаи 492 Кодекси гумруки ҶТ тартиби ба вазифа таъин намудани шахсони мансабдори мақомоти гумрук, ҷойивазкунӣ (ротатсия) ва ба кори дигар гузаронидани онҳо чунин муқаррар карда шудааст, ки роҳбарони раёсатҳои минтақавии гумрукӣ бо розигии Президенти ҶТ ва роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва муовинони онҳо, сардорони шӯъбаҳо, сарнозирон, нозирони калон ва нозирони воҳидҳои сохтории мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, сардорони шӯъбаҳо, гурӯҳҳо, гумрукҳо, дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва муовинони онҳо, инчунин сарнозирон, нозирони калон, нозирон ва нозирони хурди раёсатҳои минтақавии гумрукӣ, гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои

[426] *АМО ҶТ. 2005. – №7. М.398; 2006. – №3. М. 141; 2007. – №5. М.350; – №7. М.652; 2008. – №12. қисми 1. М.981; 2009. – № 5. М.314; 2011. – №3. М.150; – №6. М.428; 2012. – №8. М. 810; 2013. – №7. М.497, М. 498, – №12, М.876; 2014. – №3. М.139, – №12, М.820;*

гумрукӣ дар асоси қарордод бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба вазифа таъин карда мешаванд ва дар қисми 4 ҳамин модда муқаррар шудааст, ки «ҷойивазкунии (ротатсияи) шахсони мансабдори мақомоти гумрук, тартиби дар ихтиёри кадрҳо нигоҳ доштани онҳо *бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ* амалӣ карда мешаванд».

Чуноне мебинем, қисми 4 ин моддаи кодекс ба қисми 1 он мутобиқат намекунад. Зеро корманди мақомоти гумрук ҳангоми ҷойивазкунӣ ё ба вазифаи дигар ва ё ба вазифаи ба он баробар гузаронида шуданаш мумкин аст. Пас чаро ҷойивазкунии кормандони мақомоти гумрук бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ амалӣ карда шуда, на ба он тартибе ё қоидае, ки аз ҷониби Президенти кишвар тасдиқ менамояд, роҳандозӣ мешудааст?

Ба андешаи мо ин духӯрагии қонунгузорӣ дар низоми хизмати давлатӣ ҷиҳати ҷойивазкунии кормандони мақомоти гумрук бояд бартараф карда шавад.

Масъалаи ҷойивазкунӣ кормандони мақомоти андоз дар Кодекси андози ҶТ 17 сентябри соли 2012, №901 ва чӣ дар андози ҶТ ва дар Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 пешбинӣ нашудааст.

Инак, танҳо дар моддаи 92 Кодекси аздози с.2012 ҷиҳати бархӯрди манфиатҳо муқаррар шудааст, ки «ба корманди мақомоти андоз иҷро намудани ӯҳдадориҳои мансабӣ нисбат ба андозсупоранда манъ аст, агар: корманди мазкур бо андозсупоранда алоқаи хешу таборӣ дошта бошад; нисбат ба корманди мазкур андозсупоранда ё хеши вай манфиати мустақим ё ғайримустақим дошта бошад». Ҳол он ки дар моддаи 85 ҳамин кодекс кормандони мақомоти андозро хизматчии давлатӣ эътироф намуда, таъин намудани онҳоро ба мансаб ҳангоми ба талаботи тахассусӣ, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар муқаррар кардаанд, ҷавобгӯ бошанд, муайян намудааст.

Ба ҳамин монанд меъёр дар Кодекси андози соли 2021 муқарар карда шудааст. Инак, тибқи қ.1 моддаи 164 кормандони мақомоти андоз хизматчиёни давлатӣ буда, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» танзим менамояд. Вале дар моддаи 169 он ҷиҳати бархӯрди манфиатҳо пешбинӣ шудааст, ки ба корманди мақомоти андоз иҷро намудани уҳдадориҳои мансабӣ нисбат ба андозсупорандагоне, ки бо онҳо робитаи хешу таборӣ ё манфиати мустақим ё ғайримустақим дорад, манъ аст. Аммо дар бобати ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунандаи онҳо ягон қоида ё тартибот дар кодекси зикршуда муқаррар нашудааст. Вақти он расидааст, ки ин «холигии ҳуқуқӣ» пур карда шавад.

Дар хотима бояд қайд кард, ки Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии ҶТ, ки аз 22 июли соли 2019, №1328[427] тасдиқ шудааст, нисбат ба инҳо татбиқ намешавад: ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияҳои сеюм, чорум, кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, кадрҳои роҳбарикунандае, ки то синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будани онҳо то ду сол мондааст, агар дар қонунгузории соҳавӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Инчунин, амали моддаи 26(1) Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва муқарраротӣ Қоидаҳо нисбат ба кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаю ташкилотҳои давлатӣ, аз ҷумла муассисаҳои соҳаи маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва ғайра чӣ гуна мансаберо ишғол накунанд татбиқ карда намешавад. Яъне амали Қонун ва Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии ҶТ ба кормандон ва кадрҳои роҳбарикунандаи муассаҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, аз ректор сар карда то мудири кафедраю сардори раёсату шӯъбаю бахш ва ғайра, паҳн намегардад. Зеро онҳо тибқи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ ба ҷумлаи хизмачиёни давлатӣ дохил намешавад, вале ин гуна кормандонро ҳоло ҳам баъзан ба хизматчиёни давлатӣ баробар мекунанд, ки хатои маҳз аст.

[427] http://WWW.adlia.tj.

Аз ин рӯ, барои он, ки мафҳуми ҷойивазкунии хидматчиёни давлатӣ дар амалия гуногун тассаввур карда нашавад, мазмуни онро ба моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 бо риоя намудани Қоидаи имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ ба таври зайл ворид кардан ба мақсад мувофиқ аст: «ҷойивазкунӣ (ротатсия)-и кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ба дигар мансаби роҳбарикунандаи баробари хизмати давлатӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ё дар дигар мақомоти давлатӣ ё дар дигар макон (маҳал) бо риояи намудани талаботи тахассусӣ (ё омодагии касбӣ) таъин кардан аст».

Ба ҳамин тариқ, ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатиро ба ҷумлаи яке аз функсияҳои ташкилию идоракунӣ ва танзимсозии идоракунии давлатӣ шомил намудан мумкин аст, ки нақши он дар таъмини қонуният, бартарафсозии бархӯрди манфиатҳо назаррас буда, он ҳамчун усули барканорсозии бархӯрди манфиатҳо дар идоракунии давлатӣ, таҳкимбахши таъмини шаффофияти низоми хизмати давлатӣ ва омили босамари ҳамоҳангшудаи муқовимат ба коррупсия мебошад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016 http: // WWW.adlia.tj
2. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди корупсия аз сентябри соли 2006, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 апрели соли 2008, №952 // АМО ҶТ. 2008. №4. М.341.
3. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ «Дар хусуси тасдиқи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» аз 16 апрели соли 2008, №952 // АМО ҶТ. 2008. №4. М.330.
4 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 // АМО ҶТ. 2005. №7. М.398; 2006. №3. М. 141; 2007. №5. М.350; №7. М.652; 2008. №12. қисми 1. М.981 … ҚҶТ 30.05.2017, №1410.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 11 марти соли 2010, №603 // АМО ҶТ 2010. №3. М.158.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // АМО ҶТ. 2007. №3. М.166; 2007. №6. М.429; 2010. №3. М.158; 2011. №6. М.452. … ҚҶТ аз 4.04.2019, №1597.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» аз 31 декабри соли 2014, №1173 // АМО ҶТ.2014. №12. М.827; ҚҶТ ҶТ аз 2.01.2019, №1574.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, №41 // АМО ҶТ. 2004, №5, М. 352; 2006, №3, М.148; 2007, №7, М.663, 2008, №6, М.450. …ҚҶТ аз 2.01.2018. №1481; аз 20.06.2019. №1614.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374 // АМО ҶТ. 2008, №3, М.193; 2009, №5, М.323; … с. 2016, №3, М.137; ҚҶТ аз 30.05.2017, №1441.
10. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 // АМО ҶТ. 2012. №9. М.838; 2013. №12. М. 889, 890. … ҚҶТ аз 3.08.2018, №1546.
11. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 // АМО ҶТ. 2004. №12. Қ-2. М.704.
12. Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: бо Фармони Президенти ҶТ аз 22 июли соли 2019, №1328 // http: // WWW. adlia.tj.
13. Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: бо Фармони Президенти ҶТ аз 14 ноябри соли 2012, №1369 тасдиқ шудааст // http: // WWW. adlia.tj.

**Кодиров Джурабек Шарифович**

## ВОПРОСИ ПОНЯТИЕ КОМПЕТЕНЦИЯ МЕСТНЫХ ИСПОЛНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ ОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Кодиров Джурабек Шарифович,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:****(+992) 91864-73-48* ***E-mail:*** *jurabek0376@mail.ru*

**Аннотация**. В статье проанализированы правовые вопросы определения понятии компетенция местных исполнительных органов государственной власти, а также установление соотношения между компитенция и полномочия местных исполнительных органов государственной власти в сфере государственного управления.

**Ключевые слова:** местные орган государственной власти, местный исполнительный орган государственной власти, Председатель, компетенция, полномочия, государственный орган, государственное управление, структура местных исполнительных органов.

## МАСЪАЛАИ МАФҲУМИ ВАКОЛАТИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Қодиров Ҷурабек Шарифович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:****(+992) 91864-73-48* ***E-mail:*** *jurabek0376@mail.ru*

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ҳуқуқии фаҳмиши мафҳуми ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон фарқияти мафҳуми ваколат ва салоҳияти ин мақомот ва нақши онҳо дар раванди идоракунии давлатӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Раис, салоҳият, ваколат, мақомоти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллӣ.

## QUESTIONS AND THE CONCEPT OF COMPETENCE OF LOCAL EXECUTIVE BODIES OF STATE POWER IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Kodirov Jurabek Sharifovich,*** *Candidate of Law Sciences, Docent of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:****(+992) 91864-73-48* ***E-mail:*** *jurabek0376@mail.ru*

**The summary.** The article analyzes the legal issues of defining the concept of the competence of local executive bodies of state power, as well as establishing the relationship between the competence and powers of local executive bodies of state power in the field of public administration.

**Keywords:** local state authority, local executive body of state power, Chairman, competence, powers, state body, state administration, structure of local executive bodies.

Проблема определения компетенция и полномочий местных исполнительных органов государственной власти, а также установление соотношения между указанными понятиями являются одной из важнейших направление в сфере государственного управления. От ее решения зависит эффективность правового регулирования организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти, реализация их полномочий[428].

[428]*Кодиров Дж.Ш. О соотношении компетенции и полномочий местных исполнительных органов государственной власти. Ҳайёти ҳуқуқӣ. (Правовая жизнь). – № 2. (22) 2018. ст. 95-112*

Слово «компетенция» происходит от латинского «competentia» (ведение, способность, принадлежность по праву) и имеет два распространенных значения: а) перечень вопросов, в которых лицо или несколько лиц имеют знания (знают что-то), б) круг полномочий (прав и обязанностей). В связи с этим говорят о фактической компетентность в тех или иных вопросах и об официальной компетентность органов и должностных лиц[429].

Понятие компетенции государственного органа трактуется в научной литературе неоднозначно. Одни авторы связывают ее с категорией правоспособности, считая, что компетенция– это совокупность возможных, а не существующих прав, предпосылка правообладания, которая реализуется через субъективные права[430]. Другие авторы видят совокупность компетенции категорией субъективных прав и обязанности, вытекающие непосредственно из закона, т.е. имеющихся полномочий, которые реально существуют в стадии конкретного правоотношения[431]. А третьи охватывают этим понятием и правоспособность государственного органа и права и обязанности, закрепленные за ним законом[432].

Однако этим различия в определении понятия компетенции государственного органа не исчерпываются, а переходят уже в другую плоскость, касаясь объема правовых возможностей, охватывается понятием компетенции (или на уровне правоспособности, то на уровне субъективных прав). Одни видят сущность этого понятия только в его обобщающем смысле, в охвате им всех видов правоспособности, или субъективных прав государственного органа.[433] Другие считают, что компетенция выражает лишь властные возможности государственного органа и в этом качестве противоположных на гражданской правосубъектности – правам юридического лица.[434]

Трактовка компетенции в плане правоспособности подвергалось острой, но, на наш взгляд, обоснованной критике. Действительно, компетенция– строго ограниченным на пределах закона, подробно закреплена в правовых актах, конкретизирована как по содержанию, так и в отношении субъекта– не укладывается в рамки понятия правоспособности как абстрактной, безличной возможности иметь любые права и нести любые какие обязанности, которые законодатель сочтет необходимыми для данной отрасли и общественных отношений.

Рассматривая вопрос о том, какие права и обязанности охватывает компетенция – все или только властные, следует отметить, что и тогда, когда под компетенцией понимают все права и обязанности государственного органа, и тогда, когда её охватывают только властные полномочия, самостоятельного юридическими понятия не возникает. В первом случае мы имеем дело с общим, а во втором – с административно-правовым статусом государственного органа[435]. Самостоятельное юридическое понятие компетенции образуется только на основе связи их с функциями государственного органа. Компетенция- это совокупность полномочий (прав и обязанностей), которые даются государственному органу непосредственно для реализации возложенных функций. Если орган осуществляет только властные функции, то его компетенция – совокупность только властных прав, и обязанности. Но в любом случае компетенция понятие более узкое, чем правовой статус государственного органа.

---

[429] *Лазарев Б.М. Компетенция органов управления. – М.: Юрид. лит., 1972. – 280 с.*

[430] *Алексеев С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве. – М.: Гос. юр. издат., 1966. – С. 144 -146.*

[431] *Мамутов В.К. О соотношении понятий компетенции и правоспособности государственных хозяйственных органов // Правоведение. – 1965. – №4. – С. 63.*

[432] *Мицкевич А.В. Субъекты советского права. – М.: Гос. юр. издат., 1962. – С. 28-31,*

[433] *Лаптев В.В. Правовое положение государственных органов в новых условиях //Сов. гос-во и право. – 1968. – №12. – С. 71;*

[434] *Лазарев Б.М. О компетенции органа советского государства //Сов. гос-во и право. –1964. –№10. –С.48-49;*

[435] *Кодиров Дж.Ш. Правовые механизмы обеспечение взаимодействия местных органов государственной власти в Республики Таджикистан. Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал) серия гуманитарных наук. – № 3/5(142). Душанбе: «СИНО» 2014. – С. 87-92*

Именно поэтому некоторые ученые предлагают трактовать понятие «компетенция» в широком и узком смысле. Ученый Л.И. Бачило читает что компетенция органа состоит из понимания: 1) место в системе управления занимает орган или должность; 2) задачи на них возложены; 3) территории, сферы общественных отношений или точно указанными объектами ведает орган, какие из этих объектов находятся в его непосредственном подчинении, что ему подведомственное или подконтрольное; 4) вправе и должен делать орган в пределах своей сферы деятельности; 5) юридическими правами и обязанностями наделены орган при осуществлении своего круга деятельности; 6) за что и каким образом отвечает субъект управления.[436] Есть понятие компетенции, возникает сумм перечисленных выше признаков, можно было бы назвать компетенцией в широком смысле слова, права же и юридические обязанности, составляют непосредственные правомочия органа, компетенцией в собственном, узком смысле.

Некоторыми авторами компетенция органа определялась как круг подведомственных ему вопросов с соответствующим объемом прав и обязанностей, необходимых для их решения.[437]

Наиболее обоснованной, на наш взгляд, является то что, компетенция органа– это совокупность предметов ведения и полномочий, которыми наделены органы и должностные лица, в отношении этих предметов, то есть компетенция объединяет в себе два элемента – во-первых, «предметы ведения» (общественные отношения), во-вторых, «права и обязанности» или «властные полномочия» органа[438].

Что касается юридической формы отражения предметов ведения местных исполнительных органов государственной власти в нормативных актах, то, например, в Конституционном Законе Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» от 17 майя 2004 года этот элемент закреплен в статья 20, третий главе и называется «Полномочия председателя Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района».[439] Актуальность сохраняет и вопрос о компетенциях председателя, выраженных через его полномочия. Преимущественная часть полномочии председателя непосредственно касается реализации исполнительной власти, что позволяет условно разделить их на следующие сферы: а) в сфере организации исполнения законов, других правовых актов, обеспечении правопорядка; б) в сфере создания и реорганизации структур; в) в сфере расстановки кадров и контроля за их деятельностью; г) в сфере разработки и реализации программ, благоустройства соответствующей административно-территориальных единиц.

Таким образом законодатель согласился с той точкой зрения, что закрепление предметов ведения в отдельных разделах или статьях нормативного акта является более целесообразным и позволит четко определить сферу деятельности местных исполнительных органов государственной власти. Хотя есть и другая точка зрения, сторонники которой считают, что предметы ведения нужно преподавать одновременно с задачами и полномочиями органа. По их мнению, это позволит избежать формального закрепления компетенции и упростит структуру законодательного акта440. На наш взгляд, первая позиция является более удобным.

---

[436] *Бачило Л.И. Функции органов управления. – М.: Юрид. лит., 1976. – С. 52-53.*

[437] *Кутафин О. Е., Шеремет К. Ф. Компетенция местных Советов: Учеб. пособие. – 2-е изд. – М.: Юрид. лит., 1986. – С. 31*

[438]*Кодиров Дж.Ш. О соотношении компетенции и полномочий местных исполнительных органов государственной власти. Ҳайёти ҳуқуқӣ. (Правовая жизнь). – № 2. (22) 2018. ст. 95-112*

[439] *Конституционном Законе Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» от 17 майя 2004 г., АМОРТ. 2004 год, №5, ст. 339; 2006 год, №11, ст. 472; 2009 год, №12, ст.814; 2010 год, №12, ч-1, ст. 800; 2013 год, №3, ст.179; №7, ст.500, 2017 год, №5, ст. 268.*

[440]*Яворский В.Д., Любченко П.Н. Теоретические аспекты правового регулирования компетенции местных органов исполнительной власти и самоуправления // Проблемы законности: – №32. – Х.: Нац. юр. акад. Украина, 1997. – С. 32.*

Анализ действующего законодательства Республики Таджикистан показывает, что к предметам ведения местных исполнительных органов государственной власти можно отнести следующие сферы: обеспечение законности, охраны прав, свобод и законных интересов граждан; социально-экономическое развитие соответствующей территории; бюджет финансы и учет; управление государственной имуществом, приватизацией и предпринимательством; промышленность, сельское хозяйство, строительство, транспорт и связь; наука, образование, культура, здравоохранение, физическая культура и спорт, семья; использование земли, природных ресурсов, охраны окружающей среды; внешнеэкономическая деятельность; оборонная работа и мобилизационная подготовка; социальная защита, занятость населения, труд и заработная плата; другие вопросы, отнесенные законами к полномочиям местных исполнительных органов государственной власти.

Таким образом, первый элемент компетенции (предмет ведения) – это всегда определенные в законодательстве в той или иной форме общественные отношения, представляющие собой предмет правового регулирования в его различных формах. Это обстоятельство надо иметь в виду для того, чтобы при юридическом анализе компетенции четко отграничить те общественные отношения, в которых местный орган исполнительной власти компетентное, от смежных с ними или подобных им общественных отношений, находящихся за пределами компетенции.

К вторым элементом компетенции местных исполнительных органов государственной власти относится ее полномочия, которые, с одной стороны, выглядят как прямой выражение государственного властвования, а с другой – является специфическим признаком органа. В словарях полномочия определяются как официально предоставлены любому права любой деятельности, ведение дел, как вид и мера властного влияния должностного лица на заинтересованного участника правовых отношений в целях удовлетворения его законного интереса, достижение определенного социально-полезного результата[441].

Рассматривая компетенцию местных исполнительных органов государственной власти необходимо также сказать о ее правовое регулирование, ведь оно имеет большое значение как в теории государственного управления, так и при реализации полномочий на практике.

В Конституционном Законе Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» определяется, что местные исполнительные органы государственной власти состоят из председателя Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района, структур местных исполнительных органов государственной власти, подчиненных председателю Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района, а также местных структур центральных органов исполнительной власти.

В Конституции Республики Таджикистан закреплено, что к компетенции местные исполнительные органы относится обеспечение и исполнение Конституции и законов, совместных постановлений Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, постановлений Маджлиси милли, постановлений Маджлиси намояндагон, актов Президента Республики Таджикистан, Правительство Республики Таджикистан.

Конституционные положения местные исполнительные органы государственной власти конкретизированы Конституционным Законом Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти», который детально определяет задачи, компетенцию, порядок организации и деятельности местных исполнительных органов и их структура, отношения этих органов с Президентом Республики Таджикистан, Правительством Республики Таджикистан, центральными органами исполнительной

---

[441] *Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.: Юрид. лит. 1993. – С. 571.*

власти и органами самоуправления поселка и сел, объединениями граждан, предприятиями, учреждениями и организациями.

На наш взгляд было бы целесообразно на конституционном уровне закрепили и такие компетенции местных исполнительных органов как: обеспечение законности и правопорядка; обеспечение соблюдения прав и свобод граждан; выполнение государственных и региональных программ социально– экономического и культурного развития, программ охраны окружающей среды, подготовки и исполнение соответствующих областных, городских и районных бюджетов; отчета об исполнении соответствующих бюджетов и программ; взаимодействия с органами самоуправления поселка и сел; реализации других предоставленных государством, а также делегированных соответствующими органами исполнительной власти компетенции. Местные исполнительные органы при осуществлении своих полномочий должны руководствоваться принципом – «разрешено только то, что закреплено в законе».

**Литература**


1. Конституционном Законе Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» от 17 майя 2004 г., АМОРТ. 2004 год, №5, ст. 339.
2. Кодиров Дж. Ш. О соотношении компетенции и полномочий местных исполнительных органов государственной власти. Ҳайёти ҳуқуқӣ. (Правовая жизнь). №2. (22) 2018. ст. 95-112.
3. Кодиров Дж. Ш. Правовые механизмы обеспечение взаимодействия местных органов государственной власти в Республики Таджикистан. Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал) серия гуманитарных наук. №3/5(142). Душанбе: «СИНО» 2014. С. 87-92
4. Бачило Л.И. Функции органов управления. М.: Юрид. лит., 1976. С. 52-53.
5. Кутафин О. Е., Шеремет К. Ф. Компетенция местных Советов: Учеб. пособие. – 2-е изд. – М.: Юрид. лит., 1986. – С. 31
6. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М.: Юрид. лит. 1993. – С. 571.



**Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович**


## НАҚШИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ СИЁСИИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел:*** *(+992) 989-03-84-80* ***E-mail: fardod-2012@mail.ru***



**Фишурда:** Дар мақола масъалаҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон аз ҷониби ҳизбҳои сиёсии мамлакат таҳлил карда шудааст. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон гурӯҳи хоси ҳуқуқу озодиҳои онҳо ба ҳисоб меравbooked. Ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияи ҷамъиятии шаҳрвандони кишвар эътироф шуда, ҳамчун ифодакунандаи иродаи сиёсии шаҳрвандон дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ нақши асосиро иҷро менамоянд.



**Калидважаҳо:** ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳизбҳои сиёсӣ, давлат, механизми ҳимояи ҷамъиятӣ, интихобот, райъпурсии умумихалқӣ, ҳифзи манфиатҳои аъзоёни ҳизб, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, ҳуқуқи иштирок дар идоракунии ҳаёти сиёсӣ, гуногунандешии сиёсӣ, бисёрҳизбӣ.

# РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРАВ И СВОБОД ГРАЖДАН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Имомов Хумоюн Шарофиддинович,*** *кандидат юридических наук, старший преподователь кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел:*** *(+992) 989-03-84-80* ***E-mail:*** *fardod-2012@mail.ru*

**Аннотация:** В статье анализируются вопросы обеспечения политических прав и свобод граждан Таджикистана политическими партиями страны. Политические права и свободы граждан Таджикистана считаются особой группой их прав и свобод. Политические партии в Республике Таджикистан признаются общественными объединениями граждан страны и как выражение политической воли граждан играют главную роль в обеспечении политических прав и свобод.

**Ключевые слова**: политические права и свободы, граждане Таджикистана, политические партии, государство, механизм общественной защиты, выборы, всенародный референдум, защита интересов членов партии, право на объединение, право на участие в управлении политической жизни, политический плюрализм, многопартийность.

# THE ROLE OF POLITICAL PARTIES IN ENSURING THE POLITICAL RIGHTS AND FREEDOMS OF THE CITIZENS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Imomov Humoyun Sharofiddinovich,*** *Candidate of Law Sciences, Senior Lecturer of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *+992-989-03-84-80* ***E-mail:*** *fardod-2012@mail.ru*

**Abstract:** The article analyzes the issues of ensuring the political rights and freedoms of the citizens of Tajikistan by the political parties of the country. The political rights and freedoms of the citizens of Tajikistan are considered a special group of their rights and freedoms. Political parties in the Republic of Tajikistan are recognized as public associations of citizens of the country and, as an expression of the political will of citizens, play a major role in ensuring political rights and freedoms.

**Key words:** political rights and freedoms, citizens of Tajikistan, political parties, state, public protection mechanism, elections, national referendum, protection of the interests of party members, the right to association, the right to participate in the management of political life, political pluralism, multi-party system.

Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ дар низоми вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии инсон ва шаҳрванд мавқеи хоса дошта, бо доштани шаҳрвандии шахс алоқамандии бевосита дорад. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ гуфта, маҷмуи ҳуқуқ ва озодиҳои ба шаҳрванди давлат мутааллиқбударо меноманд, ки ба шахс имконияти иштироки озодонаю васеъро дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат ва амалисозии ҳокимияти давлатӣ фароҳам меоваранд[442].

Дар муқоиса бо ҳуқуқу озодиҳои фардӣ ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ танҳо ба шаҳрвандони кишвар тааллуқ доранд ва шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо бархӯрдор намебошанд. Амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ иштирок намоянд.

Ҳангоме, ки дар сатҳи конститутсионӣ халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ пазируфта шудааст ва ҳокимияти давлатӣ бевосита аз ҷониби халқ ва ё ба воситаи вакилони онҳо ташкил ва амалӣ сохта мешавад, таҳким бахшидани

---

[442] *Ниг: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: вижагӣ, дастовард ва мушкилот: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.87.*

ҳуқуқҳои сиёсӣ хеле зарур аст. Зиёда аз ин, дар шароити давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд бидуни кафолати ин зумраи ҳуқуқҳо рушди устувори ҷомеа халалдор мегардад. Ин зарурият ба инобат гирифта шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътироф, ҳимоя ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Таъйиноти асосии ин гурӯҳи ҳуқуқҳо дар он зоҳир мегардад, ки иштироки фаъоли шаҳрвандро дар равандҳои сиёсӣ таъмин намуда, дар ин замина робитаҳо миёни шаҳрванд, ҷомеа ва давлатро таҳким мебахшад.

Бояд қайд намуд, ки барои амалӣ гардонидани ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ дар баробари мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин саҳми мақомоти ҷамъиятӣ низ бисёр арзишманд аст. Ба сифати мақомоти ҷамъиятие, ки тавассути он ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон таъмин ва амалӣ мегарданд, ҳизбҳои сиёсӣ баромад мекунанд. Имрӯз ҳизбҳои сиёсӣ асоси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд мебошанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ – ин падидаи муҳимми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ва ҳамзамон субъекти хоси муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба ҳисоб меараванд. Чун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ҳизбҳои сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ки бо маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии якхела ва бо ҳам алоқаманди муносибати байни ин ҳизбҳо ва давлат муайян мегарданд, таъсис ва фаъолият менамоянд[443].

Масъалаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон тавассути ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи васеъ қарор гирифтааст[444]. Аксар маврид таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро тавассути ҳизбҳои сиёсӣ бо амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои дигари сиёсӣ мисли, ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ, ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ алоқаманд медонанд[445].

Исботи ин гуфтаҳо меъёри моддаи 28-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки баъди ислоҳоти конститутсионии 22 майи соли 2016 дар таҳрири нави зерин тасдиқ карда шудаст: «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад»[446].

---

[443] *Ниг: Имомов Ҳ.Ш. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ / Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С.358.*

[444] *Муфассал нигаред: А. Имомов. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ. – Душанбе. 2013. 224 с; Гадоев Б.С. Хусусияти ҳуқуқӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди ислоҳоти конститутсионӣ / Конститутсияҳои Тоҷикистон ва падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар инкишофи давлатдории миллӣ. Зери таҳрири Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ ва н.и.ф., дотсент, директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ Назар Мӯмин Абдуҷалол, таҳия шудааст (муҳаррири масъул. д.и.ҳ, проф Иброҳимов С.И.). –Душанбе: «Дониш», 2019. – 620 с; Диноршоев А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2014. 144 с; Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: вижагӣ, дастовард ва мушкилот: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. –252 с; Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 364 с; Камолов Ш.Х. Конституционно-правовая регламентация институтов защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2021 – 156с; Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2016. – 199 с; Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ / Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук, Специальность: 12.00.01. Душанбе, 2015; Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқ. –Душанбе, 2017.–241с.*

[445] *Муфассал нигаред: А. Имомов Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. Душанбе. «Офсет Империя»2017. – С.305.*

[446] *Ниг: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 (бо тағйироту иловаҳои охирин аз 22 майи соли 2016) –Душанбе, 2016. – С.8.*

Қайд кардан ба маврид аст, ки асоси таъсис ва фаъолияти ҳама гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бахусус ҳизбҳои сиёсиро низ ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ чун ҳуқуқи конститутсионӣ ташкил медиҳад. Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ яке аз ҳуқуқи муҳимми конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, мутобиқи Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории амалкунандаи соҳавӣ ба шаҳрвандон кафолат дода шуда, имкон медиҳад, ки ҳар гуна иттиҳод ва ташкилотҳои ҷамъиятии соҳавии худро таъсис намоянд. Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ таркиби хос дошта, аз чор қисмат иборат аст: 1) ҳуқуқи озодона таъсис додани иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо ҳамроҳии дигарон; 2) ҳуқуқи озодона дохил гардидан ба иттиҳодияи ҷамъиятии таъсисёфта; 3) ҳуқуқи дохил нагардидан ба иттиҳодияи ҷамъиятӣ; 4) ҳуқуқи озодона баромадан аз иттиҳодияи ҷамъиятӣ.

Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ дар муқоиса бо ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар маънои умум ба таври хос муқаррар мегардад ва танҳо ба шахсони муайян тааллуқ дорад. Яъне, ҳуқуқи муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсиро танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд, амалӣ гардонида метавонанд[447].

Ҳуқуқи муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ ин ифода намудани иродаи конститутсионии шаҳрвандони кишвар дониста мешавад[448]. Дар асоси умумияти манфиатҳо ва таъсиси ҳизби сиёсӣ дар оянда шаҳрвандони кишвар метавонанд, ки ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои дастаҷамъонаи худро ҳифз ва ҳимоя намоянд.

Ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот, раъйпурсии умумихалқӣ, дигар чорабиниҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ фаъолона иштирок намуда, барои таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони ҶТ ба муттаҳидшавӣ ва иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҳаёти сиёсӣ мусоидат менамоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ – ин аломати таркибии махсуси ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ буда, иштироки васеи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъмин менамоянд. Онҳо имконият медиҳанд, ки шаҳрвандон дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба таври васеъ иштирок намоянд.

Бояд қайд кард, ки аксар маврид амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон дар Тоҷикистон тавассути ҳизбҳои сиёсӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин росто қайд намудан ба маврид аст, ки шаҳрвандон барои амалӣ сохтани ҳуқуқу озодиҳои сиёсии худ ва таъмин шудани онҳоро танҳо дар мавридҳое муваффақ мешаванд, ки агар ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ба ҳизбҳои сиёсиро дошта бошанд. Зеро ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ чун иттиҳодияи ҷамъиятии шаҳрвандони Тоҷикистон ба онҳо имконият медиҳад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии онҳо дар сатҳҳои гуногун таъмин ва ҳифз карда шавад. Дар моддаи 28-и Конститутсияи ҶТ омадааст, ки: «Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд».

Дар муқоиса бо дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар раванди идоракунии сиёсии ҳаёти ҷомеа иштирок доранд (иттифоқҳои касаба, иттифоқҳои соҳибкорӣ, ки гуруҳи фишоровар номгузорӣ мешаванд) ҳизбҳои сиёсӣ ҳадафҳои сиёсии худиро ҷонибдорӣ намуда, ошкоро барои соҳиб гардидан ба мандатҳои вакилӣ ва мансабҳои муайян дар ҳукумат мубориза мебаранд, ки ин метавонад барои амалӣ гардонидани идоракунии давлатӣ ва ба воситаи он ба идоракунии ҳамаи ҷомеа ба онҳо фароҳам оварад. Бо муттаҳид намудани манфиатҳои шаҳрвандон ҳизби сиёсӣ барои ташаккули изҳори иродаи халқ мусоидат менамояд.

---

[447]*Ниг: Имомов Ҳ.Ш. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – Душанбе, 2017. – №4 (08). – С. 65.*

[448]*Муфассал нигаред: Авакьян С.А. Конституционно-правовой статус политических партий в России: учеб. пособие / С.А. Авакьян. – М.: ИНФРА-М, 2011. – С.84.*

Дар асоси рақобатҳои озоди ҳизбӣ барои ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд муҳити демократиеро барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оваранд, то ки халқи Тоҷикистон чун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ самтҳои инкишофи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятиро дарк намуда, онҳоро интихоб намоянд.

Самаранок фаъолият намудани ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили низоми қонунгузории кишвар, таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ, таъмини амнияти миллӣ ва тамомияти арзӣ инчунин инкишофи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ низ мусоидат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз ҷанбаҳои асосии иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар амалӣ гардонида муносибатҳои конститутсионӣ ин иштирок кардани ҳизбҳои дар маъракаҳои интихоботи умумӣ ва раъйпурсии умумихалқӣ мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ тибқи қонунгузории интихоботии кишвар субъекти раванди интихоботии мақомоти олии қонунгузорӣ, яъне интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони МОҶТ, интихоботи Президенти ҶТ, интихобот ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва интихоботи вакилони ҷамоатҳо дониста мешаванд. Дар асоси иштироки фаъоли худ дар маъракаҳои интихоботии дар боло зикршуда, ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд дар ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ширкат варзида, намояндагони худро дар ин ниҳодҳо пешбарӣ намоянд. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди баргузории маъракаи райъпурсии умумихалқӣ низ бениҳояд муҳим аст ва ба воситаи раъйпурсии умумихалқӣ ҳизбҳо метавонанд ба самтҳои афзалиятноки ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон фикру пешниҳодҳои худро пешбирӣ созанд.

Қайд намудан лозим аст, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ на фақат дарбаргирандаи масъалаҳои сиёсии давлат ва ҷомеа аст, инчунин ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси оинномa ва барномаҳои ҳизбии худ масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ ба монанди, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маданӣ, маърифативу ахлоқиро низ бояд фаро гиранд. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо ҳизбҳои сиёсиро зарур аст, ки баробари таъмини ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон, инчунин ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии онҳо низ расидагӣ намояд. Зеро ҳизби сиёсӣ ҳамчун иттиҳодияи ҷамъиятии шаҳрвандон ва падидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои имконият ва механизмҳои зиёди таъсирррасонӣ ба ҳаёти ҷомеаро дорад ва метавонад дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои зиёди соҳавии шаҳрвандон нақши арзандаро иҷро созад.

Барои таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ дар замони муосир воситаҳои алоқаи интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ низ метавонанд василаи хуб баромад намоянд. Имрӯз ҷомеаро бидуни иттиллот ва фазои маҷозӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд ба воситаи таъсис додани саҳифаҳои интернетӣ ва саҳифаҳои шабакавии худ дар бораи фаъолияти ҳизбии хеш маълумот диҳанд, ҳамчунин ба мурочиат ва тавсияҳои шаҳрвандон низ расидагӣ намоянд.

Дар натиҷаи таҳлил ва баррасии мавзӯи таҳқиқшаванда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бахусус дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон нақши асосӣ доранд. Бо баробари таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар дохили ҳизби сиёсӣ, ҳамчунин ҳизб дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ нақши фаъол дорад. Ба воситаи таъсиси фраксияи ҳизбӣ дар дохили парлумон ва ба воситаи Шурои ҷамъиятии Тоҷикистон пешниҳод намудани таклифҳои худ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд дар таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони кишвар нақши калидӣ дошта бошанд.

**Адабиёт:**

1. А. Имомов Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. Душанбе. «Офсет Империя» 2017. – С.305;
2. А. Имомов. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ. – Душанбе. 2013. 224 с;
3. Авакьян С.А. Конституционно-правовой статус политических партий в России: учеб. пособие / С.А. Авакьян. – М: ИНФРА-М, 2011. – С.84;
4. Гадоев Б.С. Хусусияти ҳуқуқӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди ислоҳоти конститутсионӣ / Конститутсияҳои Тоҷикистон ва падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар инкишофи давлатдории миллӣ. Зери таҳрири Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ ва н.и.ф., дотсент, директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ Назар Мӯмин Абдуҷалол, таҳия шудааст (муҳаррири масъул. д.и.ҳ, проф Иброҳимов С.И.). – Душанбе: «Дониш», 2019. – 620 с;
5. Диноршоев А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2014. 144 с;
6. Имомов Ҳ.Ш. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). – Душанбе, 2017. – №4 (08). – С. 65;
7. Имомов Ҳ.Ш. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ / Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С.358;
8. Камолов Ш.Х. Конституционно-правовая регламентация институтов защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2021 – 156 с;
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 (бо тағйироту иловаҳои охирин аз 22 майи соли 2016) – Душанбе, 2016. -64 с;
10. Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ / Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук, Специальность: 12.00.01. Душанбе, 2015;
11. Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2016. – 199 с;
12. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2017. – 241 с.
13. Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 364 с.



**Диноршоҳ Азиз Мусо, Саиданваров Қурбоншоҳ Ҷонакович**


## КАФОЛАТИ БЕХАТАРИИ ТАТБИҚИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИИ МУҲОҶИРАТ ДАР КИШВАРИ СЕЮМ


***Диноршоҳ Азиз Мусо,*** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Tel.:*** *(+992) 935-89-02-07* ***E-mail:*** *dinorhoev@gmail.com*

***Саиданваров Қурбоншоҳ Ҷонакович****, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.: (****+992) 985-55-85-97* ***E-mail:*** *Kurbon1985tj@mail.ru*

**Фишурда**: Дар мақолаи мазкур кафолати бехатарии татбиқи ҳимояи ҳуқуқии гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда дар кишври сеюм, инчунин механизми амалишавии ҳимояи ҳуқуқии онҳо, ки мутобиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилали, қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои – ҳуқуқи дарбаргирандаи онҳо ба танзим дароварда шудааст, дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар мақола мафҳум ва моҳияти «кафолати» ҳуқуқии мутобиқи ҳуқуқи байналмилали ва қонунгузории миллӣ таҳлил гардида мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва андешаҳои муаллифон вобаста ба он пешниҳод гардидааст. Ҳами тариқ таҳлили мукоисавии қонунгузории бо дигар кишварҳо вобаста ба таъмини бехетари гурезаҳо дар кишвари сеюми ба танзим даровварда шудаааст. Вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки бевосита падидаи асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон башумор меравад, дар замири он кафолатҳои иҷтимоию, иқтисодӣ ва мадании гурезаҳо ботариқи автоматики аҳмияти худро пайдо менамояд. Ҳамин тариқи омӯзиши мазмуни консолидасияи меъёрии мафҳуми «кафолат» дар сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумхурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҷойгир гардидааст. Муаллиф дар рафти таҳлили илми усулҳои муқоисавро бо ёрии меъёрҳои қонунгузории кишвари сеюм дар соҳаи танзими ҳуқуқии вазъи гурезаҳо муайян ва ошкор намудаанд. Дар қисмати ниҳои барои бартарафнамоии камбудиҳои ҷой дошта дар ин самт пешниҳодҳо таҳия шудаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикрДар қисмати хулосави барои амалишавии механизми ҳимоя ва бартараф сохтани низоъҳои мавҷуда дар ин самт пешниҳодҳо таҳия карда шудаанд. боназарбб, ҳар як давлат аз имкониятҳои мавҷудбуда дар таъмини бехатари муҳоҷирони дар ҳудуди кишвар қарордошта, новобаста аз ҳолати ҳуқуқии шахс кафолати ҳуқуқӣ ва механизми ҳимояиро амали мегардонанд.

**Калидвожаҳо**: Кафолатҳои асосӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, функсияҳои ҳифзишаванда, шаклҳои ҳуқуқи миллӣ, тарзҳои ҳифзнамои , санадҳои зерқонунӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, ҳуқуқҳои давлат, қонунҳо, кафолат, ҳуқуқу озодиҳои инсон, механизмҳои ҳимоя, усулҳои таъминсозии ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқи байналмилалӣ, низоми ҳуқуқи миллӣ, вазифаи давлат, танзими ҳамгирои, к консепсия, стандартҳои байналмилалӣ, тасвиб, озодии ҳаракат, татбиқ, механизмҳо, уҳдадори тарафайн, ҳуқуқи муҳоҷирон, ҳуқуқи давлати сеюм.

## ГАРАНТИЯ БЕЗОПАСНОСТИ РЕАЛИЗАЦИИ ЗАЩИТЫ ИММИГРАЦИИ В ТРЕТЬЕЙ СТРАНЫ

***Диноршоҳ Азиз Мусо,*** *доктора юридических наук, профессор кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Tel.:*** *(+992) 935-89-02-07* ***E-mail:*** *dinorhoev@gmail.com*

***Саиданваров Курбоншоҳ Джонакович,*** *старший преподовватель кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 985-55-85-97 E-mail: Kurbon1985tj@mail.ru*

**Аннотация:** данная статья включает гарантии безопасного осуществления правовой защиты беженцев и лиц, ищущих убежища, в третьей стране, а также механизм осуществления их правовой защиты, который регулируется в соответствии с положениями международно-правовых документов, национального законодательства и иные документы, содержащие их права. Также в статье анализируются и обсуждаются понятие и сущность правовой «гарантии» в соответствии с международным правом и национальным законодательством, а также представлены мнения авторов. Таким образом регламентируется сравнительный анализ законодательства с другими странами, касающийся безопасности беженцев в третьей стране. Права и свобод человека и гражданина, которое считается непосредственным явлением основ конституционного строя Республики Таджикистан, на основе которого автоматически приобретают свое значение социальные, экономические и

культурные гарантии беженцев. А также, исследуется содержание нормативного закрепления понятия «гарантия» в источниках Республики Таджикистан и международного права. В ходе научного анализа автор выявил сравнительные методы с помощью законодательства третьей страны в сфере правового регулирования ситуации беженцев. В заключительной части внесены предложения по устранению имеющихся недостатков в этой области.

**Ключевые слова:** Основные гарантии, международно-правовые акты, охраняемые функции, формы национального права, способы защиты, подзаконные акты, права и обязанности, права государства, законы, гарантии, права и свободы человека, механизмы защиты, способы, правовое обеспечение, сравнительный анализ международного права, национальная правовая система, обязанность государства, регулирование интеграции, понятие, международные стандарты, утверждение, свобода передвижения, имплементация, механизмы, взаимная обязанность, права иммигрантов, право третьей страны.

## GUARANTEEING THE SECURITY OF THE PROTECTION IMPLEMENTATION IMMIGRATION TO A THIRD COUNTRY

***Dinorsho Azizi Muso,*** *Doctor of Law sciences, Professor of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 935-89-02-07* ***E-mail:*** *dinorhoev@gmail.com*

***Saidanvarov Kurbonshoh Jonakovich,*** *Senior Lecturer of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 985-55-85-97* ***E-mail:*** *Kurbon1985tj@mail.ru*

**Annotation:** this article includes guarantees for the safe implementation of the legal protection of refugees and asylum seekers in a third country, as well as the mechanism for the implementation of their legal protection, which is regulated in accordance with the provisions of international legal instruments, national legislation and other documents containing their rights. The article also analyzes and discusses the concept and essence of a legal «guarantee» in accordance with international law and national legislation, and also presents the opinions of the authors. Thus, a comparative analysis of legislation with other countries regarding the safety of refugees in a third country is regulated. The rights and freedoms of man and citizen, which is considered a direct phenomenon of the foundations of the constitutional order of the Republic of Tajikistan, on the basis of which the social, economic and cultural guarantees of refugees automatically acquire their significance.

And also, the content of the normative fixing of the concept of «guarantee» in the sources of the Republic of Tajikistan and international law is investigated. In the course of scientific analysis, the author identified comparative methods with the help of the legislation of a third country in the field of legal regulation of the situation of refugees. In the final part, proposals are made to eliminate the existing shortcomings in this area.

**Keywords:** Basic guarantees, international legal acts, protected functions, forms of national law, methods of protection, by-laws, rights and obligations, state rights, laws, guarantees, human rights and freedoms, protection mechanisms, methods, legal support, comparative analysis of international law, national legal system, duty of the state, regulation of integration, concept, international standards, approval, freedom of movement, implementation, mechanisms, mutual obligation, rights of immigrants, law of a third country.

Муҳоҷират – ин ҷудо карда гирифтан ва кӯчонидани гурезагон аз кишвари паноҳгоҳ ба мамлакати сеюми бехатар, ки розӣ мебошад, ки гурезагонро қабул намояд ва ба онҳо иҷозати истиқомати доимиро диҳад. Вазъи ҳуқуқии ба муҳоҷирон додашаванда бояд, ки ҳимоя аз маҷбуран баргардонидани онҳоро ба кишвари мансубияташон кафолат диҳад ва ба ашхоси гуреза, аъзоёни оилаи онҳо дар баробари шахрвандони кишвари худаш дастрасиро ба ҳуқуқҳои гражданӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъмин намояд.

Муҳоҷират аслан се функсияи (вазифаи) якхеларо иҷро мекунад:

1.воситаҳои таъмини ҳимоя ва қонеъ намудани талаботи гурезагони ҷудогона, ки ҳаёт, озодӣ, бехатарӣ, саломатӣ ва дигар ҳукукҳои асосии онҳо дар мамлакати паноҳгоҳ таҳти хатар мебошад;

2. қарори саривақтӣ ва дарозмуддат барои қисмати зиёд ва ё гурӯҳи калони гурезагон дар баробари репатриатсияи (бозгардонидани) ихтиёрӣ ва ҳамгироии маҳаллӣ;

3.механизми тақсимоти гаронӣ ва масъулият дар байни давлатҳое, ки барои кам кардани мушкилотҳое, ки бо он гурезагон дар кишвари паноҳгоҳ рӯ ба ру мешаванд.

Дар баъзе мавридҳо гурезагон аз имконияти амалӣ намудани ҳукуқҳои асосии инсон дар кишвари паноҳгоҳ маҳрум карда шудаанд, сокинони маҳаллӣ дар асоси мансубияти нажодӣ, динӣ ва ё сиёсӣ мумкин аст, ки ба ҳаёт ва озодии онҳо таҳдид кунанд ва ё ба гурезагон аз кишварҳои берун ҳамлаи мусалаҳона сурат гирад. Бинобар ин, мақомоти ҳокимяти давлати, ки дар он гурезагон паноҳ мебаранд, дар чунин вазъият қарор гирифтанашон аз эътимол ори набуда, намехоҳанд ва ё наметавонанд, ки ҳимояи самараноки гурезагонро таъмин намоянд.

Роҷеъ ба ин ҳолатҳои бамиён омада, имконияти дигари муҳочират таъмини воситаи додани ҳимояи байналхалқии гурезаҳо башумор меравад. Бояд ёдовар шуд, ки дар чунин ҳолат ба шхсоне афзалият дода мешавад, ки мушкилоти мушахаси ҳимояро доранд, маслан, ба ашхосе, ки ба онҳо хатари рондан аз кишвар тахдид менамояд ва ё ба онҳое, ки ҳамлаи ҷнсмонӣ ва ё зӯроварии ҷинсӣ тахдид мекунад. Ба шхсоне, ки мавриди азобу шиканҷа қарор гирифтаанд ва онҳое, ки ба кӯмаки тиббию психологи ниёз доранд низ ҳамчун номзади эҳтимолӣ барои муҳочират баррасӣ карда мешаванд, агар дар кишвари будубоши онҳо имконияти расонидани ёрӣ мушоҳида нашавад. Аммо, барои шумораи барзиёди гурезагон, ки талаботи онҳо барои ҳимоя дар набудани тасмимҳои дарозмуддат ифода меёбад, муҳоҷират дар бисёр маврид қисматҳои на он қадар қобили қабул ба ҳисоб меравад ва он ҳатто ғайриимкон низ маҳсуб меёбад, чунки шумораи махдуди гурезагон барои муҳоҷират ба давлати сеюм фиристонида мешаванд.

Маъмулан диқақати бештар ба функсияи ҳимояи муқоҷират, ки аз талаботи инсон бармеояд, дода мешавад. Ин равиш одатан функсияи стратегии муҳочиратро чун қарори дарозмуддат нишон медиҳад. Бо мақсади фаъол гардонидани ҷустуҷӯи қарорҳои дарозмуддат, Барнома оиди масъалаҳои ҳимоя қайд менамояд, ки бозгардонидаии (репатриатсияи) ихтиёрӣ, ҳамгирои (интегратсияи) маҳаллӣ ва муҳочиратро ҳамчун мавқеъи ягонаи оммавӣ баррасӣ карда шаванд.

Намунаи маҷмӯъавии таваҷҷӯҳ намудан ба вазъияти бо қарорҳои дарозмуддат алоқаманди дошта, ин чунин вазъияте буда метавонад, ки ҳолати репатриатсияи ихтиёрӣ ва ё ҳамгироии маҳалӣ барои ягон гурӯҳи иҷгимоӣ вариант буда наметавонад, чунки он дар тафовут аз ҳамватанон чун пештара дорои тавакали гирифтори таъқиб шудан аст. Муҳоҷирати ин гурӯҳ на ҳамафақат талаботи дарозмуддати онҳоро ба химоя конеъ менамояд, балки он метавонад, ки дурнамои ҳамгироиро барои онҳое, ки мехоҳанд ба тарзи абадӣ дар кишвари паноҳгоҳ боқи бимонанд, сабуку осон мегардонад ва дар ниҳояти кор мақсади ноил гардидан ба қарори дарозмуддатро барои ҳамаи гурӯҳи гурезагон саҳл мегардонад.[449]

Дар қисати муқаддимаи Конвенсияи соли 1951 кайд карда шудааст, ки «.... додани ҳуқуқи паноҳгоҳ метавонад, ки ба баъзе аз мамлакатҳо вазъияти ғайриҳуқукиро ба миён оварад» ва «қаноъатбахш ҳал гардидани мушкилот.... наметавонад бидуни ҳамкории байналхалқи натиҷаи мувофиқ ба даст оварад».[450] Аз матни дар боло зикр шуда, муҳоҷират як шакли якҷоя ба амал баровардани ҷавобгарӣ буда, дар мавриди он дигар давлатҳо

---

[449] *Ниг.: Введение в вопросы международной защиты беженце»: Защита лиц, находящихся в компетенции УВКБ ООН. Пособие для самообучения 1. УВКБ ООН, 2005. – С. 164.*

[450] *Ниг: Конвенция «О статусе беженцев» (Заключена г. Женеве 28.07.1951) // Действующее международное право. – Т. 1. – М., 1996,*

сарбории давлати паноҳгоҳро кам менамоянд ва пешниҳод мекунанд, ки қисми гурезагон дар кишвари онҳо ба тариқи доимӣ истиқомати зист намоянд. Дар он мавриде, ки истифодаи муҳоҷират ба сифати усули якҷояи нигаҳдории масъулият ба роҳ монда мешавад, аз тарафи давлати алоҳида низ он метавонад, ки самаранок ба амал баровардa шавад ва дар ниҳояти кор мутобиқгардонии он дар байни кишварони муҳоҷират ва Раёсати кор бо гурезагони Созмони Миллали Муттаҳид метавонад, ки ба натиҷаи мусбӣ оварда расонад. Мисол ба монанди ингуна давлатҳо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Австралия, Шветсия, Дания, Финляндия, Ирландия, Нидерландия, Зеландияи Нав, Норвегия, Британия Кабир ва Ирландияи Шимоли чунин барномаҳои муҳоҷиратро таҳия кардаанд, ки тибқи он ҳар сол як квотаи муаянро аз ҳисоби гурезагони муҳоҷир қабул менамоянд ва чунин амал дар ҳамбастагӣ бо Раёсати кор бо гурезагони Созмони Миллали Муттаҳид амалӣ гардонида мешавад.

Дар навбати худ Раёсати кор бо гурезагони Созмони Миллали Муттаҳид дар ҳамбастагӣ бо давлатҳои алоҳида меъёрҳои муаяни муҳоҷиратро муқаррар намудаанд, ки мутобиқи он аз доираи шумораи умумии гурезагон гурӯҳи муаяни гурезагон, ки барои онҳо муҳоҷират тасмими қобили қабул мебошад, интихоб карда мешаванд. Набудани дигар қарорҳои дарозмудат низ метавонад, ки ба масъалаи истифодаи муҳоҷират дар ҳар як мавриди мушахас таъсири худро расонад.

Муайян кардани шумораи гурезагоне, ки барои муҳоҷират эҳтиёҷ доранд, ин раванди фаъол ва низомнок мебошад. Бинобар ҳамин, ҳамкории зичи мақомоти дахлдори давлатиро бо Раёсати кор бо гурезагони Созмони Миллали Муттаҳид ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ яке шартҳои муҳими ин раванд ҳисоб кардан мумкин аст. Таъмини шаффофияти тамоюли муҳоҷират имкон медиҳад, ки дар ин соҳа фасод (коррупсия) пешгирӣ карда шавад ва хатари онро, ки муҳоҷират омили ҷозиба барои ашхоси навомада шавад, паст карда шавад.

Вобаста ба ин дар миёнаҳои солҳои 90 – ум қисми зиёди мамлакатҳои тарриқикарда, ки қонунгузории самараноки муҳоҷиратӣ доштанд, якҷатор консепсияҳоро (фарзияҳо) қабул карданд, ки дар натиҷаи он масъалаи баррасӣ намудани додани паноҳгоҳ суръат гирифт.

Махсусан, консепсияи (фарзияи) «мамлакати сеюми бехатар» ва консепсияи «мамлакати якуми паноҳгоҳ» ба он нигаронида шудаанд, ки ҳангоми баррасӣ намудани ин масъалаҳо дархостҳои беасос кам карда шаванд, яъне тибқи мазмуни Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1951 ба он ашхосе, ки ба ҳимояи байналхалкӣ эҳтиёҷ надоранд, ба онҳо паноҳгоҳ дода намешавад ва мутаносибан бо чунин роҳи ҳал кардани масъала захираҳои давлатро ба онҳое равона карда мешавад, ки дар ҳақиқат ба ҳимояи байналхалқи эҳтиёҷ доранд. Дар хусуси дараҷаи самаранокии ин механизмҳо аз таҷрибаи амалӣ гардонидани қонунгузории муҳоҷират дар давлатҳои гуногун хулоса кардан мумкин аст. Дар мади аввал, ин таҷриба ба тариқи васеъ дар нуқтаҳои рухсатномадиҳӣ дар сарҳадҳои давлат барои ҳарчизудтар дида баромадани дархости ашхоси паноҳҷуянда татбиқ карда мешавад. Ин консепсияҳо (фарзияҳо) инчунин дар мавриде, ки инсон алакай дар худуди давлат мебошад ва ба мақомоти дахлдор муроҷиат намуда, паноҳгоҳ мепурсад, низ ба тариқи васеъ истифода бурда мешаванд.

Дар Германия ҳангоми ворид намудани консепсияи мамлакати сеюми бехатар, шумораи ашхосе, ки бо дархост муроҷиат мекунанд ба андозаи 50 % кам шуд. Ҳангоми гузаронидани сӯҳбат оиди самаранокии ин механизм, бояд ёдовар шуд, ки ҳамагуна консепсия, ки аз рӯи моҳияташ характери маҳдудкунӣ дорад, танҳо дар он маврид натиҷаовар буда метавонад, ки агар низоми боваринок ва амиқи судӣ ҷорӣ карда шуда бошад.

Аксарияти давлатҳо дар баробари татбиқ намудани ин консепсия, низоми вуҷуддоштаи баррасӣ намудани шикояҳро оиди додани паноҳгоҳ азнав коркард намуданд ва ё мукаммал гардониданд. Вобаста ба ҳамин муқароти Қонуни федсралии Федератсияи Россияро «Дар бораи гурезагон» – баррасӣ менамоем. Принсипи мамлакати сеюми бехатар

на танҳо дар зербанди 5,6.5– и қонуни мазкур нишон дода шудааст, инчунин дар зербанди 4– ум бо чунин тарз пешбинӣ шудааст: « Асос барор рад кардани баррасӣ намудани дархост аз рӯи моҳият чунин ҳолатҳо мебошанд: ҳуқуқи омадан дар асоси қонунӣ дар ҳудуди давлати сеюм дар мавриди набудани хавфи асосноки дучори тақиб шудан дар давлати сеюм бо асосҳои дар зербанди 1, 6.1 моддаи 1 пешбинӣ гардидаи қонуни номбурда». Моҳияти мукаррарот ҳамин мебошад: агар ашхоси паноҳҷӯянда ба дохили Федератсияи Россия аз ҳудуди давлати сеюме омада бошанд ва дар он ҳуқуқи қонунии истоданро соҳиб буданд ва инчунин дар он ҷой ҳуқуқи ӯ поймол нашудааст, пас дархости чунин ашхос аз рӯи моҳият барои баррасӣ рад карда мешаванд. Дар ин маврид, бояд дар назар дошт, ки чунин давлати сеюм меъёри роҳбарикунандаи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳидро аз соли 1951– ро рнояд менамояд, – принсипи наронддан ва бознагардонндан (моддаи 33 конвенсия). Дар чунин вазъият, сиёсати тақсим кардани масъулият ба амал баровардa мешавад, хусусан Намояндагии Раёсати кор бо гурезагони Созмони Милали Муттаҳид дар мамлакати мо барномаи муҳоҷиратро ба кишвари сеюм амалӣ менамояд.

Дар гузашт яке аз масъалаи сиёсӣ ҳамин буд, ки Федератсияи Россия пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди шӯравӣ аввалин кишваре буд, ки бо мушкилоти ба тариқи омавӣ омадани ашхоси паноҳҷӯянда аз кишварҳои хориҷа рӯ ба рӯ гардид. Дар байни кишварҳои собиқ шӯравӣ, Фсдератсияи Россия аввалин шуда ба Конвенсия дар бораи гурезаҳо ҳамроҳ шуд. Дар Федератсиян Россия аввалин қонун дар бораи гурезаҳо қабул шуд, минбаъд соли 1997 қонун дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Аз ин рӯ, нофаҳмии ин ё он муқарароти конунро бо он метавонем асоснок намоем, ки мамлакат дар марҳилаи инкишофи қонунгузорӣ қарор дошт.

Дар амалӣ гардонидани меъёрҳои қонун, аз ҷумла Қонуни федералӣ «Дар бораи гурезаҳо» якчанд санадҳои зерқонунӣ вуҷуд доштанд, ки ба устворгардонии қонуни мазкур заминаи мусоид мароҳам овард. Санадҳои меъёрию ҳукуқие, ки бо мақсади иҷрон ин ё он қонунҳо қабул карда мешаванд, инчунин дастурамалҳои идоравӣ ва ё дигар санадҳои ҳуқуқии меъёрии идоравӣ низ дар низоми қонунгузорӣ вуҷуд доранд. Воситаҳои байналхалқие, ки дар ҳуҷатҳои дар сатҳи байнндавлатӣ қабулшуда пешбини шудаанд, низ мавҷуд ҳастанд.

Хусусан, дар шарҳ додани мафҳуми «мамлакати сеюми бехатар» ва дар раванди баррасӣ намудани эътироф намудани гуреза, аз тарафи мақомоти ҳудудии Вазорати Федератсияи Россия ба тариқи васеъ Дастурамали Раёсати кор бо гурезагони СММ оиди тартиби гуреза эътироф намудан истифода бурда мешавад. Қонуни соли 1997 дар бисёре аз меъёрҳояи муқарароти асосии конвенсияро такрор намудааст ва ё меъёрҳои он ба муқарароти конвенсия мухолифат намекунад. Барои ҳамин, истифода ин дастурамал дар амалия боиси баҳсҳо низ мешавад.

Принсипи давлати сеюми бехатар дар амалия чӣ тавр истифода бурда мешавад? Мазмуни меъёрҳои дар зербандҳои 4 ва 5, б. 5 моддаи 5 муқаррар гардида дар боло алакай шарҳ дода шуданд. Ҳангоми баррасӣ намудани масъала дар хусуси он, ки оё мамлакат бехтар мебошад ва ё не. бояд, ки ғояи асосии Конвенсия – «принсипи наронддан» истифода бурда шавад. Дар Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи гурезаҳо» ин принсип дар банди 1 моддаи 10 мустаҳкам карда шудааст ва он воқеъан мундариҷаи моддаи 33 Конвенсияро такрор мекунад. Ҳангоми баррасӣ намудани дархости ашхоси мушахаси паноҳҷӯянда аз нуқтаи назари татбиқи консепсияи мамлакати сеюми бехатар, мақомоти ҳудудӣ бояд, ки муқарарот оиди барнагардониданро низ ба эътибор гиранд.

Моддаи 10 муқарар кардааст, ки «ашхосе, ки дар бораи гуреза донистан дархост кардаанд, ашхоси гуреза ва ё ашхосе, ки мақоми гурезаро аздаст додаанд, набояд, ки бар хилофаи иродаашон ба давлати мансубияти шаҳрвандияшон ва ҷойи зисти пештараашон баргардонида шаванд, бо назардошти нигоҳдории ҳолатҳои дар зербанди қ. 1 моддаи 1 Қонун пешбинигардида». Ҳангоми татбиқ намудани консепсияи мамлакати сеюми бехатар

ва ҳамчунон дар раванди тартиботи муаян намудани мақоми гуреза, ҳатман бояд муаян карда шавад, ки шахс аз ҳудуди кадом давлат ба Федератсияи Россия омадааст.[451]

Ҳангоми баҳо додан ба бехатарии кишвари сеюм чаҳор маҳаки асосӣ истифода бурда мешаванд.

Якум, новобаста аз он, ки давлат Конвенсия дар бораи гурезагонро имзо кардааст ё не, бояд ба чунин ҳолат баҳо дода шавад, ки оё давлат меъёрҳои байналҳалқиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон риоя мекунад ё не, оё давлат присипи манъ будани шиканҷаро риоя менамояд ё не.

Маҳаки дуюм, давлат бояд, ки принсипҳои байналхалқиро дар соҳаи ҳимояи гурезагон, ки дар Конвенсияи соли 1951 пешбинӣ гардидаанд, риоя намояд. Дар мади аввал бояд ба риоя гардидани принсипи «ҳимоя аз рондан» аҳамият дода шавад. Давлат метавонад, ки иштирокчии Конвенсия бошад, аммо дар амалия чораҳое, ки шахсро аз рондан ҳимоя менамояд, истифода набарад. Агар давлат механизмҳои ҳимояро аз рондан дошта бошад ва ба шаҳрванди хориҷӣ имконият диҳад, ки паноҳгоҳро дар ҳар шакл ҷустуҷӯ намояд ва гирад, пас дар чунин мавридҳо оиди давлатӣ бехатар сухан гуфтан мумкин аст. Дар зери мафҳуми «ҳамагуна шакл» чунин дар назар дошта шудааст, ки паноҳгоҳ метавонад, ки на танҳо дар намуди вазъи мувофиқ, ки дар қонунгузории гуреза пешбинӣ шудааст дода шавад, инчунин он метавонад, ки дар намуди ҳуқуқи истиқомат кардан дар мамлакат дар асоси дигар намуди иҷозат низ тибқи қонунгузорӣ дода шавад (масалан муҳоҷиарати оилавӣ). Агар, зимнан боварие вуҷуд дошта бошад, ки ба қонун ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ асос ёфтааст, пас принсипи нарондан риоя карда мешавад. Агар ба шахс ҷойи истиқомат диҳанд ва боварии комил вуҷуд дошта бошад, ки механизмҳое ҳастаид, ки дар мавриди маҳрум кардан аз намуди мстиқомат барои рондани инсон ба кишвари шаҳрвандии худ, ки дар он ҷой мумикин аст, ки ин шахе гирифтори таъқиб гардад, монеъагӣ ба миён меоваранд, чунин ҳисобидан мумкин аст, ки инсон дар ин мамлакат паноҳгоҳ бурдааст.

Ба ҳамин мисол шуда метавонад давлатӣ Туркияро номбар кунем. Ҷумҳурии Туркия маҳдудкунии ҳудудиро тибқи Конвенсияи соли 1951 дорад, вале дар қонунгузории он чунин мукаррароте вучуд дорад, ки ашхосе, ки дар Туркия ва ё кишвари сеюм паноҳгоҳ меҷӯяд, метавонанд, ки ба млқомоти салоҳиятдори Туркия бо дархост оиди иҷозат додани дар ҳудуди Туркия будан то лаҳзаи гирифтани иҷозатномаи даромад муроҷиат намоянд. Чунин муқаррарот нисбати ҳар як давлат бояд, ки таҳқиқ шавад ва қаррор бо дарназардошти ҳамаи маҳакҳои имфиродии ҳар як шахси мушахас қабул карда мешавад. Маъмулан дар рафти муаян намудани мақоми гуреза, маълумотҳои аз тарафи шахси паноҳҷӯянда пешниҳод гардида санчида мешаванд, инчунин ҳуҷатҳоеро, ки шахс барои тасдиқи мансубияти худ пешниҳод мекунад низ санҷида мебароянд. Бояд қайд намуд, ки ба масъалаи «итилоот дар бораи кишвари мансубият» бояд аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Дар чунин ҳолатҳо, аз якчанд сарчашма як сарчашма муаян карда мешавад. Пеш аз ҳама, рӯйихати давлатҳое вучуд доранд (номгӯи мамлакатҳое, ки институтҳои инкишофёфтаи демократӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсоиро доранд), ки онро ҳамасола Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия дар асоси Фармони Президенти Федератсияи Россия «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар хусуси тартиби аз тарафи Федератсияи Россия додани паноҳгоҳи сиёсӣ» тартиб медиҳад. Чунин иттилоот – иттилооти Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия дар бораи аз тарафи давлатҳо риоя гардидани меъёрҳои умумиэътирофшудаи демократи мебошад. Инчунин иттилоотро дар бораи кишвари мансубият (кишвари баромад) Раёсати кор бо гурезагони Созмони Миллали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ, аз ҷумла Созмони «Авфи байналхалқӣ» низ ба Ҳукумат пешниҳод менамоянд. Инчунин дар байни мақомоти ҳокимяти иҷроияи федералӣ низ сарчашмаи иттилооти дахлдор вуҷуд дорад.[452]

---

[451] *Ниг.: Каткова Н.Н. Правовой статус беженцев в Российской Федерации (конституционно-правовой аспект): Автореф. дис.: канд. юрид. наук. – М., 1999.*

[452] *Миг.: Ганнушкина С.А, Приоритеты УВКБ ООН в России и возможность и их реализации II Система международного убежища и ее состояние в России. Актуальные проблемы мигрантов. М.: «Р.Валенть», 2006.*

Таҷрибаи татбиқи ин меъёрҳо нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии рад кардашудагон дар хусуси баррасӣ намудани дархост аз рӯи моҳият, танҳо дар нимсола меъёри зербанди 5 дар 12 % мавридҳо истифода шудааст халос. Барои баҳогузорӣ намудани самаранокии ин меъёрҳо, якчанд ҷузҳои таркибии онро баҳогузорӣ бояд кард. Якум, пеш аз ҳама вазъи сарҳади давлатӣ, самаранокии ҳимояи он, самаранокии ашхосе, ки дар сарҳад бо ашхоси паноҳҷӯянда кор мебаранд, натитичабахшии конунгузорӣ, махсусан имконияти қонунгузорӣ оиди саривақт ва зудтар баррасӣ кардани чунин дархостҳо, мавҷуд будани сохторҳои зарурин мақомоти ҳокимняти давлатии баррасикунандаи дархост ва қабули қарор низ хеле муҳим мебошанд.

Бар замми ин, боз як ҷузъи ҳатмии ин ҳолат, мавҷудияти созишнома дар бораи комиссия бо давлатҳои сеюм мебошад. Дар бораи аҳамиятнокии ин таҷриба барои Федератсияи Россия хулоса намудан хеле мушкил мебошад, чунки дар ин соҳа таҳкиқоти махсус оиди баҳогузорӣ ва таъсири ин маҳак дар раванди самаранокии баррасни дархост ва ё додани сарпаноҳ гузаронида нашудаанд.

**Адабиёт:**


1. Ниг.: Введение в вопросы международной защиты беженце»: Защита лиц, находящихся в компетенции УВКБ ООН. Пособие для самообучения 1. УВКБ ООН, 2005. – С. 164.
2. Ниг.: Менглиев Ш. Защита имущественных прав граждан. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С.16-17; Хропанюк В.Н. Теория государство и права.: Учебное пособие. – М.: Отечество, 1993. – С.254-255.
3. Ниг.: Каткова Н.Н. Правовой статус беженцев в Российской Федерации (конституционно-правовой аспект): Автореф. дис.: канд. юрид. наук. – М., 1999.
4. Ниг.: Ганнушкина С.А, Приоритеты УВКБ ООН в России и возможность и их реализации II Система международного убежища и ее состояние в России. Актуальные проблемы мигрантов. – М.: «Р.Валенть», 2006.
5. Ниг.: Теория государство и право.: Курс лекций\ Под.ред. Н.И.Матузов и А.И.Малько. – М.: Юристь, 2001. – С.556.
6. Право беженцев, Учебное пособие., под ред. проф. Менглиева Ш.М. – С. 48-51


**Муродзода Умед Уктам**

## ВИДЫ И КЛАССИФИКАЦИЯ КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫЕ СПОРОВ

***Муродзода Умед Уктам,*** *ассистент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального унвеситета* ***Тел.:*** *(+992) 908-88-81-11;* ***E-mail:*** *murodzoda.umed@mail.ru*

**Аннотация:** Категория «конституционно-правовой спор» на данный момент является одной из важных конституционных категорий, которая способствует эффективной деятельности государственного аппарата и направлен на защиту интересов государства, общества и личности. Для всестороннего исследования конституционно-правовых споров следует разобраться в его видах. В статье автор, обобщая мнения отечественных и зарубежных учёных приводит универсальную классификацию конституционно-правовых споров Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** спор; правовой спор; конституционной спор; конституционно-правовой спор; разногласие; Конституционный суд Республики Таджикистан.

# НАМУДҲО ВА ТАВСИФИ БАҲСҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНӢ

***Муродзода Умед Уктам,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 908-88-81-11;* ***E-mail:*** *murodzoda.umed@mail.ru*

**Фишурда:** Категорияи «баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» дар айни замон яке аз категорияҳои муҳими ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб рафта ба фаъолияти пурсамари дастгоҳи давлатӣ мусоидат намуда, ба ҳифзи манфиатҳои давлат, ҷамъият ва шахсият нигаронида шудааст. Барои омӯзиши ҳамаҷонибаи баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ намудҳои онро бояд таҳлил намоем. Муаллиф дар мақола бо ҷамъбасти андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ таснифи универсалии ҳуқуқӣ-конститутсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** баҳс; баҳси судӣ; баҳси конститутсионӣ; баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ; ихтилоф; Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# TYPES AND CLASSIFICATION CONSTITUTIONAL LEGAL DISPUTES

***Murodzoda Umed Uktam,*** *assistant of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 908-88-81-11;* ***E-mail:*** *murodzoda.umed@mail.ru*

**Annotation** The category of «constitutional legal dispute» at the moment is one of the important constitutional categories that contributes to the effective operation of the state apparatus and is aimed at protecting the interests of the state, society and the individual. For a comprehensive study of constitutional and legal disputes, one should understand its types. In the article, summarizing the opinions of domestic and foreign scientists, the author gives a universal classification of constitutional and legal disputes of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** dispute; legal dispute; constitutional dispute; constitutional legal dispute; disagreement; Constitutional Court of the Republic of Tajikistan.

В теории и практики конституционного права категория «спор» всегда считался неким негативным явлением. Однако надо отметить, что именно посредством споров порождается истина. Несмотря на это, вопрос о конституционно-правовых спорах на сегодняшний момент недостаточно разработан в конституционном праве[453]. Тем не менее, категория «конституционно-правовой спор» на данный момент является одной из важных конституционных категорий, которая способствует эффективной деятельности государственного аппарата и направлен на защиту интересов государства, общества и личности[454].

Для всестороннего исследования конституционно-правовых споров следует разобраться в его видах. Относительно видов конституционно-правовых споров в юридической науке существует большое количество исследований, выражающих различные точки зрения и позиции. В науке конституционного права виды[455], а иногда и типология[456] или же классификация[457] конституционно-правовых споров имеет место быть. В настоящей статье

---

[453] *Муродзода У. У. Конституционные споры и роль Конституционного суда в их разрешении / У.У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2021. – №3(23). – С. 114.*

[454] *Диноршоев А. М. К понятию избирательного спора как разновидности конституционно-правового спора / А. М. Диноршоев, У. У. Муродзода // Правовая жизнь. – 2021. – № 1(33). – С. 48.*

[455] *См. Замотаева Е.К. Судебный нормоконтроль как способ разрешения конституционно-правовых споров в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. М., 2005. – С. 71.*

[456] *См. Аминова Г.Г. Конституционно-правовые споры в процессе создания и деятельности политических партий: дис. ...канд. юрид. наук. М., 2016. – С. 55.*

[457] *См. Никитина А. В. Конституционно-правовые споры: дисс. ...докт. юрид. наук: 12.00.02. Хабаровск, 2019. – С. 99.*

мы попытаемся классифицировать конституционно-правовые споры по различным основаниям для выявления различных видов конституционно-правовых споров. Следует отметить, что термины «вид», «типология» и «классификация» во многих случаях отожествляют схожее значение. И в конечном итоге выявляются виды той или иной категории, доказательством тому вышеуказанные работы.

Итак, классификация – это многоступенчатое, разветвленное деление логического объема понятия, результатом которого является система соподчиненных понятий: делимое понятие является родом, новые понятия — видами, видами видов (подвидами), и т.д[458]. В науке конституционного права предпринята попытка классифицировать конституционно-правовые споры по различным основаниям:

- по предмету конституционного права;
- по субъектам;
- по порядку и способам разрешения;
- по территориальным границам конфликта;
- по срокам разрешения и пр.

Следует отметить, что это еще неполный список, также ученые конституционалисты выделяют другие виды конституционно-правовых споров:

- в сфере правотворческой деятельности,
- связанные с толкованием Конституции,
- в сфере правового статуса личности,
- избирательные споры,
- в сфере организации государственной власти и местного самоуправления[459].

Следует учесть, что предложенные учёными данная классификация является недостаточно разработанной, так как отсутствует разделение и выбор надлежащих институтов конституционного права.

Однако есть и другие учёные, которые более детально смогли разделить конституционно-правовые споры на определенные виды. Одним из таких учёных является Е. К. Замотаева, которая, опираясь на предмет конституционного права, выделяет конфликтные ситуации, возникающие на базе норм, закрепляющих основы конституционного строя Российской Федерации, ее политико-территориальное устройство, основы правового положения личности, избирательное право и право на участие в референдуме, основы правового статуса органов государственной власти и местного самоуправления, конституционные процессы и процедуры, а также споры более конкретного содержания – споры о компетенции, законодательные споры (возникающие в законодательном процессе), споры о гражданстве, избирательные споры[460].

По нашему мнению, предложенная учёным классификация имеет пару спорных моментов к примеру, споры о гражданстве в большинстве случаев носят административно-правовой характер нежели конституционно-правовой так как представляет собой разногласия между иностранными гражданами (апатридами) и органами исполнительной власти, уполномоченным на осуществление функций по контролю и надзору в сфере миграции.

Существует также другая классификация конституционно-правовых споров, предложенная А.Н. Никитиной, которую мы считаем намного достойнее вышеуказанных классификаций. Она выделяет следующие виды конституционно-правовых споров:

- конституционно-правовые споры, затрагивающие основы конституционного строя;
- конституционно-правовые споры, возникающие в процессе осуществления народом форм непосредственной демократии;

---

[458] *Энциклопедический словарь. –М.:Гардарики. Под редакцией А.А. Ивина. 2004.*

[459] *Брежнев О. Конституционно-правовые спор как явления современной действительности (генезис, содержание, порядок разрешения). – С. 4.*

[460] *Замотаева Е.К. Судебный нормоконтроль как способ разрешения конституционно-правовых споров в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. М., 2005. – С. 71.*

• конституционно-правовые споры, возникающие в сфере федеративного территориального устройства Российской Федерации;

• конституционно-правовые споры, возникающие в процессе осуществления гражданами своих основных (конституционных) прав и свобод;

• конституционно-правовые споры, возникающие в области организации и деятельности конституционных органов государственной власти, а также в сфере конституционных основ местного самоуправления[461].

Итак, предложенная классификация видов конституционно-правовых споров в настоящее время считается актуальной. Тем не менее данная классификация подходит к исследованию конституционно-правовых споров Российской Федерации, а в Республике Таджикистан классификацию конституционно-правовых споров можно составить следующим образом:

**1. Конституционно-правовые споры, касающиеся основ конституционного строя.** Все разновидности таких споров перечислены в статье 89 Конституции Республики Таджикистан и статье 34 Конституционного закона РТ «О Конституционном суде Республики Таджикистан»[462], которые рассматриваются только Конституционным судом РТ. К ним относятся дела о соответствии Конституции Республики Таджикистан:

– законов, совместных постановлений Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, нормативных правовых актов Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Президента Республики Таджикистан, Правительства Республики Таджикистан, руководящих разъяснений пленумов Верховного Суда Республики Таджикистан и Высшего экономического суда Республики Таджикистан;

–не вступивших в законную силу международных договоров Республики Таджикистан;

– нормативных правовых актов министерств, государственных комитетов, иных государственных органов;

– нормативных правовых актов маджлисов народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе и председателей Горно-Бадахшанской автономной области, областей и города Душанбе;

– нормативных правовых актов маджлисов народных депутатов городов, районов и председателей городов, районов;

– нормативных правовых актов органов самоуправления поселков и сёл и т.д.

Разнообразие отраженных в основах конституционного строя конституционных ценностей позволяет выделить среди конституционно-правовых споров, затрагивающих основы конституционного строя, споры, возникающие по поводу обеспечения и защиты верховенства Конституции РТ, конституционных законов, законов, ценностей демократии и народовластия, разделения властей, республиканской формы правления и унитарного устройства, местного самоуправления, споры, разрешение которых направлено на обеспечение социального характера Таджикского государства, единство его экономического пространства, споры, связанные с исполнением международных обязательств Республики Таджикистан и т.д.

**2. Конституционно-правовые споры, связанные с осуществлением народом непосредственной демократии.** Следует отметить, что данный вид можно также разделить на следующие подвиды:

---

[461] *Никитина А. В. Конституционно-правовые споры: дисс. ...докт. юрид. наук: 12.00.02. Хабаровск, 2019. – С. 102-104.*

[462] *Конституционный закон Республики Таджикистан «О Конституционном суде Республики Таджикистан»: [действующий конституционный закон: принят Маджлиси Оли РТ 26.06.2014 г., № 1083] // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2022. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).*

а) Избирательные споры;

б) Референдумные споры.

**3. Конституционно-правовые споры, возникающие в процессе осуществления гражданами своих основных (конституционных) прав и свобод.** В эту категорию необходимо отнести:

– споры о проверке законов и иных нормативных правовых актов, принятых конституционными органами и должностными лицами, на соответствие актам более высокой юридической силы в связи с нарушением конституционных (основных) прав и свобод;

– дела об оспаривании нарушающих конституционные права и свободы граждан решений (действия, бездействия), актов индивидуального характера органов публичной власти, наделенных конституционно-правовым статусом (например, дела об отмене решений избирательных комиссий, комиссий референдума об итогах голосования, о результатах выборов, референдума, споры о назначении референдума, об оспаривании решения о проведении референдума и т.д.).

**4. Конституционно-правовые споры, возникающие в области организации и деятельности конституционных органов государственной власти, а также в сфере конституционных основ местного самоуправления:**

– о проверке конституционности и законности нормативных правовых актов как способ взаимного уравновешивания в системе разделения властей;

– споры о компетенции;

– споры о конституционно-правовой ответственности органов публичной власти.

Данная классификация доказательство того, что что применение норм любого конституционно-правового института, существование любых конституционно-правовых отношений могут сопутствоваться возникновением конституционно-правовых споров. Наша задача учитывать специфику источников правового регулирования соответствующих общественных отношений, особенности конституционных правоотношений, из которых спор возникает, их субъектного состава и характер связей между ними в процессе разрешения спора.

Таким образом предложенная нами классификация видов конституционно-правовых споров будет служить не только в рамках научных исследований, но и для преподавания соответствующих институтов конституционного права с учетом судебной практики применения этих норм, а также для систематизации решений судебных органов. Несомненно, предложенная нами классификация не претендует на всеобъемлющий охват всех существующих и возможных конституционно-правовых споров, так как каждая классификация предполагает обнаружение лишь характерных видов. По нашему мнению, дальнейшее развитие законодательства и научных исследований в этом направлении может стать толчком для появления новых классификаций.

**Литература:**

1. Конституционный закон Республики Таджикистан «О Конституционном суде Республики Таджикистан»: [действующий конституционный закон: принят Маджлиси Оли РТ 26.06.2014 г., № 1083] // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. – Душанбе, 2021. – 1 электрон. опт. диск (CD – ROM).
2. Муродзода У.У. Конституционные споры и роль Конституционного суда в их разрешении / У.У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2021. – №3(23). – С. 114.
3. Диноршоев А. М. К понятию избирательного спора как разновидности конституционно-правового спора / А. М. Диноршоев, У. У. Муродзода // Правовая жизнь. – 2021. – № 1(33). – С. 48.

4. Замотаева Е.К. Судебный нормоконтроль как способ разрешения конституционно-правовых споров в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. М., 2005. – С. 71.
5. Аминова Г.Г. Конституционно-правовые споры в процессе создания и деятельности политических партий: дис. …канд. юрид. наук. М., 2016. – С. 55.
6. Никитина А. В. Конституционно-правовые споры: дисс. …докт. юрид. наук: 12.00.02. Хабаровск, 2019. – С. 99.
7. Энциклопедический словарь. —М.:Гардарики. Под редакцией А.А. Ивина. 2004
8. Брежнев О. Конституционно-правовые спор как явления современной действительности (генезис, содержание, порядок разрешения). – С. 4.

# БОБИ VII.
# БАХШИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

---

**Қодиров Некруз Абдулмаҷидович**

## ПРОБЛЕМАҲОИ ОДАТҲОИ ТИҶОРАТӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАИИ ХУСУСӢ

***Қодиров Некруз Абдулмаҷидович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилали факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 905-80-86-86* ***E-mail:*** *master.nek@mail.ru*

**Фишурда.** Муаллиф дар мақола масъалаи нақши одатҳои тиҷоратиро дар танзими савдои беруна баррасӣ намуда, таҷрибаи судҳои арбитражи байналмилалиро истифода намудааст. Инчунин дар заминаи омӯзиши як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ хусусиятҳои одатҳои савдоиӣ нишон дода шудааст.

**Калидвоҷаҳо:** одатҳои тиҷоратӣ, одатҳои савдоии байналмилалӣ, арбитражи байналмилалии савдоӣ, ЮНИСТРАЛ, Инкотермс, одатҳои савдоӣ.

## ПРОБЛЕМЫ ТОРГОВЫХ ОБЫЧАЕВ КАК ИСТОЧНИК МЕЖДУНАРОДНОГО ЧАСТНОГО ПРАВА

***Кодиров Некруз Абдулмачидович,*** *кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального унвеситета* ***Тел.:*** *(+992) 905-80-86-86* ***E-mail:*** *master.nek@mail.ru*

**Аннотация.** В статье автором рассмотрен проблемы значение торговые обычаи в регулировании иностранный торговли, и было использовано международной судебно-арбитражной практика. Таким образом на основании изучения ряд международных правовых актов указывается на особенность торговых обычаев.

**Ключевые слова:** коммерческий обычаи, международное торговое обычаи, международное торговое арбитраж, ЮНИСТРАЛ, Инкотермс, торговое обычаи.

## PROBLEMS OF TRADING USUALS AS A SOURCE OF PRIVATE INTERNATIONAL LAW

***Kodirov Nekruz Abdulmajidovich,*** *Candidate of Law Sciences, Docent, Head of the Department of International Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone.:*** *(+992) 905-80-86-86* ***E-mail:*** *master.nek@mail.ru*

**Annotation.** The author considered the problems of the importance of trade customs in the regulation of foreign trade, and used international judicial and arbitration practice in this article. Thus, on the basis of the study of the study of a number of international legal acts indicated the peculiarity of trade customs.

**Key words:** trade customs, international commercial customs, international commercial arbitration, UNISTRAL, Incoterms, commercial customs

Дар замони муосир дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусиӣ консепсияе асоснокшудаистодааст, ки тибқи он категорияи «ҳуқуқи татбиқшаванда» таҳти тафсирнамоии васеъ қарор дорад ва бинобар ин, бояд дар худ на танҳо ҳуқуқро дар фаҳмиши классикии

он ҳамчун ҳуқуқи миллии давлати муайян, балки инчунин дигар танзимкунандаи ҳуқуқии муносибатҳои мушаххас, аз ҷумла одатҳои савдои байналмилалиро дар бар гирад. Асоснок намудани мубрамияти чунин консепсия, аз муқаррароти чунин санадҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи аврупоӣ оид ба арбитражи савдои хориҷӣ аз соли 1961 ва Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ дар бораи арбитражи байналмилалии савдоӣ аз соли 1985 бар меоянд.

Чунончӣ, м. VII Конвенсияи Аврупоӣ оид ба арбитражи савдои хориҷӣ аз 21 апрели соли 1961 эълон менамояд: ҳангоми аз тарафи арбитрҳо барои моҳиятан ҳал намудани баҳс муайян кардани ҳуқуқе, ки тахти татбиқ қарор мегирад, арбитрҳо муқаррароти қарордод ва одатҳоро ба роҳбарӣ мегиранд. Мутобиқи м. 9 Конвенсияи СММ оид ба ҳамлу нақли баҳрии борҳо аз 31 марти соли 1978 («Қоидаҳои Гамбург»), интиқолдиҳананда ҳуқуқ дорад танҳо дар он сурат борро ба саҳни киштӣ кашонад, агар чунин боркашонӣ ба созишномаи бо борфиристонанда басташуда ва ё одатҳои ҳамин соҳаи савдо мутобиқ бошад ё ин ки тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои қонунгузорӣ талаб карда шавад. Ҳамчунин дар м. 4 Конвенсияи баррасишаванда масъулияти интиқолдиҳананда дар ҳолатҳое, ки борқабулкунанда борро аз интиқолдиҳананда қабул намекунад, – бо роҳи ба ихтиёри борқабулкунанда пешниҳод кардани он мутобиқи шартнома ва ё қонун, ё ин ки одатҳои ҳамин соҳаи савдо, ки дар бандари борфарорӣ татбиқшаванда мебошанд, муқаррар карда шудааст. Қоидаи ба ин монанд ҳамчунин дар моддаи 28 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ аз соли 1985 ва моддаи 43 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» пешбинӣ шудааст, ки аз ҷумла чунин муқаррар менамояд:

1) арбитраж баҳсро мувофиқи меъёрҳое баррасӣ менамояд, ки тарафҳо ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати моҳияти баҳс интихоб намудаанд;

2) ҳангоми набудани ягон нишондоди тарафҳо арбитраж ҳуқуқеро татбиқ менамояд, ки мутобиқи меъёрҳои коллизионӣ муайян шудааст ва онро татбиқшаванда меҳисобад;

3) дар ҳамаи ҳолатҳо арбитраж мутобиқи шартҳои шартнома ва бо назардошти одатҳои тиҷоратие, ки нисбати ҳамин аҳд татбиқ мешаванд, ҳалнома қабул менамояд.

Дар муқаррароти зикршуда, ҳолати – такя кардан на ба категорияи «ҳуқуқ», балки ба «меъёри ҳуқуқ» диққатҷалбкунанда мебошад, зеро он ба як қатор олимон асоси тахмин намуданро додааст, ки дар ин ҳолат сухан дар хусуси имконияти тарафҳои аҳди иқтисоди хориҷӣ оиди ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда интихоб намудани на танҳо тартиботи ҳуқуқии миллии муайян, балки инчунин меъёрҳое, ки қисми ҳуқуқи миллӣ намебошанд, масалан, ба ҳуқуқи фаромиллӣ ва ё lex mercatoria мансубанд, меравад.

Асоснокии қоидаи арзгардида бахусус, дар маводҳои таҳияи Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ ошкор карда мешавад, ки он тасдиқ мекунад, ки мазмун ва мақсади дар матни ҳамин қонун истифода гардидани истилоҳи «меъёри ҳуқуқ» дар он ифода меёфт, ки ба ин васила ба тарафҳо имконияти ба сифати lex contractus пешбинӣ намудани на танҳо меъёрҳои низоми ҳуқуқии давлати муайян, балки инчунин меъёрҳое, ки дар сатҳи байналмилалӣ таҳия гардидаанд (меъёрҳое, ки дар конвенсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии ба он монанд мавҷуд мебошанд, ки дар сатҳи байналмилалӣ таҳия гардидаанд, ҳатто агар онҳо ҳанӯз қувваи ҳатмиро ба сифати ҳуқуқи давлати муайян соҳиб нашуда бошанд), дода шавад.

Меъёрҳои м. VII Конвенсияи аврупоӣ оид ба арбитражи савдои хориҷӣ, м. 28 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ дар бораи арбитражи байналмилалии савдоӣ ва м. 43 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ҳанӯз асоси ягонаи татбиқи анъанаҳои савдои байналмилалӣ нисбати шартҳои қарордод ба ҳисоб намераванд. Иловатан чунин ҳолат бо муқаррароти регламентҳои арбитражҳои машҳури байналмилалии тиҷоратӣ тасдиқ карда мешавад. Масалан, м. 17 Регламенти арбитражи Палатаи савдои байналмилалӣ (Париж) мустаҳкам менамояд, ки арбитраж уҳдадор аст дар баробари муқаррароти қарордод, инчунин одатҳои дахлдори савдоиро ба инобат гирад[463]. Муқаррароти моддаи зикршуда

[463] *Регламенты международных арбитражных судов: Сборник / Сост. Л. Н. Орлов, И. М. Павлов. М., 2001. – С. 69.*

қариб ки айнан дар 13 Регламенти Суди арбитражи байналмилалии тиҷоратии назди палатаи савдои ФР[464] ва м. 16 Регламент оид ба арбитраж ва оштии Суди арбитражи байналмилалии Палатаи федеролии иқтисоди Австрия (Қоидаҳои Вена) дарҷ гардидааст: арбитраж мутобиқи шартҳои шартнома ва бо назардошти анъанаҳои савдоие, ки нисбати ҳамин аҳд татбиқшаванда мебошанд, қарор қабул менамояд.

Профессор Драхозал К., қоидаҳои арбитражии 44 арбитражи институтсионалиро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки онҳо вобаста ба мавҷуд будан ва ё набудани талаботи ҳатмии ба назар гирифтани одатҳои байналмилалии савдоӣ ба ду гурӯҳ таснифбандӣ карда шаванд: 1) гурӯҳи аввал қоидаҳои 32 арбитражи байналмилалии тиҷоратиро мутаҳид менамоянд, ки арбитрҳоро барои ба инобат гирифтани одатҳои савдоии татбиқшаванда ва ё ба баҳс дахлдошта, уҳдадор месозанд; 2) гурӯҳи дуюмро қоидаҳои 12 арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ташкил медиҳад, ки ба роҳбарӣ гирифтани одатҳои савдоиро на талаб менамоянд ва на манъ мекунанд[465].

Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории баъзе давлатҳо ба Инкотермс қувваи қонунӣ бахшида шудааст. Чунончӣ, масалан, дар Испания ба Қоидаҳо дар иртибот ба амалиётҳои содиротӣ ва дар Ироқ – дар муносибат ба ҳама намуди аҳдҳо қувваи қонунӣ дода шудааст. Дар Украина низ, ба ҳуҷҷати мазкур қувваи қонунӣ дода шудааст, ки ҳангоми аз тарафи субъектони фаъолияти соҳибкорӣ баста шудани шартномаҳо, аз ҷумла дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ, ки предмети онҳо мол мебошад, қоидаҳои Инкотермс татбиқ карда мешаванд. Дар маҷмӯъ муҳаққиқон тазаккур медиҳанд, ки айни замон наздики 50 мамлакат Қоидаҳоро ба сифати қонун баррасӣ менамоянд[466].

Ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда одатҳои байналмилалии савдоӣ метавонанд аз ҷониби тарафҳо инчунин мутобиқи қонунгузории Англия ва ИМА интихоб карда шаванд. Мутобиқи ҳуқуқи ин давлатҳо, барои он ки қоидаи рафтор ба одат табдил ёбад, он бояд муддати тӯлонӣ татбиқ гардад ва бо назардошти муддати дуру дарози амали қоидаи рафтор, презумпсияи донистани одат аз тарафи тамоми ашхос, ки дар ин соҳаи фаъолият амал менамоянд ва ё дар ин қаламрав зиндагӣ мекунанд, ба вуҷуд меояд[467].

Тавре маълум аст, айни замон дар робита ба табиати дониши субъекте, ки дар савдои фаромарзӣ иштирок менамояд дар хусуси мавҷудияти одат, ду назария ба вуҷуд омадааст: 1) назарияи субъективӣ, ки тибқи он тарафҳо танҳо бо он одатҳое алоқаманд мебошанд, ки доир ба онҳо ҳангоми бастани қарордод маълумот доштанд. Мутобиқи назарияи мазкур барои эътироф кардани қувваи ин ва ё он одат зарур аст, ки дониши тарафи дигар дар хусуси қоидае дахлдор исбот карда шавад (чунин намунаи назариявӣ дар қонунгузории Олмон, Австрия ва ИМА мустаҳкам гардидааст); 2) назарияи объективӣ, ки ҷонибдорони он қайд менамоянд, ки барои тарафҳо ҳамагуна одате, ки дар ин ва ё он соҳаи савдои байналмилалӣ амал менамояд, ҳатмӣ мебошад (намунаи мазкур дар қонунгузории Фаронса ва Белгия инъикос ёфтааст). Назарияи объективӣ принсипи салоҳиятнокии касбии иштирокчиёни савдои байналмилалиро ба роҳбарӣ мегирад, ки онро мебояд ҳамчун ҷой надоштани зарурати исбот кардани ҳолати зикршуда шарҳ дод.

Ба тафовут нигоҳ накарда, ҳардуи назария ҳам аз рӯи иродаи тарафҳо интихоб гардидани ин ва ё он одатро, ки нисбати муносибатҳои онҳо татбиқ мегардад (ва ё даст кашидан аз одати амалкунанда ба сифати меъёри татбиқшаванда), истисно наменамоянд. Ҳамзамон бо ин, дар адабиётҳо қайд карда мешавад, ки айни замон дар муомилоти байнал-

[464] *Приказ Торгово-промышленной палаты РФ от 18 октября 2005 г. – № 76 «О регламентеМеждународ-ного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате РФ» // Международный коммерческий арбитраж. 2006. – № 2. – С. 33-56.*

[465] *Drahozal C.R. Arbitration by the Numbers: The State of Empirical Research on International Commercial Arbitration. Arbitration International. Vol. 22, № 2. 2006. P. 122.*

[466] *Регламенты международных арбитражных судов: Сборник / Сост. Л. Н. Орлов, И. М. Павлов. М., 2001. – С. 350.*

[467] *Зеленин А.Д., Рыбаков С.А. Некоторые вопросы применения Инкотермс в договорной практике // Арбитражные споры. 2004. – № 4 (28). – С. 143-150.*

милалӣ дар мадди аввал на критерияи субъективӣ (дониши амалӣ доштан ва ё надоштани шахси муайян), балки критерияи объективӣ (умумимаълумӣ ва риояи мунтаззами одат) қарор дорад. Ҳамин тавр, иброз мегардад, ки дониши амалии одат ҳатмӣ нест, он ҳолате аҳамият дорад, ки тараф ҳамчун иштирокчии касбӣ дар ин соҳаи савдои байналмилалӣ, дар хусуси мавҷудияти одат бояд маълумот медошт.

Мисолҳои равшани татбиқи одатҳои байналмилалии савдоӣ новобаста аз дониши амалӣ доштан дар бораи онҳо чунин мебошанд: 1) одате, ки дар бозори моли муайян амал менамояд, метавонад нисбати ашхосе татбиқ карда шавад, ки дар ин бозор қарордод бастаанд, новобаста аз дониши ин ашхос дар хусуси чунин одат; 2) ҳатто, агар шахс дар бозор ба воситаи агент баромад кунад ҳам, чунин ҳисобида мешавад, ки ӯ ба агент ваколатҳои амалӣ намудани фаъолиятро мутобиқи одатҳое, ки дар ҳамин бозори молиявӣ амал мекунанд, пешниҳод кардааст.

Зимнан, аз зарурати муқаррар кардани ҳолати мавҷудияти одатҳои савдоӣ чунин савол ба миён меояд: уҳдадории исбот намудани мавҷудияти чунин одат ба зиммаи кӣ гузошта мешавад – ба тарафҳо ё ин ки уҳдадории суд мебошад. Ҳардуи вариант ҳам татбиқи худро дар низомҳои ҳуқуқии мухталиф меёбанд. Дар мурофиаҳои англисӣ ва амрикоӣ мазмуни одат ба предмети исботкунӣ дохил мешавад ва уҳдадории исботкунӣ бошад, ба зиммаи шахсе гузошта мешавад, ки мехоҳад ба одат такя намояд. Дар мамлакатҳои ҳуқуқи континенталӣ маъмулан суд ex officio мазмуни меъёри анъанавиро муайян мекунад[468]. Дар ин маврид суд бояд ҳамагуна манбаҳои дастраси иттилоотро истифода барад: маҷмӯаҳои одатҳо, дастурҳо, маълумотҳои алоҳида, ки аз тарафи ташкилотҳои марбута – палатаҳои савдоӣ, биржаҳо, ассотсиатсияҳои савдоӣ ва ғ., хулосаҳои экспертии коршиносони соҳаҳои дахлдорри фаъолияти соҳибкорӣ.

Собиқ раиси КАСХ Генкин Д.М. қайд менамояд, ки мавҷудияти одат мумукин аст аз ҷониби тараф аз рӯи баҳс, инчунин бо ташабуси комиссияи арбитражӣ муқаррар карда шавад. Тибқи андешаи муаллифи мазкур, одати муқарраршуда, меъёри ҳуқуқе мебошад, ки барои ҳалли баҳс татбиқ карда мешавад[469].

Бо мавқеи дар илм умумиэътирофгардида, ки зарурати исбот намудани мавҷудияти одатҳои байналмилалии савдоиро муқаррар менамояд, розӣ нашудан мушкил аст. Бо вуҷуди ин, бо назардоштаи таҳқиқоти гузаронидашуда гуфтан мумкин аст, ки бо эътироф гардидани одатҳои байналмилалии савдоӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи мухтор, ки аз рӯи қувваи ҳуқуқии худ ба сарчашмаҳои миллӣ ва байналмилалӣ баробар мебошад, ба андешаи мо, дар ояндаи наздик чунин зарурият аз байн меравад. Дар натиҷа, мавқеи афзалиятнокро дар масъалаи табиати донишҳои субъект оид ба мавҷудияти одат, назарияи объективӣ ишғол менамояд. Ғайр аз он, шартҳои муайян барои дар амалияи ҳуқуқии Тоҷикистон қабул кардани назарияи мазкур, алакай аз тарафи қонунгузории ватанӣ ташаккул дода шудааст. Сухан доир ба м. 1191 КГ ҶТ меравад, ки тартиби муайян намудани мазмуни меъёри ҳуқуқи хориҷиро муқаррар менамояд. Чунин ҳисобида мешавад, ки моддаи мазкур метавонад бо тартиби муқоисавӣ инчунин ҳангоми аз тарафи арбитраж муқаррар кардани мазмуни ин ва ё он одатҳои байналмилалии савдоӣ татбиқ карда шавад.

Дар ҷамбасти хулоса, ба чунин раванди инкишофи одатҳои байналмилалии савдоӣ, ба монанди татбиқи онҳо дар таҷрибаи ҳалли баҳсҳои тиҷоратии байналмилалӣ пеш аз меъёрҳои диспозитивии миллӣ ва ё байналмилалӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намоем.

---

[468] *Тибқи қонунгузории Олмон ҳуқуқи хориҷӣ танҳо ба ҳамон андозаи тахти исботкунӣ қарор мегирад, ки барои суд норавшан мебошад. Ниг.:Чешир, Норт. Указ. соч. – С. 150, прим. 5.*

[469] *Генкин Д.М. О работе Внешнеторговой арбитражной комиссии при Всесоюзной торговой палате за 1957– 1959 гг.: Сборник информационных материалов секции права ВТП. Вып. XI. М., 1961. – С. 7.*

**Адабиёт:**

1. Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 марти соли 2015 таҳти №1183.
2. Конвенсияи Аврупоӣ оид ба арбитражи савдои хориҷӣ аз 21 апрели соли 1961
3. Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ дар бораи арбитражи байналмилалии савдоӣ аз соли 1985
4. Приказ Торгово-промышленной палаты РФ от 18 октября 2005 г. №76 «О регламен-теМеждународ-ного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате РФ» [Текст] / Международный коммерческий арбитраж. 2006. №2. С. 33-56.
5. Drahozal C.R. Arbitration by the Numbers: The State of Empirical Research on International Commercial Arbitration. Arbitration International. Vol. 22, №2. 2006. P. 122.
6. Орлов Л. Н., Павлов И. М. Регламенты международных арбитражных судов: Сборник [Текст] / Сост. Л. Н. Орлов, И. М. Павлов. М., 2001. С. 350.
7. Зеленин А.Д., Рыбаков С.А. Некоторые вопросы применения Инкотермс в договорной практике [Текст] / А.Д. Зеленин С.А. Рыбаков Арбитражные споры. 2004. №4 (28). С. 143-150.
8. Генкин Д.М. О работе Внешнеторговой арбитражной комиссии при Всесоюзной тор-говой палате за 1957-1959 гг.: [Текст] / Д.М. Генкин Сборник информационных материалов секции права ВТП. Вып. XI. М., 1961. С. 7.
9. Чешир, Норт. Тибқи қонунгузории Олмон ҳуқуқи хориҷӣ танҳо ба ҳамон андозаи таҳти исботкунӣ қарор мегирад, ки барои суд норавшан мебошад [Матн] / Чешир, Норт. Указ. соч. – С. 150, прим. 5.

**Мирзоев Амонулло Мирзодавлатович**

# МАҲАКИ «БАЙНАЛМИЛАЛӢ»-И ШАРТНОМА ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

***Мирзоев Амонулло Мирзодавлатович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 98-886-08-88* ***E-mail:*** *amonalloh@mail.ru*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур маҳаки «байналмилалӣ»-и шартнома дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки бо такя ба қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ чунин маҳакҳои «байналмилалӣ»-и шартномаро номбар кардан мумкин аст:

1) хориҷӣ будани яке аз тарафҳои шартнома (дар хориҷа қарор доштани маҳалли бурдани фаъолияти соҳибкории яке аз тарафҳо);

2) дар хориҷа қарор доштани моликияте, ки нисбат ба он уҳдадориҳои шартномавӣ ба вуҷуд меоянд;

3) пурра ё қисман берун аз кишвар иҷро гардидани уҳдадориҳо аз шартнома.

Зикр карда мешавад, ки маҳакҳои «байналмилалӣ»-и шартнома дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ онро тобеи тартиботи махсуси ҳуқуқӣ мегардонад. Дар ин радиф ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба муносибатҳои мазкур бо ду усул: моддӣ-ҳуқуқӣ ва коллизионӣ-ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

**Калидвожаҳо:** шартнома, маҳакҳои «байналмилалӣ»-и шартнома, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, иҷро намудани уҳдадориҳои шартномавӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ.

## КРИТЕРИИ «МЕЖДУНАРОДНОСТИ» ДОГОВОРА В МЕЖДУНАРОДНОМ ЧАСТНОМ ПРАВЕ

***Мирзоев Амонулло Мирзодавлатович,*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права юридический факультет Таджикского национального унвеситета Тел.: (+992) 98-886-08-88 E-mail: amonalloh@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются критерии «международности» договора в международном частном праве. Отмечается, что, исходя из национального законодательства и международно-правовых актов, можно перечислить следующие критерии «международности» договора:

1) иностранность одной из сторон договора (место нахождения одной из сторон находится за границей);

2) нахождение имущество, в отношении которого возникают договорные обязательства за границей;

3) полное или частичное выполнение обязательств по контракту за пределами страны.

Упоминается, что «международные» критерии договора в международном частном праве обуславливают его особый правопорядок. В связи с этим международное частное право воздействует на эти отношения двояко: материально-правовым и коллизионно-правовым.

**Ключевые слова:** договор, критерии «международности» договора, международное частное право, исполнение договорных обязательств, национальное законодательство, международно-правовые акты.

## CRITERIA FOR «INTERNATIONALITY» OF A CONTRACT IN PRIVATE INTERNATIONAL LAW

***Mirzoev Amonullo Mirzodavlatovich,*** *Candidate of Law Sciences, Docent of the Department of International Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 98-886-08-88* ***E-mail:*** *amonalloh@mail.ru*

**Annotation:** This article discusses the criteria for «internationality» of the contract in private international law. It is noted that based on national legislation and international legal acts, the following criteria for the «internationality» of the contract can be listed:

1) the foreignness of one of the parties to the contract (the location of one of the parties is abroad);

2) the location of property in respect of which contractual obligations arise abroad;

3) full or partial fulfillment of obligations under the contract outside the country.

It is mentioned that the «international» criteria of the contract in private international law determine its special legal order. In this regard, private international law affects these relations in two ways: substantive legal and conflict legal.

**Key words:** contract, criteria for «internationality» of the contract, private international law, performance of contractual obligations, national legislation, international legal acts.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба истилоҳи «шартнома» ҳамчун категорияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ диққати махсус дода шудааст. Бахусус, М. Волф, ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд мекунад, ки истилоҳи мазкур созишнома байни ду ва ё зиёда тарафҳоро ифода менамояд, ки мувофиқи ҳадафҳои онҳо ҳадди аққал ба яке аз онҳо – қарздор уҳдадорӣ вогузор мегардад ва барои кредитор ҳуқуқи талаб намудани иҷрои ин уҳдадориро фароҳам меоварад[470]. Дар баробари истилоҳи «шартнома» ҳамчунин истилоҳи

[470] *Вольф М. Международное частное право / под ред. и с предисл. Л.А. Лунца. М.: Гос. изд-во иностр. лит., 1948. – С. 442.*

«контракт» низ ба кор бурда мешавад, ки эквиваленти забонии истилоҳи «шартнома» мебошад.

«Азбаски мафҳуми шартнома дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо ҳамон маъное, ки дар ҳуқуқи гражданӣ истифода мешавад, ифода мегардад, пас масъалаи табиати ҳуқуқии шартнома дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳеҷ гуна мушкилиеро ба вуҷуд намеорад, зеро ин ҳамон шартномаи гражданӣ-ҳуқуқие мебошад, ки бо мавҷудияти ҳайати воқеии байналмилалии таҷассумгари хусусиятҳои хоси худ фарқ менамояд»[471].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ барои тавсифи уҳдадориҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ ба критерияи «байналмилалӣ будан»-и шартнома ишора менамоянд. Далели дар кишварҳои гуногун ҷойгир будани маҳалли бурдани фаъолияти соҳибкорӣ (place of business)-и тарафҳо яке аз критерияҳои ифодагари «байналмилалӣ будан»-и шартнома мебошад. Дар ин маврид миллияти гуногуни тарафҳо, ҷойгиршавии маҳалли зисти онҳо ё бастани шартнома дар хориҷи кишвар аҳамияти ҳалкунандаро надорад, чун диққати зарурӣ ба маҳалли иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ дода мешавад. Дар натиҷа агар ду австралиягӣ шартномаро дар Австралия баста бошанд, вале шартнома дар Индонезия (ё дар кадоме аз кишварҳои дигар), мебояд иҷро карда шавад он тибқи фаҳмиши муаллифони хориҷӣ «байналмилалӣ» эътироф карда мешавад. Ё бо суханони дигар «байналмилалӣ будан»-и шартнома бо маҳалли иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ вобаста карда мешавад, ки ба ҳайси он бояд кишвари хориҷӣ баромад намояд[472].

Дар адабиёти хориҷӣ инчунин ақидае иброз шудааст, ки ҳатто дар ҳолати бастани шартнома оид ба хариду фурӯши молҳои воридотӣ он бояд «байналмилалӣ» эътироф карда шавад[473]. Ба ҳамин монанд дар Фаронса дар нимаи аввали асри XX ҳамчун омили муайянкунандаи критерияи «байналмилалӣ будан»-и шартнома, судҳо маҳз ҷабҳаи иқтисодии шартномаро ба инобат мегирифтанд: шартнома ҳамчун «дорои критерияи байналмилалӣ» баррасӣ карда мешуд, агар он оид ба мубодилаи арзишҳои молиявӣ (ин метавонист дар шакли пулӣ ё шакли дигар бошад) баста шавад. Ба ҷуз аз омили иқтисодӣ зарур аст, ки амалиёти мазкур берун аз қаламрав амалӣ гардад. Алалхусус, дар парвандаи «Societe Aranella v. Societe Italo-Ecuadoriana» аз соли 1985[474] уҳдадориҳои шартномавӣ байни шахсони ҳуқуқии Италия, новобаста аз миллияти ҳаммонанди онҳо «байналмилалӣ» эътироф карда мешуданд, зеро аз ҷиҳати иқтисодӣ уҳдадориҳои мазкур дар худ мубодилаи мол ва хизматҳоро дар бар мегирифт, ки берун аз марз амалӣ мегардиданд.

Баъдан, ба ғайр аз омили иқтисодӣ дигар омилҳо низ зарурӣ мегарданд. Масалан, Суди кассатсионии Фаронса парвандаи «Hecht v. Societe Buismans» аз 1972-ро[475] баррасӣ намуда, қарор мебарорад, ки уҳдадориҳои шартномавии дар Нидерландия байни шахсони ҳуқуқии голландӣ ва фаронсавӣ ба вуҷуд омада, байналмилалӣ эътироф карда мешаванд, зеро муносибати мазкур бо низоми ҳуқуқии ду ва ё зиёда давлатҳо алоқаманд аст. Ин ба шахси ҳуқуқии фаронсавӣ имкон медиҳад, ки рафтори муайянро аз номи шахси ҳуқуқии дар Нидерландия тибқи ҳуқуқи миллии он бақайдгирифташуда ба амал барорад ва бо ин сатҳи содироти молҳоро дар Фаронса боло барорад.

Аз мазмуни қарори мазкур мумкин аст хулоса баровард, ки Суд асосан ба омилҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир намудааст: тааллуқияти гуногуни давлатии тарафҳои уҳдадориҳои шартномавӣ; робита бо низомҳои ҳуқуқии ду ва ё зиёда давлат; содир намудани молҳо ба хориҷа.

Дар низоми ҳуқуқии ИМА барои тавсифи критерияи «байналмилалӣ будан»-и шартнома категорияи «контракти байналмилалӣ» (International contract)-ро истифода мебаранд.

---

[471] *Испаева Г.Б. Договор в международном частном праве: коллизионные проблемы: дис. ... д-ра юрид. наук. Алматы, 2010. – С. 139.*
[472] *Nygh P. Autonomy in international contracts. Oxford: Clarendon Press, 1999. P. 50.*
[473] *Stone P.A. The conflict of laws. London: Longman, 1995. P. 233.*
[474] *Revue de l´Arbitrage. 1985. P. 311.*
[475] *Revue Critique de Droit International Prive. 1974. P. 82.*

Контрактҳои байналмилалӣ тибқи низоми ҳуқуқии ИМА уҳдадориҳои шартномавии тарафҳоро, ки таллуқияти гуногуни давлатӣ доранд ва предметашон муносибатҳои ҳуқуқии дар хориҷа бавуҷудомада мебошанд, ба расмият медароранд. Чунончӣ, Суди Олии ИМА дар натиҷаи баррасии якчанд парванда қарор баровард, ки агар уҳдадориҳои шартномавӣ чунин унсурҳо, ба монанди тобеият ба низомҳои ҳуқуқии якчанд кишвар дошта бошанд, пас ин бавуҷудоии зарурати интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаро ҳам барои батанзимдарории уҳдадориҳои шартномавӣ ва ҳам барои ҳалли баҳсҳои аз шартнома бамиёномада ба вуҷуд меорад. Аз ин нуқтаи назар ҳуқуқшиносони амрикоӣ барои ифодаи уҳдадориҳои шартномавӣ, ду критерияи асосиро истифода мебаранд: иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ.

Агар критерияи иқтисодӣ дар ҳадафҳои иқтисодии муносибатҳои шартномавӣ таҷассум гардад, пас критерияи ҳуқуқӣ дар тобеияти муносибатҳои мазкур ба низомҳои ҳуқуқии гуногун ифода меёбад, ки ин боиси ба вуҷуд омадани коллизия дар танзимнамоии онҳо мегардад ва дар баробари ин масъалаи интихоби низоми ҳуқуқии мушаххас ва мақомоти судии муайян барои ҳалли баҳсҳои шартномавӣ ба миён меояд[476].

Дар адабиёти шӯравӣ шартномаҳое, ки дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ баста мешуданд ва бо амалигардонии амалиёти содироту воридот, ки дар он баровардани мол, кор ва хизматрасонӣ берун аз марз ё ворид намудани онҳо ба кишвар ҷой дошт, алоқаманд карда мешуданд «аҳдҳои савдоии берунӣ» ном бурда мешуданд.

Хусусан, Л.А. Лунс дар зери мафҳуми чунин шартномаҳо аҳдҳоеро мефаҳмид, ки «дар онҳо ҳадди ақкал яке аз тарафҳо хориҷӣ (шаҳрванди хориҷӣ ва ё шахси ҳуқуқии хориҷӣ) бошад ва мазмуни онро амалиёт оид ба ворид намудани мол аз хориҷа ё баровардани он ба хориҷа ва ё кадом як амали дигари бо ворид ва ё содир намудани мол алоқаманд ташкил диҳад».

Муаллиф ба ин ҷо, мувофиқан, пеш аз ҳама, шартномаи хариду фурӯши молҳо, ки воҷиби ба сарҳад ворид намудан ё аз он баровардани молҳо мебошанд, инчунин шартномаҳои пудрат, комиссия, боркашонӣ, муносибатҳои кредитӣ-ҳисоббаробаркунӣ ва ғ., ки бо содирот ё воридоти мол алоқаманданд, дохил менамуд[477].

Бо такя ба қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ чунин критерияҳои «байналмилалӣ будан»-и шартномаро номбар кардан мумкин аст:

4) хориҷӣ будани яке аз тарафҳои шартнома (дар хориҷа қарор доштани маҳалли бурдани фаъолияти соҳибкории яке аз тарафҳо);

5) дар хориҷа қарор доштани моликияте, ки нисбат ба он уҳдадориҳои шартномавӣ ба вуҷуд меоянд;

6) пурра ё қисман берун аз кишвар иҷро гардидани уҳдадориҳо аз шартнома.

Зикр кардан ба маврид аст, ки критерияҳои «байналмилалӣ будан»-и шартнома дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ онро тобеи тартиботи махсуси ҳуқуқӣ мегардонад. Дар ин радиф ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба муносибатҳои мазкур бо ду усул: моддӣ-ҳуқуқӣ ва коллизионӣ-ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

Воқеан, ҳама гуна шартнома дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ба танзими моддӣ-ҳуқуқӣ ниёз дорад. Ҳатто шартномае, ки аз садҳо ё ҳазорон муқаррарот иборат бошад ҳам, хеҷ гоҳ ба дараҷае мукаммал намегардад, ки аз ҳуқуқи беруна дар муносибат бо чунин масоил аз ҷумла тафсирнамоӣ мустақил бошад.

Дар аксарияти мавридҳо, – қайд менамояд П. Лалив, – масоили мушкил аз норавшан будани муқарраоти шартномавӣ, яъне он ҳолатҳое, ки ба зарурати ҳаволанамоӣ ба меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқии низоми муайяни ҳуқуқӣ оварда мерасонанд, ба вуҷуд меоянд[478]. Ба андешаи Лорд Диплок шартнома наметавонад дар «вакууми ҳуқуқӣ» қарор дошта

---

[476] *Delaume G. Law and Practice of Transnational Contracts. New York: Oceana Publications, Inc., 1988. P. 120, 187.*

[477] *Лунц Л.А. Курс международного частного права. В 3-х т. М.: Спарк, 2002. – С. 81.*

[478] *Peter W. Arbitration and Recognition of International Arbitration Agreements. Dordrecht, Martinus Nijhoff. 1986. P. 92.*

бошад[479].

Чуноне ки дар Қарори Палатаи доимии адолати судии байналмилалӣ аз соли 1929 дарҷ гардида буд, ҳар як шартномае, ки шартнома байни давлатҳо ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ намебошад, асос ба ин ё он қонуни миллӣ дорад[480].

Ҳамин тариқ, меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи бевоситаи шартномаҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ асосан бунёди байналмилалӣ доранд. Масалан, меъёрҳое, ки дар Конвенсия оид ба шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо аз соли 1980, Конвенсияи Брюссел оид ба унификатсияи баъзе аз қоидаҳо оид ба коносамент аз соли 1924, Конвенсияи Варшава оид ба баъзе аз қоидаҳои марбут ба ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ аз соли 1929, Конвенсияи Женева оид ба шартномаҳои ҳамлу нақли байналмилалии борҳо тавассути роҳ аз соли 1956, Конвенсияи Оттава оид ба лизинги байналмилалии молиявӣ аз соли 1980 ва а.и. дарҷ гардидаанд[481]. Ҳатто дар баъзе аз кишварҳо меъёрҳои санадҳои байналмилалии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои шартномавӣ дар қонунгузории миллӣ мустаҳкам карда шудаанд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии халқии Хитой дар бораи шартномаҳои байналмилалии хоҷагидорӣ аз соли 1985.

Дигар усули маъмули танзими шартномаҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин усули коллизионӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки зимни ин усул дар асоси меъёрҳои коллизионӣ ҳуқуқи татбиқшаванда муқаррар карда шуда, танзими ҳуқуқии минбаъдаи шартнома амалӣ гардонида мешавад.

Ҳамин тавр, маҳаки «байналмилалӣ будан»-и шартнома дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тақозо менамояд, ки муқаррарнамоии меъёрҳои мушаххаси танзимкунандаи онҳо ба таври стихиявӣ амалӣ карда нашуда, балки дар заминаи асосҳое ба роҳ монда шавад, ки хусусияти махсуси навъи танзимшавандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, робитаи воқеӣ байни объекти танзимнамоӣ ва тартиботи махсуси ҳуқуқии дахлдор ба назар гирифта шавад, ки ин имкон медиҳад ба муносибатҳои шартномавии бавуҷудомада ҳуқуқи нибатан мувофиқ ва қобили қабул татбиқ карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Воситаи таълимӣ. Муҳаррирони масъул: Раҷабов М.Н. ва Мирзоев А.М. Душанбе «Эр-граф», 2018. Мирзоев А.М. Аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ: Масоили назариявӣ. Монография. Душанбе, ЭР-граф, 2017.
2. Вольф М. Международное частное право / под ред. и с предисл. Л.А. Лунца. М.: Гос. изд-во иностр. лит., 1948.
3. Испаева Г.Б. Договор в международном частном праве: коллизионные проблемы: дис. … д-ра юрид. наук. Алматы, 2010.
4. Канашевский В.А. Международное частное право: Учебник. Изд. 2-е, доп. – М.: Междунар. отношения, 2009.
5. Лунц Л.А. Курс международного частного права. В 3-х т. М.: Спарк, 2002.
6. Менглиев Ш. Международное частное право. Душанбе: Типография ТНУ, 2013.
7. Мирзоев А.М. Применимое право в договорных отношениях с иностранным элементом. Монография. Душанбе, Типография Таджикского национального университета, 2015.
8. Сулаймонов Ф.С. Международное частное право: Комментарий к разделу VII Гражданского кодекса Республики Таджикистан / Под ред. д.ю.н. проф. Ш. Менглиева. Душанбе: Истеъдод, 2011.


---

[479] *Канашевский В.А. Международное частное право: Учебник. Изд. 2-е, доп. – М.: Междунар. отношения, 2009. – С. 279.*

[480] *Лунц Л.А. Курс международного частного права. В 3-х т. М.: Спарк, 2002. – С. 81.*

[481] *Канашевский В.А. Международное частное право: Учебник. Изд. 2-е, доп. – М.: Междунар. отношения, 2009. – С. 277.*

9. Delaume G. Law and Practice of Transnational Contracts. New York: Oceana Publications, Inc., 1988.
10. Nygh P. Autonomy in international contracts. Oxford: Clarendon Press, 1999.
11. Peter W. Arbitration and Recognition of International Arbitration Agreements. Dordrecht, Martinus Nijhoff. 1986.
12. Revue Critique de Droit International Prive. 1974.
13. Revue de l´Arbitrage. 1985.
14. Stone P.A. The conflict of laws. London: Longman, 1995.

**Қурбонов Ҷаъмахон Сайвалиевич**

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ПРИНСИПҲОИ МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ИНСОН

***Қурбонов Ҷаъмахон Сайвалиевич,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 931-87-99-99* ***E-mail:*** *davlatmandkurbonov80@gmail.com*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур асосҳо ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф тазаккур медиҳад, ки низоми муносибатҳои ҳуқуқиро вобаста ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон метавон чунин баррасӣ кард: субъектҳои маҳдудсозӣ, объектҳои маҳдудсозӣ ва мазмуни ҳуқуқӣ ва воқеии чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ. Муқаррар карда шудааст, ки дар амал ҳангоми маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ чунин принсипҳои аз тарафи умум эътирофгардида истифода мешаванд: қонунӣ будан, зарурӣ будан, ба мақсад мувофиқ будан, асоснок будан, мутаносиб будан. Ба андешаи муаллиф, ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон танҳо дар ҳамон ҷойе маҳдуд карда мешаванд, ки ҳуқуқҳо, манфиатҳои шахсии шахси дигар он ҷо амалӣ мешавад.

Бо назардошти меъёрҳои дар мақола баррасишуда, таснифи зерини маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод мешавад: аз рӯи давомнокӣ; аз рӯи шароити амал; аз рӯйи субъектҳо; аз рӯи доираи амал; аз рӯи доираи шахсон; аз рӯи марзбандӣ; вобаста ба вазъи сиёсии субъекте, ки маҳдудиятҳоро амалӣ мегардонад; аз рӯи натиҷаҳо; аз рӯи намуди ҳуқуқҳо; аз рӯи дараҷаи асоснокии иҷтимоӣ; аз рӯи сабабҳое, ки ба миён омадаанд.

Ба андешаи муаллиф, бояд ҳамеша амалияи муқарраршудаи принсипҳои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои муайян, аз ҷумла иҷтимоиву иқтисодиро ба назар гирифт. Тавре ки аз пажӯҳиш бармеояд, меъёри асосии маҳдудсозии конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мувофиқати он ба принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшуда, инчунин принсипҳои ба таври возеҳ танзимшуда тавассути қонунҳо ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, маҳдудсозӣ, қонун, принсип, қонуният, мазмуни ҳуқуқӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои маҳдудсозӣ.

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ И ПРИНЦИПЫ ОГРАНИЧЕНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА

***Курбонов Джаъмахон Сайвалиевич,*** *ассистент кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 931-87-99-99* ***E-mail:*** *davlatmandkurbonov80@gmail.com*

**Аннотация:** В данной статье рассмотрены основы и принципы ограничения социально-экономических прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. Автор подчеркивает, что систему правоотношений, связанных с ограничением социально-экономических прав и свобод человека можно рассматривать следующим образом: субъекты ограничения, объекты ограничения и правовое и фактическое содержание таких правоотношений.

Установлено, что на практике при ограничении социально-экономических прав используются следующие общепризнанные принципы: законность, необходимость, целесообразность, обоснованность, соразмерность. По мнению автора, социально-экономические права человека испытывают ограничения только там, где начинают реализовываться права и собственные интересы другого лица, там, где начинает действовать обязанность – не злоупотреблять своим правом. Иными словами, социально-экономические права человека ограничиваются только там, где реализуются права и личные интересы другого лица.

С учетом рассмотренных в статье критериев предлагается следующая классификация ограничений социально-экономических прав: по сроку действия; по условиям действия; по субъектам; по сфере действия; по кругу лиц; по территории; в зависимости от политического статуса субъекта, осуществляющего ограничения; по результатам; по виду прав; по степени социальной обоснованности; по причинам, которые обусловили ограничения.

По мнению автора, всегда следует учитывать сложившиеся на практике принципы ограничения отдельных прав и свобод, в том числе социально-экономических. Согласно исследованию, главным критерием конституционно-правового ограничения при реализации социально-экономических прав является соответствие общепризнанным принципам, а также четко регламентированным законом и Конституцией Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** право, права человека, экономические права и свободы, социальные права и свободы, экономические и социальные права и свободы, ограничение, закон, принцип, законность, правовое содержание, правовые основания, принципы ограничения.

## LEGAL BASIS AND PRINCIPLES OF LIMITATION OF SOCIO-ECONOMIC RIGHTS AND HUMAN FREEDOM

***Kurbonov Ja’makhon Saivalievich,*** *assistant of the Department of International Law of the Faculty of Law of the Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 931-87-99-99* ***E-mail:*** *davlatmandkurbonov80@gmail.com*

**Annotation:** This article discusses the basics and principles of restricting the socio-economic rights and freedoms of man and citizen in the Republic of Tajikistan. The author emphasizes that the system of legal relations associated with the restriction of socio-economic rights and freedoms of a person can be considered as follows: the subjects of the restriction, the objects of the restriction, and the legal and actual content of such legal relations. It has been established that in practice, when restricting socio-economic rights, the following generally recognized principles are used: legality, necessity, expediency, reasonableness, proportionality. According to the author, socio-economic human rights are limited only where the rights, own interests of another person begin to be realized, where the obligation begins to operate – not to abuse one's right. In other words, socio-economic human rights are limited only where the rights and personal interests of another person are realized.

Taking into account the criteria considered in the article, the following classification of restrictions on socio-economic rights is proposed: by duration; according to the conditions of action; by subjects; by scope; in a circle of people; by territory; depending on the political status of the entity implementing the restrictions; according to the results; by type of rights; according to the degree of social validity; for the reasons that led to the restrictions.

According to the author, one should always take into account the principles of restriction of certain rights and freedoms that have developed in practice, including socio-economic ones. According to the study, the main criterion for constitutional and legal restrictions in the exercise of socio-economic rights is compliance with generally recognized principles, as well as clearly regulated by law and the Constitution of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** law, human rights, economic rights and freedoms, social rights and freedoms, economic and social rights and freedoms, restriction, law, principle, legality, legal content, legal grounds, principles of restriction.

Кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, андоза, воқеият, иҷрошавандагии онҳо на танҳо вазъи воқеию ҳуқуқии шахсро дар ҷомеа, балки моҳияти демократияи дар кишвар мавҷудбуда ва имкониятҳои иҷтимоии хоси ҷомеаро ифода мекунанд. Онҳо нишондиҳандаи камолоти ҷомеа ва дастовардҳои он мебошанд, зеро Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ва мақомоти онро уҳдадор сохтаанд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро кафолат диҳанд ва таъмин кунанд.

Дар навбати худ, ҷомеа аз давлат тақозо мекунад, ки механизмҳои муассир ва мукаммали ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро фароҳам созад, зеро имрӯз тамоми таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва миллӣ, давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ ба мушкилоти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида шудааст.

Муқаррар кардани принсипҳо ва асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар навбати худ ҳамчун механизмҳои ҳифзи онҳо баромад мекунад. Аз ин рӯ, давлат ҳамчун кафили асосии ҳуқуқи инсон дар сатҳи конститутсионӣ имкони маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар менамояд, ки тартиби ҳуқуқии алоҳида ва асосҳои татбиқи чунин маҳдудсозиро пешбинӣ мекунад. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор санадҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки чунин имкониятро муайян намуда, марзҳои маҳдудсозӣ ва рӯйхати мукаммали шартҳоро барои он муайян мекунанд. Бо назардошти ин, дар фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои маҳдудсозии қонунии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар ҷомеаи муосири демократӣ, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва Конститутсияи кишварамон ифода ёфтаанд, аҳаммияти бештари амалӣ пайдо мекунанд.

Маҳдудсозии ҳуқуқӣ оид ба татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон дахолатҳои иҷозатдодашуда мебошад, ки ба танг кардани мундариҷа ё тағйир додани доираи ҳуқуқҳое нигаронида шудааст, ки набояд ба шахс зарар расонад, балки бояд манфиатҳои иқтисодии инфиродиву ҷамъиятиро мутаносиб созад, дар асосҳои пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешавад ва аз муқаррар намудани манъ, уҳдадорӣ, масъулият, идора ва назорати иҷрои онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ вобаста ба зарурати ҷамъиятии ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ ва таъмини манфиатҳо иборат аст. Ин андешаро ҳуқуқшиносони тоҷик Д.С. Раҳмон ва П. Исозода ҳам дастгирӣ намуда, менависанд, ки «вақте ки сухан дар бораи маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд меравад, онро набояд ҳамчун аз мақоми ҳуқуқӣ маҳрум кардани шахсият маънидод кард»[482].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як амри ҳатмиро дар бар мегирад, ки маҳдуд кардани мундариҷа ва доираи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодиро манъ мекунад. Ба андешаи А.Х. Юсуфов, ки асосҳои конститутсионии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳолатҳои фавқуллодаро мавриди пажӯҳиш қарор додааст, «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар хилофи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ҳуқуқ ба озодии виҷдон, андеша ва динро ҳамчун ҳуқуқҳои мутлақ муайян накардааст, яъне инҳо дар вазъияти фавқулодда маҳдуд карда намешавад. Ин ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла кормандони мақомоти

[482] *Рахмон Д.С., Исозода П. К вопросу о понятии ограничения прав человека / Д.С. Рахмон, П. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2018. – №2. – С. 48-62*

корҳои дохилӣ имконият фароҳам меорад, ки чунин ҳуқуқу озодиҳоро бо салоҳдиди худ тафсир кунанд ва дар натиҷа метавонад боиси маҳдудкунии ғайриқонунии он гардад»[483].

Маҳдудсозии ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо афзоиши салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор алоқаманд аст. Дар ин маврид мақомоти давлатӣ бояд ҳудуди маҳдудсозии ҳуқуқи инсонро, ки қонун муайян кардааст, бидуни вайрон кардани моҳияти ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ риоя намоянд.

Рушди фаъолонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо афзоиши соҳаҳои мухталифи ҳаёт, ки ҳукумат ба онҳо дахолати мушаххас дошта, онҳоро танзим мекунад, ҳамзамон сурат мегирад. Дар ин маврид шахс давлатро на танҳо субъекти таъминкунандаи амният, балки ҳамчун манбаи эҳтимолии таҳдиди дахолат ба ҳуқуқу озодиҳои худ медонад[484].

Алоқаи давлат ва ҷамъият ҳар қадар мустаҳкамтар бошад ва ё манфиатҳои давлатӣ бо манфиатҳои шахсии шаҳрвандон ҳар қадар зичтар ба ҳам бипайвандад, дар байни онҳо ҳамон қадар ҳолатҳои зиддиятнок ба вуҷуд меоянд ва нақши кафолатҳои таъмини ҳуқуқҳои асосии инсон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ҳамон қадар зиёд мегардад. Аҳамияти ин ду ҳолатро набояд нодида гирифт, зеро онҳо имкони кам кардани ҳолатҳои баҳсбарангезро, ки аз муқаррар кардани маҳдудият ё дахолат ба ҳаёти инсон, аз ҷумла ҳангоми қабул ё татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ ба миён меоянд, коҳиш медиҳанд.

Вобаста ба ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ин гуна ҳолатҳо моҳияти даврaӣ (такрорӣ) доранд, чунки шахс ҳуқуқи худро дар ин соҳа ба таври доимӣ татбиқ намуда, танзими бевоситаи давлатиро талаб мекунад. Бо назардошти ин моҳият, низоми муносибатҳои ҳуқуқиро вобаста ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон метавон чунин баррасӣ кард:

- субъектҳои маҳдудсозӣ, ки аз як сӯ, истифодабарандагони ҳуқуқ, соҳибони ҳуқуқ қарор доранд ва аз сӯи дигар, тарафи уҳдадор, яъне давлат;
- объектҳои маҳдудсозӣ – ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоию иқтисодие, ки маҳдудсозии онхо амалӣ гардидааст;
- мазмуни ҳуқуқӣ ва воқеии чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ.

Аз назарияи давлат ва ҳуқуқ маълум аст, ки мазмуни ҳуқуқии ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин ҳолат аз маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ бармеоянд, бояд ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ ва уҳдадории қонунии соҳибони ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба талаб кардани таъмин, бемамониат амалӣ сохтан ва ҳимояи ҳуқуқҳо, инчунин ҳуқуқи субъективӣ ва уҳдадории қонунии мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор оид ба муқаррар намудани маҳдудсозии қонунӣ тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ баррасӣ карда шаванд[485].

Мазмуни воқеии чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ, чунон ки Р. Сотиволдиев қайд кардааст, «амали субъектҳо дар доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба онҳо додашуда»[486] мебошад. Дар ин ҷо маҳдудсозии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон аз ҷониби тарафи уҳдадор сурат мегирад ва он метавонад қонунӣ ва қобили қабул ё ғайриқонунӣ эътироф гардад.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст, ҳуқуқи давлатро барои дахолат ба амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муқаррар намуда,

---

[483] *Юсуфов А.Х. Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в республике таджикистан в условиях чрезвычайного положения: автореф. дисс. канд. юрид. наук: 12.00.02 / А.Х. Юсуфов. – Москва, 2014 – с. 9*

[484] *Ниг.: Тодыка Ю. Н., Евсеев А. П. Правовое и конституционное государство: соотношение понятий. / Ю.Н. Тодыка, А.П. Евсеев // Проблеми законності. – 2005. – № 73. – С. 39-45.*

[485] *Ниг.: Аллан Т.Р.С. Конституционная справедливость. Либеральная теория верховенства права / Пер. с англ. Р. Семкива. – Киев: Изд. дом «Киево-Могилянская Академия», 2008. – С. 238.*

[486] *Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал – Групп, 2014. – С. 457.*

доираи онҳоро муайян мекунанд[487]. Дар амал чунин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар намудани маҳдудиятҳо, истисноҳо, шартҳо, гузаштҳо, манъ ва ҳамчунин уҳдадор кардан ифода меёбад. Дар моддаи 4-уми Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 истилоҳи «гузашт» истифода мешавад, ки маънои даст кашидан аз чизе ба манфиати касе ё дур шудан аз чизи муқаррар ё қабулшударо дорад. Дар моддаи 15-уми Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ аз соли 1950 мафҳумҳои «гузашт» ва «маҳдудсозӣ» истифода шудаанд.[488]

Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948 меъёрҳои маҳдудсозии ҳуқуқи инсон муайян карда шудааст, яъне «ҳар кас ҳангоми амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои худ танҳо ба чунин маҳдудиятҳое дучор мешавад, ки қонун танҳо бо мақсади эътирофи зарурӣ ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва таъмини талаботи одилонаи ахлоқ, тартиботи ҷамъиятӣ ва некуаҳволии умумӣ дар ҷомеаи демократӣ муқаррар кардааст»[489]. Меъёрҳои шабеҳ дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 низ оварда шудаанд.

Бо назардошти ин меъёрҳо метавон таснифи зерини маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро амалӣ намуд:

- аз рӯи давомнокӣ: дарозмуддат ё муваққатӣ;
- аз рӯи шароити амал: дар ҳолатҳои маъмулӣ ё дар ҳолатҳои амал кардани низоми махсус;
- барои субъектҳо: шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ;
- аз рӯи доираи амал: ҳуқуқи ҷамъиятӣ ё хусусӣ;
- аз рӯи доираи шахсон: инфиродӣ ё коллективӣ;
- аз рӯи марзбандӣ: давлатӣ ё минтақавӣ;
- вобаста ба вазъи сиёсии субъекте, ки маҳдудиятҳоро амалӣ мегардонад: давлатӣ (умумиҷаҳонӣ, байнидавлатӣ, дохилидавлатӣ) ё ҷамъиятӣ;
- аз рӯи натиҷаҳо: мусбат ё манфӣ;
- аз рӯи намуди ҳуқуқҳо: иқтисодӣ ё иҷтимоӣ;
- аз рӯи дараҷаи асоснокии иҷтимоӣ: комилан асоснок, ба таври нокифоя асоснок;
- аз рӯи сабабҳое, ки ба миён омадаанд: молиявӣ, иқтисодӣ ва дигар сабабҳо.

Албатта, ин меъёрҳо хеле шартӣ мебошанд, зеро маҳдудияти мушаххаси ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дорад, ки наметавонанд ба таври комил ва бидуни қайду шарт ба ин меъёрҳо дохил шаванд. Масалан, дар Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ дар соли 1950 танҳо се меъёри маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла иҷтимоию иқтисодӣ нишон дода шудааст:

1) ҳангоми вазъияти фавқулода ва ё ҷанг (моддаи 15-уми Конвенсия);
2) вобаста ба фаъолияти сиёсии хориҷиён (моддаи 16-уми Конвенсия);
3) бо мақсади манъи сӯиистифода аз ҳуқуқҳо (моддаи 17-уми Конвенсия).[490]

Дар доктринаи конститутсионӣ ва ҳуқуқии санадҳои байналмилалӣ ду роҳи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои инсон махсусан, ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ вуҷуд дорад.[491] Усули якум аз асосҳои маҳдудиятҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст, масалан, банди сеюми

---

[487] *Ниг.: Лобов М. Защита социальных прав в рамках Конвенции о защите прав человека и основных свобод (практика Европейского суда по правам человека) / М. Лобов // Конституционное право: восточноевропейское обозрение. – 2003. – № 1. – С. 67 – 71*

[488] *Ниг.: Европейская конвенция о защите прав человека и основных свобод 1950 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://zakon.rada.gov.ua (санаи муроҷиат: 08.02.2022).*

[489] *Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/эъломияи-умумии-ҳуқуқи-башар. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).*

[490] *Ниг.: Европейская конвенция о защите прав человека и основных свобод 1950 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://zakon.rada.gov.ua (санаи муроҷиат: 08.02.2022).*

[491] *Ниг.: Конституции зарубежных стран: учеб. пособие / под общ. ред. В. А. Серегиной. – Харьков: ФИНЫ, 2009. – С. 381.*

моддаи 14-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад: «Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад».[492] Ба иборати дигар, ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон танҳо дар ҳамон ҷойе маҳдуд карда мешаванд, ки ҳуқуқҳо, манфиатҳои шахсии шахси дигар он ҷо амалӣ мешавад. Дар ин ҳолат уҳдадорӣ – аз ҳуқуқи худ сӯиистифода накардан ба миён меояд.[493]

Бо назардошти гуфтаҳои боло, инчунин зарур аст, ки ба аҳаммияти муайян намудани принсипҳое, ки новобаста аз усул, талаботи бунёдӣ барои муносибатҳои якхела ба татбиқи маҳдудсозии ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодии инсон мебошанд, таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад.

Принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон барои таъмини амали бемамониати ин ҳуқуқҳо замина гузошта, робитаҳои муҳимми байни давлат ва шахсро дар ҷараёни маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон инъикос мекунанд.

Ягона принсипи умумибашарие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, принсипи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, мебошад (банди 1, моддаи 14-уми Конститутсияи ҶТ).[494] Ин принсипро наметавон ҳамчун як амри қатъӣ пазируфт, зеро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати мукаммали асосҳоро ҳангоми иҷозат додани маҳдудияти ин ҳуқуқ ва озодиҳои инсон пешбинӣ мекунад.

Дар амал ҳангоми маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ чунин принсипҳои аз тарафи умум эътирофгардида истифода мешаванд: қонунӣ будан, зарурӣ будан, ба мақсад мувофиқ будан, асоснок будан, мутаносиб будан. Ба андешаи мо, бояд ҳамеша амалияи муқарраршудаи принсипҳои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои муайян, аз ҷумла иҷтимоиву иқтисодиро ба назар бояд гирифт[495]. Масалан, омӯзиши таҷрибаи Суди Аврупоӣ имкон медиҳад, ки принсипҳои аз ҷониби ин ниҳод қабулшудаи маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шаванд:

1) Принсипи фаҳмиши ягонаи ҳадду сарҳадҳои маҳдудсозӣ (муайянӣ, возеҳият ва фаҳмо будан).

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ки тибқи принсипи муайяни ҳуқуқӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, инчунин татбиқи амалии ин маҳдудиятҳо иҷозат дониста мешавад, ба шарте ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқие, ки чунин маҳдудиятҳоро муқаррар кардаанд, пешбинишаванда бошанд;

2) Принсипи қонунияти маҳдудсозии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ маънои онро дорад, ки маҳдудиятҳо бояд танҳо дар асосҳои муқаррарнамудаи қонун ва танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ сурат гиранд. Усулу воситаҳои чунин маҳдудсозӣ аз ҷониби қонунгузор ҳатман бояд муайян карда шуда бошанд. Чунки маҳдудиятҳоро ҳам бо усули императивӣ ва ҳам бо усули тобеӣ бо роҳи муқаррар намудани мамнуъият ё тартиби махсуси амалисозии ҳуқуқи муайян ё аз мазмуни он маҳрум кардани ваколатҳои муайян амалӣ кардан мумкин аст;

3) Принсипи зарурат маънои онро дорад, ки зарурати фаврӣ (истисноӣ ва муваққатӣ) барои муқаррар кардани ҳудуди амалисозии ҳуқуқи субъективӣ, ки бо манфиатҳои

---

[492] *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/ru/ (санаи муроҷиат: 08.02.2022).*

[493] *Ниг.: Андриевская О. В. О конституционно-правовом механизме ограничения прав и свобод человека и гражданина в Украине / О.В. Андриевская // Альманах право. Право и прогресс: составляющие обеспечение в современных условиях. – 2016. – №7. – С. 83 – 86*

[494] *Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/ru/ (санаи муроҷиат: 08.02.2022).*

[495] *Ниг.: Вильдхабер Л. Роль и значение прецедента в деятельности Европейского Суда по правам человека /Л. Вилдьхабер // Право и политика. – 2001. – № 8. – С. 102 – 109.*

ҷамъиятӣ муайян карда мешавад, вуҷуд дошта бошад. Муҳим аст, ки ин принсип дахолати аз ҳад зиёд ба ҳуқуқи инсонро ба вуҷуд наоварад ва оқибатҳои он пешбинӣ шуда бошанд;

4) Принсипи мақсаднокӣ маънои онро дорад, ки маҳдудкунӣ ҳадаф (мақсаднокӣ) бояд дошта бошад, ки аз ҷумлаи он ҳифзи арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшуда, дастгирии амнияти давлатӣ ва монанди инҳо, ки дар моддаи 14-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, мебошад. Бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ карда шавад, ки ҳар гуна дахолат ба ҳуқуқи инсон, ки хилофи талаботи мутаносибӣ сурат мегирад, ҳатто агар ҳадафи қонунӣ дошта бошад ҳам, бешубҳа боиси лағв ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мегардад;

5) Принсипи асоснокӣ маънои онро дорад, ки асосҳо ва сабабҳои боварибахши маҳдудсозӣ бояд ба таври кофӣ асоснок бошанд;

6) Принсипи мутаносибӣ маънои онро дорад, ки чораҳои аз ҷониби давлат барои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ андешидашуда бояд ба ҳадафи қонуние, ки тавассути ҷорӣ кардани чунин маҳдудсозӣ ба даст меоянд, мутаносиб бошанд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки маҳдудсозӣ набояд аз ҳадаф сахттар ва аз чораҳои зарурӣ зиёдтар бошад;

7) Принсипи мувофиқ будани замон, яъне ҳадаф бояд ба фаъолияти давлат ва фарҳанги ҳоким дар ҷомеа барои таъмини қонунмандӣ, қонунгузорӣ ва маҳдудсозии қонун дар замони муайян мувофиқ бошад. Маҳдудсозӣ наметавонад таъсири муқобил дошта бошад.

Вобаста ба принсипҳои дар боло зикршуда, бояд ин нуктаи муҳимро ба назар гирифт, ки танг кардани доираи мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқу озодиҳои мавҷудаи конститутсионии инсон ва шаҳрванд як навъи хатарноки маҳдудсозӣ аст. Аз ҳамин ҷост, ки қонунҳои қабулшудаи миллӣ ва байналмилалӣ тибқи меъёрҳои зерин маҳдудиятсозиро муқаррар мекунанд: маҳдудиятҳо барои татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд худсарона ва беадолатона буда наметавонанд, онҳо бояд танҳо бо Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шаванд, ҳадафи қонунӣ дошта, бо эҳтиёҷоти иҷтимоии ноил шудан ба ин ҳадаф, мутаносиб ва асоснок бошанд. Дар сурати маҳдуд кардани ҳуқуқ ё озодии инсон ва шаҳрванд қонунгузор вазифадор аст чунин танзими ҳуқуқиро ҷорӣ кунад, ки ба ноил шудан ба беҳтарин ҳадафи қонунӣ бо дахолати ҳадди ақал ба татбиқи ин ҳуқуқ ё озодӣ имкон диҳад ва меъёрҳои асосии ҳуқуқу озодиҳоро вайрон намекунад.

Масалан, дар Хартияи Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳуқуқҳои асосӣ чунин равиш қайд карда мешавад: ҳама гуна маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои аз ҷониби Хартия эътирофшуда бояд бо риояи мазмуни асосии ин ҳуқуқҳо тибқи қонун муқаррар карда шаванд; маҳдудсозиҳо метавонанд танҳо бо риояи принсипи мутаносибӣ ва танҳо дар сурате татбиқ карда шаванд, ки маҳдудсозии ҳуқуқи инсон лозим дониста мешаванд ва воқеан ба манфиатҳои умумие, ки Иттиҳоди Аврупо эътироф кардааст ё барои ҳифзи ҳуқуқҳои дигарон зарурӣ аст.

Бояд гуфт, ки пеш аз ҳама маҳдудияти ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон нишондиҳандаи дараҷаи озодӣ ва амнияти шахсият дар ҷомеаи демократии муосир мебошад.[496] Ҳар гуна маҳдудиятҳои қонунии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ боиси кам шудани ҳаҷми рафтори бо қонун иҷозат додашуда ва афзоиши салоҳияти мақомоти давлатӣ мегардад. Дар санадҳои ҳуқуқӣ маҳдудиятҳои ҳуқуқи инсон тавассути манъсозиҳо, уҳдадориҳо ё масъулиятҳои муқарраршуда ба амал бароварда мешаванд. Қайд кардан мумкин аст, ки чунин воситаи ҳуқуқӣ ҳар гуна кӯшиши суиистифода аз ҳуқуқи худро ғайриимкон месозад ва нишондиҳандаи маҳдудиятест, ки дар он ҳуқуқи худи шахс ба охир мерасад ва ҳуқуқи шахси дигар оғоз меёбад.

Ҳамин тариқ, тавре ки мебинем, меъёри асосии маҳдудсозии ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мувофиқати он ба принсипҳои аз ҷониби умум

---

[496] *Ниг.: Климович О. В. Конвенция о защите прав человека и основных свобод как составляющая внутреннего права и особенности его применения национальными судами государств-членов Совета Европы: дис... канд. юрид. наук: 12.00.02 / О.В. Климович. – К., 2009. – С.110.*

эътирофшуда, инчунин принсипҳои тавассути қонунҳо ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ танзимшуда мебошад.

Ба андешаи мо, дар чунин ҳолатҳо истифодаи мафҳуми «маҳдудсозии қонунӣ» мувофиқи мақсад аст, ки он бояд ҳамчун маҳдудсозии қобили қабули (допустимое) ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоию иқтисодии инсон, ки ба меъёрҳои конститутсионӣ мувофиқат мекунанд, фаҳмида шавад. Марзҳои қобили қабули чунин маҳдудиятро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад ва муҳлати маҳдуд кардани онҳо бояд муваққатӣ бошад, вагарна дар акси ҳол, чунин амали давлат метавонад ғайриқонунӣ бошад. Бояд тазаккур дод, ки на ҳамаи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсонро мешавад маҳдуд кард, балки танҳо ҳуқуқҳои муайянро дар шароитҳои алоҳида ва бар пояи асосҳои мушаххасан муайяншуда, ки баҳсашон дигар аст, метавон маҳдуд кард.

**Адабиёт:**


1. Аллан Т.Р.С. Конституционная справедливость. Либеральная теория верховенства права / пер. с англ. Р. Семкива. – Киев: Изд. дом «Киево-Могилянская Академия», 2008. – 385 с.
2. Андриевская О.В. О конституционно-правовом механизме ограничения прав и свобод человека и гражданина в Украине / О.В. Андриевская // Альманах право. Право и прогресс: составляющие обеспечение в современных условиях. – 2016. – №7. – С. 83 – 86.
**Annotation:** This article explores the issues of interdisciplinary connection between linguistics and jurisprudence. Difficulties in translation arise more often if the translated text belongs to an area in which national and regional features of the legal system are more pronounced. In the process of translation, translators often have to resort to grammatical, lexical and stylistic transformations. Despite such a division of translation transformations, it is far from always possible to draw clear boundaries between them, since all the mentioned linguistic phenomena are considered from the point of view of their transmission in translation. That is why in the modern theory of translation there are many different classifications of translation transformations. In our work, we will consider only the main groups of transformations that are most often encountered in works on translation studies.

**Key words:** lexical and grammatic transformations, translation, classification, law-term.

В последнее время ощущается значительный рост внимания специалистов к изучению такого явления, как «юридический перевод». Этот интерес связан с ростом значения данного вида перевода в эпоху глобализации. Меняющиеся мировые тенденции определяют рост общественного внимания не только к социальным, культурным, политическим, но и правовым особенностям других государств. Именно поэтому переводы текстов юридической тематики становятся все более востребованными.

Любой вид специального перевода имеет свою специфику. Юридический перевод также обладает рядом отличительных особенностей. Он имеет свою проблематику, которая, прежде всего, заключается в переводе юридической терминологии. В толковании слова выделяются особенности одного и того же понятия, однако имеющие несколько значений. Так слово das Opfer в общем употреблении это жертва, а в юридическом контексте – пострадавший; der Schaden – вред, дефект, а в юридическом контексте – убытки, ущерб и т.д

Чем шире семантический объем слова, тем шире его сочетаемость, т.к. благодаря этому оно может вступать в самые разнообразные связи. Это в свою очередь допускает широкие возможности его передачи в переводе, различные варианты перевода.

Работа над переводом юридических текстов считается, как правило, одним из самых сложных, так как данный вид перевода требует особенной точности. Юридический перевод предназначен исключительно для коммуникации в правовой сфере и подразумевает перевод официальных документов, необходимых для обмена информацией в области юриспруденции.

По мнению канадского ученого Ж.К. Жемара, «юридический перевод есть всегда акт сравнительного правоведения плюс собственно переводческая операция, а переводчик, подобно юристу-компаративисту, занимается толкованием текста, хотя и с иными, нежели юрист, целями и иными способами»[536].

«Юридический перевод относится к группе специальных переводов повышенной категории сложности. Этот факт объясняется многими причинами, в том числе: специфичностью и сложностью юридического языка, особенностями международного права, несоответствием стандартной терминологии в разных языках, наличием в юридическом тексте узкоспециальных фраз и оборотов речи. Данный вид перевода относится к одному из самых сложных ещё и потому, что обязывает переводчика необходимостью владеть как иностранным языком, так и знаниями в юриспруденции»[537].

Тексты юридической направленности состоят, как правило, из специализированных слов, т.е. терминов. Терминология составляет самостоятельный раздел любого национального языка. Подразумевается, что терминология тесно связана с профессиональной деятельностью.

Для изучения терминологии, необходимо, прежде всего, дать определение понятию «термин». Термин – слово или словосочетание, являющееся названием некоторого понятия какой-нибудь области науки, техники, искусства и т. п. По мнению автора учебника «Терминоведение» С.В. Гринёва-Гриневича термин это «номинативная лексическая единица (слово или словосочетание), принимаемой для точного именования понятий[538].

Термины отличаются от общеупотребительных слов. По мнению Ф. де Соссюра: «Слово как знак имеет немотивированную, произвольную природу, а термин – знак специальной семиотической системы, обладающей номинативно-дефинитивной функцией. Номинативной называется потому, что термин (как слово) обозначает целый сложный фрагмент из общей системы смыслов»[539].

---

[536] *Gémar J.C. De la traduction juridique à la jurilinguistique: la quête de l'équivalence /Meta: Journal des traducteurs. 2015. Vol.60.№3.P.476-493.*

[537] *Бабаева М.Т., Шарипова З.А. Лингвистические особенности юридического перевода /Мат. межд.научно-теор. конф. Душанбе: ДМТ, 2019, 724 с.*

[538] *Гринёв-Гриневич С. В. Терминоведение. М.: Академия, 2008, 304 с.*

[539] *Ф. де Соссюр. Труды по языкознанию. М.: Прогресс, 1977, 127с.*

«Юридическая лексика подразумевает терминологию, которая охватывает широкий спектр правовых отраслей и институтов. При переводе правовых документов необходимо учитывать характерные особенности языка права в юридических дискурсах и коллизиях»[540].

В ходе работы переводчикам часто приходится прибегать к грамматическим, лексическим и стилистическим трансформациям. Несмотря на такое деление переводческих трансформаций, далеко не всегда можно провести между ними четкие границы, поскольку все упомянутые языковые явления рассматриваются с точки зрения их передачи в переводе. Именно поэтому в современной теории перевода существует множество различных классификаций переводческих трансформаций. В нашей работе мы рассмотрим лишь основные группы трансформаций, наиболее часто встречающиеся в работах по переводоведению. Трансформация – основа большинства приемов перевода. Л. С. Бархударов под термином «трансформация» понимает определенные отношения между двумя языковыми или речевыми единицами, из которых одна является исходной, а вторая создается на основе первой, а под термином переводческие трансформации – те многочисленные и качественно разнообразные межъязыковые преобразования, которые осуществляются для достижения переводческой эквивалентности («адекватности перевода») вопреки расхождениям в формальных и семантических системах двух языков[541]. В своей работе «Курс перевода» Латышев Л.К. определяет лексические трансформации как «отклонение от словарных соответствий» [542]. Суть лексических трансформаций состоит в «замене отдельных лексических единиц (слов и устойчивых словосочетаний) исходного языка лексическими единицами переводящего языка, которые не являются их словарными эквивалентам и которые имеют иное значение, нежели передаваемые ими в переводе единицы исходного языка»[543].

К лексическим трансформациям исследователь относит:

• транскрипцию / транслитерацию

• переводческое калькирование

• лексико-семантические замены

а) конкретизацию, b) генерализацию, с) модуляцию

Примером лексических трансформаций может служить выражение ***die Entwicklungen bei Arbeitskonflikten – ход рассмотрения трудовых споров***. Здесь слово **Entwicklung** имеет прямой перевод – ***развитие.*** Однако в приведённом словосочетании оно передаётся как ***ход.*** Рассмотрим следующий пример: ***der Verteidigungsfall – военное положение в случае возникновения опасности извне.*** В данном случае лексема ***die Verteidigung*** имеющая прямое значение ***оборона,*** была заменена на ***военное положение.*** Второе слово этого выражение ***der Fall*** имеет прямой перевод – ***случай,*** а в вышеуказанном выражении имеет значение как ***в случае возникновения опасности извне.*** Данные примеры ярко демонстрируют применения переводчиками лексических трансформаций.

Неотъемлемой частью перевода являются грамматические трансформации, к которым в первую очередь следует отнести изменение структуры предложения (перестановка его частей) и всевозможные замены — как синтаксического, так и морфологического порядка. В данной группе также выделяются добавления и опущения одного или нескольких слов. Грамматические трансформации обуславливаются различными причинами: их могут спровоцировать как чисто грамматические, так и лексические факторы, хотя основную роль

---

[540] *Латышев Л. К. Курс перевода : (Эквивалентность перевода и способы ее достижения). - Москва : Междунар. отношения, 1981. - 247 с.; 20 см.*

[541] *Бархударов Л. С 190 Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода). М., «Междунар. отношения», 1975. 240с*

[542] *Латышев Л. К. Курс перевода : (Эквивалентность перевода и способы ее достижения). - Москва : Междунар. отношения, 1981. - 247 с.; 20с*

[543] *Бархударов Л. С 190 Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода). М., «Междунар. отношения», 1975. 240с*

играют грамматические аспекты, то есть различия в строе языков. Во многих случаях оба вида трансформаций так тесно переплетаются, что трансформация может определяться как лексико-грамматическая[544] [6: 8].

К грамматическим трансформациям относятся:

• дословный перевод (синтаксическое уподобление)

• членение предложений

• объединение предложений

• грамматические замены:

a) замена частей речи, b) изменение порядка слов, c) замена членов предложения, d) изменение типа синтаксической связи [[Комиссаров 2001].: 163]

В качестве примера рассмотрим следующее выражение – ***das Grundgesetz für die Bundesrepublik Deutschland.*** Прямой перевод данного выражения звучит следующим образом – ***Основной закон Федеративной республики Германии.*** Здесь имеет место частичная трансформация. В немецком варианте словосочетания мы имеем предлог ***für,*** который переводится как ***для, за, на.*** В русском переводе наличие данного предлога в выражении не имеет никакого смысла. Более того, введение этого предлога в русскую версию выражения исказило бы его значение. Целью применения этой грамматической трансформации, в данном примере, является достижение эквивалентности, ясности и однозначности применения терминов между исходным языком и языком перевода. Следующий пример: ***in Abstimmung mit … – консультируясь с…*** В данном примере можно наблюдать перевод с элементами грамматической замены существительного ***in Abstimmung*** на деепричастный оборот ***консультируясь с…***

Таким образом, мы видим, что эквиваленты многозначного слова одного языка при переводе на другой язык подвергаются как лексическим, так и грамматическим трансформациям. Перевод такого рода лексики требует от переводчика достаточного опыта и эрудиции. Перевод юридических текстов и тем более терминов, содержащихся в них, это сложная и кропотливая работа. И только квалифицированный переводчик, обладающий достаточными знаниями в этой области, а также достаточным лексическим материалом, способен правильно и четко сделать перевод.

**Литература:**

1. Бабаева М.Т., Шарипова З.А. Лингвистические особенности юридического перевода /Мат. межд.научно-теор. конф. Душанбе: ДМТ, 2019, 724 с.
2. Бобоева М.Т., Шарипова З.А., Особенности языка права речевой конфликтологии (на примере судопроизводства Германии по миграционной политике/Научный журнал «Государствоведение и права человека». №1(17). Душанбе: ДМТ, 2020, 191с.
3. Бархударов Л. С 190 Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода). М., «Междунар. отношения», 1975. 240с
4. Гринёв-Гриневич С. В. Терминоведение. М.: Академия, 2008, 304 с.
5. Латышев Л. К. Курс перевода: (Эквивалентность перевода и способы ее достижения). – Москва: Междунар. отношения, 1981. – 247 с.; 20с.
6. 6.Левицкая Т.Р., Фиттерман А.М. Проблемы перевода. – М.: Международные отношения», 1976. – 208 с.
7. Ф. де Соссюр. Труды по языкознанию. М.: Прогресс, 1977, 127с.
8. Gémar J.-C. De la traduction juridique à la jurilinguistique: la quête de l'équivalence /Meta: Journal des traducteurs. 2015. Vol.60.№3.P.476-493.
9. Duden online-Wörterbuch [Электронный ресурс] / Режим доступа: https: // www.duden.de/rechtschreibung/

[544] *Левицкая Т.Р., Фиттерман А.М. Проблемы перевода. – М.: Международные отношения», 1976. – 208 с.*

**Зайниддинов Саид Фатҳидинович**

# ОИД БА ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ ҲУҚУҚӢ ДАР МИСОЛИ СОҲАИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ

***Зайниддинов Саид Фатҳидинович,*** *муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 931753536*

Фишурда: Дар мақолаи мазкур сухан оид ба қабл аз он ки мо ба тарҷумаи маводҳои ҳуқуқӣ, истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ даст занем, бояд аз худи муайян кардани мафҳуми истилоҳ шуруъ кунем. Калимаи истилоҳ аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудааст. Истилоҳ ё худ термин – ин калима ё иборае мебошад, ки аломати илмии маънои махсус аст, дар доираи амали муайяни илм мафҳуми мушаххасро дақиқу амиқ ифода мекунад. Калимаи истилоҳ аз забони лотинӣ terminus гирифташударо (пайдо гардида) дар тасаввуроти римиҳои қадим маънои сарҳад ё аломати онро ифода мекард. Муаллифони «Луғати донишнамо» Ф.А.Брокгауз ва И.А.Ефрон ин ақидаро дастгири карданд. Дар забони лотинӣ ба маънои санги сарҳадӣ, ҳудуд, охир истифода мегардид. Аз зумраи олимони тоҷик низ ба мисли Мамадназаров А., С.Назарзода, Султонов М.Б. ва Раҳмонзода Н.Д. оид ба луғату истилоҳ фикрҳои ҷолиб гуфтаанд.

Забоншинос А.Д. Хаютин фикр дорад, ки калимаи terminus дар забони асримиёнагии лотинӣ метавон маънои муайянкунӣ, дар зери таъсири маънои мазкур калимаи terminus дар забони фаронсавӣ калимаи terme бо маънои калима.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқи конститутсионӣ, истилох, ҳуқуқшиносӣ, сархад, илм, луғатнигорӣ, иқтибос.

# К ВОПРОСУ ПЕРЕВОДА ЮРИДИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ НА ПРИМЕРЕ КОНСТИТУЦИОННОГО ПРАВА

***Зайниддинов Саид Фатхидинович,*** *старший преподаватель кафедры иностранных языков юридического факультета Таджикского национального Университета* ***Тел.:*** *(+992) 931753536.*

**Аннотатсия:** В данной статье говорится о том, что прежде, чем переводить юридические материалы, термины Конституционного права, нам следует определить само понятие термины. Слово «истилох» взято из арабского языка, то есть заимствовано в таджикский язык. Термин-это слово или выражение, обладающий специальный научный оттенок. Слово «термин» происходит от латинского terminus означающее в мифологии древних римлян границу. Авторы «Энциклопедического словаря» Ф.А. Брокгауз и И.А. Ефрон при толковании подлинного смысла слова подчеркивали это определение. Языковод А.Д. Хаютин предполагает, что слово terminus в средневековой латыни – определение и именно под влиянием во французском языке появляется слово terme. Эту идею утверждают выдающиеся лексикографы Э. литтре, О. Блох и В. фон Вартбург, а также П. Робер, А.Д. Хаютин, ссылаясь на авторов большого Оксфордского словаря, констатирует, что слова term в значение термина в английском языке возникло аналогичным путем.

**Ключевые слова:** Конституционное право, термины, юридический, граница, наука, лексикографы, заимствование.

# TO THE PROBLEM OF TRANSLATION OF JURIDICAL TERMS ON THE EXAMPLE OF CONSTITUTIONAL LAW

***Zayniddinov Said Fathidinovich,*** *senior lecturer, department of Foreign Languages of the law faculty of Tajik National University* ***Phone:*** *931753536*

Annotation: Before dealing with translations of juridical materials, terms of Constitutional law, we should define and begin with notion of term. The world term is taken from Arabic language into tajik. Istiloh is a word or expression which has a special meaning, in the framework of any science expresses concrete idea. The author studies and analyzes the origin of the term which means border. It is taken from Latin language. The authors «Encyclopedia» compiled by F.A. Brokgauz and I.A. Efron supported this thought. Tajik scientists such as Mamagnazarov A., S. Nazarzoda, Sultonov M.B., Rahmonzoda N.D. and others made their contributions to the development of this science.

A.D. Hayutin, linguist noted that the word terminus in the Latin Middle-Ages meant definition, under influence it was borrowed from Latin into French which means a special word as term. The great lexicographers E. Litre, O. Blokh and V. Fon Wartburg and P. Robert supported this thought. It is reflected in Oxford Dictionary in English as term.

**Keywords:** Constitutional law, terms, juridical, border, science, lexicographers, borrow.

Сарвари давлат дар Паёми табрикотии хеш ба муносибати Рӯзи забон 22 июли соли 2009 ва чандин суханрониҳои дигар зарурати таҳияи истилоҳоти илмиро таъкид фармуда, онро аз масъалаҳои мубрами сиёсати Ҳукумат дар иртибот ба забон, бахусус забони давлатӣ арзёбӣ кардаанд. Бо дарназардошти собиқаи таърихии забони тоҷикӣ (форсӣ) дар мақоми забони илм Президенти муҳтарами кишвар дубора барқарор карадни ин мақомро барои забони тоҷикӣ дар илми муосир тақозои замон арзёбӣ намуда, ба вуҷуд овардани луғату истилоҳоти бахшҳои мухталифи илмро ва вазифаҳои муҳими муҳаққиқон донистаанд. Ин масъала дар суханронии Ҷаноби Олӣ ба муносибати Рӯзи забон 5 октябри соли 2010 бори дигар таъкид ёфта, ба вуҷуд овардани забони илм ва истилоҳоти дақиқи илмӣ вазифаи асосии марказҳои илмӣ ва кафедраҳои мактабҳои олии кишвар арзёбӣ мешавад.

Ҷунбишҳои фикрӣ ва раванди худшиносиву бедории миллӣ, ки дар миёни давлатҳои тозаистиқлол пайдо мешавад, тавре, ки мушоҳида шудааст, дер ё зуд тамоми ҷанбаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онҳоро фаро мегирад.

Миллатҳои бостоние, ки ранҷи таъсироти бегонагонро кашидаанд, чун ба истиқлол мерасад, пеш аз ҳама бо шӯру шавқ ба саҳифаҳои дурахшони таърих ва адабиёту забони худ руй оварда, кушиш мекунанд, ки анъанот ва ифтихори миллии хешро зинда кунанд ва саҳми худро дар тараққӣ ва инкишофи тамаддуни башарӣ ба ҷаҳониён нишон диҳанд.

Таҳаввулоти сиёсӣ ва истилоҳоти амиқу иқтисодиву иҷтимое, ки аз ибтидои солҳои 90-ум, пас аз ноил шудан ба истиқлол дар Тоҷикистон падид омад, пештару бештар дар заминаи эҳёи фарҳанги қадимаи тоҷик ривоҷ ёфт. Дар як муддати начандон тулонӣ ҳазораи «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, 680-солагии олим ва орифи машхур Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, 90-солагии зодрузи таърихшиноси бузург Б.Ғафуров, 1100-солагии Давлати Сомониён бо шукуҳи шаҳомати хоса таҷлил гардид. Асарҳо, мақолаю китобҳои бисёр ба масъалаҳои мухталифи забон, адабиёт ва таърихи мардуми тоҷик офарида шуд. Дар ин ҳангом дар атрофи масъалаи забони миллӣ тавоноӣ ва маҳорати луғатнигорӣ ва истилоҳот офаришини он ва ғайра домани ҷустуҷуҳо густурдатар ва фаъол баҳсҳо гармтар буд.

Қабл аз он ки мо ба тарҷумаи маводҳои ҳуқуқӣ, истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ даст занем, бояд аз худи муайян кардани мафҳуми истилоҳ шуруъ кунем. Калимаи истилоҳ аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудааст. Истилоҳ ё худ термин– ин калима ё иборае мебошад, ки аломати илмии маънои махсус аст, дар доираи амали муайяни илм мафҳуми мушаххасро дақиқу амиқ ифода мекунад. Ҳама он чизе, ки бо муайянкунӣ ва

тадқиқоти мафҳуми истилоҳ, бо такмил ва инкишоф дар забон забоншиносиро бо соҳаҳои дигари илм ва бо таърихи моддию маънавии инсоният алоқаманди дорад.

Калимаи истилоҳ аз забони лотинӣ terminus гирифташударо (пайдо гардида) дар тасаввуроти римиҳои қадим маънои сарҳад ё аломати онро ифода мекард. Муаллифони «Луғати донишнамо» Ф.А.Брокгауз ва И.А.Ефрон ин ақидаро дастгири карданд. Дар забони лотинӣ ба маънои санги сарҳадӣ, ҳудуд, охир истифода мегардид. Аз зумраи олимони тоҷик низ ба мисли Мамадназаров А., С.Назарзода, Султонов М.Б. ва Раҳмонзода Н.Д. оид ба луғату истилоҳ фикрҳои ҷолиб гуфтаанд.

Забоншинос А.Д. Хаютин фикр дорад, ки калимаи terminus дар забони асримиёнагии лотинӣ метавон маънои муайянкунӣ, дар зери таъсири маънои мазкур калимаи terminus дар забони фаронсавӣ калимаи terme бо маънои калима.

Луғатнигорони машҳур тарафдори фикри мазкур буданд: Э.Литре, О.Блох ва В. Фон Вартбург, инчунин П.Роберт, А.Д.Ханютин қайд мекунад, ки дар луғати калонҳаҷми Оксфорд калимаи term чун истилоҳ дар забони англисӣ ҳамин гуна пайдо гардид.

Вале дар рӯзгори мо вазъ ба куллӣ тағйир ёфтааст. Доманаи муносиботи сиёсиву иҷтимоӣ ва кашфиётҳои илмии башарият ба андозае густариш пайдо кардааст, ки дар ҳар соҳа даҳҳо ҳазор луғату истилоҳоти тоза сохта шуда ва ба кор бурда мешавад. Масалан, мегӯянд, ки донишманди машҳури Олмон Зигмунд Фрейд барои баёни мафҳумҳои фалсафаи хеш чанд ҳазор истилоҳ сохтааст ва ё танҳо дар илми кимиё дар ҳоли ҳозир беш аз 20.000 истилоҳ мавчуд аст[545].

Мутаассифона, тайи чанд садсолаи охир дар қаламрави забони форсӣ кашфиётҳои ва ихтирооти муҳимме ба вуҷуд наомадааст, ки барои баёни онҳо ниёз ба сохтани вожаю истилоҳот пеш омада бошад. Ҳатто дар бисёр маврид мебинем, ки он бозёфтҳое, ки дар соҳаи шеъру шоирӣ ва ё дар баъзе риштаҳои илм, чун адабиёту ҳикмат, нуҷуму тиб ва амсоли он гузаштагони мо ба даст оварда буданд, дар садсолаи охир фаромӯш шудаанд. Бинобар ин барои ифодаи сели хурӯшони мафҳумҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ки аз ҳар гӯшаву канори ҷаҳони пешрафта ба сӯи мо ҷорист ва хоҳу нохоҳ мо бояд ба шакле онҳоро баён кунем, умед бастан танҳо ба забони пешин роҳи халли ин масъала намебошад. Баргардонидан ва ба ҳар кимате, ки бошад «тоҷикӣ кардан»-и ҳазорон мафхум, ки микдори онҳо низ на имконпазир аст ва на роҳи наҷот. Пас роҳи дуруст кадом аст?

Ин саволест, ки забони форсии тоҷикӣ дар тӯли таърихи куҳани хеш на як бору ду бор ба он бархӯрдааст ва бисёр вақтҳо будааст, ки соҳибони забон ва пешвоёни тафаккуру андешаи миллат посухи солим ба он додаанд. Бинобар ин имрӯз ҳам мо барои интихоби роҳи дуруст ва посухи солим аввалан бояд ба таърихи ин забон мурочиат кунем ва бубинем, ки чӣ гуна забон аст ва табиати он чӣ тавр аст, чи манобеъ ва вижагиҳо дорад, кадом шохаҳои он бештар рушд ёфта, кадом ҷанбаҳои он заиф мондааст, нуфузи забонҳои бегона дар он чӣ гуна асг, барои рафъи ниёзҳои худ аз кадом шохаҳои вожагузинӣ ва аз кадом усулҳои истилоҳсозӣ истифода кардаасг ва амсоли инҳо.

Албатга дар ин гуфтори мухтасар ҷавоби муфассалу дакиқ додан ба ин саволҳо кори номумкин аст. Ҳадаф танҳо тарҳи ин масъалаҳост, то он ки бад – ин васила бори дигар таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ба ин мавзӯъҳо ҷалб намоем ва ин ҷанбаҳои муҳим, вале ба гумони мо камтар таҳқиқшуда, аз дидгоҳи нав, муфассалу мукаммалтар мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Дар гузаштаҳои начандон дур бо далоили гуногуни сиёсӣ ва идеологӣ таҳқиқи баъзе мавзӯъҳои ин силсила махдуд гардида буд ва ё андешаҳо нодуруст аз нигоҳи илми забоншиносӣ, аз ҷумла забони форсӣ, дарӣ, тоҷикиро се забони мусгақил шуморидан ва амсоли он дар адабиёги мо мушоҳида мешуд.

Азбаски ҳангоми таъсиси ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна пас аз Инқилоби Октябр номи ҷумҳуриҳои нав ва забони онҳо аз номи миллат ва қавму қабилаҳои сокини онҳо гирифта

---

[545] *Ниг: Маҷаллаи «Сухан», давраи 25, Теҳрон, 2537, с.434*

шуд, ба мисли Узбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, бинобар ин аз нигоҳи «тақсимгарон» Тоҷикистон ва забони тоҷикӣ низ мутобиқи ин «усул» ва «қонун» буд.

Аз ҷониби дигар, дар замоне, ки пантуркистҳо «... будани тоҷикҳоро дар Осиёи Миёна инкор» мекарданд ва мегуфтанд, ки «тоҷикон узбеконанд, ки ба таъсири эрониён забони худро гум кардаанд»,[546] «форсӣ» ё «порсии дарӣ» гузоштани номи забон баҳонаи хубе буд барои мухолифон то ки онҳо тоҷиконро мардумони омад ва ё забонгумкардагон ҳукм кунанд. Ҳол он ки барои оддитарин таърихдону таърихнавис маълум аст, ки тоҷикон дар ин сарзамин соҳибхона буданд ва меҳмонони хондаву нохондаи бисёреро дида ва «пазирой» кардаанд.

Пас аз ин сайри кӯтоҳ дар таърихи забон ва пайдоиши истилоҳи «забони тоҷикӣ» ба чунин хулоса| омадан мумкин аст:

Ба назари мо, чунон ки дар собиқ маъмул буд, ин масъаларо ба ду кисм ҷудо кардан лозим аст:

Номи забон аз оғоз то соли 1924, яъне то таъсис Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ҳамон сурате, ки зояндагон ва созандагон онро номидаанд – форсӣ, порсӣ ва ё форсии дарӣ нигоҳ дошта шавад. Таҳриф ва дуборанависии таърих кори бефоида аст.

Гуфтугӯҳо дар бораи «форсӣ» ё «дарӣ» кардани номи забони ҳозираи тоҷик зоҳиран суханони эҳсосотӣ мебошанд.

Назар ба воқеиятҳои Тоҷикистони рӯзгори мо беҳтар он аст, ки номи забони расмии давлати мустақили Тоҷикистон ҳамин номи ҷорӣ, яъне «забони тоҷикӣ» боқӣ гузошта шавад. Масалан дар ибтидои пайдоищ барои ташхиси ин забон аз дигар забону лаҳҷаҳои хешованди ҳамзамон ба мисли сугдӣ, тахорӣ» хузӣ, хоразмӣ онро «форсии дарӣ» ё «дарӣ» ва ҳатто «форсии ҳиндӣ» гуфтанд ва ин амалро ғалат нашуморидаанд. Ва ё ин ки тайи солиёни дарози дурӣ ва ҷудоии тоҷикон ва эрониён, дар асари авомили гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии садаҳои охир, ба тадриҷ баъзе тафовутҳои дастурӣ ва дигаргуниҳои луғавӣ ба миён омадааст, ки онҳо забони тоҷикиро рангу бӯи «маҳаллӣ» медиҳанд ва мансубияти онро бо минтақаи хос таъкид мекунанд.

Забони форсии тоҷикӣ усулҳои муайян ва мушаххаси вожасозӣ дорад. Ин усулҳо бо мурури замон, таърихан такомул ва инкишоф ёфта то андозае устувор ва пойдор ҳастанд, ки таи садсолаҳо тағйир намеёбанд ва дар асоси ҳамин усулу қолабҳо, истилоҳ ва калимаҳои нав ба вуҷуд меоянд. Ҳар як тарзи вожасозӣ накши муҳиме дар ғаномандии таркиби луғавии забон дорад.

Роҳҳои калимасозӣ ва луғатофаринӣ дар забони тоҷикӣ гуногунанд, вале мутахассисон асосан се ё чаҳор роҳи калимасозиро асосӣ ва муҳим мешуморанд[547]. Ин василаҳо лексикӣ-синтаксисӣ, морфологӣ-синтаксисӣ, морфологӣ ва лексикӣ – семантикӣ мебошанд. Роҳи охирин, яъне лексикӣ – семантикӣ ба сермаъноии калимаҳо ва маъноҳои нав пайдо кардани вожаҳову истилоҳот алоқамандии қавӣ дорад.

**Адабиёт:**


1. Advanced English Grammar. Cambridge University Press, 2008.-P.340
2. Абдуллозода С.А., Гадоев Б.С., Диноршоев А.М., Зайниддинов С.Ф. и др. Словарь юридической терминологии по Конституционному и административному праву. Издательство «Visa-gold». Душанбе-2021. 116.с
3. Айнӣ С. Иқгибос аз китоби М.Шакурии Бухорой, Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист, Душанбе, 2.003, с.88.
4. Бобомуродов Ш., Мӯминов А. Луғати мухтасари масозии забони адабии тоҷик. Дастури таълим – Душанбе, 1983. С.4.


[546] *Ниг.: С.Айнӣ. Иқгибос аз китоби М.Шакурии Бухорой, Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист, Душанбе, 2.003, с.88.*

[547] *Ниг.: Бобомуродов Ш., Мӯминов А. Луғати мухтасари масозии забони адабии тоҷик. Дастури таълим – Душанбе, 1983. с.4.*

5. Гуманова А.О. Английский язык для юристов. М.2011. С.50
6. Мамадназаров А. Луғати англисӣ-тоҷикӣ. -Душанбе, 2006. С.30-32
7. Маҷаллаи «Сухан», давраи 25, Теҳрон, 2537, с.434.
8. Мюллер В.К. Луғати англисӣ-русӣ. – Москва: Юнвес, 2004.
9. Назарзода С. Забон ва истилоҳот. Душанбе, 2003. 143 с.
10. Назарова З.А., Зайниддинов С.Ф., Шоинбеков О., Сангинов Ф. «English for students of law «. – Душанбе: «Садои қалб», 2021. – 412с.
11. Раҳмонзода Н.Д. «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва нақши он дар рушди забони тоҷикӣ /Раҳмонзода Н.Д. // Весник Таджикского национального Универстета.-Душанбе: Сино, 2018. – №4 -С.45-49
12. Раҳмонзода Н.Д. Лексиография – как отражение норм литературного языка народа /Раҳмонзода Н.Д. // Весник Таджикского национального Универстета.-Душанбе: Сино, 2016. – №4/6 (212).-С.52-55
13. Раҳмонзода Н.Д. Чанд сухан аз раванди таҳияи «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» /Раҳмонзода Н.Д. // Весник Таджикского национального Универстета.-Душанбе: Сино, 2018. – №4 -С.135-138.
14. Ризозода Шафақ «Форсӣ ва нуфузи луғоти бегона», Нашри донишкадаи адабиёти Исфаҳон, соли 6, №7, Исфаҳон, с.60 – 64; Минбаъд: Форсӣ ва нуфузи луғоти бегона, с., Адиби Тӯсӣ, Баҳор дар бораи забони форсӣ. маҷ: Армуғон, давраи 4– №2, Теҳрон, с. 83-89.
15. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик, Душанбе 1972, с.16-18.

# БОБИ IX.
# БАХШИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ҲУҚУҚШИНОСИИ МУҚОИСАВӢ

---

**Саъдизода Ҷаҳонгир, Холиқова Омина Абдулваҳобовна**

## АНДЕШАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТАЪРИХИ ҲУҚУҚИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ЗАРДУШТӢ

***Саъдизода Ҷаҳонгир,*** *мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент* ***Тел.:*** *(+992) 985383867* ***E-mail:*** *jahon_1967@mail.ru*

***Холиқова Омина Абдулваҳобовна,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 918-42-04-42* ***E-mail:*** *ominajon55@mail.ru*

**Фишурда:** Андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ яке аз қисматҳои омӯзиши мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» мебошад. Пайдоиш ва ташаккулёбии ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ ва сарчашмаҳои фарҳангӣ-ҳуқуқии он замон ифода ёфтааст. Омӯзишу тадқиқоти андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар замони муосир барои ташаккули илми таърихи ҳуқуқи инсон аҳамияти хеле калон дорад.

**Калидвожаҳо:** Андешаи ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, низоми ҳуқуқии зардуштӣ, сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқи инсон, Авесто бо қисмати Вандидод, Хешкории ридагон, Шояст нашояст, Эъломияи Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён, панду андарзҳои Анушервон, Динкард, Бундаҳишн, Ардавирофнома, Минуи хирад.

## ИДЕЯ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В ПЕРИОД ПРАВОВОЙ СИСТЕМЫ ЗОРОАСТРИЗМА

***Саъдизода Джахонгир,*** *заведующий кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета кандидад юридических наук, доцент* ***Тел.:*** *(+992) 985383867* ***E-mail:*** *jahon_1967@mail.ru*

***Холикова Омина Абдулвахобовна,*** *ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 918-42-04-42* ***E-mail:*** *ominajon55@mail.ru*

**Аннотация:** Идеи о правах человека в истории права таджикского народа в период правовой системы зороастризма является одним из разделов изучения темы «Формирование идеи прав человека в истории права таджикского народа». Возникновение и формирование прав человека в истории права таджикского народа в период зороастрийской правовой системы выражается в формально-государственных источниках и культурно-правовых источниках того времени. Изучение и исследование идеи о правах человека в истории права таджикского народа в эпоху зороастрийской правовой системы в наше время имеет большое значение для формирования науки истории прав человека.

**Ключевые слова:** Идеи о правах человека, история права таджикского народа, зороастрийская правовая система, исторические источники прав человека, Авеста с частью Вандидада, Хешкарии ридагон, шаяст нашаяст, Декларация Великого Кира, Сасанидский судебник, наставлении Анушервана, Динкард, Бундахшн, Ардавирафнамэ, Минуи хирад.

## THE IDEA OF HUMAN RIGHTS IN THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE IN THE PERIOD OF THE LEGAL SYSTEM OF ZOROASTRISM

***Sadizoda Jahongir,*** *Head of the Department of human rights and Comparative law of the Law Faculty, Tajik National University, candidate of law, docent* ***Phone.:*** *(+992) 985383867* ***E-mail:*** *jahon_1967@mail.ru*

***Kholikova Omina Abdulvahobovna,*** *Assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University* ***Phone.:*** *(+992) 918-42-04-42* ***E-mail:*** *ominajon55@mail.ru*

**Annotation:** Ideas about human rights in the history of the law of the Tajik people during the period of the legal system of Zoroastrianism is one of the sections of the study of the topic «Formation of the idea of human rights in the history of the law of the Tajik people». The emergence and formation of human rights in the history of the law of the Tajik people during the period of the Zoroastrian legal system is expressed in formal state sources and cultural and legal sources of that time. The study and research of the idea of human rights in the history of the law of the Tajik people in the era of the Zoroastrian legal system in our time is of great importance for the formation of the science of the history of human rights.

**Keywords:** Ideas about human rights, the history of the law of the Tajik people, the Zoroastrian legal system, historical sources of human rights, Avesta with a part of Vandidad, Kheshkarii redagon, shayast nashayast, the Declaration of the Great Cyrus, the Sasanian Sudebnik, the instructions of Anushervan, Dinkard, Bundakhshn, Ardavirafname, Minui hirad.

Андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ яке аз қисматҳои омӯзиши мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» буда, омӯзишу тадқиқоти он мавзуи мазкурро пурра намуда, дар замони муосир барои ташаккули илми таърихи ҳуқуқи инсон аҳамияти хеле калон дорад. Пайдоиш ва ташаккулёбии ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ ва сарчашмаҳои фарҳангӣ-ҳуқуқии он замон ифода ёфтааст[548].

Сарчашмаҳои расмӣ-давлатии давраи низоми ҳуқуқии зардуштии халқи тоҷик, ки дар онҳо андешаи ҳуқуқи инсон пайдо шуда, шакл гирифта, дар сатҳи давлатдорӣ ташаккул ёфтааст, инҳо мебошанд:

**1. Авесто бо қисмати Вандидод.** Авесто китоби муқаддаси дини зардуштия буда, заминаи низоми ҳуқуқии зардуштиро ташкил дода, дар он ҳуқуқҳои инсон оварда шуда, мустаҳкам гардидаанд. Хусусан дар қисмати Вандидоди он[549];

---

[548] *Ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Муҳаррири масъул академик А. Мухторов. Аз забони русӣ тарҷумаи А. Маниёзов, Н. Холмуҳаммадов. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. – 976 с.; Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 92 с.; История прав человека. Учебник для вузов / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 320 с.; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.; Права человека: история, теория, практика. Коллективная монография / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе: Офсет-Империя, 2016. – 584 с.; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таълимоти динӣ ва фалсафӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2018. – № 2 (10). – С. 29-36; Сафарзода Н.Ф. Нигоҳе ба сарчашмаҳои ҳуқуқи инсон: аз аҳди бостон то соҳибихтиёрӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалли илмӣ-амалӣ). – № 3 (11). – 2018. – С. 21-23 ва диг.*

[549] *Ниг.: Авеста: Избранные гимны / Пер. с авест. и коммент. проф. И.М. Стеблин-Каменского; Предисл. проф. В.А. Лившица. – Душанбе: Адиб, 1990. – 176 с.; Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право): монография / А.Г. Халиков. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – 488 с.; Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1. Авасто. Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 488 с.; Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. Монография.– Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с.; Рахмон Д.С.,*

**2. Хешкории ридагон.** Сарчашмаи дигари низоми ҳуқуқии зардуштӣ буда, дар он ҳуқуқҳои кӯдакон оварда шуда, мустаҳкам гардидаанд[550];

**3. Шояст нашояст.** Дар ин сарчашмаи ҳуқуқии давраи зардуштӣ амалҳои иҷозатдодашудаи инсон ва амалҳои манъшудаи инсон оварда шуда, мустаҳкам шудаанд;

**4. Эъломияи Куруши Кабир.** Ин сарчашмаи ҳуқуқиро бо номи «Эъломияи Куруши Кабир оид ба ҳуқуқи инсон» шинохтаанд. Дар он ҳуқуқ ба озодии эътиқод, виҷдон ва дин, озодии ҳаракат ва интихоби маҳалли зист, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба дахлнопазирии моликияти инсон ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон оварда шуда, дар сатҳи давлатдорӣ расман эълон гардидаанд[551];

**5. Қонунномаи Сосониён.** Ин сарчашмаи ҳуқуқии давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар худ ҳуқуқу озодиҳои инсон, панду андарзҳо, қарорҳои судӣ ва дигар муқаррароти ҳуқуқиеро дар бар гирифтааст, ки ба инсон, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои ӯ равона карда шудаанд[552];

**6. Панду андарзҳои Анушервон.** Анушервони Одил яке аз подшоҳони давлати Сосониён буда, дар таърих ҳамчун подшоҳи одилтарин шинохта шуда, аз худ панду андарзҳои зиёде боқӣ гузоштааст, ки дар онҳо арзишҳои умуминсонӣ ҷой доранд;

**7. Андешаи ҳуқуқи инсон дар дигар сарчашмаҳои расмӣ-давлатии он даврон.**

Андешаи ҳуқуқи инсон дар ин сарчашмаҳои фарҳангӣ-ҳуқуқии даврони зардуштии халқи тоҷик оварда шудаанд:

**1. Динкард.** Муаллифонаш Озарфарнбағи Фаррухзодон ва Озарбоди Умедон буда, он аз 9 китоб иборат аст. Он китоби динӣ буда, таълифе ба китоби Авесто аст, ки хусусияти донишномавӣ дошта, маҷмуи панду андарз ва ривоятҳоро дар бораи қонунҳои ҷазоӣ, дуздӣ, шаҳодати дурӯғ, гуноҳ, паймоншиканӣ, заминҳои кишоварзӣ бар мегирад[553];

**2. Бундаҳишн.** Он дар асоси китоби Авесто ва тафсирҳои он асри IX навишта шуда, аз 36 фасл иборат буда, муҳтавои он дар асоси муқаддимаи китоб се бахшро дар бар мегирад: а) дар бораи офариниши оғозини Аҳурамаздо ва душмании Аҳриман ба ин офаридаҳо (фаслҳои 1-7); б) дар бораи чигунагии офаридаҳои моддӣ, аз оғоз то фарҷом, он гуна, ки аз дини зардуштӣ пайдост (фаслҳои 8, 30, 34, 36); в) таърихи сулолаи Каёниён, кишварҳое, ки онон дар тасаруфи худ доштанд ва офатҳое, ки ба Эроншаҳр расидааст (фаслҳои 31, 33, 35). Дар он муносибати инсон ба дин, озодии эътиқод ва дигар арзишҳои умумибашарӣ мустаҳкам карда шудаанд[554];

**3. Ардавирофнома.** Ривоятест дар бораи марди руҳонӣ бо номи Вироф, ки ба дунёи мурдагон сафар карда, дар он ҷо дар мурофиаи судии охират иштирок намуда, ҳуқуқҳои мурофиавии инсонро дар тарозуи адли офаридгор дидааст[555];

---

*Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе, 2018. – 176 с.*

[550] *Ниг.: Исрофилниё Ш.Р. Адабиёти бостон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 199.*

[551] *Ниг.: Амир Ҳуссейн Ҳамзавӣ. Ҳуқуқи башари Куруши Кабир / Баргардонанда аз ҳарфи форсӣ Насурдинов Э.С. – Душанбе, 2012.*

[552] *Ниг.: Мухтасари Қонунномаи Сосониён. Мотиконе Ҳазор дотестон – Ҳазор амсоли додгоҳӣ (Ҳуқуқи бостон) / Гирдоваранда, таҳияи луғот ва баргардони матн аз хатти форсӣ Абдураҳим Холиқзода. Бо кӯшиш ва ҳамкории Мавзуна Бекназарова. Зери назари д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 156 с.; Ҳоҷиев М.С. Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ / Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович. – Душанбе, 2021. – 161 с.; Ҳоҷиев М.С. Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи хтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) / Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 52 с.*

[553] *Ниг.: Исрофилниё Ш.Р. Адабиёти бостон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 150-153.*

[554] *Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби II. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 400 с.; Исрофилниё Ш.Р. Адабиёти бостон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 154-157.*

[555] *Ниг.: Исрофилниё Ш.Р. Адабиёти бостон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 166-169.*

**4. Додистони Минуи хирад.** Ё доно ва Минуи хирад ба маънии «довариҳои рӯҳи хирад», ки дар он шахси намодин бо номи «Доно» пурсишҳоро аз хиради шахсиятёфта, яъне «Минуи хирад» ба анҷом расонидаст[556]. Масалан, яке аз саволу ҷавобҳо дар достони Минуи хирад: «Пурсид Доно аз Минуи хирад, ки подшоҳонро чӣ чиз судмандтар ва чӣ зиёнкортар (аст)? Минуи хирад посух кард, ки подшоҳонро машварат бо доноёну некон судмандтар (аст) ва ононро гуфтугӯву машварат бо ғайбаткунандагон ва дурӯён зиёнкортар»[557]. Масалан, яке аз панду андарзҳо дар Минуи хирад: «Аз давлатмандон бенаво касест, ки бо он чи дорад, хурсанд набошад ва аз бенавоён он кас давлатманд аст, ки ба ҳар чӣ дорад, созгор ва хурсанд бошад»[558].

Ҳамин тариқ, омӯзишу тадқиқоти андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ барои бунёди давлати миллии тоҷикон аҳамияти хеле калон дорад. Бояд гуфт, ки андешаи ҳуқуқи инсон маҳз аз давраи қадим, маҳз аз давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ мабдаъ мегирад.

**Адабиёт:**


1. Авеста: Избранные гимны / Пер. с авест. и коммент. проф. И.М. Стеблин-Каменского; Предисл. проф. В.А. Лившица. – Душанбе: Адиб, 1990. – 176 с.
2. Амир Ҳуссейн Ҳамзавӣ. Ҳуқуқи башари Куруши Кабир / Баргардонанда аз ҳарфи форсӣ Насурдинов Э.С. – Душанбе, 2012.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Муҳаррири масъул академик А. Мухторов. Аз забони русӣ тарҷумаи А. Маниёзов, Н. Холмуҳаммадов. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. – 976 с.
4. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таълимоти динӣ ва фалсафӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2018. – № 2 (10). – С. 29-36.
5. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.
6. Исрофилниё Ш.Р. Адабиёти бостон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 352 с.
7. История прав человека. Учебник для вузов / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 320 с.
8. Мухтасари Қонунномаи Сосониён. Мотиконе Ҳазор дотестон – Ҳазор амсоли додгоҳӣ (Ҳуқуқи бостон) / Гирдоваранда, таҳияи луғот ва баргардони матн аз хатти форсӣ Абдураҳим Холиқзода. Бо кӯшиш ва ҳамкории Мавзуна Бекназарова. Зери назари д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 156 с.
9. Права человека: история, теория, практика. Коллективная монография / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе: Офсет-Империя, 2016. – 584 с.
10. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе, 2018. – 176 с.
11. Сафарзода Н.Ф. Нигоҳе ба сарчашмаҳои ҳуқуқи инсон: аз аҳди бостон то соҳибихтиёрӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалли илмӣ-амалӣ). – № 3 (11). – 2018. – С. 21-23.
12. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. Монография.– Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с.
13. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право): монография / А.Г. Халиков. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – 488 с.


[556] *Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 201– 205.*
[557] *Ҳамон ҷо. – С. 205.*
[558] *Ҳамон ҷо. – С. 203.*

14. Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1. Авасто. Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 488 с.
15. Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби II. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 400 с.
16. Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 92 с.
17. Ҳоҷиев М.С. Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ / Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович. – Душанбе, 2021. – 161 с.
18. Ҳоҷиев М.С. Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи хтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) / Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 52 с.

**Холиқзода Абдураҳим Ғафор**

## ДУРНАМОИ ДЕМОКРАТИЯИ ҶАҲОНӢ ВА МУШКИЛОТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН

***Холиқзода Абдураҳим Ғафор,*** *профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ* ***Тел:*** *(+992) 93-802-05-68* ***E-mail:*** *halim2006@yandex.ru*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур «Дурнамои демократияи ҷаҳонӣ ва мушкилоти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон» мавриди омӯзишу тадқиқот қарор гирифтааст. Муаллиф андешаҳои худро оид ба вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар давлатҳои демокртаӣ ва шароити ҷаҳонишавӣ иброз намуда, дурнамои демократияи имрӯзаро аз нигоҳи назари ва таҷрибаи таърихӣ баррасӣ намудааст.

**Калидвожаҳо:** Демократия, ҷаҳонишавӣ, вазъи ҳуқуқӣ, ҷангҳо, идораи давлатӣ, озодиҳо, давлатҳои муосир, ҷаҳонишавӣ, адл, баробарӣ.

## ПЕРСПЕКТИВЫ МИРОВОЙ ДЕМОКРАТИИ И ПРОБЛЕМЫ ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА

***Холикзода Абдурахим Гафор,*** *профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета д.ю.н.* ***Тел.:*** *(+992) 93-802-05-68* ***E-mail:*** *halim2006@yandex.ru*

**Аннотация:** В данной статье изучены и исследованы «Перспективы мировой демократии и проблемы защиты прав и свобод человека». Автор высказал свое мнение о состоянии прав и свобод человека в демократических государствах и условиях глобализации, а также рассмотрел перспективы современной демократии с точки зрения и исторического опыта.

**Ключевые слова**: Демократия, глобализация, правовой статус, войны, государственное управление, свободы, современные государства, глобализация, справедливость, равенство.

# PROSPECTS FOR WORLD DEMOCRACY AND PROBLEMS OF PROTECTING HUMAN RIGHTS AND FREEDOMS

***Kholikzoda Abdurahim Gafor,*** *Doctor of Juridical Sciences, Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University* ***Тел.:*** *(+992) 93-802-05-68* ***E-mail:*** *halim2006@yandex.ru*

**Annotation:** In this article, the «Prospects for world democracy and the problems of protecting human rights and freedoms» have been studied and researched. The author expressed his opinion about the state of human rights and freedoms in democratic states and the conditions of globalization, and also considered the prospects of modern democracy from the point of view and historical experience.

**Keywords**: Democracy, globalization, legal status, wars, public administration, freedoms, modern states, globalization, justice, equality.

**Муқаддимаи фикр.** Ҷангҳо, муноқишаҳо, куштори аз ҳад зиёди одамони бегуноҳ, амвоҷи ҷиноятҳои нашъамандӣ, тавсеаи бесобиқаи терроризм, экстремизм, одамдуздӣ, ташкили инқилобҳои ранга, афзоиши аз ҳад зиёди муҳоҷирони иҷборӣ ва ғ.ҳ., ки дар беш аз 20 соли садаи нави ҳазораи се рӯх дода, ба маротиб аз садсолаҳои дигар ба инсоният азият ва хорӣ овардаистодаанд, санги маломатро ба тамаддун, фарҳанг ва намои муосири рушди давлатҳои демократӣ ва ҷомеадории халқҳои олам ҳавола менамояд.

Бале, беҳтарин ва олитарин шакли идораи давлат, ки инсоният тайи беш аз 2.5 ҳазор сол тарғибаш менамояд дар се сад солаи охир мавзун ба сари башар ду ҷанги ҷаҳониро, ки назирашро инсоният надида буд, ҳамчун омили ногузири рушди тамаддун «ба сони роҳи ҳалли масъалаҳои глобалӣ» оварда, инсониятро дар ибтидои ҳазораи нав ба домони ҷанги сеюми ҷаҳонӣ кашидааст.

Қурбониҳо, ҷангҳо, бетартибиҳо, нооромиҳо ва ноадлиҳои сатҳи ҷаҳонӣ, аларрағми интизории ақлҳо ва зиёиёни олам дар се садсолаи охир зери ливои тантанаи намои давлатҳои демократӣ рӯх додаанд, ба маротиб вазнинтар ва нангинтар аз тамоми даврони таърихии қаблии башарият аст. Ҷаҳонгирони хунхори таърихию (Искандару, Чингизу, Темур) низомҳои худкомаи ғуломдорию феодалӣ ба ин миқдор сари инсоният мушкилӣ наовардаанд, ки одамон тайи се садсолаи охир бо онҳо мувоҷеҳ шудаанд.

Агар инсоният дар таърихи беш аз 5500 солаи тамаддунияш ҳамагӣ 292 сол дар ҳолати ғайри ҷангӣ қарор дошта, дар дигар мавридҳо ҳамеша ҷанг кардааст[559], пас дар қиёс ин ҳама ноороми ҳояш ноороми ҳои 20 соли охири ҳазораи наваш дар иртибот бо технологияю илмҳои пешрафтаи биологию рақамӣ ва техногениаш бонги хатари бештару вазнинтар мезанад. Ба назар чунин мерасад, ки ғояи олии тарбияи ғалабаи некӣ бар бар бадӣ, ки аз масири фарҳангу тамаддунҳо хотираи маънавии моро ором менамояд ва умеди башарро ба зиндагии саодат ва биҳишти дунёю охират дар ҳолати ҷунбиш ва рушд қарор медиҳад, дар асл орзую омол ва ва хостаҳои бепояи мафкураи инсонӣ чизи дигаре нест. Зеро воқеияти рӯзгори давлату тамаддунҳо на ба ғояи созандаи асотиру динҳои ҷаҳонӣ, ки кӯшиши ғалабаи некиро бар неруи шайтонӣ ишора крадаанд, на дар мувофиқатӣ бо гуфтаю навиштаи оқилони инсонгарои башарӣ (Суқрот, Афлотун, Конфутсий, Лаотсзи, Форобӣ, Сино, Хаплдун ва ғ.), балки таҳти ғояи ҷанги ҳама бар зидди ҳама (Т. Гоббс, Каутский, Гумплович), зиндагии худро доимо дар ҳолати ҷангӣ бо қавонини рамзӣ роҳандозӣ карда, ҷиҳати ҳимояташ низом ва дороияшро омода ва масраф мекунад. Ва аз ҳама бадбахтиаш он аст, ки тарзи идора ва шакли ташкили қудраташ доимо барои ин кашишҳои ноодилонааш дар доираи манфиатҳо хизмат мекардааст.

---

[559] *Муҳаққиқи швейтсарӣ Жан-Жак Бабел дар омӯзиш ва таҳлили ҷангҳо ин хулосаро пешниҳод кардааст, ки бо факту рақамҳои таърихӣ тавъаманд. Ниг.: Сомонаи интернетӣ. Ниг.: https://ru.quizzclub.com/games/welcome/s-hvejcarec-z-han-z-hak-babel-podschital-chto-s-3500-goda-do-n-e-chelovechestvo-provelo-vsego-lish-292-goda-bez-chego/answer/1917620/*

Ин ҳолат санги маломати воқеиро мантиқӣ ба шаклу низом ва тартиби идораи давлату тамаддун хоҳад партофт. Зеро маҳз шакл ва намои муосири идораи давлатҳои олам ки демократист, ғолибан ба рушду нумуи ин фасодҳои башарӣ мувофиқат дорад. Дигар ин ки ин таҳдид ва санги маломати холӣ ба ҳастии арзандаи инсон набуда, балки бештар аз он саромади мушкилӣ ва печидагии ҳолат ва намои вазъи арзандатарин арзиши башарӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон аст. Бале, демократия ки бо ном ва мазмунаш, таълидшудаи ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон аст, ба ҷойи хидмат ба волидаи худ даст ба куштору таҷовузи айнии ӯ задааст. Демократия ҳамчун фарзанди ҳуқуқи инсон модарашро дар ҳолати бардагӣ қарор дода, қадр ва манзалати ӯро бо пулу мол, манфиату кашишҳои биологияш иваз намудааст.

**Шубҳа ва назари дигар ба табиати демократия.** Ин ҳолат нухбагони ҷудогонаи аҳли илмро, ки машғули кашфи ҳақиқат дар кӯчаю тангкӯчаҳои илмӣ чун фидоию дарвешони воқеии роҳи ҳақ сарсонанд ба ҳайратзадагӣ кашида, саволу шубҳаҳои эшонро аз самтҳои мухталиф ба табиати одилонаи демократия ҳамчун шакли муваффақи низоми идора афзун намудааст. Муҳаққиқони шинохтаи сатҳи ҷаҳонӣ Жувенел Б.Д.[560], Хайек Г.[561], Фукуяма Ф.[562], Хантингтон С.[563], Азроянтс Э.[564] аз самтҳои мухталиф оид ба таҳдидҳои олами нав назарҳои воқеӣ баён намуда, оид ба бохту нуқсҳои низоми идораи давлату тамаддунҳо дар шароити муосир хулосаҳои муфид гуфта, холигию норасоиҳои низоми идораи демократиро дар шароитҳои нав ошкорою ниҳон арза доштаанд.

Таҳлили ҳолоти нобоби шакли идораи демократӣ дар давлатҳои муосир муҳаққиқонро бо варақгардони саҳифаҳои таърихӣ ва муқоисаи даврони рӯзгорҳои мустақили демократияи пешин ва муосир кашида, дар иддае аз мавридҳо ба хулосаҳои диққатҷалбкунанда водор кардааст. А.А. Генис кашфи ҳикмати ҳаққиқати демократияро дар муқоисаи ҳодисаҳои параллелии таърихӣ тимсоли ронда шудани Фемистокл ва ронда шудани Александр Невский чунин баён намуда, намои фарзанди тарбияхӯрдаро дар остонаи таълидаш ишора кардааст: «Демократия бо он вижагияш, ки пайи ҳам ва мақсданок беҳтаринҳоро нест мекунад, ба тирания (бедодгарӣ, худкомагӣ) монандӣ дорад. Савқи табиии худмуҳофизатӣ ба издиҳом таълим медиҳад, ки ба қаҳрамонон ва нухбагон бовар нанамоянд. Бо бузургии давлатӣ демократияи Афина озодии шахсиро афзалият дод, ки воқеан дуруст кард. Муъҷизаи бузурги Юнон – ҳосили диданашавандаи дастоварди олами бостон мустақилияти шахсӣ (озодии шахсӣ – А.Х.) буд. Демократияро юнониён ҳамчун ҳуқуқи ҳар кас дар машғул шудан ба кори худ, на ба кори дигарон фаҳм карданд»[565]. Тарзе мебинем на демократия ва на падидаҳои усулии он, балки ҷавҳар ва асоси ташкили зиндагии шахс дар шакли озодиҳои шахсӣ ва мустақилияти фардӣ ҳамчун арзиши меҳварӣ ҳамчун модари адолати дунёи бостон масъалагузорӣ мегардад.

**Демократия бо дурӯғ созиш менамояд**

Ҳанӯз дар миёнаи солҳои 50-уми асри гузашта ба тақдири тобишхӯрдаи демократия дар паҳнои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, файласуфи сиёсӣ ва иҷтимоӣ Карл Поппер баъд аз ҷустуҷӯи адолати сиёсӣ аз васати идеологияҳои сиёсии коммунистӣ (то 17 солагӣ, яъне то соли 1919 коммунист будааст) ва фашизм (фашизмро ҳамчун идеологияи миллатгароии ниҳоӣ воқеан дар маҳдудиятҳои ҷоринамудаи он дар Австрия дидаю дар муносибат бо

---

[560] *Жувенель Б. де, ЛАСТЬ естественная история её возрастания / Пер. с франц. В.П. Гайдамака и А.В. Матешук. – М.: ИРИСЭН, Мысль, 2011. – 546 с.*

[561] *Фридрих Август Густав фон Хайек. Право, законодательство и свобода. Современное понимание либеральных принципов справедливости и политики / Перевод с английского Б. Пинскера и А. Кустарева. – М., 2006. – 648 с.*

[562] *Фукуяма Ф. Конец истории и последний человек. – М., 2005. – С. 408.*

[563] *Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / Пер. с англ. Т.Велимеева, Ю.Новикова. – М: ООО «Издательство АСТ», 2003. – 603.*

[564] *Азроянц Э.А. Глобализация: катастрофа или путь к развитию? Современные тенденции мирового развития и политические амбиции. – М.: Издательский дом «Новый век», 2002. – 416 с.*

[565] *Генис А.А. Вавилонская башня: искусство настоящего времени. – М., 1997. – С.256.*

амалҳои фикриаш эҳсос карда) убури фикрӣ намуда, то ба зинаи дарк ва ногузирии эътирофи демократияи либералӣ ва андешаи ҳифзи ҷомеаи кушод мерасад.

Ин шахсияти маъруфи Австрия ва Британия ҷиҳати ҷустуҷӯи адолати аслӣ ба қаъри хазинаи фикрии тамаддун ғутта зада, сараввал дидгоҳҳои падарони илми ғарбӣ Афлотун, Арасту ва Гегелро ҳамчун илҳомбахши режимҳои худкома ва замонавии беадолатона нақд менамояд. Ӯ баъзе фикру дидгоҳҳои Афлотунро ҳамчун «афсунҳои афлотунӣ»[566], ки ба итоат ба режим ва низоми идораро аз кунгураи сарнавишти инсонӣ ҳамчун намои нусрати идораи ҷомеа дониста, консепсияи «адолати тоталитарӣ»-ро[567] натиҷаи қонуни табиӣ эътироф карда, ба усули «роҳбарии оқилон ба ғайри оқилон» фалсафаи сиёсиро дар роҳи «кашфи асрори низоми идора» бо пайраҳаи «фалсафаи ахлоқ» ба кӯчаи сарбаста ва бунбасти бесобиқаи таърихи илм кашидааст, сахт маҳкум менамояд[568].

К. Поппер худ аз кӯчаи фалсафаи ахлоқ ба дидгоҳи Афлотун муносибат карда, ӯро дурӯғгӯ меҳисобад. Ӯ дар ин кор ба муколамаи Суқрот ва Афлотун мурочиат карда менависад: «Чи касонеро ту файласуфони ҳақиқӣ мешуморӣ? – Онҳоеро, ки дӯстдори рост бошанд»– мехонем дар «Давлат»-мегӯяд ӯ[569]. Ба андешаи Поппер ӯ, яъне Афлотун дар баёни ин матлаб комилан ростгӯ нест, (аниқтараш ба ростгӯӣ дар ҳама ҳолат эътимоди комил надорад – А.Ғ.) зеро ӯ дар ҷойи дигар дурӯғ гуфтанро аз ҳуқуқҳои хоса ва шеваи вижаи низоми идораи роҳбарон медонад: «Дурӯғ гуфтан ва фиреб додани душманони шаҳр ва шаҳрвандон ба фоидаи шаҳр амрест хоси ҳокимони шаҳр ва ҳеҷ кас набояд бо ин ҳақ вожаи корӣ дошта бошад»[570]. Ин равиши ноҷавонмардонаи тинати инсонҳои худхоҳро «Воизон чун ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд, Чун ба хилват мераванд он кори дигар мекунанд»-ро (Хоҷа Ҳофиз) на танҳо саромадони демократияи юнонӣ хуб истифода карда, дар навиштаю роҳнамоиҳои илмияшон истифода бурдаанд, бештар аз он меросбарони муваффақи эшон ин усулро ба сифати дастурмали кории ҳаррӯза сармашқи фаъолияти сиёсии худ то ба сатҳе қарор додаанд, ки хабари ростро аз дурӯғ дар васоити ахбори барқӣ ва ё расмӣ дигар тафовут намондааст. Онҳо барои пайравони худ илмҳои наверо бо номи «фейк», «утка» ва ҳ. кашф кардаанд.

**Демократия танҳо бо адли дохилӣ не, балки ба адли башарӣ бозӣ мекунад**

К. Поппер дар ҳамин матлаб ва далелҳои оянадааш нақди ин мутафаккири бузург Афлотунро атрофи консепсияи истифода намудааш: «Ба фоидаи давлати хеш»[571] истифода аз усули иштибоҳ ва дурӯғро дар кори идораи давлати худ ва манфиатҳои ватаниаш дар муқобил бо халқҳои дигар, асоснок менамояд. Консепсияи хиради асл ва ахлоқи намунавӣ дурӯғ гуфтанро дар ҳеҷ сурат, на ба сифати ҳиллаи сиёсӣ ва на намои ҳиллаи «шаръӣ» эътироф намекунад. Аз ин хотир нақду шубҳаи мо ба воқеияти демократия на ба муқобили асосҳои ахлоқӣ ва бартариҳои сиёсии демократия, ки воқеан дар чанд ҷанба нисбат ба дигар шаклҳои ташкили қудрат вуҷуд дорад, равона шудааст. Баръакс дидгоҳи мо дар заминаи равиши усулӣ такя намуда, паҳно ва маҳдудиятҳои фаҳми демократияро дар қисмати маҳдуди одамони назарӣ ва амалӣ, ки онҳоро ба манфиатҳои худ ноудурст исти-

---

[566] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 1. Афсунҳои Афлотун. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 40-106.*

[567] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 1. Афсунҳои Афлотун. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 107-137.*

[568] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 1. Афсунҳои Афлотун. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 137-151.*

[569] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 1. Афсунҳои Афлотун. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 152. Ишораи К. Поппер ба матни асли китоби Афлотун «Давлат» аст.*

[570] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 1. Афсунҳои Афлотун. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 152. Ишораи К.Поппер ба матни асли китоби Афлотун «Давлат» аст.*

[571] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 1. Афсунҳои Афлотун. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 152. Ишораи К.Поппер ба матни асли китоби Афлотун «Давлат» аст.*

фода мебаранд ва ё дар шакли озодпарастии қабилавӣ ва молӣ, ки аз ҷониби онҳо таърихан тарғиб шудааст, сурат мегирад. Зеро таърихи баъдӣ ҳамин афсунҳои сиёсӣ ва қабилагароии бузургони илмӣ ва «пайғомбарони дурӯғинро» (ибораи К. Поппер) ҳамчун ҳиллаи идораи давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва қудратӣ чи дар муқобили халқи худ ва чи мардумони дигар дар сатҳи байналмилал васеъ истифода ва тавсеа додааст.

Дискурси фикрии ноқидони демократия ва воқеияти талхи кишварҳои олам дар шароити муосири демократикунонии ҷомеаҳо мафкураи моро ба марғзоре мекашад, ки дар он беадолатию нобаробариҳои зиёдро эҳсос менмоем. Мушоҳида мекунем, ки ҳокимону ғосибони ватанию байналмилалии дар шакл худро демократ вонамудкунанда, чи тавр атрофи аҳдофи ғаразноки худ, дар кунгураи волоияти принсипҳои «ба фоидаи давлати хеш», «ба манфиати сиёсати давлатӣ», «ба дигар манфиатҳои умумии миллати сиёсӣ» ҳосилкардаашон, тайи беш аз дувуним ҳазор сол чи корҳоро карда истодаанд. К. Поппер такроран изҳори назар менамояд, ки дар ҷаҳонбинии Афлотун думболи пайравӣ ва эътирофи «қонуни табиии нобаробарии иҷтимоӣ ва адолатнокии он», асли манфиати иҷтимоӣ дар мақоми «болотарини меъёри ахлоқӣ» қарор мегирад. Яъне дар раддабандии арзишии Афлотун тарзе мебинем «манфиат ва фоида» дар мақоми аввал қарор мегирад, ки ин аз назари адолати сирф ва арзишҳои дигари башарӣ – зебоӣ, виҷдон, адл, инсоф, баробарӣ ва ғ. устувор ва ҷиддӣ нест. Дар баробари ин Афлотун имкони дурӯғ гуфтанро ба ҳокимон дода итоаткоронро ба ростгӯӣ ҳукм мекунад, яъне ӯ дар консепсияи давластсозиаш ғояи дугонагии талаботи меъёрро дар ниҳоди давлат ҷорӣ менамояд: *«Агар фармонраво дурӯғи ягон шаҳрвандро кашф кунад… ӯро ба ҷурм овардани суннати марге, ки шаҳрро монанди киштӣ чаппа мекунад», ба ҷазо хохад расонд»*[572].

Тарзе равшан аст, К. Поппер иллати нуқсҳои ҷаҳонбинии демократӣ ва шакли идораи халқиро назаран дар таълимоти падарони ин усули идора ошкор карда, гумону шубҳаи худро атрофи номуваффақии демократияи муосир ҳамчун ҳодисаи мусбати фарогир дар замони нав ба самти андешаи иллатовари ин мутафаккирон кашида, кӯшиши ислоҳ намудани вазъи демократияи ҷадидро дар асри XX бо усулҳои тоза менамояд. Мо албатта, ба ин нияти неки муҳаққиқ содиқем, вале ислоҳои камбудии ӯ пас аз гузашти беш аз 70 сол на танҳо натиҷа надод, балки саҳифаҳои нави демократияи ғарбиро бо либоси либерализми ғарбӣ чунон ҳадафмандона вонамуд кард, ки ҳамон усули фиреби халқу миллатҳо ба фоидаи як гурӯҳи муайян ба вижа давлати муайян мавзун ва шинам ба пеш ҳаракат мекунад. Агар мо ҳамин дрӯғгӯиро дар ду самти ишора намудаи Афлотун ва Поппер ба инобат гирем, дурӯғгӯӣ ва фиреб намудани башарият дар самти муносибатҳои байнидавлатӣ тадриҷан бузургтару азимтар шуда зери ливои ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳо рушд карда истодааст.

Агар чунин нест, асрори одии мунокишаи бародарони славянҳои шарқӣ, ки дарвозаи ҷанги сеюми ҷаҳониро боз намуданӣ ҳастанд, то ба ҳануз печидаю пӯшида ва таззодманд боқӣ намемонд. Давлатҳои рушдкарда кӯшиш менамоянд, манфиатҳои дохилии худро дар муносибат бо халқи таҳҷоияшон дар паллаи тарозӯи нисбатан ростгӯӣ қарор дода, истифодаи дурӯғро камтар намоянду дар муносибатҳои байналмилалӣ дар заминаи шубҳа санъати дурӯғгӯиро бештар истифода намоянд.Бо вуҷуди ҳама баробарию бародариҳои демократӣ дар масъалаҳои муҳимми сарвату дороиҳо эҳсос мегардад, ки муҳббату марҳаматҳо ба қафо рафта манфиату фоида ба радҳои аввал гузашта одамон таърихан бо дороию қудраташон қадрдонӣ мегарданд. Демократия ҷаҳонӣ ҳокимияти халқҳои олам набуда, балки ҳокимияти як тӯда давлатҳои сарватманду қудратманди оламанд, ки захираҳои табиию қудрати ҳарбиро дар даст доранд.

Агар чунин намебуд, ҳодисаҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ, дуюми ҷаҳонӣ ва, ташкили инқилобҳои ранга, интиқоли арзишҳои иҷбории башарӣ, ҳодисаи мунокишаи бародарони

---

[572] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 1. Афсунҳои Афлотун. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 152-153. Ишораи К. Поппер ба матни асли китоби Афлотун «Далват» аст.*

славянӣ, афзоиши муҳоҷирони меҳнатӣ дар олам, гурезагони сиёсӣ ва ғ. ҳоказо ба гумон аст, ки чунин шинаму зебо ва бо пайдарҳамӣ дар фазои тантанаи «арзишҳои демократӣ» ва «озодандашию озодбаёнӣ» бо далелҳои форами «ҷаҳонишавии арзишҳо» зери ҳадафи «ҷаҳонишавии манфиатҳо» тахти роҳбарию ҳидояти абарқудратону созмонҳои бонуфӯзи байналмилалӣ бо рангу ҷилои «ҳуқуқу озодиҳо» тайи қариб бештар аз сад соли охир мунтазам рушду нуму намекарданд. Аз ин дидгоҳ, мо бо баъзе аз мунақиддони муосири демократия, ки орзуиислоҳи вазъиятро доранд, дар усули ҳалли қазия мухолифем. Зеро сухан дар бораи ислоҳ ва тарбияи ахлоқии низоми демократӣ не, балки дар табобати бемории сироятии ин навъи идора меравад, ки табиатан ба низоми сиёсии ҷаҳони мутамаддин ворид шудааст.

То агар муносибати дурӯғонаи кишварҳои бузург ба давлатҳои дигар ба қолаби баробарӣ ва низоми адолати ягона ворид нагардад, ҳуқуқу озодиҳои инсон чун маҳаки асосии баҳогузории унсури демократӣ дар ҷаҳон баробар барои ҳама (барои шаҳрвандони Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Арабистони Саудӣ алоҳида не) этироф нашавад, бозӣ бо унсурҳои дугона ва сегона мавқеи худро ба қонуни ягонаи башарии одилона надиҳад, ояндаи демократияи ҷаҳонӣ зери хатар боқӣ хоҳад монд. Зеро вазъият ногузир ва шинам муносибатҳои байни давлатиро ба самти ҳарбикунонӣ, қудратафзоӣ ва омодаи ҷанг будан тела дода, зарфияти ҳифзи истиқлоли сиёсиро сари мавзуи қудрати ҳарбӣ кашида, мавқеи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвнадро дар давлатҳои намои демократӣ дошта бо мурури замон беранг мегардонад.

Ин ҳолат давлатҳоро аз иҷрои масъулияти адолати иҷтимоияшон дар дохил дур намуда, демократияро ба сони демократияи ҳарбии ибтидоӣ дар шароити консепсияи гобсии «ҷанги ҳама бар зидди ҳама» қарор медиҳад. Аз ин ҳолат қабл аз ҳама тамоми кишварҳои рӯ ба рушд ва қафомонда зарар дида, даврони тиллоии мустамликадории кишвархои бузург бо тобиши нав аз худ дарак медиҳад. Ин ҳолат то як муддат рушди равандҳои демократӣ, худшиносии миллӣ ва сиёсиро карахт намуда, чархи прогрессивии низоми идораро барои давлатҳои миллии ҷавон монеа мегардад. Ин албатта, як тарафи масъала ва фишор ба самти далатҳои рӯ ба рушду қафомонда ба табиати озодиҳои сиёсӣ ва ҷаҳонбинии илмии онҳо аст. Вале акси ин нооромӣ инъикоси бамаротиби худро дар оинаи зиндагии сиёсӣ, ҳарбӣ ва иҷтимоии кишварҳои бузург дар фазои озодиҳо ва иттилооти тавсеаёфта пайдо намуда, оромии онҳоро аз дохил ва хориҷ на танҳо вайрон менамояд, балки консепсияи А. Тойнбиро дар масъалаи «фишори барбарият ба тамаддун, мисли обанбори азими ҷамъшудаистода афзоиш дода»[573] ногузир ба шикасти азими обанбори режимҳои ғайриадолатноки бо ном демократӣ таҳдид менамояд, ки дар чунин сурат масъалаи таърихии низоми ғолиб зери савол кашида мешавад. Дар чунин сурат ё давлатҳои мутамаддини дар саргаҳи нодаолатии ҷаҳонӣ қарор гирифта, моҳирона ин вазъиятро боз ба муқобили кишварҳои марзии демократия ва давлатҳои миллӣ якҷониба истифода карда, ҳаёти онҳоро мисли низоми колониалӣ дар тобишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ нигоҳ медоранд ва ё мисли салтанатҳои русӣ зарбаи ин ҳолатро бар тани худ қабул менамоянд.

Аз ин хотир, барои он ки тақдири демократияи муосир ҳамчун арзиши баланди сиёсӣ чунин печида ҳамроҳ ба тақдири инсоният ба фанои бузург гирифтор нагардад, неруи азими мафкуравии ҷаҳонро зарур аст, ки нисбат ба масъалаи мазкур одилона бо фарогири манфиати кулли халқияту миллатҳо бо гуногунии фарҳангию эътиқодӣ ба ислоҳи вазъи мавҷуда кӯшиш намуда, як тамаддуни воқеан озоду демократиро дар муносибат бо халқи худу мардумони дигар таҳия созанд.

Ҷиҳати ҳимояи реҷаи демократӣ ва таъсиси ҷомеаи кушод К. Поппер дар қисмати дуюми китобаш муборизаро бо рақибони дар каминбудаи шакли идораи демократӣ марксистон ва сарчашмаҳои илмию маънавии онҳо оғоз менамояд. Ӯ дарк мекард, ки дар сурати адами ҷараёни мусбати фарогири кори шакли идораи демократӣ ва густариши арзандаи

[573] *Тойнби А.Дж. Цивилизация перед судом истории. Сборник / Пер. с англ.-2-еизд. – М.: Айрис – прес. М., 2003. –592 с.*

принсипҳои ҷомеаҳои кушода, нақши ғояи марксистӣ бо доштани таҷрибаи дар он солҳо муваффақи шӯравӣ имкон дорад вазъи мафкуравии ҷаҳонро ба самти ғояҳои то ҳадде одилонаи иҷтимоӣ ва иқтисодии худ ташаккул диҳад. Маҳз ба ҳамин хотир К. Поппер, думболи Афлотун, Арасту ва дар пайрави ба фалсафаи онҳо Гегелро нақд намуда, дидгоҳи К. Маркс ва ҷонибюдорони ӯро дар Замони нав, «Замони пайғомбарони дурӯғин»-и[574] нав номидааст.

**Назари шахсӣ ба табиати масъала**

Ин навишта як кӯшиши ҷамъоварии баъзе аз дидгоҳи парокандаи муаллиф атрофи ғуноварии арзишҳои ҳувиятбахши ҳуқуқу озодиҳо ва арзишҳои демократӣ аст, бо мурури замон аз рӯзномаи давлатҳои ливодор дур афтоданд. Бо мақсади ислоҳи ҳамин вазъи ногуворӣ демократияи ҷаҳонӣ ва ҳифозати таъсири манфии он ба Тоҷикистони азиз андешаҳои мо парвози васеъ гирифт. Умед аст, ки оянда як рисолаи комилтаре низ дар ин самт навишта шавад. Дуруст аст, ки муаллиф низ мисли як шаҳрванди ватани худ дар кори ҳимояи манфиатҳои миллиаш дар ин ҷаҳони нооором ва субъективона ташаккулёбанда, баъзе аз дидгоҳҳои утилитарии худро дар самти манфиатҳои ватанаш ва миллаташ баён менамояд, ки онҳо аз пайвастагӣ ва муҳаббат ба ватан, зодгоҳ, ёру дӯстон ва пайвандону дӯстонаш гувоҳӣ медиҳанд. Вале ӯ, дар ботини худ эътимод дорад, ки дар сурати ба даст омадани озодии тамом ва баробарии халқу миллатҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамеша ҷонибдори реҷаи демократӣ ва адолати умум буда, имкон дошт ва ҳанӯз ҳам дорад, ки аз бисёр пайвастагиҳои субъективиаш, ба хотири чунин манфиати одилонаи умум даст кашад.

Маҳз ба ҳамин хотир мо ислоҳи вазъи ба амаломода, ислоҳи норасоиҳои реҷаи умумии идораро, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дӯст дошта, интихоб крадааст, ҳамчун яке аз пайравони ҳамин роҳ ва андеша, масъалагузорӣ менамоем. Вале дар муқоиса бо дигар аз пайравони фикрӣ, мафкураи мо роҳрави тақлидгари анъанавӣ набуда, балки роҳрави таҳлилгараст. Ин бешаи кунҷковию таҳлилгариро агар аз як сӯ аз табиати нооромии ҷаҳони ботинии пуртаззодамон, ки зери таъсири асарҳои зиёди тамаддуну равияҳои хондаамон касб карда бошем, аз самти дигар ин амвоҷи фаҳмиданҳоро аз симмати рисолаи илмиамон ҳамчун олим бо виҷдону имон пайваста зери даъватҳои падаронаи Пешвои муаззами миллатамон дарк менамоем. Ин аст, ки мо низ дар пайравӣ аз Роҳбари ғамхорамон, мисли як фарди ҷӯяндаи адлу инсоф дар ботини худ ва аз олами атроф, бо имкону захираҳои андӯхтаамон ба ҷаҳони нооором нигариста, бисёр аз нозукиҳои ноаёни ин оламро дар қиболи дигарон эҳсос карда, садо баланд мекунем, ки иллати асли ин мушкилиҳои олами инсонӣ на дар мақсадҳо, балки дар роҳҳо, тарзу усули муносибат бо он аст, ки таърихан решаҳои мабдавии худро дар шакли «деилме», «дефакто» ва «деюре» доро будааст.

Яъне ин иштибоҳот иштибоҳоти мақсади интихобкарда не, балки иллатҳои он аст, ки бо ҷурми норасоиҳои назарию илмӣ, амалкардҳои ноҷо ва қарордодҳои нодурусти мо инсонҳост, ки муддатҳо мавзун ва дар ҳамоҳангӣ бо манфиатҳо дохили ин шоҳроҳ гардида, бо мурури замон худро ҳамчун ҷузъи он муаррифӣ кардаанд. Ин навъи иштибоҳот моро аз аз «ғояҳои асолати таърихӣ» (ибораи К. Поппер), ки мутобиқ бояд ба арзишҳои умда рушд мекард, дур карда бо мурури замон равиши фикрии демократҳои муосирро дар хизмати андешаю равишҳои тоталитарӣ гузошта, мушкилӣ ва гирдгардонии равиши фикрии башарро ба маротиб печида намуда, худи шоҳроҳи таърихиро ба даврзаниии бемантиқ, регресҳои доимӣ ва стагнатсияҳои даврӣ гирифтор карда олитарин ва одитарин ҳикмати саодати инсон – ҳуқуқу озодиҳояшро дар ҳолати хорӣ қарор додааст. Масъала имрӯз аллакай ҷиддӣ аст. Инсоният шакли беҳтарини идораи интихобкардааш – демократияро ё ислоҳ менамояд ва ё бо вай ногузир хайрбод мегӯяд.

---

[574] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 2. Замони пайғомбарони дурӯғин: Гегел, Маркс ва ғайбдонони дигар. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – 436с.*

**Хулосаи мушаввашкунанда**

Муҳаққиқи фаронсавӣ Бертаран де Жувел роҷеъ ба вазъи нигароникунандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пасназари Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо таассуф назар намуда гуфта буд: «Ҳеҷ имкон надорад, ки чунин ваҳшонияту вайронкорӣ бидуни тағйири ахлоқи башарӣ рӯх диҳад, ахлоқе, ки ба эҳсосоти вайронкунанда такя мекунад. Ин эҳсосоти ғализро танҳо чунин навъи таблиғоти ҷангӣ тавлид менамояд… Дар ин раванд, дар қатори неруи инсонӣ – армия, фикру эҳсосоти мардум низ ба доми фиреб меафтад. Миллате, ки бояд зидди зулму тоталитаризм мубориза барад, худ шарики стратегии ин неруи бад мегардад… Ин амалро дар шакли намуна Адолф Гитлер иҷро кард»[575]. Аҷиб ва аламовар барои илм ва ҷонибдорони низоми идораи декмократӣ он аст, афзоиши неруи ҳарбӣ ва қудрати ҷангӣ маҳз дар даврaҳои шакли идораи халқӣ ҳамеша афзоиш меёфтааст. Ва мудҳиштар аз ҳама он аст, ки давлатҳои пешгоми демократия гӯё на танҳо равандҳои ҷаҳонишавиро инчунин тамоюли рушду фурӯравии бӯҳрону ҷангҳои минтақавиро доимо зери назорат доранд. Онҳо на танҳо бемориҳои иҷтимоию сиёсии оламро табобат мекунанд, балки онҳоро ҳадафмандона идора кардаистодаанд.

Гузашта аз он тухмаи назарияи худкомагии ҳокимият ва зиёдравии қудратҳои сиёсӣ дар муносибат бо ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои ҳудудию иқтисодии кишварҳои дигар ба андешаи мутафаккирони муосир дар дидгоҳҳои олимони қадим низ мушоҳида шудааст[576]. Мисоли равшани ин танҳо демократияи замони нави асрҳои XVII-XVIII ва муосири охири асри XX ва ибтидои асри XXI набуда, ин ҳолат дар аҳди Юнони бостон низ дар паҳнои давлатҳои демократии Спарта ва Афина[577] низ мушоҳада шудааст.

**Ба ҷойи хотима**

Ҳама ҳолатҳои мушаввашкунандаи беш аз 20 солаи асри XXI, бо қиёси лапишҳои флуктуатсионии (П. Сорокин)[578] тамаддун дар остонаҳои буҳронҳои ҷаҳонӣ (А. Тойнби)[579] бо ваъдаҳои ба ақл даркнашавандаи назарияи пассионарии рушди фарҳангҳо (Л. Гумилев)[580], дар майдони муборизаи манфиатҳои тамаддунҳо (С. Ҳантингтон)[581], бо ҳолати бедоршавии дардҳои таърихӣ ва қасосгириҳои ҷуғрофӣ (Р. Каплан)[582] намои низоми нави ҷаҳониро (Г. Киссинджер)[583] дар фазои тантанаи демократияи ҷаҳонӣ чунон мушаввашу дилгиркунанда намудааст, ки бехирадони шарқиро ба дарки асрори он ки «чаро Ғарб хукмронӣ менамояд»[584] моҳиятан наздик накарда, дар орзуи хаёлоти он, ки бо амри тақдир рӯзгори «Худкӯшии қудратҳои бузург» фаро мерасад, интизори адли тӯҳфашавандаи ғайриақлонӣ кардааст…

Ин ҳама печидагию мушаввашиҳо ва нобасомонии дидгоҳҳои ғарбию шарқӣ на танҳо ба донандагони асрори рушд (ғарбиҳо), балки ба раҳгумзадагони ҳикмати рушд (шарқиён) аз ҷониби маънавӣ зарбаи ҷонкоҳи мадҳушкунанда зада, эҳсоси дарку эҳтироми одитарин

---

[575] *Жувенель Б. де, ВЛАСТЬ естественная история её возрастания. Пер. с франц. В.П. Гайдамака и А.В. Матешук. – М.: ИРИСЭН, Мысль, 2011. – С. 25-26.*

[576] *Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 1. Афсунҳои Афлотун. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 8-9.*

[577] *Графский В.Г. Всеобщая история права и государства. – М.: НОРМА-ИНФРА, 2002. – С. 151-152.*

[578] *Сорокин П. Социальная и культурная динамика. Исследование изменений в больших системах исскуства, истины, этики, права и обшественных отношений. Пер. с английского В.В.Сапова. – Санкт-Петербург, 2000. – 743 с.*

[579] *Тойнби А.Дж. Цивилизация перед судом истории \ Пер. с англ. под ред. д.и.н. профессора В.И. Уколовой. и к. и.н. Д.Э. Харитоновичa. – М., 2003. – 592 с.*

[580] *Гумилев Л. Этногенез и биосфера земли. – М., 2004. – С. 3-145.; Гумилев Л.Н. Ритмы Евразии. – М.: Прогресс, 1993. – 585с.*

[581] *Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / пер. с англ. Т. Велимеева, Ю. Новикова. – М., 2003. – 603 с.*

[582] *Каплан Р. Месть географии. Что могут расказать географичексие карты о грядущих конфликтах и битве против неизбежного / Роберт Каплан, Пер. с англ. М. Котова. – М.: КоЛибри, Азбука-Аттикус, 2016. – 364с.*

[583] *Киссинджер Г. Мировой порядок. – М.: АСТ, 2017. – С. 430.*

[584] *Морис И. Почему властвует Запад… по крайней мере пока ещё. Закономерности истории. И что они сообщают нам о будущем / Пер. с англ. В. Егоров. – М.: Карьера Пресс, 2016. – 720 с.*

ва олитарин неъмати тамаддун – ҳуқуқи инсонро ҳамчун манбаи саодати ҳам насли башар на танҳо аз рӯзномаи сиёсии абарқудратҳои демократӣ тадриҷан дур карда, ба моли шахсии бобои ғоратгаронашон табдил додааст, балки назаран дар рӯзномаи хиради инсонӣ ва илмҳои ҳуқуқшиносӣ мақоми онро камранг намуда, таваҷҷуҳи аҳли илм ва зиёиёни оламро ба ҳамон омили худшиносии бобоёни барбариашон – манфиат мубтало кардааст.

**Адабиёт:**


1. Азроянц Э.А. Глобализация: катастрофа или путь к развитию? Современные тенденции мирового развития и политические амбиции. – М.: Издательский дом «Новый век», 2002. – 416 с.
2. Генис А.А. Вавилонская башня: искусство настоящего времени. – М., 1997. – С.256.
3. Графский В.Г. Всеобщая история права и государства. – М.: НОРМА-ИНФРА, 2002. – С. 151-152.
4. Гумилев Л. Этногенез и биосфера земли. – М., 2004. – С. 3-145.; Гумилев Л.Н. Ритмы Евразии. – М.: Прогресс, 1993. – 585с.
5. Жувенель Б. де, ЛАСТЬ естественная история её возрастания / Пер. с франц. В.П. Гайдамака и А.В. Матешук. – М.: ИРИСЭН, Мысль, 2011. – 546 с.
6. Каплан Р. Месть географии. Что могут расказать географичексие карты о грядущих конфликтах и битве против неизбежного / Роберт Каплан, Пер. с англ. М. Котова. – М.: КоЛибри, Азбука-Аттикус, 2016. – 364с.
7. Киссинджер Г. Мировой порядок. – М.: АСТ, 2017. – С. 430.
8. Морис И. Почему властвует Запад… по крайней мере пока ещё. Закономерности истории. И что они сообщают нам о будущем / Пер. с англ. В. Егоров. – М.: Карьера Пресс, 2016. – 720 с.
9. Поппер К. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷилди 2. Замони пайғомбарони дурӯғин: Гегел, Маркс ва ғайбдонони дигар. Тарҷума аз забони русӣ, сарсухан ва тавзеҳоти профессор Р.З. Назриев. Душанбе: ЭР-граф, 2020. – 436 с.
10. Сомонаи интернетӣ. Ниг.: https://ru.quizzclub.com/games/welcome/s-hvejcarec-z-han-z-hak-babel-podschital-chto-s-3500-goda-do-n-e-chelovechestvo-provelo-vsego-lish-292-goda-bez-chego/answer/1917620/
11. Сорокин П. Социальная и культурная динамика. Исследование изменений в больших системах исскуства, истины, этики, права и общественных отношений. Пер. с английского В.В.Сапова. – Санкт-Петербург, 2000. – 743 с.
12. Тойнби А.Дж. Цивилизация перед судом истории \ Пер. с англ. под ред. д.и.н. профессора В.И. Уколовой. и к. и.н. Д.Э. Харитоновича. – М., 2003. – 592 с.
13. Тойнби А.Дж. Цивилизация перед судом истории. Сборник / Пер. с англ.-2-еизд. – М.: Айрис – прес. М., 2003. –592 с.
14. Фридрих Август Густав фон Хайек. Право, законодательство и свобода. Современное понимание либеральных принципов справедливости и политики / Перевод с английского Б. Пинскера и А. Кустарева. – М., 2006. – 648 с.
15. Фукуяма Ф. Конец истории и последний человек. – М., 2005. – С. 408.
16. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / Пер. с англ. Т.Велимеева, Ю.Новикова. – М: ООО «Издательство АСТ», 2003. – 603 с.

**Сафарзода Бахтовар Амирали, Бобозода Умеджон Эмомали**

## МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРАВА НА ТРУД: НА ПРИМЕРЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

***Сафарзода Бахтовар Амирали,*** *профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета доктор юридических наук* ***Тел.:*** *+992 907483200* ***Email:*** *bakht-83@mail.ru*

***Бобозода Умеджон Эмомали,*** *ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел:*** *(+992) 985-75-91-91.* ***Email:*** *bobozodaue@gmail.com*

**Аннотация:** В статье проводиться международно-правовое регулирование права на труд: на примере законодательства Республики Таджикистан и законодательства Российской Федерации. Проводя сравнительно-правовой анализ по данному вопросу, закрепляется актуальность и значимость данного вопроса в международных актах и национальных законодательствах, на примере Республики Таджикистан и Российской Федерации. Автор, выдвигает обоснованные аргументы, изучение которых имеют большую пользу на сегодняшний день в процессе модернизации трудоустройства цивилизации.

**Ключевые слова:** право, человек, закон, права человека, труд, право человека на труд, правовая культура человека, модернизация труда, стандарт, международный стандарт, законодательство, национальные законодательства, мировое сообщество.

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ: ДАР МИСОЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚОНУНГУЗОРИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

***Сафарзода Бахтовар Амиралӣ,*** *профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ* ***Тел.:*** *+992 907483200* ***Email:*** *bakht-83@mail.ru*

***Бобозода Умедҷон Эмомалӣ,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел:*** *(+992) 985-75-91-91.* ***Email:*** *bobozodaue@gmail.com*

**Фишурда:** Дар мақола танзими ҳуқуқӣ-байналхалқии ҳуқуқ ба меҳнат: дар мисоли қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Федератсияи Россия мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Оид ба ин масъала таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ гузаронида, мубрамият ва аҳаммияти падидаи ҳуқуқии мазкур дар санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ, дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия муайян карда мешавад. Ҳамзамон, муаллиф пешниҳоду таклифҳои асоснок ба миён мегузорад, ки омӯзиши онҳо имрӯз дар ҷараёни навсозии меҳнат нафъи калон доранд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, инсон, қонун, ҳуқуқи инсон, меҳнат, ҳуқуқи инсон ба меҳнат, фарҳанги ҳуқуқи инсон, навсозии меҳнат, стандарт, стандарти байналмилалӣ, қонунгузорӣ, қонунгузории миллӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ.

# INTERNATIONAL LEGAL REGULATION OF THE RIGHT TO LABOUR: THE EXAMPLE OF THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE LEGISLATION OF THE RUSSIAN FEDERATION

***Safarzoda Bakhtovar Amirali,*** *Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Faculty of Law of TNU, Doctor of Law* ***Tel.:*** *+992 907483200* ***Email:*** *bakht-83@mail.ru*

***Bobozoda Umedjon Emomali,*** *Assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, TNU.* ***Phone:*** *(+992) 985-75-91-91.* ***Email:*** *bobozodaue@gmail.com*

**Annotation:** The article provides an international legal regulation of the right to labour: the example of the legislation of the Republic of Tajikistan and the legislation of the Russian Federation. Conducting a comparative legal analysis on this issue, the relevance and importance of the issue in international instruments and national legislation, on the example of the Republic of Tajikistan and Russian Federation. The author, puts forward reasonable arguments the study of which is of great benefit today in the process of modernization of civilization employment.

**Keywords:** law, human, human rights, labour, human right to labour, human legal culture, modernization of labour, standard, international standard, legislation, national legislations, world community.

В нынешние времена труд считается основной формой существования человека во многих странах земного шара, тем не менее, многие государства создают все необходимые условия трудоустройства для населения, и тем самым обеспечивает их определёнными видами занятости. Труд способствует полноценному развитию человека в современной международной среде. История стала свидетелем того, что на всех стадиях общественной формации развития человечества, существенную роль в жизнедеятельности человека сыграл труд. Начиная с первобытнообщинного строя до настоящего времени труд формировался в сознании людей, как основной источник полноценного существования человека в целом. Ещё в Декларации Великого Кира предусматривалась права человека на труд в эпоху Ахменидского государства[585]. Такой деятельности, прежде всего, способствует повышенная правовая культура среди населения, в котором правосознание среди людей складывается на базе правового воспитания[586].

Длительное время в нашей стране труд рассматривался как основное средство достижения конечной цели – построения коммунизма. Соединенный с низким уровнем механизации и автоматизации, он имел в ряде случаев принудительный характер. Но, несмотря на действительно огромное созидательное значение труда для человеческого общества, больше – далеко не всегда означает лучше. Основное условие, повышающее качество и эффективность труда, – это право человека свободно выбирать себе занятие по душе, т.е. право свободного труда. Таким образом, свобода труда вместе с тем означает и свободный для гражданина выбор рода деятельности и профессии.

Общеизвестный факт, что законодательства независимого Таджикистана существенно отличается от Советского Таджикистана. Значимость сравнительно-правового анализа права человека на труд имеет ведущее положение в процессе исследования данной темы.

---

[585] *Более подробно см: Саъдизода Дж. Некрузи Ф. Декларация Кира Великого и Великая Хартия Вольностей: сходства и различия. (на тадж. яз.) // Правовая жизнь. Издательства юридического факультета Таджикского национального университета №2 (10). Душанбе, 2015. – С. 71-85.*

[586] *Более подробно см: Саъдизода Дж. Правовая культура и культура прав человека: теоретический анализ (на тадж. яз.) // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – №3/7 (99). Душанбе: «Сино», 2012. – С. 81-84.*

В ст. 5 Трудовой кодекс Республики Таджикистан (далее ТК РТ) предусмотрено «свобода труда»[587], которого нет в Конституции Республики Таджикистан. Хотя в ст. 35 Конституции Республики Таджикистан предусмотрено «право на труд». Тем не менее, в ст. 2 Трудовой кодекс Российской Федерации (далее ТР РФ) употребляется понятие «право на труд»[588], которого нет в Конституции Российской Федерации. Оно указано в качестве компонента свободы труда, закрепленный в ст. 2 ТК РФ принципе, сформулированном как «свобода труда, включая право на труд, который каждый свободно выбирает или на который свободно соглашается, право распоряжаться своими способностями к труду, выбирать профессию и род деятельности»[589]. Но почему тогда то, что в ч. 1 ст. 37 Конституции РФ определяется как свобода труда, что общепризнанно, в ст. 2 ТК РФ определяется как право на труд, что совершенно некорректны, поскольку отсутствуют обязательные, в соответствии с международными стандартами в сфере труда, компоненты права на труд: возможность каждого зарабатывать на жизнь трудом и гарантии данного права.

Это разные по своему содержанию понятия, лишь частично совпадающие друг с другом. Основной смысл свободы труда заключается в свободе от труда, т.е. от обязанности трудиться, в запрете принудительного труда, а затем уже, если есть возможность реализовать свои способности к труду, в добровольном выборе рода занятий и профессии. Если возможность зарабатывать себе на жизнь трудом как необходимый элемент права на труд не закреплена, то свобода выбора профессии – юридическая фикция. Поэтому совершенно обоснованно, как видно из приведенных нами норм основополагающих международных актов о труде, в них сначала провозглашается право на труд как таковое, как, прежде всего, право каждого человека зарабатывать на жизнь трудом, а уже затем право на свободный выбор работы. И указанная конструкция нормы ст. 2 ТК РФ, не содержащая в себе названных необходимых элементов, логически несостоятельна. В соответствии с вышеуказанными факторами, мы выдвигаем следующие обоснования в области различия «право человека на труд» и «свобода человека на труд». Касаемо «право человека на труд» наряду с признанием и соблюдением этого права, государство обязуется обеспечить все необходимые, жизненно важные и достойные условия для человеческого труда. Вместе с тем, как «свобода человека на труд» предусматривает лишь признание и соблюдения этого правового феномена на конституционном уровне.

Как было отмечено, «право на труд» и «свобода труда» – это разные понятия. Нетрудно заметить, что формулировка право на труд в ст. 2 ТК РФ повторяет частично формулировку ст. 6 МПЭСКП от 16 декабря 1966 г. и в качестве добавления к ней воспроизводит частично норму ч. 1 ст. 37 Конституции РФ, опустив предшествующее ей выражение: «Труд свободен», а позаимствованная из Конституции РФ норма «каждый имеет право свободно распоряжаться своими способностями к труду, выбирать род деятельности и профессию» раскрывает, детализирует содержание предшествующего ей понятия «труд свободен», т. е. свободы труда. Однако ч. 1 ст. 37 Конституции РФ, не содержащая права на труд, не может быть основой закрепления этого права и в ТК РФ. При этом из ст. 6 указанного Пакта изъята самая важная норма, выражающая сущность права на труд. После слов «право на труд» исключено выражение: «которое включает право каждого человека на получение возможности зарабатывать себе трудом». Кроме того, изъято и следующее за этими словами выражение, содержащее гарантии: «государства... предпримут

---

[587] *Более подробно см.: Трудовой Кодекс РТ от 26.07.2016 года №1329. [Электронный ресурс: http://ncz.tj/search/node/%D1%82%D1%80%D1%83%D0%B4%D0%BE%D0%B2%D0%BE%D0%B9%20%D0%BA%D0%BE%D0%B4%D0%B5%D0%BA%D1%81]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

[588] *Более подробно см.: Трудовой Кодекс Российской Федерации от 30.12.2001 № 197-ФЗ (в редакции от 01.07.2017 г.) // [Электронный ресурс: Официальный интернет-портал правовой информации www.pravo.gov.ru]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

[589] *Более подробно см.: Ст. 2. Трудовой Кодекс Российской Федерации от 30.12.2001 № 197-ФЗ (в редакции от 01.07.2017 г.) // [Электронный ресурс: Официальный интернет-портал правовой информации www.pravo.gov.ru]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

надлежащие шаги для обеспечения этого права». Без этих положений формулировка права на труд в ст. 2 ТК РФ представляет собой компиляцию из норм о свободе труда и действительно является применительно к постулированному в ней праву на труд юридической фикцией, не имеющей реального содержания, в том числе и в виде гарантий получения работы по выбору. Ибо не может быть гарантии, если нет самого права. В связи с этим уместно отметить, что еще до принятия Конституции РФ Л.Ю. Бугров писал, что «Декларация от 22 ноября 1991 г. (а, следовательно, и Конституция РФ) все-таки должна содержать указания на условия и основные гарантии права на труд, ибо без них соответствующие регламентации могут обратиться в юридические фикции»[590]. К сожалению, так оно и получилось и в Конституции, и в ТК РФ. Действительно, государство не обязано обеспечить работой конкретного человека. Но оно должно обеспечить систему гарантий, позволяющих ему реализовать свои способности к труду.

Все основные международно-правовые акты предусматривают обязанность государств проводить политику полной занятости как средства эффективного осуществления права на труд. Иначе говоря, речь идёт не только о легальном закреплении этого права, но и о гарантиях его обеспечения. В этой связи уместен анализ содержания соответствующих конституционных норм, в частности, в государствах, ранее входивших в СССР. В некоторых из них в полном соответствии с указанными международно-правовыми актами не только закрепляется право на труд в такой непосредственной формулировке, но и содержатся гарантии этого права. Так, в ст. 41 Конституции Республики Беларусь её гражданам «гарантируется право на труд как наиболее достойный способ самоутверждения человека, то есть право на выбор профессии, рода занятий и работы в соответствии с призванием, способностями, образованием, профессиональной подготовкой и с учетом общественных потребностей, а также на здоровые и безопасные условия труда. Государство создает условия для полной занятости населения. В случае незанятости лица по не зависящим от него причинам ему гарантируется обучение новым специальностям и повышение квалификации с учетом общественных потребностей, а также пособие по безработице в соответствии с законом»[591]. В ст. 43 Конституции Украины закреплено, что: «Каждый имеет право на труд, что включает возможность зарабатывать себе на жизнь трудом, который он свободно избирает или на который свободно соглашается. Государство создает условия для полного осуществления гражданами права на труд, гарантирует равные возможности в выборе профессии и рода трудовой деятельности, реализует программы профессионально-технического обучения, подготовки и переподготовки кадров в соответствии с общественными потребностями»[592]. Далее закрепляется право на безопасные и здоровые условия труда, заработную плату не ниже минимальной, защиту от незаконного увольнения, забастовку, защиту от безработицы, в том числе и выплату пособий по безработице. Есть также норма о запрете принудительного труда. Формулировки, непосредственно закрепляющие право на труд, содержатся также в Конституциях Молдовы (ст. 43[593]) и Узбекистана (ст. 37[594]). В Конституциях Латвии (ст. 106[595]), Литвы (ст. 48[596]), Эстонии (ст. 29[597]), Грузии (ст.

---

[590] *Более подробно см.: Бугров Л.Ю. Проблемы свободы труда в трудовом праве России. – Пермь, 1992. –С.98*

[591] *Более подробно см.: Конституция Республики Беларусь 1994 года. [Электронный ресурс: https://wipolex-res.wipo.int/edocs/lexdocs/laws/ru/by/by016ru.pdf]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

[592] *Более подробно см.: Конституция Украины от 26 июня 1996 года. [Электронный ресурс: http://continent-online.com/Document/?doc_id=30391155#pos=210;-38]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

[593] *Более подробно см.: Конституция Республики Молдовы от 27 августа 1994 года. [Электронный ресурс: https://www.presedinte.md/titlul2#2]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

[594] *Более подробно см.: Конституция Республики Узбекистан от 8 декабря 1992 года. [Электронный ресурс: https://constitution.uz/ru/clause/index#section7]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

[595] *Более подробно см.: Конституция Латвийской Республики от 15 февраля 1922 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/latvia.pdf]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

[596] *Более подробно см.: Конституция Литовской Республики от 25 октября 1992 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/lithuania.pdf]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

30[598]) формулировка «право на труд» не употребляется, а закрепляется свобода труда как свобода в выборе профессии и места работы с отдельными ее гарантиями. Везде акцентируется внимание на запрете принудительного труда. Невольно напрашивается вывод, что в России и в этих государствах на постсоветском пространстве при разработке проектов конституций проявилось желание избежать употребления самого понятия «право на труд», явно с целью решительного разрыва с социалистическим прошлым. Но право на труд не имманентно только какой-либо определенной социально-политической системе, а должно быть неотъемлемым правом каждого человека в любом современном обществе. И каждое государство должно всеми возможными мерами содействовать его реализации. Ибо труд как целенаправленная деятельность человека по созданию материальных и духовных благ является источником существования и развития любого общества и государства. Именно поэтому данное право должно быть недвусмысленно закреплено в основном законе каждого государства вместе с гарантиями, обеспечивающими его реализацию. Тем более оно должно быть закреплено в Конституции РФ, провозгласившей Россию социальным государством, политика которого направлена на создание условий, обеспечивающих достойную жизнь и свободное развитие человека. Уместно отметить, что, например, в ст. 4 Конституции Италии 1947 г. декларируется: «Республика признает за всеми гражданами право на труд и создает условия, которые делают это право реальным»[599], а в ст. 27 Конституции Японии сказано: «Все имеют право на труд и обязаны трудиться. Заработная плата, рабочее время, отдых и другие условия труда определяются законом. Эксплуатация детей запрещается»[600]. Необходимость легального закрепления права на труд в нашей стране в Конституции РФ признается авторитетнейшими учёными в области трудового права М.В. Лушниковой и А.М. Лушниковым[601]. Наиболее полно соответствуют упомянутым нормам Всеобщей декларации прав человека и Пакта «Об экономических, социальных и культурных правах» формулировки права на труд и его гарантии в Конституциях Беларуси и Украины. В этой связи уместен вопрос: содержатся ли фактически необходимые элементы, в совокупности образующие право на труд, в международно-правовой интерпретации в массиве действующего трудового законодательства России? Ответ на него может быть утвердительным. В Российском трудовом законодательстве достаточно много подобных норм. Это и закрепление (в ст. 5 ФЗ «О занятости населения в РФ») государственной политики содействия реализации прав граждан на полную, продуктивную и свободно избранную занятость путем обеспечения равных возможностей всем гражданам России в реализации права на добровольный труд и свободный выбор занятости, и поддержка трудовой и предпринимательской инициативы граждан, и обязанность органов государственной службы занятости оказывать содействие в трудоустройстве граждан, и другие меры, в совокупности реально выражающие право на труд как элемент правового статуса гражданина России. До заключения трудового договора оно существует как элемент трудовой правосубъектности, а после – как субъективное право, которому корреспондируют соответствующие обязанности работодателя. Таким образом, можно констатировать, что по своему содержанию право на труд и его гарантии в действующем трудовом законодательстве России имеются с содержательной стороны в соответствии с требованиями основополагающих международно-правовых актов о труде.

---

*[597] Более подробно см.: Конституция Эстонской Республики от 28 июня 1992 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/estonia.pdf]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

*[598] Более подробно см.: Конституция Грузии от 24 августа 1995 года. [Электронный ресурс: https://www.refworld.org/cgi-bin/texis/vtx/rwmain/opendocpdf.pdf?docid=548f04404]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

*[599] Более подробно см.: Конституция Италии от 27 декабря 1947 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/italy.pdf]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

*[600] Более подробно см.: Конституция Японии от 3 ноября 1946 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/japan.pdf]. Дата обращения: 25.03.2022г.*

*[601] Лушников А.М., Лушникова М.В. Курс трудового права. – М., 2009. Т. 1. – С. 815.*

Государство создает условия для обеспечения максимально возможной, полной, продуктивной занятости граждан путем обеспечения равных возможностей всех граждан в реализации права на труд, содействия органов государственной службы занятости в трудоустройстве граждан, в их профессиональной подготовке и переподготовке». Что касается нормы о свободе труда, то ее целесообразно в Конституции РФ сформулировать следующим образом: «Труд свободен. Каждый вправе свободно распоряжаться своими способностями к труду. Принудительный труд запрещается», предпослав её указанной норме о праве на труд. Аналогичные нормы необходимо включить и в ТК РФ в форме отдельной статьи.

Полагаем, что досоветское трудовое законодательство было сформировано в целом к началу XX века, в нем сложились основные институты будущей отрасли трудового права, оформившейся в советский период. Поэтому следует говорить не об отрицании опыта прошлого, а о восприятии и преемственности структуры, основных институтов трудового права. Исторически выделились социально-значимые вопросы, которые требовали обязательного законодательного регулирования. Решение этих вопросов, как показал исторический опыт, выступало гарантом стабильности власти. История показала, что право человека на труд – это социально-значимый феномен права.

Принятые после 1985 года нормативные акты в области трудовых отношений по своему содержанию всецело отражали накопившиеся в обществе проблемы: в ходе государственной перестройки пострадали социальные низы, а именно рабочие и крестьянство. Перестройка привела к кризису производства, сокращению рабочих мест, массовым увольнениям работников, появлению массовой безработицы, падению жизненного уровня, подавляющего числа лиц, проживавших в стране. Все это усугубилось денежной реформой, высоким уровнем преступности, захватом предприятий, приватизацией ничего не давшей населению, кроме отчаяния и непонимания ее сущности, массовым исходом населения с национальных окраин, вооруженными конфликтами на территории страны, крушением СССР и идеологическим вакуумом. В этих условиях предстояло создать новое законодательство, которое бы превзошло социально направленное трудовое законодательство советского периода и смогло бы обслужить новую экономику. Трудовое право периода перестройки стало существенно отличаться от ранее действовавшего права, что было связано с сокращением ряда гарантий для работников и утратой прогрессивных выработанных временем законодательных конструкций, характеризовавших советское трудовое право, как цивилизационную ценность, на которую ориентировались страны запада и США при разработке своего национального законодательства в сфере труда.

Сравнительно-правовой анализ права человека на труд в Республике Таджикистан и Российской Федерации, а также зарубежных стран позволяют увидеть своеобразие национальной системы правового регулирования в сфере труда, сопоставить с законодательством зарубежных стран, выделить сходства и различия, показать ее соотношение с международно-правовыми стандартами, разработанными человечеством в период своего существования.

**Литература:**


1. Саъдизода Дж. Некрузи Ф. Декларация Кира Великого и Великая Хартия Вольностей: сходства и различия. (на тадж. яз.) // Правовая жизнь. Издательства юридического факультета Таджикского национального университета №2 (10). Душанбе, 2015.–С.71-85.
2. Саъдизода Дж. Правовая культура и культура прав человека: теоретический анализ (на тадж. яз.) // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. №3/7 (99). Душанбе: «Сино», 2012. – С. 81-84.
3. Бобозода У.Э. Роль труда в развитии человека: сравнительно-правовое регулирование законодательств Республики Таджикистан и Российской Федерации. // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. №4 (20), 2020. Душанбе. 167-174с.

4. Трудовой Кодекс Российской Федерации от 30.12.2001 № 197-ФЗ (в редакции от 01.07.2017 г.) // [Электронный ресурс: Официальный интернет-портал правовой информации www.pravo.gov.ru]. Дата обращения: 25.03.2023г.
5. Трудовой Кодекс РТ от 26.07.2016 года №1329. [Электронный ресурс: http://ncz.tj/search/node/%D1%82%D1%80%D1%83%D0%B4%D0%BE%D0%B2%D0%BE%D0%B9%20%D0%BA%D0%BE%D0%B4%D0%B5%D0%BA%D1%81].Дата обращения: 25.03.2023г.
6. Трудовой Кодекс Российской Федерации от 30.12.2001 № 197-ФЗ (в редакции от 01.07.2017 г.) // [Электронный ресурс: Официальный интернет-портал правовой информации www.pravo.gov.ru]. Дата обращения: 25.03.2023г.
7. Бугров Л.Ю. Проблемы свободы труда в трудовом праве России. – Пермь, 1992. 175с.
8. Конституция Республики Беларусь 1994 года. [Электронный ресурс: https://wipolex-res.wipo.int/edocs/lexdocs/laws/ru/by/by016ru.pdf]. Дата обращения: 25.03.2023г.
9. Конституция Украины от 26 июня 1996 года. [Электронный ресурс: http://continent-online.com/Document/?doc_id=30391155#pos=210;-38]. Дата обращения: 25.03.2023г.
10. Конституция Республики Молдовы от 27 августа 1994 года. [Электронный ресурс: https://www.presedinte.md/titlul2#2]. Дата обращения: 25.03.2023г.
11. Конституция Республики Узбекистан от 8 декабря 1992 года. [Электронный ресурс: https://constitution.uz/ru/clause/index#section7]. Дата обращения: 25.03.2023г.
12. Конституция Латвийской Республики от 15 февраля 1922 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/latvia.pdf]. Дата обращения: 25.03.2023г.
13. Конституция Литовской Республики от 25 октября 1992 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/lithuania.pdf]. Дата обращения: 25.03.2023г.
14. Конституция Эстонской Республики от 28 июня 1992 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/estonia.pdf]. Дата обращения: 25.03.2023г.
15. Конституция Грузии от 24 августа 1995 года. [Электронный ресурс: https://www.refworld.org/cgibin/texis/vtx/rwmain/opendocpdf.pdf?docid=548f04404]. Дата обращения: 25.03.2023г.
16. Конституция Италии от 27 декабря 1947 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/italy.pdf]. Дата обращения: 25.03.2023г.
17. Конституция Японии от 3 ноября 1946 года. [Электронный ресурс: https://legalns.com/download/books/cons/japan.pdf]. Дата обращения: 25.03.2022г.
18. Лушников А.М., Лушникова М.В. Курс трудового права. – М., 2009. Т. 1. 910с.

**Раҳмон Дилшод Сафарбек, Сафарзода Некруз Файзӣ**

# ОЗОДӢ, ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ ВА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

***Раҳмон Дилшод Сафарбек,*** *профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Тел.: +992 918675282* ***E-mail:*** *s_dilshod85@mail.ru*

***Сафарзода Некруз Файзӣ,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ* ***Тел.:*** *(+992) 939259828* ***E-mail:*** *nekruz-0101@mail.ru*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносии муосир – озодӣ, худогоҳии миллӣ ва тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули илму техника, ки дар ду садаи сипаришуда бо суръати баланд инкишоф ёфта истодаанд, агар аз як тараф фаъолияти корӣ ва муоширати инсонро ба маротиб сабук намуда бошанд, аз тарафи дигар

муносибатҳои ғайриахлоқӣ ва зиддифарҳангиро рӯйи кор оварда, як навъ мушкилотро барои нигоҳдошти Истиқлоли давлатӣ ва суботи комил ба вуҷуд овардаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи инсон, озодии инсон, худогоҳии миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ, Истиқлоли давлатӣ, манфиатҳои миллӣ.

## СВОБОДА, НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОСОЗНАНИЕ И ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ГРАЖДАН

***Рахмон Дилшод Сафарбек,*** *профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета доктор юридических наук* ***Тел.:*** *+992 918675282* ***E-mail:*** *s_dilshod85@mail.ru*

***Сафарзода Некруз Файзи,*** *ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета кандидат юридических наук* ***Тел.:*** *(+992) 939259828* ***E-mail:*** *nekruz-0101@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье рассматривается один из актуальных вопросов современной юриспруденции – свобода, национальное самосознание и патриотическое воспитание граждан. По мнению автора, процесс глобализации и развития науки и техники, развивавшиеся с большой скоростью в последние два века, если с одной стороны значительно облегчили труд и общение людей, то с другой стороны, они создали безнравственные и антикультурные отношения, как бы создали проблемы для сохранения государственной независимости и полной стабильности.

**Ключевые слова:** права человека, свобода человека, национальное самосознание, воспитание патриотизма, государственная независимость, национальные интересы.

## FREEDOM, NATIONAL CONSCIOUSNESS AND PATRIOTIC EDUCATION OF CITIZENS

***Rahmon Dilshod Safarbek,*** *Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Faculty of Law of TNU, Doctor of Law* ***E-mail: s_dilshod85@mail.ru***

***Safarzoda Nekruz Fayzi,*** *Junior lecturer of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty, Tajik National University, candidate of Law* ***Phone:*** *(+992) 939259828* ***E-mail:*** *nekruz-0101@mail.ru*

**Annotation:** This article discusses one of the topical issues of modern jurisprudence – freedom, national identity and patriotic education of citizens. According to the author, the process of globalization and the development of science and technology, which developed at a high speed in the last two centuries, if, on the one hand, greatly facilitated the work and communication of people, on the other hand, they created immoral and anti-cultural relations, as if they created problems for the preservation state independence and complete stability. Today, the Republic of Tajikistan is confidently moving towards the creation of a national state, protecting the heritage of history, culture and national interests in the context of globalization.

**Keywords:** human rights, human freedom, national identity, education of patriotism, state independence, national interests.

Инсоният дар масири ҳастии худ ҳамвора ҷониби озодӣ майл намуда, онро ҳамчун як рукни асосии ҳаёт ва намоди зиндагӣ маънидод карда, замина гузошт то дар марҳилаи бунёди давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд он ба сифати унсури марказӣ пазируфта шавад. Озодӣ марбут ба ҳолати табиии инсон аст. Яъне, аз диди фалсафӣ муайян намудани ҳудуди татбиқсозии озодӣ ғайриимкон буда, инсон онро дар доираи тафаккури худ анҷом медиҳад, аммо аз дидгоҳи ҳуқуқӣ озодӣ дар сарҳади мушаххас татбиқ карда мешавад. Пас саволи

матраҳ ин аст, ки инсоният дар марҳилаи кунунӣ дунболи кадом навъи озодии худ талош дорад? Магар озодии фалсафӣ ва ҳуқуқӣ ба амнияти давлат, якпорчагии он, нигоҳдошти истиқлоли давлатӣ ва ҳувияти миллӣ таҳдид намуда метавонанд?

Дар марҳилаи кунунӣ муносибатҳо дар ҷомеаи инсонӣ то ҳадде рушд ёфтаанд, ки боис ба эътирофнамоӣ ва дигаргунсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон гардида, низомҳои ҳуқуқиро моил бар он намуда истодаанд то мазмун ва моҳияти худро дигаргун созанд. Аз ҷумла, дар баъзе аз давлатҳои аврупоӣ ҳуқуқ ва озодиҳое мавриди эътирофнамоӣ қарор гирифтаанд, ки ба урфу одат, тарзи зиндагӣ, ахлоқи ҷомеа, манфиатҳои давлат ва низоми ҳуқуқии миллии мо мутобиқат наменамоянд. Дар ин марҳилаи ҳассоси зиндагӣ, ки ҳар як субъекти ҷомеаи башарӣ дунболи мақсад ва ҳадафҳои худ қадам мезанад, олами ҷузъ ба кулл латмаи сахт ворид намуда, боис ба хатарзо гардидани вазъ дар сайёраи замин ва эҳтимолияти такроршавии ҳодисаҳои талхи таърихро ба вуҷуд овардааст. Дар ҳоле арзишҳову манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва сиёсӣ бологузар мегарданд, пас дар мавриди манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ сухан рондан бамаротиб мушкил мегардад. Зеро, субъектҳои нахустишорашуда озодӣ ва манфиатҳои худро аз будаш зиёд тасаввур намуда, имконияти татбиқ намудани ҳадафҳои миллиро барои давлатҳои ҷудогона, махсусан давлатҳои дар ҳоли рушд қарордошта, намедиҳанд. Аз ин дидгоҳ, бунёд намудани андешаи давлати миллӣ дар замири насли замони муосир таъхирнопазир буда, тақозо менамояд то мақомоти марбут дунболи ин масъала корҳои заруриро ба сомон расонанд. Вале, бунёди андешаи давлати миллӣ бидуни баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ дар замири аҳолӣ имконнопазир мегардад. Аз ин дидгоҳ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин лаҳзаҳои ба даст гирифтани зимоми давлатдорӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро роҳи асосии расидан ба ҳадафҳои миллӣ маънидод менамоянд, ки инро метавон дар суханрониҳо ва таҷрибаи ироаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ возеҳан мушоҳида намуд.

Маврид ба тазаккур аст, ки Пешвои муаззами миллат ҳанӯз дар нахустин солҳои ҳазорсолаи нав, аниқтараш 30-юми апрели соли 2001 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ иброз намуда буданд, ки насли ояндаи тоҷик бояд дар руҳияи ватандӯстию худшиносии миллӣ, ҳифзи истиқлолияту якпорчагии давлат тарбия ёфта, номбардори ниёгони хирадманд, сулҳпарвар, эҷодкор ва ба ору номуси хеш бошанд. Воқеан, дар чунин шакл таҳрезӣ намудани сиёсати давлатӣ роҳи минбаъдаи бунёди давлатдории миллӣ, эҳёи ҳисси ватандӯстӣ, ватанпарварӣ ва нигоҳдошти истиқлолияти давлатиро дар замири аҳолӣ бедор намуд. Пешвои муаззами миллат хуб дарк намуда буданд, ки дар даҳсолаи охири садаи сипаришуда, маҳз ҳисси бегонапарастӣ, маърифати пасти даркнамоӣ, муносибати кӯр-кӯрона нисбат ба дин ва мансабталабии афроди манфиатхоҳ боиси бенизомӣ дар ҷомеа гардида буд. Аз ин рӯ, бо мақсади такрор нагардидани ин ҳодисаи талхи таърихӣ талош намуданд, ки насли ояндаи тоҷик дар руҳияи баланди ватандӯстӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихор аз гузаштаи худ ба камол расида, таъмини якпорчагии марзу буми давлат ва сулҳу суботи комили онро аз тамоми арзишҳо боло гузоранд. Маҳз бо ҳамин назардошт, пас аз даҳ сол, яъне 24-уми апрели соли 2010 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ иброз намуданд, ки «барои пешрафту тараққиёт ва ободии кишвар, пеш аз ҳама, суботи устувори сиёсиву ҷамъиятӣ зарур аст ва аз мову шумо, сарфи назар аз сатҳи мансаб, касбу кор, мансубияти ҳизбӣ, инчунин аз ҳар фарди ватандӯсту ватанпарвар, ки дар вуҷуди худ нангу номуси миллӣ дошта, ободии Ватани хешро мехоҳад, тақозо мегардад, ки ваҳдати миллӣ ва оромиву суботи сиёсии ҷомеаро аз тамоми манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ ва ҳизбӣ боло гузошта, ҳамеша барои ҳифзи онҳо азму талош намояд».

Маълум мешавад, ки таъмин намудани сулҳу субот ва нигоҳдошти Истиқлоли давлатӣ дар заминаи баланд бардоштани ҳисси худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарварӣ тайи даҳсолаҳо дар зери таваҷҷуҳи махсуси Роҳбари давлат қарор дошта,

ҳамвора ҷониби он талош намудаанд. Бемуҳобо метавон иброз намуд, ки дар ин роҳи ноҳамвор Пешвои муаззами миллат муваффақ гардида, таҷрибаи инсонмеҳварӣ ва сулҳофариниро дар ҷомеаи муосир гузоштанд.

Бояд иқрор шуд, ки дар садаи бистуяк бо ташаккули илму техника, бамаротиб доман паҳн намудани ҷаҳони сабз (интернет) ва рушди муносибатҳои ҷомеаи инсонӣ дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ дар замири насли нав то андозае коҳиш ёфта, барои ба вуҷуд овардани арзишҳои ғайриинсонӣ ва ғайриахлоқӣ замина фароҳам оварда истодааст. Дар чунин шароит таъмин намудани оромии комил, сулҳи сартосарӣ, нигоҳдошти амнияти давлат, авлавияти татбиқсозии меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ мушкил гардида, ҳувияти ватансозӣ ва бунёди давлати миллиро дар замири аҳолӣ коҳиш медиҳад. Бо ин назардошт, зарурати муайян намудани сарҳади татбиқсозии муносибатҳои нисбатан нав дар ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, аз низоми ҳуқуқии давлат тақозо менамояд то тавассути меъёрҳои мушаххаси санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳудуди озодии фалсафии инсонро амиқан нишон дода, ин муносибатҳоро ба озодии ҳуқуқӣ мубаддал гардонад. Яъне, озодие, ки сарҳади баамалбарории он тавассути санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки мақомоти қонунбарори давлат ва ё субъекти салоҳиятдор қабул намудааст, яқинан маълум мебошад. Зеро, ҳуқуқ ва озодии инсон ҳаду ҳудуди татбиқсозии худро дорад. Инсон ҳуқуқ ва озодиашро бояд то он ҳудуде ба амал барорад, ки сарҳади ҳуқуқу озодии нафари дигар оғоз меёбад. Дар ҳамин замина, бояд ишора намуд, ки мақомоти қонунбарори кишвар ба самти мазкур, аллакай қадамҳои нахустини худро гузошт ва қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022 далели равшани гуфтаҳои фавқуззикр мебошад. Қонуни мазкур бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Рустами Эмомалӣ ба мақомоти қонунбарори кишвар пешниҳод шуда, фарогирандаи 5 боб ва 21 модда мебошад. Таҷрибаи ҳуқуқэҷоднамоӣ ва қонунбарорӣ башорат аз он медиҳад, ки қабули чунин навъ санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон равона гардида аст, на танҳо дар миқёси Осиёи Марказӣ, балки дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ камназир буда, аз ҷониби олимону коршиносони соҳа баҳои баланд дода мешавад. Ҳадафи аслии қонуни ишорашуда, агар аз як тараф тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон бошад, аз тарафи дигар вогузоштани масъулият бар зиммаи шаҳрвандон дар самти ватандӯстӣ, ватанпарастӣ, худшиносӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, бедории ҳувияти миллӣ, таъмини амният, сулҳу субот ва нигоҳдошти истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёбад. Яъне, ба ҳамин восила мақомоти қонунбарори кишвар масъулияти шаҳрвандонро дар самти нигоҳдошти арзишҳои миллӣ бештар намуда, доираи татбиқсозии муносибатҳои навро, ки имконияти таъсири манфӣ расонидан ба ахлоқи ҷомеа, ҳувияти ватандӯстӣ ва суботи сартосариро доранд, нисбатан маҳдуд намуд. Ба ибораи дигар, озодии фалсафӣ ба озодии ҳуқуқӣ мубаддал гашта, меъёри мушаххаси ҳуқуқиро ба вуҷуд овард.

Озодии фалсафӣ сарҳади давлатеро мемонад, ки ҳудуди он мавриди муҳофизат қарор надошта, дилхоҳ субъект имконияти ворид шудан ба онро дорад. Аммо, озодии ҳуқуқӣ монанд ба сарҳади давлатест, ки ҳудуди онро қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади нигоҳдошти тамомияти арзиву ҳудудӣ, таъмини амният, ҳифзи арзишҳои миллӣ, соҳибихтиёрӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон бо тамоми ҳастӣ муҳофизат ва ҳифз менамоянд. Бояд хуб дарк намуд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ қабул намудани ҳама гуна арзишҳо, ки тавассути фарҳанг, тамаддун ва сиёсати баъзе аз давлатҳову ташкилотҳои байналмилалӣ ба ҷомеаи инсонӣ роҳ меёбанд, ғайриимкон ва мантиқан ғайри қобили қабул мебошад. Зеро, дар пасманзари ҳар як арзиши таблиғшаванда, ки ба арзишҳои миллӣ бархӯрд доранд, як арзиши миллӣ нобуд гардида, имконияти ба вуҷуд овардани холигии ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқиро дар давлат дорад. Аз ин рӯ, озодии фалсафӣ, ки хусусияти мутлақ дошта, дар тафаккури аҳолии сайёра бо ба вуҷуд омадани низоми сиёсии демократӣ бештар ҷой гирифт ва боиси таблиғу ташфиқи арзишҳои ғайриахлоқӣ дар ҷомеа гардида истодааст, бояд дар доираи меъёри ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода шавад. Дар чунин ҳолат имконият фа-

роҳам меояд, ки давлат баҳри расидан ба ҳадафҳои миллии худ ва нигоҳдошти Истиқлоли давлатӣ қадамҳои устувор ниҳода, ба бунёди ҷомеа дастёб гардад, ки асоси онро афзалияти меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

– Раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули илму техника, ки дар ду садаи сипаришуда бо суръати баланд инкишоф ёфта истодаанд, агар аз як тараф фаъолияти корӣ ва муоширати инсонро ба маротиб сабук намуда бошанд, аз тарафи дигар муносибатҳои ғайриахлоқӣ ва зиддифарҳангиро рӯйи кор оварда, як навъ мушкилотро барои нигоҳдошти Истиқлоли давлатӣ ва суботи комил ба вуҷуд овардаанд. Равандҳои ишорашуда, ки ба озодӣ ва ҳуқуқи шахс бартарият медиҳанд, боис бар он гардидаанд, ки дар муҳити илми ҳуқуқи инсон наслҳои нав рӯйи кор оянд. Вале, на ҳамаи ин ҳуқуқу озодӣ ба ҳадафҳои давлатсозӣ ва бунёди ҷомеаи инсонӣ созгор мебошанд. Аз ин нигоҳ, низоми ҳуқуқии миллии мо бояд дар заминаи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва манфиатҳои миллӣ бунёд карда шавад.

– Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати миллӣ қадамҳои устувор ниҳода, газандёбии таърих, фарҳанг ва манфиатҳои миллиро дар раванди ҷаҳонишавӣ мавриди ҳифз қарор дода истодааст. Аммо, аз нигоҳи мо бунёди давлати миллӣ бидуни баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву худогоҳӣ ғайриимкон мебошад. Бо ин мақсад, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» саривақтӣ буда, заминаи воқеиро дар самти бедории ҳувияти миллӣ ба вуҷуд меорад.

– Озодии фалсафӣ, ки дар заминаи низоми сиёсии демократӣ бештар рушд намуда, зеҳну ақли ҷомеаи инсониро ба худ ҷалб намудааст, дар ҳолатҳои зарурӣ бояд ба озодии ҳуқуқӣ табдил дода шавад. Зеро, мутлақият додан ба озодии инсон боиси ба вуҷуд омадани арзишҳои ғайриинсонӣ гардида, имконияти таъсири манфӣ расонидан ба истиқлоли давлатӣ ва ахлоқи ҷомеаро дорад. Аз ин нигоҳ, ҳангоми муайян намудани сарҳади озодии инсон, он набояд ҳамчун поймолсозии озодии ӯ баҳогузорӣ карда шавад.

– Аз мазмун ва моҳияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории миллӣ бар меояд, ки манфиатҳо ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд: манфиатҳои шаҳрванд, ҷомеа ва давлат. Аз нигоҳи мо, дар сурати ба ҳам тавъам гардидани ҳар се гурӯҳи манфиатҳо имконияти воқеӣ фароҳам меояд то Истиқлоли давлатӣ нигоҳ дошта шуда, ҳадафҳои миллӣ татбиқ карда шаванд ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи муқаррарнамудаи қонун амалӣ гарданд.

**Бобоева Низорамоҳ Идиевна, Имомова Ф.С.**

## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ЗАНОН

***Бобоева Низорамоҳ Идиевна,*** *дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ* ***Тел.:*** *552556008*

***Имомова Ф.С.,*** *ассистенти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода*

**Фишурда:** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни ҶТ дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо 1-уми марти соли 2005 қабул карда шудааст. Қонун аз 5 боб ва 23 модда иборат мебошад. Қонун ҳуҷҷати тақдирсоз буда, муносибатҳо ва масъалаҳоеро, ки ба таъмини кафолатҳои конститутсионии занон, баробарҳуқуқии онҳо бо мардон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, хусусан, соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологӣ ҳамчунин хусусӣ танзим менамояд, баррасӣ мекунад.

**Калидвожаҳо:** қонун, қонунҳои ҶТ, занон, ҳуқуқ, озодӣ, соҳа. баробарҳуқукӣ, ҳуҷҷат, конститутсия.

## РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В РЕАЛИЗАЦИИ ПРАВ И СВОБОД ЖЕНЩИН

***Бобоева Низорамох Идиевна,*** *доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета кандидат юридических наук* ***Тел.:*** *552556008*

***Имамова Ф.С.,*** *ассистент Международного университета иностранных языков имени С. Улугзода*

**Аннотатция:** 01.03.2005 в Республики Таджикистан принята закон о государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации. Оно состоит из 5 глав и 23 статьи. Настоящий Закон регулирует отношения по обеспечению конституционных гарантий равноправия мужчин и женщин в социальной, политической, культурной, а также в любой другой сфере, направлен на предотвращение дискриминации по признаку пола и устанавливает государственные гарантии равных возможностей лицам разного пола.

**Ключивые слова:** закон, закон РТ, женщин, права, свобода, сфера, равноправия, документ, конститутсия.

## THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN REALIZING WOMEN'S RIGHTS AND FREEDOM

***Boboeva Nizoramoh Idievna,*** *Docent of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Faculty of Law of TNU, PhD in Law* ***Phone:*** *552556008*

***Imamova F.S.,*** *assistant at the International University of Foreign Languages named after S. Ulugzod.*

**Abstract:** On March 1, 2005, the Republic of Tajikistan adopted a law on state guarantees of equal rights for men and women and equal opportunities for their realization. It consists of 5 chapters and 23 articles. This Law regulates relations to ensure constitutional guarantees of equal rights for men and women in the social, political, cultural, as well as in any other sphere, is aimed at preventing discrimination based on sex and establishes state guarantees of equal opportunities for people of different sexes.

**Keywords:** law, law of the Republic of Tatarstan, women, rights, freedom, sphere, equality, document, constitution.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ дар паёмҳои худ нақши занонро дар арсаи ҷомеа арҷгузорӣ карда, пешравии ҷомеа ва давлатро бо онҳо баробар мегузорад. Инаст, ки дар паёми соли гузашта 23.12.2022 овардаанд, ки … мо тасмим дорем, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба неруву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем.

Дар тамоми асрҳои гузашта ва ҳозира рисолати занони донишманд гӯвоҳи онро медиҳанд, ки панди рузғорро бар мардум талқин менамоянд. Бинобар ҳамин дар оила, дар ҷомеа, дар сохтор ва идоракунии давлат, дар байни мардумон, афродиён мақоми шоиста ва эҳтироми хоссаеро ишғол мекарданд. Ҳисси баланди масъулиятшиносӣ чолокию кордонӣ ва навоварию зиракии занҳо ҳаст, ки бузургон овардаанд: – «Инсонҳо – занони хубу оқил ба мисли донаҳои марвориданд, ки доштани онҳо сарват ва дидани онҳо лаззат аст».

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо, кодексҳо, санадҳои зериқонунӣ, шартномаҳо ва бисёр дигар аснодҳои ҳуқукӣ қабул карда шудаанд, ки ҳуқуқу

озодиҳои занонро то ба хатҳои кулминационӣ бардоштаанд. Бисёр мисолҳое овардан ҷоиз аст, ки ин гуфтаҳои болоро тарафдорӣ мекунанд. Бо дастгирии Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалии Раҳмон шахсияти занон баланд бардошта шуда, таъиноти онҳо ба пешбарӣ намудани вазифаҳои роҳбарикунанда ва дигар корҳои давлатию сиёсӣ мавқеи беандозаи худро ёфтааст.

Ҳама ширинихои дунё бо ҳастии занон хуш аст. Ба тамоми пешравиҳо ва хубиҳои дунё занони тоҷик молик гаштаанд. Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода аз пайки зиндагиномаи ҳуд аз пайки зиндагии мардуми биҳиштосойи занони тоҷик дар ин мамлакати бузурги офтобӣ, ки наҳати гулеро монанд аст, суханпардозӣ кардаанд.

Аз асл гирем, сарчашмаи меҳандустии занон аз ҷойи тавлиди ӯ аз хоки баланди маҳалли ӯ, ки хуни нофи ӯ дар онҷо рехтааст, шуруъ мешавад ва солҳои дигар он васеъю фарох мегардад, инаст, ки ғурури миллӣ, ифтихори ватандорӣ, ҳисси дустдории мулки падарию бобойӣ, азизу муътабар аст. Занони тоҷик нангу номуси ободкунӣ доранд, чи дар хона ва чи дар коргоҳ манзалати худро нигоҳ медоранд.

Зулолчашмаи савоб, аз гили гуноҳи ноб муназзаҳ фақат зан-модар аст. Барномаи давлатии «Баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа» аз соли 1999 амал карда, дар асоси он ва дигар қонунгузориҳои ҷумҳурӣ Қонуни ҶТ дар бораи баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои амалигардонии онҳо аз 01.05.2005 қабул карда шуд. Мақсади асосии ин ҳуҷҷати тақдирсоз ҳифз ва ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои занон дар ҷомеаи имрӯза мебошад.

Дар баробари бисёр дастовардҳо яке аз дастовардҳои бузурги Пешвои миллат дар замони муосир таъмин намудани фазои озодӣ демократӣ, мавҷудияти гуногунандешии сиёсӣ, заминаҳои ҳуқуқии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон-занон ҳамчун арзиши олӣ ва рӯ овардан ба сиёсати таъмин кардани шароити арзандаи мусоид ба ҳар як зан-модар дар Тоҷикистон мебошад. Ин фазои озод мардуми моро ба ҷараёни давлатдории пешқадами ҷаҳонӣ муаззаф карда, ва онҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд, ки миллати тоҷик қудрат дорад ва бо бовари метавонад ба ҳаёт рушдиҳо биёрад, ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии худро ба монанди дигар давлатҳои пешрафта дигаргуну навин созад ва роҳандозӣ намояд.

Пешвои муаззами миллат дубора ин миллати парокандаро ҳамчун миллати куҳанбунёд ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид сохт. Саҳми мо занон аст, ки мардон ин қадар қувваи бузурги мардиро ноиланд. Номовар, рӯҳафзо, биҳишти бебадал, нахустоғози достонҳо, фаришта, беҳамто, файзёб, китоби офтобӣ ин занонанд. Зан тахтнишин бо тахти пасташ, шабнами барги атриётанд онҳо. «Дар рушди ҳаёти иҷтимоӣ нақши занон ва ҷавонондухтарон ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеъа ниҳоят арзишманд мебошанд. Ташаббусҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамеша дастгирӣ ёфта, онҳо ба корҳои роҳбарӣ дар ҳамаи шохаҳои ҳокимият ба сохтору мақомотҳои давлатӣ ҷалб карда мешаванд». Э. Раҳмон. Дар партави ин суханҳо суханҳои дигаре ҳусни онро тоза мегардонад.

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ фармудааст. «Зан қонуни пурнури хонавода, маркази меҳр, намояндаи ишқ, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббату дустӣ ва чашмаи биҳишт аст».

Ӯст, ки шуморо аз як тан офарид ва аз он тан занонро офарид, то, ки мояи ороиши ӯ бошад. (Сураи Аъроф 189.)

Эй касоне, ки эмон овардаед, шуморо ҳалол нест, ки занонро бар хилофи майлашон мерос бибаред. Ва то қисмате аз он чиро, ки ба онҳо додаед бозпас ситонед. Бар онҳо сахт магиред ғайри он, ки гуноҳи фаҳши исбот шуда карда бошанд. Ва бо онон бо накуӣ рафтор кунед. Ва агар шуморо аз он хуш намеояд, дар ҳоле, ки Худо хайри бисёре дар он ниҳода бошад. (Сураи Нисо ояти 19.)

Назари таърихи гувоҳи он аст, ки занон матонати бузурги худро аз давраҳои гузашта то имрӯз кашида овардааст. Зан эъҷодкунандаи тамоми ҳусну латофат ва накҳати гулҳои баҳорист, ки гаҳе мешукуфад ва гаҳе маҷбур мешавад, ки бо тақдири амри зиндагӣ паҷмурда шавад. Аз рӯи нақлҳои бобои рӯзҳои аввали ҷашни наврӯзӣ дар айёми гузашта

бонувон бо либосҳои абрешими обию сабз, мардон бошанд бо ҷомаҳои навдӯхта, байни гулу гулзорҳо пойкубӣ карда, ба рақс мепардохтанд.

Аз гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат гулчин карда мақолҳои нисбатдодаи ин шахсияти бузургро дар арсаи ҷаҳонии наврӯзи оламафрӯз, сайри гули лола, сад ранги чакан, рӯзи модар – зан, рӯзи оила, ваҳдати миллӣ ва дигар чорабиниҳои давлатӣ пардозӣ менамоем. Занҳои ҳар маҳал ин ҷашни қадимаро бо расму русуми хоссае ҷашн мегиранд. Боиси ифтихори мо тоҷикон аст, ки бо шарофат ва пойи қадами истиқлолият, наврӯзи мо боз зиндатар шуд. Ҷашни ниёгони соҳибмаданияту соҳибфарҳанги тоҷик аз сари нав эҳё гаштаю манзалату моҳияти нав эҷод карда ва он ба яке аз беҳтарин ойинҳои аҷдодии пай дар пайи мо табдил ёфтааст. Ӯ ҷашни решапайванди наслҳо, таҷассумкунандаи суннатҳои меросии гузаштагон ва пайки баробарии шабу рӯз дар руи дунё аст. Занҳо ободкунандаанд ва дунё бе инҳо торик аст.

Дастгириҳои Пешво моро рӯҳбаланд намуда, дастовардҳо пеши кор меоянд. Дар ҷумҳурӣ солҳои охир шаҳр ва ноҳияе нест, ки дар сафи мақомоти роҳбарикунандааш дар қатори мардони бонангу номуси тоҷик занон модарон кору фаъолият надошта бошанд ва ҳамаи ин аз шарофати дастгирифтаи ӯст.

Гуфтан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баробарҳуқукии мардону занон ҷойи махсусро ишғол мекунад. Аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сар карда то қонунҳои дигари ҷорӣ муқаррароти махсус қайд шудааст, ки мардону занон баробарии ҳуқуқиро дороянд. Ҳукумат бо рохбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат як қатор чорабиниҳоеро пешбинӣ ва амалӣ гардонидааст, ки барои таъмин ва дастгирии меъёрҳои конститутсионӣ оиди ҳуқуқҳои занон равона карда шудаанд. Ин боиси дастгирӣ, ифтихор ва сарбаландист.

Дар ҷумҳурӣ қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» соли 2005 аз 1-уми март амалӣ гардидааст. Он аз 5 боб ва 23 модда иборат мебошад. Ин ҳуҷҷати тақдирсоз муносибатҳо ва масъалаҳоеро, ки ба таъмини кафолатҳои конститутсионии занон, баробарҳуқуқии онҳо бо мардон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, хусусан, соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологӣ ҳамчунин хусусӣ танзим менамояд. Қонун нисбати онҳо имкониятҳои баробарро хусусан, нисбати шахсони маъюбу маслуқи гурӯҳои 1, 2, 3 ва шахсони ҷинсашон гуногун муқаррар кардааст.

Солҳои гузашта Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақши занон дар ҷомеа» нашр гардида буд. Дар асоси он бошад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар бораи таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010»-ро қабул кард.

Гуфтан ҷоиз аст, ки то ҳозир ин барнома аҳамияти назариявӣ – амалии худро гум накардааст, таъсири он то ҳозир аз мафкураҳо дур нарафтааст. Он аз як ҷиҳат таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва кафолатҳои занонро дар ҷомеаи муттамадини имрӯза муайян мекунад ва аз тарафи дигар иштироки бевоситаи занонро дар сохтори давлатдорӣ ва идоракунии давлатамон ҳамчунин ба корҳои роҳбарӣ пешбарӣ кардани занонро таъмин ва ҳифз менамояд.

Ҳамин тариқ, муқаррарот ва меъёрҳои асосии санадҳои миллӣ ва санадҳои байналмиллалӣ решакан кардани ҳамаи шаклҳои табъизро, таҳқирро нисбати занон дастгирӣ менамоянд. Дар моддаи 16-уми Эъломияи умумии ҳуқуки башар оварда шудааст, ки мардон ва занон, ки ба синни балоғат расидаанд, ҳуқуқ доранд, ки бидуни ягон маҳдудиятҳои нажодӣ, миллӣ ё ин, ки динӣ никоҳ бананд. Онҳо дар вақти бастани никоҳ ва дар вақти никоҳи якҷояашон ё ин, ки бекор кардани ақди никоҳ, ҳуқуқҳои баробарро доранд.

Ӯ Пешво, ӯ наҷотбахши миллат, ӯ асосгузори давлати навини халқи тоҷик, фарзанди ҳақиқӣ, фарзанди фарзонаи миллати мо ва ӯ барои насли ояндаи миллати кӯҳанбунёди мо кӯшишҳое менамояд, ӯ ободкунанда аст ва ин хислатҳо басо рамзиянд барои насли оянда.

**Саидов Исфандиёр Искандарович, Азимов Сунатулло Шераҳмадхонович**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРӢ ВА АМАЛИИ ҲУҚУҚИ ХАЛҚҲО БА ХУДМУЙЯНКУНӢ

***Саидов Исфандиёр Искандарович,*** *дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсент* ***Тел.:*** *+992 918712871* ***E-mail:*** *saidov-i88@mail.ru*

***Азимов Сунатулло Шераҳмадхонович,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 985000226* ***E-mail:*** *azimov.rt@gmail.com*

**Фишурда:** Яке аз ҳуқуқҳои муҳим ва сарнавиштсози халқ – ин ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ мебошад.

Ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ буда, ҳуқуқи ҳар як халқро барои мустақилона муайян намудани шакли мавҷудияти давлатии худ, озодона муайян кардани вазъи сиёсии худ ва ба амал баровардани тараққиёти иқтисодию иҷтимоиро рӯи кор меорад. Муаллиф баъзе паҳлӯҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкуниро таҳлил намуда, хулосаҳои судманд пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, ҳуқуқи халқҳо, худмуайянкунӣ, уҳдадорӣ, принсип, принсипи ягонагӣ, қаламрав, соҳибихтиёрӣ, худмуайянкунии дохилӣ, худмуайянкунии берунӣ.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ПРАВА НАРОДОВ НА САМООПРЕДЕЛЕНИЕ

***Саидов Исфандияр Искандарович,*** *доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета кандидат юридических наук,* ***Тел.:*** *+992 918712871* ***E-mail:*** *saidov-i88@mail.ru*

***Азимов Сунатулло Шерахмадхонович****, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета, Таджикского национального университета,* ***Тел.:*** *(+992) 985000226* ***E-mail:*** *azimov.rt@gmail.com*

**Аннотация:** Одним из важных и значимых прав народа является право на самоопределение.

Право народов на самоопределение является одним из основных принципов международного права и реализует право каждого народа самостоятельно определять форму своего государственного существования, свободно устанавливать свой политический статус, осуществлять экономическое и социальное развитие. Автор проанализировал некоторые теоретические и практические аспекты права народа на самоопределение и представил полезные выводы.

**Ключевые слова:** Право, право народов, самоопределение, обязанность, принцип, принцип единства, территория, суверенитет, внутреннее самоопределение, внешнее самоопределение.

## SOME THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF THE RIGHT OF PEOPLES TO SELF-DETERMINATION

**Saidov Isfandiyar Iskandarovich,** Docent of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University Ph.D. in Law **Тел.:** +992 918712871 **E-mail:** saidov-i88@mail.ru

**Azimov Sunatullo Sherahmadkhonovich,** assistant of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty, Tajik National University **Phone.:** (+992) 985000226 **E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Annotation:** One of the important and momentous rights of a people is the right to self-determination.

The right of peoples to self-determination is one of the basic principles of international law and implements the right of every people to independently determine the form of their state existence, freely determine their political status, and pursue economic and social development.

The author analyzed some theoretical and practical aspects of the right of a people to self-determination and presented useful conclusions.

**Keywords:** Right, right of nations, self-determination, obligation, principle, principle of unity, territory, sovereignty, internal self-determination, external self-determination.

Яке аз ҳуқуқҳои муҳим ва сарнавиштсози халқ – ин ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ мебошад[602].

Ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ буда, ҳуқуқи ҳар як халқро барои мустақилона ҳал кардани шакли мавҷудияти давлатии худ, озодона муайян кардани вазъи сиёсии худ ва ба амал баровардани тараққиёти иқтисодию иҷтимоиро дорад. Ин принсип дар баробари дигар принсипҳо дар Оинномаи СММ таҳкими худро ёфтааст, ки мақсад аз он «инкишоф додани муносибатҳои дӯстонаи байни давлатҳо дар асоси эҳтироми принсипи баробарҳуқуқӣ ва худмуайянкунии халқҳо» мебошад. Дар Оинномаи СММ ҳамин мақсад ба хотири инкишоф додани ҳамкории иктисодӣ ва иҷтимоии байни давлатҳо гузошта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи консепсияи ҳуқуқи инсон ҳуқуқҳои сиёсӣ ҳам инфиродӣ ва ҳам дастаҷамъӣ мешаванд. Бисёр ҳуқуқҳои сиёсӣ аз ҷониби шаҳрванд ба таври инфиродӣ амалӣ мегарданд шахсан ба ӯ имконият фароҳам меоранд, ки дар сиёсат фаъолона иштирок кунад, масалан, ҳуқуқи интихоб кардан, додани овози худ дар интихобот ё раъйпурсӣ, ба хизмати давлатӣ дохил шудан ва ғ. Ҳуқуқҳои сиёсии дастаҷамъӣ, чун қоида, ақидаҳои сиёсии гурӯҳи одамонро таҷассам карда, тавассути амалҳои дастаҷамъӣ татбиқ мегарданд, масалан, таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ, ташкили намоиши осоишта ва иштирок дар онҳо ва ғайра. Гурӯҳи махсуси ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ҳуқуқи халқҳо (миллатхо), ақаллиятҳои миллӣ ва аҳолии таҳҷоӣ мебошанд. Масалан, байни ҳуқуқҳои муҳимтарини сиёсӣ ҳуқуқи халқҳоро ба худмуайянкунӣ ҷудо мекунанд. Тибқи моддаи 1-и Паймони байналхалкӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ «Ҳамаи халқхо ба таъйини сарнавишти худ ҳақ доранд. Дар асоси ҳамин ҳак онҳо мақоми сиёсии худро озодона муқаррар мекунанд ва рушди иктисодӣ, ичтимоӣ ва фархангии худро озодона таъмин менамоянд»[603]. Онҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ метавонанд озодона боигариҳо ва захираҳои табиии худро бе зараре барои ягон уҳдадориҳо, ки аз ҳамкории байналмилалии иктисодии ба принсипи манфиати байниҳамдигарӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ асосёфта бармеоянд, соҳибихтиёрӣ кунанд. Ягон халқ дар ягон ҳолат аз воситаҳои мавҷудияти ба вай тааллуқдошта маҳрум карда намешавад.

Аз ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ истифода карда, бисёр халқҳои ҳудуди сукунаташон дар ҳайати давлатҳо, масалан, дар Британияи Кабир (Уэлс, Шотландия, Ирландияи шимолӣ), Федератсияи Россия (вилояти мухтори Яҳудистон, округи мухтори Чукотка, округи мухтори Эвенкия ва ғайра) баъзе мухториятҳо доранд. Дар ҳайати Ҷумхурии Тоҷикистон низ Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон таъсис дода шудааст. Ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ дар Эъломияи СММ дар бораи додани мустақилият ба мамлакатҳо ва халқҳои мустамлика (соли 1960) таҳким бахшида шудааст. Тибқи моддаи 2-и хуҷҷати мазкур «ҳамаи халқҳ ҳаққи худмуайянкунӣ доранд; дар асоси ин ҳуқуқ онҳо озодона мақоми сиесии худро муқаррар карда, рушди иктисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро ба

[602] *М.А. Махмудов, Т.Н. Зиёзода, А.Г. Холиқов, З. Искандаров, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.М. Менглиев, Е.М. Павленко, Н. Муродова, Р.Ф. Салихова, Ғ. Лутфоиов, У.З.Тохиров, М.Н. Халифаев // Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфи 10. - Душанбе: «ТоРус», 2010. – 320 саҳ.*

[603] *Паймони байналхалкӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966.*

амал мебароранд»[604]. Зиддиятҳои байни хуқуқҳои инфиродии инсон ва ҳуқуқҳои халқ, миллат, ақаллиятхои миллӣ, гурӯҳҳои ичтимоӣ дар чаҳони имрӯза яке аз сабабҳои ихтилофоти байни давлатҳо, халқҳо, одамон мегарданд. Ҳуқуқҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ байни худ набояд рақобат кунанд, балки онҳо, ҳарчанд аз рӯи табиати худ аз ҳамдигар фарқ доранд, якдигарро бояд пурра созанд. Қазияи афзалиятмандии ҳуқуқҳои инфиродӣ нисбат ба ҳуқуқҳои дастачамъӣ масъалаи басо муҳим ва баҳснок ба шумор меравад. Фаҳмиши моҳияти худмуайнякунӣ аз принсипи дахлнопазирии ҳуқуқҳои инсон чудонопазир аст. Бинобар ин рушди ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ҳуқуқҳои инфиродии инсонро набояд вайрон кунанд.

Тибқи моддаи якуми Паймони байналхалқӣ оиди ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ: Ҳамаи халқҳо ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ доранд. Худмуайянкунӣ шаклҳои гуногун дорад. Худмуайянкунии сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодиро фарқ мекунанд. Худмуайянкунии сиёсӣ – ин имкони ташкили давлати соҳибистиқлол аст. Ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунии сиёсӣ – ин ҳуқуқи таъсиси давлати соҳибистиқлоли миллии хеш аст. Дар Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ омадаст, ки тибқи ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ ҳамаи халқҳо «...озодона вазъи сиёсии худро муқаррар мекунанд»[605]. Худмуайянкунии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ имкони инкишофи озодонаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиро дар назар дорад. Ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунии иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ – ин ҳуқуқи халқ ба инкишофи озод аст. Инкишофи озод – ин инкишофи озодонаи иҷтимоиву иқтисодӣ, ва фарҳангиии халқ дар заминаи худмуайянкунии сиёсӣ аст. Ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунии сиёсӣ – ҳуқуқи муҳими дастаҷамъӣ аст, зеро дар заминаи он, дар ҳолати воқеӣ гаштанаш ҳуқуқҳои дигари дастаҷамъии халқ ба инкишофи озодона, ба баёни соҳибихтиёрӣ ва ғайра имкони амалӣ гаштанро пайдо мекунанд. Ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунии сиёсӣ сарнавиштсоз аст, зеро дар заминаи истифодаи воқеии он давлати соҳибстиқлол таъсис меёбад, халқ соҳиби давлати хеш мегардад. Дар заминаи ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунии сиёсӣ давлати миллӣ таъсис мегардад. Аммо ибораи «давлати миллӣ» маънои онро надорад, ки дар ин давлат намояндагони як миллат зиндагӣ мекунанду халос. Дар ҳуқуқи байналхалқии муосир зери истилоҳи «миллат» давлат низ фаҳида мешавад, ба ҳайси муродифи истилоҳи «миллат» калимаи «давлат» ҳам истифода мегардад[606]. Созмони Милали Муттаҳид дар асл Созмони Давлатҳост, ҳуқуқи байналхалқӣ аслан ҳуқуқи байнидавлатист. Дар ҳуқуқи байналхалқӣ вақте ки миллат мегӯянд, мансубияти давлатӣ, шаҳрвандиро низ дар назар доранд. Чунин фаҳмиши миллат дар ҳаёти имрӯза барои он қабулу эътироф шудааст, ки халқ, ба маънои муосир, аз иттиҳоди шаҳрвандон, новобаста аз мансубияти миллиашон, иборат аст. Тибқи қисми сеюми моддаи 6-и Конститутсияи Тоҷикистон: Халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд[607].

Ҳуқуқ ба худмуайянкунии сиёсӣ дар ду шакл мумкин аст амалӣ гардад: 1) худмуайянкунии беруна ва 2) худмуайянкунии дохилӣ.

Худмуайянкунии беруна маънои ташкили давлати соҳибихтиёрро дорад. Аз он халқҳое истифода карда метавонанд, ки дар айни ҳол давлати мустақили хешро таъсис накардаанд. Худмуайянкунии дохилӣ мансуби ақаллиятҳои миллиест, ки дар дохили давлатҳои алоҳидаи соҳибихтиёр зиндагӣ доранд. Худмуайянкунии дохилӣ маънои соҳиб гаштан ба худидораи минтақавиро дар дохили давлат дорад. Ин худидораи минтақавӣ дар ду шакл мумкин аст истифода гардад. Якум – дар шакли додани мухторӣ ба воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ (вилоят, кишвар ва монанди инҳо) дар дохили давлати ягона. Дуввум —

---

[604] *Эъломияи СММ дар бораи додани мустақилият ба мамлакатҳо ва халқҳои мустамлика аз соли 1960.*
[605] *Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966.*
[606] *М.А. Махмудов, Т.Н. Зиёзода, А.Г. Холиқов, З. Искандаров, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.М. Менглиев, Е.М. Павленко, Н. Муродова, Р.Ф. Салихова, F. Лутфоиов, У.З.Тохиров, М.Н. Халифаев // Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфи 10. - Душанбе: «ТоРус», 2010. – 320 саҳ.*
[607] *Конститутсияи Ҷуҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.*

дар шакли додани вазъи ҳуқуқии аъзои федератсия ба ақаллиятҳои миллӣ дар дохили давлати федеративӣ. Истифодаи ҳуқуқи худмуайнкуниро асноди ҳуқуқии байналхалқӣ кафолат медиҳанд. Тибқи банди сеюми моддаи 1-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ: Ҳамаи давлатҳои дар ин Паймон ширкаткунанда бояд, мутобиқи нуктаҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, амалӣ гаштани ҳуқуқ ба соҳибихтиёриро дастгирӣ намоянд ва ин ҳуқуқро эҳтиром кунанд[608].

Принсипи худмуайянкунӣ ҳуқуқ аст, аммо ӯҳдадор нест ва татбиқи ин ҳуқуқ метавонад гуногунҷабҳа бошад. Худмуайянкунӣ набояд аз бо дарназардошти мавқеҳои ҷудоихоҳӣ бар зарари ягонагии қаламрави давлатӣ ва ягонагии сиёсии давлатҳои соҳибихтиёр ба амал бароварда шавад. Агар халқ ниҳодеро ташкил кунад, ки ин равандро расман намояндагӣ кунад ва вазифаҳои ҳуқуқии оммавиро иҷро намояд, дар он сурат ҳар як амалиёти зуроваронае, ки ба раванди худмуайянкунӣ аз берун монеъ мешавад, ҳамчун вайрон кардани принсипи баробарҳуқуқии соҳибихтиёрии давлатҳо ва принсипи ғайриконунӣ дахолат кардан ба корҳои дохилии дигар давлат дониста мешавад.

Дар раванди муқаррар намудани принсипи баробарӣ ва худмуайянкунии халқҳои нақши Эъломияи принсипҳои ҳуқуқи байналхалкӣ, ки соли 1970 қабул шуда буд, бениҳоят калон мебошад. Дар Эъломия мазмуни ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ муайян карда шуда, шаклҳои имконпазири татбиқи он ошкор карда шудаанд:

–таъсиси давлати соҳибихтиёр ва мустақил;

–озодона дохил шудан ба ягон давлати мустақил ё иттиҳод шудан бо он;

–муқаррар намудани ҳар як мақоми дигари сиёсие, ки халқ озодона муайян мекунад[609].

Таъкид кардан зарур аст, ки ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ набояд ҳамчун эътирофи халқҳо чун субъектҳои ҳуқуқи байналхалкӣ қабул карда шавад.

Принсипи баробарӣ ва худмуайянкунии халқҳо аз давлатҳо талаб мекунад, ки амалишавии онро таъмин намоянд. Ҳуқуқҳои пурраи халқҳо нисбат ба худмуайянкунии онҳо ба баробарӣ ва сохибихтиёрии давлатҳо якхел буда наметавонад.

Дар Эъломия гуфта мешавад: «Таъсиси давлати соҳибихтиёр ва мустақил, озодона хамроҳ шудан ё бо давлати мустақил пайвастан ё муқаррар намудани ягон мақоми дигари сиёсие, ки халқҳо озодона муайян кардаанд, чунин аст, ки одамон ҳуқуқ ба худмуайянкуниро ба амал мебароранд»[610]. Аз инҷо маълум мешавад, ки худи халқ бевосита доираи танзими хукукии байналхалкӣ намегардад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки ҳамаи халқҳо ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ доранд, аммо онҳо ин ҳуқуқи худро бояд тавре ба амал бароранд, ки ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, ягонагии қаламрави давлат зарар нарасонида, дар доираи муқаррароти пешбининамудаи меъёрхои ҳуқуқи байнамлилалӣ бо риояи принсипҳои умумиэътирофгаштаи ҳуқуқи байналмилалӣ амал кунанд.

Дар рафти тараққиёти худ мазмуни ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ ба тағйироти бениҳоят калон рӯ ба рӯ шуд. Ҳамин тариқ, дар тӯли асри XX ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои гуногун ба ҳуқуқи худмуайянкунӣ дар шароити бемустамликагардонӣ, инқилобҳо ва шӯришҳо, ҷудоихоҳӣ ва автономизм муроҷиат карданд.

Дар асоси таҳлили хуҷҷатҳо ва доктринаи ҳуқуқи байналхалқии муосир унсурҳои асосии зерини мазмуни ҳуқуқ ба худмуайянкуниро ҷудо кардан мумкин аст:

–ба ҳукмронии хориҷӣ тобеъ кардани халқҳо ва истисмори онҳо манъ аст;

–ҳамаи халқҳо метавонанд макқоми сиёсии худро озодона интихоб кунанд (давлати соҳибихтиёр, давлати алоҳида, иттифоқ ё ҳамроҳшавӣ бо давлати дигар ва ғайра);

---

[608] *Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966.*

[609] *Резолюции, принятые Генеральной Ассамблеей на двадцать пятой сессии 15 сентября-17 декабря 1970 г. – ООН, Нью-Йорк, 1971. – С. 154*

[610] *Ниг.: Ҳамон ҷо.*

–ҳамаи халқҳо имконият доранд, ки шакли давлати худро озодона интихоб кунанд (яъне шакли идораи давлатӣ, шакли сохтори давлатӣ ва режими сиёсӣ);

–ҳамаи халқҳо имконият доранд, ки низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва роҳи тараққиёти худро озодона муайян кунанд;

–ҳамаи халқҳо ҳуқуқ доранд, ки дастурҳои ахлокӣ ва арзишҳои мадании худро мустақилона ташаккул диҳанд;

–ҳамаи халқҳо сарватҳои табиии худро озодона ихтиёрдорӣ карда метавонанд;

–ҳамаи давлатҳо вазифадоранд, ки ба татбиқи ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ мусоидат кунанд ва аз ҳар як амалиёти таҷҷовузкоронае, ки халқҳоро аз ин ҳуқуқ маҳрум мекунад, даст кашанд.

Комилан равшан аст, ки ин унсурҳо бо ҳам алоқаманданд: як интихоб интихоби дигареро муайян мекунад. Масалан, ба таркиби давлати дигар дохил шудани халқ (ё миллат) маънои интихоби низоми иҷтимоию иқтисодии дар он ҷо мавҷударо дорад.

Бояд таъкид кард, ки дар ҳар сурат меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи инсонро ҳам ҳангоми ба миён гузоштани масъалаи худмуайянкунӣ ва ҳам дар ҷараёни амалисозии ҳуқуқи худмуайянкунӣ риоя кардан лозим аст.

**Адабиёт:**


1. М.А. Махмудов, Т.Н. Зиёзода, А.Г. Холиқов, З. Искандаров, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.М. Менглиев, Е.М. Павленко, Н. Муродова, Р.Ф. Салихова, Ғ. Лутфоиов, У.З.Тохиров, М.Н. Халифаев // Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Душанбе: «ТоРус», 2010. – 320 саҳ.
2. Паймони байналхалкӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966.
3. Эъломияи СММ дар бораи додани мустақилият ба мамлакатҳо ва халқҳои мустамлика аз соли 1960.
4. М.А. Махмудов, Т.Н. Зиёзода, А.Г. Холиқов, З. Искандаров, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.М. Менглиев, Е.М. Павленко, Н. Муродова, Р.Ф. Салихова, Ғ. Лутфоиов, У.З.Тохиров, М.Н. Халифаев // Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Душанбе: «ТоРус», 2010. – 320 саҳ.
5. Конститутсияи Ҷуҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.
6. Резолюции, принятые Генеральной Ассамблеей на двадцать пятой сессии 15 сентяб-ря-17 декабря 1970 г. – ООН, Нью-Йорк, 1971. – С. 154



**Миралиев Исфандиёр Қарахонович, Зокирова Нодира Иномҷоновна**


## СУДИ ОЛИИ ИҚТИСОДӢ ДАР НИЗОМИ СУДҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Миралиев Исфандиёр Қарахонович,*** *дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ* ***Тел.:*** *(+992) 908483869* ***E-mail:*** *isfand88@mail.ru*

***Зокирова Нодира Иномҷоновна,*** *доктор Phd курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел:*** *(+992) 105-02-00-00* ***Email:*** *nodira.zokirova.97@mail.ru*



**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаи ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва инчунин низоми муосири судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шудааст. Ҳамзамон вобаста ба накш ва мавқеи судҳои иқтисодӣ дар низоми судҳо ва фаъолияти онҳо дар доираи салоҳияташон нуктаҳои назар оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Низоми судӣ, ҳокимияти судӣ, сохтори судӣ, адолати судӣ, судҳои иқтисодӣ, нақши судҳои иқтисодӣ, фаъолияти судҳои иқтисодӣ.

## ВЫСШИЙ ЭКОНОМИЧЕСКИЙ СУД В СУДЕБНОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Миралиев Исфандиёр Карахонович,*** *доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета кандидат юридических наук* ***Тел.:*** *(+992) 908483869* ***E-mail:*** *isfand88@mail.ru*

***Зокирова Нодира Иномджоновна,*** *доктор Phd 2-го курса очного отделения юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел:*** *(+992) 105-02-00-00* ***Email:*** *nodira.zokirova.97@mail.ru*

**Аннотация.** В рамках данной статьи рассматривается правовые вопросы создания и деятельности экономических судов, а также современная система экономических судов Республики Таджикистан. В то же время существует точки зрения, связанные с ролью и положением экономических судов в судебной системе и их деятельностью в пределах их компетенции.

**Ключевые слова:** Судебная система, судебная власть, правосудие, экономические суды, роль экономических судов, деятельность экономических судов.

## THE HIGHEST ECONOMIC COURT IN THE JUDICIAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Miraliev Isfandiyor Karakhonovich,*** *Assistant Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University, Candidate of Legal Sciences* ***Tel:*** *(+992) 908483869* ***E-mail:*** *isfand88@mail.ru*

***Zokirova Nodira Inomjonovna,*** *doctoral student Phd 2nd year full-time department of the law faculty of the Tajik national university* ***Phone:*** *(+992) 105-20-00-00* ***E-mail:*** *nodira.zokirova.97@mail.ru*

**Annotation.** This article examines the legal issues of the creation and operation of economic courts, as well as the modern system of economic courts of the Republic of Tajikistan are considered. At the same, time there are points of view related to the role and position of economic courts in the judicial system and their activities within their competence.

**Key words:** court system, judiciary, justice, economic courts, the role of economic courts, the activities of economic courts.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ марҳилаи нави давлатдориро соҳиб гашт, ки раванди рушди он аз Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Қабул шудани истиқлолияти давлатӣ дар мамлакат шароит муҳайё намуд, то ки низоми идоракунии сезинагии шохаи ҳокимияти давлатӣ ташкил карда шуда, гуногунандешии сиёсӣ кафолат дода шавад. Суд дар низоми мақомоти давлатӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ унвон карда шуд, ки он аз ҷониби суд ва аз номи давлат броварда шуда, адолати судиро аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ, граждан, оилавӣ ва баҳсҳо вобаста ба мутобиқати меъёрҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд.

Албатта дар низоми идоракунии давлатӣ ҳеҷ як давлат бе ниҳоди судӣ арзи вуҷуд карда наметавонад, ба он чун воситаи таъмини адолату ҳақиқат ниёз дорад ва аз ин рӯ дар ин ё он шакл низоми судии худро ҳамчун сохтори муҳим ва таркибии худ ба роҳ мемонад. Суд шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, мувозинати шохаҳоро бо истифодаи принсипи мувозинат ва боздорӣ таъмин намуда, намегузорад, ки ҳеҷ як шохаи дигар ваколати ҳокимияти худро сӯистифода намояд.

Ҳокимияти судӣ – низоми мақомоти махсуси ҳокимияти давлатӣ ва амаликунандаи адолат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, яке аз шаклҳои асосии фаъолияти давлат ҷиҳати баамалбарории адолати судӣ мебошад. Адолати судӣ, пеш аз ҳама, сохти ҷамъиятӣ, давлатӣ, тамоми шаклҳои моликият, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, дигар ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсии шаҳрвандон, корхонаю муассисаҳо, ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни моликиятро аз ҳама гуна сӯйиқад муҳофизат менамояд. Вобаста ба ин адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои муташаккил ба амал мебароранд.

Мутобиқи моддаи 84 Конститутсия ва моддаи 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 таҳти №1084 низоми ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе ташкил медиҳанд.

Низоми ягонаи мақомоти судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои салоҳияташон умумӣ ва махсус ташкил медиҳанд. Низоми судҳои умумиро Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, аз Суди Олӣ, судҳои вилоятӣ, судҳои шаҳру ноҳияҳо иборат мебошад. Дар баробари онҳо судҳои салоҳияташон махсус, аз қабили: Суди конститутсионӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ташкил карда мешаванд. Аз ин ҷо бармеояд, ки Суди Олии иқтисодӣ ба низоми судҳои салоҳияташон махсус шомил буда, он баҳсҳое, ки мазмуни молумулкӣ ва характери иқтисодӣ доранд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар аксарияти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳони мутамаддин бештари баҳсҳо дар мақомоти суд ҳал карда мешаванд. Бо ривоҷ ёфтани шаклҳои гуногуни моликият ва рушди соҳаи иқтисодӣ дар ин давлатҳо аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам баҳсҳое пайдо мешаванд, ки мазмуни молумулкӣ ва иқтисодиро дошта, ба муносибатҳои пуливу молӣ, қарз, соҳибкорӣ ва тиҷорат вобастагӣ доранд. Бахри саривақт ҳал намудани чунин гуна баҳсҳо судҳои иқтисодӣ таъсис дода шуданд, ки аҳамияти хоссаро ҳамчунин дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон касб намуда, мавқеи муайянро ишғол менамоянд.

Саҳифаҳои таърихро назар афканем, то қабули Конститутсияи соли 1994 баҳсҳои хоҷагии корхонаву ташкилотҳоро мақоми махсус – суди арбитражӣ ҳал мекард. Ҳоло бошад, хушбахтона дар низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин навъи суд – суди иқтисодӣ амал мекунад, ки ба ҳалли масъалаҳои соҳаи иқтисодӣ машғул мебошанд. Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми судӣ мақоми олии судӣ доир ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқаманданд, инчунин парвандаҳои дигари аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баррасигардида ба ҳисоб рафта, назорати судиро аз болои фаъолияти Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе оид ба парвандаҳои иқтисодии дар тобеияти онҳо буда амалӣ менамоянд.

Дар давраи Истиқлолият дар тамоми соҳаҳои иқтисодии кишвар гардиши куллӣ ва дигаргуниҳои назаррас ба вуқӯъ пайваста дар баробари дигар соҳаҳо соҳаи иқтисод низ рушду нумӯъ намуд. Иқтисодиёти кишвар давоми солҳои истиқлолият дар доираи се ҳадафи стратегӣ, яъне истиқлолияти энергетикии давлат, баромадан аз бунбасти комуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаврии мардум бо маром рушд ёфта, дар мамлакат садҳо иншоотҳои аҳамияти иқтисодию иҷтимоӣ дошта бунёд гардиданд, ки имрӯзҳо самараи худро дода истодаанд. Ҳамзамон ислоҳоти иқтисодӣ ва ислоҳоти ҳуқуқӣ идома ёфтанд, ки ба рушди бемайлони ин ду соҳаи муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намуданд.

Дар натиҷаи дигаргун шудани сохти давлатдорӣ ва гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ ҷои накшаро шартнома гирифт, ки омили асосии пешбурди иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб мерафт. Бо мурури замон муносибатҳои иқтисодии ҷамъият низ куллан тағйир ёфтанд. Ҳукумати Тоҷикистон бо дарки аниқи қонуниятҳои иқтисоди бозоргонӣ таъсис ва рушди системаи судии иқтисодиро ба миён гузошт.

Имрӯзҳо тибқи қонуни констиутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи судии кассатсионӣ ва назоратӣ амал мекунад. Таъмин намудани қонуният ва адолат аз ҷониби ҳокимияти судҳои иқтисодӣ шарти муҳимтарини пешрафти иқтисодии мамлакат ҳисобида шудааст.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раис, муовини якум, муовинони раис ва судяҳо иборат аст. Шумораи судяҳои ин судро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коллегияи судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаи олии судӣ буда, дар ҳайати Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум, муовини ӯ, котиби Пленум ва судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти судҳои иқтисодиро ҳал мекунад.

Давоми солҳои охир Кодекси мурофиавии иқтисодии мамлакат мунтазам такмил дода шуда дар таъмини адолати судӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодии ҷамъиятӣ ва ба ин васила барои боло рафтани мақоми судҳои иқтисодӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар мусоидат карда шуданд. Фаъолияти судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои Истиқлолият маҳз бо мақсади баланд бардоштани сифати адолати судӣ ва таъмин намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисодиёт равона карда шудаанд, ки дар раванди рушди нишондиҳандаи иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Судҳои иқтисодии мамлакат ҳамчун дастоварди даврони истиқлолият дар оянда низ баҳри боз ҳам устувору мустаҳкам гардонидани ҳаёти иқтисодии кишвар, таъмини волоияти қонун дар соҳаи соҳибкорӣ, ҳамчун бахши муҳими иқтисод ва ба ин васила баҳри рушди иқтисодии Тоҷикистон ва истиқлолияти давлатӣ фаъолият мебаранд.

**Адабиёт:**


1. Буриев И.Б. Становление и развитие государственности на территории Таджикистана (досовесткий период) Душанбе, 2007 г. – Стр.180.
2. Боголюбов А.С. Пресечение и наказание в мусульманском праве (VIII-IX вв.) // Ислам. Религия, общество, государство. – М.: Наука, 1984. – С. 250.
3. Ш. Монтеске. О духе законов. – М.: РИПОЛ классик, 2018. – С.190
4. Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов. – М., 2005. – С.150.
5. Черниловский З.М. Всеобщая история государства и права. – М., 2001. – С.170.
6. Сафарзода Б., Раҳмон Д.С., Миралиев И., Саидзода И., Саъдизода Ҷ., Шоев Ф. Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (васоити таълимӣ) / Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Г. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С.150.



**Исматова Моҳира Ҳусейналиевна**


## ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ МАЪЮБ БА ТАҲСИЛ: ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА МУШКИЛОТИ ТАТБИҚ


***Исматова Моҳира Ҳусейналиевна,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 988806548* ***Email:*** *ismatova.m.h@mail.ru*



**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур яке аз ҳуқуқҳои муҳимми ашхоси маъюб – ҳуқуқ ба таҳсил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф иброз менамояд, ки дар замони

муосир маъюбон бояд ба таври фарогир дастрасӣ ба ҳуқуқҳои худ, махсусан ҳуқуқ ба таҳсил дошта бошанд. Зеро, дастрасии онҳо ба таҳсил имконият фароҳам меорад то онҳо қобилияти зеҳнии худро рушд дода, барои ташаккули ҷомеа саҳми арзишманди худро гузоранд. Бо ин мақсад, аз ҷониби муҳаққиқ пешниҳодҳои судманд манзур карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи шахси маъюб, ҳуқуқ ба таҳсил, қонун, эъломия, конвенсия, шахсони маъюб, ҳифзи иҷтимоии шахсони маъюб.

## ПРАВО ИНВАЛИДОВ НА ОБРАЗОВАНИЕ: СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПРОБЛЕМЫ РЕАЛИЗАЦИИ

***Исматова Мохира Хусейналиевна,*** *ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведение юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 988806548* ***Email:*** *ismatova.m.h@mail.ru*

**Аннотация.** В данной статье рассматривается одно из важных прав инвалидов – право на образование. Автор указывает, что в современное время инвалиды должны иметь всесторонний доступ к своим правам, особенно к праву на образование. Потому что их доступ к образованию дает им возможность развивать свои интеллектуальные способности и вносить ценный вклад в формирование общества. С этой целью исследователь сделал полезные предложения.

**Ключевые слова:** право инвалида, право на образование, закон, декларация, конвенция, инвалид, социальная защита инвалида.

## THE RIGHT OF PEOPLE WITH DISABLED TO EDUCATION: CURRENT STATUS AND PROBLEMS OF IMPLEMENTATION

***Ismatova Mohira Huseinalievna,*** *Assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law at the Law Faculty of the Tajik National University* ***Tel:*** *(+992) 988806548* ***Email:*** *ismatova.m.h@mail.ru*

**Annotation.** This article discusses one of the important rights of people with disabilities – the right to education. The author points out that in modern times, people with disabilities should have full access to their rights, especially the right to education. Because their access to education gives them the opportunity to develop their intellectual abilities and make a valuable contribution to the formation of society. To this end, the researcher made useful suggestions.

Key words: the right of a disabled person, the right to education, law, declaration, convention, disabled person, social protection of a disabled person.

Ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷумлаи ҳуқуқҳои муҳимми инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, дар амалисозии ҳуқуқҳои дигари инсон нақши созгорро иҷро менамояд. Ҳуқуқи ишорашуда моҳияти ҳуқуқии худро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон пайдо намуда, хусусияти барномавӣ дорад. Аз сабаби он, ки ҳуқуқ ба таҳсил ҷанбаи позитивӣ дорад, пас эътироф, риоя ва ҳифзи он ҳамчун вазифаи асосии давлат маънидод карда мешавад. Аз ин ҷост, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баррасишавандаро дар сатҳи конститутсионӣ эътироф намуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани он чораҳои судмандро рӯи даст гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки барои соҳибилм ва соҳибкасб намудани ҳар як инсон, махсусан шахсони маъюб ва ё имкониятошон маҳдуд иҷрои меъёри қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқ ба таҳсил шарт ва зарур мебошад. Маҳз бо дарназардошти ҳамин омили муайянкунанда давлат сиёсати худро дар самти мазкур дигаргун намуда, ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ давлату ҳукумати кишвар

ҷиҳати беҳтар намудани сатҳ ва сифати таҳсил барои кӯдакони маъюб тамоми шароити заруриро фароҳам оварда, талош бар он намуд то ин қишри ҷомеа маъюбӣ ва нотавонии худро дар ҷомеа эҳсос накунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие мавҷуданд, ки ҳуқуқ ба таҳсилро барои кӯдакони маъюб кафолат медиҳанд, ба мисли Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ва ғ.

Қонун ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» таҳсили фарогири (инклюзивии) кӯдакони маъюбро тибқи стандартҳои байналмилалӣ кафолат додааст. Ин ба кӯдакони маъюб имконият медиҳад, ки дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ дар баробари кӯдакони солим таҳсил намоянд. Дар ин гуна муассисаҳо барои кӯдакони маъюб бояд шароитҳои махсус фароҳам оварда шаванд. Ҳангоми муҳайё сохтани шароит барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд на фақат иҷрои ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб, балки иҷрои ҳуқуқҳои ҳамаи кӯдакони боқимондаеро, ки ҳуқуқи гирифтани таҳсилро доранд, ба инобат гирифтан зарур аст. Таълиму тарбия ва ҳамгироии иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар байни мушкилоти мубрами замони муосир мавқеи махсусро ишғол менамояд. Ҳамаи кӯдакон бояд аз хурдӣ ба таҳсил фаро гирифта шаванд, махсусан кӯдакони маъюб. Вале, оё дар чунин шакл таъмин намудани ҳуқуқ ба таҳсил имконпазир аст ё на, тарафи дигари масъала мебошад.

Аз нигоҳи мо иҷрои амалҳои мазкур метавонад ҳуқуқи кӯдакони маъюбро ба таҳсил таъмин намояд:

– фароҳам овардани имконият барои дастрасии бемамониати таълимгирандагон ба объектҳои инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ (сохтани пандусҳо дар даромадгоҳҳои марказии мактабҳо);

– дар мактаб фароҳам овардани ҳамаи шароитҳои зарурӣ, то ки кӯдакони маъюб таҳсили босифат гиранд ва худро дар инфрасохтори бемониаи мактаб озод ва бароҳат ҳис кунанд;

– ба вуҷуд овардани чунин муҳите, ки ба талаботи ҳар як кӯдак ҷавобгӯ бошад.

– ба ҳамаи кӯдакон имконият додан лозим аст, ки ҳаёти пурарзиши иҷтимоӣ ба сар баранд, худро ҷузъи коллектив ҳис кунанд, ба якдигар кӯмак намоянд ва дар ҳаёти мактабию берун аз он бо ҳам дар робита қарор дошта бошанд;

– чунин лифтҳое лозиманд, ки кӯдакони маъюб тавонанд бо аробачаҳои худ ба ошиёнаҳои даркорӣ бароянд, инчунин остонаҳои ҳамвор, дарҳои кушод, дар роҳравҳо дастқапак, воситаҳои техникии замонавӣ барои кӯдакони сустшунав ва сустбин, ҳуҷраҳои осоишии асаб (релаксатсия) ва сурдо-педагог заруранд;

– муллимон бояд ба дастуру тавсияҳои методӣ оид ба таълиму тарбияи кӯдакони дорои ин ё он шакли маъюбӣ таъмин бошад;

– дар системаи маориф чунин барномаҳои таълимиеро (маводи таълимию методиеро) таҳия намудан лозим аст, ки хусусияту эҳтиёҷоти кӯдакони маъюбро ба инобат гиранд.

Дар ҶТ доир ба масъалаҳои танзим намудани мушкилоти мавҷуда нисбат ба таълиму тарбияи маъюбон ба таҳсил Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» танзим кунандаи чунин мушкилотҳо мебошад.

Қонун масъулияти падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд муайян намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 5 пешбинӣ мегардад;

Таълиму тарбияи фарзанд вазифаи падару модар, омӯзгор давлат ва ҷомеа мебошад. Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи фарзанд мебошад. Давлат барои таълиму тарбия ва ҳифзи кӯдакони ятим ва маъюб ғамхорӣ намуда, ба онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

**Иттифоқи миллии волидони кӯдакони имконияташон маҳдуди ҶТ дар пешбурди таҳсилоти фарогир.**

Ҳоло ташкилотҳои ҷамъиятии дар Тоҷикистон фаъолияткунанда лоиҳаҳоеро амалӣ намуда истодаанд, ки дар дастрасии хизматҳои кӯмаки барвақт ва таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд мусоидат хоҳанд кард. Бо мақсади пешбурди таҳсилоти фарогир, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони маъюб ва оилаҳои онҳо моҳи ноябри соли 2012 ташкилотҳои волидон дар Иттифоқи милли муттаҳид гардидаанд. Ташкилотҳои волидон – аъзои Иттифоқ дар мактабҳо ва кӯдакистонҳо дар атрофи мавзуъҳое, ки ба маъюбӣ ва фаҳмиши маъюбӣ дахл доранд, вохӯрию сӯҳбатҳо мегузаронанд. Талабагон, муаллимон ва маъмурияти мактабҳо зарурати таҳсили кӯдакони маъюбро мефаҳмонанд ва онҳоро ба консепсияи таҳсилоти фарогир шинос мекунанд.

Маъюбон ҳангоми гирифтани маълумот, махсусан дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ, ба монеаҳои зиёд дучор шуда метавонанд. Аз ҷумла:

- Камбизоатӣ;
- Набудани ҷои холӣ дар мактабҳо;
- Нарасидани муаллимони босалоҳият;
- Нарасидани утоқҳои мутобиқ ба толибилмони маъюб;
- Дастрас набудани объектҳо;
- Дастрас набудани барномаҳои таълимӣ;
- Кам будани воситаи нақлиёт;
- Доштани мавқеи таҳқиромез дар ҷамъият ва нофаҳмӣ аз ҷониби ҳамсолон.

Моддаи 24 Конвенсия самтҳои алохида маорифро дар давраҳои мухталифи ҳаёт дар бар мегирад. Дар банди 2 -юми худи ҳамин модда омадааст, ки муҳим он аст, ки кӯдакони маъюб барои ба мактаб рафтан, дар тамоми марҳилаҳо ҳавасманд бошанд. Мувофиқи Конвенсия воситаи асосии ноил шудан ба ин мақсадҳо– зоҳир кардани таваҷҷуҳи хосса ба манфиатҳои беҳтарини кӯдакон аст. Инчунин дар моддаи 5 -и Конвенсия зарурати таълим барои қисми зиёди маъюбони калонсол зикр гардидааст, ки дар хурдсолӣ маълумот гирифта натавониста, бемаълумот мондаанд, ё дараҷаи пасти маълумотнокӣ доранд. Он зарурати донишандӯзи калонсолонро дар тамоми ҳаёт ба эътибор гирифтааст мешавад. Калонсолоне, ки маъюб шудаанд ва барои гирифтани таҳсил майл доранд ё маҷбуранд, ки дониши худро тариқи ихтисосгирӣ ё гирифтани маълумоти миёна ё олӣ мукаммал намоянд, бешубҳа чунин ҳақро доро мебошанд.

Соҳаи маориф дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок эътироф шудааст ва Ҳукумати кишвар барои таъмини дастрасӣ ба таҳсил барои ҳама тадбирҳо меандешад.

Солҳои охир Ҳукумати мамлакат доир ба ҳаллу фасл намудани мушкилотҳои рӯзмараи маъюбон ва шароити мусоид фароҳам овардан барои зиндагии осоишта ва ба таҳсил фаро гирифтани онҳо дар мактабу макотибҳои олӣ пайваста талош варзида истодааст.

Самти афзалиятноки рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани муҳит барои таҳсили шахсони дорои маъюбият дар муассисаҳои таълимии то мактабӣ ва таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олии кишвар маҳсуб меёбад. Дар ин самт, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки низоми таҳсили маъюбонро дар ҷумҳурӣ танзим менамоянд, таҳия ва қабул гардидаанд. Давлат ба маъюбон муҳайё намудани шароити зарурӣ барои таҳсил ва тайёрии касбиро бо тартиби муқаррар намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ кафолат медиҳад.

Мувофиқи қисми 5 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», аз 24 апрели соли 2016,чунин муассисаҳои таълимӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чой доранд:

– Томактабӣ;

– таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ);

– таҳсилоти ибтидои касбӣ;
– таҳсилоти олии касбӣ;
– таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
– таҳсилоти махсус;
– муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

**Таҳсилоти махсус** барои ашхосе, ки имкониятҳои маҳдуд дошта ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд ва гирифтори иллати ҷисмонӣ, рӯҳӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст, таъмин карда мешавад. Муассисаҳои таълимии махсус дар шакли мактаб-интернатҳо, мактабҳои махсусӣ таълимӣ ва синфҳои махсус ташкил мегарданд.

Дар тӯли солҳои Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаиислоҳот дар соҳаи маориф дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд. Дар баробари таъсиси муассисаҳои таълимии анъанавӣ дар соҳаи маориф типи нави мактабҳо ва гимназияҳои хусусӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар моддаҳои 17, 18, 19, 20, 21, 22 ва 23-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» доир ба маҳайё намудани шароити маъюбон ба таҳсил ва таълиму тарбияи томактабӣ ва берун аз мактабӣ сухан меравад, ки таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати мамлакатро нисбат ба маъюбон мебошад.

Дар Тоҷикистон қонунгузории махсус таҳия шудааст, ки тибқи он вазоратҳои маориф ва илми, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат ва муҳоҷират вазифадоранд, ки ба кӯдакони дорои маъюбият имконияти таҳсил дар мактабҳои оддӣ ё махсус ё дар хонаро таъмин кунанд. Назорати иловагии татбиқи қонуни мазкур аз ҷониби Комиссияи миллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон таъмин карда мешавад.

Дар саросари минтақаҳои дурдасти мамлакат аксарияти кӯдакони дорои маъюбият ба таҳсил фаро нагирифтаанд. Онҳо бо сабабҳои гуногуни маъюбӣ ё надоштани шароитҳои зарурӣ дар хона монда маълумот гирифта наметавонанд, танҳо кӯдакони маъюбияти сабук дар мактабҳо ба қайд гирифта шудаанду халос.

Дар ноҳияи Восеъ танҳо як мактаб-интернат барои кӯдакони маъюбияти ақл вуҷуд дорад, аммо барои кӯдакони нобино мактаб нест. Волидон аксар вақт фарзандони худро аз сабаби дур буданашон ба мактабҳои махсус намефиристанд.

Мақомоти дахлдорро зарур аст, ки барои дар хона ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони маъюб чораҳои зарурӣ андешида, омӯзгорони махсус ва барои онҳо маоши арзанда ҷудо намоянд.

Мувофиқи Конвенсия тарзи муносибат ба маълумот ба он нишондиҳандаҳо асос ёфтааст, ки маълумоти фарогир нафақат шароити беҳтари таълимро, аз ҷумла барои кӯдакони маъюб, муҳайё месозад, балки барои бартараф намудани монеаҳо ва қолабҳо низ мусоидат мекунад. Ин тарзи муносибат имконият медиҳад ҷомеаро созем, ки маъюбиро дар он шакле, ки ҳаст, қабул кунад ва аз он ҳарос надошта бошанд. Агар кӯдакони маъюб ва солим якҷоя калон шаванд, дар як парта шинанд, дар як мактаб таҳсил намоянд, онҳо ҳамдигарро дурустар мефаҳманд ва ҳурмат мекунанд. Гузашта аз ин, низоми мактабии дорои асоси таълими махсус ба низоми фарогир бояд ба таври ҷиддӣ ба нақша гирифта шуда, дар асоси талабот ва манфиатҳои кӯдакон амалӣ карда шавад. Дар ин раванд ёрии ҳукумат, падару модар ва муаллимон зарур аст. Барои фарогир шудани системаи маълумоти умумӣ чунин чораҳо бояд андешида шавад:

- барои маъюбон тамоми воситаҳо ва маълумоти таълимии мувофиқ пешниҳод карда шавад;
- усулҳои таҳсил ва барномаҳои таълимие истифода шаванд, ки талаботи ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла маъюбонро қонеъ намоянд ва гуногуншаклиро ҷонибдорӣ намоянд;
- барои шахсони ношунаво ва гунго муаллимони махсуси ба тарзи имову ишора дарсдиҳанда дар синфхонаҳои муассисаҳои таълимӣ муҳайё карда шаванд;
- барои омода намудани омӯзгорони махсуси ба таври имову ишора дарсдиҳанда курсҳои омӯзишӣ дар қаламрави мамлакат гузаронида шавад.

- ба қадри имкон як қатор хизматҳое пешниҳод шаванд, ки эҳтиёҷоти гуногуни тамоми донишҷӯёни имконияташон маҳдудро қонеъ гардонад;

- Ба кӯдакони нобино ва ношунаво дар омӯхтани алифбои Брайл ва забони имову ишора бо мақсади аз таҳсил бархӯрдор шудани онҳо ва пайдо кардани муошират байни ҳамдигарӣ кӯмак расонида шавад.

- омода намудани китобҳои бадеӣ, фаннӣ, барномаҳои телевизиониро бо субтитрҳо ё тарҷумон барои ин гуна ашхос дар сатҳи лозима омода намоянд.

**Муминзода Махмадшариф Нозим**

## ИНИЦИАТИВЫ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ОБЛАСТИ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ

***Муминзода Махмадшариф Нозим,*** *ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета* ***Тел.:*** *(+992) 93119 3333* ***E-mail:*** *sharifjonmuminov@gmail.com*

**Аннотация:** В данной статье обсуждались инициативы Президента Таджикистана Эмомали Рахмона в области водных ресурсов в ООН и их актуальность для глобальных усилий по решению связанных с водой проблем. В статье представлен обзор географии и водных ресурсов Таджикистана, а также значение воды для экономики и общества Таджикистана. На нем также обсуждались проблемы, возникающие при устойчивом управлении водными ресурсами, такие как улучшение управления водными ресурсами и доступа к воде, развитие сотрудничества между странами и устранение воздействия изменения климата на водные ресурсы.

**Ключевые слова:** Эмомали Рахмон, ООН, водные ресурсы, изменения климата, глобальное потепление, таяние ледников, Арал, международный форум, инициативы в области водных ресурсов

## ТАШАББУСҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР СОҲАИ ХОҶАГИИ ОБ

***Муминзода Маҳмадшариф Нозим,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***Тел.:*** *(+992) 931193333,* ***E-mail:*** *sharifjonmuminov@gmail.com*

**Фишурда:** Дар ин матлаб ташаббусҳои раисиҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи захираҳои об дар Созмони Милали Муттаҳид ва аҳамияти онҳо ба талошҳои ҷаҳонӣ барои ҳалли мушкилоти марбут ба об баррасӣ шудааст. Дар мақола шарҳи ҷуғрофиё ва захираҳои обии Тоҷикистон ва аҳамияти об барои иқтисодиёт ва ҷомеаи Тоҷикистон оварда шудааст. Дар он ҳамчунин мушкилоти марбут ба идоракунии устувори об, аз қабили беҳбуди идоракунии об ва дастрасӣ ба об, рушди ҳамкориҳои байни кишварҳо ва рафъи таъсири тағйири иқлим ба захираҳои об баррасӣ шуд.

**Калидвожаҳо:** Эмомалӣ Раҳмон, СММ, захираҳои об, тағирёбии иқлим, гармшавии глобалӣ, обшавии пиряххо, баҳри Арал, форуми байналмилалӣ, ташаббусҳои захираҳои об

# INITIATIVES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON IN THE FIELD OF WATER RESOURCES

***Muminzoda Mahmadsharif Nozim,*** *assistant department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone.:*** *(+992) 93119 3333,* ***E-mail:*** *sharifjonmuminov@gmail.com*

**Annotation:** This article discussed the initiatives of the President of Tajikistan Emomali Rahmon in the field of water resources at the UN and their relevance to global efforts to solve water-related problems. The article provides an overview of the geography and water resources of Tajikistan, as well as the importance of water for the economy and society of Tajikistan. It also discussed the challenges that come with sustainable water management, such as improving water management and access to water, developing cooperation between countries, and addressing the impact of climate change on water resources.

**Keywords:** Emomali Rahmon, UN, water resources, climate change, global warming, melting glaciers, Aral Sea, international forum, water resource initiatives

Согласно статье 13 Конституции Республики Таджикистан все природные богатства принадлежать государству и государство гарантирует эффективное использование ресурсов во благо народа. Водные ресурсы необходимы для выживания человечества, а также для экономического и социального развития. Они играют решающую роль в различных секторах, включая сельское хозяйство, промышленность, энергетику и здравоохранение. Однако многие страны сталкиваются с серьезными проблемами в области устойчивого управления своими водными ресурсами, включая нехватку воды, загрязнение, изменение климата и конкурирующие потребности со стороны различных секторов и пользователей.

Экологическую и экономическую ситуацию в современное время отражают следующие факторы:

– экологический кризис, приведший к отказу общества от требований экологической безопасности;

– экономическая безысходность и обострение продовольственной проблемы;

– переход к рыночной экономике и др.

Как отмечает Д. Саъдизода: «Сегодня формирование высокого уровня правовой культуры населения в целом и культуры прав человека в частности приобретает общественное значение и имеет общечеловеческий характер».

Нехватка воды вызывает особую озабоченность, поскольку она затрагивает более 40% населения мира и, как ожидается, усугубится из-за роста населения, урбанизации и изменения климата. Загрязнение воды также является серьезной проблемой, поскольку оно угрожает здоровью населения, экосистемам и биологическому разнообразию. Изменение климата усугубляет эти проблемы, изменяя гидрологический цикл и вызывая экстремальные погодные явления, такие как наводнения и засухи.

По замечаниям самого Эмомали Рахмона: «Как вам известно, водные ресурсы сегодня находятся под серьёзным воздействием различных вызовов и угроз, которые затрагивают все сферы жизни людей, особенно продовольственную безопасность, производство «зеленой» энергии и устойчивость природы».

Эффективное управление водными ресурсами требует комплексного подхода, который уравновешивает конкурирующие потребности, защищает экосистемы и обеспечивает равный доступ для всех пользователей. Это включает в себя принятие подходов к комплексному управлению водными ресурсами, которые учитывают социальные, экономические и экологические аспекты водопользования, а также необходимость сотрудничества и координации между различными субъектами и

заинтересованными сторонами. Организация Объединенных Наций играет решающую роль в содействии устойчивому управлению водными ресурсами посредством различных инициатив и программ, включая цели в области устойчивого развития (ЦУР) и Рамочную конвенцию Организации Объединенных Наций об изменении климата (РКИК ООН).

Президент Таджикистана Эмомали Рахмон был активным сторонником устойчивого управления водными ресурсами и возглавил несколько инициатив в этой области:

1. В 1999 году на 54-ой сессии Генеральной Ассамблеи ООН Президент Республики Таджикистан выступил с инициативой провозглашения 2003 года Международным годом пресной воды. Эта идея была принята, и на следующей, 55-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН в 2000 году была принята соответствующая резолюция. В результате этой инициативы, 29 августа – 1 сентября 2003 года в городе Душанбе состоялся Международный форум по пресной воде.
2. Президент Республики Таджикистан предложил инициативу провозглашения Международного десятилетия действий «Вода для жизни» на период с 2005 по 2015 годы. В соответствии с Душанбинской декларацией, принятой 23 декабря 2003 года, Генеральная Ассамблея ООН приняла резолюцию и объявила указанный период Международным десятилетием действий «Вода для жизни».
3. В 2013 году Генеральная Ассамблея ООН приняла резолюцию 67/204, признав инициативу Республики Таджикистан о проведении Международного года водного сотрудничества. 11 февраля 2013 года в Париже, в штаб-квартире ЮНЕСКО, состоялась церемония объявления Международного года водного сотрудничества, в которой принял участие и выступил Министр иностранных дел Республики Таджикистан.
4. Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития», 2018–2028 годы: в 2018 году Лидер нации, Эмомали Рахмон предложил Генеральной Ассамблее Организации Объединенных Наций объявить 2018–2028 годы Международным десятилетием действий «Вода для устойчивого развития». Целью этой инициативы является содействие сотрудничеству между странами и заинтересованными сторонами и ускорение прогресса в достижении ЦУР, которая направлена на обеспечение доступности и устойчивого управления водой и санитарией для всех.
5. На 77-й сессии Генеральной Ассамблеи Организации Объединенных Наций, которая состоялась 14 декабря 2022 года, была принята резолюция, предложенная Республикой Таджикистан, о провозглашении 2025 года Международным годом сохранения ледников. Эта резолюция была уникальной, так как в ней объявляется как Международный день, так и Международный год сохранения ледников. В марте 2021 года Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон предложил объявить 2025 год Международным годом сохранения ледников и учредить специальный фонд для содействия сохранению ледников, а также провести Международную конференцию в г. Душанбе. На основе данной резолюции были приняты также предложения объявить 21 марта Всемирным днем сохранения ледников и создать Целевой фонд при ООН в поддержку деятельности по сохранению ледников.
6. Группа высокого уровня по водным ресурсам: Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон был назначен одним из сопредседателей Группы высокого уровня по водным ресурсам в 2016 году. Эта группа была создана Генеральным секретарем ООН для предоставления рекомендаций по улучшению управления водными ресурсами и решать проблемы, связанные с водными ресурсами, в том числе в областях управления, финансов и инфраструктуры.
7. Платформа Центральноазиатского регионального водного сотрудничества: Президент Эмомали Рахмон был ключевым сторонником Платформы Центральноазиатского регионального водного сотрудничества, целью которой является содействие диалогу и сотрудничеству между пятью странами Центральной Азии (Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Туркменистан и Узбекистан) по вопросы, связанные с водой. Платформа

была создана в 2018 году и с тех пор способствовала реализации ряда совместных инициатив и проектов, таких как Региональный экологический центр Центральной Азии.

Инициативы Президента Таджикистана имеют отношение к глобальным усилиям по решению проблем, связанных с водой, поскольку они согласуются с ЦУР и более широкой повесткой дня ООН по устойчивому развитию. Содействуя сотрудничеству, диалогу и инновациям, инициативы Президента Республики Таджикистан могут способствовать более эффективному и устойчивому управлению водными ресурсами на региональном и глобальном уровнях.

Таджикистан известен своими обильными водными ресурсами, источником которых в основном являются реки Амударья и Сырдарья, а также многочисленные более мелкие реки и озера. В стране насчитывается более 1000 ледников, которые питают ее реки и озера и являются жизненно важным источником воды для орошения, гидроэнергетики и питьевой воды. Водные ресурсы Таджикистана также важны для его сельскохозяйственного сектора, на долю которого приходится более 60% занятости в стране и 25% ее ВВП. Таджикистан является одним из государств с громадными ресурсами для производства экологически чистый электроэнергии.

Вода является важным ресурсом для экономики и общества Таджикистана, поскольку она поддерживает ряд секторов, включая сельское хозяйство, промышленность, энергетику и здравоохранение. Экономика страны сильно зависит от сельского хозяйства, которое использует поливную воду для выращивания сельскохозяйственных культур. Кроме того, гидроэнергетика является важным источником электроэнергии для страны, при этом большая часть электроэнергии, вырабатываемой в Таджикистане, поступает от гидроэлектростанций.

Несмотря на важность воды для экономики Таджикистана, страна сталкивается с рядом проблем в области устойчивого управления водными ресурсами. Одной из ключевых проблем является нехватка воды, поскольку в стране относительно низкая доступность воды на душу населения, а водоснабжение в значительной степени зависит от ледников и таяния снега. Ожидается, что изменение климата усугубит нехватку воды в Таджикистане, поскольку повышение температуры приводит к усилению таяния ледников и уменьшению количества снегопадов.

Для решения этих проблем Таджикистан реализовал различные политики и инициативы, направленные на улучшение практики управления водными ресурсами. Например, Национальная программа реформирования водного хозяйства, запущенная в 2014 году, направлена на укрепление управления водными ресурсами, расширение доступа к услугам водоснабжения и санитарии, и содействие устойчивому использованию водных ресурсов. Программа включает такие меры, как совершенствование механизмов распределения воды, модернизация ирригационных систем и продвижение вод сберегающих технологий.

Президент Таджикистана Эмомали Рахмон активно выступает за совершенствование методов управления водными ресурсами и расширение международного сотрудничества для решения связанных с водой проблем. На протяжении многих лет он предлагал несколько инициатив и политик, направленных на продвижение устойчивого использования водных ресурсов и улучшение управления водными ресурсами, как в Таджикистане, так и на международном уровне.

Одной из основных инициатив Президента Эмомали Рахмона в этой области является программа «Вода для жизни», которая была запущена в 2008 году с целью улучшения практики управления водными ресурсами и расширения доступа к безопасной питьевой воде и услугам санитарии в Таджикистане. Программа включает такие меры, как восстановление и модернизация инфраструктуры водоснабжения и водоотведения, продвижение вод сберегающих технологий и повышение осведомленности общественности о важности вод сбережения.

Эмомали Рахмон также предложил несколько инициатив в ООН, направленных на решение проблем, связанных с водой. В 2015 году он призвал к учреждению Международного десятилетия действий по водным ресурсам для устойчивого развития, которое впоследствии было одобрено Генеральной Ассамблеей ООН. Десятилетие, которое продлится с 2018 по 2028 год, направлено на содействие устойчивому использованию водных ресурсов и расширение доступа к безопасной питьевой воде и услугам санитарии.

Кроме того, Президент Эмомали Рахмон активно выступал за расширение международного сотрудничества по вопросам, связанным с водными ресурсами, особенно в контексте бассейна Аральского моря. В 2018 году он предложил создать Международный фонд спасения Арала, который будет поддерживать усилия по восстановлению экосистемы и совершенствованию методов управления водными ресурсами в регионе. Предложение было одобрено Генеральной Ассамблеей ООН, и в 2019 году Фонд был официально запущен.

Он также подчеркнул важность регионального сотрудничества в управлении водными ресурсами, особенно в контексте региона Центральной Азии. Он предложил несколько инициатив, направленных на улучшение управления водными ресурсами и развитие сотрудничества между странами региона, включая создание Центральноазиатского водно-энергетического консорциума и Центральноазиатского водного диалога.

Инициативы и предложения Президента Таджикистана отражают его приверженность содействию устойчивому использованию водных ресурсов и совершенствованию управления водными ресурсами как в Таджикистане, так и на международном уровне. Несмотря на то, что в управлении водными ресурсами в Таджикистане и в регионе в целом остаются серьезные проблемы, эти инициативы представляют собой важные шаги на пути к решению этих проблем и обеспечению устойчивого водного будущего для всех.

Основные цели его инициатив, связанных с водными ресурсами, сосредоточены на совершенствовании методов управления водными ресурсами, расширении доступа к безопасной питьевой воде и услугам санитарии, содействии сотрудничеству между странами и устранении последствий изменения климата для водных ресурсов.

Одной из ключевых целей этих инициатив является улучшение практики управления водными ресурсами в Таджикистане и в более широком регионе Центральной Азии. Сюда входят такие меры, как модернизация ирригационных систем, продвижение вод сберегающих технологий и укрепление структур управления водными ресурсами. Улучшая методы управления водными ресурсами, инициативы направлены на обеспечение устойчивого использования водных ресурсов и снижение рисков, связанных с водой, таких как нехватка воды и загрязнение.

Еще одной важной целью этих инициатив является расширение доступа к безопасной питьевой воде и санитарным услугам, особенно в сельских и отдаленных районах. Это необходимо для улучшения здоровья населения и снижения бремени болезней, передающихся через воду, которые могут оказать существенное влияние на экономическое развитие и социальное благополучие.

Содействие сотрудничеству между странами является еще одной ключевой целью нашего Президента. Учитывая трансграничный характер водных ресурсов в регионе, сотрудничество и взаимодействие необходимы для обеспечения устойчивого управления водными ресурсами и предотвращения конфликтов из-за водных ресурсов. Инициативы направлены на развитие диалога и сотрудничества между странами региона с целью выработки общих решений общих проблем, связанных с водой.

Инициативы Президента направлены на устранение воздействия изменения климата на водные ресурсы, особенно в контексте таяния ледников и уменьшения количества снегопадов. Поощряя методы устойчивого управления водными ресурсами и разрабатывая стратегии адаптации, эти инициативы направлены на снижение уязвимости сообществ и экосистем к воздействию изменения климата.

Таджикистан и его партнеры добились значительного прогресса в реализации инициатив Эмомали Рахмона, связанных с водными ресурсами, хотя остаются проблемы с реализацией их полного потенциала.

Одним из заметных успехов стала программа «Вода для жизни», которая привела к значительному улучшению практики управления водными ресурсами и расширению доступа к безопасной питьевой воде и услугам санитарии в Таджикистане. По состоянию на 2021 год более 85% населения имеют доступ к улучшенным источникам питьевой воды по сравнению с 62% в 2000 году. Кроме того, программа помогла снизить риски, связанные с водой, такие как нехватка воды и загрязнение, и способствовала результаты общественного здравоохранения.

Еще одним заметным достижением является создание Международного фонда спасения Арала, предложенного Эмомали Рахмоном и запущенного в 2019 году. Фонд мобилизовал значительные ресурсы для восстановления экосистемы и улучшения практики управления водными ресурсами в бассейне Аральского моря, а также способствовал расширению регионального сотрудничества между странами региона.

Тем не менее, остаются проблемы с реализацией некоторых других инициатив его тех, которые связаны с расширением регионального сотрудничества и устранением воздействия изменения климата на водные ресурсы. В частности, напряженность в отношениях между некоторыми странами региона осложнила усилия по выработке совместных решений общих проблем, связанных с водными ресурсами, а прогресс в разработке стратегий адаптации для устранения воздействия изменения климата на водные ресурсы был медленным.

Кроме того, финансовые и технические возможности остаются проблемой для реализации многих инициатив, особенно тех, которые связаны с модернизацией водной инфраструктуры и продвижением устойчивых методов управления водными ресурсами.

Инициативы Президента Таджикистана Эмомали Рахмона, связанные с водными ресурсами, позволяют извлечь несколько ключевых уроков, актуальных для других стран и международных участников:

1. Важность политического лидерства: Инициативы президента демонстрируют решающую роль, которую политическое лидерство может сыграть в продвижении вперед к устойчивому управлению водными ресурсами. Поставив управление водными ресурсами на первое место в национальной повестке дня и выступая за региональное сотрудничество, помог активизировать поддержку этих инициатив и добиться прогресса в достижении их целей.
2. Необходимость многостороннего партнерства. В инициативах президента участвует широкий круг заинтересованных сторон, в том числе государственные учреждения, организации гражданского общества, международные организации и частный сектор. Благодаря объединению этих различных участников и использованию их соответствующих сильных сторон и ресурсов инициативы смогли достичь значительных результатов.
3. Важность долгосрочного планирования: Достижение устойчивого управления водными ресурсами требует долгосрочной перспективы, и инициативы Президента Эмомали Рахмона отражают это. Поставив перед собой амбициозные цели и разработав комплексные стратегии для их достижения, инициативы смогли добиться прогресса в улучшении методов управления водными ресурсами и расширении доступа к безопасной питьевой воде и услугам санитарии.
4. Потребность в инновациях и технологических решениях: устойчивое управление водными ресурсами требует инновационных решений и использования соответствующих технологий. Инициативы Президента Таджикистана включают этот подход путем инвестирования в новые технологии и подходы к управлению водными ресурсами, такие как капельное орошение и опреснение.

5. Важность регионального сотрудничества. Для решения многих проблем, связанных с водными ресурсами, таких как управление трансграничными водами и последствия изменения климата, требуется региональное сотрудничество. Инициативы Президента Эмомали Рахмона отражают это, способствуя расширению диалога и сотрудничества между странами региона.

Эти уроки актуальны для других стран и международных субъектов, которые работают над устойчивым управлением водными ресурсами. Используя многосторонний, долгосрочный и инновационный подход к управлению водными ресурсами, а также способствуя расширению регионального сотрудничества, страны и международные субъекты могут добиться прогресса в достижении устойчивого управления водными ресурсами и обеспечении водной безопасности для всех.

Будущие перспективы для водных ресурсов Таджикистана сложны, впереди несколько проблем и возможностей. С одной стороны, Таджикистан обладает богатыми водными ресурсами, включая ледники, реки и озера, которые предлагают значительный потенциал для производства гидроэлектроэнергии и ирригации. С другой стороны, страна также очень уязвима к последствиям изменения климата, в том числе к изменениям в характере осадков и повышенному риску стихийных бедствий, таких как наводнения и оползни.

Эти инициативы могут сыграть важную роль в формировании будущих перспектив водных ресурсов Таджикистана. Поощряя устойчивые методы управления водными ресурсами и инвестируя в новые технологии и подходы к управлению водными ресурсами, эти инициативы могут помочь повысить эффективность водопользования и снизить связанные с водой риски, такие как нехватка воды и загрязнение. Кроме того, продвигая региональное сотрудничество и диалог, инициативы могут помочь в решении вопросов управления трансграничными водами и способствовать большей региональной стабильности и безопасности.

**Литература:**


1. Выступление на церемонии открытия Конференции ООН по среднесрочному всеобъемлющему обзору целей Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы» [электронный ресурс]. URL: http://president.tj/ru/node/30279 (дата обращения: 20.03.2023 г.)
2. Насриддинзода, Э.С. Мушкилоти обии сайёра ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли онҳо / Э.С. Насриддинзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 3(27). – С. 13-21.
3. Насриддинзода, Э.С. Таъсири тағйирёбии иқлим ба вазъи кунунии экологӣ: мушкилот ва ҳалли онҳо / Э.С. Насриддинзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 3 (15). – С.6-14.
4. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», от 23.12.2022 [электронный ресурс]. URL: http://president.tj/ru/node/29824 (дата обращения: 20.03.2023 г.)
5. Саьдизода, Д. К вопросу о классификации культуры прав человека / Д. Саьдизода // Права человека: теория, история, практика: сборник научных трудов, посвященный 65-летию Всеобщей декларации прав человека / Московский государственный университет экономики, статистики и информатики; Институт права и гуманитарного образования. – Волгоград: Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – С. 55-62.
6. Соҳибов М.М. Баъзе аз масъалаҳои кодификатсияи қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. М. Сохибов // Қонунгузорӣ. – 2017. – № 4(28). – С. 75-82.

**Азимов Фирдавс Акбаралиевич**

## ВАНДИДОД ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

**Азимов Фирдавс Акбаралиевич,** унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тел.:** (+992) 207-00-99-96.

**Калидвожаҳо:** Авасто, Вандидот, ҷазо, ҷиноят, ҷазои қатл, дин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ.

## ВАНДИДОД КАК ИСТОРИКО-ПРАВОВОЙ ИСТОЧНИК

Видведат (вандидот персидско-таджикское слово) – одна из пяти книг «Авасто», дошедших до нашего времени. Хотя его название переводится как «Закон против Демонов», то есть против злых пород «Бесов». Но следует отметить, что Vandidot никогда не бывает набором насилия. Зороастрийская философия призывает людей хорошо говорить, хорошо вести себя, хорошо думать и осуждает все виды насилия. В нашей дипломатии мы, таджики, всегда поддерживали мир и безопасность, уважение и добрососедские права в бурной истории. Понятие «Демоны» в зороастризме относится к злым и безнравственным людям, которых также называют «вандидотами», т.е. «двуногими демонами».

**Ключевые слова:** Авеста, Вандидат, наказание, преступление, смертная казнь, религия, юридическая ответственность, правонарушение.

## VANDIDODE AS A HISTORICAL AND LEGAL SOURCE

Vidvedat (vandidot is a Persian-Tajik word) is one of the five books of «Avasto» that have come down to our time. Although its name is translated as «Law against Demons», that is, against the evil breeds of «Demons». But it should be noted that Vandidot is never a set of violence. Zoroastrian philosophy encourages people to speak well, behave well, think well and condemn all forms of violence. In our diplomacy, we Tajiks have always supported peace and security, respect and good neighborly rights in a turbulent history. The concept of «Demons» in Zoroastrianism refers to evil and immoral people, who are also called «vandidots», i.e. «two-legged demons».

**Key words:** Avesta, Vandidate, punishment, crime, death penalty, religion, legal responsibility, offense.

Авасто яке аз қадимтарин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мардуми Шарқ махсусан форсҳо ба шумор меравад, ки он аз ҷониби Зардушт таълиф гардидааст.

Донишмандони бисёр оид ба Вандидот ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқоти арзишманди илмӣ анҷом дода, паҳлуҳои норӯшани онро баррасӣ намудаанд [611]. Бояд қайд

[611] *Kammenhuber, A. Tottenvorschriften und «Hunde-Magie» in Videvdat // ZDMG. – 1958. – №2. – С. 108.; Авеста «Закон против дэвов» (Видевдат). СПб.: Изд-во Политехн. Унта, 2008. – С. 35.; Авесто, Вандидод. Ҷилди 1 – Душанбе: «Бухоро» 2014, - 784 саҳ., С. 577.; Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – С. 486–487.; Азизов, У. А. Эволюция институтов прступления и наказания на территории историческово и современново Таджикистана: историко-правовое исследование: автореф. дис. ...д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – С. 31–33.; Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. Монография. – Душанбе, 2015. – 368 с.; Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследования: дис. ...д-ра юрид. наук.– Душанбе, 2015. – 413 с.; Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ. Дис. ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 203 с.; Бобоҷонзода, И.Ҳ. Ҳуқуқи моликии занон*

намуд, ки омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто аз он далолат менамояд, ки аллакай дар замони пешин шаклҳои ҷиноят ва тарзҳои ҷазодиҳӣ дар асоси меъёрҳои нисбатан мукаммали ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, қатл, маҳдуд кардани озодӣ) муқаррар шуда буд [612].

Бинобар сабаби ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ бештар хусусияти динӣ доштанд, яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон маҳз ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод ба ҳисоб мерафт [613].

Дар Вандидод ҳам дар бораи мавҷудияти чунин ҷазоҳо ишорат мешавад. Дар фаргарди 10-и Вандидод гуфта мешавад,ки амали шахсе,ки маҳкумро аз зиндон озод менамояд, ба амалҳои одаме баробар карда мешавад, ки пусти касро канда мегирад ва сари ӯро аз тан ҷудо менамояд, яъне ба одамкушӣ баробар карда мешавад. Дар замони ҳукмронии подшоҳ Аршак шахсоне, ки муҷримонро паноҳ медоданд, бояд бо онон баробар кушта мешуданд, хоҳ онҳо мӯбади мӯъбадон бошанд, хоҳ остонадор [614]. Ба ашхосе ки ҳукмро баҷо меоварданд, шоҳ силии ҳотамона ваъда менамуд. Аз ин гузашта, ӯ мусодираи молумулки гунаҳгорон (ҷинояткор)-ро ба фоидаи хазона муахаза менамуд [615].

Дар давраи зардуштӣ сараввал аксуламали ҷомеаро ба кирдорҳои зиддиҳуқуқие, ки ба ин ё он объекти ҷамъиятӣ зарари муайян мерасонд, мефаҳмонд, сипас пас аз пайдоиш ва ташаккули сохтори давлатӣ институт шакли ҳуқуқиро гирифт [616]. Назарияҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар китоби «Авасто» зикр ёфтаанд. Авасто аз 21 қисм иборат буда, то замони мо 5-қисми он боқӣ мондааст, ки ҳар яке аз ин қисмҳо ба масъалаҳои гуногуни институтҳои ҳуқуқӣ бахшида шудаанд. Чунончи:

- Ясно – муноҷот;
- Вандидод – маҷмуи амрҳои динӣ;
- Виспарад – он дуоҳоеро фаро мегард, ки дар ситоиши Яздон ва ниёиш ба даргоҳи он хос буда, ҳангоми тоату ибодати зардуштиён тиловат мегардид;
- Яштҳо – суруди муқадасси маъбудони зардуштӣ;
- Хурд Авасто – дуоҳо.

Вандидод ин як порчае аз «Авасто» буда, ҳамчун қонунномаи асоси дар оини зардуштӣ маҳсуб мешавад.

Видведат (Вандидот лафзи форсӣ-тоҷикӣ) – яке аз панҷ китобҳои то замони мо омада расидаи «Авасто» ба шумор меравад. Ҳарчанд номи он ҳамчун «Қонун бар зиди девҳо» тарҷума шудааст, яъне дар бораи бар зидди зотҳои бад, «Девҳо». Аммо бояд қайд кард, ки Вандидот ҳеҷ гоҳ маҷмӯаи зӯроварӣ қаламдод карда намешавад. Фалсафаи зардуштӣ одамонро ба гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек даъват намуда, ҳама гуна зӯровариро маҳкум намудааст. Мо тоҷикон дар дипломатияи худ ҳамеша сулҳу амонӣ, эҳтиром ва ҳаққи ҳамсоягиро дар масири пурпечу тоби таърих нигоҳ доштаем. Дар зери мафҳуми «Девҳо» дар зардуштия инсонҳои бадкор ва бадахлоқ дар назар дошта шудаанд, ки онҳоро «Вандидот» яъне «девҳои дупоя» низ ном мебаранд. Дар адабиёти форсии асримиёнагӣ, дар навиштаҷотҳои Зардуштӣ калимаҳои «нимдевиён»-»Нимдев», яъне шахсоне, ки танҳо номи инсонӣ ва табиати инсонӣ доранду вале дар асл мисли девони дупой ҳастанд, сухан меравад. Тибқи Вандидот «Девҳо» на дар бораи замин фикр мекунаду на осмон, на амали

---

*дар замони Зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – № 6. – Қ. II – С. 203–207.; Бойес, М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. –М., 1988. –97с.*

[612] *Зокиров З.Х. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк. Монография [Матн] З.Х. Зокиров. – Душанбе: Нашри Камол», 2006. – 14 с.*

[613] *Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография: нашри аввал [Матн] / З.Х. Зокиров, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 85 с*

[614] *Зокиров, З.Х. Конфискации имущества: прошлое и настоящее (на тадж. яз.). Монография [Текст] / З.Х. Зокиров. – Душанбе: Сухан, 2016. – 96 с.*

[615] *Зокирзода, З.Х., Ахмедов, Н.С. Ҳуқуқ (саволу ҷавобҳо): воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / З.Х. Зокиров, Н.С. Ахмедов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2021. – 13 с.*

[616] *Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. Монография. – Душанбе, 2015. – 60 с.*

нек мегӯяду на бад, дар умум гӯем агар комилан масъулияти инсонӣ надошта, дар пайи қонеъсозии нафси бади худ мебошанд. Вандидод на танҳо бар зидди девҳо, балки бар зидди тамоми табақоти ҳамон замон ҳамчун қонуни ҷиноятӣ эътироф мешуд. Мутаассифона дар доираи зиёиён ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ шахсоне ба назар мерасанд, ки имрӯз баъзе намудҳои ҷазои ҷиноятӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани озодиро ҳамчун институти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ рад менамоянд ва онро ба истилоҳ туҳфаи давлати шӯравӣ медонанд. Ҳол он ки садҳо далелу исботҳое ҳастанд, ки мавҷудияти ҷазои маҳдуд кардани озодиро дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҳазорсолаҳо пеш арзи вуҷуд намудааст, асоснок менамояд. Чунончӣ, ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба таври васеъ истифода мегардид, мутаассифонаро моли низоми ҳуқуқи шуравӣ медонанд. Низоми ҷазо дар давлатҳои даврони зардуштӣ доимо ташаккул меёфт. Бештари шаклҳои ҷазо дар даврони давлатдории Ҳахоманишиҳо ва давраҳои минбаъдаи рушди он аз ҷазоҳои ҷисмонӣ иборат буданд, ки бераҳмона ва сахт буданд. Вижагии ин намуди ҷазоҳо дар он хулоса мешуд, ки ба шахси дар содиркунии ягон амал гунаҳгоршуда ё гирифторшудаи ягон ҳолати аз рӯи фаҳмиш ва ҷаҳонбинии он замон хавфи ҷамъиятидошта чораҳои маҷбуркунии ҷамъиятӣ ва давлатии маҳдудсозанда раво дида мешуд. Масалан, Авасто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи давраи зардуштӣ ба зан иҷозат намедоданд, ки дар давраи ҳайзи худ ба оташи муқаддас, ба об ва замини обӣ, ба дигар ҷойҳои пок наздик шавад. Занеро, ки дар чунин ҳолат қарор дошт, «армешт» мегуфтанд, ва ҷое, ки ӯ дар он нигоҳдорӣ мешуд, «армештгоҳ» («армештгос») номида мешуд. Вай то пурра сиҳат шуданаш бояд дар он ҷо меистод.

Инчунин, тибқи Вандидод бурдани ҷисми мурда ба дахма ба як шахс (мустақилона) ва бе ёрии шахсони дигар манъ карда мешуд, чунки вай метавонист ҳангоми ин кор сироят бинад, нопок шавад ва дигар аъзои ҷамъиятро сироят бикунад. Агар одам бар хилофи ҳамаи мамнӯъот чунин амалро содир кардааст, пас ӯро низ нақли макон кардан ва қарор доштан дар ҷойҳои муайян маҳдуд карда мешуд. Ҳар инсоне ки дар бораи масъулият фикр намекард, аз рӯи мундариҷа, ки он рамзи коҳинон аст ва қоидаҳоро дар бар мегирад ҷазоҳо пешкаш мешуданд. Ҳарчанд имрӯз маҳдуд кардани озодӣ дар м. 54 КҶ ҶТ яке аз намудҳои ҷазо ба ҳисоб меравад, онро маҳсули низоми ҳуқуқии шуравӣ хонда, яктарафа инкор карда мешавад. Ҳол он ки тамоми институтҳои ҳуқуқии низоми ҳуқуқии шӯравӣ ба низомҳои ҳуқуқии англо-саксонӣ, романӣ-олмонӣ, анъанавӣ-динӣ мунтақил (трансформатсия) гашта, боз аз сари нав бо шаклу шамоили римӣ ба низоми ҳуқуқии амалкардаи мо – низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ ворид гардидааст. Аввалин генезиси бавуҷудоии ҷазои маҳдуд кардани озодӣ аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ оғоз меёбад. Ҳарчанд дар Вандидот истилоҳи «маҳдуд кардан» ё «нақли макон кардан» истифода гардида бошад ҳам қарор доштани инсонро дар ҷойҳои муайян маҳдуд мекарданд.

Дар маросимҳои зардуштӣ, ки дар нимашабҳо гузаронида мешуданд, қисмҳое аз Вандидод ва бобҳои «Ясно» ва «Виспарад» аз ҷониби ду коҳин хонда мешуд. Тиловати Вандидод дар маросимҳои зардуштиён ҳатмӣ буд.

Дар давраҳои қадим дар рафти ҷангҳо ва юришҳо асарҳои зиёде несту нобуд гардидаанд, аз ҷумла худи китоби Авасто, ки аз тарафи Искандари Мақдунӣ сӯзонида шуда буд. Далели сӯзонидани Авасто дар ягон китобҳои мутафаккирони юнонӣ, ки дар он корнамоиҳои Искандари Мақдунӣ дарҷ мегардиданд,зикр нашудааст. Ин амали Искандар аз ҷониби мубадони зардуштӣ бисёр як амали зишт ва таҳқиромез пиндошта шуда, коҳинонбар он назар буданд, ки Искандар бояд барои баъзе корҳояш маҳкум шавад. Масалан: барои худхоҳӣ ё сӯзонидан ва нусхабардорӣ кардани асарҳои форсӣ, аз ҷумла Авасто. Ба ақидаи онҳо агар Искандар ин китобҳоро нусхабардорӣ карда бошад ҳам дар он ақидаҳои шахсии Искандар зикр мешавад. Коҳинони зардуштӣ румиёнро душмани ашадии диншон меҳисобиданд.

Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи фарҳанги халқҳои ҷаҳон ақидаҳои зиёди адабиву ахлоқӣ ва фалсафӣ пайдо шудаанд. Дар ин вақт зардуштия бо динҳои яҳудӣ, будоӣ ва масеҳӣ бархӯрд намуда, аз як тараф, рукнҳои асосии илоҳиёти худро такмил дода ва аз

тарафи дигар, шароити худро ба тартибу низоми нави ҷамъиятӣ мутобиқ намуд. Дар фосилаи чор асри салтанати Сосониён китоби муқадаси зардуштиён «Авесто» чанд маротиба таҳриру тадвин шудааст. Бо дархоси шоҳаншоҳ Хусрави 1 (Анушервони одил) барои мустаҳкам намудани дини давлатӣ як қатор чорабиниҳо амалӣ андешида шуд. Бо амри ӯ муратаб кардани китоби муқадаси зардуштиён оғоз ёфта, ҳар нуқтае, ки барои ғояи ваҳдатоварии динии замони Сосониён мувофиқат намекард, ихтисор карда шуда ва ба ҷойи он масалаҳои тозаи марбут ба аҳкому ахлоқи динӣ ҳамроҳ гардидаанд. «Авестои давраи Сосониён аз 348 фасл ва 21 наск, яъне китоб иборат буд. Ҳамин тариқ, Вандидод дар замони Сосониён (асрҳои III-VII мелодӣ) ба форсии миёна тарҷума шудааст; ба ӯ фикру мулоҳизаҳои сершумор илова шудаанд. Авасто, Синбоднома, Қобуснома, Дарахти асурик, Бундахш, Тоҷномак, Оиномак, Чатранномак, Хазинаи шойгон ва ғайраҳоро ҳамчун ёдгориҳои хаттии қадима зикр кардан мумкин аст, ки на ҳамаи ин китобҳо то замони мо омада расидааст. Танҳо баъзе наскҳои Авасто дар замони ҳукмронии Хусрави 1 бо забони паҳлавӣ тарҷума ва ҷамъоварӣ шудааст, ки то ба замони мо омада расидаанд.Чунончӣ, Хусрави I фармон додааст, ки матнҳои қадимаи китобро барояш тарҷума ва ҷамъоварӣ намоянд. Зоҳиран, дар охири замони ҳукмронии Сосониён (асрҳои 5-6 пеш аз милод) Вандидод ҳатто ба қатори асари хатмӣ ва омӯзишӣ дар маъбадҳои динӣ шомил гардида буд [617] [618] [619].

Ҳангоми таҳлили мавзуи Вандидод – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар ҳақиқат нуздаҳумин наски Авасто ин Вандидот ба шумор меравад, дар худ институти ҷазо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ғайраро фаро мегирад, ки барои мо тоҷикон омӯзиш ва таҳқиқ намудани паҳлуҳои он қарзи виҷдон аст

2. Омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто аз он далолат менамояд, ки аллакай дар замони пешин шаклҳои ҷиноят ва тарзҳои ҷазодиҳӣ дар асоси меъёрҳои нисбатан мукаммали ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, қатл, маҳдуд кардани озодӣ) муқаррар шуда буд.

3. Вандидод ба шакли хаттӣ омада расидааст, чунки дар аҳди сулолаи Сосониён аз ҷониби мубадони дини Зардуштӣ китобат гардидааст, ки ба замони ҳукумронии Хусрави 1 рост меояд. Ҳамин тариқ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар қатори коҳинони маъбадҳо барои шоҳзодаҳо ва хизматчиёни дарбор низ азёд донистани матни Вандидот лозим ва ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт.

**Адабиёт**:


1. Kammenhuber, A. Tottenvorschriften und «Hunde-Magie» in Videvdat // ZDMG. – 1958. – №2. – С. 108.
2. Авеста «Закон против дэвов» (Видевдат). СПб.: Изд-во Политехн. Унта, 2008. – С. 35.
3. Авесто, Вандидод. Ҷилди 1 – Душанбе: «Бухоро» 2014, – 784 саҳ., С. 577.
4. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – С. 486–487.
5. Азизов, У. А. Эволюция институтов прступления и наказания на территории историческово и современново Таджикистана: историко-правовое исследование: автореф. дис. …д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – С. 31–33.


---

[617] *Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704 с.*

[618] *Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография: нашри аввал [Матн] / З.Х. Зокиров, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с*

[619] *Зокирзода, З.Х., Азимов Ф.А. Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидот ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокиров, Ф.А. Азимов / Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 29–43.*

6. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. Монография. – Душанбе, 2015. – 368 с.
7. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследования: дис....д-ра юрид. наук.– Душанбе, 2015. – 413 с.
8. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ. Дис. ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 203 с.
9. Бобоҷонзода, И.Ҳ. Ҳуқуқи моликии занон дар замони Зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – № 6. – Қ. II – С. 203–207.
10. Бойес, М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. – М., 1988. – 97 с.
11. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704 с.
12. Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография: нашри аввал [Матн] / З.Х. Зокиров, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с
13. Зокирзода, З.Х., Азимов Ф.А. Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидот ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокиров, Ф.А. Азимов / Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 29–43.
14. Зокирзода, З.Х., Ахмедов, Н.С.Ҳуқуқ (саволу ҷавобҳо): воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / З.Х. Зокиров, Н.С. Ахмедов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2021. – 166 с.
15. Зокиров З.Х. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк. Монография [Матн] З.Х. Зокиров. – Душанбе: Нашри Камол», 2006. – 152 с.
16. Зокиров, З.Х. Конфискации имущества: прошлое и настоящее (на тадж. яз.). Монография [Текст] / З.Х. Зокиров. – Душанбе: Сухан, 2016. – 96 с.

**Ҳасанов Беҳруз Абдуллохуҷаевич**

## АЗ ТАЪРИХИ ПАДИДАИ МАҶБУРСОЗИИ ДАВЛАТӢ-ҲУҚУҚӢ

***Ҳасанов Беҳруз Абдуллохуҷаевич,*** *ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ* ***Тел:*** *(+992) 987-74-74-13* ***Email:*** *bekhruzkhasanov747413@gmail.com*

**Фишурда:** Дар таърихи инсоният падидаи Маҷбурсозии давлатӣ-ҳуқуқӣ вуҷуд дошт ва яке аз роҳҳои танзими механизми ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ маҷбурсозии давлатӣ падидаи нав нест ва омӯзиши падидаи маҷбурсозии давлатӣ аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳуқуқӣ таҳлил гардида, нишон додани ҷойгоҳи онҳо дар низоми манбаъҳои ҳуқуқӣ ва нақши маҷбурсозии давлатӣ-ҳуқуқӣ дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ аз аҳамият холӣ нест. Новобаста аз он, ки ҷомеаи инсонӣ дар кадом сатҳ қарор дорад.

**Калидвожаҳо:** Таърихи маҷбурсозии давлатӣ, маҷбурсозии ҳуқуқӣ, механизми амалисозии маҷбурсозии давлатӣ, ҳуқуқи инсон, маҳдудсозии ҳуқуқи инсон, маҷбурсозии ҳуқуқӣ ва роҳҳои амалисозии он, ҳифзи ҳуқуқи инсон, шинохти ҳуқуқи инсон

# ИЗ ИСТОРИИ ИНСТИТУТА ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВОГО ПРИНУЖДЕНИЯ

***Хасанов Бехруз Абдуллохуджаевих,*** *ассистент кафедры государственного управления и экономического права Академии государственного управления при Президенте РТ* ***Тел:*** *(+992) 987-74-74-13* ***Email:*** *bekhruzkhasanov747413@gmail.com*

**Аннотация:** В истории человечества существовал институт государственно-правового принуждения и считается одним из способов регулирования механизма прав человека. Действительно, в системе юриспруденции государственное принуждение не является новым явлением, и исследование института государственного принуждения исторически и юридически анализируется, показывая их место в системе правовых источников и роль государственно-правового принуждения в системе правовых источников и в формирование национальной правовой системы имеет немаловажное значение.

**Ключевые слова:** история государственного принуждения, правовое принуждение, механизм осуществления государственного принуждения, права человека, ограничение прав человека, правовое принуждение и способы его осуществления, защита прав человека, признание прав человека, общечеловеческие ценности

# FROM THE HISTORY OF THE INSTITUTION OF STATE-LEGAL COERCION

***Khasanov BekhruzAbdullokhujaevich,*** *assistant of the department of state, Academy public administration under President of the Republic of Tajikistan* ***Тел.:*** *(+992) 987-74-74-13* ***Email:*** *bekhruzkhasanov747413@gmail.com*

**Annotation:** In the history of mankind, there was an institution of state-legal coercion and is considered one of the ways to regulate the mechanism of human rights. Indeed, in the system of jurisprudence, state coercion is not a new phenomenon, and the study of the institution of state coercion is historically and legally analyzed, showing their place in the system of legal sources and the role of state-legal coercion in the system of legal sources and in the formation of the national legal system is of no small importance.

**Key words:** history of state coercion, legal coercion, mechanism of state coercion, human rights, restriction of human rights, legal coercion and methods of its implementation, protection of human rights, recognition of human rights, universal values

Инсоният аз рӯзи пайдоиш ва офариниш дар ҷустуҷӯи зиндагии орому осуда, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва инсондӯсту инсонмеҳвари қарор гирифта барои зиндагӣ шоиста мекушад. Новобаста аз он, ки ҷомеаи инсонӣ дар кадом сатҳ қарор дорад, барои нигоҳдории авзои ҷомеа маҷбурсозӣ истифода шуда, зарурути татбиқи он талаб карда мешавад. Дар ҳама гуна ҷамъият, ки таърихан инсон ташаккул ёфтааст, истифодаи маҷбурсозӣ вуҷуд дорад. Аҳаммияти таърихӣ ва иҷтимоии маҷбурсозии давлатӣ бо он муайян мегардад, ки на ҳамаи аъзои ҷомеа ихтиёран ва бошуурона вазифаҳои аз ҷониби ҷомеаю давлат ба уҳда гирифтаи хешро иҷро мекунанд.

Табиатан ва таърихан ҷамъияти инсонӣ бидуни низоми зарурӣ ва тартиботи дахлдор пеш рафта наметавонад. Чунончи, барои таъмини чунин низом дар ҷомеа барои ҳар як аъзои он қоида ва меъёри муайяни рафтор муқаррар мегардад , ки асоси воқеӣ ва бунёдии онро мегузорад.

Маҷбурсозӣ дар тамоми давраҳои инкишофи ҷомеаи башарӣ вуҷуд дошт ва имрӯз низ дорад, яке аз воситаҳои зарурии таъмини муташаккилӣ ва тартибот дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Моҳияти маҷбурсозӣ дар чунин таъсиррасоние ифода меёбад, ки дар натиҷаи он ҳар як инсон бар хилофи хохиши худ ба манфиати ҷомеа рафтор мекунад. Ҳар як аъзои ҷомеа маҷбур аст, ки меъёрҳои муқарраршударо риоя кунад.

Қобили қайд аст, ки аввалин воситаи маҷбурсозӣ ва ҷазо дар таърихи башарият метавонад достони машҳури Китоби Библия дар бораи ҷазои Одаму Ҳавво, аз меваи дарахте манъшуда (дарахти маърифати неку бадӣ нахӯред ва ба он даст нарасонед, мабодо бимред), ки мор онҳоро васваса кард хӯрданд. Худо морро маҳкум кард, ки бартар аз ҳама чорпоёни ваҳшии саҳро малъун (лаънаткардашуда) ҳастӣ, дар тӯли умри худ бар шиками худ роҳ хоҳӣ рафт ва тамоми умри худ хок хоҳӣ хӯрад; ва дар ту ва зан, миёни наслҳои шумо адоват хоҳам гузошт. Ба сари ту мезанд ва ту ба пойяшон неш мезанӣ.

Ба он зан гуфт: «Дар ҳомиладории ту андӯҳи туро афзун хоҳам кард; дар беморӣ Шумо фарзанд хоҳед дошт ва хоҳиши ту ба шавҳарат аст, то инки ӯ бар ту ҳукумронӣ хоҳад кард». Ба Одам гуфт: Азбаски ту ба овози зани худ гӯш додӣ, аз он дарахт хӯрдаӣ, ки амр фармуда гуфтам: «Аз он нахӯрӣ», замин бар ту маълун шуда» тамоми айёми умри худро дар ранҷ хоҳӣ хӯрд; Хору хас бароят хоҳам рӯёнид ва аз алафӣ саҳроро хоҳӣ хӯрд.

Дар баробари ин дар офариниши башарият аз достони машҳури китоби муқаддаси Қурони Карим дар бораи ҷазои Одам (а.с.) ва Иблис, ки аз ҷониби Офаридгор фармон шуд, ки эй фариштагон, тахти Одамро биёред ва ба он тахт ба иззаташ биншонед, бо он ки роҳи тақво пеш гиред, ӯро саҷда кунед. Ба ҳукми фармони Худованд фариштагон одамро саҷда карданд ва он ки Иблис саҷда накард. Худованд гуфт: Чи чиз манъ кард туро (эй Иблис ) аз саҷда кардан вакте, ки амр кардам туро? Гуфт Иблис. Ман аз ӯ беҳтарам. Офаридгор маро аз оташ ва офарида (Одамро) аз гил. Худованд гуфт: Пас фуруд рав аз осмон (ҷаннат) зеро, ки лоиқ нест туро, ки саркаши кунӣ аз фармони ман пас берун шав! Яқинан ту (эй Иблис) аз хору зор шудагони, савганд ба зоти худ ҳар, ки пайрави кунад туро (эй Иблис) аз фарзандони Одам , албатта пур кунам дузахро аз шумо (янеъ ту ва пайравонат) ба якбораги.

Худованд гуфт: «Эй Одам (а.с) ту бо ҳамсарат (Ҳавво) дар биҳишт сокин шавед ва аз ҳар ҷо, ки хоҳед бихӯред;(аз таъому меваҳои ҷаннт) ва бар ин дарахт наздик машавед, ки аз ситамгарон хоҳед шуд». Пас, Иблис он дуро васваса кард ва гуфт: «Парвардигортон шуморо аз ин дарахт манъ накардааст , магар барои эҳтиёт аз он, ки дар сурати хурдан ба сурати ду фаришта мешавед ё ин ки дар ҷаннат абадан мемонед ва пас чун чашидан меваи он дарахтро. Дар ин ҳол нидо кард Худованд, ки оё манъ накарда будам шуморо, ки истифодаи ин дарахт? Оё нагуфта будам, ки ҳамон Иблис душмани ошкорои шумо аст? Гуфтанд (Одаму Ҳавво): «Эй Парвардигори мо, бар хеш ситам кардем; ва агар моро наомурзӣ ва бар мо меҳурубонӣ накунӣ, албатта аз зиёнкорон бошем». Худованд гуфт: Фуруд равед аз осмон (ҷаннат) дар ҳоле, ки бархе аз шумо душмани бархе дигаре хоҳед буд яъне шайтон душмани инсон ва инсон душмани шайтон. Шуморо дар руи замин ҷойгоҳу қарор ва баҳраманди бошед то вақти муайян (то дами марг) ва дар натиҷа дар нисбати онҳо Худаванд ҳукум кард ва аз ҷаннат ронда шуданд ва Одам (а.с.) ва ҳамсараш (Ҳавво)-ро дар тамоми умри худ дар рӯйи замин ба ранҷ хоҳӣ гузашт. Дар маврид гуфтан мумкин аст, аллакай маҷбурсозӣ дар офариниши Одам дар олами моддӣ ба вуҷуд омадабуд, ки дар ташаккули таърихӣ инсоният ва ҷомеаи башарӣ ташаккул ё инкишоф ёфтааст.

Маҷбурсозии давлатӣ як навъи маҷбурсозии иҷтимоӣ буда, ба ҳар иттиҳодияи одамон хос аст, таъсири берунӣ ба шуур ва рафтори онҳоро дар назар дорад. Маҷбурсозӣ дар давраҳои пеш аз давлатдорӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ вуҷуд дошта, дар ҷомеаи тодавлатӣ истифода мешуд.

Мафҳуми «маҷбурсозии давлатӣ» дар адабиёти ҳуқуқӣ васеъ истифода мешавад. Маҷбурсозӣ ки як воситаи ҳатмии қудрат буда, дар тӯли ҳазорсолаҳо вуҷуд дошт. Ба вуҷуд омадани маҷбурсозии давлатӣ бо пайдоиши чунин институтҳо, ба монанди давлат ва ҳуқуқ алоқаманд аст, ки тавлиди онҳо дар навбати худ бо сабабҳои объективӣ вобаста аст. Пароканда шудани сохти қабилаҳо, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ба вуҷуд омадани гуногунии шаклҳои моликият ва дигар институтҳои иҷтимоию иқтисоди боиси тақсим шудани муносибатҳои амиқи ҷамъияти гардиданд.

Маҷбурсозии иҷтимоӣ бо пайдоиши давлат ва ҳуқуқ ва инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ шакли маҷбурсозии давлатиро мегирад.

Аз нуқтаи назари равиши умумии сотсиологи маҷбурсозӣ воситаи таъсиррасонӣ ба рафтори шахс бо мақсади тобеъ гардонидани ӯ ба иродаи маҷбурсозанда мебошад. Чунин маҷбурсозӣ ба ҳар ҷамъият хос аст.

Маҷбурсозӣ ин воситаи сахтгиронаи таъсири иҷтимоӣ мебошад, бояд на танҳо дар доираи танзими ҳуқуқӣ, балки дар асоси тартиби қатъии ҳуқуқӣ, ки ба режими қонуният мувофиқ буда, истифодаи воситаҳои маҷбурсозиро ифода менамояд, ки таъсир он дар заминаи муносибатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ сурат гирад.

Мафҳуми «маҷбурсозӣ» аз ҷониби бисёр илмҳо: фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, сотсиология, психология, аз ҷумла илмҳои ҳуқуқшиносӣ васеъ истифода мешавад, ки боиси омӯзиши ин мафҳум аз паҳлӯҳои гуногун он гардидааст, аз лиҳоз дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи маҷбурсозӣ одатан дар ду ҷанба баррасӣ мешавад: давлатӣ ва ҳуқуқӣ. Дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ оид ба мафҳум, хусусият ва таносуби маҷбурсозии давлатӣ ва маҷбурсозии ҳуқуқӣ фикри ягона вуҷуд надорад. Вобаста ба ин масъала А.И. Козулин, дар баробари истифодаи категорияи «маҷбурсозии давлатӣ» ва «маҷбурсозии ҳуқуқӣ»-ро пешниҳод намуда, қайд мекунад, ки маҷбурсозии ҳуқуқӣ маҷбурсозӣ аз ҷиҳати меъёр муайяншуда мебошад. Муаллифони дигар, масалан, И.П.Жаренов, таъкид мекунанд, ки «илова намудан» «ҳуқуқӣ» ба категорияи «маҷбурсозии давлатӣ» зиёдатист. И.П.Жаренов ба мафҳуми маҷбурсозии давлатӣ чунин мафҳум медиҳад: маҷбурсозии давлатӣ «системаи сиёсӣ ва ҳуқуқии таъсири қувваи қудратӣ мебошад, ки аз дастгирии танзимкунанда ва институтсионалӣ иборат аст» , ки асосҳоро муайян мекунад;

Дар баробари ин А.И.Каплунов пешниҳод мекунад, ки барои фарқ кардани мафҳумҳои «маҷбурсозии ҳуқуқӣ» ва «маҷбурсозии давлатӣ» мавзуи таъсири маҷбурӣ ба сифати асос гирифта шавад. Дар ин маврид ӯ қайд мекунад, ки «маҷбурсоии давлатӣ маҷбурсозиест, ки тавассути қонун муайян карда мешавад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва намояндагони онҳо амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин чораҳои муайяни маҷбурсозии ҳуқуқиро субъектҳои дигаре, ки қонун махсус ваколатдор кардааст, татбик кардан мумкин аст. Масалан, ӯ чораҳои ҳуқуқии ҷазои интизомиро мисол меорад, ки ба акидаи ӯ, аз ҷониби шахсони ваколатдор метавонанд татбик карда шаванд, мақомотҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳо.

Ба ақидаи муаллиф маҷбурсозии давлатӣ аз маҷбурсозии ҳуқуқӣ васеъ буда дар доираи салоҳиди худ функсияҳои худро иҷро мекунад. Маҷбурсозии давлатӣ ин таъсири маҷбурие, ки маҷмӯи чораҳои таъсирасони ҷисмонӣ, руҳӣ, моддӣ мебошанд, ки аз ҷониби субъектон махсуси ваколатдори давлатӣ нисбат ба субъектҳои алоҳида амалӣ карда мешавад. Маҷбурсозии давлатӣ бо фарорасии маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ нисбат ба субъектҳо алоқаманд аст.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ як шакли маҷбурсозии давлатӣ аст, ки дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амали карда мешавад.

Маҷбурсозии давлатӣ чист? Маҷбурсозии давлатӣ як намуди маҷбурсозии иҷтимоӣ мебошад, ки маҷмӯи чораҳои таъсиррасонии рӯҳӣ, ҷисмонӣ, моддӣ ё ташкилӣ иборат буда, ки аз ҷониби субъектҳои ваколатдор новобаста аз иродаи субъектҳои татбиқшаванда бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ бо тартиби муқарраршуда татбиқ карда мешаванд.

Аз рӯйи мафҳумҳои овардашуда аломатҳои маҷбурсозии давлатӣ чунинанд:

• як навъ маҷбурсозии иҷтимоӣ мебошад;

– аз руи хусусияти равонии худ бо ихтилофи иродаи давлат, ки дар қонунҳо ифода ёфтааст ва иродаи шахсии шахсоне, ки муқаррароти қонунро вайрон кардаанд, муайян карда мешавад;

• амали берунии таъсири равонӣ, ҷисмонӣ, моддӣ ё ташкилӣ мебошад;

• таъсир ба шуур, ирода ё рафтори субъект;

• бо истифодаи чораҳои дахлдор амалӣ карда мешавад;

– аз сабаби ихтилофи иродаи давлат, ки дар қонунгузори ифода ёфтааст;

– истифодаи маҷбурсозии давлатӣ боиси ба шахс ворид шудани маҳдудиятҳои манфии ҳуқуқии мегардад;

• барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ истифода мешавад;

• дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии намуди муҳофизатӣ амалӣ карда мешавад;

• маҷбурсозии давлатӣ воситаи муҳим, вале на ягона воситаи таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, зеро дигар навъҳои маҷбурии иҷтимоӣ: маънавӣ, динӣ, корпоративӣ ва ғайра низ вуҷуд доранд.

• маҷбурсозии давлатӣ дар шакли маҳдудиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ ифода меёбад. Маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ҳудуди муқарраршудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар доираи он субъектҳо бояд амал кунанд, ин истисноии имкониятҳои муайян мебошад. Татбиқи маҷбурсозии давлатӣ ногузир боиси маҳдуд кардани озодии шахс ба манфиати ҷамъият мегардад. Маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки маҷбуркунии давлатиро ифода мекунанд, гуногунанд ва бо ҳамдигар зич алоқаманданд. Вобаста ба хусусияти чораҳои татбиқшаванда, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ метавонанд хусусияти шахсӣ, иқтисодӣ ё ташкилӣ дошта бошанд;

• маҷбурсозии давлатӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян истифода мешавад. Мақсади маҷбурсозии давлатӣ натиҷаи ниҳоиест, ки давлат ҳамчун намояндаи тамоми ҷомеа дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбурӣ ба он ноил шудан мехоҳад. Вобаста ба максади маҷбурсозии давлат дар чамъият мақсадҳои зерини амалисозии онро ҷудо кардан мумкин аст: рафъ ва пешгирии рафтори ғайриконунй; пешгирӣ ва ҳифзи ҷомеа аз падидаҳои номатлуб; барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда ё ҷуброни зарари расонидашуда; чазо додани ҷинояткорон ва ғайра максади асосии истифодаи мачбурсозӣ таъмини тартиботи муътадили ҷамъиятй, мустаҳкам намудани тартиботи қонунӣ, бо ҳар роҳ муҳофизат намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс, ҷамъият ва давлат мебошад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ. Дар баъзе адабиётҳои ҳуқуқӣ, чунин нуқтаи назарро дастгирӣ мекунанд, ки маҷбурсозии ҳуқуқӣ дар робита ба маҷбурсозии давлатӣ падидаи комилан мустақил аст. Вобаста ба дарки фаҳмиши муқаррароти мазкур маҷбурсозии ҳуқуқиро комилан мустақил эътироф намуданд ғайримкон аст. Чунки маҷбурсозии ҳуқуқӣ бе падидаи маҷбурсозии давлатӣ буда наметавонад ва дар навбати худ яке аз қисмҳои таркибии мачбурсозии давлатӣ мебошад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ на танҳо як идея дар шароити воқеияти мавҷуда, ки дар ташкили давлат ҳамчун маҷмӯи қоидаҳои меъёриву ахлоқӣ амал мекунад, балки омили зарурии тадриҷан ба вуҷуд овардани низоми ҳуқуқӣ ва принсипҳои инсондӯстӣ ва институтҳои ба ҳам алоқаманди ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳанд.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ дори чунин хусусиятҳо мебошад:

1) ин чунин маҷбурсозиест, ки бо мақсади ҳифзи арзишҳои умуми аҳамиятнок анҷом дода мешавад, ки ба принсипҳои умумии ҳуқуқ мувофиқат мекунад;

2) як навъ маҷбурсозии давлатист, ки ба ҳокимияти муташаккили давлатӣ ва ҳуқуқӣ он асос ёфтааст;

3) ба субъектони мазкур ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ дода мешаван;

4) таъмини кафолатҳои ҳуқуқӣ он дар санадҳои меъёрӣ-хуқуқӣ ифода ёфтааст;

5) натиҷаи маҷбурсозии ҳуқуқӣ татбиқи меъёрҳои қонун мебошад;

6) раванди амалисозии мачбурсозии ҳуқуқӣ бояд тибқи қонун танзим карда шавад;

Дар ҳама гуна ҷомеа инсони татбиқи адолати судӣ яке аз воситҳои тавонотарин маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Агар қонунгузории давлат ғояҳои адолат ва озодиро пайгирона ва возеҳ ифода кунад, маҷбурсозии давлатӣ барои риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ асоснок ва дар навбати худ одилона мешавад, агар не, ба худсарӣ табдил меёбад. Ин дар давлатҳои дорои режими тоталитарӣ рӯй медиҳад.

Дар шуури ҷамъиятӣ низоми арзишҳои дар ҷаҳони муосир қабулшуда тадриҷан тасдиқ карда мешаванд. Ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон эълон шудааст, аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф гардида ва шаклҳои мутамаддинро касб карда, бояд дар амал татбиқ карда шаванд, ки дар натиҷа динамикаи мусбати рушд таъмин гардида, таҷассуми воқеии ғояи волоияти қонунро ифода менамояд.

Аммо маҷбурсозӣ танҳо барои иҷрои вазифаҳои шахсӣ равона намегардад. Низому тартиботи ҷамъият на танҳо аз иҷрои вазифаҳои шахсӣ, балки аз риояи меъёрҳои манъкунанда низ вобаста аст. Масалан, дар шароити сохти авлодӣ одамкушӣ, дуздидани занону кӯдакон ва ғ. манъ шуда буд. Бо пайдоиши ҳуқуқ ин гуна меъёрҳо мазмуни қонунӣ пайдо мекунанд. Чунончи, дар моддаи 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст, ки Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд ва ё меъёрҳои боби 2-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудаанд, инчунин тамоми меъёрҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъкунанда мебошанд.

Дар ҷаҳони муосир таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ (ҷинояткории муташаккилона ва фаромиллӣ, савдои одамон, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм, экстремизм ва ғ.) функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлатро мубрам мегардонанд. Қобили қайд аст, ки ин таҳдидҳо ва хатарҳои мазкур дар сатҳи миллӣ низ мушоҳида мегарданд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон вазифаи ҷоннок намудани фаъолияти онҳо дар шароити афзудани таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳони муосир, ба мисли терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккилона ва фаромиллӣ гузошта шуд.

Истилоҳ ва ё вожаҳои «маҷбурӣ», «маҷбурсозӣ», «маҷбуркунӣ», «маҷбурият» дар назарияи умумии ҳуқуқ мавҷуд ҳастанд. Аз ин рӯ, баррасӣ ва таҳлили онҳо аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ хеле муҳим аст. Илова бар ин, истилоҳ ё ибораҳои гуногуни падидаи таҳқиқшаванда мазмуни воқеии онро пурра инъикос намекунанд, тағйироти муосири қонунгузорӣ ва рушди соҳаи ҳуқуқро ба назар намегиранд. Дар адабиёт қайд мегардад, ки истилоҳ ё ибораҳое, ки бо категорияи «маҷбурӣ» алоқаманданд, пеш аз ҳама дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маъмурӣ таҳия гардидаанд. Аммо бояд қайд намуд, ки маҷбурсозӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ паҳлуҳои зиёд дорад. Маҷбурсозии давлатӣ хусусияти сифатӣ дорад. Вай характери объективии мантиқӣ дошта, бо мақсадҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ равона шудааст.

Шакли табиии аксуламали ҷомеа ба рафтори зиддиҳуқуқии шахс маҷбурсозии давлатӣ мебошад, ки нисбат ба ин шахс татбиқ карда мешавад. Маҷбурсозӣ барои иҷрои уҳдадориҳои қонунии ба зиммаи шахс гузошташуда, вале аз ҷониби ӯ иҷронашуда, ки дар меъёрҳои моддаҳои 34 ва 45-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст аз маҷбурӣ ситонидани алимент барои тарбияи кӯдак ва ё нисбати фарзандони болиғу қобили меҳнат, ки барои нигоҳубин ва таъмини иҷтимоии падару модар масъуланд, ҳангоми саркаши намудан аз андоз ва дигар пардохтҳое, ки қонун муайян кардааст, маҷбуран мусодираи ашё) иборат мебошанд.

Маҷбурсозии давлатӣ як зинаи ташаккули мураккаби сохторӣ буда, дар дохили он мафҳуми «механизми маҷбурсозии давлатӣ» вуҷуд дорад. Ин ба маҷмуи қисмҳои пайвасткунанда ва мутақобила дахл дорад, ки ҳаракатҳои муайяни ҳадафро иҷро мекунанд. Ба ибораи дигар, механизм «система, асбобе мебошад, ки тартиби ягон намуди фаъолиятро муайян мекунад».

Унсури ибтидоӣ, аввалиндараҷаи ин механизм чораҳои маҷбурсозии давлатӣ, яъне воситаҳои таъсири ҳуқуқие мебошанд, ки дар қонун муайян карда шудаанд ва дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқи нисбат ба шаҳрвандон, ташкилотҳо татбиқ карда

мешаванд.Чунин тадбир дар айни замон ба вуҷуд овардани заминаи қонунии татбиқи онро дорад. Ба ин муайян намудани рафтори имконпазир ва дурусти шахсони ваколатдоре, ки чораҳои маҷбуриро татбиқ мекунанд, вобаста аст. Дар баъзе адабиётҳои ҳуқуқӣ, чунин нуқтаи назарро дастгирӣ мекунанд, ки маҷбурсозии ҳуқуқӣ дар робита ба маҷбурсозии давлатӣ падидаи комилан мустақил аст. Вобаста ба дарки фаҳмиши муқаррароти мазкур маҷбурсозии ҳуқуқиро комилан мустақил эътироф намуданд ғайримкон аст. Чунки маҷбурсозии ҳуқуқӣ бе падидаи маҷбурсозии давлатӣ буда наметавонад ва дар навбати худ яке аз қисмҳои таркибии маҷбурсозии давлатӣ мебошад.

Дар асоси таҳлил ва фаҳмиши падидаи маҷбурсозии давлатӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ ва илмӣ-назарӣ дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ, моҳияти маҷбурсозии давлатӣ ташкили амалисозии иродаи давлат оид ба иҷрои бечунучарои талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлил хулоса намудан мумкин аст, ки хусусиятҳои асосии маҷбурсозии давлатӣ аломатҳои зеринро дар бар мегиранд:

1) танзим бо меъёрҳои ҳуқуқӣ;

2) ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, чамъият ва давлат нигаронида шавад;

3) дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии татбиқ намудан;

4) маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои субъектҳои мачбуркунанда ҳамчун мазмуни муносибатҳои маҷбурии давлати ва чораҳои маҷбурсозии давлатӣ;

5) татбиқи маҷбуркунии давлатӣ-ҳуқуқӣ дар доираи расмиёти махсуси татбиқи ҳуқуқ, низомҳо ва усулҳо он амалӣ мешаванд;

6) татбики чораҳои мачбурсозии давлатӣ-дар асоси фактҳои ҳуқуқие, ки дар қонунгузории амалкунанда пешбини шудаанд.

**Адабиёт:**


1. Алҳоҷ Амир Аббос Бобоназарзода. Қуръони Карим бо тарҷума ва эзоҳот ба забони тоҷикӣ. Академияи Даъвати. Донишгоҳи байналмилалии Исломии Исломобод Покистон. Матбаа. Шуҷоъ. Санз Принтар 11 – Хиёбони Саҳарвардӣ Исломобод Покистон. 2006, – 1479 с.
2. Ветхий Завет –Книга … Манбаи дастрасӣ:.http://www.my-bible.info/biblio/biblija/bytie.ht (Санаи муроҷиат 4.02.2023).
3. Государственное принуждение: сущностные аспекты. Манбаи дастрасӣ: «Право»https://cyberleninka.ru/article/n/gosudarstvennoe-prinuzhdenie-suschnostnye-aspekty (Санаи муроҷиат 7.02.2023
4. Государственное принуждение: сущностные аспекты. Манбаи дастрасӣ: «Право»https://cyberleninka.ru/article/n/gosudarstvennoe-prinuzhdenie-suschnostnye-aspekty (Санаи муроҷиат 7.02.2023).
5. Каплунов А. И. Об основных чертах и понятии государственного принуждения // Государство и право. 2004. № 12.
6. Кожевником С.Н. Государственное принуждение: сущностные аспекты. Манбаи дастрасӣ: «Право»https://cyberleninka.ru/article/n/gosudarstvennoe-prinuzhdenie-suschnostnye-aspekty (Санаи муроҷиат 7.02.2023).
7. Козулин А.И., Правовое принуждение. (Правовые начала государственного принуждения в советском обществе). Дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / – Свердловск, 1986. – 167 с.
8. Жаренов, И.П., Государственное принуждение в условиях демократизации обществ 2006. 145 с.
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06. 11. 1994 с., бо тағ. ва иловаҳо-Душанбе, 2016.-126 саҳ. – Бо забони тоҷ., рус, ва анг.

10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06. 11. 1994 с., бо тағ. ва иловаҳо-Душанбе, 2016.-126 саҳ. – Бо забони тоҷ., рус, ва анг. Государственное принуждение: сущностные аспекты. Манбаи дастрасӣ: «Право» https://cyberleninka.ru/article/n/gosudarstvennoe-prinuzhdenie-suschnostnye-aspekty (Санаи мурочиат 7.02.2023).
11. Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон (7 декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – 512 с.
12. Низомиуддини Убайди. Қуръони Карим. 2012.– С.304
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 20-уми январи соли 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016.
14. Сатина Э. А., Понятие и виды государственного принуждения Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-i-vidy-gosudarstvennogo-prinuzhdeniya (Санаи муроҷиат 26.03.2023).
15. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2003, 552 с.
16. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. Нашри 2-ум, Душанбе, 2002, 532 с.

# БОБИ X.
# БАХШИ ХУКУКИ НАҚЛИЁТ ВА ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ

---

**Шарифзода Фазлиддин Шариф**

## БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛА ОИД БА ТАНЗИМИ ШАРТНОМАВИИ МУНОСИБАТҲО ДАР ҲУҚУҚИ НАҚЛИЁТ

***Шарифзода Фазлиддин Шариф,*** *Мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсент* ***Тел.: (+992) 907785050 E-mail: Fazliddin-87@bk.ru***

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба масъалаи танзими ҳуқуқии шартномавии муносибатҳо дар ҳуқуқи нақлиёт бахшида шудааст. Ҳуқуқи нақлиёт ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ як қисми муносибатҳои онро муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ аз қабили иҷозатномадиҳӣ, талабот нисбат ба воситаи нақлиёт, бехатарии ҳаракат ташкил диҳад, қисми дигари онро муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ аз қабили низоми шартномаҳои, ки тавассути намудҳои алоҳидаи нақлиёт амалӣ карда мешавад, аз қабили шартномаи боркашонӣ, мусофиркашонӣ, ҳамлу нақли бағоҷ ва ғайра. Дар адабиёти ҳуқуқӣ муносибатҳои шартномавиро дар соҳаи нақлиёт бо мафҳумҳои гуногун ифода мекунанд – «ҳамлу нақл», «шартномаи ҳамлу нақл», «шартномаҳо вобаста ба ҳамлу нақл», «шартномаҳои нақлиётӣ», «уҳдадориҳои нақлиётӣ» ва ғайра., ки дар мақолаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи нақлиёт, шартномаҳои нақлиётӣ, ҳамлу нақл, нақлиёт, уҳдадориҳои нақлиётӣ, бор, мусофир, бағоҷ, интиқол, низоми нақлиёт.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ДОГОВОРНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ОТНОШЕНИЙ В ТРАНСПОРТНОМ ПРАВЕ

***Шарифзода Фазлиддин Шариф,*** *заведующий кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами юридического факультета Таджикского национального университета кандидат юридических наук, доцент* ***Тел.****: (+992) 907785050* ***E-mail:*** *Fazliddin-87@bk.ru*

**Аннотация:** Данная статья посвящена проблеме договорно-правового регулирования отношений в транспортном праве. Транспортное право, как комплексной отрасль права, является частью публично-правовых отношений, таких как лицензирование, требования к транспортным средствам, безопасность дорожный движения. Другой его частью являются частноправовые отношения, такие как система договоров, реализуемых через отдельные виды транспорта, таких как договор перевозки грузов, пассажиров, багажа и др. В юридической литературе договорные отношения в сфере перевозок выражаются разными понятиями – «перевозка», «договор перевозки», «договоры, связанные с перевозкой», «договор перевозки», «обязательства перевозки» и др., которые в этой статье было анализирована и рассмотрена.

**Ключевые слова:** транспортное право, транспортные договоры, перевозка, транспорт, транспортные обязательства, груз, пассажир, багаж, транспортирока, транспортная система.

# SEVERAL ISSUES OF CONTRACTUAL REGULATION OF RELATIONS IN TRANSPORT LAW

***Sharifzoda Fazliddin Sharif,*** *Head of the Department of Transport Law and the Right to Use Natural Resources of the Faculty of Law of TNU, Ph.D. in Law, Docent* ***Fhone:*** *(+992) 907785050* ***E-mail: Fazliddin-87@bk.ru***

**Annotation:** This article is devoted to the problem of legal regulation of relations in transport law. Transport law, as a complex branch of law, is part of public law relations, such as licensing, requirements for vehicles, and road safety. Another part of it is private law relations, such as a system of contracts implemented through certain types of transport, such as a contract for the carriage of goods, passengers, luggage, etc. In the legal literature, contractual relations in the field of transportation are expressed by different concepts – «transportation», «transportation contract», «contracts related to transportation», «contract of transportation», «obligations of transportation», etc., which were analyzed and considered in this article.

**Key words:** transport law, transport contracts, transportation, transport, transport obligations, cargo, passenger, luggage, transportation, transport system.

Ҳастаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба нақлиётро муносибатҳои шартномавӣ ташкил медиҳад. Муқаррароти дигар дар ин ҷода (иҷозатномадиҳӣ, талабот нисбат ба воситаи нақлиёт, бехатарии ҳаракат ва ғайра) барои ноилшавӣ ба рисолати асосии нақлиёт – ҳамлу нақл равона шудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ муносибатҳои шартномавиро дар соҳаи нақлиёт бо мафҳумҳои гуногун ифода мекунанд – «ҳамлу нақл», «шартномаи ҳамлу нақл», «шартномаҳо вобаста ба ҳамлу нақл», «шартномаҳои нақлиётӣ», «уҳдадориҳои нақлиётӣ» ва ғайра. Вобаста ба истифодаи дурусти ин ё он мафҳуми мазкур доираи шартномаҳо низ дуруст муайян карда мешавад. Чунки аз паси ҳар як мафҳуми ҳуқуқӣ мазмуни муайян меистад ва истифодаи нодуруст бо он боиси муносибати нодуруст бо воқеият мегардад (О.С. Иоффе)[620].

Ҳамлу нақл асосан муносибатҳоро вобаста ба интиқоли мусофир, бор (муросилот) ва бағоҷ фаро мегирад. Ҳамлу нақл дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» аз ду калимаи ба ҳам алоқаманд: «ҳамл» ва «нақл» иборат аст. Ҳамл барои иҷрои уҳдадориҳои нақлиётӣ маънои бурдан, интиқол додан ва бор карда бурдани чизеро дорад. Ҳамл дар забони тоҷикӣ – бардоштан, боркунӣ, яъне ҳамлкуниро мефаҳмонад. Калимаи нақл маънои васеъ дошта ва фаҳмиши он ба сифати «воситаи аз ҷое ба ҷое кӯчидан, воситаи боркашӣ», ки бештар ба муносибатҳои боркашонӣ мувофиқ мебошад. Истифодаи воситаи нақлиёт тарзи ҳамлкуниро муайян мекунад (кашида ё телла карда бурдани бор, мусофир ва бағоҷ), ки дар навбати худ муносибатҳои тарафҳоро ба вуҷуд меорад, тағийр медиҳад ва қатъ мегардонад[621].

Мафҳумии расмии ҳамлу нақл дар моддаи 2 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки тиқи он ҳамлу нақл ин интиқоли бор, мусофирон ва бағоҷ, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо истифода аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути роҳҳои автомобилгард анҷом дода мешаванд[622]. Ин мафҳуми додашуда танҳо нисбати нақлиёти автомобилӣ паҳн мегардад. Ҳоло он, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти интиқолдиҳандагонро дар нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва обӣ ба танзим медарорад. Вобаста ба ин,

---

[620] *Иоффе, О. – С. Обязательственное право / О. – С. Иоффе. – М. : Юридическая литература, 2012. С.36.*
[621] *Фарҳанги забони тоҷикӣ(аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд.// Зери таҳрири Шукуров Ш.М., Капранов В.К., Ҳошим Р., Маъсумӣ. Ҷилди II. П–Ҷ. Нашриёти «Сов. Энциклопедия». –М .,1969.– С.725; Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. О–Я. (Нашри дуввум ).// Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон.– Душанбе, 2008.– С. 509.*
[622] *Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 апрели соли 2020 №1689*

намудҳои зерини нақлиётро ҷудо кардан мумкин аст: 1) нақлиёти автомобилӣ; 2) нақлиёти роҳи оҳан; 3) нақлиёти ҳавоӣ; 4) нақлиёти обӣ. Нақлиёти обиро одатан ба баҳрӣ ва дохилиобӣ навъбандӣ менамоянд. Бо назардошти он ки Тоҷикистон бо баҳрҳо ва уқёнусҳо пайванд нест, муқаррароти қонунгузорӣ оид ба нақлиёти баҳрӣ низ ҷой дошта наметавонад (вале ин ҳолат доштани нақлиёти баҳриро истисно намекунад). Дар мавриде, ки киштиҳо таҳти парчами Тоҷикистон дар уқёнусу баҳрҳо ҳаракат мекунанд, низоми ҳуқуқии онҳо бо қонунгузории байналмилалӣ ё давлати дахлдор ба танзим даровarда мешавад[623].

Ҳамлу нақлро дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан ба ду маъно фаҳмидан мумкин аст: 1) ҳамлу нақл ҳамчун ҳаракати техникӣ ва технологӣ оид ба интиқоли ҳудудӣ тавассути воситаи нақлиёт; 2) ҳамлу нақл ҳамчун муносибатҳои махсуси шартномавӣ, ки бо қонунгузории граждании танзим шудаанд. Қобили қайд аст, ки на ҳама интиқоли ҳудудӣ уҳдадориҳоро вобаста ба ҳамлу нақл ба вуҷуд меорад. Уҳдадориҳои ҳамлу нақл (1) бояд молӣ буда, дар асосҳои музднокию баробарарзишӣ ба роҳ монда шаванд; (2) тарзи интиқол дар онҳо аҳамият дорад (кашида ё тела карда бурдан уҳдадориҳои дигарро ба вуҷуд меоранд); (3) қисми асосии онҳо тавассути интиқолдиҳандагони оммавӣ амалӣ карда мешавад[624]. Пас, уҳдадориҳои ҳамлунақлӣ чунин уҳдадориҳое мебошанд, ки мувофиқи он интиқолдиҳанда уҳдадор мешавад мусофир, бағоҷ ва ё борро ба нуқтаи таъиншуда расонад, борфиристанда, мусофир ё дигар шахс уҳдадор мешаванд, ки барои амали мазкур пардохт намоянд.

Мафҳуми васеътар уҳдадориҳои нақлиётӣ аст. Ин чунин уҳдадориҳое мебошанд, ки тибқи он як тараф (интиқолдиҳанда, истифодабаранда) уҳдадор мешавад ба тарафи дигар (борфиристанда, боргиранда, мусофир, соҳиби бағоҷ ва ғайра) амали ҳуқуқӣ ва ё воқеии муайянро оид ба хизматрасониҳои нақлиётӣ расонад, тарафи дигар уҳдадор мешавад, ки маблағи онро пардохт намояд. Зимнан ин хизматрасониҳо бо ҳамлу нақл алоқаманданд ё барои интиқол бо тарзи дигар нигаронида шудаанд.

Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми нисбатан васеъ ин мафҳуми шартномаҳои нақлиётӣ мебошад. Вале дар адабиёти ҳуқуқӣ шартномаҳои нақлиётӣ баъзан ба маънои маҳдуд низ истифода мешавад. Масалан, Т.Е. Абова ба шартномаҳои нақлиётӣ шартномаҳоеро мансуб медонад, ки интиқоли борҳоро муайян менамояд ё бо он робитаи зич дошта, борро ба нуқтаи таъиншуда сари вақт ва ба таври дахлдор равон ва дастрас менамояд[625].

Ба андешаи мо ҳар як мафҳуми мазкур ҳуқуқ ба мавҷудияти мустақилона дошта, новобаста аз якдигар ва дар баъзе мавридҳо ҳатто дар муқобили якдигар истифода шуда метавонанд. Дар муайянсозии муносибатҳои шартномавии ҳуқуқи нақлиёт мо мавқеи канораро ишғол менамоем. Ба назари мо чунин менамояд, ки ба мазмуни он бояд ҳам ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ (бағоҷбор, муросилот) ва ҳам дигар шартномаҳое, ки бевосита ё бавосита ба ҳамлу нақл (ҳамчунин бо омодасозии нақлиёт) алоқаманданд, дохил карда шаванд. Шартномаҳое мавҷуданд, ки ба таъиноти асосии нақлиёт ягон робита надоранд, вале дар асоси қонун (масалан, дар мавриди суғуртаи ҳатмии мусофирон, таъмири воситаи нақлиёт) ва ё ҳолатҳои мушаххаси кор (масалан, дар мавриди мавҷудияти шартномаи иҷораи воситаҳои нақлиёт, ки ҳуқуқи амалисозии ҳамлу нақлро тавассути нақлиёти мазкур тасдиқ мекунад) онро ҳамроҳӣ мекунанд. Муносибати мазкур мафҳуми шартномаҳои нақлиётиро хеле васеъ месозад. Бо мақсади ба вуҷуд наовардани омехташавӣ ва нофаҳмиҳо мо мафҳуми «муносибатҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи нақлиёт»-ро истифода намудем, ки номгӯи васеи шартномаҳоро дар ин соҳа фаро мегирад.

---

[623] *Бадалов Ш.К., Ғафуров А.Д., Сафаров Д.С., Сафаров А.И. Ҳуқуқи нақлиёт: Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2012. С.88.*

[624] *Медведев Д.А., Смирнов В.Т. Транспортные обязательства/ Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т.2/ Отв.ред. А.П.Сергеев, Ю.К. Толстой. М., 2006. С.432.*

[625] *Абова Т.Е. Правовое регулирование деятельности транспорта/ Хозяйственное право: Учебник/ Под ред. В.В. Лаптева. М., 1983. С.478.*

Номгӯи тахминии онро чунин муайян намудан мумкин аст:

1) шартномаи ҳамлу нақли бор (боркашонӣ);

2) шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақл (-и бор);

3) шартнома оид ба додани воситаи нақлиёт барои борбардорӣ ва пешниҳоди бор барои ҳамлу нақл;

4) шартнома оид ба додан (расонидан) ва баровардани вагон ва оид ба истифодаи роҳҳои даромадгоҳи роҳи оҳан;

5) шартномаҳо оид ба ҳамлу нақли мустақими омехтаи бор;

6) шартномаи чартер;

7) шартномаи ҳамлу нақли мусофир (мусофиркашонӣ);

8) шартномаи ҳамлу нақли бағоҷ (бағоҷбор);

9) шартномаи таноби ядак;

10) шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ.

Ҳамчунин дар ин низом дигар намудҳои шартномаҳои ҳамшафат, аз қабили иҷораи (аз ҷумлаи лизинги) воситаҳои нақлиёт, шартномаи суғурта ва хизматрасониҳо (хизматрасониҳои ғайри ҳамлу нақл – хизматрасонии техникӣ, таъмир ва ғайра) истифода мешаванд. Дар муносибатҳои ҳамлу нақл шартномаҳои дарозмуддат аҳамияти калон пайдо карда истодаанд.

Шартномаи асосии нақлиётӣ ин шартномаҳо вобаста ба ҳамлу нақл мебошанд. Ҳамлу нақл ин навъи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки тавассути он бор, мусофир, бағоҷ аз як нуқта ба нуқтаи дигар интиқол меёбанд.

Боби 38 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон («Ҳамлу нақл) муқаррароти умумӣ оид ба шартномаи ҳамлу нақл, шартномаи чартер, ҳамлу нақли мустақими омехта, ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум, музди ҳамлу нақл, мӯҳлати расонидани бор, мусофир ва бағоҷ, масъулият оид ба уҳдадориҳое, ки аз ҳамлу нақл бармеояд, масъулияти боркашон барои фароҳам наовардани воситаҳои нақлиёт ва борфиристанда барои истифода набурдани воситаи нақлиёти пешкашшуда, масъулияти боркашон барои ба таъхир андохтани мусофиркашонӣ, масъулияти боркашон барои гум кардан, камомад ва зарар дидани бор ё бағоҷ, шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақл, шартномаҳо байни ташкилотҳои нақлиётӣ, эътироз ва даъво оид ба боркашонӣ, масъулияти боркашон ҳангоми фавт ё зарар дидани саломатии мусофир ва ғайраро танзим намудааст (моддаҳои 804-820).

Хусусияти шартҳои ҳамлу нақли бор, бағоҷ ва мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти алоҳида, инчунин масъулияти тарафҳо оид ба чунин ҳамлу нақл мувофиқи созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад, ба шарте дар Кодекси гражданӣ, оинномаҳо ва кодексҳои нақлиёт, дигар қонунҳо ё қоидаҳои дар асоси онҳо баровардашуда тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Имрӯз санадҳои асосие, ки тартиби ҳамлу нақлро нисбатан муфассал танзим менамоянд, қоидаҳо мебошанд.

Намудҳои шартномаи мазкур аз намуди нақлиёт ва объекти интиқолшаванда вобаста аст. Ҳамлу нақли бор ва мусофирон мумкин аст аз ҷониби як ё якчанд намуди нақлиёт ва ташкилоти нақлиётӣ амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин ҳамлу нақли маҳаллӣ, мустақим ва омехта тафовут гузошта мешавад.

Дар навбати худ, борфиристанда вобаста ба шартномаи басташуда бояд миқдори зарурии борро пешниҳод кунад ва ё ба боркашон борфурориро интиқол диҳад. Барои ин зарур аст, ки боркашон ба борфиристанда қатораҳои лозимаро пешкаш намояд.

«Интихоби навъи қаторахо аз характери бор ва хусусиятҳои он вобастагӣ дорад, ин барои он лозим аст, ки бор хуб нигаҳдорӣ шуда, воситаҳои нақлиёт низ самаранок истифода шаванд. Дар аксар мавридҳо, интихоби навъи қаторахо ба қоидаи боркашонии

---

662 *Кулаков В.В. Асари зикршуда. – С. 22.*

663 *Агарков М.М. Проблема злоупотребления правом в советском гражданском праве // Известия АН СССР. Отделение экономики и права.- 1946. – № 6. – С. 26-27.*

664 *Хамон ҷо. – С. 27.*

665 *Толстой В.С. Исполнение обязательств. – М., 1973. – С. 11.*

666 *Бакаева О.Ю. Юридическая ответственность за неисполнение (ненадлежащее исполнение) обязанности по уплате таможенных платежей: финансово-правовой аспект // Таможенное дело. – 2010. – № 3. – С. 15.*

борҳои алоҳида вобаста аст. Пешкаш намудани қатораҳои навъи нолозим, чун қоида, роҳ дода намешавад».[667] Қоидаҳои номбаршуда ба боркашонӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дахл доранд.

Чунончи, яке аз уҳдадориҳои асосии борфиристанда пешниҳоди бор барои ҳамлу нақл, ки аз ҳаҷми боркашонии маслиҳатшуда бармеояд. Ҳангоми амалӣ намудани ин уҳдадорӣ зарур аст, ки тарафи борфиристанда ҳама шартҳои вобаста ба миқдор ва навъи борро риоя кунад. Ғайр аз ин, дар шартнома бояд муҳлати пешниҳоди бор ва навъи он зикр шавад.

Дар шартнома бояд муҳлати пешниҳоди бор дар ҳолати қонеъкунанда, дар зарф ё бандубасти мувофиқ, ки имкони нигаҳдошти онро зимни боркашонӣ дошта бошад, қайд карда шавад. Мақсади борфиристанда истифодаи самараноки воситаи нақлиёт ва аниқ тартиб додани ҳама аснод ҳангоми ҳамлу нақл мебошад. Иҷрои уҳдадориҳо оид ба пешниҳоди бор барои боркашон уҳдадориҳои муқобилро барои боркашон ба вуҷуд меорад, аз ҷумла қабул намудани бор барои боркашонӣ. Дигар уҳдадориҳое низ ҳастанд, ки ба транзити байналмилалӣ бо роҳи истифодаи комплекси нақлиётии мамлакат дахл доранд.

«Сатҳи на чандон хуби транзити байналмилалӣ ба воситаи қаламрави ҶТ ва дараҷаи пасти иштироки боркашонҳои ватанӣ дар ҳамлу нақли байналмилалии борҳо аз ҳалли якчанд масоили мубрам вобастагӣ доранд, аз ҷумла:

– ба таври кофӣ набудани ҳамоҳангӣ ё унификатсияи қоидаҳо ва расмиёт бо қонунгузории байналмилалӣ;

– набудани талаботи дақиқ ба механизми идоракунии боркашониҳои автомобилӣ, сари вақт ба қонугузории миллӣ ворид нашудани тағйироту иловаҳо, расмиёти баҳогузории таъсири санадҳои пешниҳодшуда ва ё қабулгардида (баҳои танзимгари таъсирррасон), инчунин механизми мониторинг ва назоратии татбиқи конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ;

– набудани иттилооти боэътимод ва комил оид ба хизматрасониҳои нақлиётӣ, қоидаҳо ва расмиёти ҳамлу нақли байналмилалӣ;

– норасоии дониш ва малака оид ба усулҳои идоракунии байналмилалии ҳамлу нақл, инчунин татбиқ ва истифодаи технологияҳои нав».[668]

Омилҳои бадтар намудани фазои корӣ дар соҳаи нақлиёт расмиёти нокифоя ҳамоҳангшудаи аз сарҳад гузаштани воситаҳои нақлиёт мебошад, ки боиси бекор мондани нақлиёт ва боло рафтани сатҳи коррупсия мегардад. Инкишофи сусти инфрасохтори ёрирасон дар шафати роҳҳои автомобилии долонҳои байналмилалӣ, ки аз қаламрави Тоҷикистон мегузаранд, аз ҷумла таваққуфгоҳҳои бехатари автомобилӣ, ҷойҳои махсус барои истироҳат ва хизматрасонии техникӣ, таъмири мошинҳо, марказҳои ҳозиразамони логистикӣ якҷо бо норасоиҳо дар расмиёт ва қонунгузорӣ ҷолибияти транзитро ба воситаи қаламрави Тоҷикистон паст менамоянд.

Дар ҷумҳурӣ ҳамчунин сатҳи пасти василаҳои шарикии хусусии давлатӣ дар соҳаи нақлиёт ба мушоҳида мерасад, ки дар сурати беҳ намудани он рақобатнокии хизматрасониҳо тавассути ташаккули низоми аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сохторӣ баланд гардида, ба беҳтар гардидани муносибатҳои ҳамдигарии давлат ва тиҷорати хусусӣ мусоидат хоҳанд кард.

---

[667] *Горюнов А.В. Содержание обязательства, возникающего из согласованных объемов железнодорожных перевозок грузов. – М., Изд.- во: Издательская группа «Юрист», 2006. – С. 26.*

[668] *Барномаи рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020– 2021. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми феврали соли 2020, № 155 тасдиқ шудааст. //[Захираи электронӣ] // Адлия: Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ. Тафсири 6.0 // Вазорати адлияи ҶТ. - Душанбе, 2020. – Диски опт. электронии 1 (CD - ROM).*

**Адабиёт:**

1. Теория государства и права: учебник // Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2004. – С. 375–382.
2. Кулаков В.В. Обязательство и осложнения его структуры в гражданском праве России. / В.В. Кулаков// – М.: «Волтерс Клувер», 2010. – С.20.
3. Белов В.А. Учение о гражданском правоотношении // Гражданское право: проблемы теории и практики. – М., 2007. – С. 215.
4. Александров Н.Г. Юридическая норма и правоотношение. – М., 1947. – С. 19; Он же: Законность и правоотношения в советском обществе. – М., 1955. – С. 112 – 113.
5. Иоффе О.С., Шаргородский М.Д. Вопросы теории права. – М., 1961. – С. 227.
6. Молчанов В.В. Гражданско-правовое регулирование воздушных перевозок: дис. …канд. юрид. наук: 12. 00. 03./ В. В. Молчанов. – М., 2007. – С. 126–128.
7. Витрянский В.В. Договор перевозки. / В.В. Витрянский – М.: «Статут»,2001. – С. 303.
8. Кулаков В.В. Асари зикршуда. – С. 22.
9. Агарков М.М. Проблема злоупотребления правом в советском гражданском праве // Известия АН СССР. Отделение экономики и права.– 1946. – № 6. – С. 26-27.
10. Толстой В.С. Исполнение обязательств. – М., 1973. – С. 11.
11. Бакаева О.Ю. Юридическая ответственность за неисполнение (ненадлежащее исполнение) обязанности по уплате таможенных платежей: финансово-правовой аспект // Таможенное дело. – 2010. – № 3. – С. 15.
12. Горюнов А.В. Содержание обязательства, возникающего из согласованных объемов железнодорожных перевозок грузов. – М., Изд.– во: Издательская группа «Юрист», 2006. – С. 26.
13. Барномаи рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2021. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми феврали соли 2020, № 155 тасдиқ шудааст. //[Захираи электронӣ] // Адлия: Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ. Тафсири 6.0 // Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2020. – Диски опт. электронии 1 (CD – ROM).

**Муминзода Орифҷони Сафо**

## СУҒУРТАШАВАНДА ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ҶАВОБГАРИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБӢ

***Муминзода Орифҷони Сафо,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон E-mail: Jurist_9191@mail.ru* ***Тел.:*** *93-805-91-91*

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятиҳои суғурташаванда ҳамчун субъекти шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгари ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мавриди барасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки суғурташаванда ҳамчун субъекти асосӣ ва тарафи заъифи шартнома баромад мекунад.

**Калидвожаҳо:** суғурта, фаъолияти суғуртавӣ, тавакали суғуртавӣ, воситаи нақлиёт, ташкилотҳои байналмилалӣ, иқтисодиёт, ҳуқуқ, автомобил, полиси суғуртавӣ, садамаи нақлиёти автомобилӣ, манбаи хатари калон, қонунгузории гражданӣ, қонунгузории суғурт.

# СТРАХОВАТЕЛЬ КАК СУБЪЕКТ ДОГОВОРА ОБЯЗАТЕЛЬНОГО СТРАХОВАНИЯ ГРАЖДАНСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ВЛАДЕЛЬЦЕВ АВТОТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

***Муминзода Орифджони Сафо,*** *кандидат юридических наук, ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами юридического факультета Таджикского национального Университета* ***Тел.:*** *(+992) 938-05-91-91.* ***E-mail:*** *Jurist_9191@mail.ru*

**Аннотация. В** данной статье рассматриваются понятие и признаки страхователя как субъекта договора обязательного страхования гражданских прав владельцев автотранспортных средств. Автор отмечает, что страхователь выступает основным субъектом и слабой стороной договора.

**Ключевые слова:** страхование, страховая деятельность, страховой риск, транспортные средства, международные организации, экономика, право, автомобиль, страховой полис, дорожно-транспортное происшествие, источник повышенной опасности, гражданское

# INSURANT AS A SUBJECT OF THE CONTRACT OF COMPULSORY INSURANCE OF CIVIL LIABILITY OF OWNERS OF MOTOR VEHICLES

***Muminzoda Orifjoni Safo,*** *Candidate of Legal Sciences, Assistant of the Department of Transport Law and Natural Resources Use Law, Faculty of Law, Tajik National University* ***Phone:*** *(+992) 938059191* ***E-mail:*** *Jurist_9191@mail.ru*

**Annotation.** This article discusses the concept and features of the insured as a subject of the contract of compulsory insurance of civil rights of vehicle owners. The author notes that the insured is the main subject and the weak side of the contract.

**Keywords:** insurance, insurance activity, insurance risk, vehicles, international organizations, economics, law, car, insurance policy, traffic accident, source of increased danger, civil law, insurance law

Ба сифати тарафи дуюми дилхоҳ шартномаи суғурта, аз ҷумла шартномаи суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ суғурташаванда баромад мекунад, ки дар м. 1 Қонун ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» ҳамчун шахси бо суғуртакунанда шартномаи суғуртавии ҳатмиро басташуда, муайян карда мешавад. Тарафи асосии шартномаи баррасишаванда суғурташаванда маҳсуб мегардад, яъне соҳиб ва ронандаи воситаи нақлиёт, ки шартномаи суғуртаро бастааст[669].

Муҳаққиқони ватанӣ чунин мешуморанд, ки ба сифати суғурташаванда ҳамаи субъектони ҳуқуқи гражданӣ баромад менамоянд[670]. Ҳамин тариқ, андешаи мазкурро дастгирӣ намуда, дар шароити имрӯза суғурташаванда аз рӯйи шартномаи суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дилхоҳ субъекти ҳуқуқи гражданӣ метавонад баромад кунад. Чунин ҳолати қонун, ба назари мо комилан асоснок карда шуда, на ба КГ ҶТ, на ба мантиқи муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ мухолифат

[669] *Ниг.: Рассолова Т.М. Проблемы становления механизма правового регулирования обязательного страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 255.*

[670] *Ниг.: Ҳуқуқи граждании ҶТ: китоби дарсӣ: қисми дуюм / муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 268.*

намекунад Ба андешаи А. Ҷабборов ва Н. Шаропов «суғурташаванда соҳиби воситаи нақлиёти автомобилӣ ё шахсе, ки ба ҷуброни зарари соҳиби воситаи нақлиёт (масалан, хешу табор) манфиатдор аст»[671] маҳсуб меёбад.

Аммо мутобиқи м. 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» «воситаҳои нақлиёте, ки дар роҳҳои автомобилгарди ҳудуди ҶТ ҳаракат мекунанд, аз расондани осеб ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон ё расондани зарари моддӣ дар рафти истифодаи воситаҳои нақлиёт суғурта карда мешаванд»[672]. Аз таҳлили моддаи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар он нуқсони техникӣ вуҷуд дорад. Зеро, соҳибони воситаи нақлиёт бояд ҷавобгарии граждании худро дар назди шахсони сеюм суғурта намоянд, на воситаи нақлиётро.

Бо вуҷуди чунин нуқсони техникӣ Қонуни мазкур соҳибони воситаи нақлиётро уҳдадор намудааст, ки суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилиро анҷом диҳанд. Аз талаботи моддаи мазкур бармеояд, ки ба сифати суғурташаванда соҳибони воситаи нақлиёт баромад менамоянд. Бар замни ин, Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаи нақлиёт» танҳо соҳибони воситаи нақлиётро барои анҷом додани суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ уҳдадор менамояд.

Ҳамин тавр, агар ба қ. 1, м. 1039 КГ ҶТ назар афканем, он гоҳ ошкор мегардад, ки уҳдадорӣ аз рӯйи пардохти мукофоти суғуртавӣ дар шартномаи суғурта метавонад ҳам бар зимаи суғурташаванда ва ҳам бар зимаи фоидабадасторанда гузошта шавад. Дар шартномаи суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ аз рӯйи уҳдадориҳои дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони сеюм бавуҷудоянда, ки фоидагиранда ҷабрдида мебошад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад ба ҳайси пардохткунанда мукофоти суғуртавӣ дида баромада шавад, чунки ин, якум, ба моҳияти худи шартномаи суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мухолифат мекунад, дуюм бошад, аз сабаби он ки дар лаҳзаи бастани шартнома фоидагиранда (ҷабрдида) ҳанӯз муайян нест.

Бо мақсади ошкор намудани моҳияти суғурташаванда, ба назари мо бояд мафҳуми соҳибони воситаи нақлиётро таҳлил намуд. Зеро, тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» танҳо соҳибони воситаи нақлиёт уҳдадор мебошанд, аз ҳисоби худ суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ, ки метавонад дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи дигар шахсон, ҳангоми истифода бурдани воситаҳои нақлиёт анҷом диҳанд.

Тибқи м. 1 Қонуни зикргардида соҳиби воситаи нақлиёт ин шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, ки соҳиби воситаи нақлиёт бо ҳуқуқи моликият мебошад, инчунин шахсе, ки ба ӯ воситаи нақлиёт муваққатан барои соҳибӣ ва истифода дода шудааст..

Ба назари мо «соҳибони воситаи нақлиёт – ин соҳибмулкони воситаи нақлиёт, инчунин шахси дорои воситаҳои нақлиёт дар заминаи ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ ё дар ҳама гуна асосҳои ҳуқуқии дигар (ҳуқуқи иҷора, ваколатнома барои ҳуқуқи рондани воситаи нақлиёт, санади мақомоти дахлдор оид ба интиқоли воситаи нақлиёт ба ин шахс ва монанди инҳо) ба шумор меравад».

Қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми мазкур комилан ба мафҳуми соҳиб, ки бо мақсади муайян намудан ҳангоми расонидани зарар бо фаъолияти хатарнокии баланд барои атрофиён, ки новобаста аз гуноҳ дар он ҳолатҳое ки зарар на ҳангоми таъсири дуҷонибаи чунин сарчашмаҳо расонида шудааст, асосан аҷиб нест. Зеро воситаи нақлиёт дар

---

[671] *Ҷабборов А., Шаропов Н. Суғурта: китоби дарсӣ барои донишҷӯён, устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи махсус ва мутахассисоне, ки ба корҳои суғуртавӣ сарукор доранд. – Душанбе, 2011. – С. 374.*
[672] *Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» аз 17 майи с. 2018, № 1533 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.09.2020).*

мувофиқа бо қ. 1, м. 1094 КГ ҶТ сарчашмаи хатарнокии баланд эътироф карда мешавад ва хавфи ҷавобгарӣ ҳангоми истифодабарии он объекти шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилиро ташкил медиҳад ва ҷавобгарии граждании дорад.

Ҳамин тариқ, соҳиби воситаи нақлиёт тибқи қонунгузорӣ танҳо он шахсе мебошад, ки дорои молу мулки муайян мебошад, хоҳ он ҳуқуқи моликият, пешбурди хоҷагӣ ё идоракунии оперативӣ, иҷора ва дигар бошад. Ҳамчунин, дар ҳар сурат ба ҳайси соҳиб эътироф кардани шахси дорои ваколатнома ба ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт шубҳанок ба назар мерасад, азбаски ҳолати мазкури қонун, инчунин таҷрибаи бавуҷудомада, ба назари мо, наметавонад аз нуқтаи назари ҳуқуқи гражданӣ аз рӯйи асосҳои зерин имконпазир тафсир карда шавад.

Ҳамин тавр, дар асоси талаботи м. 210 КГ ҶТ ваколатнома ин ваколати хаттии аз тарафи як шахс ба шахси дигар барои намояндагӣ намудан дар назди шахсони сеюм эътироф карда мешавад. Аз рӯйи меъёри ҳуқуқии зерин ваколатнома ин танҳо санаде мебошад, ки мақсади он дар барасмиятдарории муносибатҳо аз рӯйи намояндагӣ мебошад, яъне барои содир кардани ягон муомила аз тарафи як шахс аз ном ва ба манфиати шахси дигар мебошад. Ваколатнома танҳо ба шахсони сеюм дода мешавад ва маҳз барои онҳо он ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ хизмат мекунад, ки бо ёрии он амалҳои намояндаро метавон ҳамчун амалҳои ваколатдиҳанда эътироф намуд.

Ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт метавонад аз ду нуқтаи назар дида баромада шавад. Аз як тараф он дорои иҷозатномаи махсуси маъмурӣ мебошад, ва дар он ифода мегардад, ки шахси ҳуқуқӣ дар ҳаракати роҳ метавонад ба сифати ронандаи ягон воситаи нақлиёт баромад кунад. Қайд кардан зарур аст, ки чунин ҳуқуқ ба ҳеҷ ваҷҳ бо объект муросилот надорад ва дар муносибат дар самти идоракунӣ бо ҳар роҳи воситаи нақлиёти ба меъёри (категорияи) дар иҷозатнома овардашуда, тааллуқдошта паҳн мегардад. Бешубҳа, чунин ҳуқуқи ба шахс дар тартиби маъмурӣ пешниҳодшуда, бояд шахсан аз ҷониби ӯ анҷом дода шавад ва наметавонад ба дигар супурда шавад.

Тибқи назарияи ҳуқуқи гражданӣ ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт танҳо аз як ҳуқуқи ба ваколатҳои соҳибмулк дароянда, маҳз ба истифодабарӣ, ки имконияти гирифтани хусусиятҳои фоиданоки ашёро фароҳам меоварад, ташкил меёбад. Дар ҳақиқат моҳияти воситаи нақлиёт ҳамчун моликият дар қобилияти ҷойивазкунии ӯ ва мувофиқатан интиқоли мусофирон, бор, дигар ашёҳои ҷаҳони моддӣ мебошад. Аммо, барои он ки ин кор анҷом дода шавад, иҷро намудани амалҳои ҷисмонии муайяни ба мафҳуми идоракунии воситаи нақлиёт дароянда, лозим мебошад. Ҳамин тариқ, идоракунии воситаи нақлиёт ин истифодабарии он буда, баробари иҷрои яке аз ваколатҳои ташкилкунандаи ҳуқуқи моликият мебошад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда соҳибмулк метавонад ҳуқуқи истифодабарии ашёро ба дилхоҳ шахси дигар супорад. Шартномаи мазкур бояд бо роҳҳои аз тарафи қонун муқарраркардашуда ва махсусан бо роҳи бастани шартномаи иҷора ва ҳатто нигаҳдошт бо шарти он ки дар он ҳуқуқи истифодабарии ашё (воситаи нақлиёт) пешбинӣ карда шудааст, ба расмият даровардa шавад.

Қайд намудан зарур мебошад, ки идоракунии воситаи нақлиёт ягон намуди аҳд ба шумор намеравад, зеро асоси бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъгардии ҳуқуқ ва уҳдадориҳо маҳсуб нагардида мувофиқан додани ваколатномаро барои ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт ғайриқонунӣ мегардонад. Чунин ҳуқуқ танҳо бо роҳи бастани шарномаи иҷора, қарз ё нигаҳдошт метавонад пешкаш карда шавад, зеро маҳз бо ёрии ин шартномаҳо гузариши ҳуқуқи истифодабарии ягон моликият имконпазир мебошад.

Гузашта аз он, амалия ва қонунгузорӣ бо роҳи дигар мераванд ва эҳтимолияти додани ваколатномаро аз тарафи соҳибмулки воситаи нақлиёт эътироф мекунанд. Мақсади чунин танзимкунӣ ошкор ба назар мерасад, ки қонунгузор кушиш ба харҷ медиҳад, то ки чораҳои қобили кам кардани миқдори ғорат ва дуздидани воситаи нақлиётҳоро кам кунад.

Ба андешаи мо, идоракунии воситаи нақлиёт на ҳама вақт дар асоси қонун сурат мегирад. Зеро амалия нишон медиҳад, ки аксаран шахсон барои руйпуш намудани аҳдҳои дигар, ба монанди иҷора, хариду фӯруш ва дигар ба чунин амал роҳ медиҳанд. Ҳолатҳои мазкурро метавон тибқи қ. 2, м. 195 КГ ҶТ боиси беэътибор гардонидани аҳд эътироф намуд.

Бояд қайд намуд, ки барои аз байн бурдани аҳдҳои бардурӯғ зарур аст, то дар сатҳи қонунгузорӣ гузашт намудани ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт тибқи ваколатнома манъ карда шавад. Дар баробари ин пешниҳод менамоем, ки идора намудани воситаҳои нақлиёт тибқи аҳдҳои муқаррарнамудаи КГ ҶТ анҷом дода шавад. Мисол, шартномаи нигаҳдошт, истифодаи ройгон (ссуда), шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо хизматрасонӣ дар мавриди идоракунӣ ва истифодабарии техникӣ (бо экипаж) ва иҷораи воситаи нақлиёт бе хизматрасонӣ аз тарафи иҷорадеҳ дар мавриди идоракунӣ ва истифодабарии техникӣ (бе экипаж) ва ғайра.

Ҳамчунин, дар илми ҳуқуқи граждании ақидаҳои гуногун оид ба мафҳуми суғурташаванда вуҷуд надорад. Бо мақсади ошкор намудани моҳияти он таҳлил намудани онҳо зарур мебошад.

Б.Ю. Сербиновский ва В.Н. Гаркуша қайд менамоянд, ки суғурташаванда «шахси воқеие мебошад, ки ҳаёт ва қобилияти меҳнатии он объектҳои ҳимояи суғуртавӣ аз рӯйи суғуртакунонии шахсӣ мебошанд»[673]. Чунин ақидаро А.Г. Князев, Ю.Н. Николаев низ ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки «шахси суғурташаванда ҳамчун иштирокчии муносибатҳои суғурта аст ва дар муносибатҳои суғуртаи шахсӣ мавҷуд мебошад, яъне ҳангоми суғуртаи ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнатӣ»[674].

Дар таҳлили ақидаҳои муҳаққиқон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо ба талаботи КГ ҶТ мутобиқ намебошанд. Зеро, муҳаққиқони номбурда чунин мешуморанд, ки танҳо суғурташаванда дар суғуртаи шахсӣ мавҷуд мебошад. Лекин КГ ҶТ мавҷудияти суғурташавандаро дар суғуртаи молу мулк, аниқтараш дар суғуртаи ҷавогарии гражданӣ муқаррар намудааст. Масалан, мутобиқи қ. 1, м. 1015 КГ ҶТ «мутобиқи шартномаи суғуртаи амвол як тараф (суғуртакунанда) уҳдадор мешавад, ки бо пардохти дар шартнома қайду шартшуда (мукофоти суғурта) ҳангоми фаро расидани ҳодисаи дар шартнома пешбинишуда (ҳодисаи суғурта) ба тарафи дигар (суғурташаванда) ё шахси дигаре, ки ба манфиати он шартнома баста шудааст (бадастоварандаи фоида), зарари вобаста ба ин ҳодиса ба амволи суғуртакунанда расонидашуда ё зарари вобаста ба дигар манфиати амволии суғурташаванда расонидашударо дар доираи маблағи дар шартнома муайянгардида (маблағи суғурта) пардозад (ҷубронпулии суғуртаро пардозад)». Аз муқаррароти мазкур маълум мегардад, ки дар суғуртаи молумулкӣ суғурташаванда вуҷуд дорад. Агар ба қ. 2, м. 1015 КГ ҶТ назар намоем, мавҷудияти суғурташавандаро дар СҶГ муқаррар менамояд.

Дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ истифодабарии воситаи нақлиётро ба қонунӣ ва ғайриқонунӣ ва дар навбати худ истифодаи қонуниро ба титулӣ (дар асоси санади ҳуқуқӣ) ва ғайрититулӣ тақсим менамоянд[675]. Қайд намудан ба маврид мебошад, ки талаботҳои номбурда ҳатмӣ мебошанд ва дар сурати иҷро накардани онҳо суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки аз пардохти суғуртавӣ даст кашад.

Қонунгузории ҶТ бо дигар давлатҳо на ҳама вақт якхела мебошад. Дар таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ талаботи дигар мавҷуд мебошад. Аниқтараш мутобиқи қонунгузории Фаронса ба сифати соҳиби воситаи нақлиёт нафаре баромад менамояд, ки воситаи нақлиётро идора менамояд ва муҳим нест, ки бидуни соҳибмулки воситаи

---

*[673] Сербиновский Б.Ю., Гарькуша В.Н. Страховое право. – Ростов н/Д., 2004. – С. 184.*
*[674] Князев А.Г., Николаев Ю.Н. Страхование личности и имущества. – М., 2004. – С. 183.*
*[675] Ниг.: Рассолова Т.М. Проблемы становления механизма правового регулирования обязательного страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 255.*

нақлиётро гирифтааст ё не[676]. Аммо, он ба сифати суғурташаванда баромад карда наметавонад, чунки шартномаи суғуртаи мазкур пешакӣ бо ташкилоти суғуртавӣ баста шуда, минбаъд шахс ба сифати суғурташаванда баромад менамояд.

Инчунин, дар амалия ҳолатҳое дида мешаванд, ки якчанд шахс ҳуқуқи идора намудани як воситаи нақлиётро дорад, лекин як полиси суғуртавӣ ба номи яке аз онҳо мавҷуд мебошад. Дар сурати ба вуҷуд омадани садамаи нақлиётӣ мутобиқи КГ ҶТ танҳо ба нафаре ҷуброн карда мешавад, ки номи ӯ дар полиси суғуртавӣ муқаррар гардидааст. Аниқтараш сухан дар бораи ронандае меравад, ки воситаи нақлиётро идора менамояд, инчунин дар полиси суғуртавӣ номи ӯ мавҷуд мебошад.

Бо мақсади ошкор намудани соҳиби воситаи нақлиёт зарур аст, ки мафҳуми ронандаро таҳлил намоем. Мафҳуми ронанда дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» мавҷуд намебошад ва мафҳуми он дар Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ» муқаррар гардидааст. Мутобиқи он ронанда гуфта шахсе, ки ягон намуди воситаи нақлиётро идора мекунад. Ҳамчунин, ба ронанда таълимдиҳанда ҳангоми таълими рондани воситаи нақлиёт ва қабулкунандаи имтиҳони амалии идора кардани он баробар дониста мешаванд[677].

Талаботи меъёри мазкур ба саволи ба зиммаи кӣ вогузоштани ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба шахси сеюм ҳангоми таълим додани ронанда дар воситаи нақлиёт аз ҷониби таълимдиҳанд ҷавоб додааст. Яъне нафари таълимдиҳанда, ки худ дар чамбараки воситаи нақлиёт намешинад, лекин ҳамчун ронанда баромад менамояд.

Дар баробари ин, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» мафҳуми ронанда пешбинӣ гардидааст. Тибқи м. 1 Қонуни мазкур ронанда шахсе мебошад, ки воситаи нақлиётро идора менамояд ё аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт барои идора кардани он дар доираи қонунгузории ҶТ иҷозат дода шудааст. Ҳангоми омӯхтани идоракунии воситаи нақлиёт шахси таълимдиҳанда ронанда маҳсуб меёбад.

Дар суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ба сифати ронанда шахсе баромад менамояд, ки дар полиси суғуртавӣ номи ӯ қайд шудааст. Дар ҳолате, ки агар шахс ғайриқонунӣ воситаи нақлиётро идора намуда, дар натиҷа садамаи нақлиётӣ рух диҳад ва ҷавобгарии граждании он фаро расад, уҳдадор мегардад, ки мустақилона зарари расонидашударо аз рӯйи талаботи б. 55 КГ ҶТ ҷуброн намояд.

Ҳамин тавр, суғурташаванда ин соҳиби воситаи нақлиёт мебошад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ ба ҳаёт ва саломатӣ, инчунин зарари молумулкӣ ба шахси сеюм расонидааст, дар полиси шартномаи суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ номи ӯ қайд гардида аст

---

[676] *Ниг.: Ишо К.Д. Правовые проблемы применения обязательного страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств в РФ: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 183 с.*

[677] *Ниг.: Қарори Ҳукумати ҶТ «Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз 29 июни с. 2017, № 323 тасдиқ шудааст» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.02.2020).*

**Адабиёт:**


1. Рассолова Т.М. Проблемы становления механизма правового регулирования обязательного страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств: дис.... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 255.
2. Ҳуқуқи граждании ҶТ: китоби дарсӣ: қисми дуюм / муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 268.
3. Ҷабборов А., Шаропов Н. Суғурта: китоби дарсӣ барои донишҷӯён, устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи махсус ва мутахассисоне, ки ба корҳои суғуртавӣ сарукор доранд. – Душанбе, 2011. – С. 374.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» аз 17 майи с. 2018, № 1533 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.09.2020).
5. Посох О.А. Правовое регулирование обязательного страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств: дис.... канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 188.
6. Сербиновский Б.Ю., Гарькуша В.Н. Страховое право.-ростов н/Д., 2004. – С. 184ю
7. Князев А.Г., Николаев Ю.Н. Страхование личности и имущества. – М., 2004. – С. 183.
8. Рассолова Т.М. Проблемы становления механизма правового регулирования обязательного страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств: дис.... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 255.
9. Ишо К.Д. Правовые проблемы применения обязательного страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств в РФ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2008. – 183 с.
10. Қарори Ҳукумати ҶТ «Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз 29 июни с. 2017, № 323 тасдиқ шудааст» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.02.2020).

# БОБИ XI.
# БАХШИ КРИМИНАЛИСТИКА ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ

---

**Назаров Аваз Қувватович**

## ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛҲОИ МИНБАЪДАИ ТАФТИШӢ ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТИ ОДАМКУШӢ

***Назаров Аваз Қувватович,*** *д.и.ҳ., профессор, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* ***E-mail:*** *avazjonn@mail.ru*

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур маъсалаҳои гузаронидани амалҳои минбаъдаи тафтишӣ дар раванди тафтиши ҷинояти одамкушӣ таҳқиқ карда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки амалҳои минабаъдаи тафтишӣ дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ пурсиш, кофтуков, шаҳодаткунонӣ ва таъин намудани экспертизаҳои гуногуни криминалистикӣ ва судӣ баромад мекунанд.

**Калидвожаҳо:** амалҳои минбаъдаи тафтишӣ, тафтиши ҷинояти одамкушӣ, пурсиш, кофтуков, шаҳодаткунонӣ, экспертиза, криминалистика.

## ПРОВЕДЕНИЕ ПОСЛЕДУЮЩИХ СЛЕДСТВЕННЫХ ДЕЙСТВИЙ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ УБИЙСТВА

***Назаров Аваз Кувватович,*** *д.ю.н., профессор, заведующий кафедры криминалистики и судебно – экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета* ***E-mail:*** *avazjonn@mail.ru*

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются вопросы проведения последующих следственных действий в процессе расследования преступления убийства. Следует отметить, что последующие действия следствия при расследовании преступления убийства включают в себя допрос, обыск, освидетельствование и назначение различных криминалистических и судебных экспертиз.

**Ключевые слова:** последующие следственные действия, расследование убийства, допрос, обыск, освидетельствование, экспертиза, криминалистика.

## CONDUCT OF FURTHER INVESTIGATIVE ACTIONS IN THE CASE OF THE INVESTIGATION OF THE CRIME OF HOMICIDE

***Nazarov Avaz Kuvvatovich,*** *Head of the Department of Criminalistics and Forensic Expertise of the Faculty of Law, Professor.* ***E-mail:*** *avazjonn@mail.ru*

**Summary**: This article examines the issues of conducting further investigative actions in the process of investigating the crime of homicide. It should be noted that the following actions of the investigation in the investigation of the crime of murder include interrogation, search, witnessing and appointment of various forensic and judicial expertises.

**Keywords:** further investigative actions, homicide investigation, interrogation, search, testimony, expertise, forensics.

Гуногунии усулҳои содир кардан ва пинҳон кардани ҷинояти одамкушӣ, мақсад ва ҳадафҳои онҳо, хусусияти воситаҳои истифодакардаи ҷинояткорон, хусусиятҳои ҷой ва вақти содир кардани ин ҷиноятҳо хусусиятҳои методологияи умумии тафтиши онҳо, муайян кардани усулҳои хусусие, ки тафтиши одамкушиҳои навъҳои гуногунро инъикос мекунанд, аз тарафи илми криминалистика омӯхта шуда, усули тафтиши онҳо ба роҳ монда мешавад.

Мисли ҳама гуна усули хусусии тафтиши ҳар як намуди ҷинояти одамкушӣ – усули тафтишӣ, хусусиятҳо ва мушкилоти худро дорад, ки бо амалҳои тафтишӣ ин мушкилотҳо ҳалли худро меёбанд, аз ҷумла: азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва ҷасад, азназаргузаронии силоҳи ҷинояти содиршаванда, таъин кардани экспертиза, пурсиши шоҳидон ва гумонбаршуда (айбдоршаванда)[678].

Парвандаи одамкушӣ, пас аз пайдо шудани ҷасад бо нишонаҳои марги маҷбурӣ оғоз мешавад. Дар хотир бояд дошт, ки сари вақт оғоз накардани парвандаи чиноятӣ боиси оқибатҳои манфӣ мегардад. Қотиле, ки дар озодӣ мемонад, қодир аст осори ин кирдорро нест кунад, боз ҷинояти вазнин содир кунад. Дар зери таъсири қувваҳои номусоиди беруна пайҳо метавонанд бебозгашт тағйир дода шаванд. Ҳолатҳои ҷиноятро, ки шоҳидони айнӣ дарк мекунанд, метавонанд ба гӯшаи фаромӯшӣ раванд.

Бар асоси маълумоте, ки дар марҳилаи аввали тафтиши ҷинояти одамкушӣ ба даст омадааст, дар бораи шахси мушаххасе, ки одамкуширо содир кардааст, фарзияҳои гуногун пешниҳод мешаванд. Аввалан, шумораи муайяни шахсон аниқ карда мешавад, ки дар байни онҳо эҳтимолан гумонбаршавандаи ҷинояти одамкуширо пайдо кардан мумкин аст. Охирин метавонад шахсони гумонбар ба се гурӯҳ мансуб бошад: ба ҷабрдида ношинос; шиносҳояш, ки бо ӯ зиндагӣ намекарданд; хешовандони ҷабрдида, ки ҳамроҳи ӯ зиндагонӣ мекунанд. Амалҳои минбаъдаи тафтишӣ пурсиши шоҳидон, боздошт ва пурсиш кардани гумонбаршуда (айбдоршаванда), кофтуков дар ҷойҳое, ки ӯ бо онҳо алоқаманд аст, таъини экспертизаҳои гуногун мебошанд. Албатта, амалҳои дигари тафтишӣ низ метавонанд анҷом дода шаванд (масалан, эксперименти тафтишӣ, нишон додан барои шинохтан ва ғайра).

Пурсиши айбдоршаванда яке аз амалҳои асосии тафтишӣ ба ҳисоб меравад. Тайёрӣ ба ин амали тафтишӣ бояд ҷиддӣ ба роҳ монда шавад, нақшаи пурсишҳои хаттӣ тартиб дода, маводи парвандаи марбут ба пурсиш ба низом дароварда мешавад. Нишондоди айбдоршавандае, ки ба одамкушӣ икрор шудааст, бояд бодиққат санҷида шавад. Дар амалияи тафтишӣ вазъиятҳое ба чашм расиданаш мумкин аст, ки айбдоршаванда тамоми айбро бар дӯши худ гирифта, нақши шариконро паст карда, ё тамоман пинҳон медорад[679].

Аксар вақт гузаронидани экспертизаи судӣ барои муайян кардани ҳақиқат аҳаммияти калидӣ дорад. Ба ғайр аз экспертизаи судӣ – тиббии барои ин категорияи парвандаҳои ҷинояти экспертизаи судии равонпизишӣи, судӣ – тиббӣ (трасологӣ, баллистикӣ ва ғайра), экспертизаи биологӣ, азназаргузаронии моддаҳо ва маводҳо мавқеи муайянкунандаро мебозанд.

Дар сурати мавҷуд будани маълумот оид ба аломатҳои берунии шахсияти ҷинояткор, ки ба ҷабрдида ношинос аст, портрети композитсияи (субъективӣ) ӯ бо усули «фоторобот» тартиб дода мешавад, ки бо ёрии он кормандони оперативӣ ҷинояткорро ҷустуҷӯ мекунанд[680].

Асоси фарзияҳоро дар бораи шумораи гумонбаршавандаҳое, ки аз байни онҳо ҷинояткор бояд кофтуков карда шавад, бо нишонаҳо ва дигар далелҳои шайъӣ, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса пайдо шудаанд, асоснок кардан мумкин аст. Асос барои фарзия дар бораи доираи шахсоне, ки дар байни онҳо бояд ҷинояткорро ҷустуҷӯ намуд, ме-

---

[678] *Селиванов Н.А., Соя-Серко Л.А. Убийство: как его раскрыть. М., 1994. – С. 72.*

[679] *Ищенко Е.П., Топорков А.А. Криминалистика: Учебник. ф 2-е издание. – М.: Юридическая фирма «КОНТРАКТ», ИНФРА-М, 2010. 781с.*

[680] *Селиванов Н.А., Соя-Серко Л.А. Убийство: как его раскрыть. М., 1994. – С. 72.*

тавонанд пайҳо ва дигар далелҳои шайъӣ бошанд, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ходиса ошкор гардидаанд.

Ҷустуҷӯи гумонбар, инчунин бо чораҳои оперативӣ, аз ҷумла тафтиши шахсоне, ки қаблан барои содир кардани ҷиноятҳо муқобили шахсият доғи судӣ доранд, инчунин омӯхтани парвандаҳои ҷиноятии дар бойгонӣ мавҷудбуда амалӣ карда мешавад; кофтукови молу мулке, ки дар робита ба куштор дуздида шудааст ба роҳ монда мешавад[681].

Ҷустуҷӯи айбдоршаванда тавассути чораҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ низ амалӣ карда мешавад, аз ҷумла, тафтиши шахсони қаблан барои ҷиноятҳо бар зидди шахсият судшуда, омӯзиши парвандаҳои ҷиноятии бойгонӣ; таъқиби молу мулке, ки вобаста ба одамкушӣ дуздӣ шуда буд, бо роҳи дида баромадани ҳавлиҳо; ҳаракат аз рӯйи пайҳои воситаҳои нақлиёт ё пойафзоле, ки аз ҷойи ҳодиса ба манзил ё ҷойи кори айбдоршаванда мебаранд, татбиқ карда мешаванд.

Муқаррар кардани шахси гунаҳкор, ки ба доираи атрофиёни ҷабрдида дохил мешавад, бо роҳи омӯзиши дақиқи муносибати вай бо шиносон ва одамони наздик имконпазир мебошад. Он вақт тавассути ошкор кардани муносибатҳои ғайридӯстона, душманона, низоъангез, пешниҳодкунии фарзия дар бораи шахсе даст медиҳад, ки эҳтимолан ба одамкушӣ манфиатдор бошад.

Пурсиши шоҳидон имкон медиҳад, ки тахминан саволҳои зеринро муайян намоем: шоҳид дар бораи рафтори гумонбаршуда дар арафаи ҳодисаи содир шудани ҷинояти тафтишшаванда чиро нишон дода метавонад. Инчунин бояд муайян карда шавад, ки оё гумонбаршуда медонист, ки ҷабрдида дорои ашёи қиматбаҳо, маблағи назаррас аст, оё ӯ дар хона буд ё не; оё ӯ машруботи спиртӣ ва маводи мухаддирро сӯиистифода мекард, оё ӯ бо афзоиши шаҳвонӣ фарқ намекард, оё шоҳид предметеро дидааст, ки ба он чизе, ки дар ҷойи ҳодиса ёфт шудааст монандӣ дорад; дар бораи муносибати гумонбаршуда бо ҷабрдида ба шоҳид маълум аст, дар байни онхо ҷанҷол, задухӯрд ба амал омадааст ё не; ба ҷабрдида бо зӯроварӣ таҳдид кард[682].

Тафтиш кардан зарур аст, ки ба шоҳид атрофи рафтори гумонбаршуда пас аз одамкушӣ чӣ маълум аст: масалан, оё вай ба хона хеле дер бо пайҳои хун, бо либоси тар, ифлос, дарида, бо зарарҳо дар рӯй, дастҳо пайдо шудааст; оё вай симои зоҳириаш (мӯйлаб, ришро тарошидааст, мӯйи сарро ранг намудааст, ороиши мӯйи сарро иваз намудааст ва ғайра)-ро тағйир надодааст; оё вай дар ташвиш мондааст, аз мардум канораҷӯӣ ва камгап шудааст, оё аз хона дар давраи қабл аз ошкор кардани қисматҳои ҷасад чизеро дар ҷомадон, сумка ё борхалта баровarда буд; оё нисбат ба шахси тафтишро пешбаранда таваҷҷуҳи зиёд изҳор кардааст; оё вай ногаҳон ба самти номаълум баромадааст?

Кофтуковро нисбати шахсони ба одамкушӣ гумонбаршуда, пеш аз ҳама, бояд барои ҷустуҷӯйи олоти ҷиноят ва мансубият ба вай (силоҳи оташфишон, тирҳо, сочма, сочмаи донаҳояш калон, корд, табар, шамшер, кастет ва ғайра) гузаронидан лозим аст. Бояд таваҷҷуҳ ба асбобу маводе, ки ба ашёи барои тайёр намудани силоҳи худсози аз ҷойи ходиса гирифташуда монанд аст; моддаҳои заҳрнок; пайҳои хун; фарштахтаи наврангкардашуда; қисми сафедкардашудаи девор; фарши шусташуда ҳангоми фаршҳои ифлоси дигар хонаҳо ва ғ. равона карда шавад[683].

Экспертизаи криминалистикӣ барои муқаррар кардани далели ҳамкории иртиботии гумонбаршуда бо ҷабрдида, ашёи либосҳои вай ва ҳолати ашёии ҷойи ҳодиса аз рӯйи пайҳои зарачаҳои хурд таъин карда мешавад. Ҳангоми тамоман наздик қарор гирифтани ду объект, байни онҳо табодули ба худ хоси ҳуҷайраҳои хурд, ки ба таркиби маводи онҳо дохил мешаванд ё қабатҳои ғайр маҳсуб мешаванд, ҷой дошта метавонад.

---

[681] *Карагодин В.Н., Никитина Е.В., Зашляпин Л.А. Расследование убийств: Учебное пособие. Екатеринбург, 1993. – С. 58.*

[682] *Карагодин В.Н., Никитина Е.В., Зашляпин Л.А. Расследование убийств: Учебное пособие. Екатеринбург, 1993. – С. 58.*

[683] *Карагодин В.Н., Никитина Е.В., Зашляпин Л.А. Расследование убийств: Учебное пособие. Екатеринбург, 1993. – С. 58.*

Хулосаи коршинос дар бораи ҳамкории иртиботӣ нисбат ба таводули маҷмӯи бузурги ҳуҷайраҳои хурди як объект ба объекти дигар боэътимодтар мебошад. Бо дарназардошти он ки ҳуҷайраҳои хурд ҳамчун далелҳои шайъӣ хеле муҳиманд, кӯшишҳои барои ошкор кардани онҳо сарфшуда беҳуда нест. Аксаран онҳо ба таври сахт дар ашё-ҳомилон ба қайд гирифта шуда, ҳатто дар зери таъсири шароитҳои номусоид онро аз даст намедиҳанд[684].

Тавассути экспертизаи криминалистикӣ айнияткунонии инфиродии гумонбаршуда аз рӯйи пайҳои пойҳои луч, аз ҷумла аз рӯйи пайҳои хунолуд дар фарши хона, пайҳои бузургҳаҷм дар соҳили обанбор, ки дар он ҷасад ғарқ карда шуд ва ғ. гузаронида мешаванд.

Бисёр вақт экспертизаҳои судӣ-баллистикӣ гузаронида мешаванд, ки дар натиҷаи он аз рӯйи пайҳои монеаҳо, тирҳо ва гилзаҳо, система, навъ, намуд, самт ва масофаи паррондан, имконпазирӣ ё имконнопазирии тирпарронии беихтиёр (бе зер кардан ба тугмачаи тирпарронӣ) ҳангоми шароитҳои муайян муқаррар гардонда, нусхаи мушаххаси силоҳи аз тарафи қотил истифодашударо муайян мекунанд.

Аз рӯйи парванда дар бораи одамкушӣ метавонанд дигар намудҳои экспертизаи судӣ низ гузаронида шаванд, аз ҷумла барои муқаррар кардани он ки гӯшаи банди дар гардани ҷасадбуда ё дар бастабандӣ истифодашуда бо дигар қисмҳои он ба категорияи махсус ва ё барои касбҳои муайян тааллуқ дорад.

Ҳангоми мавҷуд будани шубҳа оид ба солимии ҳолати рӯҳии гумонбаршуда ё айбдоршаванда экспертизаи судӣ-психиатрӣ таъин карда мешавад. Сабаби таъини он метавонад нишондоди шоҳидон дар бораи рафтори ғайриодии гумонбаршуда, беасос содир намудани одамкушӣ ва ҳаракатҳои алоқаманд бо он бошанд. Вазифаҳои асосии экспертизаи мазкур ба муқаррар кардани бемориҳои руҳӣ (психикӣ) ё ҳолати муваққатии беморӣ дар лаҳзаи одамкушӣ, қобилияти вай оид ба додани ҳисобот нисбати ҳаракатҳои худ ва идоракунии онҳо равона карда шудааст.

Дар баъзе ҳолатҳо вобаста ба тафтиши парвандаҳо оид ба одамкушӣ экспертизаи судӣ-психологӣ гузаронида мешавад, ки он ба ошкор намудани масъалаи оё айбдоршаванда ҳангоми содир кардани кирдор дар ҳолати ҳаяҷони руҳӣ қарор дошт; агар ҳа, пас ин ба қобилияти вай нисбати дарки вазъият, фаҳмидани аҳамияти амалҳои худ ва идоракунии онҳо таъсир расонид, кумак мерасонад. Ин экспертиза, одатан, нисбат ба айбдоршавандагони ноболиғ гузаронида мешавад[685].

Дар охир ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар раванди тафтиши ҷинояти одамкушӣ ба сифати амалҳои минбаъдаи тафтишӣ пурсиш, кофтуков, шаҳодаткунонӣ ва таъин намудани экспертизаҳои гуногуни криминалистикӣ ва судӣ баромад мекунад. Бояд тазаккур дод, ки амалҳои минбаъдаи тафтишӣ дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ барои исбот намудани гуноҳи айбдоршаванда дар содир намудани ҷинояти одамкуши мавқеи муайянкнандаро доро мебошад.

**Адабиётҳо:**


1. Ищенко Е.П., Топорков А.А. Криминалистика: Учебник. — 2-е издание. — М.: Юридическая фирма «КОНТРАКТ», ИНФРА-М, 2010. 781с.
2. Карагодин В.Н., Никитина Е.В., Зашляпин Л.А. Расследование убийств: Учебное пособие. Екатеринбург, 1993. С. 58.
3. Кримилистика. Гуруҳи муаллифон. Зери таҳрири Назаров А.Қ, Душанбе, 2019. 810 с.
4. Селиванов Н.А., Соя-Серко Л.А. Убийство: как его раскрыть. М., 1994. С. 72.
5. Шиканов В.И. Использование специальных познаний при расследовании убийств. Иркутск, 1976. С. 25.


[684] *Кримилистика. Гуруҳи муаллифон. Зери таҳрири Назаров А.Қ, Душанбе, 2019. 810 с.*

[685] *Шиканов В.И. Использование специальных познаний при расследовании убийств. Иркутск, 1976. – С. 25.*

**Ямакова Зумрад Дададжановна**

# ПОСЛЕДУЮЩИЕ СЛЕДСТВЕННЫЕ ДЕЙСТВИЯ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ДЕТОУБИЙСТВ

***Ямакова Зумрад Дададжановна* – *профессор кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета***

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются проблемы последующих следственных действий при расследовании детоубийств. Типичными последующими следственными действиями по делам о детоубийствах являются: допросы свидетелей, назначение судебных экспертиз, допросы обвиняемых, проверка показаний на месте, следственный эксперимент и обыск.

**Ключевые слова**: последующие следственные действия, расследование, детоубийство, допросы свидетелей, назначение судебных экспертиз, допросы обвиняемых, проверка показаний на месте, следственный эксперимент и обыск.

## FOLLOW-UP INVESTIGATING ACTION IN THE INVESTIGATION OF INFANT-MURDER

Yamakova Zumrad Dadajanovna –Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Activities of the Law Faculty of TNU

**Annotation.** This article explores the problems of subsequent investigative action in the investigation of infanticide. Typical subsequent investigative actions in cases of infanticide are: interrogation of witnesses, appointment of forensic examinations, interrogations of the accused, verification of testimony on the spot, investigative experiment and search.

**Keywords**: subsequent investigative actions, investigation, infanticide, interrogation of witnesses, appointment of forensic examinations, interrogations of the accused, verification of testimony on the spot, investigative experiment and search.

## АМАЛҲОИ МИНБАЪДАИ ТАФТИШӢ ДАР ТАФТИШИ КУШТОРИ КӮДАКОН

***Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна,*** *профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Фишурда.** Дар ин мақола мушкилоти амалҳои минбаъдаи тафтишотӣ дар таҳқиқи парвандаи қатли кӯдакон баррасӣ мешавад. Амалҳои маъмулии минбаъдаи тафтишотӣ дар парвандаҳои куштори кӯдакон аз инҳо иборатанд: пурсиши шоҳидон, таъини экспертизаи судӣ, пурсиши айбдоршаванда, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, эксперименти тафтишотӣ ва кофтуков.

**Калидвожаҳо**: амалҳои минбаъдаи тафтишотӣ, тафтишот, куштори кӯдак, пурсиши шоҳидон, таъини экспертизаи судӣ, пурсишҳои айбдоршаванда, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, эксперименти тафтишотӣ ва кофтуков.

Борьба с преступностью требует повышения эффективности работы правоохранительных органов. Задача криминалистов в этом процессе – разработка новых и совершенствование существующих методик расследования отдельных видов преступлений.

Наиболее тяжкими преступлениями против личности являются убийства. Причинение смерти новорожденным детям, матерями занимает в структуре насильственной преступно-

сти заметное место. Это преступление называют «самым женским». Здесь видна одна из сторон специфики расследования детоубийства, т. е. умышленного убийства роженицей (родильницей) новорожденного ребенка. Проведение оперативно-розыскных мероприятий и следственных действий характеризуется своеобразием, обусловленным требованиями УПК РТ, психологией и физиологией женщин. Преступное поведение женщин отличается способами, орудиями совершения преступления, выбором жертвы[686].

По данной категории дел необходимо доказать следующие специфические факты: новорожденность, зрелость, доношенность, живорожденность, жизнеспособность; факт насильственного виновного причинения смерти младенцу родильницей/роженицей; наличие психической травмы, психического расстройства; состояний, познаний, навыков, не позволяющих оказать помощь ребенку при тайных родах и после них.

Типичными последующими следственными действиями по делам о детоубийствах являются:

- допросы свидетелей,
- назначение судебных экспертиз (имеется в виду судебные экспертизы, помимо судебно-медицинской, назначение которой относится к первоначальному этапу расследования),
- допросы обвиняемых,
- проверка показаний на месте и следственный эксперимент,
- обыск[687].

Для последующего этапа расследования детоубийств характерно значительное расширение круга свидетелей. При допросе свидетелей важно учитывать их отношение к событию преступления и к личности установленного обвиняемого.

Всех свидетелей можно условно разделить на четыре группы:

а) установленные, но ранее не опрошенные лица, чьи показания могут способствовать проверке, дополнению и уточнению сведений, имеющихся в материалах дела, родители обвиняемой (хотя в отношении них действует принцип свидетельского иммунитета), коллеги по работе, знакомые, подруги;

б) лица, на которых ссылается подозреваемая в своих показаниях;

в) лица, могущие охарактеризовать личность обвиняемой (соседи, знакомые, учителя, одноклассники или сослуживцы);

г) вновь выявленные свидетели по делу[688].

Большую помощь в выявлении свидетелей оказывают следователю сотрудники органов внутренних дел. С этой целью производится опрос населения в районе места происшествия, а также могут быть использованы средства массовой информации. Поиск свидетелей осуществляется с учетом расположения места детоубийства, предполагаемого маршрута передвижения преступницы, других особенностей преступления.

Еще одним важным следственным действием, проводимым на последующем этапе расследования, является обыск.

Обыск – следственное действие, по своим информационно– познавательным целям, близкое к следственному осмотру. Задачи обыска по делам о детоубийствах будут зависеть от той следственной ситуации, которая сложится на момент обыска.

Если уголовное дело возбуждено по факту обнаружения трупа новорожденного, то задачей обыска будет обнаружение и фиксация вещественных доказательств совершенного

---

[686] *Капица, Т.А. Способ преступления как элемент криминалистической характеристики убийства матерью новорожденного ребенка//Вестник Краснодарского университета МВД России. – 2014.– С. 26-31.*

[687] *Соловьева, Н.А. Личность детоубийцы в структуре криминалистической характеристики женских насильственных преступлений //Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 5: Юриспруденция. – 2013. – № 1. – С. 131-137.*

[688] *Королев В.С. Особенности расследования убийства матерью новорожденного ребенка // Инновационная наука. 2019. – № 4. – С. 134-136.*

преступления.

В случаях, если подозреваемая отказывается назвать местонахождение трупа новорожденного и уголовное дело возбуждено при отсутствии ребенка и сведений о нем, целью обыска будет являться обнаружение трупа младенца, а также предметов, могущих иметь значение для установления истины.

По делам о детоубийствах местами обыска выступают:

1) место жительства подозреваемых (обвиняемых) в совершении детоубийства;

2) загородные жилища (дачи, приусадебные участки, погреба, сараи, чердаки и т.п.)

3) квартиры родственников, друзей, знакомых, которые предоставили помещения для временного проживания или только для родов;

4) квартиры и иные жилые помещения лиц, производящих криминальные аборты;

5) общежития, где могут проживать указанные лица.

В соответствии со УПК РТ обыск производится днем. Только в случаях, не терпящих отлагательства, когда промедление невозможно, обыск производится немедленно, как только возникает в нем необходимость, даже ночью. С криминалистической точки зрения обыск днем более эффективен, чем ночью. Днем лучше ориентироваться в незнакомой обстановке и удобнее производить осмотр вещей. При недостаточном искусственном освещении многое может остаться незамеченным.

